Ҳамин тариқ, м. 191 КМ ҶТ муқаррар намудааст, ки ҳангоми аз ҷониби кормандон дастаҷамъона анҷом додани намудҳои алоҳидаи кор вобаста ба нигоҳдорӣ, коркард, фурӯш (интиқол), боркашонӣ, қабул ё дигар истифодабарии дороиҳо, дар мавриди расонидани зарар муайян карда натавонистани ҷавобгарии ҳар яки онҳо ва бо онҳо бастани шартнома оид ба ҷуброни пурраи зарар, мумкин аст ҷавобгарии моддии коллективӣ ба расмият дароварда шавад.

Байни корфармо ва ҳамаи аъзои коллектив дар бораи ҷавобгарии моддии коллективӣ шартномаи хаттӣ баста мешавад. Ҳангоми ихтиёран ҷуброн намудани зарар дараҷаи гуноҳи ҳар як аъзо бо розигии ҳамаи аъзои коллектив ва корфармо муайян карда мешавад.

Ҳангоми ба тариқи судӣ ситонидани зарар дараҷаи гуноҳи аъзои коллектив аз ҷониби суд муайян карда мешавад.

Масъулияти моддии корфармоён дар истеҳсолот тибқи қонунгузории меҳнат пешбинӣ шудааст (м. 187 КМ ҶТ). Корфармое, ки бо гуноҳи ӯ дар истеҳсолот ҳодисаи нохуш ё бемории касбӣ рух додааст, вазифадор аст:

“а) маоши кормандони ҷабрдидаро, ки бар асари гум кардани қобилияти корӣ ё коста шудани он аз даст додаанд, дар ҳаҷми пурра дода, пардохти ҳармоҳаи талофии зиёни вобаста ба муваққатан аз даст додани қобилияти меҳнатӣ, маъюбӣ, фавти ҷабрдида дар натиҷаи ҳодисаи нохуш дар истеҳсолот ё маризии касбӣ ба вуҷуд омадаро таъмин намояд;

б) ёрдампулии яквақтаи ба андозаи на камтар аз даромади солонаи ҷабрдидаро илова ба маблағи ҷуброни зарари барои чунин мавридҳо муқарраршуда таъмин намояд”[1].

Дар мавриди аз ҳодисаи нохуш ё бемории касбӣ фавтидани корманд ба оилаи ӯ илова ба маблағе, ки барои ашхоси дар таъминоти ӯ буда муқаррар шудааст, кумакпулии яквақта дода мешавад, ки аз андозаи музди меҳнати корманди фавтида бояд камтар набошад.

Муайян кардани андозаи зарар. Муайян кардани андозаи зарар яке аз асосҳои аввалиндараҷаи ҷалби субъект ҷиҳати ҷуброни зарар ба ҳисоб рафта, ба ҳеҷ ваҷҳ бе муайян кардани андозаи зарар шахсро барои ҳисобу китоби ҷуброни зарар маҷбур кардан мумкин нест. КМ ҶТ муқаррар намудааст, ки андозаи зарари ба корфармо расонидашуда аз рӯйи талафоти воқеӣ дар асоси маълумоти ҳисобу китоби муҳосибӣ муайян карда мешавад (м. 192 КМ ҶТ).

Ҳангоми камомад, қасдан несту нобуд ё хароб кардани мавод, маҳсулоти нимтайёр, маснуот (маҳсулот), аз ҷумла ҳангоми тайёр кардани онҳо, ҳамчунин асбобу анҷом, либосҳои махсус ва дигар ашёи барои истифода ба корманд додашудаи корфармо, ки ба фондҳои (воситаҳои) асосӣ мансубанд, андозаи зарар аз рӯи нархи бозории маҳалли мазкур дар рӯзи расонидани зарар (аммо на камтар аз арзиши тавозунӣ бо назардошти дараҷаи фарсудагии молу мулк) ҳисоб карда мешавад.

Дар ҳолатҳои дигар андозаи зарар бо нархи бозорӣ, ки дар маҳалли мазкур дар рӯзи расонида шудани зарар мавҷуд аст, ҳисоб карда мешавад.

Тартиби махсуси муайян намудани андозаи ҷуброни зарари ба корфармо расонидашуда бо роҳи камомад, қасдан несту нобуд ё хароб кардани мавод, маҳсулоти нимтайёр, маснуот (маҳсулот), аз ҷумла ҳангоми тайёр кардани онҳо, ҳамчунин асбобу анҷом, либосҳои махсус ва дигар ашёи барои истифода ба корманд додашуда бо татбиқи карат ба онҳо, инчунин дар

[1] Ҳамон ҷо.

ҳолатҳое, ки андозаи воқеии зарар аз андозаи аслии он зиёд аст, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд.

Бояд қайд кард, ки ҳангоми муайян кардани андозаи зарар корфармо уҳдадориро ба зимма дорад, ки онро бояд аз рӯи муқаррароти КМ ҶТ иҷро намояд. Масалан, тибқи м. 193 КМ ҶТ корфармо уҳдадор аст, "то қабул гардидани қарор дар бораи барқарор кардани ҷуброни зарар аз ҷониби корманди мушаххас ҷиҳати муқаррар намудани андозаи зарар ва сабабҳои сар задани он санҷиш гузаронад"[1]. Ҳамзамон корфармо барои чунин санҷиш ҳуқуқ дорад, бо иштироки мутахассисони дахлдор комиссия таъсис диҳад. Аз корманд талаб кардани баёноти хаттӣ барои муқаррар намудани сабаби сар задани зарар ҳатмӣ мебошад. Корманд ҳуқуқ дорад, ки дар санҷиш иштирок намояд ва бо тамоми маводи санҷиш шинос шавад.

Аз мазмуни КМ ҶТ бармеояд, ки корманд метавонад ихтиёран зарари расонидашударо ҷуброн намояд, ки ин муқаррарот дар м. 194 КМ ҶТ пешбинӣ шудааст. Масалан, дар қ. 1 м. 194 КМ ҶТ зикр мегардад, ки "корманде, ки ба корфармо зарар расонидааст, метавонад ҷуброни онро ихтиёран пурра ё қисман диҳад"[2]. Ҷуброни ихтиёрии зарар дар доираи пешбиникардаи КМ ҶТ амалӣ карда мешавад. Бо мувофиқаи корманд ва корфармо ҷуброни зарарро дертар додан мумкин аст. Дар ин ҳолат корманд дар бораи ҷуброни зарар бо зикри муҳлати мушаххаси пардохт ба корфармо уҳдадории хаттӣ пешниҳод мекунад. Ҳамзамон, агар корманде, ки дар бораи ҷуброни ихтиёрии зарар уҳдадории хаттӣ додааст, бо сабаби қатъ шудани муносибатҳои меҳнатӣ зарарро ҷуброн накунад, дар ин сурат ҷуброни зарар ба тариқи судӣ ситонида мешавад. Инчунн корманд метавонад бо ризоияти корфармо барои ҷуброни зарар ба ӯ молу мулки баробаразриш диҳад ё молу мулки харобшударо барқарор намояд. Ҷанбаи ихтиёрии ҷуброни зарарро метавон тибқи муқаррароти м.м. 188,189, 190 КМ ҶТ баррасӣ намуд.

Инҷо ба маврид аст зикр намоем, ки ҷуброни зарар тибқи тартиб сурат мегирад. Масалан, қисми якуми м. 195 КМ ҶТ маблағи зарареро, ки аз маоши якмоҳаи корманди гунаҳгор зиёд нест, бо фармоиши корфармо ситонида мешавад. Фармоиш на дертар аз ду ҳафтаи ошкор шудани зарар қабул карда мешавад. Дар сурати розӣ набудани корманд аз маблағи ситонидашудаи зарар, ӯ ҳуқуқ дорад ба суд мурочиат намояд. Агар маблағи зарареро, ки бояд аз корманд ситонида шавад, аз моҳонаи миёнаи ӯ зиёд бошад ё аз рӯзи ошкор шудани зарар ду ҳафта гузашта бошад, корфармо зарарро ба тариқи судӣ меситонад.

Доир ба масъалаи ҷуброни зарареро, ки роҳбар ба ташкилоти давлатӣ расонидааст дар м. 196 КМ ҶТ ишора рафтааст. Аз мундариҷаи моддаи зикршуда бармеояд, ки ҷуброни зарареро, ки ба ташкилоти давлатӣ бо гуноҳи роҳбари он расидааст, бо риояи қоидаҳои муқаррарнамудаи КМ ва дигар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ситонида мешавад. Қарори аз роҳбари ташкилоти давлатӣ ситонидани ҷуброни зарарро мақоме, ки ҳуқуқи соҳибмулкро дорад, қабул мекунад. Ин мақом ҳамчунин ҳуқуқ дорад, ки ҷуброни зарарро аз роҳбар бо тариқи судӣ ситонад.

Мутобиқи м. 197 КМ ҶТ андозаи зарареро, ки бояд аз корманд ситонида шавад, метавонад кам карда шавад. Агар зарар дар натиҷаи ҷинояти бо мақсади ғаразнок содиршуда расонида шуда бошад, ба кам кардани ҷуброни зарареро, ки бояд аз корманд ситонида шавад, роҳ дода намешавад.

Таҳқиқоти анҷомдодашуда имкон медиҳад хулоса бароварда шавад, ки ҷавобгарии моддии субъектҳои ҳуқуқи меҳнат як навъи мустақили ҷавобгарии ҳуқуқӣ мебошад, ки дорои нишонаҳои хоси ба хусусиятҳои муносибатҳои меҳнатӣ вобаста мебошад. Он ба барқарор намудани вазъи молумулкии тарафи зарардида равона гардида, ҳамзамон вазифаи пешгирикунандаро иҷро менамояд.

Муайян гардид, ки ҷавобгарии моддӣ дар ҳуқуқи меҳнат дорои хусусияти мураккаб буда, дар тартиби махсуси ба ҷавобгарӣ кашидан, ҳаҷми маҳдуди ҷавобгарии корманд, инчунин мавҷудияти кафолатҳои махсуси ҳифзи ҳуқуқҳои ӯ зоҳир мегардад. Дар навбати худ, ҷавобгарии корфармо бо асосҳои васеътар тавсиф ёфта, ба таъмини мувозинати манфиатҳои тарафҳои шартномаи меҳнатӣ равона шудааст.

Ҳамин тариқ, танзими самараноки ҳуқуқии ҷавобгарии моддӣ ба таҳкими интизоми меҳнат, ҳифзи манфиатҳои молумулкии тарафҳо ва таъмини устувории муносибатҳои меҳнатӣ мусоидат менамояд. Самти ояндадори таҳқиқоти минбаъда такмили механизмҳои амалигардонии ҷавобгарии моддӣ бо дарназардошти шароити муосири иҷтимоию иқтисодӣ мебошад.

[1] Ҳамон ҷо.
[2] Ҳамон ҷо.

Бо мақсади баланд бардоштани самаранокии танзими ҳуқуқии ҷавобгарии моддии субъектҳои ҳуқуқи меҳнат пешниҳод мегардад:

1. Муайян намудани мафҳуми дақиқи ҷавобгарии моддии субъектҳои ҳуқуқи меҳнат дар сатҳи қонунгузорӣ**,** бо мустаҳкам намудани нишонаҳо, ҳадафҳо ва вазифаҳои он дар сатҳи меъёрӣ, ки имкон медиҳад нофаҳмиҳо дар амалияи татбиқи ҳуқуқ бартараф карда шаванд.
2. Такмили меъёрҳои фарқгузории ҷавобгарии пурра ва маҳдуди моддии корманд**,** бо муқаррар намудани асосҳои равшантар барои татбиқи онҳо ва пешгирӣ аз шарҳу тафсирҳои гуногуни он.
3. Васеъ намудани доираи кафолатҳои ҳифзи ҳуқуқи кормандон ҳангоми ба ҷавобгарии моддӣ кашидан, аз ҷумла, ҳатмӣ будани тасдиқи ҳуҷҷатии зарар ва гуноҳ, инчунин пурзӯр намудани назорати судӣ.
4. Танзими тартиби муайян намудани андозаи зарар, бо пешбинӣ намудани усулҳои ягонаи ҳисоб ва ба инобат гирифтани шароити бозорӣ, дараҷаи фарсудашавии молу мулк ва дигар омилҳои объективӣ.
5. Мустаҳкам намудани механизмҳои алтернативии ҳаллу фасли баҳсҳо, ки аз ҷавобгарии моддӣ бармеоянд (миёнаравӣ, музокирот), ки ба коҳиши сарбории низоми судӣ мусоидат мекунад.
6. Муайян намудани дақиқи мақоми ҳуқуқии ҷавобгарии корфармо, аз ҷумла ҳолатҳои ҷуброни зарари маънавӣ ва моддӣ ба корманд, инчунин пурзӯр намудани ҷавобгарӣ барои вайрон кардани ҳуқуқҳои меҳнатӣ.
7. Ҷорӣ намудани механизмҳои рақамии бақайдгирии муносибатҳои меҳнатӣ ва зарар, ки шаффофият ва исботшавии ҳолатҳои вобаста ба ба миён омадани ҷавобгарии моддиро баланд мебардорад.
8. Ҳамоҳангсозии қонунгузории миллӣ бо стандартҳои байналмилалӣ дар соҳаи меҳнат, бо назардошти тавсияҳои ташкилотҳои байналмилалӣ дар ин самт.

ТДУ 378.2

МАСЪАЛАҲОИ МУБРАМ ВА ҲАЛТАЛАБИ НИЗОМИ ОМОДАНАМОИИ КАДРҲОИ МИЛЛИИ САТҲИ БАЛАНДИ ИЛМӢ*

АКТУАЛЬНЫЕ И ТРЕБУЮЩИЕ РЕШЕНИЯ ВОПРОСЫ СИСТЕМЫ ПОДГОТОВКИ НАЦИОНАЛЬНЫХ НАУЧНЫХ КАДРОВ ВЫСШЕЙ КВАЛИФИКАЦИИ

РАҲМАДҶОНЗОДА РИФАТ РАҲМАДҶОН
Муовини сардори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба илм, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, полковники милитсия / Заместитель начальника Академии МВД Республики Таджикистан, доктор юридических наук, доцент, полковник милиции
E-mail: reefat@yandex.ru

Имрӯзҳо омода намудани кадрҳои илмӣ ва илмӣ-омӯзгори ба сифати яке аз самтҳои афзалиятноки соҳаи маориф ва илм ба ҳисоб рафта мунтазам корбарии муосирро дар ин самт тақозо менамояд. Новобаста ба дастовардҳои даврони муосири рушд, боз ҷой доранд баъзе самтҳои тақвиятталаб, ки коркарди илман асосноки онҳо соҳаи интихобнамудаи моро рушд дода, механизми ҷойдоштаро содда ва мукаммал мегардонад.

Соли 2025 аз ҷониби мутахассисони Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳаммуаллифӣ таҳқиқоти монографӣ ба нашр расонида шуд[1]. Монографияи мазкур дар асоси таҳлилҳои мушаххас, таклифҳои созанда, таҷрибаи муаллифон ва дигар маводди илман асоснок

* Мақола дар доираи татбиқи мавзуи илмӣ-таҳқиқотии «Ислоҳоти институтсионалии фаъолияти ҳимояи ҳуқуқ, ҳифзи ҳуқуқ ва судӣ дар шароити таҳаввули ташкили сиёсӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2026-2030)», ки аз ҳисоби буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағгузорӣ мешавад, омода карда шудааст. Рақами қайди давлатӣ: 0126TJ01738.

[1] Азимӣ, У.А., Раҳмадҷонзода, Р.Р., Умари, Х.А. Таълиф ва ҳимояи диссертатсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: монография. – Душанбе: «ЭР-граф», 2025. – 160 с.

омода шуда, ҳамзамон намунаи ҳуҷҷатҳоеро, ки дар марҳилаҳои таълиф ва ҳимояи диссертатсия заруранд дар шакли электронӣ дарбар мегирад ва барои адъюнктон ва унвонҷӯёни Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, аспирантону унвонҷӯёни дигар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ки довталаби дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ мебошанд, пешбинӣ шудааст. Бо ҳамин шиор омода намудани монография каме ҳам бошад таккони худро расонид ба низоми омоданамоии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-омӯзгории сатҳи баланд.

Бо мақсади боз ҳам мукаммадл намудани таклифҳои хеш, мехостем ба якчанд масъалаҳои мубрам ва ҳалталаби соҳаи болозикр, ки сарчашмаи худро аз таҳқиқоти монографии дастҷамъонаи мо маншаъ мегирад, дар ин мақолаи хеш манзсур намоем.

Ба сифати ин масъалаҳои мубрам ва ҳалталаб баромад менамоянд:

– воридсозии натиҷаҳои илмӣ ба раванди таълим, илм ва амалия;
– махзани илмии электронии диссертатсияҳо;
– Шурои ҳамоҳангсозӣ ва бақайдгирии диссертатсияҳо;
– таъсиси Шохиси иқтибосоварии илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

1. Воридсозии натиҷаҳои илмиро ба раванди таълим, илм ва амалия / истеҳсолот якчанд санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ ба танзим медароранд[1].

Воридсозии натиҷаҳои илмӣ ба раванди таълим, илм ва амалия ин як унсури ҷудонопазири сиёсати давлатӣ дар соҳаи илм мебошад.

Сиёсати давлатӣ оид ба илму техника ин интихоби самтҳои афзалиятноки рушди илму техника ва дастгирии давлатии онҳо, инчунин низоми воридсозии натиҷаҳои илмӣ ва ё илмию техникӣ дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ ва пеш аз ҳама ба раванди таълим мебошад.

Яке аз ҳуқуқҳои муассисаи таҳсилоти олии касбӣ (минбаъд – МТОК) ба ҷараёни таълим ҷорӣ намудани дастовардҳои пешқадами илм ва ё илму техника аст.

Бояд қайд намоем, ки асоси таҳқиқоти илмӣ маҳз воридсозии он ба раванди таълим, илм ва амалия буда, дар пешбурди таҳқиқоти илмӣ афзалият ба раванди воридсозӣ дода мешавад. Чунки, истифода нагардидани натиҷаи таҳқиқоти илмӣ дар раванди таълим, илм ва амалия аҳаммиятнокии таҳқиқоти илмиро коста мегардонад ва зарурати онҳоро аз байн мебарад.

Хурсандиовар он аст, ки вақтҳои охир аз ҷониби масъулини Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – КОА) дар раванди экспертизаи дахлдори парвандаҳои аттестатсионии довталабон ин ҳуҷҷатро пурсон мешаванд ва дар ҳар як парвандаи аттестатсионӣ ин гуна ҳуҷҷатҳо ҷой доранд. Камбудӣ фақат дар он дида мешавад, ки аксар вақт довталабон ба мутобиқ ва муносиб будани санади воридсозии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ бо яке аз қисматҳои асосии автореферат ва диссертатсия – тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаи таҳқиқот аҳаммияти ҷиддӣ зоҳир наменамоянд.

Дар ин радиф, баъд аз расман пешниҳод гаштани натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар шакли мактуб (бояд бо замимаи дахлдор[*]) ба мақомоти дахлдори давлатӣ ё МТОК, муассисаи илмӣ гирифтани санади воридсозии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ирсол карда мешавад. Дар илм ва амалия, асосан, 2 намуди санади воридсозии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ пазируфта шудаанд:

1) Санади воридсозии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ба раванди таълим ва илми МТОК ё муассисаи илмӣ;

2) Санади воридсозии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ба раванди амалия / истеҳсолот.

---

[1] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти илмӣ ва сиёсати давлатӣ оид ба илму техника” аз 18-уми марти с. 2015, № 1197, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф” аз 22-юми июли с. 2013, № 1004, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ” аз 19-уми майи с. 2009, № 531, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тиҷоратикунонии натиҷаҳои фаъолияти илмӣ ва илмию техникӣ” аз 22-юми декабри с. 2022, № 1922, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Барномаи ҳамгироии илм ва таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2015» аз 02-юми июли с. 2009, № 371; Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Барномаи татбиқи дастовардҳои илмию техникӣ дар истеҳсолоти саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2015» аз 05-уми октябри с. 2009, № 574 ва диг.

[*] Тибқи қоидаҳои нонавиштаи самти илмҳои ҳуқуқшиносӣ (бахусус, дар ҷодаи илмҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ) ба сифати замимаи таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонад лоиҳаи ягон санади меъёрии ҳуқуқӣ, таҳлилҳои мушаххаси соҳа ё дигар таклифу пешниҳодоти илман асосноки довталаб таҳия карда шаванд.

Дигар таснифот низ вуҷуд дорад, ки довталаб барои дар ҳар як марҳилаи таҳқиқот[1] бояд натиҷаҳои илмии бадастомадаро бо мақола, дар монография ва дигар корҳои илмӣ-амалӣ ё таълимӣ, бо санади воридсозӣ мушаххас ҳуқуқи муаллифии худро эмин нигоҳ дорад. Тибқи таснифоти болозикр санади воридсозии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар навбати худ низ 2 навъ мешаванд:

1) Санади воридсозии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионии даврӣ;
2) Санади воридсозии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионии ҷамъбастӣ.

Фарқ миёни санади воридсозии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионии даврӣ аз санади ҷамъбастӣ дар он аст, ки вобаста ба зарурат ва омода намудани ҳисоботи дахлдори довталабон ҷиҳати мусбат баҳогузорӣ намудани фаъолияти илмӣ-таҳқиқотии довталаб дар марҳилаҳои таҳсил ва омоданамоии диссертатсия санади даврӣ пешниҳод карда мешавад, баъд аз ҷамъбастӣ таҳқиқоти диссертатсионӣ – санади ҷамъбастӣ гирифта мешавад. Таснифоти овардаи мо мумкин аст шартӣ бошад, лекин довталаби илмиро дар самти пурра омода шудан ба ҳимояи таҳқиқоти диссертатсионӣ ва бе тарсу ҳарос ба муҳокимаи оммавӣ пешниҳод намудани натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионии хеш омода месозад.

Санади воридсозии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ шаклан гуногун буда ҳар як МТОК ё муассисаи илмӣ шакл ё намуди ба худ хосро коркард ва барои истифодабарӣ ба довталабони дараҷаҳои илмӣ тавсия менамоянд. Аксар вақт санади воридсозии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар бланкаҳои махсуси МТОК, муассисаи илмӣ ё дигар мақомоти дахлдори давлатӣ аз ҷониби раиси комиссияи экспертӣ, муовини раиси комиссия ва аъзоёни ӯ бо имзо ва муҳр тасдиқ карда мешавад.

Санадҳои воридсозии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионии навъҳои гуногун, миқдори онҳо бо дарҷ намудани номи расмии МТОК, муассисаи илмӣ ё мақомоти дахлдори давлатӣ дар қисмати «Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия» бояд махсусан ишора карда шаванд.

Ба андешаи мо, дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ шумораи санади воридсозии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионии навъҳои гуногун бояд миқдоран маҳдуд карда нашаванд, балки ҷиҳати пешниҳод ва пиёдагардии он дар раванди омоданамоии кадрҳои илмии ватанӣ васеъ тавсия карда шаванд.

2. Мутобиқи Тартиби бақайдгирии давлатии диссертатсияҳои ҳимояшуда, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, № 267 тасдиқ гардидааст, махзани илмии электронии диссертатсияҳо бо чунин тартиб ташкил дода мешавад.

Тартиби болозикр масъалаҳои бақайдгирии давлатӣ, ҷамъоварӣ, баҳисобгирӣ ва нигоҳдории диссертатсияҳои номзадӣ, докторӣ, доктори фалсафа (PhD)- доктор аз рӯйи ихтисос ва доктори хабилитатро, ки дар шуроҳои диссертатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё аз ҷониби шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон берун аз ҳудуди он дар соҳаҳои гуногуни илм ҳимоя шудаанд, дар муассисаи давлатии «Маркази миллии патенту иттилоот»-и Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзим медарорад.

Маркази миллии патенту иттилооти Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон Фонди миллии диссертатсияҳо ва инчунин, махзани маълумоти автоматикунонидашударо, ки дар онҳо маълумот оид ба диссертатсияҳои аз тарафи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳимояшуда нигоҳдорӣ мешаванд, ташкил менамояд.

Маркази миллии патенту иттилооти Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси фонди ташаккулёбанда ва махзани маълумоти мавҷуда ба таҳия ва нашри маводи иттилоотӣ иқдом мекунад.

Барои ташаккули махзани илмии электронии диссертатсияҳо варақаи бақайдгирии диссертатсия (ВБД) ва варақаи бақайдгирии натиҷаҳои фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ (ВБ НФИТ) аз ҷониби таҳқиқотчӣ пур карда шуда, ба Маркази миллии патенту иттилооти Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида мешавад. ВБД ва ВБ НФИТ ба қисмҳо тақсим карда шуда, дар онҳо ишораҳои рақамӣ, яъне рамзҳо барои ташаккул додани махзани маълумоти автоматикунонидашуда дода мешаванд.

[1] Тибқи банди 13 Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия дар қисмати «Тавсифи умумии таҳқиқот» «марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот)» барои самти илмҳои ҳуқуқшиносӣ, фалсафа ва сотсиология ҳатмист // [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: https://vak.tj/hac_new/images/pdf_files/dasturamal_oid_ba_disseratatsiya.pdf (санаи мурочиат: 14.12.2024).

Инчунин, дар китобхонаҳои илмии МТОК ва дар сомонаҳои расмии МТОК, ки дар наздашон шурои диссертатсионӣ амал мекунад ва сомонаи расмии КОА низ махзани илмии электронии диссертатсияҳо амал карда, бо ҳар як ҳимоя ғанӣ мегарданд.

Ба андешаи мо, махзани илмии электронии диссертатсияҳо, ки дар назди МТОК, муассисаҳои илмӣ ё мақомоти дахлдори давлатӣ арзи ҳастӣ доранд, бояд дар сомонаи расмии онҳо дар шакли муайян дастраси ҳамагон бошанд. Аксар вақт, баъзе таҳқиқоти диссертатсионӣ ва шакли электронии он барои истифодабарии илмӣ ё таълимӣ, муаррифии ин ё он муқаррароти он баъд аз гузаштани муҳлати ҷойгирнамоии онҳо дар сомонаҳо дастрас нестанд, ки аз ҷониби намояндагони дигар давлатҳо – олимони маъруф саволҳои зиёдро ба миён меоварад. Мо худ бар он ақида ҳастем, ки муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ новобаста ба баъзе ақидаҳои хом оид ба таҳдид ба ҳуқуқҳои муаллифӣ бояд аз васеъ паҳн гаштани рисолаи хеш дурӣ наҷуяд, балки кушиш намояд, ки он дастраси ҳамагон гардад.

Таклифе, ки аз ҳисоботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, ин бо мақсади татбиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 сентябри соли 2020, №503 оид ба самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмӣ-техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, мусоидат ба рушди иқтисодию иҷтимоии мамлакат, ҳимояи манфиатҳои миллӣ ва ҳалли мушкилоти ҷомеа пешниҳод мегардад, ки ҷиҳати пешгирии такроршавӣ ва монандиҳои мавзуъҳо пеш аз тасдиқ шудан дар кафедра ва шуъбаҳои марбута аз махзани ягонаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шаванд[1].

Инчунин, ташаккули махзани ягонаи корҳои илмию таҳқиқотӣ ва таҷрибавию конструкторӣ дар Маркази илмию патентӣ ва таҳқиқотӣ дар Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025[2] омадааст.

Вобаста ба инкишоф ёфтани муносибатҳои ҷамъиятӣ дар самти аттестатсияи кадрҳои илмӣ, зарурати истифода намудани махзани ягонаи пойгоҳи додаҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сомонаи расмии он ба миён омадааст.

Имрузҳо, КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон сар карда аз соли таъсисёбии ин ниҳод пуриқтидор буда, таҳқиқотҳои диссертатсионии ҳимояшуда ва дигар маводди дахлдори соҳаро дар яке аз махзанҳои электронии хеш – “Китобхонаи электронии КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон” ҷойгир намудааст[3].

Дигар масъалаи ҳалталаб – ин ҷой надоштани феҳристи пурраи мавзуъҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар МТОК ва илмии ҷумҳурӣ мебошад. Таҳия намудани феҳристи мавзуъҳои илмиву таҳқиқотӣ ва муайян намудани муаммоҳои илмӣ, ки аз қонуниятҳои рушди ҳаёти иҷтимоиву иқтисодии мамлакат ва муаммоҳои илмии ҷаҳони муосир реша мегиранд ва муайян намудани соҳаҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ ва вобаста ба он мутобиқ намудани корҳои илмиву таҳқиқотии муассисаҳои илмиву таҳқиқотӣ дар самти тайёр кардани кадрҳои илмӣ ба сифати самтҳои асосии амалисозии Барномаи давлатии тайёр кардани кадрҳои сатҳи баланди илмӣ барои солҳои 2021-2030 интихоб гардидааст[4].

3. Дар муҳити илмӣ ҳамоҳангсозӣ ва бақайдгирии таҳқиқотҳои диссертатсионӣ дар таъмини сифати корҳои илмӣ ва баландбардории самаранокии раванди илмӣ нақши муҳимро мебозад.

Тибқи муқаррароти дахлдори Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаҳои илм, технология ва инноватсия барои давраи то соли 2030[5] таҳқиқоти илмиро дар миқёси тамоми мамлакат Шурои ҳамоҳангсозии корҳои илмию таҳқиқотӣ дар соҳаи илмҳои табиатшиносӣ, техникӣ, тиббӣ, кишоварзӣ, гуманитарӣ ва ҷамъиятшиносӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамоҳанг месозад, ки он дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5-уми марти соли

[1] Маълумот оид ба фаъолияти Муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар нимсолаи аввали соли 2023 // [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: https://vak.tj/hac_new/index.php/koa/hisobotho (санаи мурочиат: 02.08.2024).

[2] Ниг.: сархати 3 банди 437 Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025: қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми апрели с. 2021, №168.

[3] Китобхонаи электронии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон // [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: http://vakpoygohidodaho.tj/elibrary/index.php (санаи мурочиат: 16.06.2026).

[4] Ниг.: банди 9 Барномаи давлатии тайёр кардани кадрҳои сатҳи баланди илмӣ барои солҳои 2021-2030: қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни с. 2021, № 264.

[5] Ниг.: банди 11 Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаҳои илм, технология ва инноватсия барои давраи то соли 2030: қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни с. 2021, № 263.

2014, № 173 амал мекунад. Дар Стратегия васеъ гардонидани мақоми Шурои ҳамоҳангсозии корҳои илмию таҳқиқотӣ, аниқ кардани ваколат ва масъулияти он дар соҳаи интихоб ва ҳамоҳангсозии корҳои илмию таҳқиқотӣ ва таҷрибавию конструкторӣ дар миқёси тамоми мамлакат пешбинӣ гардидааст. Ба он масъулияти на танҳо гузаронидани экспертизаҳо, интихоби лоиҳаву барномаҳо, балки баҳодиҳии аҳаммияти илмии натиҷаҳои таҳқиқот ва самаранокии татбиқи амалиро низ вогузор кардан мебояд[1].

Дар ин радиф таклиф ба миён меояд, ки ҷиҳати пурра ба инобат гирифтани пешниҳоди болозикри дар Стратегия дарҷгардида, бо истифода аз имконияти Шурои ҳамоҳангсозии корҳои илмию таҳқиқотӣ зарурат ба миён омадааст оид ба вогузор намудани пешниҳоди хулосаи дахлдори мутахассисони соҳаҳои алоҳидаи илм вобаста ба асосноки ва мубрам будани мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ (номзадӣ ва докторӣ), ки бо дархости муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмии кишвар ҷиҳати арзёбӣ ирсол мегарданд ва оянда ба сифати мавзуи таҳқиқотӣ дар ҷаласаҳои шурои олимон / илмӣ тасдиқ мегарданд.

Шурои ҳамоҳангсозӣ ва бақайдгирии диссертатсияҳо ин институтест, ки вазифаҳои мушаххаси зеринро иҷро менамояд:

– ҳамоҳангсозии таҳқиқотҳои диссертатсионӣ – шуро таҳқиқотҳои диссертатсиониро дар соҳаҳои илмӣ бо дарназардошти масоили мубрам ва тамоюли инкишофи илмӣ ҳамоҳанг месозад ва ба нақша мегирад;

– бақайдгирии диссертатсияҳо – шуро диссертатсияҳоеро, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд ба қайд мегирад, нигоҳдорӣ ва дастрасии онҳоро барои ҷамъияти илмӣ таъмин менамояд;

– назорати сифати таҳқиқотҳои илмӣ – шуро сифати таҳқиқотҳои илмиро назорат бурда, риояи ахлоқи илмӣ ва стандартҳои методологиро таъмин менамояд;

– ташхиси корҳои диссертатсионӣ – шуро бо мақсади баҳогузории арзиши илмӣ ва мубрамият корҳои диссертатсиониро ташхис менамояд;

– тавсияҳо оид ба беҳтарнамоии таҳқиқотҳои диссертатсионӣ – шуро барои баланд бардоштани сифат ва аҳаммияти амалӣ тавсияҳои беҳтарнамоии корҳои диссертатсиониро коркард менамояд.

Асосан, чунин шуроҳо дар назди МТОК, институтҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, ва ё ташкилотҳои академӣ таъсис дода мешаванд. Ба ҳайати он олимони пуртаҷриба, мутахассисони баландихтисосу соҳибтаҷриба шомил карда мешаванд. Чунонеки қайд намудем, шуро барои баланд бардоштани сифати таҳқиқотҳои илмӣ, риояи ахлоқи илмӣ, самаранок истифода бурдани натиҷаҳои таҳқиқотҳои илмӣ, мустаҳкамнамоии сохтори илмӣ, инкишофи муҳити илмӣ мусоидат менамояд.

4. Иқтибосоварии илмӣ ин яке аз нишондоди калидии сифат ва таъсири корҳои илмӣ ба муҳити илмӣ мебошад. Шохиси иқтибосоварии илмӣ барои баҳогузории фаъолияти илмии олимон, МТОК ва дар умум давлат мусоидат менамояд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди инкишофи фаъоли соҳаи илмӣ қарор дорад, ки ин барои баланд бардоштани сатҳи айёнияти корҳои илмии тоҷик дар арсаи байналмилалӣ ва ҳавасмандгардонии эҷодиёти илмӣ, беҳтарнамоии сифати таҳқиқотҳои илмӣ дар ҷумҳурӣ ташкили шохиси иқтибосоварии илмии худро талаб менамояд.

Баррасии масъалаи таъсиси Шохиси иқтибосоварии илмии Тоҷикистон (ШИИТ) дар заминаи пойгоҳҳои илмии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, академияҳои соҳавӣ, муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, муассисаҳои илмию таҳқиқотии вазорату идораҳо ва китобхонаҳои илмӣ бо созмон додани портали иттилоотӣ дар соҳаи илму маориф, ки дар ҷаҳонигардии пажӯҳишҳои илмии мамлакат хизмат менамояд ба яке аз самтҳои амалисозии Барномаи давлатии тайёр кардани кадрҳои сатҳи баланди илмӣ барои солҳои 2021-2030 маҳсуб мегардад[2].

Тибқи муқаррароти дахлдори Стратегияи миллии рушди омори Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 дар самти рақамикунонии соҳаи илм ва ҳисобот як қатор корҳо

[1] Ҳамин гуна вазифаҳо дар якчанд санадҳои меъёрии ҳуқуқии стратегии ҷумҳурӣ мушаххас нишон дода шуда буданд, ба монанди Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илм ва технология барои солҳои 2011-2015 (Боби 3, §1. Мақом ва сохтори муассисаҳои илмӣ. Ҳамоҳангсозии корҳои илмию таҳқиқотӣ), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03-юми марти с. 2011, № 114 тасдиқ шудааст ва мисли инҳо.

[2] Ниг.: банди 9 Барномаи давлатии тайёр кардани кадрҳои сатҳи баланди илмӣ барои солҳои 2021-2030: қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни с. 2021, № 264.

пешбинӣ карда шудаанд. Масалан, ҳисоботи илм тибқи таснифоти байналмилалӣ бозбинӣ шуда, барои татбиқи ин таснифот дар омори илм ва навовариҳо омӯзиш гузаронидан лозим аст. Механизми ҷамъоварӣ бояд такмил дода шуда, барномаи таъминотии коркарди маълумот таҳия карда шаванд (ба ҳисоботи электронӣ гузаштан лозим аст). Шабакаи дохилии табодули иттилооти байни Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маориф ва илм таъсис дода шавад.

Дар самти омори илм бошад:

– бозбинии ҳисоботи илм тибқи таснифоти байналмилалӣ;

– тренингҳои таълимӣ ҷиҳати омӯхтану истифодаи ин таснифот дар омори илм ва инноватсия;

– ҷалби мушовири байналмилалӣ барои таълим ва таҳияи намунаи шаклҳои ҳисоботи оморӣ ва таъминоти барномавии коркарди маълумот;

– таҳияи низоми ягонаи ҳисобот барои корҳои илмию таҳқиқотӣ ва таҷрибавию тарҳкашӣ (КИТТТ) оид ба ҷамъоварии маълумоти пурратар ва сифатнок дар асоси технологияҳои байналмилалӣ[1] дар дурнамои наздик ба нақша гирифта шудаанд.

Дар маҷмуъ амалӣ гаштани ин ташаббусҳо, ки асоси воқеии ҳуқуқӣ доранд ва дар дурнамои наздик бояд амалӣ карда шаванд, аз мо – ходимони соҳаи илм фаъолияти дучандро тақозо менамояд.

Консепсияи ташкили шохиси иқтибосоварии илмӣ зеринҳоро дар назар дорад:

– махзани маълумот – ташкили махзани маълумот оид ба корҳои илмии тоҷикон зарур аст, ки дар он бояд маълумот дар бораи маводи нашрӣ дар нашрияҳои ватанӣ ва хориҷӣ ҷиҳати иқтибосоварии ин корҳо бошад.

– методикаи баҳисобгирӣ – коркарди методикаи баҳисобгирии шохиси иқтибосоварии илмие, ки хусусияти илмӣ тоҷик ва стандартҳои байналмилалиро дарбар мегирад, зарур аст.

– низоми фарогир – шохиси иқтибосоварии илмӣ бояд имконият барои фарогирии корҳои илмии тоҷик ва МТОК аз рӯйи саҳми илмиашон фароҳам оварад.

Дурнамои инкишофи шохиси иқтибосоварии илмӣ чунин ҳолатҳоро дар назар дорад:

– воридшавӣ ба шохисҳои байналмилалӣ – шохиси иқтибосоварии илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад ба низоми иқтибосоварии байналмилалӣ ворид карда шавад.

– истифодабарии шохис барои дастгирии грантӣ – шохис метавонад ҳангоми баҳогузории лоиҳаҳои грантӣ ва интихоби маблағгузорон барои дастгирии таҳқиқотҳои илмӣ истифода шаванд.

Ташкили шохиси иқтибосоварии илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон ин қадами муҳим дар роҳи инкишофи илми тоҷик ва баландбардории таъсири он дар арсаи байналмилалӣ мебошад. Ин шохис барои ҳавасмандгардонии эҷодиёти илмӣ ва баландбардории сифати таҳқиқотҳои илмӣ дар ҷумҳурӣ мусоидат хоҳад кард. Хурсандиовар он аст, ки бо ташаббус ва роҳандозии роҳбарият ва масъулини Раёсати илм ва инноватсияи Вазорати маориф ва илми ҷумҳурӣ «Пойгоҳи миллии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогӣ»[2] ба кор шуруъ кардааст, ки ба сифати платформаи муттамаркази илмӣ баромад менамояд ва дар он қисмати зиёди таклифҳои муаллиф таҷассуми худро ёфтаанд.

[1] Ниг.: бандҳои 133-134, 221 Стратегияи миллии рушди омори Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030: қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27-уми ноябри с. 2019, № 585.

[2] Пойгоҳи миллии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогӣ // [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: https://farzonagon.tj/tg (санаи мурочиат: 16.06.2026).

ТДУ 341.1

ТАШАККУЛ ВА РУШДИ ИЛМИ ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ДАР ЗАМИНАИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН

СТАНОВЛЕНИЕ И РАЗВИТИЕ НАУКИ МЕЖДУНАРОДНОГО ПРАВА НА БАЗЕ НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА

РАҶАБОВ САИТУМБАР АДИНАЕВИЧ
Мудири шуъбаи ҳуқуқи байналмилалии Институти давлат ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор / Заведующий отделом международного права Института государства и права Национальной академии наук Таджикистана, доктор юридических наук, профессор

Илми ҳуқуқи байналмилалӣ дар Тоҷикистон таърихи бойю рангин дорад. Ташаккул ва рушди илми ҳуқуқшиносӣ бо пайдоиши илми таърихи давлат ва ҳуқуқ вобастагии зич дорад. Соли 1992 шуъбаи таърихи давлат ва ҳуқуқ, ки дар сохтори Институти таърихи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон вуҷуд дошт, бо таъсисёбии Институти фалсафа ва ҳуқуқи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Институти фалсафа ва ҳуқуқ дода шуд. Шуъбаи таърихи давлат ва ҳуқуқ дар ҳайати Институти мазкур то соли 2005 фаъолият намуд. Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 декабри соли 2005, таҳти № 474 дар Академияи илмҳои ҶТ Институти давлат ва ҳуқуқ таъсис ёфт, ки дар сохтори он шуъбаи ҳуқуқи байналмилалӣ пешбинӣ шуда буд.

Соли 2011 Институти давлат ва ҳуқуқ бо Институти фалсафа муттаҳид шуда, Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ ба вуҷуд омад. Акнун шуъбаи ҳуқуқи байналмилалӣ дар сохтори ин Институт фаолият мекард. Ниҳоят 6-уми декабри соли 2025 бо фармони Президенти ҶТ Институти давлат ва ҳуқуқ аз Институти фалсафа ва сиёсатшиносӣ ҷудо шуда, дар сохтори Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (минбаъд – АМИТ) фаъолияти мустақилона хешро оғоз намуд. Роҳбарии шуъбаи ҳуқуқи байналмилалиро аз 3-юми апрели соли 2006 то имрӯз аввалин профессор, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ (аз рӯйи ихтисоси 12.00.10 – ҳуқуқи байналмилалӣ; ҳуқуқи аврупоӣ) дар Тоҷикистон Раҷабов Саидумар Адинаевич ба уҳда гирифтааст.

Ташаккул ва рушди илми ҳуқуқи байналмилалӣ дар АМИТ аз ду марҳила сипарӣ шуд.

Дар марҳилаи аввал мо дар бораи рушди институтсионалии илми ҳуқуқи байналмилалӣ дар тӯли 75 соли мавҷудияти АМИТ сухан меронем. Дар тӯли ин солҳо ташаккулу рушди илми ҳуқуқи байналмилалӣ дар натиҷаи пешравии илмҳои ҷамъиятшиносӣ дар ҶШС Тоҷикистон новобаста аз таҳқиқотҳои ҳуқуқӣ пайдо шудааст. Илми ҳуқуқи байналмилалӣ дар гузашта, имрӯз ва ҳам дар оянда дар пешрафти муносибатҳои байналмилалӣ, ташаккулёбии қонунгузории Тоҷикистон ва рушди соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷамъиятӣ саҳми босазо мегузорад.

Илми ҳуқуқи байналмилалӣ дар коркарди принсипҳо ва меъёрҳои имплементатсияи ҳуқуқи байналмилалӣ дар қонунгузории шуравӣ, таҳкими қонунияту тартиботи ҳуқуқӣ, тайёр намудани мутахассисони баландихтисоси сохаи ҳуқуқ нақши бориз гузоштааст. Маҳз дар даврони шуравӣ илми ҳуқуқи байналмилалӣ вобаста ба танзими муносибатҳои байни давлатҳо ба соҳаҳои мухталиф, мисли ҳуқуқи шартномаҳои байналмилалӣ, ҳуқуқи созмонҳои байналмилалӣ, ҳуқуқи дипломатӣ ва консулӣ, ҳуқуқи байналмилалии иқтисодӣ, ҳуқуқи байналмилалии ҳавоӣ, баҳрӣ, кайҳонӣ, ҳуқуқи байналмилалии ҳуқуқи инсон, ҳуқуқи байналмилалии инсондӯстӣ ва ғайра ҷудо карда шуда, кодификатсия карда шуданд, ки дар заминаи он Тоҷикистони соҳибистиқлолро тамоми давлатҳои дунё ба расмият шинохтанд ва бо он робитаҳои дипломатӣ барқарор намуданд.

Дар солҳои гуногун дар шуъбаи ҳуқуқи байналмилалӣ як қатор олимони ин соҳаи ҳуқуқ ба монанди ходими пешбари илмӣ н.и.ҳ. Шамсиев Х.Р., ходими калони илмӣ Ҷалилов Комёб, ходими калони илмӣ н.и.ҳ., дотсент Раҷабов М.Н., х.к.и., н.и.ҳ. Раҷабов Ф.Н., х.к.и. Аҳмедов Э.Ю. ва ходимони хурди илмӣ Бекова Ф.С., Илҳомзода Р., Назиров Б.Т., Раҳмонзода Ш.Қ., Ҷӯрабоев Ҳ.М. ва Насруллоев Х.Т. кор кардаанд. Дар ҳоли ҳозир дар шуъба сарходими илмӣ д.и.ҳ. Маҳмадуллозода Н.Р, ходими пешбари илмӣ, н.и.ҳ. Ҷабборов Ф.Н., номзадҳои илмҳои ҳуқуқшиносӣ Идизода Ф.Ф. ва Назарзода Д.Қ., ходими илмӣ Амирхониён М.А. ва лаборанти калон Насимова Б.Н. фаъолият доранд.

Ҳадафи фаъолияти шуъбаи ҳуқуқи байналмилалӣ аз таҳқиқи ҳамаҷонибаи проблемаҳои актуалии назария ва амалияи ҳуқуқи байналмилалӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон; додани хулосаҳои экспертӣ ба лоиҳаҳои конвенсияҳо ва қарордодҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи ҶТ; тайёр кардани кадрҳои баландихтисоси илмӣ дар соҳаи ҳуқуқи байналмилалӣ ва ҳуқуқи аврупоӣ; таҳия ва нашри монографияҳо, китобҳо, воситаҳои таълимӣ ва мақолаҳо дар соҳаи ҳуқуқи байналмилалӣ иборат мебошад.

Самтҳои афзалиятноки пажӯҳиш дар шуъбаи ҳуқуқи байналмилалӣ қарори зайл аст: таҳқиқи таърихи ҳуқуқи байналмилалӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ; асосҳои байналмилалӣ-ҳуқуқии таъмини сулҳ, амният ва мубориза бо ҷиноятқорӣ; таносуби ҳуқуқи байналмилалӣ ва қонунгузории миллӣ; ҳалли низоъҳои мусаллаҳонаи байналмилалӣ ва ғайрибайналмилалӣ; масоили актуалии ҳуқуқи байналмилалии об; масоили актуалии мубориза бо ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ, таърихи ҳуқуқи байналмилалӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ, масоили актуалии ҳуқуқи робитаҳои беруна ва ғ.

Дар муддати солҳои 2006-2025 шуъбаи ҳуқуқи байналмилалӣ се мавзуи панҷсолаи буҷавиро бомуваффақият амалӣ намуд:

1) Проблемаҳои актуалии назария ва амалияи ҳуқуқи байналмилалӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (2008-2012). Рақами қайди давлатӣ 0109ТД784 аз 20.02. с. 2009;

2) Асосҳои байналмилалӣ-ҳуқуқии таъмини сулҳ, амният ва мубориза бо ҷиноятқорӣ: таносуби ҳуқуқи байналмилалӣ ва қонунгузории миллӣ (2013-2017). Рақами қайди давлатӣ 0113TJ00312 аз 23.04. с. 2013;

3) Пайдоиш ва инкишофи ҳуқуқи байналмилалӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ (2019-2023). Рақами қайди давлатӣ 0119TJ00995 аз 07.05. с.2019.

Ҳоло мавзуи 4-уми шуъба таҳти унвони «Масоили актуалии ҳуқуқи робитаҳои беруна» (Рақами қайди давлатӣ 0125TJ1673 аз 03.03.с.2025) муваффақона таҳқиқ мегардад.

Кормандони илмии Шуъба дар ташкил ва гузаронидани конференсияҳо, симпозиумҳо, хонишҳои академӣ, семинарҳо ва мизҳои мудаввар саҳми босазо доранд. Масалан, кормандони шуъба дар 17 –умин конфронси байналмилалии «Амнияти Халичи Форс аз манзари ҳуқуқи байналмилал», ки 28-29 майи с.2007 дар шаҳри Техрон баргузор гардид, дар 7-умин “Хониши Мартенсӣ” бахшида ба ҳуқуқи байналмилалии инсондӯстӣ дар Донишгоҳи давлатии Санкт-Петербург, ки 27-31 майи с.2008 доир гардид, дар форуми байналмилалии «Хониши Блищенко», ки 11-12 апрели с. 2014 дар Донишгоҳи дӯстии халқҳои Русия доир гардид, дар 9-умин конференсияи байналмилалӣ роҷеъ ба ҳуқуқи байналмилалии инсондӯстӣ, ки 10-12 ноябри с.2016 аз тарафи Донишгоҳи славянии Россия ва Арманистон доир гардид, дар 6-умин семинари минтақавии байналмилалӣ «Имплементатсияи ҳуқуқи байналмилалии инсондӯстӣ», ки 8-10 ноябри с.2017 аз ҷониби Вазорати адлияи Ҷумҳурии Беларус дар ш.Минск доир гардид, дар форуми аввали байналмилалӣ-ҳуқуқии давлатҳои Осиёи Марказ, ки 23-25 январи соли 2023 дар Донишгоҳи давлатии юридикии Москва ба номи Кутафин доир гардид фаъолона иштирок намуд ва баромад карданд.

Дар солҳои 2006-2025 роҷеъ ба илми ҳуқуқи байналмилалӣ ходимони илмии шуъба 17 монография, 6 китоби дарсӣ, 12 воситаи таълимӣ, 2 брошюра, 437 мақола дар ҳаҷми 446,8 ҷ.ч. ба чоп расониданд.

Бо фармоиши раиси КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон № 222/шд аз 05.07. с. 2024 дар назди Институти давлат ва ҳуқуқи АМИТ шурои диссертатсионии 6D.КОА-О76 аз рӯйи ихтисоси 12.00.10 - ҳуқуқи байналмилалӣ; ҳуқуқи аврупоӣ ва 12.00.05 – ҳуқуқи меҳнат; ҳуқуқи таъминоти иҷтимоӣ таъсис дода шуд. Раисии ин шуро ба дӯши д.и.ҳ., профессор Рачабов С.А. гузошта шуда, ходимони калони илмии шуъба н.и.ҳ. Идизода Ф.Ф., н.и.ҳ. Назарзода Д.Қ. ба ҳайси узви шурои диссертатсионӣ ва д.и.ҳ.Маҳмадуллозода Н.Р. ба ҳайси котиби шурои диссертатсионии мазкур бо муваффақият фаъолият доранд. Дар давоми ду соли нопурра дар иш шуро 4 нафар рисолаҳои номзадӣ ва доктории хешро бо муваффақият ҳимоя намуда, соҳиби диплом шуданд ва 2 нафар дар арафаи ҳимоя ҳастанд.

Шуъбаи ҳуқуқи байналмилалӣ дар тайёр кардани кадрҳои илмӣ низ фаъол буда, дар тӯли ин солҳо 2 доктор ва 7 номзади илмҳои ҳуқуқро тайёр намуд. Дар ҳоли ҳозир дар Шуъбаи ҳуқуқи байналмилалӣ 2 докторанти PhD: Холинов Д.М. ва Давлатзода А.Б. бо таҳсил ва таҳқиқи масоили ҳуқуқи байналмилалӣ фаро гирифта шудаанд. Аз соли 2014 дар шуъбаи ҳуқуқи байналмилалӣ аз ихтисоси 240101-ҳуқуқи байналмилалӣ магистратура вуҷуд дорад, ки то имрӯз онро 14 нафар бо муваффақият хатм намуданд.

Шуъбаи ҳуқуқи байналмилалӣ ба таври мунтазам дар таҳия ва тақризи барномаҳои давлатӣ, шартномаю созишномаҳои байналмилалӣ иштирок менамояд. Алалхус додани хулосаҳои экспертӣ ба лоиҳаҳои конвенсияҳо ва қарордодҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаро аз тарафи Шуъба алоҳида қайд кардан зарур аст. Дар муддати фаъолияти худ Шуъба зиёда ба 230 лоиҳаҳо ва санадҳои байналмилалӣ хулосаҳои экспертии худро пешниҳод кардааст.

Мақолаҳои илмии ходимони Шуъбаи ҳуқуқи байналмилалӣ дар «Маҷаллаи академии ҳуқуқ», «Қонунгузорӣ», «Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон» ва маҷаллаҳои давлатҳои хориҷи дуру наздик ба чоп мерасанд, ки ин шаҳодати эътирофи илми ҳуқуқи байналмилалии Тоҷикистон дар сатҳи байналмилалӣ мебошад.

Дар тайёр кардани кадрҳои баландихтисос дар соҳаи ҳуқуқи байналмилалӣ нақши донишгоҳҳо ва пажӯҳишгоҳҳои Федератсияи Россия: Донишгоҳи дӯстии халқҳои Россия (3 нафар), Донишгоҳи давлатии Санкт-Петербург (1 нафар), МГИМО (1 нафар), Донишкадаи қонунгузорӣ ва ҳуқуқшиносии муқоисавии назди Ҳукумати ФР (1 нафар), Институти давлат ва ҳуқуқи Академияи илмҳои Россия (3 нафар) ва Донишгоҳи федералии Қазон (1 нафар) калон аст.

Марҳилаи дуюми рушди илми ҳуқуқи байналмилалӣ дар АМИТ бо муайян кардани ҷойгоҳ ва таҷрибаи амалии ин илм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон робита дорад.

Дар назари аввал касби ҳуқуқшиноси байналмилалӣ дар ҶТ муҳим аст, зеро ҳуқуқи байналмилалӣ расман ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқ эътироф шудааст. Дар сархати сеюми моддаи 10 Конститутсияи ҶТ равиши бештар позитивистӣ инъикос ёфтааст, зеро дар он танҳо санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст зикр шудааст, на дигар манбаъҳои ҳуқуқи байналмилалӣ. Ҷолиби диққат аст, ки худи ҳамон нуктаи конститутсионӣ бевосита пешбинӣ мекунад, ки санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ нисбат ба қонунҳои ҷумҳурӣ афзалият доранд.

Дар ин робита Қонуни ҶТ “Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон” қабул гардид, ки тартиби бастан, риоя ва татбиқ, имплементатсия, ворид намудани тағйироту иловаҳо, беэътибор донистан, боздоштан ё қатъ кардани амали онҳо ва ғайраро бо назардошти Конвенсияи Вена оид ба ҳуқуқи шартномаҳо танзим мекунад[1].

Бо дарназардошти афзалиятҳои сиёсӣ ва академии минтақа, олимони ҶТ ба таълимот дар соҳаҳои гуногуни ҳуқуқи байналмилалӣ саҳм мегузоранд. Илова ба якчанд китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимӣ оид ба ҳуқуқи байналмилалӣ[2] муаллифон аз ҶТ оид ба таърихи ҳуқуқи байналмилалӣ[3], соҳибҳуқуқии байналмилалӣ[4], ворисияти ҳуқуқии давлатҳо, амнияти минтақавӣ, ҳуқуқи инсон[5], ҳуқуқи байналмилалии инсондӯстӣ[6], ҳуқуқи байналмилалии молиявӣ[7], ҳуқуқи байналмилалии об[8] ва ҳуқуқи байналмилалии ҷиноятӣ[9] монографияҳо таҳия кардаанд. Асарҳои

---

[1] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 23-юми июли с. 2016, № 1326 (Қонуни ҶТ аз 24.12.2022, № 1946).

[2] Раджабов, С.А. Международное право: учебное пособие. – Душанбе: ТГПУ, 2022. – 368 с.; Рачабов, С.А. Ҳуқуқи байналмилалӣ: китоби дарсӣ барои магистрон ва докторантҳои PhD. – Душанбе: Дониш, 2025. – 500 с.; Ҷанбаҳои байналмилалӣ-ҳуқуқии ҳамкории давлатҳои Осиёи Марказӣ доир ба истифодабарии обҳои фаромарзӣ. Монографияи дастачамъӣ / Зери таҳрири д.и.ҳ., профессор С.А.Рачабов. – Душанбе: Дониш, 2018. – 192 с.

[3] Таърихи ҳуқуқи байналмилалӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ. Қисмҳои 1-6 / Зери таҳрири профессор Рачабов С.А. – Душанбе: Дониш, 2019-2024.

[4] Мансуров, У.А. Международная правосубъектность Республики Таджикистан, Часть 1: Право на членство в международных организациях. - Душанбе: РТСУ, 2019. – 157 с.

[5] Раджабов, С.А. Универсальная и региональная системы защиты прав человека. – Душанбе: Дониш, 2021. - 320 с.

[6] Раджабов, С.А. Международное гуманитарное право в Центральной Азии: вопросы теории и практики. – Ташкент, 2002. – 54 с.; Раджабов, С.А. Имплементация норм международного гуманитарного права в Республике Таджикистан: проблемы теории и практики. – Душанбе: Дониш, 2006. – 295 с.; Раджабов, С.А. Международное гуманитарное право в Республике Таджикистан. – Душанбе: Деваштич, 2007. – 354 с.; Рачабов, С.А. Ҳуқуқи байналмилалии инсондӯстӣ. – Душанбе, 2019. – 182 с.

[7] Ҳуқуқи байналхалқӣ: китоби дарсӣ / Муҳаррири масъул профессор Менглиев Ш.М. – Душанбе: ЭР-граф, 2010. - 512 с.;

[8] Мирзоев, А.М. Ҳуқуқи байналмилалии обӣ: воситаи таълимӣ. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2016. – 120 с.; Мирзоев, А. Международное водное право. – Душанбе: Нушбод, 2021. – 120 с.; Рачабов, С.А., Ҷабборов, Ф.Н. Масоили актуалии ҳуқуқи байналмилалии об: монография. – Душанбе: ЭР-граф, 2018. – 304 с.; Ҷабборов, Ф.Н. Ҳуқуқи байналмилалии молиявӣ: комплекси таълимӣ-методӣ. – Душанбе: Империал групп, 2015. – 215 с.

[9] Раджабов, С.А. Становление и развитие Международного уголовного суда. – Душанбе: Деваштич, 2005. – 232 с.; Раджабов, С.А. Универсальная юрисдикция в международном уголовном праве. – Душанбе: Дониш, 2016. – 182 с.; Рахмонов, А.С., Кравченко, О.В., Насков, Д.С., Рахмонзода, Д.А., Холиков, Е.А. Основы противодействия терроризму и экстремизму по законодательству Российской Федерации и Республики Таджикистан. - Душанбе, 2017. – 280 с.

муҳим оид ба ҳуқуқи байналмилалии иқтисодӣ, ҳуқуқи байналмилалии ҷиноятӣ ва ҳуқуқи амнияти байналмилалӣ аз ҷониби матбаъаҳои маъруфи хориҷӣ нашр шудаанд.

Аммо, ин пешрафтҳои нави таълимӣ ҳанӯз систематикӣ ё ҳамаҷониба нестанд. Дар илми ҳуқуқи байналмилалӣ як қатор мушкилоти системавӣ мавҷуд аст. Айни замон доктринаи ҳуқуқии байналмилалӣ дар кишвар на бо талабу дастгирии давлат, балки бо шавқу завқи муаллифони алоҳида ва амбитсияҳои илмии онҳо инкишоф меёбад ва маблағгузории кофӣ намегирад. Ба таври расмӣ Ассотсиатсияҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар ҶТ вуҷуд надорад. Танҳо чанд нафар аз олимони Осиёи Марказӣ аъзои Ассотсиатсияҳои ҳуқуқи байналмилалии Осиё, Аврупо ва Амрико мебошанд. Муҳимтар аз ҳама он аст, ки амалияи ҳуқуқи байналмилалӣ асосан аз таҳқиқоти академӣ чудо шудааст ва давлат бояд мунтазам олимони байналмилалиро ба амалия ҷалб кунад.

Вазорати корҳои хориҷӣ (масъули татбиқи ҳуқуқи байналмилалӣ) ва Вазорати маориф ва илм (масъул барои танзими ихтисоси ҳуқуқшиносӣ) метавонанд дар ин самт ҳамкории зичтар кунанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон аллакай дар соҳаҳои гуногуни ҳуқуқи байналмилалӣ корҳои муҳимро анҷом додааст, аммо холигиҳои мавҷударо метавон бо ҷалби олимон бомуваффақият пур кард.

Ҳамин тавр, таъсисёбии Институти давлат ва ҳуқуқ дар Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва шуъбаи ҳуқуқи байналмилалӣ дар ҳайати он барои рушди илми ҳуқшуқшиносӣ, аз ҷумла, илми ҳуқуқи байналмилалӣ чи аз лиҳози рушди институтсионалӣ ва чи дар татбиқи амалӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таккони ҷиддӣ бахшид.

УДК 342.723

ПРЕДУПРЕЖДЕНИЕ ПРЕСТУПЛЕНИЙ ПРОТИВ ПОЛОВОЙ НЕПРИКОСНОВЕННОСТИ НЕСОВЕРШЕННОЛЕТНИХ: УГОЛОВНО-ПРАВОВОЙ И КРИМИНОЛОГИЧЕСКИЙ АСПЕКТЫ

ПЕШГИРИИ ҶИНОЯТҲО БАР ЗИДДИ ДАХЛНОПАЗИРИИ ҶИНСИИ НОБОЛИҒОН: ҶАНБАҲОИ ҶИНОЯТӢ-ҲУҚУҚӢ ВА КРИМИНОЛОГӢ

САМОЙЛОВ ВАСИЛИЙ ДМИТРИЕВИЧ
Академик Академии военных наук Российской Федерации, доктор педагогических наук, профессор / Академики Академияи илмҳои ҳарбии Федератсияи Россия, доктори илҳои педагогӣ, профессор
E-mail: vas.samoylow2016@yandex.ru

АЛИМОВ СУРОБШО ЮСУФШОЕВИЧ
Профессор кафедры государственно-правовых дисциплин юридического факультета Российско-Таджикского (Славянского) университета, доктор юридических наук / Профессори кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ
E-mail: s-alimov@yandex.ru

В ходе исследования проблемы, касающейся предупреждения преступлений против половой неприкосновенности несовершеннолетних, согласно правовым установкам по вопросам просвещения, воспитания и культуры, нами будут подвергнуты анализу:

а) содействие выявлению в сети образовательных организаций (далее – ОО) признаков сексуальной эксплуатации и сексуального насилия, в отношении несовершеннолетних;

б) профилактику, предупреждение и психолого-педагогическое сопровождение пострадавших на школьном уровне[1].

[1] Выявление признаков сексуальной эксплуатации и совершения сексуального насилия в отношении несовершеннолетнего на основе анализа существующих методик и рекомендуемых к применению на базе образовательных организаций: методические рекомендации / Под ред. Артамоновой Е.Г., Дубровского Р.Г. - М.: ФГБУ «Центр защиты прав и интересов детей», 2023. - 30 с. // [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://fcprc.ru/metodicheskie-razrabotki/; Организация индивидуальной профилактической работы с отдельными категориями несовершеннолетних обучающихся в образовательных организа-

Для чего следует: *во-первых*, определить порядок действий специалистов ОО, ответственных за профилактику сексуального насилия несовершеннолетних; *во-вторых*, конкретизировать аспекты деятельности педагога-психолога для оказания помощи школьникам и их психолого-педагогическому сопровождению;

в) информационно-просветительские условия специальной медицинской подготовки руководителей и педагогических работников для их ориентировки на целевую группу нормотипичных (соответствуют медицинским границам норм статистики и психики, без психических расстройств) детей.

Безусловно, сексуальное насилие в отношении детей – общемировая социальная проблема, дискуссионная площадка для специалистов на государственном и ведомственном уровне[1]. Из 76-ти пунктов Плана два непосредственно связаны с темой исследования, а именно: п.11. Реализация мероприятий по совершенствованию межведомственного взаимодействия при осуществлении поиска пропавших детей. Ответственные исполнители – МВД России, Минпросвещения России, Минобрнауки России, МЧС России, исполнительные органы субъектов; п. 48 Реализация перечня дополнительных мер, направленных на координацию деятельности органов и учреждений системы профилактики безнадзорности и правонарушений несовершеннолетних по предупреждению преступных деяний против половой неприкосновенности несовершеннолетних.

Из содержания Плана следуют ориентиры на профилактику рисков детства, формирование духовно-нравственных ценностей, культуры безопасного поведения как основы их гармоничного, свободного развития и позитивной социализации. В 2023 г. был утверждён Перечень дополнительных мер, направленных на координацию деятельности органов и учреждений системы профилактики безнадзорности и правонарушений несовершеннолетних по предупреждению преступных деяний против половой неприкосновенности несовершеннолетних на период 2023–2025 годов[2].

[1] Jaziar Radiantia, Tim A. Majchrzaka, Jennifer Frommb, Isabell Wohlgenanntc. A systematic review of immerse virtual reality applications for higher education: Design elements, lessons learned, and research agenda. Computers & Education 147 (2020). Pp. 103-778

[2] Paul Milgram, Haruo Takemura, Akira Utsumi, Fumio Kishino. Augmented Reality: A class of displays on the reality-virtuality continuum. 282 / SPIE Vol. 2351, Telemanipulated and Telepresence Technologies (1994).

[3] Иммерсивная среда – это специально организованное пространство, где физическая реальность тесно переплетается с цифровым контентом, создавая эффект полного погружения.

[4] Цикл Колба – модель обучения, которая помогает быстро сформировать у человека нужный навык через практику // [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://www.startexam.ru/journal/likbez/model-kolba/.

[5] Jaziar Radiantia, Tim A. Majchrzaka, Jennifer Frommb, Isabell Wohlgenanntc. Указ. раб.

[6] Азаров, А.А. Цифровизация образования в системе правоохранительных органов: современные тенденции и перспективы. - М.: Юрайт, 2021.

В Великобритании Совет начальников национальной полиции (NPCC) утвердил принципы использования ИИ и VR, среди которых: законность, прозрачность, объяснимость и подотчетность. Полиция Эйвона и Сомерсета использует машинное обучение для оценки рисков рецидива и виртуальные симуляторы для помощи в принятии решений.

Китай реализует масштабный проект «умной полиции». В провинции Чжэцзян внедрены «цифровые полицейские» - виртуальные персонажи с ИИ, используемые для обучения кадров и информирования общества. Технология «цифрового человека» позволяет автоматизировать диспетчеризацию и проводить высокоточную идентификацию объектов на базе больших данных.

В Турции в рамках «Национальной стратегии в области ИИ» внедряются VR-тренинги по деэскалации конфликтов (Insight Policing), где сотрудники отрабатывают навыки общения с агрессивными гражданами. Программное обеспечение ASENA на основе ИИ интегрировано в базы данных правоохранительных органов для борьбы с наркотрафиком.

Южно-Африканская Республика в рамках стратегии «Vision 2030» использует «карту полицейской деятельности» (Policing Activity Map), где виртуальная реальность применяется для повышения ситуационной осведомленности в работе центров управления[1].

В Российской Федерации цифровая трансформация ведомственного образования идет по пути создания «виртуальных полигонов». Это единые информационные пространства из автоматизированных рабочих мест, где проводятся занятия по розыскной деятельности, огневой подготовке и информационной безопасности. Активно внедряется метод «кейса», позволяющий слушателю «встать на место» сотрудника и моделировать функции в реальных условиях административно-правовой деятельности. Программа «Цифровой университет» предполагает переход к управлению учебным процессом на базе индивидуальных образовательных траекторий и анализа больших данных («цифрового следа»). Однако 91% педагогов отмечают нехватку оборудования и низкое качество интернет-связи как главные барьеры. 83% респондентов указывают на недостаточные знания в области цифровых ресурсов[2].

Проблемы, барьеры и этические аспекты. Внедрение XR-технологий в систему подготовки кадров МВД сталкивается с комплексом методических барьеров, которые касаются как готовности преподавательского состава, так и отсутствия научно обоснованных подходов к проектированию учебного процесса.

К основным методическим барьерам относятся:

– Отсутствие системного подхода и единых стандартов: в настоящее время наблюдается недостаточность систематического подхода к обучению и отсутствие единых методологических стандартов ситуативной подготовки. Программы обучения зачастую не имеют четкой привязки к педагогическим теориям (например, конструктивизму), что превращает VR-симуляции в «технологическую новинку» без устойчивых образовательных результатов.

– Дефицит специфических педагогических знаний: преподаватели часто обладают сильными предметными знаниями, но имеют слаборазвитые технологические педагогические знания. Это означает, что педагоги понимают возможности VR, но не знают, как эффективно интегрировать иммерсивные задачи в учебный план, как сопровождать студентов в виртуальной среде и как адаптировать оценку навыков для иммерсивного контекста.

– Консерватизм и «цифровой разрыв»: существует проблема консервативности мышления организаторов образовательного процесса и выраженный «цифровой разрыв» между ними и обучающимися. Около 83% педагогических работников отмечают у себя недостаток знаний и опыта использования цифровых ресурсов[3]. Особую сложность это представляет для преподавателей старшего поколения, которым трудно освоить новые форматы подачи информации.

– Приоритет технических характеристик над педагогическими целями: разработчики XR-систем часто фокусируются на «точности воспроизведения» (графике и звуке) и юзабилити (насколько человеку удобно пользоваться интерфейсом), а не на достижении конкретных образовательных результатов. В результате иммерсивный опыт может стать «отвлекающим фактором», мешающим выполнению учебной задачи.

---

[1] Чимаров, С.Ю. Указ. раб.
[2] Щербакова, М.П., Кислухин А.А. Цифровизация в вузах МВД России: достижения и перспективы / М.П. Щербакова, А.А. Кислухин // Юридическая наука и практика: Вестник Нижегородской академии МВД России. - 2023. - № 2 (62). - С. 126-130.
[3] Щербакова, М.П., Кислухин, А.А. Указ. раб.

– Проблемы оценки и измерения результатов: на данный момент в ведомственном образовании отсутствуют объективные средства измерения результатов обучения в цифровой среде. Оценка в VR-симуляторах часто ограничивается проверкой усвоения простых процедур, в то время как оценка сложных тактических навыков и этических решений остается методически не проработанной.

– Сложность проектирования сценариев: существует дефицит методических идей для создания педагогически значимых задач. Сценарии в ролевых играх и VR не всегда полностью соответствуют непредсказуемости реальных условий, что снижает их эффективность при подготовке к реальным событиям.

– Необходимость перехода к компетентностной модели: методическим барьером является сохраняющаяся ориентация на «знаниевую парадигму» (концептуальная модель образования, основанная на получении знаний, заучивании фактов и отработке умения решать типовые задачи), в то время как XR-обучение требует полного перехода к компетентностной системе, где на первом месте стоит умение решать возникшие проблемы, а не просто осведомленность.

Таким образом, для преодоления этих барьеров требуется не только техническое переоснащение, но и разработка новой научной стратегии подготовки персонала вузов МВД, которая включала бы создание специальных алгоритмов профессиональной деятельности в цифровой среде.

Технологии расширенной реальности являются мощным инструментом модернизации профессиональной подготовки сотрудников ОВД (полиции), обеспечивая переход от знаниевой парадигмы к компетентностной. Использование VR и AR позволяет существенно повысить эффективность формирования тактических и психологических навыков, что подтверждается ростом успеваемости на 30–58%[1]. Основными выводами исследования являются:

1. XR-технологии обладают значительным потенциалом в контексте модернизации системы профессиональной подготовки сотрудников ОВД (полиции). Их использование обеспечивает переход от традиционной модели обучения к практико-ориентированной образовательной среде, способствующей формированию устойчивых профессиональных навыков и повышению эффективности служебной деятельности.

Ключевыми преимуществами XR-технологий являются высокая степень иммерсивности, интерактивность, возможность моделирования сложных и опасных ситуаций, а также объективная оценка результатов обучения. Эти особенности позволяют значительно повысить качество подготовки сотрудников ОВД (полиции) и обеспечить их готовность к выполнению профессиональных задач в условиях неопределённости и риска.

2. Наибольшая эффективность достигается при комбинированном подходе, сочетающем ролевые игры, сценарное обучение и высокотехнологичные симуляции.

3. Успешная трансформация требует не только технического переоснащения, но и подготовки преподавателей в области технологических педагогических знаний, на ряду с этим необходима разработка методически обоснованных образовательных программ. Особое внимание должно уделяться вопросам интеграции иммерсивных технологий в существующую систему подготовки кадров.

Вышесказанное позволит ОВД (полиции) не только эффективно противодействовать преступности, но и повысить уровень общественного доверия за счет профессионализма личного состава.

[1] Jensen, Lasse & Konradsen, Flemming. (2018). A review of the use of virtual reality head-mounted displays in education and training. Education and Information Technologies. - № 23. – Pp. 1-15.

ТДУ 340.12

ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВӢ-ҲУҚУҚИИ МАФҲУМ ВА ТАСНИФОТИ ФУНКСИЯҲОИ ДАВЛАТ*

ТЕОРЕТИКО-ПРАВОВЫЕ АСПЕКТЫ ПОНЯТИЯ И КЛАССИФИКАЦИИ ФУНКЦИЙ ГОСУДАРСТВА

АБДУЛЛО АБДУЛЛО РАҲМАТУЛЛО
Сардори факултети № 4-уми Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, подполковники милитсия / Начальник факультета № 4 Академии МВД Республики Таджикистан, кандидат юридических наук, доцент, подполковник милиции
E-mail: abdulloev-a@mail.ru

АМИРБЕКЗОДА ДИЛШОД АМИРБЕК
Нозири калони маркази тестии шуъбаи таълими Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, майори милитсия / Старший инспектор тестового центра учебного отдела Академии МВД Республики Таджикистан, майор милиции
E-mail: molik.amirbekzoda@mail.ru

Функсияҳои давлат яке аз масъалаҳои муҳимми илму амалияи ҳуқуқшиносӣ буда, мавриди таваҷҷуҳ ва таҳлили олимону муҳаққиқон қарор дорад, зеро омӯзиши он айни замон барои пешрафти давлат ва ҳифзи арзишҳои соҳибихтиёрии кишвар хело муҳим мебошад. Муҳим будани масъалаи мазкур дар он аст, ки моҳияти давлат дар функсияҳояш равшан мегардад, бо пешрафти ҷомеа моҳияти давлат ва функсияҳояш инкишоф ёфта, як қатор функсияҳои давлат аз байн мераванд ва функсияҳои нав ба миён меоянд.

Қобили зикр аст, ки дар корҳои олимони зерини ватанию хориҷӣ Абдулло А.Р., Азизқулова Г.С., Алексеев С.С., Бредихин А.Л., Бабаев В.К., Буризода Э.Б., Венгеров А.Б., Зоир Ҷ.М., Камолов И.И., Лазарев В.В., Мансурзода А.М., Мулукаев Р.С., Насриддинзода Э.С., Насуриён П.А., Нерсесянс В.С., Нижник Н.С., Одиназода А.Ш., Пиголкин А.С., Раҳимзода Р.Ҳ., Рачабзода Р.М., Ромашов Р.А., Хропанюк В.Н., Ҳасанов С.Ҳ., Ҳафиззода Ш.Х., Честнов И.Л., Чердантсев А.Ф., Шарифзода Ф.Р., Шарофзода Р.Ш. ва дигарон паҳлуҳои алоҳидаи ҷанбаҳои назариявӣ-ҳуқуқии мафҳум ва таснифоти функсияҳои давлатро мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

Мафҳуми «функсия» ба гардиши илмӣ дар ибтидои асрҳои XVII-XVIII аз ҷониби Готфрид Вилгелм Лейбнитс ворид карда шудааст[1]. Таҳти мафҳуми функсияҳои давлат дар илми ҳуқуқшиносӣ самтҳои асосии фаъолияти давлат фаҳмида мешаванд, ки тавассути онҳо вазифаҳои дар назди давлат ҷойдошта ҳал гардида, мақсадҳои ҷорӣ ва стратегӣ амалӣ карда мешаванд.

Мувофиқи андешаи Нерсесянс В.С. функсияҳои давлат шаклҳои асосии фаъолияти давлат фаҳмида мешаванд, ки тавассути онҳо моҳияти давлат инъикос меёбад[2]. Нерсесянс В.С. фаъолияти давлатро дар соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ғайра ҳамчун функсияҳои давлат эътироф наменамояд. Аз нигоҳи ӯ, функсияҳои давлат на самти фаъолияти давлат, балки шакли фаъолияти давлат ба ҳисоб меравад. Аз ҳамин сабаб Нерсесянс В.С. дар назарияи худтаснифи функсияҳои анъанавии давлатро, яъне, ба иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ҷудо намуданро инкор менамояд[3]. Яке аз таърифҳои маъмултарини мафҳуми функсияҳои давлатро Хропанюк В.Н.

* Мақола дар доираи татбиқи мавзуи илмӣ-таҳқиқотии «Ислоҳоти институтсионалии фаъолияти ҳимояи ҳуқуқ, ҳифзи ҳуқуқ ва судӣ дар шароити таҳаввули ташкили сиёсӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2026-2030)», ки аз ҳисоби буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағгузорӣ мешавад, омода карда шудааст. Рақами қайди давлатӣ: 0126TJ01738.

[1] Абдуллозода, Ш.М. Мафҳуми функсияи давлат: ҷанбаҳои назариявӣ-ҳуқуқӣ / Ш.М. Абдуллозода // Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2025. № 2 (66). – С. 125-130.

[2] Нерсесянц, В.С. Общая теория права и государства: учебник для юридических вузов и факультетов. – М.: НОРМА-ИНФРА, 2001. – С. 256.

[3] Нерсесянц В.С. Асари зикршуда. – С. 256.

пешниҳод намудааст. Функсияҳои давлат – ин самтҳои асосии фаъолияти он буда, моҳият ва мақсади иҷтимоии идораи давлатии ҷомеаро ифода мекунанд[1].

Матузов Н.И. ва Малко А.В. функсияҳои давлатро боз ҳам мухтасартар – ҳамчун самтҳои асосии фаъолияти давлат барои ҳалли масъалаҳои дар назди он истода муайян мекунанд[2]. Маҳз дар функсияҳои давлат, чунон ки муаллифон тасдиқ мекунанд, моҳияти давлати аниқ ва таъиноти иҷтимоии он ошкор мегардад.

Муфассалтар таърифи мафҳуми функсияҳои давлатро Алексеев С.С. додааст. Функсияҳои давлат – ин самтҳои асосии фаъолияти он мебошанд, ки моҳият ва таъиноти иҷтимоӣ, ҳадаф ва ва-зифаҳои давлатро дар идоракунии ҷомеа бо шаклу усулҳои хоси он ифода меку-нанд. Муаллиф таърифи мафҳуми зеринро аз ҷиҳати илмӣ асосноктар мешуморад[3].

Ба андешаи Нижник Н.С., функсияҳои давлат – ин самтҳои асосии фаъолияти он дар идоракунии ҷомеа, ки дар он моҳият ва таъиноти иҷтимоии давлат ифода гардида, мақсадҳое, ки дар назди давлат истодаанд ва ноил шудан фаҳмида мешавад[4].

Шарофзода Р.Ш. ба муҳим будани ин масъала, нисбати функсияҳои давлат мавҷуд будани нуқтаҳои назари гуногуни олимон ишора мекунад ва функсияҳои давлатро ҳамчун самти муайяни фаъолияти давлат мефаҳмад, ки он баҳри иҷроиши вазифаҳои дар назди давлат ҷойдошта равона гардидааст[5]. Шарофзода Р.Ш. мубрамияти проблемаи функсияҳои давлатро бо омилҳои зерин муайян мекунад: якум, мазмуни моҳият ва таъйиноти давлатро дар ҷомеа муайян меку-над; дуюм, функсияҳои давлат воситаи расидан ба ҳадафҳои стратегӣ ва ҳалли вазифаҳои давлат мебошанд; сеюм, бо функсияҳои давлат модели муайяни идоракунии давлатӣ, самаранокии идоракунии давлатии соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа муайян карда мешаванд; чорум, функсияҳои давлат сатҳи рушди давлатро муайян мекунанд»[6].

Ҳасанов С.Ҳ. ва Ҳасанов М.С. чунин мешуморанд, ки функсияҳои давлат ин самтҳои асосӣ ва муҳимтарини фаъолияти он мебошанд, ки моҳият ва таъиноти иҷтимоӣ, мақсад ва ва-зифаҳои давлатро дар идоракунии ҷомеа ифода мекунанд[7].

Буризода Э.Б. чунин қайд менамояд, ки функсияҳои давлат самтҳои муҳимтарини фаъолияти давлатро ташкил дода, айни ҳол алоқамандии онҳо бо моҳияти давлат, мавҷудияти паҳлӯҳои нави онҳо ошкор мегардад[8].

Азизқулова Г.С. ва Камолов И.И. қайд мекунанд, ки «функсияҳои давлат ин самтҳои (намудҳои) асосии фаъолияти давлат мебошад, ки баҳри амалишавии вазифаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва ғайра, ки назди давлат қарор доранд, ҳамчунин барои расидан ба мақсадҳои муайян вобаста аз моҳияти синфӣ, ҷамъиятӣ ва вазифаҳои иҷтимоӣ равона карда шудаанд»[9].

Мазмуни мафҳуми функсияҳои давлатро ба андешаи Абдуллозода Ш.М. метавон тавассу-ти нишонаҳои зерин ошкор намуд:

– функсияҳои давлат хулосаи илмӣ мебошад, ки бо ёрии он фаъолияти ягонаи давлатӣ ба намудҳо тақсим мешавад. Онҳо аз ҷиҳати хусусияти объект, мақсади бевосита, қувваҳо, воситаҳои моддию техникӣ, усулҳо ва дар натиҷа ҳамчун маҳсули фаъолият фарқ мекунанд;

– функсияҳои давлат асосан намудҳои фаъолияте нестанд, ки танҳо ба давлат хос бошанд. Дар баробари давлат чунин намудҳои фаъолиятро ташкилотҳои ғайридавлатӣ низ амалӣ карда метавонанд;

– хусусияти функсияҳои давлат дар он аст, ки вай ҳамчун мақомоти ҳокими-яти сиёсӣ ба онҳо характери умумии ҳатмӣ медиҳад;

---

[1] Хропанюк, В.Н. Теория государства и права. – М.: Омега-Л, 2019. – С. 156.
[2] Матузов, Н.И., Малько, А.В. Теория государства и права: учебник. – М.: Юристъ, 2007. – С. 56.
[3] Алексеев, С.С. Общая теория социалистического права. Введение: Сущность социалистического права. – Свердловск, 1963. – С. 14.
[4] Основы теории государства и права / Е.С. Зайцева, Е.Н. Козинникова, Н.С. Нижник [и др.]. – СПб.: Санкт-Петербургский университет МВД России, 2023. – С. 146.
[5] Сотиволдиев, Р.Ш. Проблемаҳои назарияи давлат ва ҳуқуқ: китоби дарсӣ. Ҷ. 1. – Душанбе: Империал-Групп, 2010. – С. 423.
[6] Сотиволдиев, Р. Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ: китоби дарсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ. – Душанбе: «Империал-Групп», 2014. – С. 6.
[7] Ҳасанов, С., Ҳасанов, М. Назарияи давлат ва ҳуқуқ: китоби дарсӣ. – Хуҷанд: ШАХ, 2005. – С. 149.
[8] Буризода, Э.Б. Масоили назарияи умумии ҳуқуқ ва давлат. Нашри 2. – Душанбе: Нашри Мубориз, 2021. – С. 142.
[9] Азизкулова, Г.С., Камолов, И.И. Теория государства и права. Схемы определения и вопросы тестов. – Душанбе, 2013. – С. 125.

– ба функсияҳои давлат устувории нисбӣ хос аст. Дар баробари ин, маълум аст, ки дар доираи як функсия ва як маҷмуи функсияҳо масъалаҳои гуногуни ҷамъиятию сиёсиро ҳал кардан мумкин аст;

– хусусиятҳои функсияҳо бо талаботи ҳукмронии сиёсии як синфи дар давраи дахлдори таърихӣ муайян карда мешаванд;

– давлат тавассути функсияҳо мақсади иҷтимоии худро амалӣ менамояд;

– ба давлатҳои навъҳои гуногуни таърихӣ аз нуқтаи назари ташкилӣ-техникӣ якхела дошта, функсияҳои якхела мансуб нестанд;

– ба функсияҳои давлат на танҳо ҳамон намудҳои фаъолияти он, ки бевосита ба мақсадҳои иҷтимоии он хизмат мекунанд, дохил мешаванд, балки инчунин, он намудҳоеро дар бар мегирад, ки ин вазифаро бавосита иҷро мекунанд;

– ҳар як функсияҳои давлатро ҳамчун унсури низоми ягонаи функсияҳо баррасӣ кардан зарур аст, берун аз низом мафҳуми функсия маънои воқеӣ надорад[1].

Таъкид кардан ба маврид аст, ки вобаста ба таснифоти функсияҳои давлат андешаҳои зиёд ва гуногун мавҷуданд.

Олимон функсияҳои мухталифи давлатро тақсимбандӣ намудаанд. Мутобиқ ба тақсимбандии функсияҳои давлат, ки аз тарафи Сирих В.М. пешниҳод гардидааст, функсияҳои дохилӣ ва берунӣ, асосӣ ва ғайриасосӣ, табақавӣ ва умумииҷтимоӣ тавсиф гардидаанд. Ба функсияҳои дохилӣ дар баробари дигар вазифаҳо Сирих В.М. «функсияҳои ҳифзи тартиботи ҳуқуқӣ ва мустаҳкам кардани қонуният ва ба функсияҳои берунӣ – ҳифзи сулҳ ва мустаҳкам кардани қувваҳои мусаллаҳи давлат»- ро шомил менамояд[2].

Чиркин В.Е. ба шумули функсияҳои берунии давлат «нигоҳ доштани тартиботи ҷаҳонӣ, ҳамгироии давлат ба ҷомеаи ҷаҳонӣ ва ба роҳ мондани ҳамкорӣ бо дигар давлатҳо» - ро дохил менамояд[3].

Радко Т.Н. функсияҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, мафкуравӣ, экологӣ, муҳофизавӣ[4] ва Чиркин В.Е. функсияҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва идеологиро пешкаш менамоянд[5].

Тақсимбандии васеи функсияҳои давлатро ҳайати олимон бо роҳбарии Пиголкин А.С. пешниҳод намудааст, ки мутобиқи он функсияҳои давлат чунин тақсимбандӣ гардидаанд:

– мутобиқ ба соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ:

а) иқтисодӣ (таъмини фаъолият ва рушди босуботи иқтисод, таъмини болоравии иқтисодии давлат ва ғ.);

б) сиёсӣ (таъмини бехатарии давлатӣ ва ҷамъиятӣ, ризоияти иҷтимоӣ ва миллӣ, саркуб кардани муқобилияти неруҳои иҷтимоии мухолиф, ҳифзи истиқлолияти давлатӣ аз таҷовузҳои беруна);

в) иҷтимоӣ (ба амал баровардани чораҳо бо мақсади таъмини талаботҳои иҷтимоии одамон, нигоҳ доштани сатҳи зарурии зиндагии аҳолӣ, шароитҳои зарурии меҳнат, пардохти музди меҳнат, таъмини шароитҳои маиши ва ғ.);

г) ҳифзи ҳуқуқ (ҳифзи тартиботи ҳуқуқӣ ва таъмини қонуният, ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд);

д) экологӣ (ҳифзи муҳити зист);

е) фарҳангӣ (ҳифз ва рушди сатҳи зарурии фарҳанг, илм ва маориф);

– аз рӯйи муҳлати амал: функсияҳои доимӣ ва муваққатӣ;

– аз рӯйи нишонаҳои ҳудудӣ: федералӣ, субектҳои федератсия, давлати ягона, конфедератсия;

– аз рӯйи усули таҷзияи ҳокимият: қонунгузорӣ, иҷроия, судӣ ва ғ;

– аз рӯйи соҳаи амалишавӣ: функсияҳои берунии давлат, ки ба таъмини қобилияти мудофиавии давлат ва ҳамгироӣ бо давлатҳои беруна ва функсияҳои дохилӣ[6].

---

[1] Абдуллозода, Ш.М. Асари зикршуда. – С. 125-130.
[2] Сырых, В.М. Теория государства и права: учебник для вузов. 5-е изд. – М., 2006. – С. 22-23.
[3] Чиркин, В. Е. Государствоведение: учебник. 2-е изд., испр. и доп. – М., 2000. – С. 101.
[4] Радько, Т.Н. Теория государства и права. – М., 2001. – С. 62.
[5] Чиркин, В.Е. Асари зикршуда. – С. 100-101.
[6] Теория государства и права: учебник / Под ред. А. С. Пиголкина. – М., 2006. – С. 146-147.

Дар натиҷаи таҳқиқоти мавзуъ хулосабарорӣ карда мешавад, ки функсияҳои давлат падидаи таърихӣ ва динамикӣ буда, вобаста ба талаботи ҷомеа ва рушди низоми сиёсӣ такмил меёбанд.

Барои ҷамъбаст бояд гуфт, ки мавҷудияти нуқтаҳои назар ва равишҳои мухталиф дар мавриди баррасӣ ва муайян кардани функсияҳои давлат, бо назардошти мураккабӣ ва гуногунии масъалаи баррасишаванда комилан табиӣ ва фаҳмо аст. Вале аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ, дар оянда на ба таҳлили афкору, ақидаҳои гуногун, балки ба нишон додан ва ба назар гирифтани нишона ва хусусиятҳои умумии функсияҳои худи давлат таваҷҷуҳ кардан дурусттар ва қобили қабул мебошад.

ТДУ 343.14

СУБЪЕКТОНИ ИСБОТ ВА ТАСНИФБАНДИИ ОНҲО ДАР НАЗАРИЯ ВА ҚОНУНГУЗОРИИ МУРОФИАВӢ-ҶИНОЯТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

СУБЪЕКТЫ ДОКАЗЫВАНИЯ И ИХ КЛАССИФИКАЦИЯ В ТЕОРИИ И УГОЛОВНО-ПРОЦЕССУАЛЬНОМ ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВЕ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

АБДУЛЛОЕВА МАДИНА КАМОЛОВНА
Дотсенти кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент / Доцент кафедры судебного права и прокурорского надзора юридического факультета Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики, кандидат юридических наук, доцент
E-mail: abdullaeva.m.k@mail.ru

Масоили субъектони исбот яке аз масъалаҳои марказӣ ва бунёдии назария ва амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ ба шумор меравад. Аз ин рӯ, дар доираи ин зербоб масъалаҳои мубрами субъектони исбот, бахусус субъектоне, ки исботкунӣ барои онҳо уҳдадорӣ маҳсуб меёбад, мавриди пажуҳиш қарор дода мешавад. Лозим ба зикр аст, ки субъектони исбот бо моҳияти мурофиаи ҷиноятӣ алоқамандии ногусастанӣ доранд, зеро фаъолияти субъектҳои исботкунӣ асоси мурофиаи ҷиноятиро ташкил дода, тамоми фаъолияти мурофиаи ҷиноятиро ҷиҳати тафтиш, баррасӣ ва ҳаллу фасли парвандаҳои ҷиноятӣ ба вуҷуд меоранд.

Зикр намудан бамаврид аст, ки Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – КМҶ ҶТ) амалкунанда як қатор навгониҳоро дар падидаҳои фаъолияти мурофиавии исбот, аз ҷумла, дар бахши субъектони он ба миён гузошт. Чунончи, пайдо шудани иштирокчии нави мурофиаи ҷиноятӣ дар симои айбдоркунандаи хусусӣ, васеъ гардидани салоҳияти ҳимоятгар дар раванди исботкунӣ, хусусан ҳангоми ҷамъоварӣ ва пешниҳод намудани далелҳо, афзун гаштани меъёрҳои диспозитивӣ, ки аз баробарҳуқуқии тарафҳо (айбдоркунандаи давлатӣ ва ҳимоятгар) дарак медиҳад ва ғ. Дар ин замина, ба ақидаи мо, дар баробари қабул гардидани КМҶ нав аз 3-юми декабри соли 2009, омӯзиши масъалаи мазкур аз ҷониби олимони ватанӣ тақозои замон дониста мешавад.

Агар ба адабиёти ҳуқуқӣ дар хусуси мафҳуми «иштирокчӣ» ва «субъект» муроҷиат намоем, маълум мегардад, ки субъект нисбат ба иштирокчӣ мафҳуми васеътару паҳновар арзёбӣ мегардад. Яъне, субъект - шахсест, ки лоақал ҳуқуқ ё уҳдадории мурофиавиро доро буда, бо дигар субъектони мурофиаи ҷиноятӣ бо ташаббуси худ ё бо талаби қонун дар муносибати мурофиавӣ-ҷиноятӣ қарор дорад. Иштирокчӣ – субъекте мебошад, ки ҳуқуқ ё уҳдадориии худро дар раванди мурофиаи ҷиноятӣ амалӣ менамояд[1]. Бояд тазаккур дод, ки КМҶ-и амалкунандаи ҶТ ибораи «субъектони исботкуниро» пешбинӣ накарда, танҳо ишора ба боби 2 КМҶ ҶТ.

Ба назари мо, мавқеи қонунгузориро дар ин маврид дарк кардан мумкин аст, чунки аз рӯйи нишонаҳо ва функсияҳои анҷомдиҳандаи ҳар як иштирокчии мурофиаи ҷиноятӣ

[1] Рыжаков, А.П. Уголовный процесс: учебник для вузов. – 3-е изд. исп. и доп. / А.П. Рыжаков. – М.: Изд-во Норма, 2004. – С. 54.

субъектони исботкунӣ муайян карда мешаванд. Дар ҳошияи суханони зикршуда, м. 20 КМҶ ҶТ манзур намудан бамаврид аст. Бинобар дар м. 20 КМҶ ҶТ мурофиаи судии ҷиноятӣ ба тарзи мубоҳиса ва дар асоси баробарии тарафҳо сурат мегирад. Суд мақомоти таъқиби ҷиноятӣ нест ва тарафи айбдоркунанда ё ҳимояро ҷонибдорӣ намекунад. Суд барои амалӣ намудани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои мурофиавии тарафҳо шароит муҳайё мекунад. Тарафи айбдоркунанда ва ҳимоя дар мурофиаи судии ҷиноятӣ баробарҳуқуқанд ва барои ҳимояи мавқеи худ имкониятҳои баробар доранд.

Аз моддаи мазкури КМҶ ҶТ чунин хулоса намудан мумкин аст, ки вазифаҳои субъектони марказии мурофиаи судии ҷиноятӣ мушаххас тақсим шудаанд. Ба ибораи дигар, суд – ҳамчун субъекти бетараф, адолати судиро ба амал мебарорад, прокурор (айбдоркунандаи давлатӣ) функсияи айбдоркунӣ ва ниҳоят ҳимоятгар бошад, функсияи ҳимояро ба амал мебароранд.

Зимнан бояд қайд намуд, ки бархе аз олимон иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятиро аз нигоҳи КМҶ ФР ва нақши онҳо дар раванди исботкунӣ ба маънои васеъ муайян намудаанд. Чунончи, Кузнетсов Н.П. шартан ҳамаи иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятиро ба 5 гуруҳ тақсим намудааст:

1) мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдоре, ки оид ба парвандаи ҷиноятӣ ва пешбурди он ваколатдор шудаанд: суд, судя, прокурор, муфаттиш, сардори шуъбаи тафтишот, мақомоти таҳқиқ ва шахсе, ки таҳқиқро ба амал мебарорад;

2) иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ, ки шахсан ба натиҷаи парванда манфиатдор мебошанд: айбдоршаванда, гумонбаршуда, ҷабрдида, даъвогари гражданӣ, ҷавобгари гражданӣ;

3) шахсоне, ки манфиатҳои дигар субъектҳоро намояндагӣ мекунанд: ҳимоятгарони гумонбаршуда ва айбдоршаванда, намояндагони ҷабрдида, даъвогари гражданӣ ва ҷавобгари гражданӣ;

4) намояндагони ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва коллективҳои меҳнатӣ: айбдоркунандаҳои ҷамъиятӣ ва ҳимоятгарони ҷамъиятӣ;

5) шахсоне, ки ба мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдор дар татбиқи пешбурди судӣ ёрӣ мерасонанд: шоҳидон, коршиносон, мутахассисон, холисон, тарҷумонҳо ва ғ.[1].

Иштирокчиёни манзурнамудаи мавсуф дар маҷмуъ қобили қабул аст, аммо, чанд ҷузъиётҳои он барои КМҶ ҶТ бегона аст. Зеро, дар қонунгузории мурофиавии ҷиноятии ҶТ иштирокчиёни мурофиа дар симои айбдоркунандаҳои ҷамъиятӣ ва ҳимоятгарони ҷамъиятӣ вуҷуд надоранд.

Субъектони боқимонда, ки дорои ҳуқуқ ва уҳдадориҳои мурофиавӣ мебошанд, фаъолияти ёрирасон ё лаҳзавӣ доранд ва ҳамчунин, манфиати мурофиавии худро пешбарӣ карда наметавонанд. Маҳз аз рӯйи ҳамин нишона ин қабил субъектонро мавсуф ба гуруҳи субъектоне, ки фаъолияти мурофиавии исботкуниро анҷом медиҳанд, ворид намекунад. Дар заминаи аломатҳои болозикр Петрухин И.Л. субъектони исботкуниро чунин муайян намудааст: аз як тараф, мақомоти тафтишоти пешакӣ, прокурор ва суд, аз тарафи дигар, айбдоршаванда, ҷабрдида, даъвогари гражданӣ, ҷавобгари гражданӣ, ҳимоятгар, намояндагони ҷабрдида, даъвогари гражданӣ ва намояндаи ҷавобгари гражданӣ. Субъектони дигар бошанд, ба фаъолияти исботкунӣ сафарбар карда мешаванду вале, субъектони исботкунӣ маҳсуб намеёбанд[2]. Бархе аз олимони ватанӣ низ ба ҳамин рӯйкард роҷеъ ба субъектони исботкунӣ фикру андешаҳои худро иброз намудаанд[3].

Ба ақидаи олими ватанӣ Абдуллоев П.С., субъектони исботкуниро ба ду гурӯҳ ҷудо намудан мумкин аст:

1. Мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдор, ки вазифаи ҷамъ овардан, санҷидан ва баҳодиҳии далелҳоро доро мебошанд;
2. Шахсоне, ки ҳуқуқи иштирок дар исботи ҳолатҳои муайянро доранд.

Олими зикрёфта, ба гурӯҳи аввал суд, судя, прокурор, муфаттиш ва таҳқиқбарандаро ворид менамояд, ки ваколатҳои мурофиавиро ҷиҳати ҷамъ овардан, санҷидан ва баҳодиҳии

[1] Кузнецов, Н.П. Доказывание и его особенности на стадиях уголовного процесса России: дис. ...д-ра юрид. Наук: 12.00.09 / Н.П. Кузнецов. – М.: Воронеж, 1998. – С. 190.
[2] Теория доказательств в советском уголовном процессе / Отв. ред. Н.В. Жогин. – М., 1973. – С. 495.
[3] Мурофиаи ҷиноятӣ: китоби дарсӣ / Муҳаррири масъул Р.Р. Юлдошев. – Душанбе: «ЭР-граф», 2018. – С. 162.

далелҳо дороанд. Ба гурӯҳи дуюм, айбдоршаванда, намояндаи қонунии ӯ ва ҳимоятгарро шомил менамояд[1].

Яке аз муҳаққиқони шинохтаи замони муосир Левченко О.В. бар он андеша аст, ки барои дақиқ кардани субъектони исботкунӣ, онҳо бояд таснифбандӣ карда шаванд. Номбурда субъектони исботкуниро ба ду гурӯҳ чудо менамояд: ба маънои васеъ ба ҳайси субъекти исботкунӣ ҳамаи иштирокчиёни мурофиа баромад мекунад, ки қонунгузор онҳоро ба тарафи айбдоркунӣ ё ба тарафи ҳимоя мансуб донистааст[2]. Онҳо дар раванди фаъолияти мурофиаи ҷиноятӣ бо якдигар дар муносибатҳои гуногуни ҳуқуқӣ қарор дошта, уҳдадории исботкуниро ба зимма доранд. Ҳамчунин, нуқтаи назари дигар ҷой дорад, ки тибқи он субъектони исботкуниро ба маънои маҳдуд мефаҳманд. Ин гурӯҳ танҳо он субъектонеро фаро мегирад, ки мувофиқи қонун ваколатдоранд, ҳолатҳои вобаста ба парвандаи ҷиноятӣ, ки бояд исбот карда шаванд, муайян кунанд. Ҳамчунин ҷиҳати муқаррар кардани ҳақиқат вобаста ба парвандаи ҷиноятӣ манфиати ҳуқуқӣ доранд. Ба ҳайси ин гуна субъектон дохил мешаванд: суд, прокурор, муфаттиш, таҳқиқбаранда, айбдоркунандаи хусусӣ[3].

Ҳамин тариқ, номбурда, хусусияти функсияҳои субъектони мурофиавиро ба назари эътибор гирифта, субъектони исботкуниро чунин муайян намудааст: суд, прокурор, муфаттиш, шахси анҷомдиҳандаи таҳқиқ (таҳқиқбаранда), гумонбаршуда, айбдоршаванда, ҳимоятгар, ҷабрдида, даъвогари гражданӣ, ҷавобгари гражданӣ, намояндагони онҳо, аз ҷумла намояндагони қонунӣ, айбдоркунандаҳо ва ҳимоятгарони ҷамъиятӣ.

Ба ақидаи мо, мавқеи муҳаққиқи мазкур чандон қобили қабул нест. Зеро, иштирокчиёни зикрёфта, дар раванди исботкунӣ иштирок менамоянд, аммо ин маънои онро надорад, ки онҳо далелҳоро ҷамъоварӣ, тафтиш ва баҳодиҳӣ менамоянд.

Яъне, дар шакли умумӣ, субъектҳои исботкуниро шахсони иштироккунандаи ин раванд номидан мумкин аст. Аммо, чунин мафҳум оид ба нақши онҳо дар муқаррар кардани ҳақиқат, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои онҳо дар ҷодаи кор бо далелҳо норавшан аст.

Бешубҳа, бо дарназардошти мавҷуд будани ақидаҳои афзун дар адабиёти ҳуқуқӣ рӯйкардҳои мухталифи муайян намудани субъектони исботкунӣ аз ҷониби олимон манзур шудааст. Дар ҳар сурат, ақидаҳои ҷолиб ва диққатҷалбкунанда кам нестанд. Чунончи, Белкин А.Р. масъалаи субъектони исбокуниро мавриди омӯзиши амиқ қарор дода, изҳор медорад, ки ба субъектони исботкунӣ бояд муфаттиш, прокурор, таҳқиқбаранда ва сардори шуъбаи тафтишот, инчунин суд дохил карда шаванд. Қобили зикр аст, ки олими зикршуда зимни омӯзиши ин масъала судро ба субъектони исботкунӣ ворид намудааст. Аммо, бо мурури замон бо дарназардошти такмил ёфтани принсипи мубоҳисавӣ ва баробарии тарафҳо ва коҳиш ёфтани нақши суд дар муқаррар намудани ҳақиқат мавсуф фикру ақидаи худро дар хусуси субъектони исботкунӣ тағйир дода, судро ба субъекти исботкунӣ дохил намекунад.

Ҳамин тариқ, Белкин А.Р. дар асоси мавқеи дигари худ субъектони исботкуниро ба 2 гурӯҳ ҷудо менамояд: 1) шахсоне, ки исботкунӣ барои онҳо уҳдадорӣ аст (ё худ мувофиқи қонун ваколатдор ҳастанд); 2) шахсоне, ки исботкунӣ барои онҳо на уҳдадорӣ, балки ҳуқуқ аст.

Ба гурӯҳи якум, прокурор, муфаттиш, сардори воҳиди тафтишот ва таҳқиқбаранда; ба гурӯҳи дуюм, гумонбаршуда, айбдоршаванда, ҷабрдида, даъвогари гражданӣ, ҷавобгари гражданӣ ва намояндагони онҳо, ҳимоятгар, намояндагони муассиса ва ташкилотҳои вобаста ба корҳои ноболиғон.

Тавре ки мушоҳида мегардад, гурӯҳи якуми субъектони исбокуниро мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдори давлатӣ ташкил медиҳанд, ки салоҳияти оғоз кардани парвандаи ҷиноятӣ ва анҷом додани таъқиботи ҷиноятиро ба роҳ мемонанд. Чун қоида, ба гурӯҳи дуюм субъектоне дохил мешаванд, ки ба натиҷаи парвандаи ҷиноятӣ манфиатдор ҳастанд: гумонбаршуда, айбдоршаванда, ҷабрдида, даъвогари гражданӣ, ҷавобгари гражданӣ ва намояндагони онҳо. Субъектони зикршуда, мувофиқи КМҶ ҳуқуқ доранд, ки

[1] Абдуллоев, П.С. Далелҳо ва исбот дар мурофиаи ҷиноятӣ: воситаи таълимӣ / П.С. Абдуллоев. – Душанбе: «ЭР-граф», 2019. – С. 129.
[2] Левченко, О.В. Система средств доказывания по уголовным делам. – Астрахань, 2003. – С. 85.

ҳуҷҷатҳои хаттӣ ва дигар предметҳоро ҳамчун далел ҷамъоварӣ ва пешниҳод намоянд[1].

Дар баробари ҷолиб будани ақидаи Белкин А.Р. дар хусуси субъектони исботкунӣ, ба андешаи мо, ҷанбаи баҳсноки он баръало ба мушоҳида мерасад.

Ҳамин тавр, субъектони исботкунӣ иштирокчиёне маҳсуб меёбанд, ки дар фаъолияти онҳо яке аз унсурҳои исботкунӣ (ҷамъ овардан, тафтиш ва баҳо додани далелҳо) инъикос мегардад. Ҳамчунин, ба андешаи мо, эродҳои бархе аз олимон дар хусуси субъектони исботкунӣ қобили қабул аст. Чунончи, тафовут гузоштан миёни субъектони исботкунӣ ва субъектони дорои уҳдадории исботкунӣ. Ба назари мо, тафриқа гузоштан миёни субъекти исботкунӣ ва субъектони ба мақсад мувофиқ аст ва дар ин хусус Авилов А.В. бамаврид қайд менамояд, ки субъектони исботкунӣ вобаста ба парвандаҳои ҷиноятӣ иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятие мебошанд, ки ба натиҷаи парванда манфиатдоранд. Ба чунин субъектон мавсуф гумонбаршуда, айбдоршаванда, инчунин ҷабрдида, даъвогари гражданӣ, ҷавобгари гражданӣ ва намояндагони онҳоро шомил менамояд, ки вобаста ба парвандаи ҷиноятӣ ҳуқуқи ҷамъ овардан, пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои хаттӣ ва ашёҳоро ҳамчун далел доро мебошанд.

Ҳамин тавр, субъектони исботкунӣ иштирокчиёне маҳсуб меёбанд, ки дар фаъолияти онҳо яке аз унсурҳои исботкунӣ (ҷамъ овардан, тафтиш ва баҳо додани далелҳо) инъикос мегардад. Ҳамчунин, ба андешаи мо, эродҳои бархе аз олимон дар хусуси субъектони исботкунӣ қобили қабул аст. Тафовут гузоштан миёни субъектони исботкунӣ ва субъектони дорои уҳдадории исботкунӣ. Ба назари мо, тафриқа гузоштан миёни субъекти исботкунӣ ва субъектони ба мақсад мувофиқ аст ва дар ин хусус Авилов А.В. бамаврид қайд менамояд, ки субъектони исботкунӣ вобаста ба парвандаҳои ҷиноятӣ иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятие мебошанд, ки ба натиҷаи парванда манфиатдоранд. Ба чунин субъектон мавсуф гумонбаршуда, айбдоршаванда, инчунин ҷабрдида, даъвогари гражданӣ, ҷавобгари гражданӣ ва намояндагони онҳоро шомил менамояд, ки вобаста ба парвандаи ҷиноятӣ ҳуқуқи ҷамъ овардан, пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои хаттӣ ва ашёҳоро ҳамчун далел доро мебошанд.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ ҳамчунин ақидаҳое ҷой доранд, ки коршинос (эксперт) ва корманди оперативиро ҳамчун субъекти исботкунии мурофиавии ҷиноятӣ қабул менамоянд. Ба қавли Белкин А.Р., амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ дарвоқеъ масъалаи эътирофи коршинос (эксперт) ва корманди оперативиро ҳамчун субъекти исботкунӣ ба миён гузоштааст. Муҳаққиқи номбурда ҳамчунин изҳор менамояд, ки коршинос на танҳо далелҳоро дар рафти тафтиши пешакӣ ва судӣ меомӯзад, балки баъзан маҷбур мешавад, ки онҳоро ҷамъоварӣ кунад.

Суд ҳамчун субъекти уҳдадории исботкунӣ. Судя – ин суханронии қонун аст, чунин тавсиф додааст, файласуфи Юнони Қадим Ситсерон. Дар ҳақиқат суд, ҳамчун иштирокчии марказии мурофиаи ҷиноятӣ дар ҷараёни исботкунӣ нақши бориз дорад.

Аммо, тавре ки дар боло иброз намуда будем, тамоюли тағйир ёфтани нақш ва салоҳияти мурофиавии суд дар ҳуқуқи исботкунӣ баръало ба назар мерасад. Ин ҳам бошад, дар асоси вусъат ёфтани принсипи мубоҳисавӣ ва баробарии тарафҳо, ҳамчунин ворид шудани баъзе меъёрҳои нав ба Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ сурат гирифта истодааст. Бешубҳа, ин тамоюл аллакай дар назарияи мурофиаи ҷиноятӣ оқибатҳои гуногуни ҳуқуқиро ба миён овардааст ва «кор» ҳатто то ба ҷое расидааст, ки масъалаи субъекти дорои уҳдадории исботкунӣ будан ё набудани суд зери шубҳа қарор гирифтааст.

Ба андешаи мо, аз як тараф, бо дарназардошти такмил ёфтани принсипи мубоҳисавӣ ва баробарии тарафҳо мақоми суд дар раванди исбот кардани ҳолатҳои барои парванда аҳаммиятдошта, муқаррар кардани ҳақиқат коҳиш ёфтааст. Аз тарафи дигар, КМҶ ҶТ то кунун судро чун субъекти уҳдадории исботкунӣ эътироф менамояд ва ин муқаррарот дар м. 86 КМҶ ҶТ ғайримустақим (яъне, бевосита ишора накардааст) пешбинӣ шудааст. Гузашта аз ин, судя ҳуқуқ надорад бо ташаббуси худ баҳри исбот кардани гунаҳгории судшаванда дар содир намудани ҷиноят тадбирҳо андешад[2].

---

[1] Авилов, А.В. Субъекты обязанности доказывания в уголовном судопроизводстве: дис. ...юрид. наук: 12.00.09 / А.В. Авилов. – Краснодар, 2011. – С. 29.

[2] Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тақрибаи аз ҷониби судҳо татбиқ намудани қонунгузорие, ки баргардонидани парвандаи ҷиноятиро барои тафтиши иловагӣ ба танзим медароранд» аз 23-юми декабри с. 2011.

Мутобиқи м.м. 86-88 КМҶ ҶТ, суд ҳуқуқ дорад, ки далелҳоро ҷамъоварӣ, тафтиш ва баҳодиҳӣ намояд. Ё ин ки, тибқи м. 323 КМҶ ҶТ суд, судя зарурати азназаргузаронии ягон бино ё маҳалро эътироф намуда, онро бо иштироки тарафҳо аз назар мегузаронанд. Суханони зикршуда, далолати онанд, ки суд дар муқаррар намудани ҳақиқат ва исбот гардидани ҳолатҳои барои парвандаи ҷиноятӣ аҳаммиятдошта нақши муассир доштааст

Ҳамин тавр, мавқеи мо дар он зоҳир мегардад, ки суд ҳамчун субъекти дорои уҳдадории исботкунӣ дар раванди исботкунӣ набояд фаъолу ташаббускор ба роҳ монда шавад. Зеро рисолати асосии суд дар ҳаллу фасли парванда ҷиноятӣ ва баровардани ҳукми қонунӣ, асоснок ва адолатнок ифода мегардад.

Вазъи ҳуқуқии прокурор дар раванди исботкунӣ нисбати дигар субъектони уҳдадории исботкунӣ дар тули солҳои охир бетағйир боқӣ мондааст, хусусан дар қонунгузории мурофиавии ҶТ. Бо мақсади дақиқ муайян кардани ваколатҳои прокурор дар раванди исботкунӣ ва қонунгузории амалкунанда бояд вазъи ҳуқуқии прокурор дар заминаи таърихӣ омухта шавад.

Ваколатҳои прокурор ҳамчун субъекти уҳдадории исботкунӣ тамоми ваколатҳои муфаттиш ва таҳқиқбарандаро оид ба ҷамъоварии далелҳо дар бар мегирифт. Илова бар ин, дар марҳилаи тафтишоти пешакӣ прокурор метавонист ба таври гайримустақим дар ҷараёни исботкунӣ иштирок карда, оид ба ҷамъоварии далелҳо дастурҳои дахлдор диҳад. Алҳол, низ ин тартиби мурофиавӣ ва ваколати прокурор дар ин самт аз байн нарафтааст.

Ба назари мо, дар заминаи таҳлили амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ, ҳамчунин омӯзиши ҳамаҷонибаи муқарраротҳои ҷудогонаи КМҶ ҶТ дар ҷараёни исботкунӣ имкониятҳои прокурор, муфаттиш ва таҳқиқбаранда ва тарафи ҳимоя ба ҳеҷ ваҷҳ баробар нестанд. Яъне, аз мавқеи КМҶ ҶТ маълум мегардад, ки салоҳияти мақомоти таъқиботи ҷиноятӣ нисбат ба тарафи ҳимоя афзалият дорад. Аз ҳамин лиҳоз, нақши онҳо дар муқаррар намудани ҳақиқат вобаста ба парвандаи ҷиноятӣ бағоят калон арзёбӣ мешавад. Чунончӣ, мақомоти таҳқиқ, таҳқиқбаранда, муфаттиш ва прокурор вазифадоранд дар бораи ҳама гуна ҷинояти тайёршаванда, содиршаванда ва содиршуда аризаю иттилоотро қабул ва баррасӣ намоянд (қ.1 м.145 КМҶ ҶТ). Моддаи мазкур, ифодакунандаи он аст, ки танҳо субъектони ишорагардида ариза ё иттиллот дар бораи ҷиноятро ба қайд мегиранд.

Лозим ба зикр аст, ки дар назарияи мурофиаи ҷиноятӣ, дар хусуси оне ки прокурор, муфаттиш ва таҳқиқбаранда субъекти уҳдадории исботкунӣ ҷойи шаку шубҳа нест, зеро ақидаи олимону муҳаққиқон дар робита ба ин масъала ягона ва умумиэътирофшуда арзёбӣ мешавад. Бинобар ин, м. 86, 87 ва 88 КМҶ ҶТ онҳоро салоҳиятдор намудааст, ки далелҳоро ҷамъоварӣ, тафтиш ва баҳодиҳӣ намоянд. Ин ҳам бошад, тавассути ба роҳ мондани амалҳои тафтишӣ ва мурофиавӣ, муқоиса намудани онҳо бо дигар далелҳои мавҷуда, ҳамчунин манбаъҳои ба даст ова Вазъи ҳуқуқии муфаттишро м. 39 КМҶ ҶТ муайян намудааст.

Муфаттиш ҳамчун субъекти уҳдадории исботкунӣ шахсе мебошад, ки қонунан дар мансаби муфаттиши прокуратура, мақомоти корҳои дохилӣ, амнияти миллӣ, мубориза бо коррупсия, назорати маводи нашъаовар кору фаъолият менамояд. Ба ин ё он мақомот мансуб будани муфаттишон ваколатҳои онҳоро ба хеҷ ваҷҳ коҳиш намедиҳад, баръакс ҷиҳати сари вақт ва пурра тафтиш намудани парвандаҳои ҷиноятӣ мусоидат менамояд[1].

Ҳамин тариқ, дар заминаи суханони болозикр ба чунин хулоса омадан мумкин аст:

1. Фаъолияти субъектҳои исботкунӣ асоси мурофиаи ҷиноятиро ташкил медиҳанд ва тамоми фаъолияти мурофиаи ҷиноятиро ҷиҳати тафтиш ва ҳаллу фасли парвандаҳои ҷиноятӣ ба вуҷуд меоранд.
2. Дар сатҳи назарияи мурофиаи ҷиноятӣ ва қонунгузорӣ байни мафҳумҳои субъекти исботкунӣ ва субъектони дорои уҳдадории исботкунӣ фарқият бояд гузошта шавад.

[1] Арипов, А.Л. Деятелность следователя по собиранию и проверке доказательств на предварительном следствии: по законодательству Республики Таджикистан: дис. … канд. юрид. Наук: 12.00.09 / А.А. Арипов. – Москва, 2011. – С. 57.

ТДУ 316.485.6:004.7

БАЪЗЕ ҶАНБАҲОИ ИСТИФОДАИ ЗЕҲНИ СУНЪӢ ДАР МУҚОВИМАТ БА ЭКСТРЕМИЗМ БАЙНИ ҶАВОНОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН*

НЕКОТОРЫЕ АСПЕКТЫ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ИСКУССТВЕННОГО ИНТЕЛЛЕКТА В ПРОТИВОДЕЙСТВИИ ЭКСТРЕМИЗМУ СРЕДИ МОЛОДЕЖИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

АБДУЛЛОЗОДА НЕЪМАТУЛЛО РАҲМАТУЛЛО
Сардори кафедраи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯии факултети № 4-уми Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, полковники милитсия / Начальник кафедры оперативно-розыскной деятельности факультета № 4 Академии МВД Республики Таджикистан, кандидат юридических наук, полковник милиции
E-mail: abdullozoda.nematullo.77@mail.ru

Экстремизм падидаи номатлубе мебошад, ки барои амнияти миллӣ ва давлатии ҳар як кишвар ва тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ аз ҷумла Тоҷикистон хатар эҷод мекунад. Бояд зикр кард, ки фаъолияти ҳизбу ҳаракатҳои экстремистӣ, ки дар саросари дунё паҳн гаштааст ҷомеаҳоро ноором ва умедро ба фардои осоишта коста мегардонад[1].

Дар ҳақиқат ҳам, яке аз ҷиноятҳое, ки ба асосҳои сохти конститутсионӣ ва амнияти давлат хавфи ҷиддӣ ба миён меоварад, ин ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта мебошад. Тамоми давлатҳои дунё кӯшиш мекунанд, ки роҳи нави мубориза бар зидди ин зуҳуроти номатлуби ҷомеаро ҳарчи зудтар пайдо намуда, онро решакан намоянд. Ин ҷараёни хатарнок метавонад ба несту нобуд кардани халқиятҳо, миллатҳо ва давлатҳо оварда расонад[2].

Раванди рақамисозии босуръат ва воридшавии технологияҳои иттилоотӣ ба тамоми соҳаҳои ҳаёт, аз як тараф, имкониятҳои нави рушдро фароҳам оварад, аз тарафи дигар, майдони наверо барои паҳншавии идеологияҳои ифротӣ ва ҷалбкунии ҷавононро эҷод кардааст.

Рушди тараққиёти илмию техникӣ, ки ҷомеаи муосирро ҳамроҳӣ мекунад, яке аз сабабҳои рушди ҷиноятқорӣ гардид, ки ҳоло на танҳо дар соҳаи ҳаёти воқеӣ, балки ба истилоҳ фазои киберӣ низ паҳн шудааст. Дар баробари ин ҷиноятҳое, ки бо истифода аз соҳаи телекоммуникатсия ва иттилооти компютерӣ содир мешаванд, на танҳо барои шаҳрвандон ва ташкилотҳои алоҳида, балки барои амнияти миллии ҳар як давлат дар маҷмуъ дараҷаи баланди хатар доранд.[3]

Ташкилотҳои экстремистӣ шабакаҳои иҷтимоӣ ва мессенҷерҳоро ҳамчун воситаи асосии таблиғот ва ҳамоҳангсозии фаъолиятҳои харобкор истифода мебаранд, ки ин аз мақомоти ҳифзи ҳуқуқ истифодаи усулҳои наву муосир, бахусус зеҳни сунъиро тақозо мекунад. Зеҳни сунъӣ (минбаъд - ЗС) ҳамчун маҷмуи қарорҳои технологӣ, ки вазифаҳои маърифатии инсонро тақлид мекунанд, имрӯз дар пешгуӣ, ошкорсозӣ ва пешгирии ҷиноятҳои экстремистӣ нақши калидӣ мебозад.

Ташаккули заминаи ҳуқуқӣ ва стратегӣ барои истифодаи зеҳни сунъӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қабули «Стратегияи рушди зеҳни сунъӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи

---

* Мақола дар доираи татбиқи мавзуи илмӣ-таҳқиқотии «Хусусиятҳои пешгирӣ ва воситаҳои мубориза бо зуҳуроти ифротгароӣ ва тундгароӣ дар муҳити ҷавонони Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2023-2027)», ки аз ҳисоби буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағгузорӣ мешавад, омода шудааст. Рақами бақайдгирии давлатӣ: 0121TJ1290.

[1] Абдуллозода, Н.Р. Баъзе ҷанбаҳои муқовимат ба экстремизм аз тарафи воҳидҳои оперативии мақомоти корҳои дохилӣ / Н.Р. Абдуллозода// Маҷмуаи маводди IV-умин конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Илми ҳуқуқшиносӣ ва амалияи он» бахшида ба Рӯзи илми тоҷик (ш. Душанбе, 18-уми апрели с. 2025) // Зери таҳрири П.А. Насуриён. – Душанбе: Матбааи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2025. – С. 78.

[2] Абдуллозода, Н.Р. Экстремизми динӣ ҳамчун таҳдид ба амнияти миллии Тоҷикистон /Н.Р. Абдуллозода // Маҷмуаи маводи III-юмин конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Илми ҳуқуқшиносӣ ва амалияи он» бахшида ба Рӯзи илми тоҷик ва эълон гардидани «Соли маърифати ҳуқуқӣ» (ш. Душанбе, 19 апрели с. 2024) // Зери таҳрири П.А. Насуриён. – Душанбе: Матбааи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2024. – С. 66-69.

[3] Ибрагимзода, Ҷ.И., Абдуллозода, Н.Р. Телекоммуникатсия ва киберфазо ҳамчун воситаи ҷиноятҳои экстремистӣ ва террористӣ / Ҷ.И. Ибрагимзода, Н.Р. Абдуллозода // Маҷмуаи маводди IV-умин конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Илми ҳуқуқшиносӣ ва амалияи он» бахшида ба Рӯзи илми тоҷик (ш. Душанбе, 18-уми апрели с. 2025) // Зери таҳрири П.А. Насуриён. – Душанбе: Матбааи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2025. – С. 354.

то соли 2040» оғоз гардид, ки он аз ҷониби Ҳукумати кишвар дар моҳи сентябри соли 2022 тасдиқ шудааст[1]. Ин ҳуҷҷат самтҳои афзалиятноки ҷорӣ намудани технологияҳои интеллектуалӣ, аз ҷумла, дар соҳаи амнияти миллиро муайян мекунад. Дар баробари ин, Стратегияи пешгирии экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040 низ истифодаи имкониятҳои техникиро барои пешгирии ифротгароӣ байни ҷавонон таъкид менамояд[2]. Бо вуҷуди ин, дар қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Тоҷикистон мафҳуми «зеҳни сунъӣ» ё «далелҳои электронӣ» ба таври муфассал инъикос наёфтааст, ки ин дар амалияи тафтишотӣ ва судӣ холигии ҳуқуқиро ба вуҷуд меорад.

Муқоисаи таҷрибаи байналмилалӣ нишон медиҳад, ки давлатҳои пешрафта аллакай ба марҳалаи ворид намудани ЗС ба низоми адолати судӣ қадам гузоштаанд. Масалан, дар Федератсияи Россия аз соли 2022 меъёрҳои муайяне (м. 474.1 КМҶ РФ) ҷорӣ шудаанд, ки истифодаи ҳуҷҷатҳои электрониро дар мурофиаи ҷиноятӣ иҷозат медиҳанд ва ин заминаро барои истифодаи алгоритмҳои интеллектуалӣ дар раванди исбот фароҳам меорад.[3] Барои Тоҷикистон низ такмили қонунгузорӣ, аз ҷумла муайян кардани мақоми ҳуқуқии ЗС ҳамчун воситаи ёрирасони муфаттиш ва судя, вазифаи аввалиндараҷа мебошад.

Мавриди қайд аст, ки дар мурофиаи ҷиноятӣ масъалаи «масъулияти ҳуқуқӣ» барои қарорҳои ЗС яке аз мавзуъҳои баҳсноктарин мебошад. Агар ЗС хато кунад, кӣ ҷавобгар хоҳад буд: барномасоз, истифодабаранда ё давлат?. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид мешавад, ки ЗС бояд танҳо ҳамчун воситаи ёрирасон баррасӣ шавад ва нақши муайянкунанда бояд ҳамеша дар дасти инсон (муфаттиш ё судя) боқӣ монад, то принсипҳои адолат вайрон нашаванд.

Барои пешгирии ин хатарҳо, дар Тоҷикистон зарур аст, ки ҳамзамон бо ҷорӣ намудани ЗС, меъёрҳои этикӣ ва шаффофияти алгоритмҳо таъмин карда шаванд. Шаҳрвандон бояд ҳуқуқ дошта бошанд, ки қарорҳои дар асоси ЗС қабулшударо мавриди баҳси судӣ қарор диҳанд.

Дар шароити Тоҷикистон, ворид намудани ЗС на танҳо бо масъалаҳои техникӣ, балки бо омилҳои иҷтимоию иқтисодӣ низ алоқаманд аст. Мушкилоти иқтисодии баъди ҷанги шаҳрвандӣ, бекорӣ ва сатҳи пасти маърифати диниву дунявӣ ҷавононро дар назди таблиғоти ифротӣ осебпазир сохтаанд.

Аз ин рӯ, ЗС бояд ҳамчун воситае истифода шавад, ки на танҳо барои ошкор намудани ҷиноятҳо дар фазои маҷозӣ, балки сабабҳои пайдоиши онро дар муҳити ҷавонон таҳлил намуда, ба мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ ва дигар сохторҳои давлатӣ дар самти корҳои пешгирӣ кумак расонад.

Яке аз самтҳои калидии истифодаи ЗС дар муқовимат ба экстремизм ин мониторинги шабакаҳои иҷтимоӣ мебошад. Ба воситаи ЗС алгоритмҳои омӯзишро бо тавре ба роҳ мондан зарур аст, ки онҳо ҳангоми таҳлили матнҳо, аксҳо ва видеоҳо тавонанд нишонаҳои экстремизмро, аз қабили даъват ба хушунат, таҳқири миллӣ ё динӣ ва рамзҳои ташкилотҳои мамнуъро муайян кунанд.

Ширкатҳои бузурги технологӣ, аз қабили Meta ва TikTok, аллакай низомҳои ЗС-ро барои нест кардани муҳтавои хатарнок ҷорӣ кардаанд. Масалан, технологияи «Few-Shot Learning» ба система имкон медиҳад, ки бо истифода аз миқдори ками маълумот намудҳои нави муҳтавои экстремистиро зуд шиносад ва ба онҳо вокуниш нишон диҳад. Дар Иттиҳоди Аврупо барои таҳияи низоми RED-Alert, ки ЗС-ро барои ошкор кардани терроризми онлайн истифода мебарад, миллионҳо евро сармоягузорӣ шудааст[4]. Барои Тоҷикистон, мутобиқ кардани чунин низомҳо ба забони тоҷикӣ ва хусусиятҳои фарҳангии маҳаллӣ аҳаммияти ҳаётӣ дорад.

Ҷавонон ва ноболиғон аз сабаби набудани мавқеи устувори зиндагӣ ва зудтағйирёбанда будани ҳолати равонӣ, осебпазиртарин табақаи ҷомеа дар назди идеологияҳои ифротӣ

---

[1] Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Стратегияи рушди зеҳни сунъӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040» аз 30-юми сентябри с. 2022, № 483 // [Манбаи электронӣ] – Реҷаи воридшавӣ: https://mmih.tj/SEARCH/DocumentView? DocumentId=143399# (санаи мурочиат: 26.02.2026).

[2] Стратегияи пешгирии экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040 аз 26-уми февраои с. 2026, № 73 // [Манбаи электронӣ] – Реҷаи воридшавӣ: https://mmih.adlia.tj/SEARCH/DocumentView?DocumentId=171872 (санаи воридшавӣ: 14.03.2026).

[3] Уголовно-процессуальный кодекс Российской Федерации от 18 декабря 2001 г., № 174-ФЗ (ред. от 08.03.2026) // [Захираи электронӣ] – Манбаи дастрасӣ: https: //www.consultant.ru/document/cons_doc_LAW_34481/ef9354ffd3244cfc7ad8dab6b2a7bc2032740f39/ (санаи воридшавӣ: 14.03.2026).

[4] Асхат Ахмедияр. Применение ИИ в борьбе с экстремизмом и терроризмом // [Захираи электронӣ] – Манбаи дастрасӣ: https://elorda-din.kz/ru/news/stati/377(санаи воридшавӣ: 16.03.2026).

мебошанд. ЗС имкон медиҳад, ки «симои равонӣ»-и ҷавононро дар асоси фаъолияти онҳо дар шабакаҳои иҷтимоӣ созад. Тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ки аксарияти ҷиноятҳои экстремистӣ аз ҷониби шахсони аз 14 то 26-сола содир мешаванд. Дар ин ҷода ЗС дар асоси маълумотҳои шабакаҳои иҷтимоӣ метавонад ҷавонони осебпазиррорро муайян кунад, ки майли шомилшавӣ ба гуруҳҳои экстремистӣ доранд, ки роҳбарони гурӯҳҳои экстремистӣ аз онҳо истифода мебаранд.

Дар Федератсияи Россия лоиҳаҳои махсуси ЗС барои ташхиси равонии шахсият дар асоси маълумоти шабакаҳои иҷтимоӣ таҳия шуда истодаанд. Масалан, низоми «Вепрь»[1] барои пешгӯӣ ва таҳлили паҳншавии маводи экстремистӣ ва низоми «Окулус»[2] барои ошкор кардани муҳтавои ифротӣ дар акс ва видеоҳо истифода мешаванд. Барои Тоҷикистон низ ворид намудани чунин воситаҳои ташхиси шабакаҳои иҷтимоӣ тақозои замон мебошад.

ЗС инчунин метавонад дар пешгӯии эътирозҳо ва бетартибиҳои оммавӣ, ки аз ҷониби гурӯҳҳои экстремистӣ ташкил мешаванд, истифода гардад. Бо таҳлили «маълумоти бузург» (Big Data) ва рафтори корбарон дар минтақаҳои мушаххас, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ метавонанд дар бораи таҳдидҳои эҳтимолӣ пешакӣ маълумот гиранд ва чораҳои пешгирикунанда андешанд.

Нақши ЗС дар ошкор ва тафтиши ҷиноятҳои экстремистӣ, ки бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ содир шудаанд, бениҳоят муҳим аст. Дар фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ имкониятҳои ЗС барои муайянсозии шахсият, ҷустуҷӯи файлҳои махфии компютерӣ ва муайян кардани манбаи аслии иттилоот дар шабакаҳои телекоммуникатсионӣ истифода мешавад. Истифодаи ЗС дар доираи «криминалистикаи компютерӣ» имкон медиҳад, ки изҳои электронии ҷиноят зудтар пайдо ва сабт карда шаванд.

Ғайр аз ин, ЗС метавонад дар раванди тафтиши парвандаҳои ҷиноятӣ вазифаҳои зеринро иҷро кунад:

– таҳияи фарзияҳои тафтишотӣ ва пешниҳоди тарзи санҷиши онҳо;

– тарҳрезии ҳодисаи ҷиноят ва муайян кардани алоқамандии ҷинояти содиршуда бо ҷиноятҳои силсилавӣ;

– ошкор кардани нишондодҳои дурӯғ ва мухолифатҳо дар баёноти шахсони пурсишшаванда;

– муайянкунии рамзҳои махфии ҷиноятқорон.

Махсусан, дар соҳаи муқовимат ба экстремизм, ЗС барои таҳлили фаъолияти гурӯҳҳои муташаккил ва муайян кардани каналҳои ғайриқонунии маблағгузории онҳо (аз ҷумла, тавассути криптовалюта) истифода бурда шавад. Ин ба мақомоти тафтишоти кумак мекунад, ки на танҳо иҷрокунандагон, балки роҳбарони гуруҳои экстремистиро, ки аксаран дар хориҷи кишвар қарор доранд, ошкор намоянд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи «Шаҳри бехатар» ҳамчун яке аз қадамҳои аввалин дар истифодаи ЗС барои амният шинохта мешавад. Ин лоиҳа камераҳои назоратиро бо функсияи шинохти чеҳра истифода мебарад, ки қодиранд симои шахсро бо маҳзанҳои шахсони дар ҷустуҷӯ қарордошта муқоиса кунанд. Чунин технологияҳо самаранокии ошкор кардани ҷиноятҳоро то 70% зиёд мекунанд.

Ҳамин тариқ, хулоса баровардан мумкин аст, ки истифодаи зеҳни сунъӣ дар муқовимат ба экстремизм байни ҷавонони Тоҷикистон амри ногузир ва талаботи замон мебошад. Таҳлили гузаронидашуда нишон медиҳад, ки ЗС имкониятҳои беназирро барои мониторинги фазои маҷозӣ, пешгӯии таҳдидҳо ва таҳлили равонии ҷавонон фароҳам меорад. Бо вуҷуди ин, барои ба даст овардани натиҷаҳои устувор ва таъмини амнияти воқеӣ, андешидани чораҳои зерин мувофиқи мақсад аст:

Якум, такмили заминаи меъёрии ҳуқуқӣ тавассути ворид намудани мафҳумҳои ЗС ва далелҳои электронӣ ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ин имкон медиҳад, ки натиҷаҳои таҳлили ЗС дар суд ҳамчун далели қонунӣ эътироф карда шаванд.

Дуюм, зарур аст, ки технологияҳои ЗС ба забони тоҷикӣ ва хусусиятҳои лаҳҷавии он мутобиқ карда шаванд, то самаранокии мониторинги шабакаҳои иҷтимоии дохилӣ афзоиш ёбад. Инчунин, ҷорӣ намудани системаҳои ташхиси равонии автоматӣ дар муассисаҳои

[1] Роскомнадзор: информационная система «Вепрь» позволяет выявлять интернет-угрозы всего за несколько минут // [Захираи электронӣ] – Манбаи дастрасӣ: https: //www.cableman.ru/content/roskomnadzor-informatsionnaya-sistema-vepr-pozvolyaet-vyyavlyat-internet-ugrozy-vsego-za (санаи воридшавӣ: 16.03.2026).

[2] Российский «Окулус». Как устроена система анализа запрещённого контента // [Захираи электронӣ] – Манбаи дастрасӣ: https://dzen.ru/a/Y-pEWnlPW2Pp-7lX (санаи воридшавӣ: 16.03.2026).

таълимӣ барои муайян кардани «гурӯҳҳои хатар» байни ҷавонон ва ноболиғон метавонад пеши роҳи радикализатсияи онҳоро сари вақт гирад.

Сеюм, таҳкими ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи кибермудофиа ва мубодилаи таҷриба оид ба алгоритмҳои мубориза бо «фейкҳо» ва таъсиси марказҳои махсуси таҳлилӣ бо истифода аз ЗС дар назди ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки метавонад фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва тафтишотиро ба сатҳи комилан нав барорад.

Дар ниҳоят, бояд дар хотир дошт, ки зеҳни сунъӣ танҳо як восита аст. Нақши асосӣ дар тарбияи ватандӯстии ҷавонон ва ҳифзи онҳо аз идеологияи бегона ба дӯши инсон - омӯзгор, волидайн ва кормандони мақомоти давлатӣ боқӣ мемонад. ЗС бояд танҳо барои кумак ба ин раванд ва таъмини суботу осоиштагии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шавад.

ТДУ 316.356.2

МУСТАҲКАМ НАМУДАНИ МУНОСИБАТҲОИ ОИЛАВӢ Ё ЧӢ ГУНА ЭҲСОСОТ ВА НИЁЗҲОИ ХУДРО БЕ МАЛОМАТ БАЁН КУНЕМ*

УКРЕПЛЕНИЕ СЕМЕЙНЫХ ОТНОШЕНИЙ, ИЛИ КАК ВЫРАЖАТЬ СВОИ ЧУВСТВА И ПОТРЕБНОСТИ БЕЗ ОБВИНЕНИЙ

АБДУРАШИДЗОДА АЗИЗ АБДУМАНСУР
Котиби Шурои олимони Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети № 2-юми Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, полковники милитсия / Секретарь Ученого совета Академии МВД Республики Таджикистан, доцент кафедры уголовного права, криминологии и психологии факультета № 2 Академии МВД Республики Таджикистан, кандидат юридических наук, доцент, полковник милиции
E-mail: abdurahsidow@mail.ru

Низоъҳо ва нофаҳмиҳо аксар вақт аз тарзи баён кардани фикрҳои мо бармеоянд. Ба ҷойи айбдоркунӣ ва танқид, моро зарур аст «Ман – изҳорот»-ро истифода барем - роҳи расонидани ҳиссиет ва ниезҳо, то шахси дигар шуморо бидуни вокуниши дифоъӣ бишнавад. Биеёд бубинем, ки он чӣ гуна кор мекунад.

Яке аз муаллифоне, ки мавзуи «ман изҳорот» ва нақши онро дар муошарати созанда муфассал баррасӣ кардааст, Гиппенрейтер Ю.Б. мебошад[1].

«Ман - изҳорот» гуфта, як шакли иртиботест, ки дар он шахс дар бораи эҳсосот ва ниезҳои худ дар шахси аввал бе айбдор кардани шахси дигар сӯҳбат мекунад. Дар муқоиса бо «Ту изҳорот» (масалан, «Ту ҳамеша суханони маро мебури!), он ба таҷрибаҳои шахсӣ тамаркуз мекунад: «Вақте ки шумо суханони маро қатъ мекунед, ман худро ношунаво ҳис мекунам».

Чаро ин муҳим аст:

– Эҳтимолияти муноқишаро коҳиш медиҳад: ҳамсӯҳбати мо ҳамларо ҳис намекунад.

– Ба таври созанда ифода намудани эҳсосотро кӯмак мекунад.

– Эътимодро мустаҳкам мекунад: мо бо таасуроти худро изҳор мекунем, на ба хатогиҳои дигар ишора мекунем.

– Ба ҷустуҷӯи созиш мусоидат мекунад.

Сохтори «Ман-изҳорот»: 5 қадам бо мисолҳо

1) **Далелҳо** - вазъиятро бидуни арзёбӣ ва умумӣ тавсиф мекунем.

Дуруст: «Вақте ки имрӯз соати 18: 00 шумо ба ваъдаи занг задан занг назадед…»

Нодуруст: «Шумо боз маро фаромӯш кардед!»

---

* Мақола дар доираи татбиқи мавзӯи илмӣ-тадқиқотии «Такмили фаъолияти маъмурию ҳуқуқӣ ва ҳуқуқии ҷиноятии мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила (2023-2027)», ки аз ҳисоби буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағгузорӣ мешавад, таҳия шудааст. Рақами бақайдгирӣ: 0121TJ1291.

[1] Гиппенрейтер, Ю.Б. У нас разные характеры... Как быть? - М.: АСТ, 2012.- 256 с.; Гиппенрейтер, Ю.Б. Чудеса активного слушания. - М.: АСТ, 2013. - 192 с.; Гиппенрейтер, Ю.Б. Поведение ребёнка в руках родителей. - М.: АСТ, 2013. - 128 с.; Гиппенрейтер, Ю.Б. Чувства и конфликты. - М.: АСТ, 2013. - 160 с.

2) **Эҳсосот** - эҳсосеро, ки аз ин вазъ ба вуҷуд омадааст, изҳор мекунем.
Дуруст: «... ман изтироб ҳис кардам.»
Нодуруст: «... шумо бемасъулиятона рафтор кардед.»
3) **Фикрҳо/сабаб** - мефаҳмонед, ки чаро мо чунин муносибат кардем.
Дуруст: «Зеро ман хавотир будам: ногаҳон чизе рӯй дод?»
Нодуруст: «Шумо ҳеҷ гоҳ дар бораи дигарон фикр намекунед!»
4) **Дархост ё хоҳиш** — ба таври возеҳ баен кунед, ки дар оянда чӣ мехоҳед.
Дуруст: «Агар шумо ҳангоми таъхир огоҳ мекардед, ман ором мешудам».
Нодуруст: «Дафъаи оянда бодиққат бошед!»
5) **Ният** - изҳори ҳамкорӣ е омодагӣ ба муколамаро пешниҳод кунед.
Дуруст: «Биеед маслиҳат мекунем: агар шумо дер кунед, паемаки кӯтоҳ менависед?».
Нодуруст: «Вагарна ман дигар ба ту бовар намекунам!».
Намунаҳои «Ман изҳорот» дар ҳолатҳои гуногун
Вазъияти 1. Дар фаъолияти касби ҳамкори мо як қисмати лоиҳаи умумиро иҷро накард.
«Ту – изҳорот»: «Ту мӯҳлатро барбод додӣ! Аз барои шумо моро ҷарима мекунанд!».
«Ман – изҳорот»: «Вақте ки супроиш саривақт иҷро нашуд, ман худро нороҳат ҳис кардам, зеро мо бояд ба муштарӣ ҳисобот диҳем. Биеед муҳокима кунем, ки чӣ халал расонд ва супоришҳоро тавре тақсим кунем, ки дафъаи оянда сари вақт ба анҷом расонем».
Вазъияти 2. Ҳамсари мо вақти зиедро бо дӯстон мегузаронад.
Ту-изҳорот: «Дӯстонат барои ту аз ман дида муҳимтар мебошанд!»
Ман-изҳорот: «Дар ҳафтаҳои охир ман худро танҳо ҳис мекунам, вақте ки шумо зуд-зуд меравед. Барои ман муҳим аст, ки бо шумо вақти бештар сарф кунам. Оё метавонем мо дар ҳафта як шомро барои якдигар ҷудо кунем?»
Вазъияти 3. Кӯдак бозичаҳоро ҷамъу гир намекунад.
Ту-изҳорот: «Чанд маротиба такрор кардам? Ту чалфас ҳасти!»
Ман-изҳорот: «Вақте ки бозичаҳо пароканда ҳастанд, ман рӯҳафтода мешавам, зеро пас шумо метавонед пешпоӣ хӯред. Ҳоло ба ман кӯмак кунед, ки онҳоро ҷамъу гир кунам ва фардо мо фикр мекунем, ки чӣ гуна онҳоро қулайтар нигоҳ дорем».
Вазъияти 4. Дӯст ба воҳӯрӣ дер омад.
Ту-изҳорот: «Ту ҳамеша дер меоӣ! Ман як соатро барои ту аз даст додам!»
Ман-изҳорот: «Имрӯз ман 40 дақиқа интизор шудам ва асабонӣ шудам. Дафъаи дигар, ҳангоми дер кардан огоҳ кунед, то ки ман тавонам корҳоро дақиқтар ба нақша гирам».
Хатогиҳои маъмулӣ ва чӣ гуна пешгирӣ кардани онҳо
1. **«Ман-изҳорот», ки ба айбдоркунӣ пинҳон карда шудааст:**
Хато: «Ман фикр мекунам, ки шумо худпараст ҳастед, зеро ба ман кӯмак накардед».
Чӣ тавр ислоҳ кардан мумкин аст: «Вақте ки ман кӯмак нагирифтам, хафа шудам. Барои ман муҳим аст, ки бидонам, ки шумо омодаед дар ҳолатҳои душвор дастгирӣ кунед».
2. **Умумигардонӣ («ҳамеша», «ҳеҷ гоҳ»):**
Хато: «Шумо ҳеҷ гоҳ ба ман гӯш намедиҳед!»
Чӣ тавр ислоҳ кардан мумкин аст: «Ҳоло, вақте ки ман дар бораи мушкилот сӯҳбат мекардам, ман ҳис мекардам, ки шумо парешон ҳастед. Ба ман диққати шумо муҳим аст - ое шумо метавонед то охир гӯш кунед?»
3. **Таҷовузи ғайрифаъол:**
Хато: «Ман албатта хафа нестам, аммо …»
Чӣ тавр ислоҳ кардан мумкин аст: «Вақте ки фикру андешаҳои ман бидуни муҳокима рад карда мешаванд, ман рӯҳафтода мешавам. Биеед онҳоро якҷоя муҳокима кунем».
4. **Набудани дархост:**
Хато: «Ман хафа шудам, ки шумо ин корро кардед».
Чӣ тавр ислоҳ кардан мумкин аст: «Ман хафа шудам. Биеед маслиҳат кунем, ки чӣ гуна дар оянда аз ин пешгирӣ кардан мумкин аст?».
5. **Вақти номувофиқ:**
Хато: Оғоз намудани сӯҳбат вақте, ки шумо е ҳамсуҳбати шумо хашмгин ҳастед.
Чӣ тавр ислоҳ кардан мумкин аст: «Ман ҳоло хеле ғамгинам, то ки оромона сухан гӯям. Биеед инро каме дертар муҳокима кунем?».
Маслиҳатҳо оид ба истифодаи «Ман изҳорот»

Пешакӣ машқ кунед. Иборараро бо овози баланд гӯед е онро нависед, то айбдоркуниҳоро бартараф кунед.

Оҳанги муоширатро назорат кунед. Ҳатто суханони дурусте, ки ба хашм гуфта шудаанд, радкуниро ба вуҷуд меоранд.

Мушаххас бошед. Ба ҷои «Ман худро бад ҳис мекунам» бигӯед «Ман худро ғамгин / ноумед ҳис мекунам».

Ҷавоброи гӯш кунед. Мақсад - муколама аст, на монолог. Пурсед: «Шумо дар ин бора чӣ фикр доред?».

Позитивро истифода баред. «Ман шодам, ки шумо дирӯз ба ман кӯмак кардед - ин хеле маро дастгирӣ кард!» - муносибатҳоро мустаҳкам мекунад.

Истифодаи мунтазами «Ман-изҳорот» ба мо чунин афзалиятҳоро медиҳад, аз ҷумла:

– кам кардани шумораи низоъҳо;
– ҳамдигарфаҳмии амиқтар дар оила, дар кор, бо дӯстон;
– қобилияти дарккунӣ ва изҳор кардани эҳсосоти худ;
– афзоиши эътимод ба худ: шумо ҳадду ҳудудро бидуни изҳори таҷовуз ҳимоя мекунед;
– муносибатҳои солим, ки дар он ҳарду тараф шунида мешаванд.

Техникаи мазкур ҳалли фаврии мушкилотро кафолат намедиҳад, аммо барои муошират созанда замина фароҳам меорад. Аз хурд оғоз кунед, дар як рӯз як «Ту»-ро ба «Ман» иваз кунед - ва шумо фарқиятро хоҳад дид.

ТДУ 316.356.2

ҚАБУЛИ МАСЪУЛИЯТ ҲАМЧУН ОМИЛИ КОМЁБӢ ДАР МУНОСИБАТҲОИ ОИЛАВӢ*

ПРИНЯТИЕ ОТВЕТСТВЕННОСТИ КАК ФАКТОР УСПЕХА В СЕМЕЙНЫХ ОТНОШЕНИЯХ

АБДУРАШИДЗОДА АЗИЗ АБДУМАНСУР
Котиби Шурои олимони Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети № 2-юми Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, полковники милитсия / Секретарь Ученого совета Академии МВД Республики Таджикистан, доцент кафедры уголовного права, криминологии и психологии факультета № 2 Академии МВД Республики Таджикистан, кандидат юридических наук, доцент, полковник милиции
E-mail: abdurahsidow@mail.ru

АРИПОВ АНВАР ЛУТФИЛЛОЕВИЧ
Садори кафедраи амнияти иттилоотӣ ва технологияҳои рақамии факултети № 5-уми Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, полковники милитсия / Начальник кафедры информационной безопасности и цифровых технологий факультета № 5 Академии МВД Республики Таджикистан, кандидат юридических наук, полковник милиции
E-mail: anvar.aripov@mail.ru

Ҷудаъсиси оила як марҳилаи муҳим ва ҳаяҷоновар дар ҳаёти ҳар як инсон мебошад. Аммо, солҳои аввали ҳаёти оилавӣ аксар вақт ҷуфтҳои ҷавон ба мушкилотҳо дучор меоянд. Муноқишаҳо дар оилаҳои ҷавон як падидаи табиӣ мебошанд, аммо нодида гирифтани онҳо дар оянда метавонад ба бӯҳрони муносибатҳо оварда расонад. Аҳамияти таҳқиқи моҳият, сабабҳо, шаклҳои зуҳуроти низоъҳои оилавӣ, инчунин усулҳои ҳалли онҳо ва пешгирии онҳо дар ҷомеаи муосир хеле афзудааст. Ин ба афзоиши шумораи талоқҳо, алахусус дар байни оилаҳои ҷавон вобастагӣ дорад. Доир ба ин мавзӯъ таҳқиқотҳои зиёд гузаронида шуданд, аз ҷумла: Смалко О.В. дар бораи ҷузъҳои

* Мақола дар доираи татбиқи мавзӯи илмӣ-тадқиқотии «Такмили фаъолияти маъмурию ҳуқуқӣ ва ҳуқуқии ҷиноятии мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила (2023-2027)», ки аз ҳисоби буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағгузорӣ мешавад, таҳия шудааст. Рақами бақайдгирӣ: 0121TJ1291.

сохтории волидайн тавсиф кардааст[1]; Панов А.А. дар бораи ҷанбаҳои гуногуни коммуникатсионӣ дар муносибатҳои институти анъанавии оила ва ҷомеаи муосир таҳлил кардааст[2]; Коробкина С.А. дар бораи аҳаммияти тарбияи оилавӣ хусусиятҳои кор бо оилаҳои номусоид барои ҳамоҳангсозии муносибатҳо дар оила таҳлил гузаронидааст[3]; Ростовтсева Л.И. ва Шербакова В.П. дар бораи муносибатҳои муосири ҷавонон ва наслҳои калонсол дар оила дар асоси тадқиқоти сотсиологии «Мутобиқсозии иҷтимоии наслҳо ба тағирёбии рақамӣ дар Россия» дар соли 2023 таҳлилҳо гузаронидаанд[4]; Зиангирова С.Ф. дар бораи ҳолати равонии ҳамсарон ҳамчун омили ҳамоҳангсозии муносибатҳо дар марҳилаҳои гуногуни рушди оила таҳлил гузаронидааст[5].

Оила як ҷомеаи хурдест, ки аз зану шавҳар, волидон ва фарзандон иборат аст. Оила асоси ҷомеъа ва миллат мебошад. Таваҷҷуҳи давлат ба солимии оила ва муносибатҳо дар он яке аз афзалиятнок буда, масъалаҳо вобаста ба осоиштагӣ дар оила дар маркази диққати давлат низ қарор дорад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон борҳо дар бораи оила, нақши занону модарон дар таҳкими он ва аҳаммияти тарбияи насли наврас изҳори назар кардааст. Аз ҷумла, дар паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Президент қайд намуд, ки «Мо ин сиёсатро минбаъд низ идома дода, занонро ҳамчун нури оила, қувваи созандаи ҷомеа, ҳимоятгар ва идомаи анъанаҳои миллӣ дастгирӣ хоҳем кард ва сафи онҳоро дар сафи мақомоти давлатӣ пур хоҳем кард»[6].

Дар табрикоти Рӯзи модар (8 марти соли 2026) Эмомалӣ Раҳмон таъкид карданд: “Зан – модар дар ташаккули шахсияти фарзанд, пойдории оила, оромиву суботи ҷомеа ва пешрафти давлат нақши беназир ва бебаҳо дорад. Зеро рушди ҷомеа бо заҳмати шабонарӯзӣ, сабру таҳаммул ва муҳаббати самимии модарон ба таълиму тарбияи наслҳои солиму созанда таъмин мегардад”[7].

Дар ҳамон мурочиатнома Президент қайд кардаанд, ки “Пешгирӣ аз хурофоту таассуб ва ифротгароиву бегонапарастӣ, пеш аз ҳама, аз муҳити оила оғоз мешавад ва дар навбати аввал маҳз модар метавонад дар зеҳну шуури фарзанд ҳисси ватандӯстӣ, худшиносӣ ва эҳтиром ба арзишҳои миллиро тарбия ва ташаккул диҳад. Мо бояд хуб дарк намоем, ки тарбияи дурусти фарзандон кафолати саодатмандии ҳар як хонадон, суботи ҷомеа ва амнияти давлат мебошад. Агар имрӯз модар фарзанди худро ба роҳи омӯхтани илму дониш, азхудкунии касбу ҳунар ва заҳматдӯстиву созандагӣ ҳидоят намояд, фардо ҷомеа ва давлат аз мушкилоту бадбахтиҳо эмин мемонад. Бузургон гуфтаанд, ки тарбияи фарзанд ҳанӯз аз батни модар оғоз мешавад ва бо меҳру муҳаббати модар ташаккул ва рушд меёбад”[8].

Дар соли 2024, дар Паёми табрикотӣ ба муносибати Рӯзи модар, Президент изҳор дошт: «Мо – мардон, ки зодаву парваридаи модар ҳастем, вазифадорем, ки эҳтироми Зан – Модарро нафақат дар рӯзҳои ҷашн, балки ҳар лаҳзаву ҳар соат, ҳамеша ва тамоми умр ба ҷо оварем, ба онҳо ғамхориву меҳрубонӣ ва хизмат кунем ва кӯшиш намоем, ки ба ризоият ва дуои неки онҳо сазовор шавем». Инчунин, Пешвои муаззами миллат таъкид карданд, ки “…сарфи назар аз пастиву баландиҳои зиндагӣ босабру таҳаммул бошем, ба хушунату зӯроварӣ дар оила роҳ

---

[1] Смалько, О.В. Родительское отношение и родительская ответственность как основные составляющие родительства / О.В. Смалько // Карельский научный журнал. - 2015. - № 1 (10). - С. 70-73.

[2] Панов, А.А. Коммуникативные аспекты взаимоотношений традиционного института семьи и современного общества / А.А. Панов //Образование, наука, семья - основы развития России. Сборник статей по итогам Седьмого Профессорского форума в 2 томах. – М., 2025. - С. 189-195.

[3] Коробкина, С.А. Работа педагога-психолога по оказанию помощи в гармонизации взаимоотношений в неблагополучной семье / С.А. Коробкина // Психолого-педагогические аспекты взаимодействия субъектов воспитания в профилактике деструктивных проявлений у детей и подростков. Материалы XI Всероссийской научно-практической конференции. - Волгоград, 2025. - С. 126-129.

[4] Ростовцева, Л.И., Щербакова, В.П. Взаимоотношения поколений в семье: конфликт или контакт? / Л.И. Ростовцева, В.П. Щербакова // Философия хозяйства. - 2024. - № 3 (153). - С. 195-210.

[5] Зиангирова, С.Ф. Психические состояния супругов как фактор гармонизации взаимоотношений на разных этапах развития семьи / С.Ф. Зиангирова // Образование и саморазвитие. - 2009. - № 2 (12). - С. 227-232.

[6] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ. 16-уми декабри с. 2025 // [Манбаи Электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: https://president.tj/event/missives/54181 (санаи мурочиат: 20.04.2026).

[7] Паёми шодбошӣ ба муносибати Рӯзи модар. 07-уми марти с. 2026 // [Манбаи Электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: https://president.tj/event/speeches/54875 (снаи мурочиат: 20.04.2026).

[8] Ҳамон ҷо.

надиҳем, барои фарзандони худ ва махсусан духтарон шароити илму донишомӯзӣ ва азхудкунии касбу ҳунарро муҳайё созем, то онҳо дар зиндагии ояндаи хеш азоб накашанд”[1].

Ин гуфтаҳо таваҷҷуҳи сарвари давлатро ба масъалаҳои оила, нақши занону модарон ва тарбияи насли наврас ҳамчун асоси субот ва рушди ҷомеа инъикос мекунанд.

Агар оила ором ва хушбахт бошад, ҷомеъа устувор ва қавӣ хоҳад буд. Оила аввалин мактабест, ки ба қадр кардани урфу одатҳои созанда ва ахлоки мардумӣ, ки ба арзишҳои инсонӣ такя мекунад, таълим медиҳад. Дар оила кӯдакон дарсҳои аввалини худро дар бораи масъулият дар назди ҷомеъа ва халқ мегиранд. Минбаъда чунин рафтор ҳамчун одат ва намуна дар ӯ аз хурдсолӣ ҷой гирифта, ҳангоми таълим дар зинаҳои болоӣ, кор ва умуман фаъолияти ҳарруза, тарбияи фарзандони худ инъикос меёбад. Рафтори калонсолонро дида, кӯдакон мехоҳанд дар ҳама чиз ба онҳо намуна шаванд, кирдор ва амалҳои онҳоро тақлид мекунанд. Аз ин лиҳоз, ин омил калонсолон ва волидонро водор месозад, ки хислатҳои хуби инсониро дар ҳаёти худ зинда намоянд.

Чигунае ки маълум аст, асоси оила – зану шавҳар мебошанд. Бояд дар хотир дошт, ки ҳар як оила дар муносибати рузгор дучори мушкилот мегардад. Инчунин бояд эътироф намуд, ки сабаби он мушкилиҳо худи аъзоёни оила ҳастанд, на омилҳои беруна. Бе тағйир додани муносибати худ, наметавон дар муносибатҳо тағйироти куллӣ ноил гардем. Барои ин лозим аст, ки ҳар як аъзои оила “шӯҳратпарастии” худро ҳеҷ гоҳ дар мадди аввал нагузорад. Ин нуқтаи аввалин ба ҳисоб меравад. Дар ин муносибатҳо бояд, ки на манфиатҳои шахсияти алоҳида – зан ё шавҳар, балки манфиати оила ва оромиву осоиштагии муҳитти он, дар мадди аввал гузошта шавад. Дар чунин муҳит ва вазъият имконят фароҳам мешавад, ки инсон худро хушбахт хис кунад. Дар навбати худ, чунин муҳити созандаи оилавӣ ва муносибатҳои хуб ба дигарон низ таъсирбахш буда метавонад.

Албатта, барои расидан ба чунин натиҷа, заҳмати ҳарруза лозим меояд. Дар натиҷаи чунин заҳматҳо имконият фароҳам оварда мешавад, ки муносибат дар оила, аввалан байни волидайн, инчунин дигар аъзоёни он хубу созанда гардад. Тавре дар боло ишора шуда, буда ба ин омил дар мадди аввал гузоштани манфиатҳои оила ва оромиву осоиштагии муҳитти он муҳҳим мебошад. Ин нигоҳ тавассути дарк, қабули масъулият ва аз ҳама муҳҳим – риояи он, аз ҷониби аъзоёни оила метавонад амалӣ карда шавад.

Ҳамин тариқ, яке аз тавсияи муфид барои ёфтани роҳи комёбӣ дар муносибатҳои оилавӣ – қабули масъулият, ба ҳисоб меравад, ки онро ҳамчун муайянкунанда метавонем ишора намоем.

Ҳар як аъзои оила, барои хушбахтии худ шахсан масъул мебошад, яъне худро сабаби тамоми ҳолатҳое, ки дар ҳаёташ рӯй медиҳанд, сабабгор бояд донад. Ин ба он ишора мекунад, ки сабабгори нокомӣ ва бадбахтӣ ба дӯши ҳамсари худ ё дигар аъзои оила намегузорад. Масъулият дар муносибатҳои оилавӣ муайянкунанда буда, дар навбати худ на танҳо паҳлуҳои равонӣ ва эҳсосӣ, балки ҷанбаҳои моддӣ ва ҳам маънавии ҳаёти оилавиро дар бар мегирад. Зеро муносибатҳои оилавӣ дар мазмуни худ хело пур печу-тоб буда, доираи васеъи масъалаҳоро дар бар мегирад. Ҳар яки он дар ҳолатҳо ва даврaҳои ҳаёти муштарак метавонанд муайянкунанда бошанд. Аз ин рӯ дарк ва қабули масъулият дар ҳалли ин масъалаҳо низ муҳҳим мебошад.

Дар навбати худ, ба души худ гирифтани масъулият ва дарки он – набояд ҳамчун ҳама мушкилотро танҳо ҳал кардан ё худро дар ҳама нокомиҳо айбдор кардан, маънидод карда шавад. Дурустар аст, ки масъулият ва дарки он ҳамчун интихоби бошуурона ва созанда барои иштирок дар ҳаёти оила, дар ҷузъиёти зерин ифода гардад:

- дарк намудани нақши худ дар ҳамаи рӯйдодҳои оилавӣ;
- вогузор накардани айб ба души дигарон (ба истилоҳи дигар – ҷустуҷӯ накардани гунаҳгор);
- амал кардан, на интизор шудан, ки касе чизеро ислоҳ мекунад;
- ба инобат гирифтани манфиатҳои ҳамаи аъзоёни оила ҳангоми қабули қарорҳо.

Изҳори мушаххаси масъулият

1. Қабули қарорҳо ва оқибатҳои онҳо. Қабули қарори муҳим, тавассути таҳлили имкониятҳои мавҷуда ва натиҷаҳои дар назар буда. Дар ин ҳолат хатогӣ дар он зоҳир мегардад,

[1] Паёми шодбошӣ ба муносибати Рӯзи модар. 07-уми марти с. 2024 // [Манбаи Электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: https://president.tj/event/speeches/37079 (санаи мурочиат: 20.04.2026).

ки касе аз аъзоёни оила хуро канорагирӣ намуда, аз масъулияти эҳтимолӣ худро дур намояд. Аз ҷумла, чунин масъалаҳои муҳими оилавӣ инҳо буда метавонанд:

– муҳокимаи буҷети оила ва риояи нақшаи гузошташуда;

– интихоби мактаб барои фарзанд ва кӯмак барои мутобиқ шудани ӯ дар муҳити нав;

- масъалаи интихоб макони зист ва масъалаҳои вобаста ба он.

2. Таъминоти молиявӣ. Дар ин масъала мансубияти қабули қарори муҳим ва ниҳоӣ ба шахси таъмингари оила, номутобиқ ба дарк ва қабули масъулият дида мешавад. Зеро он нобаробариро баръало ба вуҷуд меорад. Дар ин ҳолат афзалияти қабули қарор ба таъмингари оила мегузарад, ки он мазмунан ба инобат гирифтани манфиатҳои аъзоёни дигари оиларо мадди назар мекунад. Бар ивази ин:

– муайян кардани даромад ва ҳароҷотҳо;

– банақшагирии муштараки ҳароҷотҳо назаррас (хариди хона, нақлиёт);

– таъсиси пасандози эҳтиётии оилавӣ;

– дастгирӣ ҳангоми сар задани мушкилиҳои молиявӣ.

3. Фазои равонии оила. Таъсир расонидан ба муҳити руҳӣ - равонии оила, дуруст аст, ки чунин сурат гирад:

– таваҷҷӯҳ кардан ба ҳолати руҳии ҳар як аъзои оила новобаста аз синну сол (аз ҷумла фарзандони хурдсол);

– дарк ва қабули хатогиҳо худ, аз ҷумла аз ҷониби калонсолон;

– муҳокимаи созанда ва ислоҳи камбудиҳои роҳдода;

Чунин муносибат, ки дар муҳокима кардани хатогиҳо – воқеъи ё эҳтимолӣ, байни аъзоён ба роҳ монда мешавад, имконияти ҷамъ кардан ва нигоҳ доштани кинаву адоват ва хафагиҳоро истисно мекунад. Иловатан он барои фарзандон роҳҳои дуруст ва созандаи муносибатро дар оянда меомузонад. Ин намунаи рафтор дар оянда метавонад, на танҳо дар оила, балки дар дигар муҳит – мактаб, донишгоҳ, коллективи корӣ, дар муносибат бо роҳбарон (аз ҷумла, зердастон) ва ҳамкасбон татбиқ карда шавад.

4. Масъалаҳои рӯзгор. Вогузор кардани вазифаҳои маишӣ, ихтиёрона ва баробар бе маҷбуркунӣ, бо чунин роҳ:

– тавассути маслиҳат ва бо иштироки ҳамагон;

– иҷрои ҳатмии вазифа ва масъулиятҳои гирифта;

– дар ҳолати изофабории яке аз аъзоёни оила расонидани ёрӣ дар анҷом додани он.

5. Тарбияи фарзанд. Дар ин масъалаи муҳҳим лозим меояд, ки ба пайдарҳамӣ ва ҷалб намудани фарзанд таваҷҷӯҳ карда шавад. Ба мисол:

– муқаррар намудани қоидаҳои возеҳ (ба монанди: «Пас аз мактаб - дарсҳо, танҳо баъдан –истироҳат») ва риояи қатъии онҳо;

– ҷудо кардани вақт барои фарзандон.

6. Дастгирӣ дар мушкилиҳо. Ин ҳолат яке аз муҳҳим ва муайянкунанда дар барпо кардани боварӣ байни аъзоёни оила ва мустаҳкам намудани муносибатҳо ба ҳисоб меравад. Диққати ҷиддӣ додан ба ин самт, ба хусус барои волидайн зарур дида мешавад. Зеро дар ҳолати наёфтани фаҳмиш ва ё дастгирӣ фарзандон чунин шахсонро дар муҳити берун аз оила ҷустуҷӯ мекунанд. Хавфи чунин ҷустуҷӯ барои шахсони хурдсолу наврас дар он мебошад, ки аксаран вақт, чунин ҳолати оҷизиро ашхоси бадқасд пай бурда, онҳоро ба роҳу рафторҳои зиддиҷамъиятӣ ва ҳатто ғайриқонунӣ ҷалб мекунанд:

– баён кардани мушкилоти ба вуҷуд омада (ба хусус пинҳон надоштани он аз ҷониби фарзандон);

– дар якҷоягӣ ба роҳ мондани ҳалли мушкилот;

– изҳори ғамхорӣ оид ба вазъи равонии наздикон.

Бояд дар назар дошт, ки новобаста аз оне, ки ин омил дар баён охирон баррасӣ шудааст, таъсири он дар барпо кардани муносибатҳои боварибахш хело назаррас мебошад. Ба ин хусусияти равонии шахс, яъне хотирмон будани ҳама гуна ёрӣ дар ҳолатҳои ҳассос, новобаста аз андозаи он, таасуроти мусбат ва боварии хосаро ба вуҷуд меорад.

Ҳамин тариқ, тавозуни солим барои масъулияти воқеӣ – кори муштарак буда, дар он ҳар кас барои вазифаҳои худ (молиявӣ, рӯзгор, тарбия) масъул мебошад. Аз ҷумлаи онҳо: муҳокима кардани мушкилиҳо, на пинҳон ё хомӯш накардани онҳо; эътирофи хатогиҳо ва ҷустуҷӯи роҳи ислоҳи онҳо; дастгирии (ёрии) мутақобиларо метавон мисол овард. Ба инҳо дар умум ду омили

асосӣ – дарк ва қабули масъулият аз ҷониби ҳар як аъзои оила дар мадди аввал ва ҳамчун масъалаи марказӣ гузоштани меҳру муҳаббат, муносибатҳои созанда ва оромии оила ба ҳисоб меравад. Ин омилҳо бо мурури замон ва ҳангоми дар амал татбиқ кардан ташккул ва равнақ меёбанд.

ТДУ 343.13

ТАКМИЛ ДОДАНИ ҚОНУНГУЗОРИИ МУРОФИАВИИ ҶИНОЯТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ОИД БА ҚАТЪ НАМУДАНИ ПАРВАНДАИ ҶИНОЯТӢ

СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ УГОЛОВНО-ПРОЦЕССУАЛЬНОГО ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН О ПРЕКРАЩЕНИИ УГОЛОВНЫХ ДЕЛ

АЗИМЗОДА ШУҲРАТ ҶӮРАМУРОД
Сардори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва мурофиавии факултети № 4-уми Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, майори милитсия / Начальник кафедры уголовного права и процесса факультета № 4 Академии МВД Республики Таджикистан, кандидат юридических наук, майор милиции
E-mail: sazimzoda@mail.ru

Бо баробари ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 09-уми сентябри соли 1991 ба марҳилаи нави рушди таърихӣ - бунёди давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, ягона ва иҷтимоӣ шуруъ намуд. Рушди устувори сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоию фарҳангии ҷомеа аз самаранокии сиёсати ҳуқуқии ҷумҳурӣ вобастагии зич дорад.

Дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ, бӯҳрони молиявию иқтисодӣ, авҷ гирифтани зиддиятҳои минтақавӣ, хориҷӣ ва тамаддунӣ, муҳимтарин василаи ҳифзи соҳибихтиёрии давлатӣ, бунёди ҷомеаи шаҳрвандӣ, пойдории волоияти қонун ва ҳимояи манфиатҳои мардуми Тоҷикистон дуруст, муназзам ва бо арзишҳои умумиинсонӣ ва манфиатҳои миллӣ, татбиқи сиёсати ҳуқуқии давлат оид ба қонунгузорӣ бояд нигаронида шуда бошад. Сиёсати мурофиавии ҷиноятии давлат бояд дар ин замина нақши муҳим ва ҳалкунанда дошта бошад. Ба ин монанд доираи масалаи такмили қонунгузори мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида ба масалаи қатъ намудани парвандаи ҷиноятӣ мавриди назар шуда бошад.

Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон доир ба мазмуни такмили қонунгузории кишвар ва воқеан нақши таърихии Конститутсияро, ки сарчашмаи қонунҳо ба ҳисоб меравад дар ташаккул ва рушди давлатдории нави миллии Тоҷикистон дуруст арзёбӣ намуда, дар паёми худ аз 28-уми декабри соли 2023 таъкид карданд, ки амалӣ намудани меъёрҳои Конститутсия ба мо имкон дод, ки пояи устувори ҷомеа ва давлатро созмон диҳем, сулҳу ороми суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллиро таҳким бахшем[1].

Бори дигар қайд гардид, ки бо баробари андешидани рушди қонунгузории кишвар дар Паёми навбатии худ Асосгузори сулҳу ваҳдати милли Пешвои миллат чунин қайд намуданд, ки нақши қонунгузорӣ дар амалӣ гардидани ҳадафҳои стратегии кишвар ва таъмин намудани рушди устувору босуръати он, амнияти ҷомеа ва давлат, таҳкими суботу оромӣ ва ваҳдати миллӣ басо муҳим ба шумор меравад.

Аз ин рӯ, таҳлили ҳамаҷонибаву пайвастаи қонунгузорӣ ва таҳияи пешниҳодҳо ҷиҳати такмили он барои иҷрои ҳадафҳои стратегӣ ва барномаҳои рушди иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангии кишвар зарур мебошад[2]. Бо ҳамин гуфтаҳо ки асоси такмилдиҳи қонунгузории мурофиавӣ бо қонуни асосӣ яъне аз конститутсия сарчашма мегирад мувофиқ гардад.

Қатъ кардани пешбурди парвандаи ҷиноятӣ яке аз шаклҳои анҷоми пешбурди тафтиши парвандаи ҷиноятӣ ба шумор меравад, ки бинобар ошкор ва муқаррар гаштани ҳолатҳои дар қонун пешбинӣ гардида хотима ёфтани фаъолияти тафтишотии муфаттишро доир ба парвандаи

[1] Сомонаи расмии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон // mmk/tj (санаи мурочиат: 03.04.2026 с.).
[2] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28-уми декабри с. 2024 // [Манбаи электронӣ] – Реҷаи воридшавӣ: http://prezident.tj (санаи мурочиат: 15.03.2026).

ҷиноятӣ ифода мекунад. Дар ҷараёни пешбурди парвандаи ҷиноятӣ тамоми ҳолатҳои содир шудани ҷиноят боят исбот шавад, лекин бо чунин натиҷа муфаттиш на ҳама вақт ноил мешавад. Қонун ҳолатҳоеро пешбинӣ мекунад, ки агар онҳо дар вақти тафтишот пешакӣ муқаррар карда шавад новобаста аз мавзӯи исбот ва мӯҳлати барои тафтиши пешакӣ муайян шуда пешбурди он қатъ карда мешавад[1].

Қатъ гаштани пешбурди парвандаи ҷиноятӣ онро ифода мекунад, ки муносибатҳои мурофиавии ҷиноятӣ низ байни иштирокчиёни мурофияи ҷиноятӣ хотима меёбад, ин ба он маъное фаҳмида мешавад,ки минбад ҳуқуқу ӯҳдадориҳои мурофиави онҳо амалӣ намешавад, инчунин ба исботи ҳолатҳои дигари парвандаи ҷиноятӣ эҳтиёҷ наемонад. Доир ба ҳамин айбдорӣ нисбати ҳамин шахс маротибаи дигар таъқиби ҷиноятӣ ба амал бароварда намешавад.

Масъалаҳои тартиби мурофиавии қатъ кардани парвандаи ҷиноятӣ дар мурофияи ҷиноятӣ яке аз масъалаҳои марказии мурофиаи ҷиноятӣ маҳсуб меёбад, ки аз ҷониби олимони ватанӣ ва хориҷӣ каме бошад ҳам, мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор гирифтааст, аммо на ба таври пурра ва ҳаматарафа. доир ба масъалаи тартиби мурофиавии қатъ кардани парвандаи ҷиноятӣ дар мурофияи ҷиноятӣ. корҳои илмӣ татқиқотӣ гузаронидаанд.

Дар адабиёти номбаршуда доир ба масъалаҳои қатъ кардани пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ, оқибатҳои мурофиавии қатъ кардани пешбурди парвандаи ҷиноятӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ ба таври пурра нишон дода нашудаанд, ва ҳаминро бояд зикр намуд, ки амалан бояд ба таври пурра дар самт нишон дода шавад.

Қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқбаранда, муфаттиш, мақомоти прокуратура[2] ва судро вазифадор мекунад, ки ҳама гуна ҷиноятҳо саривақт ва пурра ошкор карда шуда, айби шахсони ҷиноят содиркарда фош карда шавад ва татбиқи дурусти меъёрҳои ҳуқуқӣ таъмин карда шавад, то ки ягон шахси бегуноҳ ба ҷавобгарӣ кашида нашавад, маҳкум нагардад ва ғайриқонунӣ берун аз меъёрҳои амалкунанда парвандаи ҷиноятӣ қатъ карда нашавад, ки ин бар хилофи қонун ба ҳисоб меравад.

Мурофиаи ҷиноятӣ барои таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, пешгирии ҷиноят, эҳтироми қонун, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ба амал баровардани адолати судӣ равона шудааст. Тартиби муқаррарнамудаи Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – КМҶ ҶТ) оид ба қатъ намудани пешбурди парвандаи ҷиноятӣ инсон ва шаҳрвандро аз беасос айбдор ва маҳкум кардан, ғайриқонунӣ маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои ӯ ҳимоя мекунад[3].

Инчунин, дар ин асос қайд кардан бамаврид аст, ки самаранокии фаъолияти тафтишотӣ аз бисёр ҷиҳат аз қобилияти дуруст ва дар ҳаҷми пурра истифода бурда тавонистани донишҳои тахассусӣ ва дар сатҳи баланди касбӣ гузаронидани амалҳои мурофиавӣ шарти асосӣ ва бебаҳси натиҷанокии фаъолияти мурофиавии тафтиши пешакӣ ва судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ ба ҳисоб меравад. Бинобар ин, вазифаи асосии мақомоти таҳқиқ, тафтиши пешакӣ, прокурор ва суд мувофиқи қонун дар рафти мурофиаи ҷиноятӣ ин пурра кушодани ҷинояти содиршуда ва исбот кардани ҳолатҳои содир шудани он мебошад, то ки шахсони ҷиноят содиркарда ба ҷавобгарӣ кашида шаванд ва доир ба мавзуи қатъ намудани парвандаи ҷиноятӣ, ки асосҳо барои қатъ гаштан пешбинӣ гардидааст ва бояд аз тарафи муфаттиш қатъ гардад.

Ин проблемаи хатми тавсифшавандаро талаботи ногузири назария ва амалияи пешбурд ва қатъи парвандаҳои ҷиноятиро ба миён овардааст. Масъалаҳои дар мақола ҷой додашуда, ба масъалаҳои воқеии имрӯзаи қатъи парвандаи ҷиноятӣ бахшида шудаанд, ки ҳоло дар адабиёти ҳуқуқӣ ба таври кофӣ мавриди тадқиқотҳои ҷиддӣ қарор дода нашудаанд.

Аз ин лиҳоз, пешниҳод мешавад, ки ба масъалаҳои асосҳои қатъ кардани парвандаи ҷиноятӣ, тартиби қатъ кардани пешбурди парвандаи ҷиноятӣ, яке аз шаклҳои хотима ёфтани тафтишоти пешакӣ низ ба ҳисоб меравад. Боз барои бо сифат ва осон гардидани кори тафтишотӣ доир ба масъалаҳои мазкур институти алоҳида вобаста ба қатъ гардидани пешбурди парвандаи ҷиноятӣ дар кодекси мурофиавии ҷиноятииҶумҳурии Тоҷикистон пешбини гардад.

[1] Раҳматулоев, А.Э. Мурофиаи ҷиноятӣ: китоби дарсӣ. – Хуҷанд: Хуросон, 2016. – 632 с.

[2] Суханронӣ дар вохурӣ бо кормандони мақомоти прокуратура // [Манбаи электронӣ]: Реҷаи воридшавӣ: www.president.tj/ru/node/17272 (санаи мурочиат: 05.04.2026 с).

[3] Кодекси мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми декабри с. 2009, № 564 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2009, № 12, мод. 815; мод. 816; (Қонуни ҶТ аз 18.03.2022 с., № 1853).

УДК 340.1

ОТРАЖЕНИЕ ТРАДИЦИОННЫХ ДУХОВНО-НРАВСТВЕННЫХ ЦЕННОСТЕЙ В РОССИЙСКОМ ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВЕ КАК НОВАЯ ТЕНДЕНЦИЯ ЕГО РАЗВИТИЯ

ИНЪИКОСИ АРЗИШҲОИ АНЪАНАВИИ МАЪНАВӢ-АХЛОҚӢ ДАР ҚОНУНГУЗОРИИ РОССИЯ ҲАМЧУН ТАМОЮЛИ НАВ ДАР РУШДИ ОН

АЛЕКСЕЕВА ЛИЛИЯ АЛЕКСЕЕВНА
Профессор кафедры государственно-правовых дисциплин Орловского юридического института МВД России им. В.В. Лукьянова, кандидат юридических наук, доцент, полковник полиции / Профессори кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии Донишкадаи ҳуқуқшиносии ВКД Россия дар ш. Орел ба номи В.В. Лукянов, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, полковники политсия
E-mail: Llllilia@mail.ru

Отражение традиционных духовно-нравственных ценностей в российском законодательстве является одной из новых тенденций развития правовой системы страны. Эта тенденция явилась ответом на одну из актуальных проблем современной России - проблему сохранения духовного потенциала. Она многослойна и включает в себя несколько аспектов, таких как культурная, религиозная, моральная и этическая составляющие. В нормативных актах различного уровня все больше уделяется внимания вопросам нравственности, морали и духовной культуры общества, что выражается в принятии ряда нормативных актов, направленных на защиту и укрепление семейных устоев и традиционных ценностей, формирования нравственных ориентиров, патриотизма и гуманистических принципов. «Государству приходится брать на себя роль создателя и проводника идеологии, подстраивая под неё, в том числе и действующие законодательство»[1]. Ряд тенденций находят отражение в стратегических документах планирования[2].

Однако любая новая тенденция в законодательстве требует внимания к используемой терминологии с тем, чтобы принятый акт мог быть реализован в соответствии с теми целями, которые заложил в него законодатель.

Одним из таких новых терминов стал «духовный потенциал» — понятие, которое упоминается в Стратегии национальной безопасности Российской Федерации, утвержденной Указом Президента РФ от 02.07.2021 № 400. В документе обозначен стратегический национальный приоритет — защита традиционных российских духовно-нравственных ценностей, культуры и исторической памяти. Это направление связано с укреплением единства народов России на основе общероссийской гражданской идентичности, сохранении исконных общечеловеческих принципов и общественно значимых ориентиров социального развития. В целях достижения обозначенного национального приоритета был также принят Указ Президента РФ от 9 ноября 2022 г. № 809 «Об утверждении Основ государственной политики по сохранению и укреплению традиционных российских духовно-нравственных ценностей».

Закрепленные Указом № 809 Основы, содержат определение традиционных ценностей, обозначая их как «нравственные ориентиры, формирующие мировоззрение граждан России, передаваемые от поколения к поколению», и относя к ним, в частности «жизнь, достоинство, права и свободы человека, патриотизм, гражданственность, служение Отечеству и ответственность за его судьбу, высокие нравственные идеалы, крепкую семью, созидательный труд, приоритет духовного над материальным, гуманизм, милосердие, справедливость, коллективизм, взаимопомощь и взаимоуважение, историческую память и преемственность поколений, единство народов России». Как справедливо отмечает А.А. Выходов – «это один из немногих документов стратегического планирования, который был

[1] Мадышева, А.А. Идеология и её влияние на актуальные проблемы государственно-правового строительства России: вызовы и перспективы / А.А. Мадышева // Научный вестник Орловского юридического института МВД России имени В.В. Лукьянова. - 2025. - № 1 (102). - С. 30-37.
[2] Алексеева, Л.А. Перспективные функции государства / Л.А. Алексеева // Научный вестник Орловского юридического института МВД России имени В.В. Лукьянова. - 2025. - № 2 (103). - С. 13-20.

принят, среди прочего, в том числе и с целью конкретизации положений действующей Стратегии НБ РФ, то есть учитывает изменяющиеся реалии»[1].

Анализируя обозначенные элементы, составляющие традиционные ценности, становится очевидно, что законодатель к числу собственно традиционных ценностей относит и общечеловеческие. Как представляется, традиционные ценности должны отражать специфику развития конкретного общества, складываться в этом обществе на протяжении длительного исторического развития и находить свое отражение в определенных моделях поведения, литературе, законодательстве.

Вряд ли справедливо относить жизнь, достоинство, права и свободы человека к традиционным ценностям, поскольку они представляют собой ценности общечеловеческие.

Так, большинство этических учений признают право на жизнь одним из основных прав человека. Это отражается в принципах гуманизма, провозглашающих уважение ко всякой человеческой жизни независимо от расы, национальности, пола, возраста, социального статуса и иных характеристик. Признание права на жизнь означает запрет на убийство, пытки, жестокое обращение и защиту достоинства каждой личности. Все это нашло свое отражение первоначально в самых распространенных мировых религиях, а позже получило закрепление в международных актах, таких как, например, Всеобщая декларация прав человека ООН, а также в ряде Основных законах стран Европы. Действительно, каждая жизнь уникальна и неповторима. Вместе с тем, будет несправедливо умолчать о том, что меньше столетия назад, отечественное уголовное законодательство за достаточно большое количество преступлений против государственной власти предусматривало высшую меру наказания, обозначая таким образом значимые приоритеты.

В настоящее время законодательство России содержит положения, в соответствии с которыми, жизнь выступает важнейшей ценностью, объединяющей человечество. Ее сохранение и поддержка являются основой морали, права и социальной справедливости не только в отечественной культуре, но и во всем цивилизованном современном сообществе.

Признание ценности человеческого достоинства также восходит еще к древним цивилизациям. Уже в античности мыслители, такие как Платон и Аристотель, подчеркивали важность добродетельной жизни и уважения к другим людям. В Средневековье идея достоинства была связана с понятием чести и благородства, особенно среди аристократии. Сегодня достоинство рассматривается как основополагающее право каждого человека. Этот принцип зафиксирован во Всеобщей декларации прав человека, принятой Организацией Объединенных Наций в 1948 году. Согласно статье 1 Декларации, «все люди рождаются свободными и равными в своем достоинстве и правах». Данное положение подчеркивает универсальность и неотчуждаемость достоинства. Само достоинство проявляется в разных аспектах жизни: как элемент самооценки чувство собственного достоинства позволяет человеку ставить перед собой цели и достигать их, уважительное отношение к окружающим способствует созданию гармоничного общества.

Большинство европейских государств имеют демократические политические системы, которые строятся на признании достоинства каждого гражданина, обеспечивающего участие в принятии решений, а стремление органов государственной власти к равенству возможностей и защите уязвимых групп населения отражает заботу о достоинстве каждого члена общества.

Права и свободы человека также вряд ли могут быть отнесены к традиционным российским ценностям. Более того, их нормативное закрепление и создание реально действующего механизма обеспечения в России можно отнести только к 1993 году. Существовавший до этого времени тоталитарный режим не предполагал ни признания, ни обеспечения прав и свобод как высшей ценности.

Права и свободы первоначально получили свое закрепление в международно-правовых документах, таких как Всеобщая декларация прав человека ООН, Международный пакт о гражданских и политических правах и Европейская конвенция о защите прав человека и основных свобод. Таким образом, справедливо будет отнести права и свободы человека к высшим ценностям человечества, получившим признание первоначально на международном уровне, а только потом на внутригосударственном.

Что касается патриотизма, то он действительно выступает важнейшей составляющей идентичности русского народа, определяющей его самосознание и поведение. Патриотизм выражается в глу-

[1] Выходов, А.А. Стратегия национальной безопасности Российской Федерации в современной государственно-правовой действительности / А.А. Выходов // В сборнике: Актуальные проблемы государственно-правового строительства. Сборник статей. - Орёл, 2022. - С. 13-17.

бокой привязанности и преданности своему народу, государству и культуре. Историческое прошлое России богато примерами проявления патриотизма. От героических подвигов воинов, сражавшихся за независимость Родины, до самоотверженности простых людей, трудившихся на благо Отечества, каждый период отечественной истории несет отпечаток любви к Отечеству. При этом, «важным средством передачи памяти остаются культурные и образовательные инициативы: школьные проекты, исследовательские работы, взаимодействие с музеями и архивами, поездки на места боёв и мемориалы»[1]. Кроме того, «активно внедряются учебные программы, проводятся мероприятия, фестивали и создаются молодежные организации, общей целью которых является формирование патриотизма и уважения к многовековой истории России»[2].

Именно патриотизм вдохновлял наших предков на великие свершения, позволял преодолевать трудности и сохранять единство нации в самые тяжелые времена.

Ответственность перед обществом, патриотизм и стремление к общему благу, а на большинстве исторических этапов и жертвенность собой ради достижения такого общего блага, в совокупности своей образую гражданственность и действительно присущи российскому обществу в гораздо большей степени, чем, например, европейскому, основанному на индивидуализме и безоговорочном приоритете личного над общественным. Гражданственность также включает в себя служение Отечеству и ответственность за его судьбу. Эта характерная черта, присущая российскому менталитету, нашла свое отражение в древних былинах и сказаниях, а также прозе и поэтических произведениях отечественных авторов в различные исторические периоды.

Отдельного внимания заслуживает такая традиционная ценность, как крепкая семья. Основной закон нашей страны закрепляет ряд принципов, касающихся семьи. Так, в Конституции РФ закрепляется защита семьи, материнства, отцовства и детства (ст. 38), обеспечение государственной поддержки семьи, материнства, отцовства и детства (ст. 7), забота о детях, их воспитание признается равным право и обязанностью родителей (ч. 2 ст. 38), а забота о нетрудоспособных родителях является обязанностью трудоспособных совершеннолетних детей; также признается преимущественное право родителей на воспитание ребёнка перед всеми другими лицами. Государство, обеспечивая приоритет семейного воспитания, берёт на себя обязанности родителей в отношении детей, оставшихся без попечения (статья 67.1 Конституции РФ).

Также, заслуживает внимание, что государство осуществляет защиту института брака как союза мужчины и женщины (ст. 72 Конституции РФ). Аналогичную формулировку, пока еще содержит и, например, ст. 19 Конституция Республики Польши. Однако, в соответствии с решением Суда ЕС от 25 ноября 2025 года, Польша должна признавать однополые браки, заключенные в других странах, а в декабре 2025 года кабмин Польши одобрил законопроект, позволяющий регистрировать в том числе однополые отношения.

В Германии статья 6 Конституции указывает, что «брак и семья находятся под особой защитой государства». При этом в основном законе не зафиксировано, между кем может заключаться брак. 1 октября 2017 года вступил в силу закон, легализовавший однополые браки, и представители сексменьшинств получили все права, которыми обладают традиционные семейные пары.

В связи с этим, непринятие однополых отношений в Российской Федерации и сохранение действительно традиционной семьи, как истинной ценности и единственной возможности существования последующих поколений, выступает для нашего общества и государства актуальной задачей.

Действительно уникальной традиционной ценностью выступает единство народов, проживающих в Российской Федерации. Конституция Российской Федерации гарантирует равенство прав и свобод независимо от национальности, расы или религии (ст. 19). На протяжении длительного исторического пути Россия формировалась как многонациональное государство. В этом ключе особенно важно в равной степени обеспечивать возможности для сохранения культуры даже самых малочисленных этнических сообществ, поскольку только так можно сформировать и укрепить чувство при-

[1] Щербакова, Д.Д., Дудченко, Л.В. Историческая память о великой отечественной войне в сознании молодёжи России / Д.Д. Щербакова, Л.В. Дудченко // В сборнике: Великая победа в памяти поколений (к 80-летию Победы в Великой Отечественной войне). Материалы Международной научно-практической конференции «Без срока давности: право на историческую правду» (к 80-летию Победы в Великой Отечественной войне) и Всероссийской научно-практической конференции «Великая Победа в памяти поколений». - Орел, 2025. - С. 48-52.

[2] Мадышева, А.А. Идеологическая преемственность в России / А.А. Мадышева // В книге: Преемственность и новации в юридической науке. Материалы всероссийской научной конференции адъюнктов, аспирантов и соискателей. - Омск, 2025. - С. 20-22.

надлежности в общей Родине. Родине, которая имеет общую для всех культуру, но уважительно и бережно относится к культуре каждого народа, входящего в ее состав. Несмотря на то, что глобализация и миграция создают новые вызовы, именно традиционное представление о дружбе народов помогает преодолеть возникающие проблемы[1]. Единство народов России является важным элементом национальной идентичности, способствующим сохранению стабильности и процветанию страны.

Обобщая все вышеизложенное, представляется, что Россия, будучи органично вплетенной в мировое пространство стремится разделять и сохранять общемировые ценности. В тоже время, актуальной задачей для современного поколения выступает сохранение традиционных российских духовно-нравственных ценностей, культуры и исторической памяти, что является необходимым для прогрессивного развития нашего общества и государства. Отражение традиционных ценностей в праве только начинает «набирать обороты», что сказывается не несформированности и противоречивости терминологического аппарата, однако является значимой тенденцией, позволяющей укрепить моральный и культурный фундамент общества.

UDC 340.2

FOUNDATIONS OF JURISPRUDENCE SCIENCES IN THE ATTIC AREA
МОҲИЯТИ ПАЙДОИШИ ИЛМИ ҲУҚУҚШИНОСӢ ДАР ДАВРАИ АНТИҚӢ
ОСНОВЫ ЗАРОЖДЕНИЯ ЮРИДИЧЕСКОЙ НАУКИ В АНТИЧНУЮ ЭПОХУ

AHMADZODA MUKHBIRAKHON AHMAD
Associate professor of the department of social sciences faculty № 4 of the Academy of the Ministry of the Internal Affairs of the Republic of Tajikistan, candidate of philological science, colonel of militia / Дотсенти кафедраи фанҳои ҷамъиятии факултети № 4-уми Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, полковники милитсия / Доцент кафедры общественных дисциплин факультета № 4 Академимии МВД Республики Таджикистан, кандидат филологических наук, полковник милиции
E-mail: Ahmadzoda1@mail.ru

Scientific and theoretical issues as an educational subject of law in the Republic of Tajikistan, which is an independent sovereign state and is in the process of forming a democratic, law-based, secular and unified state, has a significant step by step development factor. Its further development depends on the education of individuals with a good moral level, broad outlook, healthy mind and body, patriots, law-abiding, free, beauty-loving, tolerant, responsible, active and creative, and the education of such citizens is the duty of us and state[2].

The solution to the issue of science and education, its support and scientific and spiritual potential have been determined as the basis and path of the development strategy for the sustainable development of the country in the following years, in the Republic of Tajikistan[3].

The emergence of science of law and the discipline of jurisprudence has gone through different historical periods and gained its importance in the following years.

Аммо, агар он ҳамчун «шарти умумӣ» дида баромада шавад, онгоҳ метавонад боиси шарҳи зиёдтари асосҳо барои баргузории муҳокимаи пӯшидаи судӣ гардад[1]. Доир ба ин як зумра олимони ватанӣ қайд менамоянд, ки ошкоро будани муҳокимаи судӣ, барои суд ҳамчун қоидаи умумӣ дар баррасии ҳама парвандаҳо амал мекунад[2]. Нуқтаи назари дигар низ ҷой дорад, ки тибқи он шартҳои умумии муҳокимаи судӣ аз талаботи принсипҳои мурофиавии ҷиноятӣ сарчашма гирифта, қоидаҳоро дар низоми шартҳои умумии муҳокимаи судӣ фаро мегирад[3].

Бо дарназардошти он, ки қ. 1, м. 19 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - КМҶ ҶТ) ошкоро будани муҳокимаи судиро ҳамчун принсип адолати судӣ пешбинӣ менамояд ва тибқи он парвандаи ҷиноятӣ дар суд ба таври ошкоро ва шаффоф бояд муҳокима карда шавад ва тибқи қисми 2-и ҳамин модда бошад, муҳокимаи пӯшидаи судӣ танҳо дар ҳолатҳои дар м. 273 Кодекси мазкур зикргардида мумкин аст. Ин меъёр ба шартҳои умумии баргузории муҳокимаи судӣ истинод медиҳад ва дар он ҳолатҳое, ки ба сифати асоси баргузории муҳокимаи пӯшидаи судӣ дар таъйиноти асосноки суд (қарори судя) пешбинӣ мешавад, номбар мегардад.

Бинобар ин, асосҳои баргузории муҳокимаи пӯшидаи судиро ҳолатҳои дар м. 273 КМҶ ҶТ пешбинӣ гардида[4], ташкил дода, мавҷудияти ҳолатҳои зикр гардида, ки баргузории муҳокимаи пӯшидаи судиро пешбинӣ менамояд бояд дар марҳилаи таъини муҳокимаи судӣ ва омодагӣ ба он муайян гардида, доир ба он таъиноти асосноки суд (қарори судя) қабул гардад.

Асоснокии қарори суд бо нишон додани ҳолатҳои воқеие, ки зарурияти пӯшида баргузор намудани муҳокимаи судиро пешбинӣ мекунанд нишон дода шавад. Зеро суд мавҷудияти ҳолатҳои дар м. 273 КМҶ ҶТро ба назар гирифта, ва ин ҳолатҳоро ҳамчун асоси қабули қарори

[1] Зотова, А.Ф. Закрытое судебное заседание в уголовном судопроизводстве России: анализ законодательства и пути его совершенствования / А.Ф. Зотова // Вестник Волгоградской академии МВД России. - 2025. - № 2 (73). - С. 57-64.
[2] Бобоҷонзода, И.Ҳ., Қудратов, Н.А., Раҳматҷонзода, Р.А., Қодирзода, Т.Қ., Рустамзода, М.М. Ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ: китоби дарсӣ. - Душанбе: “Эр-граф”, 2024. – С. 47.
[3] Раҳматулоев, А.Э. Мурофиаи ҷиноятӣ: китоби дарсӣ. –Хуҷанд: Хуросон, 2016. – С. 455.
[4] Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми декабри с. 2009, № 564 (бо тағйиру иловаҳо аз 18.03.2022, № 1853, аз 19.07.2022, № 1900, аз 24.12.2022, № 1926, № 1927, аз 03.01.2024, № 2017).

асоснок оид ба баргузори муҳокимаи пӯшидаи судӣ нишон медиҳад. Тибқи б. 4 қ. 2, м. 263 КМҶ ҶТ, дар қарори таъйини маҷлиси суд яке аз масъалаҳое, ки ҳалли худро меёбад ва нишон дода мешавад ин дар хусуси дар маҷлиси пӯшидаи судӣ баррасӣ кардани парванда дар ҳолатҳои пешбининамудаи м. 273 КМҶ ҶТ мебошад. Аз ин рӯ, мавҷудияти ҳолатҳои номбаргардида ҳамчун асос дар қарори зикр гардида бояд нишон дода шавад.

Тибқи тартиби пешбининамудаи қ. 1 м. 273 КМҶ ҶТ, пайдарҳамии ҳолатҳо, ки ҳамчун асос оид ба дар маҷлиси пӯшидаи судӣ барррасӣ гардидани парванда, баромад мекунад, ин нахуст, таъмини ҳифзи сирри давлатӣ ва сирри дигари бо қонун ҳифзшаванда нишон додашудааст, ки тибқи он суд, судя вазифадоранд, ба фош шудани сирри давлатӣ ва сирри дигари бо қонун ҳифзшуда, ҳангоми муҳокимаи судӣ роҳ надиҳад. Таъмини ҳифзи маълумоти зикргардидаро қарори асоснок баргузории муҳокимаи пӯшидаи судӣ таъмин менамояд.

Асосҳои дигаре, ки баргузории муҳокимаи пӯшидаи судиро талаб менамояд ин ҳолатҳои дар қ. 2 м. 273 КМҶ ҶТ пешбинӣ шуда мебошад, ки тибқи он муҳокимаи пӯшидаи судӣ, инчунин бо таъиноти асосноки суд (қарори судя):

1) оид ба парвандаҳои ҷиноятии шахсоне, ки ба синни шонздаҳ нарасидаанд;

2) ба муқобили озодӣ ва дахлнопазирии ҷинсӣ ва ҷиноятҳои дигар, бо мақсади пешгирии фош шудани маълумоти ҷанбаҳои маҳрамонаи шахсони иштирокчии парванда ё маълумоте, ки шаъну эътибори онҳоро паст мезанад;

3) дар ҳолатҳое, ки онро манфиати таъмини амнияти иштирокчиёни мурофиа ва шоҳидон ё хешовандони наздики онҳо талаб мекунад, мумкин аст гузаронида шавад.

Яке аз ҳолатҳои нобаргардида, ки асоси баргузории муҳокимаи пӯшидаи судиро талаб менамояд ин баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ ба муқобили озодӣ ва дахлнопазирии ҷинсӣ ва ҷиноятҳои дигар мебошад, ки бо мақсади пешгирии фош шудани маълумоти ҷанбаҳои маҳрамонаи шахсони иштирокчии парванда ё маълумоте, ки шаъну эътибори онҳоро паст мезанад, аст.

Дар инҷо қайд кардан ба маврид аст, ки шаъну шарафи шахс унсурҳои маънавию ахлоқӣ мебошад, ки дар доираи амали меъёрҳои ҳуқуқии мурофиаи ҷиноятӣ ба сифати асоси роҳбарикунанда қарор гирифта, ҳадди ба амалбарории амалҳои мурофиавии ҷиноятиро муайян мекунанд. Дар ин замина имконияти пешниҳоди дархост аз ҷониби тарафҳо оиди баргузории муҳокимаи пӯшидаи судӣ новобаста аз категория ва намуди ҷиноят қобили дастгирист.

Ҳолати дигари қайд гардида, ин вобаста ба таъмини амнияти шахсони иштирокчии муҳокимаи судӣ аст, ки агар таъмини амнияти иштирокчиёни мурофиа ва шоҳидон ё хешовандони наздики онҳо талаб намояд, асоси баргузории муҳокимаи пӯшидаи судӣ шуда метавонад. Дар ин ҳолат муҳокимаи пӯшидаи судӣ воситаи таъмини амнияти иштироккунандагони мурофиа ё хешовандони наздики онҳо баромад мекунад. Зеро таъмини шароити бехатари иштирокчиён дар баррасии судии парвандаи ҷиноятӣ кафили одилона ҳал шудани масъалаҳои мурофиавӣ ва қабул шудани санади қонунӣ ва асосноки судӣ буда, танҳо дар мавриди мавҷудияти фазои амн имконияти пурра санҷидани маълумоти ба парванда аҳаммиятдошта вуҷуд дорад.

Доир ба ин асоси муҳокимаи пӯшидаи судӣ Рамазанов Р.М. қайд менамояд, ки “муҳокимаи пӯшидаи судӣ яке аз чорабиниҳои мустақили амнияти нисбати иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ мебошад”[1]. Зотова А.Ф. низ қайд менамояд, ки “муҳокимаи пӯшидаи судӣ метавонад ба сифати чораи амниятии мустақили иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ баромад намояд”[2]. Назарҳои қайд гардида, танҳо яке аз ҳолатеро дар назар дорад, ки он ҳамчун асоси баргузории муҳокимаи пӯшидаи судӣ мегардад.

Ҳолатҳое, ки асоси бевоситаи баргузории муҳокимаи пӯшидаи судиро пешбинӣ мекунад ҳамчун воситаи асосӣ ва ягонаи муҳокимаи пӯшидаи судӣ дар назар доштан ба мақсад мувофиқ нест. Зеро онҳо вобаста ба ҳолатҳо ва мақсади татбиқ гуногунанд.

Ҳамчунин, тибқи қ. 4 м. 273 КМҶ ҶТ ҳолате, ки метавонад асоси пӯшида баргузор гардидани муҳокимаи судӣ гардад ин тафтиш намудани мукотибаи хусусӣ мебошад. Дар меъёри мазкур пешбинӣ мегардад, ки бо мақсади риояи махфияти мукотиба ва муросилоти телеграфӣ, тафтиш намудани мукотибаи хусусӣ ва иттилооти шахсии шаҳрвандон дар маҷлиси

[1] Рамазазов, Р.М. Закрытое судебное заседание как самостоятельная мера безопасности участников уголовного процесса / Р.М. Рамазанов // Вестник Удмуртского университета. - 2021. - Т. 31. - Вып. 2. – С. 286-290.
[2] Зотова А.Ф. Асари зикршуда. - С. 57-64.

ошкорои суд танҳо бо иҷозати шахсоне, ки байни онҳо чунин мукотиба ё иттилооти телеграфӣ сурат гирифтааст, иҷозат дода мешавад.

Дар акси ҳол чунин мукотиба ва иттилооти телеграфӣ дар маҷлиси пӯшидаи суд эълон ва тафтиш карда мешавад. Қоидаҳои зикршуда инчунин ҳангоми тафтиши сабтҳои овоз ва видео, ки дорои хусусияти шахсӣ мебошанд, татбиқ карда мешаванд. Мавҷудияти ҳолати қайд гардидаро ҳамчун асоси баргузории муҳокимаи пӯшидаи судӣ арзёбӣ намудан мумкин аст. Зеро тибқи м. 14 КМҶ ҶТ сирри шахсӣ ва оилавиро қонун ҳифз мекунад.

Ҳар шахс ба ҳифзи маълумоти шахсӣ, сирри амонат ва пасандоз, мукотиба, сӯҳбатҳои телефонӣ, муросилот, мухобирот ва дигар ахборот ҳуқуқ дорад. Аз мазмуни ин меъёр бармеояд, ки ҳифзи махфияти мукотиба ва муросилоти телеграфӣ, тафтиши сабтҳои овоз ва видео, ки дорои хусусияти шахсӣ мебошанд бо хоҳиш ва иродаи тарафҳо дар маҷлиси пӯшидаи судӣ баррасӣ мегардад.

Доир ба имконияти дархости тарафҳо оид ба баргузории муҳокимаи пӯшидаи судӣ бояд қайд намоем, ки дар Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи риоя намудани принсипи ошкоро будани муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ” қайд мегардад, ки ҳангоми таъин намудани парванда ба баррасии судӣ, бо овардани асосҳои дахлдор дар қарори (таъиноти) худ, суд бо дархости тарафҳо ё бо ташаббуси худ вазифадор аст, ки масъалаи асоснокии ошкоро ё пӯшида дида баромадани парвандаро ҳаллу фасл намояд[1].

Дар ин ҷо имконияти дархости тарафҳо оиди баргузории муҳокимаи пӯшидаи судӣ дар назар аст, лекин омӯзиш ва таҳлили доираи муайяни парвандаи ҷиноятӣ аз таҷрибаи судии баррасии парвандаҳо дар муҳокимаи пӯшидаи судӣ судҳои шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд нишон дод, ки қабули таъйинот дар хусуси пӯшида гузаронидани муҳокимаи судӣ танҳо бо ташаббуси судя бинобар мавҷуд будани ҳолати дар қ. 2, м. 273 КМҶ ҶТ пешбинӣ гардида, сурат гирифтааст. Бинобар ин, баҳри такмил дода шудани қоидаи муҳокимаи пӯшидаи судӣ, таъмини имконияти талаби эҳтироми шаъну шарафи шахс тавассути муҳокимаи пӯшидаи судӣ масъалаи муҳим боқӣ мемонад.

Бинобар ин, аз нуқтаи назари эҳтироми шаъну шарафи шахс ва арзиши олӣ эътироф гаштани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба мақсад мувофиқ аст, ба сифати ҳолате, ки зарурати маҷлиси пӯшидаи судиро ба миён меоранд, дархости судшаванда ва ҷабрдида бинобар мавҷуд будани ҳолатҳои муайян низ пешбинӣ карда шавад. Ҳуқуқу озодиҳои шахс, ки дар ҷараёни пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ иштирок мекунанд, бояд риоя ва ҳимоя гардида, дар амалия ҷиҳати татбиқи онҳо шароит фароҳам оварда шавад, барои қонеъ намудани талаботи қонунии иштирокчиёни мурофиа сари вақт чораҳо андешида шавад, яъне суд, судя дар сурати пешниҳод гаштани дархости судшаванда ё ҷабрдида дар бораи дар маҷлиси пӯшида муҳокима кардани парвандаи ҷиноятӣ метавонад онро қонеъ намояд.

Агар ба қонунгузории мурофиавии ҷиноятии давлатҳои ИДМ назар афканем дар он пайдарҳам ҳолатҳое, ки асоси баргузории муҳокимаи пӯшидаи судӣ мегардад нишон дода мешавад, ки ба дақиқ муайян намудани ҳолатҳо ҷиҳати дар маҷлиси пӯшидаи судӣ баррасӣ намудани парванда ва татбиқу дарки дурусти он муосидат менамояд. Бинобар ин, ба маврид мебуд дар м. 273 КМҶ ҶТ ҳолатҳои муайян ҳамчун асоси баргузории муҳокимаи судӣ пешбинӣ гардида, дақиқ дар шакли муайян пешбинӣ карда шавад.

Ҳамин тавр, қайд менамоем, ки мазмуни принсипҳо ва шартҳои баргузории умумии муҳокимаи судӣ пеш аз ҳама баҳри таъмини ҳифзу ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои иштирокчиёни муҳокимаи судӣ ва ба амалбарории адолати судӣ доир ба парвандаҳои ҷиноятӣ равона мегардад. Вобаста ба ин, аз ҷониби Искандаров З.Ҳ. қайд мегардад, ки адолат на танҳо мафҳуми ҳуқуқӣ, балки маънавӣ, воситаи таъминкунандаи эътимоди мардум ба низоми амалкунандаи адолати судӣ аст, ки ошкоро амалӣ мешавад[2]. Бинобар ин, қоидаҳои муҳокимаи ошкорои судӣ дар таҳкиму таъмини адолати судӣ ва ҳифзу ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд саҳми муҳим дорад.

Мавҷудияти ҳолатҳои дар боло қайд гардида, ки дар қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ пешбинӣ гардидааст, истисно гардидани ин қоидаро ва асоси баргузории муҳокимаи пӯшидаи

[1] Қарори Пленуми Суди олии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи риоя намудани принсипи ошкоро будани муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ” аз 31-уми августи с. 2007, № 5.
[2] Искандаров, З.Х. Защита прав человека в уголовном процессе Республики Таджикистан: история и современность. - Душанбе: «Эр-граф», 2022. – С. 113-114.

судиро ҳамчун кафили таъмини дигар ҳуқуқҳои иштирокчиён ё таъмини дахлнопазии ҳаёти шахсии онҳо, таъмини ҳифзи маълумот пешбинӣ мекунад.

Лекин тибқи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ баргузории муҳокимаи пӯшидаи судӣ риояи қоидаҳои умумии муҳокимаи судӣ, принсипҳо ва шартҳои баргузории муҳокимаи судиро истисно намекунад ва ба тариқи пӯшида таҳқиқи ҳамаи ҳолатҳои парвандаро бодарназардошти қоидаҳои умумӣ дар назар дорад.

ТДУ 343.2/.7

БАЪЗЕ АЗ МАСЪАЛАҲОИ МУБРАМИ БАНДУБАСТИ СЕРШУМОРАГИИ ҶИНОЯТҲО

НЕКОТОРЫЕ АКТУАЛЬНЫЕ ВОПРОСЫ КВАЛИФИКАЦИИ МНОЖЕСТВЕННОСТИ ПРЕСТУПЛЕНИЙ

КАРИМЗОДА ДАВРОН БОБОМУРОД
Дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент / Доцент кафедры уголовного права и противодействия коррупции юридического факультета Таджикского национального университета, кандидат юридических наук, доцент

Сершуморагии ҷиноятҳо яке аз институтҳои мураккаби ҳуқуқи ҷиноятӣ ба ҳисоб меравад. Мураккабии ин институт на танҳо бо ҳаҷми маводи меъёрӣ, балки бо он низ вобаста аст, ки он дар пояи якчанд масъалаҳои бунёдӣ қарор дорад: мафҳуми ҷиноят, ҳудуди ҷавобгарии ҷиноятӣ, қоидаҳои бандубаст, таъйини ҷазо ва баҳодиҳии шахсияти гунаҳгор. Дар амал низ бандубасти ҷиноят наметавонад танҳо ба муқоисаи механикии ҳолатҳои воқеӣ бо диспозитсияи моддаи қонуни ҷиноятӣ маҳдуд шавад. Мақоми ҳуқуқтатбиққунанда ҳар дафъа маҷбур аст муайян намояд, ки сухан дар бораи якчанд ҷинояти мустақил меравад ё дар бораи як кирдори ҷиноятии ягона, ҳарчанд мураккаб.

Бояд зикр намуд, ки нодуруст ҷудо намудани сершуморагии ҷиноятҳо аз ҷинояти ягонаи мураккаб бевосита ба андозаи айбдоркунӣ, ҳудуди исбот, намуд ва андозаи ҷазо, инчунин татбиқи принсипи адолат таъсир мерасонад. Нодуруст эътироф намудани сершуморагӣ метавонад боиси беасос пурзӯр гардидани таъқиби ҷиноятӣ гардад. Баръакс, хато дар ҳолате, ки якчанд ҷинояти мустақил ба таври сунъӣ дар як таркиб фурӯ бурда мешаванд, хавфи баҳодиҳии нопурраи ҳуқуқии ҷиноятӣ ба кирдор ва воқеан бечазо мондани қисми фаъолияти ҷиноятиро ба вуҷуд меорад.

Дар адабиёти илмӣ дуруст таъкид мегардад, ки душвориҳои бандубасти сершуморагӣ бештар аз номукаммалӣ ва зиддиятнокии асосҳои меъёрӣ бармеоянд. Досаева Г.С. ин душвориҳоро бо он вобаста медонад, ки мақоми ҳуқуқтатбиққунанда бояд ҳамзамон шумораи ҷиноятҳои содиршударо муайян кунад, онҳоро аз ҷинояти ягонаи мураккаб ҷудо намояд ва сохтори таркиби мушаххаси ҷиноятро ба назар гирад. Қонуни ҷиноятӣ сохторҳои гуногунро истифода мебарад: маҷмуи ҷиноятҳо, ретсидив, ҷиноят бо преюдитсияи маъмурӣ, ҷиноятҳои таркибӣ ва аломатҳои вазнинкунанда, ки на ҳамеша пай дар пай аз ҳам ҷудо карда шудаанд[1].

Аломати ибтидоии сершуморагии ҷиноятҳо аз ҷониби шахс содир намудани ду ё зиёда ҷинояти мустақил мебошад. Дар назари аввал ин аломат равшан менамояд, аммо маҳз ҳамин масъала бештар душворӣ ба вуҷуд меорад. Сабаб дар он аст, ки мустақилияти ҳуқуқии ҷиноятии кирдор танҳо бо шумораи воқеии ҳаракатҳо муайян намешавад, балки ба он низ вобаста аст, ки қонунгузор таркиби дахлдори ҷиноятро чӣ гуна сохтааст. Якчанд кирдор метавонанд як ҷиноятро ташкил диҳанд, агар онҳо бо мақсади умумӣ, қасди ягона, объекти ягонаи таҷовуз муттаҳид гардида, аз ҷониби қонун ҳамчун кирдори ягонаи мураккаб пешбинӣ шуда бошанд. Ҳамзамон, як кирдори зоҳиран пайваста метавонад нишонаҳои якчанд ҷинояти мустақилро дошта бошад, агар дар он объектҳои гуногун халалдор шаванд, қасдҳои гуногун

[1] Досаева, Г.С. Актуальные проблемы квалификации множественности преступлений / Г.С. Досаева // Российское правосудие. - 2015. - № 1. - С. 69-85.

амалӣ гарданд ё оқибатҳое ба миён оянд, ки баҳодиҳии мустақили ҳуқуқии ҷиноятиро талаб мекунанд.

Дар ҳуқуқи ҷиноятӣ ин масъала ҳангоми татбиқи муқаррарот оид ба маҷмуи ҷиноятҳо равшантар зоҳир мегардад. Маҷмуъ ҷиноят "содир кардани ду ё зиёда аз он кирдори ҷиноятии дар моддаҳои гуногун ё қисмҳои мухталифи ҳамон моддаҳои Қисми махсуси ҳамин Кодекс пешбинигардида, ки шахс барои ҳеҷ кадоми он маҳкум нашудааст" эътироф мешавад. Аммо аз ин қоидаи умумӣ қонунгузор истисно пешбинӣ менамояд: "агар ҷиноят аз ҷониби меъёрҳои умумӣ ва махсус пешбинӣ шуда бошад, он гоҳ маҷмуи ҷиноят ҷой надорад ва ҷавобгарии ҷиноятӣ дар асоси меъёри махсус ба миён меояд" (қ. 4 м. 20 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - КҶ ҶТ)).

Дар масъалаи баррасишаванда преюдитсияи маъмурӣ ҷойи махсус дорад. Дар як қатор ҳолатҳо қонуни ҷиноятӣ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашиданро ба он вобаста мекунад, ки шахс қаблан барои кирдори ҳаммонанд ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида шудааст ё чунин ҳаракатҳоро такроран содир намудааст. Аз нигоҳи зоҳирӣ чунин сохтор ба сершуморагӣ монанд аст: ҳуқуқвайронкунии қаблӣ ва кирдори минбаъда вуҷуд дорад, ки баҳодиҳии сахттар мегирад. Аммо аз рӯйи табиати худ ин сершуморагии ҷиноятҳо ба шуморида намешавад.

Сершуморагии ҷиноятҳоро танҳо ҷиноятҳо ташкил медиҳанд. Ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, кирдори интизомӣ ё дигар рафтори зиддиҷамъиятӣ худ аз худ унсури сершуморагии ҷиноятҳо шуда наметавонад, зеро таркиби ҳуқуқии ҷиноятӣ надорад. Куринов Б.А. ҳануз дар доктринаи ҳуқуқи ҷиноятии шуравӣ таъкид карда буд, ки барои эътирофи такрорӣ мавҷудияти на камтар аз ду кирдор зарур аст, ки ҳар кадоми онҳо маҳз ҷиноят бошанд, на кирдори маъмурӣ. Аз ин рӯ, ҳолатҳое, ки ҷавобгарии ҷиноятӣ ба ҳуқуқвайронкунии маъмурии қаблан содиршуда вобаста карда мешавад, бояд на ҳамчун навъи сершуморагии ҷиноятҳо, балки ҳамчун сохтори мустақил ва баҳсноки қонунгузорӣ баррасӣ шаванд[1].

Чунин муносибат аҳаммияти принсипӣ дорад. Агар преюдитсияи маъмурӣ ҳамчун шакли сершуморагии ҷиноятҳо эътироф шавад, пас сарҳади байни ҷиноят ва кирдори маъмурӣ амалан аз байн меравад. Ковалев М.И., таносуби ҷиноят ва кирдори маъмуриро таҳлил намуда, дуруст таъкид мекард, ки шумораи ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ худ аз худ табиати ҳуқуқии онҳоро тағйир намедиҳад ва онҳоро ба таври автоматӣ ба ҷиноят табдил намесозад. Аз ин рӯ, такроршавии кирдорҳои маъмурӣ метавонад шахсият ва рафтори ҳуқуқии ӯро тавсиф кунад, аммо бе асоси иловагӣ набояд сершуморагии ҷиноятҳоро ба вуҷуд оварад[2].

Баҳсноктарин масъала таносуби преюдитсияи маъмурӣ бо принсипи манъи ҷавобгарии такрорӣ барои як ҳуқуқвайронкунӣ мебошад. Расман шахс барои кирдори нав ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад, на барои кирдори маъмурии пешина. Аммо ҳуқуқвайронкунии маъмурии қаблӣ ба шарти ҳатмии ҷавобгарии ҷиноятӣ табдил меёбад, ки ин сохторро ба баҳисобгирии такрории рафтори аллакай арзёбишуда наздик мекунад. Клепитский И.А. яке аз аввалинҳо шуда, ин масъаларо бо фаҳмиши васеи соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ дар амалияи Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон пайваст намуд[3] . Олимони дигар Есаков Г.А. ва Головко Л.В. фаҳмиши васеи функсионалии ҳуқуқи ҷиноятиро имконпазир медонанд[4], дар ҳоле ки Крилова Н.Е. ва Малиновский А.А. ҷонибдори нигоҳ доштани мустақилияти ҳуқуқи ҷиноятӣ ва ҷудо намудани он аз соҳаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ мебошанд[5].

Масъалаи монанд ҳангоми истифодаи аломати доғи судӣ ҳамчун ҳолати вазнинкунандаи таркиби ҷиноят ба миён меояд. Доғи судӣ вазъи ҳуқуқии шахсро тавсиф мекунад, на тарафи объективии ҷинояти навро. Агар доғи судӣ ба унсури таркиби вазнинкунанда табдил ёбад, хавфи омехта шудани баҳодиҳии кирдор бо баҳодиҳии шахсияти гунаҳгор ба вуҷуд меояд. Дар

---

[1] Куринов, Б.А. Научные основы квалификации преступлений. - М., 1976. - С. 161.

[2] Ковалев, М.И. Преступление и проступок / М.И. Ковалев // Проблемы совершенствования законодательства по укреплению правопорядка и усилению борьбы с правонарушениями. - Свердловск, 1982. - С. 11-12.

[3] Клепицкий, И.А. Преступление, административное правонарушение и наказание в России в свете Европейской конвенции о правах человека / И.А. Клепицкий // Государство и право. - 2000. - № 3. - С. 65-74.

[4] Есаков, Г.А. Уголовное право в «широком» смысле: концептуальный подход / Г.А. Есаков // Уголовное право: стратегия развития в XXI веке. - М., 2013. - С. 35-38; Головко, Л.В. Границы уголовного права: от формального к функциональному подходу / Л.В. Головко // Библиотека криминалиста. - 2013. - № 2. - С. 77-90;

[5] Крылова, Н.Е. Существует ли уголовное право «в широком смысле слова»? / Н.Е. Крылова // Научные основы уголовного права и процессы глобализации. - М., 2010. - С. 721-727; Малиновский, А.А. Критические размышления о концепции уголовного права в «широком» смысле / А.А. Малиновский // Библиотека криминалиста. - 2013. - № 2. - С. 173-178.

ҳоле ки сершуморагӣ бояд ба содир намудани якчанд ҷиноят асос ёбад, на ба он ки субъект дорои кадом хусусиятҳо ё мақоми ҳуқуқӣ мебошад. Маълумот дар бораи шахсият метавонад ва бояд ҳангоми таъини ҷазо ба назар гирифта шавад, аммо он набояд нишонаҳои худи ҷиноятро иваз намояд.

Ҷудо намудани сершуморагӣ аз ҷинояти ягона бо он низ мураккаб мегардад, ки дар диспозитсияи як қатор моддаҳо тарафи объективӣ тавассути маҷмуи ҳаракатҳо ифода мешавад: «аҳдҳо», «амалиётҳои молиявӣ», «даъватҳои оммавӣ», «кирдорҳое, ки ба ташкил намудан равона шудаанд» ва ғайра. Савол ба миён меояд: оё истифодаи шакли ҷамъ маънои онро дорад, ки барои таркиби ҷиноят ҳатман якчанд кирдор зарур аст, ё як ҳаракат низ кофӣ мебошад?

Ҷавоб ба ин савол аз сохтори таркиб вобаста аст. Агар таркиб моддӣ бошад ва оқибат ҳамчун аломати ҳатмӣ дар он пешбинӣ шуда бошад, шумораи ҳаракатҳо метавонад аҳамияти дуюмдараҷа дошта бошад. Дар чунин ҳолат хавфнокии ҷамъиятӣ на бо сершуморагии кирдорҳо, балки бо хусусияти оқибатҳо ё предмети ҷиноят муайян карда мешавад.

Вазъияти дигар дар таркибҳои расмӣ ба миён меояд, ки қонунгузор ҷиноят будани кирдорро ба фаро расидани оқибати мушаххас вобаста намекунад. Агар диспозитсия шакли ҷамъро истифода барад ва таркиб дигар меъёри объективии хавфнокии ҷамъиятиро надошта бошад, эътироф намудани як ҳаракат ҳамчун асоси кофӣ барои ҷавобгарии ҷиноятӣ метавонад ба маънои бевоситаи қонун мухолифат кунад. Дар чунин ҳолатҳо сершуморагии кирдорҳо на танҳо хусусияти грамматикӣ, балки аломати муҳими таркиб мегардад.

Меъёри умумии муттаҳид намудани якчанд ҳаракат дар як ҷиноят робитаи дохилии онҳо мебошад. Якчанд амали рафторӣ танҳо дар он сурат ҳамчун як кирдор баррасӣ шуда метавонанд, ки онҳо муносибати ягонаи руҳии субъектро ба объекти ҳифзшаванда ифода кунанд, бо мақсади умумӣ ё қасди ягона муттаҳид бошанд, бо як оқибат робитаи сababӣ дошта бошанд ё модели устувори қонунгузории рафторро ташкил диҳанд. Агар як амали ҷудогона аз ин силсилаи субъективӣ ва сababӣ берун монад, онро набояд ба таври сунъӣ ба таркиби ҷинояти ягона дохил кард.

Аз ин ҷо як қоидаи муҳими техникаи қонунгузорӣ бармеояд. Агар қонунгузор тарафи объективиро тавассути маҷмуи ҳаракатҳо тасвир кунад, мувофиқ аст ҳамзамон мақсад, оқибат, андоза ё дигар аломати муттаҳидкунандаро нишон диҳад. Ин ба мақомоти ҳуқуқтатбиқкунандаи имкон медиҳад фаҳмад, ки дар кадом ҳолат сухан дар бораи ҷинояти ягонаи мураккаб меравад ва кай дар бораи маҷмуи ҷиноятҳои мустақил. Бе чунин аломат формулаи шакли ҷамъ ба манбаи номуайянӣ табдил меёбад.

Яке аз масъалаҳои бештар баҳснок бандубасти ҷиноятҳое мебошад, ки нисбат ба ду ё зиёда шахс содир мешаванд. Намунаи маъруфтарин куштани ду шахс ё бештар аз он (б «а» қ. 2 м. 104 КҶ ҶТ) мебошад.

Бояд зикр намуд, ки мавҷудияти якчанд ҷабрдида худ аз худ ҳанӯз маънои ҷинояти ягона доштанро надорад. Агар гунаҳгор ба ҳаёти шахсони гуногун дар вақтҳои гуногун, бо ангезаҳои гуногун ва қасдҳои мустақил таҷовуз намояд, воқеан сухан дар бораи ду ҷиноят меравад. Благов Е.В., муносибати муосирро ба аломати содир намудани ҷиноят нисбат ба ду ё зиёда шахс танқид намуда, дуруст қайд мекунад, ки ба таври сунъӣ муттаҳид намудани чунин ҳаракатҳо дар як ҷиноят метавонад ба камбаҳодиҳии хавфнокии мустақили ҷамъиятии ҳар як таҷовуз оварда расонад[1] .

Ҳамзамон, инкор кардан мумкин нест, ки дар як қатор ҳолатҳо таҷовуз ба ду ё зиёда ҷабрдида воқеан ҷинояти ягона ба вуҷуд меорад. Масалан, агар гунаҳкор дар як ҷо, дар фосилаи кӯтоҳи вақт, бо ангезаи ягона ва мақсади ягона амал кунад ва ҳаракатҳои ӯ ҳамзамон ба расонидани зарар ба якчанд шахс равона шуда бошанд, бандубасти содиршуда ҳамчун як ҷиноят метавонад асоснок бошад. Плаксина Т.А. ҳангоми баррасии аломатҳои вазнинкунандаи куштор нишон дода буд, ки сохтори куштори ду ё зиёда шахс амалан шумораи номуайяни таҷовузҳои ҳаммонандро муттаҳид мекунад, аммо на ҳамеша метавонад ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятии ҳар як объекти мустақилро ба таври муносиб ифода намояд[2].

Пас, меъёри ҳалкунанда бояд на худи факти мавҷудияти ду ё зиёда ҷабрдида, балки ягонагии қасд, ангеза, мақсад, вақт, ҷой ва тарзи содир намудани ҷиноят бошад. Дар Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тағрибаи судӣ оид ба парвандаҳои марбут

[1] Благов, Е.В. Квалификация при совершении преступления. - М., 2009. - С. 96-97.
[2] Плаксина, Т.А. Социальные основания квалифицирующих убийство обстоятельств и их юридическое выражение в признаках состава преступления: автореф. дис. ... д-ра юрид. наук: 12.00.08 / Т.А. Плаксина. - Томск, 2006. С. 8-9.

ба одамкушӣ» аз 26-уми июни соли 2009, № 21 муқаррар шудааст, ки «бо б. «а» қ. 2 м.104 КҶ бояд куштори ду шахс ё бештар аз он банду баст карда шавад, агар ҳаракати гунаҳгорро қасди ягона дар бар гирифта, чун қоида дар як вақт ё фосилаи кутоҳи вақт содир шуда бошад»[1].

Агар ин нишонаҳо аз нияти ягонаи ҷиноятӣ шаҳодат диҳанд, маҷмуъ истисно мегардад. Агар таҷовузҳо дорои самти мустақили субъективӣ бошанд, онҳоро бояд мувофиқи қоидаҳои маҷмуи ҷиноятҳо бандубаст кард.

Чунин муносибат имкон медиҳад, ки аз ҳадгузарӣ пешгирӣ карда шавад. Аз як тараф, он талаб намекунад, ки аломати вазнинкунандаи «нисбат ба ду ё зиёда шахс» ба таври автоматӣ аз қонуни ҷиноятӣ хориҷ карда шавад. Аз тарафи дигар, он иҷозат намедиҳад, ки ҳар гуна сершумории ҷабрдидагон новобаста аз сохтори воқеии фаъолияти ҷиноятӣ ба ҷинояти ягона табдил дода шавад. Дар ин маъно тарафи субъективӣ воситаи асосии ҷудо намудани сершуморагӣ ва ҷинояти ягонаи мураккаб мебошад.

Бандубасти сершуморагӣ махсусан дар ҳолате мураккаб мегардад, ки фаъолияти ҷиноятӣ дар вақт инкишоф меёбад. Дар чунин ҳолатҳо мақомоти ҳуқуқтатбиққунанда бо як факти яклаҳзаина рӯ ба рӯ намешавад, балки бо раванд: шахс ба ҷиноят тайёрӣ мебинад, тарзи ҳаракатро тағйир медиҳад, ба монеаҳо дучор мешавад, аз як объект ба объекти дигар мегузарад, оқибатҳои иловагӣ ба вуҷуд меорад. Барои бандубасти дуруст зарур аст муайян карда шавад, ки як ҷиноят дар куҷо ба охир мерасад ва ҷинояти дигар аз куҷо оғоз меёбад.

Вазъияти аввал бо ивазшавии пайдарпайи марҳилаҳои як ҷиноят алоқаманд аст. Агар шахс аввал ба ҷиноят тайёрӣ бинад, баъд ба иҷрои он шурӯъ кунад ва дар натиҷа онро ба анҷом расонад, маҷмуъ ба вуҷуд намеояд. Тайёрӣ ва сӯиқасд бо ҷинояти анҷомёфта фаро гирифта мешаванд, зеро онҳо марҳилаҳои амалӣ шудани як нияти ҷиноятӣ мебошанд. Ҳалли дигар маънои дучанд намудани беасоси ҷавобгариро барои як рафтори ҷиноятӣ медошт.

Вазъияти мураккабтар он аст, ки ҳаракатҳои тайёрӣ ҳамзамон таркиби ҷинояти анҷомёфтаи дигарро ташкил медиҳанд. Масалан, шахс барои содир намудани ҷинояти дигар силоҳро ғайриқонунӣ ба даст меорад. Дар ин ҷо вариантҳои гуногун имкон доранд. Агар тайёрӣ ба ҷинояти начандон вазнин ё миёна аломатҳои ҷинояти мустақилро дошта бошад, содиршуда одатан бояд аз рӯйи меъёр дар бораи ҷинояти анҷомёфта бандубаст шавад, зеро тайёрӣ ба ҷиноятҳои начандон вазнин ва дараҷаи миёна боиси ҷавобгарии ҷиноятӣ намегардад (қ. 2 м. 32 КҶ ҶТ). Агар тайёрӣ ба ҷинояти вазнин ё махсусан вазнин худ таркиби ҷинояти вазнин ё махсусан вазнинро дошта бошад, асос барои бандубаст аз рӯйи маҷмуъ ба миён меояд.

Гурӯҳи дуюми ҳолатҳо бо ба истилоҳ «гузаштани» як ҷиноят ба ҷинояти дигар алоқаманд аст. Намунаи классикӣ дуздист, ки пас аз ошкор шудани гунаҳгор ба ғоратгарӣ ё роҳзанӣ мегузарад. Дар амалия чунин ҳолатҳо аксар вақт ҳамчун як ҷинояти вазнинтар бандубаст мешаванд. Аммо аз ҷиҳати назариявӣ масъала баҳснок мебошад. Романюк С.Н. пешниҳод мекунад, ки ҷинояти «гузаранда» ҳамчун навъи мустақили ҷинояти ягонаи мураккаб баррасӣ шавад[2], Чикин Д.С. бошад, онро бо ягонагии қасд, объект, предмет ё ҷабрдида вобаста мекунад[3]. Благов Е.В., баръакс, ба шубҳанокии чунин муносибат ишора менамояд, зеро ҳангоми тағйир ёфтани рафтори ҷиноятӣ дар бораи нигоҳ доштани қасди ягона ба маънои қатъӣ сухан гуфтан душвор аст[4].

Аз ин рӯ, ҳангоми гузаштани як ҷиноят ба ҷинояти дигар масъалаи асосӣ сабаби ба анҷом нарасидани ҷинояти аввал мебошад. Дагел П.С., динамикаи тарафи субъективии ҷиноятро таҳқиқ намуда, тағйири мазмун ва самти қасд, ҳамроҳ шудани қасди нав ва аз байн рафтани қасди аввалро ҷудо мекард. Агар шахс ихтиёран аз ҷинояти аввал даст кашад ва баъдан бо қасди нав ҷинояти дигар содир намояд, ҷавобгарӣ барои ҷинояти аввал дар сурати мавҷуд будани шартҳои ихтиёрӣ даст кашидан аз ҷиноят истисно мегардад. Агар ҷинояти аввал бо ҳолатҳое қатъ гардад, ки аз иродаи шахс вобаста нестанд, ва баъдан ҷинояти нав содир шавад, кирдорҳои содиршуда бояд мувофиқи қоидаҳои маҷмуъ бандубаст гардад[5].

---

[1] Маҷмуаи қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2002-2019). - Душанбе, 2019. - С. 98.
[2] Романюк, С.Н. Сложные единичные преступления: автореф. дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.08 / С.Н. Романюк. - Тюмень, 2008. - С. 7.
[3] Чикин, Д.С. Сложные единичные преступления: уголовно-правовая характеристика, проблемы квалификации и законодательного конструирования: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.08 / Д.С. Чикин. - Краснодар, 2013. - С. 92.
[4] Благов, Е.В. Квалификация при совершении преступления: учебное пособие. - М., 2009. - С. 99.
[5] Дагель, П.С. Избранные труды / науч. ред. и предисл. А.И. Коробеева. - Владивосток, 2009. - С. 47.

Чунин муносибат нисбат ба ҷинояти сабуктарро дар бар гирифтани ҷинояти вазнинтар асосноктар ба назар мерасад. Он имкон медиҳад, ки динамикаи воқеии фаъолияти ҷиноятӣ ба назар гирифта шавад ва ҳолатҳое, ки шахс худ аз нияти аввал даст кашидааст, бо ҳолатҳое, ки ӯ маҷбуран бинобар шароити беруна тарзи рафторро тағйир додааст, омехта нагарданд.

Гурӯҳи дигари масъалаҳо бо он алоқаманд аст, ки як ҷиноят метавонад воситаи содир намудани ҷинояти дигар бошад. Дар қонуни ҷиноятӣ ҷиноятҳои таркибӣ васеъ истифода мешаванд, ки дар онҳо восита худ аҳамияти ҳуқуқии ҷиноятӣ дорад. Масалан, зӯроварӣ метавонад воситаи тасарруф, ҷалби ноболиғ, монеъ шудан ба фаъолияти қонунӣ ва ғайра бошад. Дар чунин ҳолатҳо зарур аст муайян карда шавад, ки оё ҷиноят-восита бо таркиби ҷинояти асосӣ фаро гирифта мешавад ё бандубасти мустақилро талаб мекунад.

Қоидаи умумиро чунин ифода кардан мумкин аст: агар тарзи содир намудани ҷиноят бевосита дар таркиб пешбинӣ шуда бошад ва аз рӯйи дараҷаи хавфнокии ҷамъиятӣ аз хавфнокии ҷинояти ҷинояти таркибӣ зиёд набошад, бандубасти мустақил талаб карда намешавад. Масалан, зӯроварие, ки барои ҳаёт ё саломатӣ хавфнок нест, бо таркиби ғоратгарии зӯроварона фаро гирифта мешавад. Аммо агар ҷиноят-восита аз ҷиҳати хавфнокӣ ба ҷинояти асосии таркибӣ баробар ё аз он бештар бошад, ё умуман ҳамчун аломати таркиб пешбинӣ нашуда бошад, маҷмуъ татбиқ мегардад. Сидоренко Э.Л. ҳангоми таҳлили маҷмуи ҷиноятҳое, ки бо истифодаи силоҳ содир мешаванд, махсус ба чунин ҳолатҳо таваҷҷуҳ мекунад, зеро худи истифодаи силоҳ аксар вақт баҳодиҳии мустақили ҳуқуқии ҷиноятиро талаб менамояд[1].

Мантиқи монанд нисбат ба ҷиноят-оқибат низ татбиқ мегардад. Агар оқибат бевосита ба таркиби ҷиноят дохил карда шуда бошад ва аз рӯйи хавфнокии худ ба сохтори қонунгузорӣ мувофиқат кунад, он бо як таркиб фаро гирифта мешавад. Масалан, расонидани зарари вазнин ба саломатӣ, ки аз беэҳтиётӣ боиси марг шудааст, як ҷинояти таркибии ягона мебошад. Аммо агар оқибати ба вуҷудомада аз рӯйи дараҷаи хавфнокӣ аз доираи таркиб берун равад ё шакли гуноҳ нисбат ба он дар қонун ба қадри кофӣ равшан муайян нашуда бошад, зарурати бандубасти мустақил ба миён омада метавонад.

Баҳодиҳии рафтори гунаҳгор пас аз анҷоми ҷиноят аҳаммияти махсус дорад. На ҳар як ҳаракате, ки пас аз ба даст омадани натиҷаи ҷиноятӣ содир мешавад, ҷиноятро навро ташкил медиҳад. Агар рафтори минбаъда тарзи ихтиёрдорӣ кардани предмети ҷиноятро аллакай содиршуда бошад, нисбат ба кирдори аввал камтар хавфнок бошад ё ба объекти нав зарар нарасонад, он метавонад бандубасти мустақилро талаб накунад. Дар илм дар ин масъала муносибатҳои гуногун мавҷуданд: Козлов А.П. чунин мешуморад, ки рафтори баъди анҷоми ҷиноят наметавонад қисми таркибии кирдори аллакай анҷомёфта бошад[2], дар ҳоле ки Благов Е.В. баён медорад, ки идомаи амалӣ шудани қасди аввал пас аз анҷоми расмии ҷиноят на ҳамеша таркиби мустақилро ба вуҷуд меорад[3] .

Вазъияти дигар вақте ба миён меояд, ки пас аз анҷоми як ҷиноят гунаҳгор ба объекти дигар зарар мерасонад ё нисбат ба ҳамон ҷабрдида ҳаракатҳои гуногун содир мекунад. Масалан, таҳқири ҷасад пас аз куштор на танҳо ба ҳаёт, балки ба объекти дигари ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятӣ таҷовуз мекунад. Дар чунин ҳолат кирдорҳои содиршуда бандубасти мустақилро аз рӯйи маҷмуи ҷиноятҳо талаб менамояд. Ҳамин қоида ба ҳолатҳое низ дахл дорад, ки ҳаракатҳои минбаъда нисбат ба ҷинояти аллакай содиршуда хавфноктаранд ва бо қасди аввалини гунаҳгор фаро гирифта нашуда буданд.

Ҳамин тавр, рафтори минбаъда бояд на ба таври расмӣ, балки тавассути объекти таҷовуз, хусусияти ҳаракатҳо, дараҷаи хавфнокии онҳо ва робита бо қасди аввал баҳогузорӣ карда шавад. Агар он идомаи табиии амалӣ шудани нияти аввалини ҷиноятӣ бошад ва аз ҳудуди объекти ҳифзшаванда берун наравад, маҷмуъ метавонад вуҷуд надошта бошад. Агар он таҷовузи навро ташкил диҳад, объекти мустақилро халалдор намояд ё қасди навро амалӣ созад, бандубасти мустақил зарур мегардад.

Таҳлили анҷомдодашуда имкон медиҳад, ки якчанд самти такмили баҳодиҳии ҳуқуқии ҷиноятии сершуморагии ҷиноятҳо ҷудо карда шавад. Пеш аз ҳама зарур аст, ки меъёрҳои ҷудо намудани сершуморагӣ ва ҷинояти ягонаи мураккаб дар сатҳи меъёрӣ дақиқ карда шаванд. Дар қонунгузории амалкунанда ин масъала дар ҳолатҳои алоҳида, тавассути таркибҳои ҷудогона ва

---

[1] Сидоренко, Э.Л. Квалификация совокупности преступлений, совершаемых с применением оружия / Э.Л. Сидоренко // Библиотека криминалиста. - 2015. - № 4. - С. 80.
[2] Козлов, А.П. Единичные преступления: понятие, классификация, квалификация. - Красноярск, 2007. - С. 210.
[3] Благов, Е.В. Асари зикршуда. - С. 99.

тавзеҳоти судӣ ҳал мешавад. Дар ҳоле ки қоидаҳои умумӣ бояд дар сатҳи Қисми умумии қонуни ҷиноятӣ мустаҳкам карда шаванд ё ҳадди ақал дар қарорҳои мақоми олии судӣ ба таври низомӣ таҳия гарданд.

Самти дуюм ба даст кашидан аз истифодаи аз ҳад зиёди преюдитсияи маъмурӣ вобаста мебошад. Агар қонунгузор рафтори муайянро ба қадри кофӣ хавфнок ҳисобад, он бояд ҳамчун ҷинояти мустақил криминализатсия карда шавад. Агар кирдор ба сатҳи хавфнокии ҷамъиятии ҷиноят нарасад, такроршавии кирдорҳои маъмурӣ набояд ба таври автоматӣ онро ба кирдори сазовори ҷазои ҷиноятӣ табдил диҳад. Дар акси ҳол, ҳуқуқи ҷиноятӣ вазифаи пурзӯркунандаи маъмуриро иҷро мекунад, ки ба хусусияти истисноии он мухолиф аст.

Самти сеюм ба дақиқтар тасвир намудани тарафи объективии таркибҳои ҷиноятҳо дахл дорад. Ҳангоми истифодаи шакли ҷамъ дар диспозитсия бояд равшан нишон дода шавад, ки оё сершумории ҳаракатҳо аломати ҳатмии таркиб мебошад ё сухан танҳо дар бораи тарзи грамматикии ифодаи вариантҳои эҳтимолии кирдор меравад. Агар қонунгузор мехоҳад якчанд ҳаракатро бо як таркиб фаро гирад, бояд аломатҳои муттаҳидкунанда - мақсад, қасди ягона, натиҷаи умумӣ, робитаи сабабӣ, объекти ягона ё хусусияти устувори рафторро нишон диҳад.

Самти чорум бо рушди меъёрҳои баҳодиҳии тарафи субъективӣ алоқаманд аст. Маҳз ягонагӣ ё ҷудоии қасд, ангеза ва мақсад дар бисёр ҳолатҳо муайян мекунад, ки ҳаракатҳои содиршуда ҷинояти ягона мебошад ё маҷмуъ. Аз ин рӯ, ҳангоми бандубасти сершуморагӣ набояд танҳо бо ҳисоб кардани ҳаракатҳо, ҷабрдидагон ё лаҳзаҳои алоҳида маҳдуд шуд.

Самти панҷум зарурати ба таври пайваста ба назар гирифтани динамикаи фаъолияти ҷиноятиро дар бар мегирад. Қонуни ҷиноятӣ ва амалияи судӣ бояд пайдарпай амалӣ шудани як ҷиноят, ихтиёрӣ даст кашидан аз ҷинояти аввал, қатъи маҷбурии ҷиноят бо сабабҳои аз шахс вобастанабуда, ҳамроҳ шудани қасди нав ва содир намудани ҷинояти мустақил пас аз анҷоми ҷинояти аввалро равшан аз ҳам ҷудо намоянд. Бе чунин ҷудосозӣ бандубаст ногузир боиси фурубарии беасоси кирдорҳо ё ҷавобгарии беасос аз руи маҷмуи ҷиноятҳо мегардад.

Бандубасти сершуморагии ҷиноятҳо яке аз вазифаҳои мураккабтарини амалияи ҳуқуқи ҷиноятӣ мебошад. Мураккабии он бо он вобаста аст, ки мақомоти ҳуқуқ татбиққунанда бояд на танҳо шумораи ҳаракатҳои содиршударо, балки мустақилияти ҳуқуқии онҳо, робитаи байни онҳо, самти субъективии рафтори гунаҳгор, сохтори таркиби ҷиноят ва ҳудуди салоҳдиди қонунгузориро низ баҳогузорӣ намояд.

Хулосаи асосӣ дар он аст, ки сершуморагии ҷиноятҳо наметавонад танҳо ба таври арифметикӣ муайян карда шавад. Ду ё зиёда ҳаракат на ҳамеша ду ё зиёда ҷиноятро ташкил медиҳанд, ҳамон тавре ки як рафтори пайваста на ҳамеша як ҷиноят мебошад. Меъёр бояд маҷмӯӣ бошад: мустақилияти объекти таҷовуз, мавҷудияти таркиби алоҳидаи ҷиноят, ҷудоии қасд, набудани муттаҳидсозии қонунгузории якчанд зуҳурот дар як таркиб, инчунин зарурати баҳодиҳии мустақили ҳуқуқии ҷиноятӣ ба ҳар як лаҳзаи кирдори содиршуда.

Преюдитсияи маъмурӣ ва истифодаи доғи судӣ ҳамчун аломати вазнинкунанда набояд ҳамчун сершуморагии воқеии ҷиноятҳо баррасӣ шаванд. Ин сохторҳо, пеш аз ҳама, бо баҳодиҳии шахсият ва рафтори ҳуқуқии қаблии субъект алоқаманданд, дар ҳоле ки сершуморагӣ ба маънои қатъӣ мавҷудияти якчанд ҷиноятро дар назар дорад. Омезиши ин падидаҳо метавонад сарҳади байни ҷиноят ва кирдори маъмуриро вайрон карда, хавфи баҳисобгирии такрории рафтори аллакай аз ҷониби давлат арзёбишударо ба вуҷуд оварад.

Дар ҷудо намудани сершуморагӣ ва ҷинояти ягонаи мураккаб тарафи субъективӣ аҳаммияти махсус дорад. Ягонагии қасд, ангеза ва мақсад метавонад якчанд ҳаракатҳоро ба як ҷиноят муттаҳид кунад, дар ҳоле ки ҷудоии онҳо ба фоидаи маҷмӯъ шаҳодат медиҳад. Ин хусусан ҳангоми бандубасти ҷиноятҳо нисбат ба ду ё зиёда шахс, ҳангоми гузаштани як ҷиноят ба ҷинояти дигар, ҳангоми баҳодиҳии ҷиноят-восита, ҷиноят- оқибат ва рафтори минбаъдаи гунаҳгор муҳим аст. Такмили бандубасти сершуморагии ҷиноятҳо муқаррароҳои равшантарини қонунгузорӣ ва тавзеҳоти ягонаи амалияи судиро талаб мекунад. Мустаҳкам намудани меъёрҳои умумии ҷудо намудани сершуморагӣ аз ҷинояти ягонаи мураккаб, маҳдуд намудани преюдитсияи маъмурӣ, инчунин тасвири пайвастаи таркибҳои мураккаби ҷиноятҳо дар Қисми махсуси қонуни ҷиноятӣ самтҳои бештар дурнамо ба ҳисоб мераванд.

Танҳо дар чунин сурат институти сершуморагӣ метавонад вазифаи асосии худ: таъмин намудани баҳодиҳии пурра, одилона ва бидуни зиддияти ҳуқуқии ҷиноятӣ ба фаъолияти ҷиноятии шахсро иҷро намояд.

ТДУ 340

НАҚШИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ГУСТАРИШИ МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚИИ ҶОМЕАИ ҶАҲОНӢ

РОЛЬ ПРЕЗИДЕНТА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН В РАСШИРЕНИИ ПРАВОВОГО ПРОСВЕЩЕНИЯ МИРОВОГО СООБЩЕСТВА

КАРИМЗОДА УМАР КАРИМ
Сардори кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети № 2-юми Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, полковники милитсия / Начальник кафедры государственно-правовых дисциплин факультета № 2 Академии МВД Республики Таджикистан, кандидат юридических наук, доцент, полковник милиции
E-mail: muminov-u85@mail.ru

Нақши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар эҳёи ташаббусҳои байналмилалӣ дар сатҳи минтақа ва ҷаҳон назаррас маҳсуб мегардад, зеро то ин муддат якчанд ташаббусҳои байналмилалии Пешвои миллат аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ пуштибонии амиқ пайдо намудааст. Агар ба заминаҳои таърихӣ-бунёдии нақш ва мавқеи Тоҷикистон дар самти ҳалли мушкилоти об дар миқёси минтақа ва ҷаҳон таваҷҷуҳ намоем, он аз рӯзҳои нахустини соҳибистиқлолӣ ва равобити мустақими байналмилалӣ бо дигар давлатҳо ба созмонҳои умумиҷаҳонӣ сарманшаъ мегирад[1]. Вобаста ба ин, ҷомеаи ҷаҳонӣ шоҳид аст, ки дар натиҷаи талошҳои пайвастаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон масъалаҳои вобаста ба обу иқлим ва таҳкими амнияти умумибашарӣ дар Рӯзномаи ҷаҳонии рушд мақоми хосса пайдо намуда, таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳониро ба худ ҷалб карда, мавриди баррасӣ қарор гирифта, ҳамаҷониба дастгирӣ ёфтаанд.

Ин равандро метавон густариши фарҳанги сиёсӣ ва пешрафти дипломатияи муваффақона унвон дод. Зеро Ҷумҳурии Тоҷикистон барои кушодани роҳ ба сӯйи ояндаи дурахшон ва нақш гузоштан дар ҳалли проблемаҳои муҳимми ҷаҳонӣ дар таҳияи сиёсати хориҷӣ дипломатияи обро роҳандозӣ намуд. Барои тарҳрезии ин сиёсат Пешвои миллат корҳои муҳимеро сомон доданд, ки дар баланд бардоштани нуфузу эътибори байналмилалии Тоҷикистон ва ҳаллу фасли масъалаҳои глобалӣ ниҳоят бузургу саривақтӣ маҳсуб меёбанд.

Дар баробари таваҷҷуҳи вижа ба масоили обу иқлим ва дар ин самт пешниҳод намудани як қатор таклифҳои созандаву саривақтӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба мушкилоти таъмини сулҳу амният дар ҷаҳон таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамоянд ва кишварҳои ҷаҳонро барои расидан ба натиҷаҳои дилхоҳ ба иқдомҳои созандаву муҳим даъват менамоянд.

Бо ифтихору сарфарозӣ метавон таъкид намуд, ки соли сипаригардида низ иқдому ташаббусҳои Пешвои муаззами миллат боиси боло рафтани эътибори Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ гардиданд. Баргузории Конфронси байналмилалии сатҳи баланд оид ба ҳифзи пиряхҳо барои амалисозии қатъномаи Созмони Милали Муттаҳид (минбаъд – СММ) оид ба «Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо», қабули қатънома доир ба «Ҳифзи пиряхҳо ва криосфера, бахусус, дар минтақаҳои кӯҳӣ», қабули қатъномаи махсуси Маҷмаи Умумии СММ зери унвони «Нақши зеҳни сунъӣ дар фароҳам овардани имконоти навин барои рушди устувор дар Осиёи Марказӣ», ба Феҳристи мероси ҷаҳонии ЮНЕСКО ворид гардидани ёдгориҳои мероси фарҳангии Хуттали қадим, қабули қатъномаи Маҷмаи Умумии СММ дар хусуси эълон кардани соли 2027 ҳамчун «Соли байналмилалии маърифати ҳуқуқӣ» намунаи равшани ташаббусҳои Роҳбари давлати Тоҷикистон мебошанд. Тавре Пешвои миллат муҳтарам

[1] Зуҳурзода, Ш.Д. Танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии фаъолияти сулҳофаронаи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон: дис. ... ном. илм. ҳуқуқ: 12.00.02 / Ш.Д. Зуҳурзода. – Душанбе – 2026. С. 99; Насриддинзода, Э.С. Нақши Пешвои миллат дар эҳёи ташаббусҳои байналмилалӣ (Дар ҳошияи пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вобаста ба қабули қатъномаи махсуси СММ оид ба «Даҳсолаи таҳкими сулҳ ба хотири наслҳои оянда») // [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: https://jumhuriyat.tj/4847-sul-ba-hotiri-nasloi-ojanda-tashabbusi-shoistai-peshvoi-millat-ki-benazir-ast.html (санаи муроҷиат: 05.04.2026).

Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ таъкид намуданд: «Пазируфтани ин ташаббусҳо ифодаи эътироф ва дастгирии ҷомеаи ҷаҳонӣ аз ибтикороти созандаи Тоҷикистон оид ба масъалаҳои мубрами рӯзномаи глобалӣ ба ҳисоб меравад»[1].

Боиси ифтихору сарафрозӣ аст, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ миллати моро ҳамчун миллати соҳибфарҳангу соҳибтамаддун мешиносад ва эътироф менамояд. Миллати мо давоми таърих арзишҳои бузурги маънавие эҷоду корбаст намудааст, ки туфайли он мо имрӯз ҳувияти хешро устувор нигоҳ доштем.

Боиси фараҳмандист, ки 12-уми декабри соли 2025 Маҷмаи Умумии СММ дар доираи Иҷлосияи 80-уми худ қатъномаро таҳти унвони «Соли байналмилалии маърифати ҳуқуқӣ, 2027», ки бо ибтикори Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардид, бо иттифоқи оро қабул намуд[2]. Бо дарназардошти амалисозии муваффақонаи «Соли маърифати ҳуқуқӣ» дар Тоҷикистон, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронӣ дар мубоҳисаҳои Иҷлосияи 80-уми Маҷмаи Умумии СММ пешниҳод намуданд, ки ин ташаббус ба сатҳи байналмилалӣ бароварда шавад ва соли 2027 ҳамчун «Соли байналмилалии маърифати ҳуқуқӣ» эълон гардад. Бо ироаи ин пешниҳод, Роҳбари давлат аҳаммияти умумиҷаҳонии маърифати ҳуқуқиро ҳамчун пояи асосии адолат, мудирияти муассир ва сулҳи пойдор таъкид намуданд.

Аҳаммияти эълон гардидани «Соли байналмилалии маърифати ҳуқуқӣ» дар он зоҳир мегардад, ки талошҳои ҷаҳониро ҷиҳати пешбурди ташаббусҳои миллӣ ва байналмилалии таълими ҳуқуқӣ, аз ҷумла фарогирии фанҳои ҳуқуқӣ дар барномаҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва омӯзишгоҳҳои касбӣ; таҳкими дастрасӣ ба иттилооти ҳуқуқӣ ба мақсади он ки занон, кӯдакон ва ашхоси осебпазир тавонанд ҳуқуқҳои худро беҳтар дарк ва амалӣ намоянд; дастгирии ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ташаббусҳои маҳаллӣ, ки ба рушди огоҳии ҳуқуқӣ ва омӯзиши ҳуқуқи инсон бахшида шудаанд; инчунин ташвиқи ҳамкории ниҳодҳои СММ, кишварҳои узв, муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ барои мубодилаи таҷрибаи беҳтарин ва таҳкими дарки ҳуқуқ дар сатҳи ҷаҳонӣ, равона намояд[3].

Пазируфтани қатъномаи мазкур ифодаи эътироф ва дастгирии ҷомеаи ҷаҳонӣ аз ибтикороти созандаи Тоҷикистон ва иқдомҳои оқилонаву дурандешонаи Пешвои маҳбуби миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба ҳалли масъалаҳои муҳимми ҷомеаи инсонӣ ба ҳисоб меравад. Ин ташаббус дар риояи ҳуқуқи инсон, густариши арзишҳои ҳуқуқӣ, таҳкими волоияти қонун дар сатҳи милливу байналмилалӣ ва иҷрои уҳдадориҳои байналмилалии Тоҷикистон саҳми назаррас хоҳад гузошт[4].

Қатънома нақши муҳим ва зарурии маърифати ҳуқуқиро дар пешбурди ҳуқуқи инсон, иштироки фаъоли ҷомеа ва дастрасӣ ба адолат таъкид менамояд. Ин қатънома ҳамчунин таҷрибаи муваффақи Тоҷикистонро дар эълон намудани соли 2024 ҳамчун «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эътироф намуда, онро ҳамчун намунаи боризи миллӣ, ки ба таври назаррас сатҳи огоҳии ҳуқуқии аҳолиро баланд бардошта, аҳаммияти амалҳои ҳамоҳангшудаи миллиро дар рушду таҳкими таълими ҳуқуқ собит мекунад, тасдиқ менамояд.

Эълони “Соли байналмилалии маърифати ҳуқуқӣ, 2027” на танҳо аксуламал ба вазъи кунунӣ, балки стратегияи дарозмуддат барои таҳкими низоми байналмилалӣ аст, ки бо пажӯҳишҳои илмӣ дар бораи нақши ҳуқуқ дар рушди устувор ҳамоҳанг мебошад. Таҷрибаи соли 2024 дар Тоҷикистон нишон медиҳад, ки чунин ташаббусҳо метавонанд ба таҳкими рафтори ҳуқуқӣ, оштинопазирӣ нисбат ба ҳуқуқвайронкуниҳо ва ногузирии масъулияти ҳуқуқӣ мусоидат кунанд, ки ин барои сатҳи байналмилалӣ намунаи ибрат мебошад. Ин қатънома даъвати амалӣ барои таҳкими ҳуқуқи байналмилалӣ аст. Он метавонад ҳамчун пуле барои

---

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 16 декабри соли 2025 // [Манбаи электронӣ]. - Реҷаи воридшавӣ: https://president.tj/event/news/54181 (санаи мурочиат: 30.03.2026).

[2] Маҷмаи Умумии СММ қатъномаи Тоҷикистонро дар бораи «Соли байналмилалии маърифати ҳуқуқӣ, 2027» қабул намуд // Сомонаи расмии Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Манбаи электронӣ]. - Реҷаи воридшавӣ: https://www.mfa.tj/tg/main/view/17964/majmai-umumii-smm-qatnomai-tojikistonro-dar-borai-soli-bainalmilalii-marifati-huquqi-2027-qabul-namud (санаи мурочиат: 30.03.2026)

[3] Шарҳи мухтасари Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», аз 16-уми декабри соли 2025 / Зери таҳрири д.и.ҳ., дотсент Раҳимзода Р.Ҳ. – Душанбе: Нашриёти ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2026. – С. 20.

[4] Насриддинзода, Э. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – саҳифаи нави рушди арзишҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва маърифатӣ // [Манбаи электронӣ] – Реҷаи воридшавӣ: https://tnu.tj/index.php/tj/pajomi-prezidenti-um-urii-to-ikiston-sa-ifai-navi-rushdi-arzish-oi-u-u-i-tisod-va-marifat/ (санаи мурочиат: 23.12.2025).

ҳамкории байнидавлатӣ хизмат ва ба ҳифзи ҳуқуқи инсон дар кулли ҷаҳон мусоидат намояд. Ин қатънома дар устувор намудани маърифати ҳуқуқии аҳолии кулли ҷаҳон ва намунаи эҳтиромии қонун барои ҷомеаи байналмилалӣ мебошад.

Дар қатънома дарҷ шудааст, ки аз давлатҳо даъват карда мешаванд, ки иқтидори миллиро барои таълими ҳуқуқӣ ва маърифати ҳуқуқӣ таҳким бахшанд, аз ҷумла тавассути таҳия ва амалӣ гардонидани нақшаҳо, стратегияҳои миллӣ, созмонҳо ва ниҳодҳои дахлдори низоми СММ даъват мешаванд, ки ҳангоми дархост, кумаки техникӣ ва сохтмони иқтидорро пешниҳод намоянд ва таҷрибаҳои миллӣ, таҷрибаҳои беҳтарин ва дарсҳои омӯхташударо дар бораи пешбурди маърифати ҳуқуқӣ мубодила кунанд. Дар ин замина таҷрибаи Тоҷикистон зимни эълони соли 2024 ҳамчун Соли маърифати ҳуқуқӣ дар мамлакат барои мусоидат ба огоҳии ҳуқуқӣ дар байни шаҳрвандонаш намунаи ибрат аст [1].

Қабули қатъномаи Маҷмаи Умумии СММ дар бораи «Соли байналмилалии маърифати ҳуқуқӣ, 2027» эътирофи байналмилалии ташаббускори ҷаҳонии маърифати ҳуқуқӣ будани Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад. Ин дастовардҳо на танҳо саҳми арзандаи Тоҷикистон дар ҳалли мушкилоти ҷаҳонӣ мебошанд, балки далели равшани онанд, ки овози миллати мо дар Маҷмаи Умумии СММ шунида мешавад ва ташаббусҳои Пешвои миллат ҷомеаи ҷаҳониро ба роҳи адолат, сулҳ ва рушди устувор ҳидоят менамоянд.

Ҳамин тариқ, чунин хулоса намуданд мумкин аст, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун сиёсатмадори сатҳи ҷаҳонӣ дар арсаи байналмилалӣ дорои обрӯву нуфузи баланд буда, ташаббусҳое, ки аз ҷониби роҳбари давлати мо анҷом дода мешаванд, якдилона дар доираи созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ пазируфта мешаванд.

Муҳим аз ҳама, ин ташаббусҳо на танҳо баҳри ҳифзи миллати тоҷик, балки барои тамоми инсоният равона гардидааст, ки аз инсонсолории Роҳбари давлати мо далолат медиҳанд. Ин шахсияти нотакрори таърихӣ имрӯз на танҳо барои мардуми шарифи Тоҷикистон, балки барои тамоми тоҷикони ҷаҳон ҳамчун Пешво пазируфта шуда, мояи ифтихори ҳар яки мо мебошанд.

УДК 351.74

ИСТОРИЯ БЛАГОТВОРИТЕЛЬНОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ МВД РОССИЙСКОЙ ИМПЕРИИ НА СТРАНИЦАХ «ЖУРНАЛА МИНИСТЕРСТВА ВНУТРЕННИХ ДЕЛ»

ТАЪРИХИ ФАЪОЛИЯТИ ХАЙРИЯВИИ ВКД ШОҲИГАРИИ РОССИЯ ДАР САҲИФАҲОИ «МАҶАЛЛАИ ВАЗОРАТИ КОРҲОИ ДОХИЛӢ»

КУРАС СОФЬЯ ЛЕОНИДОВНА
Доцент кафедры основ российской государственности и цивилистики Восточно-Сибирского института МВД России, кандидат исторических наук, доцент, младший лейтенант полиции / Дотсенти кафедраи асосҳои давлатдории Россия ва сивилистикаи Донишкадаи Шарқӣ-Сибириш ВКД Россия, номзади илмҳои таърих, дотсент, лейтенанти хурди политсия
E-mail: kuras@list.ru

В истории правоохранительных органов дореволюционной России осуществление социальной помощи и поддержки нуждающегося населения всегда было значимой деятельностью. Первые сведения о благотворительности мы встречаем ещё в период Древней Руси. Особенно активно этот процесс стал формироваться после принятия древнерусским государством христианства. Развитие системы общественного призрения шло в основном через церковные институты. Уже позже, в XVIII в., к религиозным институтам, осуществляющим благотворительную деятельность, присоединились органы власти, и эта социальная работа становится частью государственной заботы.

[1] Сангинзода, Д. Эмомалӣ Раҳмон - ташаббускори ҷаҳонии маърифати ҳуқуқӣ // [Манбаи электронӣ] – Реҷаи воридшавӣ: https://amit.tj/tj/emomali-rakhmon-tashabbuskori-chakhonii-marifati-khukuki/ (санаи мурочиат: 08.04.2026).

Первыми правовыми актами, регулирующими и развивающими благотворительность стали «Учреждение для управления губернией» 1775 г., «Устав благочиния» 1782 г. и «Жалованная грамота городам» 1785 г.[1]. Постепенно к концу XVIII века социальная помощь государственных органов дореволюционной России становится стабильно осуществляемой. Отдельные исследователи выделяют в этом направлении чисто благотворительную деятельность, то есть напрямую не подконтрольную государству, осуществляемую на общественных началах и деятельность в рамках «общественного призрения», которая требовала определенной структуры организаций, четкости в документах, формализма в отчетах и была подконтрольна государству.

В 1802 г. после введения в России министерской системы, одним из восьми впервые созданных подразделений стало Министерство внутренних дел. На новое ведомство сразу было возложено большое количество разнообразных общественно полезных функций, направлений и видов деятельности. В связи с этим очень важно было освещать эту работу в периодической печати. Для этих целей практически сразу после образования – в 1804 г. в рамках ведомства было создано первое периодическое издание системы МВД – «Санкт-Петербургский журнал». В информационном источнике, помимо новых официальных нормативных актов, публиковались отчеты о деятельности министерства, статистические данные о количестве и видах преступлений, сведения о деятельности учреждений, входивших в состав МВД, а также общественная деятельность по организации вопроса общественного призрения. Первое издание МВД просуществовало несколько лет – до 1809 г. и на смену ему, в связи с реорганизацией ведомства и включением в его состав Главного почтового отделения выходили в свет еще несколько ведомственных газет.

В 1828 г. впервые вышло в свет новое периодическое издание, ставшее главным «рупором» в деле освещения их деятельности – «Журнал Министерства внутренних дел», которое объединило весь накопленный с начала XIX века опыт формирования материалов исполнительного органа власти. Журнал выходил в свет стабильно и публиковался ежемесячно вплоть до 1861 года. По структуре изначально издание состояло из трех разделов, которые включали в себя: 1) новые распоряжения по ведомству, 2) статистику, 3) известия. Уже позже, в 1843 г., журнал дополнил на своих страницах такие разделы как: «1) народное. 2) народное довольство; 3) общественное благоустройство; 4) современная история народного и общественного благосостояния»[2]. По структуре издания можно видеть какое большое значение отводилось в системе МВД развитию благоустройства местностей, повышению уровня благосостояния населения страны.

Среди основополагающих функций Министерства внутренних дел, определенных ему государством сразу после его образования, была забота о благосостоянии народа, их спокойствии. Именно поэтому вопросы общественного презрения стабильно находили свое отражение на страницах внутриведомственного периодического издания. Именно на страницах «Журнала Министерства внутренних дел» этим вопросам уделялось особое внимание. Свою деятельность в рамках благотворительности министерство осуществляло через Приказы общественного призрения, являвшиеся в начале XIX века составной частью МВД. Большую часть благотворительной помощи министерство осуществляло через деятельность «попечительных обществ». Как отмечают современные исследователи, на иждивении министерства находилось большое количество социальных объектов, оказывающих помощь нуждающимся. Среди них были больницы, дома для душевнобольных, различного рода богадельни. Министерство содействовало развитию благотворительной помощи и социальной активности государственных структур, формированию постоянного финансового капитала для оказания целевой помощи развивающимся социальным объектам. «Журнал Министерства внутренних дел» отражал все направления социальной работы ведомства, фиксировал строительство новых больниц, исправительных домов, попечительных заведений, а также все этапы помощи им.

Эти данные подтверждаются стабильной публикацией на страницах «Журнала МВД» уставов благотворительных обществ. Это был достаточно объемный и подробный вид документа, который включал в себя все этапы формирования объединения, условия вступления, особенности их деятельности и др. вопросы. В параграфах этих документов был обязательным пункт о вносимых средствах.

---

[1] Кирпа, М.С. Деятельность министерства внутренних дел Российской империи по вопросам общественного призрения / М.С. Кирпа / М.С. Кирпа // Юристъ-Правоведъ. - 2023. - № 2(105). - С. 127.

[2] Янченко, И.Л., Токмачева, А.Ю. Ведомственная периодическая печать в системе Министерства внутренних дел Российской империи (дореформенный период XIXв.) / И.Л. Янченко, А.Ю. Токмачева // Труды Академии управления МВД России. - 2018. - № 4 (48). - С. 88.

Так, в параграфе № 4 Устава одного из благотворительных обществ, опубликованного в «Журнале Министерства внутренних дел» за 1840 г., было указано: «членом общества почитается всякий, принимающий на себя обязательство делать ежегодно неопределенные приношения, или жертвующий единовременно 71 рубль 50 копеек серебром»[1]. В целом к вопросу конкретных сумм денежных взносов, а также оформлению учетных ведомостей по ним, во всех публикуемых уставах всегда было уделено особо внимание. Уставы благотворительных обществ содержали требования к лицам, желающим состоять в этих организациях на постоянной, стабильной основе. Например, указывалось, что «в общество может вступить всякий, желающий способствовать благотворительности, без различия состояния, пола, возраста и вероисповедания»[2]. Устанавливалось также, что каждый член общества «имеет право прекратить с обществом свои сношения, коль скоро имеет на то свои причины; но в том случае сделанный им единовременный взнос денег остается в кассе общества»[3].

Необходимо отметить, что строгое отношение к взносам в деятельности благотворительных обществ прослеживается и в публикациях других ведомственных изданий дореволюционной России. Таковым, например, являлся ведомственный журнал Главного тюремного управления в Российской империи «Тюремный вестник». Изначально тюремное дело не было выделено в отдельную структуру и являлось частью МВД, однако, в 1879 г. было создано Главное тюремное управление. По уже устоявшейся в государственных органах традиции, новое ведомство также стало выпускать свое ведомственное периодическое издание. Так, с 1893 г. начал выходить в свет, журнал, который последовательно продолжил практику публикации по попечительной, благотворительной деятельности, созданных на страницах «Журнала Министерства внутренних дел». Министерство внутренних дел дало основу для формирования и в ведомственной печати сведений о благотворительности в других министерствах, в том числе в Министерстве юстиции. Так, «Журнал Министерства юстиции», выходивший в свет с 1859 г. с целью освещения судебной реформы, стабильно публиковал сведения о структуре, особенностях деятельности, размере членских взносов «Благотворительного общества судебного ведомства»[4].

В целом, ведомственные делопроизводственные издания правоохранительных органов дореволюционной России отражают трансформацию структур, полномочий, задач обществ призрения.

В одном из опубликованных распоряжений Министра внутренних дел о порядке назначения лиц благотворителями, было указано, что «звание члена – благотворителя предоставлялось, по постановлениям Правления Общества, лицам, сделавшим в пользу Общества единовременный взнос не менее 1000 р., или вносящим ежегодно не менее 50 р.»[5]. Также по материалам ведомственных периодических изданий можно видеть зависимость срока уплаты взноса в Попечительное общество с занимаемой должностью в данном обществе. Регламент по таким случаям также подробно описывается на страницах журналов. В четвертом номере «Тюремного вестника» за 1896 г. было опубликовано сообщение Министра юстиции об утверждении правил уплаты членских взносов Санкт-Петербургским мужским благотворительно-тюремным комитетом 14 мая 1894 г. В нем было указано следующее: «членские взносы должны быть уплачиваемы не позднее 1 марта за текущий год. Лица, не уплатившие к этому сроку причитавшихся с них взносов, теряют звания директора правления и члена комитета. Сделавшие взнос после 1 марта вновь поступают в состав комитета, с прежним званием члена (но не директора правления), без вторичной баллотировки».

Благодаря публикуемым на страницах «Журнала Министерства внутренних дел» уставам и правилам работы обществ попечения, мы можем видеть какой обширный круг задач был поставлен перед обществами. Среди основных задач была помощь бедным слоям населения, тем из них кто был лишен возможности самостоятельно работать и зарабатывать в силу возраста или заболеваний. Также, важной заботой министерства внутренних дел было противодействие проблеме нищенства и бродяжества, и другие социальные задачи. Помимо помощи, выраженной в денежных средствах, в материалах журнала указывалось, что она может быть осуществлена необходимыми людям вещами, продуктами питания.

---

[1] Устав благотворительного общества в г. Дерпт // Журнал Министерства внутренних дел. - 1840. - Ч. 37. - № 8. - С. XI.
[2] Там же.
[3] Там же.
[4] Иванов, А. А., Курас С. Л., Курас Т. Л. Деятельность благотворительного общества судебного ведомства в Российской империи (1895-1917 гг.) / А. А. Иванов, С. Л. Курас, Т. Л. Курас // Власть. – 2026. – Т. 34, № 1. – С. 283-289.
[5] Распоряжения Министра внутренних дел // Тюремный вестник. - 1893. - № 6. - С. 208.

Также, особым направлением в деятельности благотворителей являлась помощь лекарствами и оказание врачебной помощи таким людям. Ведомственные издания и МВД и тюремной части обращали особое внимание, чтобы помощь оказывалась адресно: «…чтобы помощь была оказываема лицам достойнейшим…»[1], то есть только тем, кто в этом максимально нуждается. При этом в «Журнале МВД» указывалось, что к лицам «кои занимаются непрошением милостыни по лености или распутству»[2] полиции следует обращать пристальное внимание и пресекать такую незаконную деятельность.

Материалы, публикуемые на страницах «Журнала Министерства внутренних дел», показывают этапы формирования и развития структуры, способов и форм благотворительной деятельности в рамках ведомства. На страницах ведомственного журнала мы видим, как важно было реализовать целевое назначение денежных средств, которые шли на поддержку малоимущего населения. В одном из номеров «Журнала» пыла опубликована информация, что «Некто назначил по духовному своему завещанию, для раздачи убогим по богадельням, около 2.000 руб. серебром»[3]. При этом МВД отмечает. Что подобные центры помощи бездомным и обездоленным имеют достаточно средств к существованию, в то время как есть лица, которые не могли туда попасть из-за переполненности учреждений, такие средства могли бы быть полезны этим людям в большей степени. Поэтому было принято решение раздать эти средства «бедным и убогим, состоящим более двух лет кандидатами для поступления в здешние городские богадельни».

До 50-х гг. XIX в. попечительная деятельность МВД осуществлялась через приказы общественного призрения. К этому времени число курируемых благотворительных, воспитательных, исправительных учреждений значительно выросло и их деятельность отражалась на страницах ведомственного издания. Благодаря публикуемым отчетам о деятельности приказов, а в дальнейшем сменивших их благотворительных обществ, мы можем видеть с какими трудностями они сталкивались, какие недочеты в их работе были выявлены. Занятие благотворительной деятельностью имело большое общественное значение и поощрялось на государственном уровне. Это, в том числе, подтверждают опубликованные материалы о награждении орденом «св. Станислава 2-ой степени»[4] членов приказов общественного призрения Новгородского губернского правления.

Таким образом, даже по приведенному нами краткому исследованию «Журнала Министерства внутренних дел», мы можем видеть каким актуальным и информативным источником является это периодическое издание царской России. В нем представлена информация о целевом расходовании средств, региональной составляющей попечительства, сведения о благотворителях и другие статистические данные, которые являются ценным источником в деле изучения организации общественного призрения государственными органами власти.

[1] Правила деятельности Московского дамского благотворительно-тюремного комитета // Тюремный вестник. - 1898. - № 4. - С. 156-164.
[2] Устав благотворительного общества в г. Дерпт // Журнал Министерства внутренних дел. - 1840. - Ч. 37. - № 8. - С. X.
[3] Министерские распоряжения // Журнал Министерства внутренних дел. - 1861. Кн. 6 (июнь). - С. 91-92.
[4] Общий циркуляр по Министерству внутренних дел // Журнал Министерства внутренних дел. - 1840. - Ч. 37. - № 8. - С. XXV.

ТДУ 343.13

АСОСҲОИ КОНСТИТУТСИОНӢ-ҲУҚУҚИИ МАРҲИЛАИ МУҲОКИМАИ СУДИИ ПАРВАНДАҲОИ ҶИНОЯТӢ

КОНСТИТУЦИОННО-ПРАВОВЫЕ ОСНОВЫ СТАДИИ СУДЕБНОГО РАЗБИРАТЕЛЬСТВА ПО УГОЛОВНЫМ ДЕЛАМ

ҚАҲОРЗОДА НАСИМҶОН МАЗБУТ
Мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент / Заведующий кафедрой судебного права и прокурорского надзора юридического факультета Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики, кандидат юридических наук, доцент
e-mail: knasim-1985@mail.ru

Солҳои 90 охири асри XX Тоҷикистон дар низоми давлатдорӣ ба марҳилаи сифатан нави таърихи инкишофи худ ворид шуда, пайваста тавассути ислоҳоти сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ ба дигаргуниҳои куллӣ дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа, аз ҷумла дар соҳаи ба амалбарории адолати судӣ ноил гардид.

Давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёд, ки дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ҳадаф ва дурнамои рушди давлат пешбинӣ гардид[1], арзишҳои беҳтарини умумибашариро фаро гирифта, моҳияти иҷтимоӣ ва башардӯстона пайдо кард, ба таъмини адолати иҷтимоӣ замина гузошт, барои баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ ва инкишофи шахсият фазои мусоид ба сиёсӣ-ҳуқуқӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ, маънавӣ ва фарҳангиро фароҳам оварда[2].

Принсипҳои конститутсионии адолати судӣ дар як вақт принсипҳои демократии мурофиаи судии ҷиноятӣ мебошанд. Олими ватанӣ Искандаров З.Ҳ. дар натиҷаи таҳқиқот ба хулоса омадаанд, ки асосҳои муҳокимаи судиро ҳимояи ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрванд ташкил медиҳанд, ки аз меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашма гирифтаанд, аз ин рӯ, ин асосҳо дар меъёрҳои алоҳидаи ҳуқуқии ҳамаи бобҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла, «Асосҳои сохти конститутсионӣ», «Ҳуқуқ, озодиҳо, вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрванд», «Маҷлиси Олӣ», «Президент», «Суд» ва «Прокуратура» муқаррар шудаанд[3]. Дар қонунгузории миллӣ қоидаҳои пешқадами пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ пешбинӣ ва дар амал ҷорӣ гаштанд, ки манбаи онҳоро меъёрҳои конститутсионӣ ташкил медиҳанд. Тибқи онҳо ба амалбарории адолати судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ яке аз соҳаҳои муҳимми танзими муносибатҳои байни давлат ва шаҳрванд, тайиноти давлат, ӯҳдадории давлат оид ба таъмини амалишавӣ ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд эътироф гардид, ки пайваста рушд меёбад.

Бинобар ин, принсипҳои арзиши олӣ доштани ҳуқуқу озодиҳои инсон (м. 5), ҳимояи судии ҳуқуқу озодии инсон ва шаҳрванд ва адолати судӣ (м. 84), кафолати ҳифзи судӣ (м.м. 14,16,19), қонуният (м. 10), мустақилияту беғаразии судяҳо ва танҳо ба Конститутсия ва қонун итоат намудани онҳо (м. 87), дастрасии адолати судӣ ба ҳар як шахс (м.5), баробарии ҳама дар назди қонун ва суд (м.5), ошкоро баргузор шудани мурофиаи судӣ (м. 5), дар асоси мубоҳиса ва баробарии тарафҳо сурат гирифтани мурофиаи судӣ (м.88), баробарҳуқуқии ҳар шахс дар назди қонун ва суд (м. 17), ошкоро баргузор шудани муҳокимаи судӣ (м.88), принсипи забони мурофиа (м.88), кафолати дахлнопазирии шахсият, қадру номус, манзил, маҳрамияти мукотиба, суҳбатҳои телефонӣ, муросилот ва мухобирот (м.м. 5, 18, 20, 22, 23, 36), ҳифзи ҳуқуқи ҷабрдида (м.м. 21,32), эҳтимолияти бегуноҳӣ (м. 20), ҳуқуқ ба ёрии ҳуқуқӣ (м. 92), ҳуқуқ ба шикоят (м. 31) асосҳои конститутсионӣ-ҳуқуқии ба амалбарории адолати судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ, аз ҷумла муҳокимаи судии парвандаи ҷиноятӣ мебошанд, ки зимни пешбурди ҳар як амали мурофиаи судии ҷиноятӣ, ҳангоми ҳалли тамоми масъалаҳои марбут ба парвандаи ҷиноятӣ ва

[1] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳои соли 1999, 2003 ва 2016 // [Манбаи электронӣ] – Реҷаи воридшавӣ: http://base.mmk.tj / (санаи мурочиат: 20.03.2026).
[2] Тафсири илмӣ-оммавии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. // Зери таҳрири академик М.А. Маҳмудов. – Душанбе, 2009. – С. 22.
[3] Искандаров, З.Х. Защита прав человека в уголовном процессе Республики Таджикистан: монография / З.Х. Искандаров. – Душанбе: Эр граф, 2022. – С. 14.

аз ҷониби суд ва бе истисно тамоми иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ ба роҳбарӣ гирифта мешаванд[1].

Вобаста ба ин, дар сатҳи расмӣ эътироф шудани асосҳои давлати ҳуқуқбунёд ва ҷомеаи адолатпарвар ва қабул шудани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (1994) яке аз дастовардҳои муҳимми миллӣ дар замони муосир эътироф гардид ва имкон додааст, ки муқаддасоти миллӣ, собиқаи давлатдории миллӣ, истифодаи васеи арзишҳои умумибашарӣ, анъанаҳо ва осори таърихии фарҳанги миллӣ эҳё ва амалишавии онҳо таҳти кафолати давлат қарор дода шаванд.[2]

Ба андешаи мо, асосҳои конститутсионии арзиши олии инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ таҳкурсии меъёрҳои мурофиаи ҷиноятӣ дар танзими муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ мебошанд, ки дар амал ҷорӣ гаштани онҳоро меъёрҳои мурофиавӣ, аз ҷумла шартҳои умумии муҳокимаи парвандаи ҷиноятӣ дар мазмуну талаботҳои мурофиавӣ таҷассум мекунад. Дар қонунгузории мурофиаи ҷиноятӣ пешбинӣ шудани шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ барои бевосита амалӣ гаштани асосҳои конститутсионии адолати судӣ шароит муҳайё мекунанд.

Марҳилаи муосири рушди ҳуқуқ ва амалишавии сиёсати ҳуқуқӣ нишон медиҳад, ки дар ҳар як зинаи навбатии ислоҳот дар ҳаёти ҷомеа мавҷудияти омил ва монеаҳои ҷиддие маълум мешаванд, ки бе бартараф карда шудани онҳо муайян кардани дурнамои рушд ва ҳадафҳои умумии инкишофи ҳаёти ҷомеа, таъмини бартарияти ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, волоияти қонун ва адолати иҷтимоӣ душвор ва ҳатто ғайриимкон мегардад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуданд, ки бо вуҷуди ҳамаи дастоварду пешравиҳо дар назди мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишвар ва суд ҳанӯз ҳам мушкилоту масъалаҳои зиёди ҳалталаб дар самти таҳкими қонуният қарор доранд, ки зарурати ташаккули шохаҳои мустақили ҳокимият ва ниҳодҳои давлатии мутобиқ ба принсипҳои демократии давлатдориро тақозо менамояд[3]. Воқеан, муносибатҳои ҷамъиятӣ дар шароити муосир дар соҳаи амалишавии асосҳои конститутсионии адолати судӣ ҳам дучори муаммоҳои амалияи татбиқи ҳуқуқ ва таъмини кафолатҳои мурофиавӣ гардид, ки ҳалли онҳо вазифаҳои навро ногузир пеш оварданд ва иҷроиши онҳо зарурати баланд бардоштани сатҳи дониши ҳуқуқӣ ва такмил дода шудани қоидаҳои пешбурди судии парвандаҳои ҷиноятиро тақозо доранд. Бинобар ин, аз соли 2009 то соли ҷорӣ ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон[4] якчанд тағйиру иловаҳо водир шуданд, ки барои амали бевоситаи меъёрҳои конститутсионӣ ва такмил дода шудани қоидаҳои мурофиавии судии ҷиноятӣ равона шудаанд.

Дар таҳқиқоти олимони ватанӣ ҳам масъалаҳои ногузирии такмил додани меъёрҳои мурофиавии судии ҷиноятӣ ва амали бевоситаи меъёрҳои конститутсионӣ мавриди муҳокима ва хулосаҳои асоснок пешбарӣ мешаванд[5]. Ба андешаи олимони ватанӣ, «мақсад аз ворид намудани тағйироту иловаҳо ба қонунҳои мурофиавӣ агар аз як тараф устувор набудани меъёрҳои мурофиавӣ бошад, аз тарафи дигар таҷрибаи нодурусти татбиқи қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аз ҷониби мақомоти ҳуқуқтатбиққунанда мебошад»[6].

Аз ин рӯ, бо мақсади таҳкими фаъолияти судҳо ҷиҳати ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, манфиати давлат, ташкилотҳо, қонунияту адолат, назорати иҷрои саривақтии санадҳои судӣ, баланд бардоштани сифат ва самаранокии мурофиаи судӣ, дастрасии ҳифзи

---

[1] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳои соли 1999, 2003 ва 2016 // [Манбаи электронӣ] – Реҷаи воридшавӣ: http://base.mmk.tj / (санаи мурочиат: 20.03.2026).

[2] Тафсири илмӣ-оммавии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. // Зери таҳрири академик М.А. Маҳмудов. – Душанбе, 2009. – С. 22.

[3] Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ”аз 26-уми январи с. 2021 // Тирози ҷаҳон, № 8-9 (2916) аз 27 январи соли 2021.

[4] Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03-юми декабри с. 2009, № 564 (бо тағйиру иловаҳо ба санаи 03.01.2024).

[5] Искандаров, З.Х. Асари зикршуда. – 368 с.; Рахмаджонзода, Р.Р. Учение об уголовном преследовании в уголовном процессе Республики Таджикистан: автореф…дис..д-ра юрид. наук: 12.00.09 / Р.Р. Рахмаджонзода. – Душанбе, 2023. – 74 с.

[6] Бобоҷонзода, И.Ҳ., Қодирзода, Т.Қ., Махсудӣ, Ф. Тағйиру иловаҳо ба қонунҳои мурофиавӣ идомаи амалишавии ислоҳоти судӣ ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: проблемаҳои назариявӣ, қонунгузорӣ ва амалӣ / И.Ҳ. Бобоҷонзода, Т.Қ. Қодирзода, Ф. Махсудӣ // Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2023. - № 3 (59). – С. 16-30.

судӣ, беҳтар намудани вазъи иҷтимоии судяҳо ва кормандони дастгоҳи судҳо, инчунин такмили қонунгузорӣ дар ин самт барномаҳои ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Тоҷикистонамалӣ гардиданд[1].

Такмил додани ин самти фаъолияти мақомоти судӣ ва натиҷаҳои он на танҳо ба амалишавии асосҳои конститутсионии адолати судӣ дар мурофиаи судӣ, инчунин ба саривақт андешидани чораҳои пешгирии хатарҳои муосир, ба беҳтар кардани чораҳои муқовимат зидди терроризм, экстремизм, коррупсия ва ҷиноятҳои дигари хавфнок, инчунин ба ошкор ва бартараф кардани сабабу шароитҳои содир шудани ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷиноят, мусоидат намуданд[2].

Мувофиқи тартиби муқарраркардаи қонун бо асосҳои ҳуқуқӣ, дуруст, мақсаднок ва саривақт анҷом додани амалҳои мурофиавии ҷиноятӣ, аз ҷумла муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ ва дар ниҳоят барои баамалбарории адолати судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ заминаи боэътимод тайёр кардааст.

Бо вуҷуди ин, олимони ватанӣ Искандаров З.Ҳ., Диноршоев А.М. ва муаллифони дигар қайд мекунанд, ки дар шароити ташаккул наёфтани муҳити дахлдори иҷтимоии муқовимат ба нигилизми ҳуқуқӣ,[3] бартараф нашудани сатҳи пасти худшиносӣ ва маърифати ҳуқуқии аҳолӣ, танзим ва таъмини кафолатҳои ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, хусусан дар мурофиаи судӣ, мутобиқ гардонидани санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллӣ ба санадҳои байналхалқӣ яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи давлат дар шароити муосир ба шумор меравад[4]. Аз ин рӯ, гуфтан мумкин аст, ки ҷараёни рушди қонунгузории миллӣ бо қабули Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва амалишавии барномаҳои ислоҳоти судию ҳуқуқӣ баҳри амалишавии асосҳои конститутсионии адолати судӣ, аз ҷумла баланд бардоштани сатҳу сифати муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ дар доираи шартҳои умумии муқарраршуда хотима наёфтааст. Зеро, ки яке аз воситаҳои муҳимми ҳифзи истиқлоли давлатӣ, эъмори ҷомеаи шаҳрвандӣ, устувории давлати ҳуқуқбунёд ва ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳо, инчунин беҳтар намудани сифати чораҳои ҳуқуқии муқовимат ба хатарҳо ва таҳдидҳои ҷаҳонӣ (терроризм, экстремизм ва дигар падидаҳои хатарзо) ин дуруст, бонизом ва мутобиқ ба арзишҳои башарӣ ва манфиатҳои миллӣ боэътимод сохтани сиёсати ҳуқуқии давлат, такмил додани қонунгузории миллӣ ва татбиқи онҳо, аз ҷумла дар самти ба амалбарории адолати судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ мебошад.

Ҳамин тавр, эътибори ҳатмӣ ва арзиши олӣ доштани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд кафолати риоя, иҷро, ҳимоя ва амалӣ гаштани онҳо асосҳои конститутсионии адолати судӣ мебошанд, ки аз ҷониби давлат ва мақомоти он таъмин карда мешавад.

Баҳри амалӣ шудани асосҳои конститутсионии ба амалбарории адолати судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ дар сатҳи қонунгузорӣ қоидаҳои расмии умумиҳатмӣ, аз ҷумла шартҳои умумии баррасии судии парвандаҳои ҷиноятӣ муқаррар шудаанд, ки онҳо пайвастагии меъёри ҳуқуқи расмиро бо ҳуқуқи инсон таҷассум намуда, ба амалишавии воқеии онҳо шароит муҳайё мекунанд. Асосҳои конститутсионии адолати судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ дар Ҷумҳурии демокративу ҳуқуқбунёди Тоҷикистон аз рӯйи қоидаҳои расмии умумиҳатмӣ, аз ҷумла, шартҳои умумии муҳокимаи судӣ амалӣ гашта, дар ягонагӣ барои ба ҳадафи мурофиаи судии ҷиноятӣ ноил шудан шароит барпо мекунанд. Тартиби расмии баамалбарории адолати судӣ аз рӯйи мазмун ва моҳияти худ аз арзиши олӣ доштани ҳуқуқи инсон сарчашма гирифтааст.

---

[1] Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (2007-2011): бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23-юми июни с. 2007, № 271 тасдиқ карда шудааст; Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (2011-2013): бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми апрели с. 2011, № 976 тасдиқ шудааст; Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (2015-2017): бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5-уми январи с. 2015, № 327 тасдиқ шудааст; Барномаи чоруми ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (2019-2021): бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19-уми апрели с. 2019, № 1242 тасдиқ карда шудааст.

[2] Саъдизода, Ҷ. Ташаккулёбии фарҳанги ҳуқуқи инсон дар шароити эъмори давлати ҳуқуқбунёд дар Тоҷикистон: дис. ...н.и.ҳ.: 12.00.02 / Б. Саъдизода. - Душанбе, 2017. - С. 70.

[3] Мансурзода, А.М., Қодирзода, Ғ.Н. Нигилизми ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ва оқибатҳои он / А.М. Мансурзода, Ғ.Н. Қодирзода // Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2022. - № 3 (55). – С. 37-43.

[4] Искандаров, З.Х. Актуальные вопросы реализации норм международно-правовых актов в уголовном процессе / З.Х. Искандаров // Сборник международной научно-практической конференции «Актуальные проблемы обеспечения прав личности в сфере уголовного процесса». - Алматы, 2010. – С. 51-57.; Диноршоев, А.М. Конституционные основы регламентации и реализации прав и свобод человека и гражданина в Республике Таджикистан: автореф. дис. … д-ра юрид. наук: 12.00.02 / А.М. Диноршоев. - М., 2015. - С. 5.

Мутобиқ ба асосҳои конститутсионии адолати судӣ муқаррар шудани шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ ягонагӣ, умумият ва пайвастагии на танҳо самти фаъолияти мурофиавии ҷиноятии мақомоти давлатӣ, балки тайинот ва мазмуни принсипҳои мурофиаи ҷиноятӣ, ба ҳам алоқаманди тамоми амалҳои мурофиавиро бо ҳадафи он фаро гирифтааст.

ТДУ 340.12

МАСОИЛИ АМАЛИШАВИИ ФУНКСИЯИ ЭКОЛОГИИ ДАВЛАТ: ВАЗЪИ ҲУҚУҚӢ ВА ДУРНАМО

ПРОБЛЕМЫ РЕАЛИЗАЦИИ ЭКОЛОГИЧЕСКОЙ ФУНКЦИИ ГОСУДАРСТВА: ПРАВОВОЕ ПОЛОЖЕНИЕ И ПЕРСПЕКТИВЫ

ҚОДИРЗОДА МИРЗОҚОДИР АЮБ
Мудири кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент /
Заведующий кафедрой теории и истории государства и права юридического факультета Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики, кандидат юридических наук, доцент
E-mail: mirzokodir-1@mail.ru

Функсияи экологӣ дар соҳаи ҳимояи муҳити зист, истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ, таъмини амнияти экологӣ бо мақсади ҳалли проблемаҳои экологӣ амалӣ карда мешавад. Тағйири иқлими сайёра, кам шудани захираҳои об, масоҳати ҷангалҳо, шикори ғайриқонунии намудҳои нодири ҳайвонот ва парандаҳо, истифодаи номаҳдуди сарватҳои табиӣ, ки ба муҳити зисти одамон, олами набототу ҳайвонот зарар мерасонанд, зарурати амалӣ намудани функсияи экологиро талаб менамоянд. Давлат барои баамалбарории функсияи экологӣ шакл ва усулҳои гуногун, ки дар асоси қонунгузории экологӣ амалӣ мешаванд роҳандозӣ менамояд ва инро дар маҷмӯъ механизмҳои амалишавии функсияи экологии давлат ташкил менамояд.

Мутобиқи назарияи давлат ва ҳуқуқ мақсад ва моҳияти функсияи экологии давлатро фаъолияти сохторҳои марбутаи давлатӣ ва идораҳои он оид ба ҳифзи сарватҳои табиӣ аз таъсироти манфии гуногун, таъмини истифодаи муътадилу самарабахши сарватҳои табиӣ ташкил менамояд. Дар назарияи давлат ва ҳуқуқ ва ҳамчунин илми ҳуқуқи экологӣ ба яке аз масъалаи муҳимми сиёсати муосири давлатӣ, яъне амалишавии функсияи экологии давлат эътибори ҷиддӣ дода мешавад.

Беҳуда нест, ки дар паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии ҶТ аз 26-уми декабри соли 2019 чунин зикр карда шудааст, ки « … ҳаҷми партови газҳои гулхонаӣ дар Тоҷикистон ба ҳар як нафари аҳолӣ дар миқёси минтақа камтарин буда, саҳми муносиби мо дар беҳдошти вазъи экологии минтақа ва сайёра мебошад[1].

Дар нигоҳ доштани сатҳи пасттарини партовҳои зараровар ба мо истифодаи васеи манбаъҳои барқароршавандаи энергия, асосан гидроэнергетика мусоидати ҷиддӣ менамояд. Хотирнишон месозам, ки истифодаи васеи манбаъҳои барқароршавандаи энергия, бахусус, захираҳои об яке аз сарчашмаҳои асосии тавлиди «энергияи сабз» ва рушди «иқтисоди сабз» ба ҳисоб меравад»[2].

Аз зикри далели боло маълум мегардад, ки ҳоло сатҳи зарурии татбиқи механизми ҳуқуқиву иқтисодии фаъолияти субъектони истеҳсолкунанда, ки дар шаклҳои гуногуни

[1] Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии ҶТ аз 26 декабри соли 2019 // [Манбаи эклектронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: http://www.prezident.tj (санаи мурочиат: 12.02.2026).
[2] Ҳамон ҷо.

ташкилию ҳуқуқӣ фаъолият мекунанд вобаста ба талаботҳои экологӣ ҷавобгӯ намебошанд. Бинобар ин зарур аст, ки сохторҳои муайян ва субъектҳои дахлдори ба фаъолияти истеҳсолӣ алоқаманд чорабиниҳои беҳсозии дараҷаи зарарнокии ҳолатҳои зикргардидаро амалӣ намоянд. Тавсия ва ҳолатҳои болозикр танҳо барои тақвият додани функсияи экологии давлат равона нагардида, балки барои тачрибаи дигар давлатҳо ва ташкилотҳои байналмилалӣ метавонад такони мусоиди ояндабинонаро ба вуҷуд оварад.

Соҳибзода М.М. раванди амалишавии функсияи экологиро аз нуқтаи назари шакл ва усулҳои он ба фаъолияти субъектони ваколатдор оид ба ташкили ҳифзи муҳити зист ва истифодаи сарватҳои табиӣ, ки дар қонунгузорӣ пешбинӣ шудааст, вобаста медонад[1].

Насриддинзода Э.С. зикр менамояд, ки шаклҳои амаликунии функсияи давлат ин фаъолияти яксамтаи мақомоти давлат аст, ки тавассуташ функсияҳои он амалӣ мегарданд[2].

Аз таҳлилҳои болозикр маълум мегардад, ки дар умум шаклҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии амалишавии функсияи экологии давлат фарқ карда мешавад. Дар баробари ин, шаклҳои ишорагардидаи амалишавии функсияи экологии давлат аз ҳамдигар тафовут доранд, ки дар поён истода мегузарем. Дар такя ба ғояҳои назариявии эътирофгардида ба шакли ҳуқуқии амалишавии функсияи экологии давлат метавон фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, иҷрои ҳуқуқ ва ҳифзи ҳуқуқиро шомил намоем.

Ҳуқуқэҷодкунӣ фаъолияти давлатиест, ки дар кор карда баромадан ва қабули меъёрҳои ҳуқуқӣ, ки дар онҳо қоидаҳои рафтори одамон мустаҳкам карда шуда, он дар баровардани санадҳои меъёрӣ зоҳир мегардад ва дар натиҷа боиси бавуҷудоӣ, тағйирёбӣ ва ё бекоргардии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи экологӣ боис мегардад.

Иҷрои ҳуқуқ (ҳуқуқиҷрокунӣ) фаъолияти давлатиест, ки бо шаклҳои гуногун ба монанди идоракунии давлатӣ, татбиқи ҳуқуқ, амалӣ намудани тадбирҳо баҳри иҷрои меъёрҳои ҳуқуқӣ ифода меёбад. Дар ҳамин маврид Соҳибзода М.М. таъкид менамояд, ки бо мақсади дуруст ба роҳ мондани таъиноти идоракунии ин соҳа (экологӣ) зарур аст, ки мақомоти салоҳиятдори давлатӣ дар ташкили фаъолияти худ принсипҳое, ки асоси фаъолияти идоракуниро ташкил мекунанд ва онҳоро қонунгузорӣ муқаррар намудааст, риоя намоянд[3].

Ҳифзи ҳуқуқӣ (ҳуқуқмуҳофизаткунии экологӣ) фаъолияти давлатиест, ки асосан дар назорат аз болои риоя ва иҷрои меъёрҳои ҳуқуқӣ-экологӣ, инчунин ба кор бурдани чораҳои маҷбуркунӣ нисбати вайронкунандагони он ифода меёбад. Мақсади асосии шакли ишорагардидаи амалишавии функсияи давлат ин таъмини риояи қонунгузории дохилидавлатӣ ва байналмилалии эътирофнамудаи давлат оид ба истифодаи самаранок, ҳифзнамоӣ, барқарорсозии сарватҳои табиӣ ва дар ин замина ҳифзу риояи ҳуқуқу озодиҳои экологии инсону шаҳрвандро ташкил менамояд.

Дар баробари мавҷудияти шаклҳои ҳуқуқии амалишавии функсияи экологии давлат, ҳамчунин шаклҳои ташкилии амалишавии он истифода бурда мешаванд.

Дар ин замина Шарофзода Р.Ш. чунин мешуморад, ки шаклҳои ташкилии амалӣ намудани функсияҳои давлат намудҳои ҷудогонаи фаъолияти ташкилӣ, техникӣ, иттилоотӣ, хоҷагӣ мебошанд, ки амалӣ гаштани функсияҳои давлатро зимни истифода аз тадбирҳои ташкилӣ, воситаҳои техникӣ, иттилоотӣ, фаъолияти хоҷагӣ таъмин мекунанд.

Ҳамчунин олими мазкур иброз менамояд, ки шаклҳои ташкилии амалӣ намудани функсияҳои давлат аз фаъолияти ташкилӣ-кадрӣ, фаъолияти ташкилӣ-хоҷагӣ, фаъолияти ташкилӣ-молиявӣ ва оморӣ, фаъолияти техникӣ-иттилоотӣ коммуникатсионӣ ва фаъолияти шартномавӣ таркиб ёфтааст[4].

Насриддинзода Э.С. ба шаклҳои ташкилии амалишавии функсияи давлат шаклҳои ташкилӣ-танзимӣ, ташкилӣ-хоҷагидорӣ, ташкилӣ-мафкуравиро вобаста мешуморад[5].

Дар заминаи таҳқиқот ва омӯзиш роҷеъ ба шаклҳои ташкилии амалигардонии функсияи экологии давлат, чунин тарзҳои онро пешкаш намуданамон мумкин аст:

– фаъолияти ташкилӣ-кадрии амалинамоии функсияи экологии давлат дар амал татбиқ намудани ҳадафҳои заминавии расмӣ-ҳуқуқии дар санадҳои қонунгузорӣ муқарраргардидае

[1] Соҳибзода, М.М. Ҳуқуқи экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон: китоби дарсӣ: қисми махсус: нашри аввал // Зери таҳрири Саидзода И.Ҳ. – Душанбе: «ЭР-граф», 2022. – С. 267.
[2] Насриддинзода, Э.С. Назарияи давлат ва ҳуқуқ: воситаи таълимӣ. – Душанбе: «Меҳрона-2017», 2019. – С. 34.
[3] Соҳибзода, М.М. Асари зикршуда. – С. 267.
[4] Сотиволдиев, Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ: китоби дарсӣ. – Душанбе: «Империал-Групп», 2014. – С. 215.
[5] Насриддинзода, Э.С. Асари зикршуда. – С. 35.

мебошад, ки барои таъминоти пурраи кадрӣ баҳри амалинамоии ҳадаф ва мақсадҳои муқарраргардидаи ҳифзи муҳити зист равона гардидааст. Дар амал татбиқ намудани функсияи экологии давлат ва дар ин замина бевосита татбиқ намудани қонунгузории экологӣ аз ҳар ҷиҳат ба дониши касбӣ, маҳорат, қобилият, омодагии касбӣ ва истеъдоди кадрҳои соҳаи мазкур вобастагии зич дорад;

– фаъолияти ташкилӣ-хоҷагии амалинамоии функсияи экологии давлат ин раванди таъминоти мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист ва сохторҳои марбутаи он, ҳамчунин дигар ташкилотҳои буҷетӣ дар самти мазкур бо воситаҳои зарурии техникӣ, биноҳои маъмурӣ, маводҳо барои пешбурди кор, таҷҳизотҳои дигари зарурӣ ва монанди инҳоро ташкил менамояд. Яке аз механизми воқеии амалигардии самаранок ва боҳадафи функсияи экологии давлат аз ҳар ҷониб ба фаъолияти ташкилӣ-хоҷагӣ вобастагии бевосита дорад;

– фаъолияти ташкилии молиявӣ, оморӣ, техникӣ ва иттилоотии амалинамоии функсияи экологии давлат фаъолияте мебошад, ки барои таъминоти маблағгузории самти фаъолияти идоракунии давлатии экологӣ, таъмин намудани шароит барои омоданамоии омори дақиқи иттилоот оид ба вазъи кунунии экологӣ, таъмини воситаҳои технологияи ҳозиразамони иттилоотӣ, ташкили алоқа ва монанди инҳо равона гардидааст. Дар ҳақиқат таҷрибаи амалӣ собит намудааст, ки истифодаи воситаҳои нави технологияи иттилоотӣ кафолати фаъолияти самараноки мақомоти давлатӣ маҳсуб мешавад.

Насриддинзода Э.С. зикр менамояд, ки усулҳои амалигардонии функсияи давлат ин тарзу усулҳое мебошанд, ки тавассуташон мақомоти давлат функсияи онро амалӣ мегардонанд[1].

Ҳасанов С. чунин таъкид менамоянд, ки усулҳои амалигардонии функсияҳои давлат чунин воситаҳое мебошанд, ки бо ёрии онҳо вазифаҳою функсияҳои давлат ҳал ва иҷро карда мешаванд[2].

Дар амалигардонии функсияи экологии давлат нақши фазои танзимнамоии муносибатҳои экологӣ бисёр муассир буда, иҷроиши дақиқ ва мазмуну муҳтавои санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа низ аҳамияти калонро доранд.

Дар фазои танзими ҳуқуқии муносибатҳои экологӣ нақши марказиро Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифзи муҳити зист» аз 2-юми августи с. 2011, № 760 иҷро менамояд, ки механизмҳои асосии рушди муносибатҳо вобаста ба ҳифзи муҳити зистро ба таври расмӣ муқаррар ва мустаҳкам намудааст. Дар баробари ин, принсипҳои асосии истифода ва ҳифзи муҳити зист ва мақсади сиёсати давлатӣ дар соҳаи экологӣ дар он инъикос гардидааст.

Масъалаи дигаре, ки рафти амалигардонии функсияи экологии давлатро халалдор менамояд, ин ҳуқуқвайронкуниҳои экологӣ ба шумор мераванд. Оид ба ин раванд аз ҷониби Ҳукумати ҶТ ва сохторҳои марбутаи давлатӣ (яъне мақомоти соҳавии экологӣ) корҳои муайян ба анҷом расонида мешаванд. Албатта, барои боз ҳам самаранок ба роҳ мондани фаъолияти мақомоти марбутаи давлатӣ таъсиррасонии назоратиро амалӣ кардан зарур мебошад, ки то чӣ андоза пурзӯр намудани фаъолияти мазкур ба сатҳи зараррасонӣ ба муҳити табии атрофро нишон медиҳад[3].

Вазифаҳои мақомоти дигар (яъне мақомотҳо ва идораҳои давлатии салоҳияти умумидошта) дар сохторҳои ҳокимияти давлатӣ бо татбиқи функсияи экологии давлат ва дар навбати аввал бо чунин шаклҳо, ба монанди танзими давлатӣ, банақшагирии стратегӣ ва амалиётӣ дар соҳаи идоракунии муҳити зист, инчунин ташкил ва амалисозии назорати экологӣ алоқаманданд.

Гуфтаҳои боло ба мо имкон медиҳад хулоса барорем, ки механизми муассири ташкилию ҳуқуқии функсияи экологии давлат ҳоло дар марҳилаи ташаккул буда, барои боз ҳам мукаммал гардонидани он ба мо зарур аст, ки ба ҳолатҳои мазкур эътибори ҷиддӣ зоҳир намоем:

– рушди минбаъдаи заминаи меъёрӣ, аз ҷумла ба низом даровардани қонунгузорӣ ва иваз кардани санадҳои куҳна бо санадҳои муосир;

– ба таври равшану возеҳ пешкаш намудани механизмҳои муосири такмил додани сохторҳои соҳавӣ ва салоҳиятдори сатҳи ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист;

– дар асоси принсипи низомнок ва зинавӣ рушду инкишоф додани маърифати экологии аҳолӣ ва ба ҳамин васила амалигардонии сиёсати босуботи экологӣ дар фазои зеҳнии тамоми қишри ҷомеа;

---

[1] Насриддинзода, Э.С. Асари зикршуда. – С. 35.
[2] Ҳасанов, С., Ҳасанов, М. Назарияи давлат ва ҳуқуқ: китоби дарсӣ. – Душанбе: «Илм», 2017. – С. 188.
[3] Петров, В.В. Экологическое право России: учебник для вузов. – М., 1995. – С. 557.

– ҷоннок намудани фаъолияти мақомоти давлатии назораткунандаи соҳаи ҳифзи муҳити зист, алалхусус дар самти иҷроиши қонунгузории экологӣ (назорати прокурорӣ оид ба иҷроиши қонунгузории экологӣ);

– ташкил намудани ҳамоҳангии тамоми сохтор ва мақомотҳои марбутаи давлатӣ оид ба амалигардонии функсияи экологии ҶТ дар асоси принсипи баробарии сиёсати сабз, ки яке аз равандҳои муосири ғоявӣ ва сиёсӣ барои нигаҳдории ҳолати муътадили муҳити атроф дар мамлакатҳои Аврупо инкишоф ёфта истодааст.

Мақсади асосии сиёсати мазкур бо тарзу усулҳои муосири зеҳнӣ ва механизми идоракунӣ кам кардани таъсири манфии инсоният ба муҳити зист барои зиндагии шоистаи наслҳои ояндаи инсоният мебошад. Иҷрои ин ва як қатор мақсадҳои дигар кори тамоми механизмҳои таъмини амнияти экологиро ба низом оварда, имкон медиҳад, ки иқтисоди ҶТ бо гузариш ба рушди устувор равона карда шавад ва барои баланд бардоштани самаранокии функсияи экологии давлат мусоидат намояд.

Дар партави зикркардаҳои боло бояд тазаккур дод, ки амалияи фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва механизмҳои татбиқи он ишора ба он менамояд, ки барои самтҳои муҳимми фаъолияти давлатиро танзим ва идора намудан дар баробари қабули қонунгузории алоҳида, ҳамчунин ҳуҷҷатҳои барномавӣ низ нақши меҳвариро дорост. Аз ин хотир амалишавии функсияи экологии давлат низ дар баробари доштани хислати илмӣ-назариявӣ ҷабҳаҳои амалиро низ ба худ касб намудааст.

Ҳамзамон, барои ояндабинии амалинамоии сиёсати ҳуқуқии экологӣ ва функсияи экологии давлат, нақш ва мавқеи ҳуҷҷатҳои барномавӣ ба монанди консепсия, стратегия ва барномаҳои давлатӣ дар ҷодаи ҳифзи муҳити зист бениҳоят арзишманд мебошад. Барои он ки ягона механизмӣ касбӣ ва илман асоснок, ки расман қабул ва дар амал татбиқ мешавад ва муаммои ҷойдошта ва роҳҳои ҳалли онро таҷассум менамояд маҳз ҳуҷҷатҳои барномавии соҳавӣ маҳсуб меёбад. Аз ин хотир ба андешаи мо, барои самарок амалинамоии ҳадафҳои функсионалии давлат дар самти ҳифзи муҳити зист бояд аз ҳуҷҷатҳои стратегии давлатӣ, ки хислати доктриналӣ доранд бештар истифода намуд.

УДК 341.232:342.7

ОСОБЕННОСТИ МЕЖДУНАРОДНО-ПРАВОВОЙ ЗАЩИТЫ ПРАВ ИНВАЛИДОВ

ХУСУСИЯТҲОИ ҲИФЗИ ҲУҚУҚӢ-БАЙНАЛМИЛАЛИИ МАЪЮБОН

ЛИСАУСКАЙТЕ ВАЛЕНТИНА ВЛАДО
Профессор кафедры уголовного права и криминологии Восточно-Сибирского института МВД России, кандидат юридических наук, доцент / Профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминологияи Донишгоҳи Шарқӣ-Сибирии ВКД Россия, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
E-mail: vlado@mail.ru

Права человека в настоящее время представляют собой одно из развитых направлений правового и организационного сотрудничества государств. По окончанию Второй мировой войны и с момента создания Организации объединенных наций (далее - ООН) начался постепенный процесс изменения мирового правопорядка, включая установление и реализацию новых сфер взаимодействия. Одной из таковых стала защита прав и свобод человека, включенная в качестве общепризнанного принципа в Устав ООН[1]. Постепенно государства разрабатывали и принимали различные международные договоры в данной сфере, возложившие на них новые обязательства по формированию национальных механизмов реализации и защиты прав и свобод в целом.

Окончание 20-го века ознаменовалось созданием международно-правовых инструментов по защите прав отдельных категорий лиц. А в 2006 году такой документ появился для лиц с ограничен-

[1] Устав Организации объединенных наций 1945 г. гг. // [Электронный ресурс] - Режим доступа: https://www.un.org/ru/about-us/un-charter/full-text (дата обращения 08.04.2026)

ными возможностями здоровья – Конвенция ООН о правах инвалидов. Ее целью является «поощрение, защите и обеспечении полного и равного осуществления всеми инвалидами всех прав человека и основных свобод, а также в поощрении уважения присущего им достоинства»[1].

Следует отметить, что данная категория лиц на протяжении тысячелетий рассматривалась вне целостности общества, ее представители не имели законных особых прав и возможностей, об их существовании в семье скрывали и стыдились. Однако развитие гуманизации и института прав человека в целом потребовало от мирового сообщества и самих государств сформировать соответствующий, равный иным категориям населения, правовой режим. Сама потребность его создания обсуждалась в рамках ООН еще в 70-е годы прошлого века посредством изучения их потребностей, проблематики и постепенным формированием ментальности для самих стран в потребности этого процесса[2].

Согласно статистике Всемирной организации здравоохранения (далее - ВОЗ) за 2017 год, более миллиарда человек (около 15% населения мира), живут с какой-либо формой инвалидности[3]. Учитывая последующий пандемийный период и рост вооруженных конфликтов, количество таких людей увеличилось в геометрической прогрессии. Согласно данным ВОЗ на декабрь 2024 года, количество инвалидов уже составило 1,3 миллиарда человек, или каждый шестой человек в мире[4]. Поэтому потребность в формировании правового статуса инвалидов является более чем актуальной и требует решения большого количества проблем.

Говоря о положениях Конвенции о правах инвалидов, следует отметить, что наряду с общими гражданскими и политическими правами человека, инвалиды обладают и особыми правами: право на получение помощи в ситуации бедствия или иной чрезвычайной ситуации; право на уважение его физической и психической целостности наравне с другими; право всех инвалидов жить в обычных местах проживания, при равных с другими людьми вариантах выбора; право на индивидуальную мобильность инвалидов с максимально возможной степенью их самостоятельности и другие специфические в реализации права.

Важно подчеркнуть, что подписание и ратификация государствами данного международного договора представляет собой не только публичное обременение закрепленными в нем международными обязательствами, но и проведение большой законодательной, инфраструктурной и иной работы по формированию этого весьма дорогостоящего механизма. Поэтому такой процесс внутри каждой страны может проходить по-разному и длительное время. Не мало важной его составляющей является формирование мировоззрения общества государства в понимании, принятии и участии инвалидов, как полноценных его членов.

Как любой международный договор в области прав человека, Конвенция о правах инвалидов предусматривает создание координирующего органа в лице Комитета по правам инвалидов. Следует отметить определенную особенность в функционировании таких международных структур в контексте механизма защиты прав человека. В отличие от внутригосударственного порядка по установлению нарушения и нарушителя, а затем применения карательного механизма, основной задачей различных комитетов по правам человека является выявление нарушений и их системности, изучение позиции самого государства, где определенные права были нарушены, а затем совместная выработка решения возникшей проблемы. То есть, на международном уровне отсутствует карательный механизм. Задача мирового сообщества в данном случае выявить закономерности нарушений и разработать способы их разрешения, поскольку условное «наказание» государства не является целью созданной международной системы в области прав и свобод человека.

В этом процессе необходимым элементом является первоначальная реализация механизма защиты на внутригосударственном уровне. То есть деятельность Комитета выступает вспомогательным инструментом, когда национальные структуры не работают или работают некачественно. Сам Коми-

---

[1] Конвенция о правах инвалидов 2006 г. // [Электронный ресурс] - Режим доступа: https://www.un.org/ru/documents/decl_conv/conventions/disability.shtml (дата обращения 08.04.2026)

[2] История разработки Конвенции о правах инвалидов и Факультативного протокола к ней. United Nations Audiovisual Library of International Law. 2012.// [Электронный ресурс] - Режим доступа: https://legal.un.org/avl/pdf/ha/crpd/crpd_ph_r.pdf (дата обращения 08.04.2026)

[3] Всемирный доклад об инвалидности. Всемирная организация здравоохранения. Всемирный банк; 2018. // [Электронный ресурс] - Режим доступа: https://unstats.un.org/unsd/statcom/49th-session/documents/2018-17-Disability-R.pdf (дата обращения 08.04.2026)

[4] Всемирная организация здравоохранения. Информационный бюллетень. Декабрь 2024. // [Электронный ресурс] - Режим доступа: http://vestnik.mednet.ru/content/view/1707/30/lang,ru/ (дата обращения 08.04.2026)

тет состоит из экспертов, которые имеют высокий уровень знаний и навыков для установления фактов нарушения прав инвалидов и разработки соответствующих предложений для государства – нарушителя.

Определенный интерес представляют методы, используемые в работе Комитетом по правам инвалидов. Одним из которых является предоставление докладов государств о соблюдении положений Конвенции каждые четыре года. По результатам рассмотрения докладов Комитет вправе запросить дополнительную информацию по конкретным вопросам.

Другим методом являются «процедуры раннего предупреждения и незамедлительных действий», которые «направлены на предупреждение перерастания проблем в государствах-участниках в полномасштабные конфликты или на предотвращение повторного возникновения ранее существовавших проблем. Они также используются для рассмотрения вопросов, которые могут срочно требовать внимания во избежание серьезных нарушений Конвенции или для снижения количества или степени таких нарушений»[1].

Инициация таких процедур возможна по заявлению самого Комитета по просьбе заинтересованных сторон, в том числе неправительственных организаций. Сама работа по разрешению возникших проблем в области прав инвалидов в конкретном государстве осуществляется рабочей группой, которая создается Комитетом, и которая готовит заключительный доклад с результатами проведенной работы.

К сожалению, несмотря на представленный формат совместной деятельности государства и Комитета по правам инвалидов, которая может реализовываться для выявления и решения внутригосударственных проблем, Россия не подписала Факультативный протокол к Конвенции, предусматривающий порядок подачи индивидуальных жалоб от граждан государства.

Таким образом, в настоящее время для граждан нашей страны отсутствует внегосударственная возможность защитить свои права в случае отсутствия соответствующих мер со стороны национальных институтов. Подчеркнем, что, по нашему мнению, участие в Факультативном Протоколе к Конвенции следует рассматривать не как политический способ воздействия на страну, а как возможность реализации своевременного предупредительного механизма восстановления прав инвалидов на национальном уровне в контексте соблюдения международных обязательств.

УДК 343.3/7:316.354.2

СООТНОШЕНИЕ ДЕСТРУКТИВНЫХ РЕЛИГИОЗНЫХ ОРГАНИЗАЦИЙ С ТРАДИЦИОННЫМИ ФОРМАМИ РЕЛИГИОЗНЫХ ОРГАНИЗАЦИЙ

ТАНОСУБИ ТАШКИЛОТҲОИ ДИНИИ ДЕСТРУКТИВӢ БО ШАКЛҲОИ АНЪАНАВИИ ТАШКИЛОТҲОИ ДИНӢ

МАКЕЕВА ИРИНА СЕРГЕЕВНА
Начальник кафедры гражданско-правовых дисциплин Уральского юридического института МВД России, кандидат юридических наук, доцент, подполковник полиции / Сардори кафедраи фанҳои ҳуқуқӣ-мадании Донишкадаи ҳуқуқшиносии Уралии ВКД Россия, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, подполковники политсия
E-mail: i.suhanova@bk.ru

Анализ соотношения деструктивных религиозных организаций с традиционными формами религиозных организаций представляет собой одну из ключевых и наиболее сложных в методологическом отношении проблем современного религиоведения, социологии и юриспруденции.

Объективный научный анализ показывает, что граница между социально приемлемыми и деструктивными религиозными организациями определяется не содержательной спецификой исповеду-

[1] Методы работы Комитета по правам инвалидов, утвержденные на его пятой сессии (11−15 апреля 2011 года) // [Электронный ресурс] - Режим доступа: https://docs.un.org/ru/CRPD/C/5/4 (дата обращения 08.04.2026)

емого организацией вероучения, а сущностными характеристиками ее функционирования: особенностями властной иерархии, методами контроля над адептами, характером внутригрупповых отношений и отношением к автономии и правам личности.

[2] Ковенсия «Дар бораи мубориза бар зидди табъиз дар соҳаи маориф» аз 14-уми декабри с. 1960, ки ба он Ҷумҳурии Тоҷикистон 11-уми августи с. 1992 ворид гаштааст.

додани ҳуҷҷатҳои гуногуни корӣ ва шартномаҳои ҳуқуқӣ байни шахсон ва иштирок дар баррасиҳои судӣ.

Да он давра намояндагони илми ҳуқуқ ва масъулони таълими мактабҳои гуногун оид ба чӣ тавр бояд омӯзиши фанни ҳуқуқӣ ба роҳ мондан, баҳсу мунозираҳо мекарданд то, ки роҳи дурусти омӯзиши онро амали гардонанд. Ҳуқуқ ҳамчун фанни таълимӣ ба донишҳои воқеии ҳуқуқӣ (фалсафа, риёзӣ, қутбшиносӣ ва ғ.) такя намуда, маҷмуи маълумоти ҳуқуқиро дар бар гирифта, ба воситаи тарзи омӯзишӣ ба ҷараёни таҳсилот гузаронида шуда буд. Таҳсилоти ин давра раванди муҳимми таълиму тарбия аст, ки мақсад ноил шудан ва баланд бардоштани инкишофи маънавӣ, зеҳнӣ, фарҳангӣ, фитрӣ ва салоҳияти касбии ҳама қишри ҷомеа ба шумор меравад.

Ҳуқуқ ҳамчун фанни таълимӣ дар ибтидои пайдоиши илм маълумотҳо оиди меъёрҳои гуногуни ҳуқуқӣ ва механизми амалигардонӣ дар ҳаёти воқеиро дар бар мегирифт. Кушишҳои ҷудо намудани масоили назариявӣ ва амалияи ҳуқуқиро аз якдигар ҳанӯз дар даврaҳои қадим муайян сохта, дар асри I милодӣ такмил дода шудааст, ки давраи тӯлониро тай намудааст.

Ҳамин тариқ, дар асрҳои миёна муайян гардид, ки маълумоти ҳуқуқӣ танҳо ба воситаи омӯзиши тасаввуротҳои умумӣ ба даст овардан ғайриимкон аст. Кушиши тартиб додани маҷмуи донишҳои самти ҳуқуқшиносӣ, дар пайдо шудани илмҳои энсиклопедияи ҳуқуқӣ, фалсафаи ҳуқуқӣ, назарияи умумии ҳуқуқӣ инъикоси худро ёфта буд.

Дар асоси маълумоти илми ҳуқуқ ва фанни таълимии ҳуқуқӣ таркиб ёфта, муқаррароти асосии воқеияти ҳуқуқиро танҳо аз ҷиҳати назариявӣ дар бар мегирифт. Китоби аввалини дар самти илми ҳуқуқшиносӣ ин «Энсиклопедияи ҳуқуқ» ба шумор мерафт, ки ба қалами ҳуқуқшиноси шинохта Рингелберг (соли 1541) тааллуқ дорад. Китоби мазкур очерки умумӣ ва мухтасари мазмуни тамоми истилоҳҳои самти илмҳои ҳуқуқшиносӣ ва ба он алоқамандбударо дар бар мегирад.

Ҳамин тавр, сарҳади муайяни илми ҳуқуқшиносӣ, усулҳои фаҳмиши воқеияти ҳуқуқӣ ва сарчашмаҳои ҳуқуқӣ дар байни муаррихон ва ҷомеа пайдо шуд. Дар тайи якчанд асрҳои гузашта муҳиммият ва зарурати омӯзиши илми ҳуқуқро ҳамчун фанни таълимӣ асоснок карда шуда буд. Барои омӯзиши илмҳои ҳуқуқ курсҳои махсуси хусусияти таълимӣ дошта ташкил карда шуда буданд, ки ба воситаи онҳо толибилмон бо ҷаҳони ҳуқуқ ошно гардиданд.

Имрӯзҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои мустаҳакам намудани асосҳои ҳуқуқӣ ва заминаи рушди илму маориф ва технология як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул шудаанд, ки сиёсати миллиро дар соҳаи илм, маориф ва гирифтани маълумоти ҳуқуқӣ (тахассусӣ) муайян намуда, ба дастгирӣ ва рушди иқтидори илмию маънавӣ самтҳои илми ҳуқуқӣ равона карда шудааст. Дар раванди тараққиёти илму техника ва чаҳонишавии он имрӯз мо бояд барои рушди соҳаи ҳуқуқшиносӣ истифодаи зеҳни сунъӣ ва масоили илмӣ-назариявии онро омӯхта, дар амал истифодаи онро татбиқ намуд.

УДК 343.13

УГОЛОВНО-ПРОЦЕССУАЛЬНОЕ ПРАВО РОССИИ: ПОНЯТИЕ, ЭЛЕМЕНТЫ И ВНУТРЕННЯЯ ОРГАНИЗАЦИЯ

ҲУҚУҚИ МУРОФИАИ ҶИНОЯТИИ РОССИЯ: МАФҲУМ, УНСУРҲО ВА ТАШКИЛИ ДОХИЛӢ

МИХАЙЛОВА ТАМАРА НИКОЛАЕВНА
Доцент кафедры уголовного процесса Восточно-Сибирского института МВД России, кандидат педагогических наук, доцент, майор полиции / Дотсенти кафедраи мурофиаи ҷиноятии Донишкадаи Шарқӣ-Сибирии ВКД Россия, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, майори политсия
E-mail: stn-postman@mail.ru

В рамках трех культовых научных дискуссий относительно системы советского права, нашедшей отражение на страницах юридической печати журнала «Советское государство и право» (1938 – 1940 г.г., 1956 – 1958 г.г. и 1982 г.), была сформирована научная парадигма отраслевой конструкции национального права, в соответствии с которой

осуществлялись последующие научно-правовые построения, обобщения и эксперименты. Данный подход является общепризнанным и в современной теории государства и права России.

Несмотря на возникновение научных позиций по отказу от отраслевого строения права, заметим, что на сегодняшний день оно является уникальным вне зависимости от пространства и времени действия. Отрасль права – феномен, специфичный для отечественной правовой доктрины. В этом плане мы разделяем правовую позицию профессора В.И. Червонюка, обозначившего, с некоторыми оговорками, его в качестве отечественного «изобретения», в настоящее время оперируемого различными правовыми системами[1].

Бесспорно, история развития российского государства и права знает множество переломных моментов. Распад Российской империи вызвал необходимость пересмотра многих социальных явлений, в том числе и системы национального права. Появление отраслевой модели системно-правовой доктрины вдохнуло новую жизнь в право, определило траекторию его дальнейшего развития.

На протяжении последних восьмидесяти лет интенсификация системного рассмотрения права то усиливалась, то ослабевала в научных кругах. В настоящее время в российском правовом дискурсе соответствующая проблематика вновь приобретает активное развитие. Состоявшаяся 14 ноября 2001 года Всероссийская конференция на тему «Система российского права» возродила интерес к вопросам концептуального существования системы права в условиях, как характеризует в своих исследованиях А.С. Емельянов, «парадигмального плюрализма»[2].

Исследующий проблемы системы права советский и казахстанский ученый, профессор М.К. Сулейменов отмечает, что дискуссии о системе права и предложения о выделении все новых и новых отраслей права в основном ведутся в странах бывшего Советского Союза. Действительно, для стран англосаксонской системы права решение данного вопроса не имеет никакого значения, поскольку подразделения на отрасли права у них нет. Внеотраслевой подход характерен для большинства западных юрисдикций. Исследование права с точки зрения структурно-системного подхода, насколько нам известно, достаточно активно развивается в Казахстане (М.К. Сулейменов, К. Шиктыбаев, Б.Б. Самарходжаев), а также в Белоруссии (Н.В. Сильченко, С.Г. Дробязко, С.В. Божко и другие). Определенные научные разработки по данному вопросу имеются и в дружественной Республике Таджикистан. Ученые в активном поиске универсальной системы и структуры права. Результаты научных исследований данных специалистов рассматриваются в качестве положительного опыта и вносят существенный вклад в развитие уголовно-процессуального права России.

Одной из фундаментальных отраслей системы российского права является уголовно-процессуальное право, нормативно-правовые предписания которого направлены на упорядочение общественных отношений, возникающих при производстве по уголовному делу в ходе его расследования, рассмотрения и разрешения, а также при решении вопросов, связанных с исполнением приговора. Уголовно-процессуальное право рассматривается как совокупность правовых гарантий справедливого правосудия и прав личности[3].

Уголовно-процессуальное право относится к внутригосударственному, регулятивному и публичному виду отраслей права. С помощью норм уголовно-процессуального права осуществляется последовательный, всесторонний и глубокий анализ вопросов, возникающих в ходе уголовного судопроизводства. Уголовно-процессуальные предписания обеспечивают единые общеобязательные стандарты выявления, предупреждения и раскрытия преступлений. Борьба с преступностью в России занимает главенствующее значение, как для защиты жизни, здоровья, собственности, так и для национальной безопасности[4].

Являясь составной частью единой системы права, уголовно-процессуальное право само представляет собой сложную систему входящих в ее состав структурных элементов. Система уголовно-процессуального права рассматривается в виде многоуровневой формы организации права, включа-

---

[1] Червонюк, В.И. Структура права: закономерности формирования и развития (в десяти выпусках). Предисловие и выпуск первый: категория системы права в общей юриспруденции / В.И. Червонюк // Вестник Московского университета МВД России. - 2014. - № 1. - С. 24

[2] Емельянов, А.С. Перспективы развития системы российского права / А.С. Емельянов // Российская юстиция. - 2025. - № 2. - С. 8

[3] Ляхов, Ю. А. Гуманизация уголовного процесса - генеральная задача российского уголовного судопроизводства / Ю.А. Ляхов // Криминалистика: вчера, сегодня, завтра. - 2021. - № 1(17). - С. 195.

[4] Паршин, Д.В. Пресечение и предупреждение преступной деятельности / Д.В. Паршин // Научный Дайджест Восточно-Сибирского института МВД России. - 2019. - № 1. - С. 134.

ющей в себя определенный набор структурных единиц. Современное уголовно-процессуальное право России, его структурное построение представлено такими элементами как уголовно-процессуальные нормы, уголовно-процессуальные институты (субинституты) и подотрасли уголовно-процессуального права.

Первичными элементами уголовно-процессуального права выступают уголовно-процессуальные нормы и уголовно-процессуальные институты. Разветвленные отношения между первичными элементами формируют основу для образования субинститутов и подотраслей уголовно-процессуального права.

Как отмечает в своих трудах известный российский процессуалист В.В. Николюк «развитость науки уголовного процесса есть объективный фактор в системе отечественной правовой реальности»[1]. При этом вопрос структуры уголовно-процессуального права заслуживает особого внимания, способствуя снятию напряженных общетеоретических проблем системы национального права. К сожалению, следует констатировать, что сегодня среди ученых-процессуалистов России не достигнуто единство по вопросу теоретического статуса правовых образований в рамках уголовно-процессуальных отраслевых границ. Исходя из собственного видения исследователи теоретических аспектов уголовно-процессуального права одни и те же правовые образования идентифицируют в качестве субинститутов, самостоятельных уголовно-процессуальных институтов или подотраслей уголовно-процессуального права.

На страницах юридической печати можно встретить и предложения о выделении новых самостоятельных отраслей системы права, готовых безболезненно оторваться от материнской отрасли права. Одной из наиболее обсуждаемых на сегодняшний день является концепция судебного права. Предлагается конвергенция процессуальных отраслей права в единое судебное право, представляющее собой совокупность нормативно-правовых предписаний, регулирующих судебную деятельность, а также систему норм, которые вырабатываются судами в процессе реализации правоприменительной деятельности.

Сложившийся плюрализм научных взглядов на тот или иной нормативный массив связан, прежде всего, с увеличением количества правовых норм, принимаемых российским законодателем и вступающих в противоречие с уже имеющимся нормативным материалом. В качестве второго фактора можно определить отсутствие четких, теоретически разработанных критериев для структуризации нормативного материала.

Мы считаем, что определение места того или иного нормативного массива в системе права имеет важное значение для его структурного анализа и дальнейшего прогресса. Траектория развития доктрины уголовно-процессуального права сегодня должна идти именно в данном направлении. Обсуждение новых и конкретизация существующих идей относительно внутренней наполненности уголовно-процессуального права на современном этапе развития не должна пресекаться использованием методологического принципа Оккама *«Entia non sunt multiplicanda praeter necessitatem» – «Не следует множить сущее без необходимости».* Каждое точечное исследование в данном направлении должно восприниматься в качестве востребованной уголовно-процессуальной доктриной научной разработки, способствующей перманентному процессу развития общего учения о структуре уголовно-процессуального права России.

Современный этап развития уголовно-процессуального права России можно охарактеризовать этапом трансформации его внутренней организации, изменением его структурных элементов. Этому есть объективное объяснение. Уголовно-процессуальные отношения динамичны, постоянно развиваются (упрощаются или усложняются), подстраиваясь под запросы общества, научно-технический прогресс и правовую политику государства. Как отмечает в своих исследованиях К.В. Муравьев, уголовно-процессуальные отношения формируются в связи с уголовно-правовыми отношениями, складываются по поводу данных отношений[2].

---

[1] Николюк, В.В. Уголовное судопроизводство и криминалистика: взаимодействие, сближение, отчуждение в условиях реформирования УПК РФ и модернизации научных стандартов / В.В. Николюк // Вестник Восточно-Сибирского института МВД России. - 2016. - № 2. - С. 14.

[2] Муравьев, К.В. Модель нормативного регулирования мер пресечения, действующих при производстве по уголовному делу и в уголовно-исполнительном судопроизводстве (в развитие научного подхода Заслуженного деятеля науки Российской Федерации доктора юридических наук, профессора В.В. Николюка) / К.В. Муравьев // Вестник Восточно-Сибирского института МВД России. - 2021. - № 3(98). - С. 150.

В связи с разнообразием уголовных и уголовно-процессуальных отношений в структуре уголовно-процессуального права возникают новые (например, договорное уголовно-процессуальное право), развиваются существующие (например, меры уголовно-процессуального принуждения), ликвидируются более невостребованные (например, институт народных заседателей, протокольная форма досудебной подготовки) правовые образования уголовно-процессуальных норм.

Идет перманентный процесс обновления и ликвидации уголовно-процессуального материала, его структуризация внутри системы уголовно-процессуального права. На основании анализа структурной наполненности уголовно-процессуального права (тенденции к укреплению отдельных институтов и подотраслей) становится возможным прогнозирование дальнейшего развития уголовно-процессуального законодательства в рассматриваемом сегменте уголовно-процессуального права[1].

ТДУ 349.222

САНАДҲОИ СОЗМОНИ МИЛАЛИ МУТТАҲИД ҲАМЧУН САРЧАШМАИ ҲУҚУҚИ МЕҲНАТ

АКТЫ ОРГАНИЗАЦИИ ОБЪЕДИНЁННЫХ НАЦИЙ КАК ИСТОЧНИКИ ТРУДОВОГО ПРАВА

НАЗАРЗОДА ДАВЛАТХОН ҚУРБОНМУРОД
Сардори шуъбаи кадрҳо, котибот ва корҳои махсуси Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент / Начальник отдела кадров, секретариата и специальных работ Комитета по начальному и среднему профессиональному образованию при Правительстве Республики Таджикистан, кандидат юридических наук, доцент
E-mail: davlatxon-1986@mail.ru

Яке аз самтҳои калидии фаъолияти Созмони Милали Муттаҳид (минбаъд – СММ) ҳамчун субъекти ҳуқуқи байналмилалӣ фароҳам овардани заминаҳои меъёрӣ ва татбиқи вазифаҳои ташкилию ҳамоҳангсоз дар пешбурди масъалаҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла, соҳаи меҳнат мебошад. Дар доираи ин самт, тавассути низоми мақомоти СММ ва муассисаҳои махсусгардонидашудаи он, пеш аз ҳама Ташкилоти байналмилалии меҳнат (минбаъд – ТБМ), санадҳои гуногуни ҳуқуқии байналмилалӣ, аз ҷумла эъломияҳо, конвенсияҳо, тавсияҳо, аҳдномаҳо (муоҳидаҳо), паймонҳо, хартияҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои меъёрӣ таҳия ва қабул мегарданд.

Чунончи Лютов Н.Л. таъкид менамояд, «СММ дар фаъолияти худ ба маҷмуи принсипҳои бунёдӣ такя намуда, онҳоро ҳамчун пояи меъёрӣ ва арзишӣ барои амалӣ гардонидани ҳадафҳо ва вазифаҳои худ дар сатҳи байналмилалӣ қабул мекунад»[2].

Яке аз санадҳои муҳимми СММ дар соҳаи ҳуқуқи инсон, ки дорои аҳаммияти мустақим барои танзими муносибатҳои меҳнатӣ низ мебошад, Конвенсияи байналмилалӣ оид ба барҳам додани тамоми шаклҳои табъизи нажодӣ ба шумор меравад. Ин санад бо Қатъномаи Ассамблеяи генералии СММ №2106 (XX) аз 21-уми декабри соли 1965 қабул гардида, аз 4-уми январи соли 1969 мавриди амал қарор гирифтааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон Конвенсияи мазкурро соли 1995 тасдиқ намудааст[3].

Ба назари мо, аҳаммияти Конвенсияи мазкур барои рушди стандартҳои байналмилалии меҳнат дар он зоҳир мегардад, ки ин санад принсипи манъи табъизро аз сатҳи умумии ҳуқуқи инсон ба сатҳи кафолатҳои мушаххаси меҳнатӣ интиқол дода, заминаи меъёрии умумиҳуқуқиро барои татбиқи баробарҳуқуқӣ дар муносибатҳои меҳнатӣ фароҳам месозад. Идомаи мантиқии

[1] Виноградова, В.А. Меры уголовно-процессуального принуждения в контексте развития уголовно-процессуального законодательства / В.А. Виноградова // Криминалистика: вчера, сегодня, завтра. - 2025. - № 4(36). - С. 24.
[2] Лютов, Н.Л. Международное трудовое право: учебное пособие / Н.Л. Лютов, П.Е. Морозов; под общ. науч. ред.й К.Н. Гусова. – М.: Проспект, 2011. – С. 53.
[3] Маҷмуи санадҳои асосии байналмилалӣ ва миллӣ оид ба ҳуқуқи инсон. – Душанбе, 2023. – С. 156-172.

ин равиш дар Конвенсияи ТБМ, №111 аз соли 1958 «Дар бораи манъи табъиз дар соҳаи меҳнат ва шуғл»[1] инъикос ёфтааст, ки ҶТ онро соли 1993 тасдиқ намудааст.

Вобаста ба ин конвенсияи СММ, зикр намудан ба маврид аст, ки дар ҶТ заминаҳои конститутсионӣ ва қонунгузорӣ дар самти манъи табъиз, аз ҷумла дар соҳаи меҳнат, ба таври возеҳ муқаррар гардидаанд. Аз ҷумла, мутобиқи моддаи 17 Конститутсияи ҶТ, «Давлат ба ҳар кас, қатъи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсил ва молу мулк ҳуқуқу озодиҳоро кафолат медиҳад»[2].

Дар сатҳи қонунгузории соҳавӣ бошад, м. 7 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - КМ ҶТ) манъи табъизро дар муносибатҳои меҳнатӣ ба таври мустақим муқаррар менамояд. Тибқи қисми 1 моддаи мазкур, «ҳамаи шаҳрвандон ба меҳнат ҳуқуқи баробар доранд, табъиз дар муносибатҳои меҳнатӣ манъ аст»[3]. Ҳамзамон, қонунгузор ҳама гуна фарқиятгузорӣ, роҳ надодан, афзалият додан ё рад кардан аз қабул ба корро, новобаста аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, сатҳи таҳсил ва молу мулк, ки боиси халалдор гардидани баробарии имкониятҳо дар соҳаи меҳнат мегардад, қатъиян манъ менамояд.

Қадами муҳимми дигар дар самти мутобиқсозии стандартҳои байналмилалии зиддитабъиз бо низоми ҳуқуқии миллӣ, аз ҷумла, дар танзими муносибатҳои меҳнатӣ ва муносибатҳои ба онҳо алоқаманд, қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19-уми июли соли 2022 «Дар бораи баробарӣ ва манъи ҳама гуна шаклҳои табъиз» мебошад[4].

Хулоса, низоми санадҳои байналмилалӣ ва миллии ҳуқуқии зиддитабъиз дар ду сатҳ ташаккул меёбад: умумиҳуқуқӣ ва соҳавӣ, аз ҷумла дар соҳаи меҳнат. Ҳамгироии ин ду сатҳ имкон медиҳад, ки принсипи баробарӣ аз арзиши умумиҳуқуқии инсон ба маҷмӯи кафолатҳои мушаххаси меҳнатӣ табдил ёфта, дар тамоми марҳилаҳои муносибатҳои меҳнатӣ, аз қабул ба кор то муайян ва пардохти музди меҳнат, болоравии мансабӣ, инчунин дастрасӣ ба бозомӯзӣ ва такмили ихтисос, ба таври амалӣ татбиқ гардад.

Ба андешаи мо, барои ҶТ масъалаи калидӣ на дар мавҷудияти меъёрҳои зиддитабъиз, балки дар сифати механизмҳои татбиқи онҳо ифода меёбад. Аз ин рӯ, масъалаҳои амалии то кадом андоза табъиз ҳангоми интихоб ва қабул ба кор пешгирӣ мешавад, оё баробарии воқеӣ дар муайян намудан ва пардохти музди меҳнат таъмин мегардад, имкониятҳои болоравии мансабӣ то чӣ андоза баробар мебошанд ва воситаҳои ҳифзи ҳуқуқ, аз ҷумла, барқарорсозии ҳуқуқҳои поймолшуда, ҷуброни зарари моддӣ ва маънавӣ, инчунин чораҳои пешгирикунанда дар амал чӣ гуна татбиқ мешаванд. Гарчанде муқаррароти конститутсионӣ ва қонунгузории соҳавӣ пояҳои сиёсати зиддитабъизро таҳким мебахшанд, марҳилаи нав бояд гузариш аз принсипи «манъи табъиз дар сатҳи меъёр» ба принсипи «манъи табъиз дар сатҳи татбиқ» бошад, ки он тавассути ташаккули амалияи устувори судӣ ва иҷроия, таъмини дастрасии воқеӣ ба ҳифзи ҳуқуқ ва ҷорӣ намудани тадбирҳои муассири пешгирикунанда дар сатҳи корфармо амалӣ мегардад.

Санади дигари муҳим дар низоми умумиҷаҳонии ҳифзи ҳуқуқи инсон, ки аҳамияти мустақим барои танзими муносибатҳои меҳнатӣ ва таъмини кафолатҳои баробарии гендерӣ дорад, Конвенсия дар бораи барҳам додани тамоми шаклҳои табъиз нисбат ба занон мебошад. Ин санад бо Қатъномаи № 34/180 аз 18-уми декабри соли 1979 аз ҷониби Ассамблеяи генералии СММ қабул гардида, аз 3-юми сентябри соли 1981 мавриди амал қарор гирифтааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон Конвенсияи мазкурро 26-уми июни соли 1993 тасдиқ намуд, ки он аз 25-уми ноябри соли 1993 нисбат ба ҷумҳурӣ эътибори ҳуқуқӣ пайдо кардааст[5].

Ин Конвенсияи СММ ҳамчун санади бунёдии байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи занон эътироф гардида, на танҳо меъёрҳои умумиҳуқуқии баробарӣ ва манъи табъизро муқаррар менамояд, балки барои давлатҳои иштирокчӣ маҷмӯи уҳдадориҳои мушаххаси ҳуқуқӣ ва сиёсиро ҷиҳати бартарафсозии табъиз дар тамоми соҳаҳо, аз ҷумла дар соҳаи меҳнат, пешбинӣ мекунад.

---

[1] Конвенсияи «Дар бораи табъиз дар соҳаи меҳнат ва шуғл» аз 25-уми июни с. 1958, № 111 // [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: URL: http://www.consultant.ru/document/cons_doc_ LAW_120760/ (санаи мурочиат: 20.08.2025).

[2] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми ноябри с. 1994. – Душанбе: Полиграф Групп, 2021. – С. 9.

[3] Маҳмудзода, М., Худоёрзода, Б., Муқимӣ, С., Ҳошимзода Д. Тафсири Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Эр-граф, 2019. – С. 22.

[4] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баробарӣ ва барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз» аз 19-уми июли с. 2022, №1890 // [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: http://www.mmk.tj (санаи мурочиат: 21.11.2023).

[5] Маҷмуи санадҳои асосии байналмилалӣ ва миллӣ оид ба ҳуқуқи инсон. – Душанбе, 2023. – С. 97.

Дар Конвенсия мафҳуми ҳуқуқии «табъиз нисбат ба занон» муайян карда шудааст. Тибқи м. 1 Конвенсия, «табъиз нисбат ба занон ҳар гуна фарқгузорӣ, истисно ё маҳдудият аз рӯйи аломати ҷинсро дар бар мегирад, ки ҳадаф ё натиҷаи он коҳиш додан ё пурра аз байн бурдани эътироф, истифода ва амалӣ гардидани ҳуқуқу озодиҳои занон дар асоси баробарӣ бо мардон, новобаста аз вазъи оилавии онҳо, дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, шаҳрвандӣ ва дигар соҳаҳо мебошад».

Мутобиқи м. 24 Конвенсия, давлатҳои иштирокчӣ уҳдадоранд тамоми тадбирҳои зарурии қонунгузорӣ ва дигар чораҳоро дар сатҳи миллӣ барои таъмини пурраи амалӣ гардидани ҳуқуқҳои дар он пешбинишуда, андешанд. Ҳамзамон, тибқи моддаи 4, чораҳои махсуси муваққатие, ки ба суръат бахшидан ба баробарии воқеии мардону занон ва инчунин, тадбирҳои махсуси марбут ба ҳифзи модарӣ равона шудаанд, табъиз ҳисобида намешаванд[1].

Меъёрҳои махсуси марбут ба муносибатҳои меҳнатӣ дар моддаи 11 Конвенсия муқаррар гардидаанд. Тибқи банди 1 ҳамин модда, давлатҳои иштирокчӣ уҳдадоранд тамоми чораҳои заруриро ҷиҳати барҳам додани табъиз нисбат ба занон дар соҳаи шуғл андешида, дар асоси риояи принсипи баробарии мардону занон таъмини ҳуқуқҳои баробарро дар соҳаи меҳнат ва таъминоти иҷтимоӣ ба онҳо кафолат диҳанд. Тибқи банди 2 моддаи мазкур, бо мақсади пешгирии табъиз вобаста ба иҷрои вазифаи модарӣ ва вазъи оилавӣ, давлатҳои иштирокчӣ уҳдадоранд як қатор чораҳои махсусро дар самти ҳифзи ҳуқуқу кафолатҳои меҳнатии занони уҳдадориҳои оилави дошта амалӣ намоянд.

Бояд таъкид намуд, ки Конвенсияи мазкур ба таври мустақим ба мазмун ва самти рушди як қатор санадҳои ТБМ таъсири назаррас расонидааст, аз ҷумла ба Конвенсияҳои № 100 аз соли 1951 «Дар бораи музди баробар барои мардону занон барои меҳнати баробарарзиш», № 111 аз соли 1958 «Дар бораи табъиз дар соҳаи меҳнат ва шуғл», № 156 аз соли 1981 «Дар бораи кормандоне, ки уҳдадориҳои оилавӣ доранд» ва № 183 аз соли 2000 «Дар бораи ҳифзи модарӣ». Агар Конвенсияи СММ баробарии гендерӣ ва манъи табъизро ҳамчун уҳдадории умумии давлатҳо дар ҳамаи соҳаҳо муқаррар намояд, пас конвенсияҳои зикршудаи ТБМ ин принсипҳоро ба сатҳи стандартҳои мушаххаси меҳнатӣ табдил дода, онҳоро дар соҳаҳои музди меҳнат, шароити кор, ҳифзи модарӣ, шуғл ва кафолатҳои иҷтимоӣ ба таври меъёрӣ мушаххас мегардонанд.

Мавқеи мазкур дар таҳқиқоти Раҳмонова О.Э. (Раҳмон О.Э.) низ ба таври асоснок инъикос ёфтааст. Муаллиф таъкид менамояд, ки «Созишномаҳои байналмилалӣ, ки ба ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои занон равона шудаанд, бахусус Конвенсияи СММ оид ба барҳам додани ҳамаи шаклҳои табъиз нисбат ба занон, дар ташаккул ва рушди пайдарпайи қонунгузории миллии Тоҷикистон дар самти таъмини ҳуқуқ, озодиҳо ва манфиатҳои қонунии занон нақши муҳим ва муайянкунанда бозидаанд»[2].

Конвенсия оид ба барҳам додани тамоми шаклҳои табъиз нисбат ба занон давлатҳои иштирокчиро муваззаф месозад, ки дар қонунгузории миллӣ маҷмӯи чораҳои ҳуқуқӣ, ташкилию институтсионалӣ ва сиёсиро ҷиҳати пешгирӣ ва бартараф намудани ҳама гуна шаклҳои табъиз нисбат ба занон дар соҳаи меҳнат ва шуғл пайгирона роҳандозӣ намоянд.

Конвенсияи байналмилалӣ оид ба ҳимояи ҳуқуқҳои ҳамаи муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо, ки бо Қатъномаи Ассамблеяи генералии СММ №45/158 аз 18-уми декабри соли 1990 қабул гардидааст, яке аз санадҳои муҳими фарогир дар самти кафолати ҳифзи ҳуқуқҳои ин гурӯҳи осебпазир маҳсуб меёбад. Бояд таъкид намуд, ки дар доираи ин Конвенсия масъалаҳои меҳнат ва муносибатҳои меҳнатии муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо ба таври нисбатан муфассал ва низомнок танзим гардидаанд. Мақсади асосии он таҳкими ҳифзи ҳуқуқҳои муҳоҷирони меҳнатӣ дар тамоми марҳилаҳои раванди муҳоҷират, аз омодагӣ ва сафар то иқомат, фаъолияти меҳнатӣ ва бозгашт буда, ҳамзамон барои фароҳам овардани заминаи меъёрӣ ҷиҳати таъмини муносибати баробар ва пешгирии поймолшавии ҳуқуқҳои меҳнатии онҳо равона мегардад.

Дар адабиёти илмӣ низ доир ба аҳамияти меъёрии ин санад таваҷҷуҳи махсус равона гардидааст. Ба андешаи Холевинский Р., «Конвенсия ҳамчун стандарти фарогири махсус баромад намуда, маҷмӯи ҳуқуқҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳоро ба таври муфассал муқаррар месозад ва доираи васеи кафолатҳои ҳимоявиро вобаста ба вазъи ҳуқуқии

[1] Асари зикршуда. – С. 97-111.
[2] Рахмонова, О.Э. Развитие законодательства о правах и свободах женщин в Таджикистане (1917-2011 гг.): автореф. дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.01 / О.Э. Рахмонова. – Душанбе, 2012. – С. 9.

онҳо дар давлати қабулкунанда пешбинӣ менамояд»[1]. Кириленко В.П., Алексеев Г.В. ва Чаава М.З. таъкид мекунанд, ки «дар сатҳи универсалӣ санади асосӣ дар ин самт Конвенсияи байналмилалӣ оид ба ҳимояи ҳуқуқҳои ҳамаи муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо аз соли 1990 маҳсуб меёбад»[2]. Ба таъкиди Махмадуллозода Н.Р., «Конвенсияи байналмилалӣ оид ба ҳимояи ҳуқуқҳои ҳамаи муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо санади фарогири байналмилалӣ буда, бо мақсади ҳифзи ҳуқуқҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо таҳия гардидааст ва пайвандгари ҳуқуқҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо мебошад»[3].

Ба андешаи мо, Конвенсияи мазкур заминаи меъёрии умумиҳуқуқиро барои ташаккул ва рушди минбаъдаи механизмҳои байналмилалӣ ва миллӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо фароҳам оварда, ба ҳамоҳангсозии равишҳои давлатҳо дар ин соҳа мусоидат менамояд.

Моддаи 11 Конвенсия ду муқаррароти дорои аҳамияти бунёдии меҳнатӣ-ҳуқуқиро муқаррар менамояд: якум, муҳоҷири меҳнатӣ ва аъзои оилаи ӯ набояд дар ҳолати ғуломӣ ё вобастагии маҷбурӣ нигоҳ дошта шаванд; дуюм, муҳоҷири меҳнатӣ ва аъзои оилаи ӯ набояд ба меҳнати маҷбурӣ ё ҳатмӣ ҷалб гарданд. Ин муқаррарот ба сифати кафолатҳои умумиҳуқуқӣ баромад намуда, манъи қатъии истисмор ва маҷбуркунӣ дар истифодаи меҳнати муҳоҷиронро дар сатҳи умумиҷаҳонӣ таҳким мебахшанд.

Қисми 2 моддаи 20 Конвенсия муқаррар мекунад, ки иҷро накардани уҳдадориҳое, ки аз созишномаи (шартномаи) меҳнатӣ бармеоянд, худ аз худ набояд ҳамчун асос барои маҳрум сохтани муҳоҷири меҳнатӣ ё аъзои оилаи ӯ аз иҷозатномаи истиқомат ё иҷозатномаи кор, инчунин барои берун кардани онҳо аз ҳудуди давлати қабулкунанда гардад, ба истиснои ҳолатҳое, ки иҷрои чунин уҳдадорӣ тибқи қонунгузории миллӣ яке аз шартҳои ҳатмии гирифтани ин гуна иҷозатнома маҳсуб меёбад.

Дар омади сухан, бояд зикр намуд, ки Қодирқулов Х.Р. доир ба шартномаҳои меҳнатие, ки бо муҳоҷирони меҳнатӣ баста мешаванд, андешаи қобили таваҷҷуҳ баён намудааст: «Бешак, чунин шартнома бояд ба забони корманди хориҷӣ ва забони давлати қабулкунанда баста шавад»[4]. Бо такя ба мавқеъи муаллиф, барои баланд бардоштани шаффофият ва ҳифзи ҳуқуқи тарафҳо зарур аст шаклҳои намунавии шартномаҳои меҳнатӣ бо кормандони хориҷӣ дар доираи санади ягонаи тавсиявӣ таҳия ва муттаҳид гарданд. Чунин санад, ки муносибатҳои вобаста ба ҷалб ва истифодаи меҳнати кормандони хориҷиро танзим мекунад, имкон медиҳад талаботҳои ҳатмии шартнома (аз ҷумла забони тартиби шартнома, ҳуқуқу уҳдадориҳо, кафолатҳои меҳнатӣ ва тартиби ҳалли баҳсҳо) яксон ва возеҳ муайян шуда, дар амал татбиқи онҳо осон ва дастрас гардад.

Дар Конвенсияи мазкур, дар баробари кафолатҳои умумиҳуқуқӣ, инчунин маҷмӯи меъёрҳо ва муқаррароти махсус нисбат ба гурӯҳҳои алоҳидаи муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо пешбинӣ гардидааст. Аз ҷумла, чунин гурӯҳҳоро муҳоҷирони меҳнатии наздисарҳадӣ, муҳоҷирони мавсимӣ, шахсони машғул дар дастгоҳҳои доимии наздисоҳилӣ, кормандоне, ки фаъолияти меҳнатии онҳо бо тағйири доимии макони кор алоқаманд аст, муҳоҷирони меҳнатии ба корҳои ҳадафнок кироякунанда, инчунин дигар шаклҳои махсуси муҳоҷирати меҳнатӣ ташкил медиҳанд.

Қодирқулов Х.Р. таъкид мекунад, ки ба категорияҳои муайян ҷудо намудани муҳоҷирони меҳнатӣ дар Конвенсияи мазкур аҳамияти муҳим дорад, зеро он имкон медиҳад, ки дар асоси танзими шартномавӣ хусусиятҳои мақоми ҳуқуқии муҳоҷирони меҳнатӣ, инчунин маҷмӯи ҳуқуқу уҳдадориҳои хоси онҳо ба таври мушаххас муайян ва ба инобат гирифта шаванд[5].

Дар шароити ҶТ мушкилоти асосии амалисозии Конвенсияи мазкур ба ноҳамоҳангии уҳдадориҳои байналмилалӣ вобаста мебошад. Гарчанде ҶТ ин Конвенсияро 28-уми ноябри

---

[1] Cholewinski, R. Migrant Workers in International Human Rights Law: Their Protection in Countries of Employment / R. Cholewinski. – Oxford: Clarendon Press, 1997. – Pp. 137.

[2] Кириленко, В.П. Международная защита прав трудящихся-мигрантов и миграционное законодательство / В.П. Кириленко, Г.В. Алексеев, М.З. Чаава // Евразийская интеграция: экономика, право, политика. – 2022. – Т. 16, № 2. – С. 84.

[3] Махмадуллозода, Н.Р. Правовое регулирование трудовой миграции в Республике Таджикистан: международные и трудовые аспекты: дис. ... д-ра юрид. наук: 12.00.03 / Н.Р. Махмадуллозода. – Душанбе, 2025. – С. 43-44.

[4] Кодиркулов, Х.Р. Проблемы правового регулирования трудовых отношений в международном частном праве: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.03. - Душанбе, 2004. – С. 114.

[5] Кодиркулов, Х.Р. Асари зикршуда. – С. 115.

соли 2001 тасдиқ намудааст, бархе аз давлатҳои асосии қабулкунандаи муҳоҷирони меҳнатӣ то ҳол ба он ҳамроҳ нашудаанд. Дар натиҷа, татбиқи воқеии кафолатҳои пешбининамудаи Конвенсия нисбат ба муҳоҷирони меҳнатии тоҷик дар амал то андозае аз иродаи сиёсӣ, сиёсати муҳоҷиратӣ ва низоми ҳуқуқии давлатҳои қабулкунанда вобаста мемонад, ки дар маҷмӯъ таъсири стандартҳои умумиҷаҳониро маҳдуд сохта, ба ташаккули «фосилаи ҳифз» дар марҳилаҳои гуногуни муҳоҷират замина мегузорад.

Бинобар ин, пешниҳод мегардад, ки ташаккули механизми дуқутбаи ҳамгироёна роҳандозӣ карда шавад:

1) дар сатҳи байналмилалӣ – тавассути институтикунонии стандартҳои ҳадди ақали ҳифзи меҳнатии муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо дар қолаби протоколҳои иловагӣ ба созишномаҳои дуҷониба ва байниҳукуматии амалкунанда, бо муқаррар намудани кафолатҳои мушаххаси меҳнатӣ ва механизмҳои дақиқи мониторинги татбиқи онҳо;

2) дар сатҳи миллӣ – тавассути пайвастани ин стандартҳо ба низоми иҷозатномадиҳӣ нисбат ба субъектҳои ҷалбкунандаи қувваи корӣ, ба тавре ки риояи талаботи шартномаи меҳнатӣ ҳамчун шарти ҳатмии ҳуқуқии фаъолияти миёнаравон ва агентҳои бо кор таъминкунӣ муқаррар гардад.

Ба андешаи мо, маҳз пайвастагии уфуқии санади фарогири СММ ва конвенсияҳои тахассусии ТБМ бо механизмҳои татбиқи миллӣ самаранокии пешгирии меҳнати номатлуби кӯдаконро таъмин намуда, заминаи гузариш аз танзими баёнӣ ба ҳифзи амалии ҳуқуқҳои меҳнатии кӯдаконро фароҳам меорад.

Бо ҷамъбасти таҳлили санадҳои муҳими СММ метавон ба чунин хулоса омад:

1. Санадҳои СММ барои стандартҳои соҳавии ТБМ заминаи арзишӣ ва меъёрӣ фароҳам оварда, равандҳои стандартсозӣ ва имплементатсияро дар сатҳи миллӣ роҳнамоӣ менамоянд. Таҷрибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон гувоҳӣ медиҳад, ки ҳамоҳангсозии санадҳои фарогири СММ бо конвенсияҳои дахлдори ТБМ ва қонунгузории миллӣ имкон медиҳад, ки низоми ҳифзи ҳуқуқҳои меҳнатӣ тадриҷан аз танзими формалӣ ба кафолати воқеии ҳуқуқҳо интиқол ёбад. Аз ин рӯ, самаранокии санадҳои СММ дар соҳаи меҳнат на танҳо бо ҳаҷми меъёрҳои муқарраршуда, балки бо дараҷаи татбиқи онҳо тавассути механизмҳои миллӣ, институтсионалӣ ва ҳуқуқтатбиқкунӣ муайян мегардад, ки маҳз дар ҳамин самт дурнамои минбаъдаи рушди сарчашмаҳои байналмилалии ҳуқуқи меҳнат ифода меёбад.

2. Бо мақсади рафъи мушкилоти амалии ҳифзи ҳуқуқҳои меҳнатии муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо механизми дуқутбаи ҳамгироёнаи танзими ҳуқуқӣ роҳандозӣ карда шавад: якум, дар сатҳи байналмилалӣ – тавассути институтикунонии стандартҳои ҳадди ақали ҳифзи меҳнатии ин гурӯҳи осебпазир дар шакли протоколҳои иловагӣ ба созишномаҳои дуҷониба ва байниҳукуматии амалкунанда, бо муқаррар намудани кафолатҳои мушаххаси меҳнатӣ ва механизмҳои самараноки мониторинги татбиқи онҳо; дуюм, дар сатҳи миллӣ – тавассути ҳамгиро намудани ин стандартҳо ба низоми иҷозат-номадиҳӣ нисбат ба субъектҳои ҷалбкунандаи қувваи корӣ, ба тавре ки риояи талаботи шартномаи меҳнатӣ ҳамчун шарти ҳатмии ҳуқуқии фаъолияти миёнаравон ва агентҳои бо кор таъминкунӣ муқаррар гардад.

УДК 343.845

ПРОБЛЕМЫ ЗАКОНОДАТЕЛЬНОЙ РЕГЛАМЕНТАЦИИ ЗАМЕНЫ НЕОТБЫТОЙ ЧАСТИ НАКАЗАНИЯ БОЛЕЕ МЯГКИМ ВИДОМ

МАСОИЛИ ТАНЗИМНАМОИИ ҚОНУНГУЗОРИИ ИВАЗ НАМУДАНИ ҚИСМИ АДОНАКАРДАИ ҶАЗО БА НАМУДИ НИСБАТАН САБУКТАР

НАСРЕДДИНОВА КРИСТИНА АЛЕКСАНДРОВНА
Доцент кафедры уголовно-правовых дисциплин Самарского юридического института ФСИН России, кандидат юридических наук, доцент / Дотсенти кафедраи фанҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятии Донишкадаи ҳуқуқшиносии ХФИҶ Россия, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
E-mail: kristinana80@mail.ru

Институт замены неотбытой части наказания более мягким видом наказания, закрепленный в статье 80 Уголовного кодекса Российской Федерации (далее – УК РФ), выступает одним из востребованных видов освобождения от наказания исходя из анализа правоприменительной деятельности. Данный институт по своей сути позволяет не только реализовать принципы справедливости и гуманизма, провозглашенные Конституцией РФ и международно-правовыми актами, но и служит важным средством рационализации карательной политики, снижая нагрузку на исправительные учреждения и стимулируя правопослушное поведение осужденных.

При этом анализ судебной практики свидетельствует, что данный институт сталкивается с определенными трудностями. К таким проблемным вопросам на сегодняшний день относятся вопросы, касающиеся определения степени исправления осужденного, пределов судебного усмотрения и обеспечения единообразия правоприменительной практики. Перечисленные проблемы являются достаточно актуальными и вызывают острые дискуссии как в научной среде, так и среди практикующих юристов. Как отмечает А.Н. Агафонов, существующая законодательная регламентация оставляет ряд пробелов, а судебная практика характеризуется значительной противоречивостью[1].

Анализируя действующую систему юридических оснований, которые служат правовым фундаментом применения замены неотбытой части наказания более мягким видом наказания, следует отметить, что именно в ней законодатель заложил баланс между формальной определенностью и оценочным подходом, создав сложную конструкцию, требующую от правоприменителя глубокого анализа.

В ст. 80 УК РФ законодатель устанавливает четкое и не подлежащее расширительному толкованию формальное (объективное) основание для возможного применения замены наказания – фактическое отбытие осужденным определенной, строго установленной законом части срока наказания. То есть, в зависимости от категории тяжести совершенного преступления каждый осужденный обязан отбыть указанный в законе срок наказания и только после этого у него возникает право ходатайствовать о замене наказания. По сути, этот критерий выполняет функцию первичного фильтра, определяя саму гипотетическую возможность постановки вопроса о смягчении участи осужденного. Такой подход отражает принцип справедливости: чем выше общественная опасность деяния, тем более длительный период карательного воздействия должен претерпеть осужденный, прежде чем сможет претендовать на смягчение.

Наряду с фактическим отбытием осужденным определенной, строго установленной законом части срока наказания, закон вводит ключевое материальное (оценочное) основание – признание судом того факта, что для своего исправления осужденный более не нуждается в полном отбывании назначенного судом наказания. Именно этот элемент является центральным и наиболее сложным в правоприменении, поскольку требует от суда глубокой оценки личности осужденного и прогнозирования его дальнейшего поведения.

Это основание, по сути, представляет собой юридически оформленный вывод о достижении целей наказания. В отличие от объективного критерия отбытого срока, материальное основание носит исключительно субъективно-оценочный характер. Как справедливо отмечает Н.Ф. Борисова, проблема определения «степени исправления» является одной из самых дискуссионных в пенитенциарной науке и практике, так как не существует универсальных и абсолютно объективных измерителей этого процесса[2]. Суд должен на основе совокупности косвенных данных сделать прямой вывод о внутренних изменениях в личности человека, что всегда сопряжено с определенной долей условности и риска.

Судам в разъяснениях Пленума Верховного Суда РФ № 8 предлагаются определенные критерии, которые должны помочь суду определить степень «исправления» осужденного[3]. Эти критерии связанны с поведением осужденного за весь период отбывания наказания. Но как показывает практика, ключевым моментом в оценке личности выступает отношение к труду, обучению и соблюдение

[1] Агафонов, А.Н. Судебное усмотрение при замене неотбытой части наказания более мягким видом наказания: критерии и пределы / А.Н. Агафонов // Уголовное право. – 2023. – № 5. – С. 20.
[2] Борисова, Н.Ф. Проблемы определения степени исправления осужденного как основания для применения статьи 80 УК РФ / Н.Ф. Борисова // Российская юстиция. – 2022. – № 11. – С. 36.
[3] Постановление Пленума Верховного Суда РФ «О судебной практике условно-досрочного освобождения от отбывания наказания, замены неотбытой части наказания более мягким видом наказания» от 21 апреля 2009 г., № 8 (в ред. 25.06.2024) // Бюллетень Верховного Суда РФ. – 2009. – № 7.

установленного порядка. Надо отметить, что в большинстве случаев, отсутствие трудового поощрения у осужденного не позволяет ему рассчитывать на положительный результат его ходатайства, даже при отсутствии фактов нарушения установленного порядка отбывания наказания. Кроме того, единичные поощрения незадолго до подачи ходатайства также не могут служить достаточным основанием для удовлетворения его ходатайства. Суд по сути должен видеть системную, стабильно положительную динамику.

Здесь необходимо поднять еще одну проблему - эта стадия, регламентированная нормами Уголовно-исполнительного кодекса РФ, призвана обеспечить суд объективной и всесторонней информацией, необходимой для оценки степени исправления личности. А именно, подготовкой документов, изучая которые, суд должен принять решение об исправлении осужденного.

Речь идет о составлении характеристики осужденного, которая предоставляется администрацией исправительного учреждения. Данный документ по своей сути должен представлять собой не просто перечень поощрений и взысканий, а глубокий психолого-педагогический анализ изменений, произошедших в личности за время отбывания наказания. Он призван отражать динамику исправления, отношение к совершенному деянию, труду, обучению и выполнению обязанностей, а также давать прогноз его дальнейшего поведения.

Именно характеристика служит для суда первоисточником сведений, на основе которых формируется первоначальное представление об осужденном. Здесь необходим комплексный подход всех отделов и служб, которые принимают участие в составлении данного документа. Формально характеристику составляет начальник отряда, но она складывается из сведений, которые представляют сотрудники почти всех отделов и служб исправительного учреждения, поэтому насколько объективно представлена информация об осужденном складывается комплексно с учетом аспектов поведения осужденного не только в отряде, но и например, на производстве.

Кроме того, сама позиция суда в отношении поощрений и взысканий у осужденных, не дают возможность сотрудникам исправительных учреждений четко объяснить осужденным критерии, необходимые для безусловного применения данного института. Так, например, суды по-разному оценивают погашение взысканий, где-то достаточно одного поощрения, в другом случае - обязательно два, иногда и десятков недостаточно, чтобы убедить суд в том, что осужденный встал на путь исправления. При этом существуют решения, когда суд выносил положительное решение при не закрытом взыскании, посчитав его малозначительным, в целом оценивая поведение осужденного за весь период нахождения в исправительном учреждении.

На практике существует негласные традиции, что сотрудники исправительных учреждений вообще никогда не дают положительные характеристики лицам, пробывшим в учреждение менее 6 месяцев. Безусловно, это очень оценочный признак, но по сути действительно, чтобы составить представление об личности осужденного у начальника отряда, при условии, что он осуществляет надзор не за одним осужденным, численность отрядов в среднем около ста человек, должно быть временной промежуток, когда он объективно имел бы возможность составить представление о личности осужденного.

Еще одним критерием в оценки поведения осужденного, положенного в основу его исправления лежат следующие критерии: отношение к совершенному преступлению и тому вреду, который был причинен им по факту. Здесь для судей в том числе играет большую роль признание вины (в некоторых случаях для судей имеет значение и время, когда человек признал свою вину, то есть, например, подавал ли в апелляцию и кассацию настаивая на своей невиновности). Раскаянье и возмещение вреда потерпевшему. особенно по преступлениям, где нарушены права и законные интересы личности, особенно жизнь и здоровье, безусловно должно учитывать и мнение потерпевшего, но обоснованное.

Данный критерий имеет и важное социально-психологическое значение, способствуя восстановлению социальной справедливости. Но, например, на практике отсутствует четкий законодательный механизм, регламентирующий порядок получения и оценки мнения потерпевшего на стадии подготовки материалов. Чаще всего, это выясняется уже на судебном заседании, при этом отрицательное отношение потерпевшего, основанное на не утихшей обиде, не является обязательным критерием для суда в отказе замены наказания, что в последствие вызывает много вопросов у всех сторон.

Нельзя не отметить особенность применения данного вида освобождения от наказания к несовершеннолетним. Здесь судами проявляется более гуманный подход, учитывая возрастные и психо-

физиологические особенности личности. Как указывает К.С. Прозорова, для этой категории осужденных акцент делается не столько на карательном аспекте, сколько на воспитательном и реабилитационном[1]. Здесь судами в качестве положительных моментов учитывается отношение к учебе и желание несовершеннолетнего получить общее или профессиональное образование. Кроме того, поддержание связей с семьей, при условии, что она есть у данной категории осужденных, оценивается положительно и в целом, правопослушное поведение, даже при условии, что изначально были факты нарушения установленного порядка отбывания наказания, но положительная динамика в поведении, оценивается судами более гибче, чем ко взрослым осужденных.

На практике возникает много вопросов при положительном решении суда, когда встает вопрос: на какое наказание необходимо заменить более строгое наказание. Здесь все остается на усмотрение суда и как свидетельствует практика, единого подхода нет, что ведет к тому, что начинаются вопросы о соблюдении принципа справедливости. На сегодняшний день можно констатировать, что очень часто суды осуществляют замену лишения свободы на определенный срок на принудительные работы. Это напрямую связано с гуманизацией наказания и стремлением к успешной ресоциализации осужденных, когда идет поэтапное освобождение лица до его полной свободы. Здесь могут возникнуть сложности только в отношении лиц, которые по здоровью не могут работать, с учетом того, что привлечение к труду является для принудительных работ обязательным условием исполнения наказания, в отличие от лишения свободы, где нет обязательного условия привлечения лица к работе.

Второй, не менее значимой сложностью является определение срока, заменяющего наказание и порядка его исчисления. Если с выбором вида наказания существует проблема отсутствия ориентиров, то с определением его срока наблюдается полный законодательный пробел. Ни Уголовный, ни Уголовно-исполнительный кодексы не содержат абсолютно никаких правил или пропорций для перерасчета неотбытой части лишения свободы в срок более мягкого наказания. Это создает ситуацию правовой неопределенности, при которой судьи вынуждены определять срок, основываясь исключительно на собственном внутреннем убеждении[2].

Такой подход приводит к колоссальному разбросу в судебной практике: за один и тот же неотбытый срок лишения свободы в одном суде могут назначить год ограничения свободы, а в другом – два. Ситуация еще более усложняется, когда в деле присутствует дополнительное наказание или когда наказание назначено по совокупности преступлений или приговоров. Как показывает практика по смежным институтам, риск судебной ошибки в таких сложных расчетах чрезвычайно высок.

УДК 342.55

ТЕОРЕТИКО-ПРАВОВЫЕ ОСНОВЫ ОРГАНИЗАЦИИ ПУБЛИЧНОЙ ВЛАСТИ В СУБЪЕКТАХ РОССИЙСКОЙ ФЕДЕРАЦИИ

АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ-ҲУҚУҚИИ ТАШКИЛИ ҲОКИМИЯТИ ОММАВӢ ДАР СУБЪЕКТҲОИ ФЕДЕРАТСИЯИ РОССИЯ

ПАВЛОВА ЕВГЕНИЯ ВАСИЛЬЕВНА
Заместитель начальника кафедры административного права и административной деятельности ОВД Орловского юридического института МВД России имени В.В. Лукьянова, кандидат юридических наук, доцент, полковник полиции / Муовини сардори кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва фаъолияти маъмурии МКД Донишкадаи ҳуқуқшиносии ВКД Россия дар ш. Орёл ба номи В.В. Лукянов, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, полковники политсия
E-mail: pavlova.evgenia.78@yandex.ru

[1] Прозорова, К.С. Замена неотбытой части наказания более мягким видом наказания в отношении несовершеннолетних осужденных / К. С. Прозорова // Обществознание и социальная психология. – 2023. – № 4-3(48). – С. 148.
[2] Дуюнов, В.К. Уголовное право России. Общая и Особенная части: учебник / под ред. д-ра юрид. наук, проф. В.К. Дуюнова. – М.: РИОР ИНФРА-М, 2025. - С. 512.

Организация публичной власти в субъектах Российской Федерации (далее – РФ) является одной из ключевых составляющих системы государственного управления, а также играет важную роль в обеспечении стабильного развития государства. Именно на региональном уровне происходит реализация значительной части управленческих решений, затрагивающих социально-экономическую сферу, права и интересы граждан, а также вопросы территориального развития. В условиях федеративного устройства государства организация публичной власти в субъектах Федерации приобретает особое значение, поскольку требует сочетания единства государственного управления и учета региональной специфики[1].

В этом контексте необходимо рассмотреть современное понимание публичной власти в современном понимании, так она представляет собой форму осуществления власти в интересах и от его имени общества, которая направлена как на урегулирование общественных отношений, так и на управление социальными процессами и обеспечение публичных интересов. Отметим, что в РФ публичная власть реализуется через систему органов государственной власти и органов местного самоуправления[2]. Такое понимание публичной власти позволяет рассматривать ее как целостную систему, в которой различные уровни управления взаимосвязаны и взаимозависимы.

Рассмотрим правовую основу организации публичной власти в субъектах РФ, которую также составляет и Конституция Российской Федерации[3], которая закрепляет основные принципы государственного устройства, федерализма и разделения властей. Нормы, закреплённые в Конституции, определяют, что государственная власть осуществляется как на федеральном уровне, так и на уровне субъектов. При этом субъекты РФ обладают правом самостоятельно формировать систему своих органов государственной власти, исходя из общих принципов, установленных федеральным законодательством. Данное положение обеспечивает возможность учета региональных особенностей и создает условия для самостоятельного развития субъектов Федерации[4].

Одним из ключевых принципов организации публичной власти в субъектах РФ является принцип федерализма, который предполагает разграничение предметов ведения и полномочий между РФ и ее субъектами. Такое разграничение позволяет распределить ответственность между уровнями власти, что дает нам возможность избежать чрезмерной централизации управления. Вместе с тем, федерализм в России не исключает необходимости единства публичной власти, что выражается в обязательности соблюдения федеральных норм и общих принципов государственного управления на всей территории страны[5].

Нельзя не отметить, что принцип разделения властей также занимает особое место в организации публичной власти субъектов РФ. Как на федеральном, так и на региональном уровне, государственная власть осуществляется через законодательные, исполнительные и судебные органы. Разделение властей направлено на предотвращение концентрации власти в одних руках и обеспечивает систему сдержек и противовесов[6]. Таким образом, в субъектах Российской Федерации данный прин-

---

[1] Гунич, С.В. Вопросы организации публичной власти в субъектах Российской Федерации / С.В. Гунич // Мониторинг правоприменения. - 2022. - № 3 (44). - С. 12. // [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://cyberleninka.ru/article/n/voprosy-organizatsii-publichnoy-vlasti-v-subektah-rossiyskoy-federatsii (дата обращения: 22.02.2026).

[2] Новичков, И.В., Штанулин, Д.С., Алексеев, В.С. Понятие публичной власти и ее система / И.В. Новичков, Д.С. Штанулин, В.С. Алексеев // Образование и право. - 2023. - № 12. - С. 119 // [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://cyberleninka.ru/article/n/ponyatie-publichnoy-vlasti-i-ee-sistema (дата обращения: 22.02.2026).

[3] Конституция Российской Федерации: [принята всенародным голосованием 12 декабря 1993 г. с изменениями, одобренными в ходе общероссийского голосования 01 июля 2020 г.] // Официальный интернет–портал правовой информации. Режим доступа: http://www.pravo.gov.ru (дата обращения: 23.02.2026).

[4] Мамочкина, Е.М. Правовое регулирование организации государственной власти в субъектах Федерации / Е.М. Мамочкина // Базис. - 2018. - № 1 (3). - С. 45 // [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://cyberleninka.ru/article/n/pravovoe-regulirovanie-organizatsii-gosudarstvennoy-vlasti-v-subektah-federatsii (дата обращения: 22.02.2026).

[5] Куракин, А.В., Карпухин, Д.В., Попова, Н.Ф. Принципы разграничения предметов ведения и полномочий между органами государственной власти Российской Федерации и ее субъектами / А.В. Куракин, Д.В. Карпухин, Н.Ф. Попова // Административное и муниципальное право. - 2018. - № 11. - С. 24 // [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://cyberleninka.ru/article/n/printsipy-razgranicheniya-predmetov-vedeniya-i-polnomochiy-mezhdu-organami-gosudarstvennoy-vlasti-rossiyskoy-federatsii-i-ee-subektami (дата обращения: 22.02.2026).

[6] Швед, В.А. Реализация принципа разделения властей на уровне субъектов Российской Федерации / В. А. Швед. Текст: непосредственный // Молодой ученый. - 2023. - № 20 (467). - С. 660 // [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://moluch.ru/archive/467/102717.

цип реализуется с учетом региональной специфики, однако его значение остается неизменным, заключающееся в обеспечении законности и эффективности управления.

Существенное значение для организации публичной власти также имеет принцип самостоятельности субъектов РФ. Рассматриваемый принцип выражается в праве регионов самостоятельно определять структуру органов государственной власти, принимать законы по вопросам регионального значения и формировать собственную социально-экономическую политику. Самостоятельность субъектов позволяет учитывать особенности экономического развития, демографическую ситуацию и исторические традиции управления[1]. Стоит подчеркнуть, что в то же время данная самостоятельность не является абсолютной и ограничивается требованиями федерального законодательства. Формирование концепции единой системы публичной власти, несомненно является одним из важнейших этапов развития теоретико-правовых основ публичной власти. Такой подход предполагает более тесное взаимодействие между органами государственной власти субъектов Федерации и органами местного самоуправления. Несмотря на то, что местное самоуправление формально не входит в систему органов государственной власти, оно рассматривается как элемент публичной власти, который выполняет важные функции по решению вопросов местного значения[2]. Рассматриваемая модель направлена на повышение согласованности управленческих решений и эффективности публичного управления.

Отметим, что система органов публичной власти субъекта РФ, как правило, включает законодательные органы, органы исполнительной власти. Законодательный орган субъекта Федерации осуществляет правовое регулирование по вопросам регионального значения, принимает законы субъекта и осуществляет контроль за деятельностью исполнительной власти. Через деятельность законодательного органа обеспечивается представительство интересов населения региона и участие граждан в формировании региональной политики.

Исполнительная власть в субъекте РФ представлена системой органов, осуществляющих практическое управление различными сферами общественной жизни. Органы исполнительной власти обеспечивают реализацию законов, разрабатывают и реализуют региональные программы развития, организуют предоставление государственных услуг населению[3]. Важно подчеркнуть, что эффективность работы исполнительной власти во многом в дальнейшем определяет общее состояние публичной власти в регионе.

Обратим наше внимание на то, что особое место в системе публичной власти субъекта также занимает высшее должностное лицо региона. Оно выступает в роли связующего звена между федеральным центром и региональными органами власти, а также определяет основные направления региональной политики и несет политическую и управленческую ответственность за результаты деятельности исполнительной власти. Роль высшего должностного лица субъекта особенно возрастает в условиях необходимости быстрого реагирования на социально-экономические вызовы[4].

Взаимодействие органов государственной власти субъекта РФ с органами местного самоуправления является важным элементом организации публичной власти. Муниципальные органы находятся в непосредственной близости к населению и решают вопросы, связанные с повседневной жизнью граждан. Эффективное взаимодействие региональных и муниципальных органов власти позволяет более полно учитывать интересы населения и повышает качество управления на местах. Важно подчеркнуть, что в то же время недостаточная координация между уровнями власти способна привести к снижению эффективности публичного управления[5].

---

[1] Волков, Е.А. Сущность принципов организации и деятельности органов исполнительной власти в субъектах Российской Федерации / Е. А. Волков. Текст: непосредственный // Молодой ученый. - 2019. - № 50 (288). - С. 480 // [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://moluch.ru/archive/288/65362.

[2] Данилова, О.В. Единая система публичной власти: особенности структурирования и взаимодействия между уровнями / О.В. Данилова. Текст: непосредственный // Молодой ученый. - 2023. - № 18 (465). - С. 314 // [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://moluch.ru/archive/465/102245.

[3] Упоров, И.В. Статус органов публичной власти субъекта российской федерации / И.В. Упоров // Международный журнал гуманитарных и естественных наук. - 2024. - №2-3 (89). - С. 158 // [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://cyberleninka.ru/article/n/status-organov-publichnoy-vlasti-subekta-rossiyskoy-federatsii (дата обращения: 22.02.2026).

[4] Биктеева, А.Ш. Правовой статус высшего должностного лица субъекта Российской Федерации как субъекта единой системы публичной власти / А. Ш. Биктеева. Текст: непосредственный // Молодой ученый. - 2024. - № 36 (535). - С. 83 // [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://moluch.ru/archive/535/117446.

[5] Мохова, Т.С. Взаимодействие органов местного самоуправления с органами государственной власти субъектов Российской Федерации по вопросам обеспечения социальных и культурных прав населения / Т.С. Мохова // Вестник экономической безопасности. - 2016. - № 3. - С. 198 // [Электронный ресурс]. – Режим доступа:

Следует отметить, что организация публичной власти в субъектах РФ сталкивается с рядом проблем как теоретического, так и практического характера. К ним относятся вопросы разграничения полномочий, обеспечения финансовой самостоятельности регионов и муниципальных образований, а также повышения качества управленческих решений[1]. Вышеизложенные проблемы требуют комплексного подхода и постоянного совершенствования как правовых, так и организационных механизмов регулирования публичной власти.

Таким образом, стоит сделать вывод о том, что теоретико-правовые основы организации публичной власти в субъектах РФ формируют фундамент регионального управления и определяют рамки деятельности органов власти. Сочетание принципов федерализма, разделения властей, самостоятельности субъектов и единства публичной власти позволяет создать условия для эффективного функционирования региональных систем управления. Понимание данных основ имеет особое значение для дальнейшего анализа эффективности публичной власти и оценки деятельности органов власти в конкретных субъектах РФ. Дополнительно следует подчеркнуть, что теоретико-правовые основы организации публичной власти не являются неизменными, так как они развиваются вместе с государством, отражают изменения в социально-экономической сфере и отвечают на новые вызовы времени.

Современные тенденции развития публичной власти связаны с усилением координации между уровнями управления, расширением цифровых форм взаимодействия и повышением роли стратегического планирования. Это означает, что дальнейшее совершенствование организации публичной власти в субъектах РФ должно строиться на сочетании стабильности правовых принципов и гибкости управленческих решений. Только при данном подходе, по нашему мнению, возможно обеспечить устойчивость регионального развития и повышение эффективности функционирования всей системы публичной власти.

Эффективность публичной власти является одним из ключевых показателей, дающий возможность определить качество государственного управления, а также который напрямую влияет на социально-экономическое развитие регионов. В условиях федеративного устройства государства, характерного и для РФ, вопрос оценки эффективности публичной власти приобретает особую значимость, поскольку именно на уровне субъектов реализуется большая часть управленческих решений, которые в свою очередь затрагивают интересы граждан. В связи с этим, от того, насколько эффективно функционируют региональные органы власти, зависит не только выполнение федеральных задач, но и уровень доверия населения к государству в целом[2].

Отметим, что понятие эффективности публичной власти является многогранным и не сводится исключительно к количественным показателям деятельности органов власти. Так, в широком смысле эффективность можно рассматривать как способность органов публичной власти достигать поставленных целей с наименьшими затратами ресурсов и с максимальной пользой для общества. Однако, стоит обратить наше внимание, что данный подход не отражает всей сложности деятельности органов власти, поскольку результаты их работы не всегда могут быть выражены в конкретных цифрах[3]. К примеру, улучшение социальной стабильности или повышение уровня доверия населения являются важными результатами, которые довольно сложно измерить количественно, однако они напрямую свидетельствуют об эффективности публичной власти.

Несомненно, одним из основополагающих критериев оценки эффективности публичной власти является соблюдение законности, который необходимо рассмотреть подробнее. Органы государственной власти субъектов РФ обязаны осуществлять свою деятельность в строгом соответствии с

---

https://cyberleninka.ru/article/n/vzaimodeystvie-organov-mestnogo-samoupravleniya-s-organami-gosudarstvennoy-vlasti-subektov-rossiyskoy-federatsii-po-voprosam (дата обращения: 22.02.2026).

1 Заякин, В. Г. Современные проблемы распределения полномочий между органами власти Российской Федерации и ее субъектов / В.Г. Заякин. Текст: непосредственный // Молодой ученый. - 2020. - № 51 (341). - С. 203 // [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://moluch.ru/archive/341/76657.

[2] Фастович, Г.Г., Шитова, Т.В. К вопросу об эффективности единой системы публичной власти / Г.Г.Фастович, Т.В. Шитова // Социально-экономический и гуманитарный журнал Красноярского ГАУ. - 2020. - № 4 (18). - С. 81 // [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://cyberleninka.ru/article/n/k-voprosu-ob-effektivnosti-edinoy-sistemy-publichnoy-vlasti (дата обращения: 23.02.2026).

[3] Бирюкова, Э.Р. Понятие «эффективность» в сфере государственного управления / Э.Р. Бирюкова // Ученые записки Крымского федерального университета имени В. И. Вернадского. Юридические науки. - 2020. - № 1 // [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://cyberleninka.ru/article/n/ponyatie-effektivnost-v-sfere-gosudarstvennogo-upravleniya (дата обращения: 23.02.2026).

Конституцией России, федеральными законами и нормативными правовыми актами субъекта. Законность выступает необходимым условием эффективного управления, поскольку любые управленческие решения, принятые с нарушением правовых норм, подрывают доверие населения и могут привести к негативным социальным последствиям. Кроме того, подчеркнем, что стабильность правового регулирования, выражающаяся в последовательности и согласованности нормативных правовых актов, способствует формированию устойчивой системы публичной власти и предсказуемости ее деятельности[1].

Обратим наше внимание на то, что особое место в оценке эффективности публичной власти занимают управленческие критерий. Они включают в себя качество принимаемых управленческих решений, то есть степень их обоснованности, а также способность органов власти обеспечивать их практическую реализацию. Эффективная публичная власть должна не только разрабатывать программы и стратегии развития, но и контролировать их выполнение, а также корректировать свою деятельность в случае изменения социально-экономической ситуации. Низкий уровень управленческой эффективности, как правило, проявляется в формальном характере принимаемых решений, отсутствии четких механизмов их реализации и недостаточной ответственности должностных лиц[2].

Рассмотрим также социально-экономические критерии, которые являются одними из наиболее наглядных показателей, отражающих эффективность работы публичной власти в субъекте РФ. К ним относятся: уровень доходов населения, занятость граждан, состояние социальной инфраструктуры, доступность медицинских и образовательных услуг, а также качество жилищно-коммунального обслуживания.

Рассматриваемые показатели отражают реальные результаты деятельности органов власти и позволяют нам делать вывод о том, насколько принимаемые управленческие решения соответствуют потребностям общества[3]. Вместе с тем следует учитывать, что социально-экономическое развитие региона зависит не только от деятельности органов власти, но и от внешних факторов, которые включают в себя общую экономическую ситуацию в стране и особенности региональной экономики. Важным критерием эффективности публичной власти, несомненно, является уровень доверия населения к органам власти. Отметим, что доверие формируется на основе оценки гражданами деятельности власти, их личного опыта взаимодействия с государственными и муниципальными органами, а также степени открытости и доступности информации о работе органов власти. Высокий уровень доверия способствует наиболее эффективной реализации управленческих решений, поскольку население готово поддерживать инициативы власти и участвовать в их реализации[4]. В связи с этим, в условиях низкого доверия даже объективно обоснованные решения могут восприниматься гражданами негативно и вызывать социальное напряжение.

Несомненно, такие критерии эффективности, как открытость и прозрачность деятельности органов публичной власти необходимо рассматривать как самостоятельные. Возможность получения информации о деятельности органов власти, участие граждан в обсуждении социально значимых вопросов, доступность механизмов подачи обращений и жалоб способствуют формированию диалога между властью и обществом. В современных условиях развитие технических форм взаимодействия,

---

[1] Мархгейм, М.В., Бойченко, Е.М. Конституционные критерии эффективности публичной власти в России / М.В. Мархгейм, Е.М. Бойченко // Право и государство: теория и практика. - 2024. - № 11 (239). - С. 249 // [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://cyberleninka.ru/article/n/konstitutsionnye-kriterii-effektivnosti-publichnoy-vlasti-v-rossii (дата обращения: 23.02.2026).

[2] Горб, В.Г. Качество и эффективность деятельности органов государственной власти: теоретический и методологический аспекты / В.Г. Горб // Государственная служба. - 2022. - № 4 (138). - С. 16 // [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://cyberleninka.ru/article/n/kachestvo-i-effektivnost-deyatelnosti-organov-gosudarstvennoy-vlasti-teoreticheskiy-i-metodologicheskiy-aspekty (дата обращения: 23.02.2026).

[3] Савруков, А.Н., Савруков, Н.Т. Методический подход и критерии оценки эффективности государственного управления в регионах / А.Н. Савруков, Н.Т. Савруков // Финансы и кредит. - 2017. - № 7 (727). - С. 392 // [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://cyberleninka.ru/article/n/metodicheskiy-podhod-i-kriterii-otsenki-effektivnosti-gosudarstvennogo-upravleniya-v-regionah (дата обращения: 23.02.2026).

4 Глебов, Н.А. Проблема доверия населения к органам власти в России / Н.А. Глебов, С.М. Некрасова. Текст: непосредственный // Исследования молодых ученых: материалы XVI Междунар. науч. конф. (г. Казань, январь 2021 г.). - Казань: Молодой ученый, 2021. - С. 60 // [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://moluch.ru/conf/stud/archive/386/16288.

таких как официальные сайты органов власти и цифровые сервисы, играют важную роль в повышении эффективности публичной власти и качества государственного управления[1].

Отдельного внимания также заслуживают механизмы оценки эффективности деятельности органов публичной власти, применяемые на федеральном уровне. В РФ используются системы показателей, которые позволяют проводить сравнительный анализ деятельности органов исполнительной власти субъектов Федерации. Данные показатели включают в себя экономические, социальные и управленческие параметры и используются для оценки работы региональных органов власти. Однако на практике такие системы довольно часто ориентированы преимущественно на количественные показатели, что может приводить к формальному подходу во время проведения оценки эффективности, тем самым не будет учитываться региональная специфика[2].

Следует отметить, что универсальной системы критериев для оценки эффективности публичной власти, применимого ко всем субъектам РФ, не существует. Каждый регион имеет свои особенности, которые необходимо учитывать при проведении различного рода исследований. В связи с этим наиболее обоснованным является комплексный подход, который сочетает в себе правовые, управленческие, социально-экономические и общественные критерии[3]. Такой подход дает возможность в более полном объеме проводить оценку деятельности органов публичной власти и выявлять направления для ее дальнейшего совершенствования.

Таким образом, критерии оценки эффективности публичной власти в субъектах РФ представляют собой совокупность взаимосвязанных показателей, которые отражают различные стороны деятельности органов власти. Комплексное применение позволяет не только оценить текущее состояние региональной системы публичной власти, но и определить перспективы последующего развития.

В целом стоит отметить, что нормативно-правовая база создает необходимые организационные условия для функционирования публичной власти, однако ее результативность во многом зависит от практической реализации закрепленных норм. Даже при наличии четко выстроенной системы органов власти возможны проблемы в распределении ответственности, координации действий и финансовом обеспечении полномочий. Поэтому важным условием повышения эффективности публичной власти является не только совершенствование законодательства, но и укрепление механизмов контроля, повышение профессионального уровня кадров и формирование устойчивых управленческих традиций в субъектах РФ. В связи с этим, вышеизложенное позволит обеспечить не только формальное, а реальное функционирование публичной власти в интересах населения.

ТДУ 434.8

ОИД БА БАЪЗЕ МУШКИЛОТИ ҚОНУНГУЗОРӢ ВА АМАЛИЯИ СОҲАИ ИҶРОИ ҶАЗОИ ҶИНОЯТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

О НЕКОТОРЫХ ТРУДНОСТЯХ ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВА И ПРАКТИКИ В ОБЛАСТИ ИСПОЛНЕНИЯ УГОЛОВНЫХ НАКАЗАНИЙ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

РАЗЗОҚЗОДА ТАМКИН МУРОД
Муовини сардори Раёсати иҷрои ҳукмҳо ва қайди махсуси Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, подполковники хизмати дохилӣ / Заместитель начальника Управления исполнения приговоров и специальных учетов

[1] Кузьмин, А.В. Основы обеспечения открытости в деятельности органов государственной власти в РФ / А.В. Кузьмин // Ученые записки Тамбовского отделения РоСМУ. - 2018. - № 9. - С. 192 // [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://cyberleninka.ru/article/n/osnovy-obespecheniya-otkrytosti-v-deyatelnosti-organov-gosudarstvennoy-vlasti-v-rf (дата обращения: 23.02.2026).

[2] Апканиева, К.И. Оценки эффективности деятельности органов государственной власти в РФ: состояние, проблемы и пути решения / К.И. Апканиева. Текст: непосредственный // Молодой ученый. - 2018. - № 45 (231). - С. 125 // [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://moluch.ru/archive/231/53607.

[3] Манкиева, А.В., Куров, А.Е. К вопросу о методах и критериях оценки эффективности деятельности органов государственной власти в Российской Федерации / А.В. Манкиева, А.Е. Куров // Вестник экспертного совета. - 2024. - № 4 (39). - С.13 // [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://cyberleninka.ru/article/n/k-voprosu-o-metodah-i-kriteriyah-otsenki-effektivnosti-deyatelnosti-organov-gosudarstvennoy-vlasti-v-rossiyskoy-federatsii (дата обращения: 23.02.2026).

Главного управления исполнения уголовных наказаний Министерства юстиции Республики Таджикистан, кандидат юридических наук, подполковник внутренный службы
E-mail: razzokzoda82@mail.ru

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ваколати амалӣ намудани сиёсати давлатӣ дар самти иҷро ва адои ҷазои ҷиноятӣ ба мақомот ва муассисаҳои иҷрои ҷазои ҷиноятӣ вогузор шудааст. Дар таъмини иҷрои чунин рисолат нақши муҳим ба Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятӣ) мансуб аст. Ин сохтори ташкилӣ бо мақсади таъмини рисолати худ дар ин самт мунтазам чорабиниҳои самаранокро амалӣ намуда истодааст.

Сохтори зикршуда ҳамчун воҳиди тобеи Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ваколатҳои худро амалӣ намуда, ташкил ва фаъолияти он мутобиқи Низомномаи Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим мегардад[1]. Ин сохтор ваколатҳои хешро дар пояи принсипҳои инсондӯстӣ, мутобиқ намудани шароити нигоҳ доштани маҳкумшудагон дар муассисаҳои иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ба меъёрҳову стандартҳои байналмилалӣ ва вазъи ҳуқуқии онҳо ба талаботи санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ намуда истодааст. Роҳандозии самараноки афзалиятҳои баёншуда коркарди муносибати маҷмуӣ ва бонизомиро барои иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ва дигар чораҳои хусусияти ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ, ҷустуҷӯй ва ҷорӣ намудани шаклу усулҳои нави таъсиррасонии тарбиявӣ нисбат ба шахсоне, ки аз ҷониби суд маҳкум шудаанд ва ё дигар чораҳои хусусияти ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ татбиқ шудааст, тақозо менамояд.

Зимнан, бо дарназардошти муқаррароти санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди қонунгузории миллӣ ва фаъолияти амалии мақомоти иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар мамлакат, ҳамчунин, бо мақсади тақвияти чораҳои ҳуқуқӣ дар самти такмили ҷанбаҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ ва функсионалӣ соҳа санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ, яъне, санадҳои ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти мақомоти иҷрои ҷазои ҷиноятӣ такмил дода шуда, бо дар назардошти талабот ва эҳтиёҷот ба онҳо тағйиру иловаҳо ворид шуда, корҳо дар ин самт бо маром идома дорад. Чунин иқдом заминаи сиёсӣ-ҳуқуқӣ дошта, дар банди 91-и нақшаи чорабиниҳо барои солҳои 2021-2025 оид ба амалисозии "Стратегияи ислоҳоти низоми иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030" таҷассуми худро ёфтааст[2].

Новобаста аз тасмимҳо ва чораҳои андешидашуда дар ин самт чи дар доираи санади сиёсии зикршуда ва чи дар дигар замина ба назар мерасад, ки амалисозии фаъолияти мақомот ва муассисаҳои иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ба такмили минбаъда ниёз дошта, ба муқаррароти меъёрҳои амалкунандаи ҳуқуқӣ мутобиқ намудан ва муносиб сохтан аз нигоҳи илмӣ ба мавриди мебошад. Тавре Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон санаи 16-уми декабри соли 2025 дар Паёми худ «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» иброз намудаанд: "Нақши қонунгузорӣ дар амалӣ гардидани ҳадафҳои стратегии кишвар ва таъмин намудани рушди устувору босуръати он, амнияти ҷомеа ва давлат, таҳкими суботу оромӣ ва ваҳдати миллӣ басо муҳим ба шумор меравад. Аз ин рӯ, таҳлили ҳамаҷонибаву пайвастаи қонунгузорӣ ва таҳияи пешниҳодҳо ҷиҳати такмили он барои иҷрои ҳадафҳои стратегӣ ва барномаҳои рушди иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангии кишвар зарур мебошад"[3]. Албатта, таъмини иҷрои чунин ташаббусҳо ва нақши он дар таъмини рушду инкишофи соҳаҳои гуногуни ҳаёти давлатию ҷамъиятӣ муҳим арзёбӣ гардида, ҳамчун кафили амалишавии Конститутсия ва қонунҳо, ҳуқуқу озодӣ ва манфиатҳои қонунии инсон ва шаҳрванд дониста мешавад.

Ба андешаи мо, яке аз масоили дар доираи мавзуи баррасӣ ба таҷдиди назар эҳтиёҷдошта, ин таъмини назорати шахсоне, ки нисбат ба онҳо институти шартан пеш аз муҳлат аз адои

[1] Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 3-юми апрели с. 2007, № 181 // ММИҲ ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 12.10.2025).

[2] Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Нақшаи чорабиниҳо барои солҳои 2021-2025 оид ба амалисозии Стратегияи ислоҳоти низоми иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030" аз 25-уми феврали с. 2021, № 24 // ММИҲ ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 28.10.2025).

[3] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16-уми декабри соли 2025 // [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: https://khovar.tj (санаи мурочиат: 03.01.2026).

ҷазо озод кардан татбиқ шудааст. Асосҳои ҳуқуқии татбиқи чунин меъёрро моддаи 76 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – КҶ ҶТ) инъикос менамояд. Дар қисми панҷуми моддаи зикршуда муқаррар шудааст, ки "Ба рафтори шахсе, ки шартан пеш аз муҳлат аз адои ҷазо озод карда шудааст, мақоми давлатии ваколатдор ва ба рафтори хизматчиёни ҳарбӣ фармондеҳии қисмҳои ҳарбӣ назорат мекунанд". Инчунин, тибқи қисми 6 банди "а"-и ҳамин модда нисбат ба чунин шахс як қатор маҳдудиятҳо муқаррар шуда, дар сурати вайрон намудани он суд бо дархости мақомоти дар қисми панҷуми ҳамин модда зикргардида дар хусуси бекор кардани шартан пеш аз муҳлат аз адои ҷазо озод кардан ва татбиқи қисми ҷазои адонашуда қарор қабул мекунад[1].

Аммо, зимни таҳлили меъёрҳои Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд (минбаъд - КИҶҶ ҶТ) ҷиҳати ба амал баровардани назорат аз болои шахсоне, ки ба онҳо институти "Шартан пеш аз муҳлат аз адои ҷазо озод кардан" татбиқ шудааст, меъёрҳои ҳуқуқӣ муқаррар нагардидааст, ки баёнгари аз назорати мақомоти давлатӣ берун мондани рафтори шахсони шартан пеш аз муҳлат аз адои ҷазо озодкардашуда мебошад[2]. Ба ғайр аз ин, дар санади қонунгузории қайдшуда, ба истиснои хизматчиёни ҳарбӣ, ки рафтори онҳоро фармондеҳии қисмҳои ҳарбӣ назорат мекунанд, мақомоти дигари салоҳиятноки назораткунандаи рафтори шахсони дигар, ки хизматчиёни ҳарбӣ нестанд, муайян нашудааст.

Мусаллам аст, ки ҳануз аз санаи қабули Кодекси нави амалкунандаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо инобати ин меъёр ва бо мавҷудияти заминаи ҳуқуқӣ, инчунин, бо тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ маҳкумшудагон аз адои боқимондаи ҷазо озод мегарданд, ки ин раванд таҷассумгари таваҷҷуҳи роҳбарияти мақомоти ваколатдори кишвар ба пояи принсинҳои инсондӯстӣ мебошад. Албатта, зимни татбиқи м. 76 (Шартан пеш аз муҳлат аз адои ҷазо озод кардан)-и КҶ ҶТ мақомоти судӣ ба зиммаи шахс уҳдадориҳои муайянро вогузор менамояд[3]. Бешубҳа, вайрон намудани онҳо аз ҷониби ин шахс ба иваз шудани ин чораҳо ва истифодаи ҷазои ҷиноятӣ замина фароҳам меорад.

Баръакси ҳол, дар сурати аз назорати мақомоти давлатӣ берун мондани рафтори ҳамон шахсе, ки уҳдадориҳои вогузорнамудаи мақомоти судро вайрон намудааст, боиси берун мондани ҷавобгарии ҳуқуқӣ гардида, дар натиҷа халалдор намудани тартиботи ҳуқуқӣ ва ҷамъиятиро ба бор меорад ва мазмун ва моҳияти чунин чораро таҳриф месозад.

Бинобар ин, ба аҳаммият ва нақши назорати рафтор ва таъмини иҷрои уҳдадориҳои вогузорнамудаи мақомоти судӣ таваҷҷуҳ намуда, олимони мактаби ҳуқуқшиносии хориҷи кишвар асоснок баён менамоянд: "Чунин назорат дар ин раванд муҳимтар арзёбӣ меёбад, зеро ҳангоми шартан пеш аз муҳлат озод кардан, суд метавонад ба зиммаи шахс уҳдадориҳоро вогузор намояд, ки ӯ бояд онҳоро дар давоми боқимондаи муҳлати ҷазо иҷро кунад. Ин уҳдадориҳо бояд ба ислоҳи маҳкумшуда мусоидат кунанд»[4].

Дигар масъала ба ҷазои ҷиноятии "якумра маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ва ё машғул шудан бо фаъолияти муайян" бахшида шудааст. Омӯзиши санадҳои қонунгузорӣ дар соҳаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ нишод медиҳад, ки ба КҶ ҶТ тағйирот ворид шуда, дар ин замина ба м. 47 кодекси мазкур дахл карда, ҷазои ҷиноятии дигар, яъне, "якумра маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ва ё машғул шудан бо фаъолияти муайян" илова шудааст[5]. Аммо, то ба имрӯз дар КИҶҶ ҶТ, ки ҳамчун санади соҳавӣ тартиби иҷрои ҷазои ҷиноятиро муқаррар менамояд, марбут ба иҷрои ҷазои ҷиноятии дарҷшуда, мақомоти ваколатдори иҷрокунанда–назораткунандаи он ва намуди санади ҳуқуқии танзимкунандаи тартиби иҷрои ин ҷазо меъёрҳои ҳуқуқӣ муайян нагардидааст.

---

[1] Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21-уми майи с. 1998, № 574 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.1998, № 9, мод. 68, мод. 69, № 22, мод. 306; с. 1999, № 12, мод. 316; с. 2001, Қонуни ҶТ аз 17.12.2025, № 2205, № 2206.

[2] Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 06-уми августи с. 2001, № 32 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон с. 2001, № 7, мод. 505; с. 2003, №12, мод. 683; с. 2004, № 7, мод. 455 (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18-уми марти с. 2022, № 1854).

[3] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17-уми майи соли 2004, № 35.

[4] Уголовно-исполнительное право Российской Федерации: учебник/ под ред. И. Л. Трунова. - М.: Изд-во Эксмо, 2005. - С. 254-255.

[5] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19-уми июли с. 2022, № 1896.

Бо эҳтимоли зиёд гуфтан мумкин аст, ки дар оянда зимни ворид намудани тағйирот ва иловаҳои дахлдор ба КИҶҶ ҶТ назорат ва ё иҷрои ин ҷазои ҷиноятӣ ба зиммаи нозироти корҳои ислоҳии Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятӣ вогузор хоҳад шуд. Зеро, ки айни ҳол, аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ ҷазои якумра маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ва ё машғул шудан бо фаъолияти муайян татбиқ гашта, рисолати иҷрои он аз ҷониби раёсати нозироти корҳои ислоҳии Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ба амал бароварда шуда истодааст. Аммо, тибқи қ. 3 м. 3 КИҶҶ ҶТ маҳз ҳамин санади қонунгузорӣ тартиб ва шарти иҷро ва адои ҷазоро муайян менамояд[1]. Аз ин ҷиҳат, дар сурати мавҷуд набудани чунин муқаррарот асоси ҳуқуқии амалисозии фаъолияти сохтори номбаршуда ва тартиби татбиқи ваколатҳои он дар ин самт саволҳоро ба бор меорад.

Омӯзиш ва таҳлилҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки эҳтимолан бо сабаби аз ҷониби қонунгузор мушаххас накардани мақомоти ваколатдор ҷиҳати назорати рафтори шахсоне, ки шартан пеш аз муҳлат аз адои ҷазо озод карда мешаванд, ин раванд бар хилофи муқаррароти қонунгузорӣ берун аз назорати мақомоти давлатӣ қарор дорад. Ҳамчунин, бидуни меъёрҳои ҳуқуқӣ марбут ба тартиби иҷрои ҷазо дар намуди якумра маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ва ё машғул шудан бо фаъолияти муайян дар санади қонунгузории соҳавӣ, яъне КИҶҶ ЧТ аз ҷониби мақомоти суд таъйин намудани ин ҷазои ҷиноятӣ, инчунин, фаъолияти амалии сохтори назоратбарандаи ин ҷазои ҷиноятӣ барои баҳсҳои ҳуқуқӣ замина фароҳам меоварад.

Албатта, чунин гузориши масъала ба андешаи муаллиф аз тасаввуроти сатҳии кормандони алоҳидаи амалӣ ва мавҷуд набудани меъёрҳои ҳуқуқӣ, ғайрифаъол будани мақомоти қонунгузор ва аз муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дур мондани таҷрибаи меъёрэҷодкунӣ дарак дода, татбиқи он баҳсҳои ҳуқуқиро тавлид сохта, ба андешаи муаллиф пешгирӣ накардани чунин зуҳурот барои суиистифодаи мансаб, баромадан аз ҳадди ваколатҳои мансабӣ, худсарӣ, бе назорат мондани иҷрои баъзе ҷазои ҷиноятӣ ва дигар амалҳои зиддиҳуқуқӣ замина мегузорад.

Қоидаҳои ҳадди ақали стандартии муносибат бо маҳкумшудагон ҳамчун стандартҳои байналмилалӣ дар соҳаи муносибат бо маҳкумшудагон меъёрҳои ҳадди ақали эътирофшудаи идоракунии муассисаҳои иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ва муносибат бо маҳкумшудагон ба ҳисоб рафта, дар таҳияи қонунгузорӣ, сиёсати иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ва таҷрибаҳои муассисаҳои иҷрои ҷазо дар кишварҳои узви Созмони Милали Муттаҳид нақши калон мебозад. Қоидаи 75-и он ишора менамоянд, ки “Ҳамаи кормандони муассисаҳои иҷрои ҷазои ҷиноятӣ бояд дорои таҳсилоти кофӣ бошанд ва барои ба таври касбӣ иҷро кардани вазифаҳои худ имконияту воситаҳо дошта бошанд”[2]. Мусаллам аст, ки ба “Имконияту воситаҳо” меъёрҳои ҳуқуқӣ барои амалисозии ваколатҳои кормандони муассисаҳои иҷрои ҷазои ҷиноятӣ имкониятдиҳанда низ шомил мешаванд. Вобаста ба ин масоил, мутахассиси мактаби ҳуқуқшиносии кишвар низ асосноқ иброз менамояд, ки “Тартиботи ҷамъиятӣ вазъи мураттабгаштаи муносибатҳои ҷамъиятиро дар назар дошта, бо тартиботи ҳуқуқӣ зич алоқаманд аст. Бидуни тартиботи ҷамъиятӣ тартиботи ҳуқуқӣ вуҷуд надорад ва бидуни тартиботи ҳуқуқии босубот тартиботи ҷамъиятӣ пойдор нест”[3]. Бешубҳа, матлаби ҳам дар санади сатҳи байналмилалӣ ва ҳам аз ҷониби мутахассиси кишвар зикршуда танҳо тавассути танзими ҳуқуқии муносибати дахлдори ҷамъиятӣ ба даст оварда мешавад.

Бинобар ин, қадами аввал баҳри матраҳ ва бартараф кардани чунин норасоиҳо дар қонунгузорӣ ва номутобиқатии меъёрҳои ҳуқуқӣ ин ворид намудани тағйирот ва иловаҳои зарурӣ ба Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ва дар ин робита мустаҳкам намудани меъёрҳои ҳуқуқии муайянкунандаи тартиби ба амал бароварданни назорат аз болои рафтори шахсоне, ки нисбат ба онҳо институти шартан пеш аз муҳлат аз адои ҷазо озод кардан татбиқ шудааст. Ҳамчунин, мустаҳкам намудани меъёрҳои ҳуқуқӣ марбут ба тартиби иҷрои ҷазои ҷиноятии

[1] Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 06-уми августи с. 2001, № 32 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон с. 2001, № 7, мод. 505; с. 2003, № 12, мод. 683; с. 2004, № 7, мод. 455 (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18-уми марти с. 2022, № 1854).

[2] Қоидаҳои ҳадди ақали стандартии Созмони Милали Муттаҳид оид ба муносибат бо маҳкумшудагон (Қоидаҳои Нелсон Мандела) // [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: https://www.un.org/ru/events/mandeladay/mandela_rules.shtml (санаи мурочиат: 08.04.2026).

[3] Раззоқзода, Т.М. Салоҳияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар таҳкими тартиботи ҷамъиятӣ Т.М. Раззоқзода // Маҷмуаи мақолаҳои Форуми илмии умумидонишгоҳии «Қонуният ва низом дар идораи давлатӣ». – Данғара, 2020. – С. 83-86.

якумра маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ва ё машғул шудан бо фаъолияти муайян.

Сониян, дар сатҳи санадҳои қонунгузорӣ муайян ва мушаххас намудани мақомоти ваколатдор оиди назорати шахсони шартан пеш аз муҳлат аз адои ҷазо озодшуда ва таъмини иҷрои ҷазо дар намуди якумра маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ва ё машғул шудан бо фаъолияти муайян. Ниҳояти кор, бо назардошти муқаррароти моддаи 8 ва боби дуюми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ", дар санадҳои қонунгузории соҳавӣ муайян ва мустаҳкам намудани "намуди санади меъёрии ҳуқуқӣ" [1], ки тавассути он назорати шахсони нисбаташон шартан пеш аз муҳлат аз адои ҷазо озод кардан ва якумра маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ва ё машғул шудан бо фаъолияти муайян таъиншуда танзим меёбад.

Ҳамин тавр, таҳқиқи масъала аз он шаҳодат медиҳад, ки татбиқи шартан пеш аз муҳлат аз адои ҷазо озод кардан ва ҷазоҳои ҷиноятие, ки зимни иҷрои он шахс аз ҷамъият ҷудо намешавад ва иҷрои онҳо ба салоҳияти мақомоти иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мансуб аст, хусусан, якумра маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ва ё машғул шудан бо фаъолияти муайян, ба такмили минбаъда ниёз доранд.

Дар раванди таъмини иҷрои ин масоили ҳалталаб Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятӣ унсури муайянкунанда маҳсуб ёфта, дар татбиқи меъёрҳои соҳа нақши калидӣ мебозад. Мустаҳкам намудани меъёрҳои ҳуқуқӣ дар санади қонунгузорӣ ва татбиқи онҳо гарави фаъолияти натиҷабахши низоми пенитенсиарӣ мебошад, ки дар ислоҳ намудан ва ба ҷамъият бозпас гардонидани шахсони ҷиноятсодирнамуда, таҳкими тартиботи ҷамъиятӣ ва таъмини тартиботи ҳуқуқии босубот нақши муҳимро мебозад.

ТДУ 343.13

САМТҲОИ РУШДИ ҚОИДАҲОИ МУРОФИАВИИ ҶИНОЯТӢ ОИД БА ҶАМЪОВАРИИ МАЪЛУМОТИ ВОҚЕӢ

НАПРАВЛЕНИЯ РАЗВИТИЯ ПРАВИЛ УГОЛОВНОГО ПРОЦЕССА ПО СБОРУ ФАКТИЧЕСКИХ СВЕДЕНИЙ

РАҲМАТУЛОЕВ АБДУҶАББОР ЭРГАШОВИЧ
Дотсенти кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ / Доцент кафедры судебного права и прокурорского надзора юридического факультета Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики, кандидат юридических наук
E-mail: Abdujabbor-2603@mail.ru

ИСОЗОДА НАБИҶОН
Унвонҷӯи кафедраи мурофиаи ҷиноятии факултети № 2-юми Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, полковники милитсия / Соискатель кафедры уголовного процесса факультета № 2 Академии МВД Республики Таджикистан, полковник милиции
e-mail: ziskan@mail.ru

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба зарурати беҳтар кардани фаъолияти мақомоти тафтишот дар самти ошкор кардани ҷиноят, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон пайваста диққат дода, қайд кардаанд, ки арзиши олӣ эътироф шудан ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои шахсият водор мекунад, ки ҳифз, риоя ва таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, таъмини волоияти қонун, таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ дар ҷомеа

[1] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ" аз 30-юми майи с. 2011, № 1414 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2017, № 5, қ. 1, мод. 271; Қонуни ҶТ аз 19.07.2019 № 1632, аз 23.12.2021 № 1820, аз 03.01.2024 № 2426.

чиҳати муҳайё сохтани шароити арзандаи зиндагонии ҳар як фарди кишвар тадбирҳои судманд андешида шуда, кафолати воқеии он таъмин карда шавад[1].

Бинобар ин, яке аз ҳадафҳои илми мурофиаи ҷиноятиро омузиш ва таҳлили назариявии такмил дода шудани фаъолияти мурофиавии ҷиноятӣ, пешбурди амалҳои тафтишӣ, коркарди роҳу воситаҳои самараноки ҷамъоварии далелҳо, муайян ва бартараф кардани норасоӣ ва мушкилот дар амалияи пешбурди тосудии парвандаҳои ҷиноятӣ ташкил додааст. Дар ин самт таҳқиқоти олимони ватанӣ ба муҳокимаи ҳалли масъалаҳои танзими меъёрӣ, аз ҷумла ба такмил дода шудани тартиб ва қоидаҳои умумӣ ва махсуси пешбурди амалҳои тафтишӣ бахшида мешаванд, ки вобаста ба талаботи замони муосир беҳтар намудани шаклҳои ҳамкорӣ ва ҳамоҳангсозии ҷузъу сохторҳои тафтишотиро фаро гирифтаанд[2].

Таҳқиқоти назария ва амалияи пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ имконият медиҳад, ки сабабу шароити мушкилоти амалияи тафтишӣ ошкор ва бартараф карда шуда, самтҳои дурнамои рушди адлияи ҷиноятӣ муайян карда шавад[3]. Ин раванд, зинаи навбатӣ ва идомаи мутассили ташаккул ва рушди қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Тоҷикистон ва низоми фаъолияти мурофиавии ҷиноятиро фарогир аст, ки метавонад мазмуни таркибии Консепсияи сиёсати мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистонро[4] ғанӣ намояд.

Иҷрои вазифаҳо доир ба саривақт ошкор кардани ҳар як ҷиноят аз бисёр ҷиҳат аз саривақт ошкор кардан, мустаҳкам кардан, таҳқиқ кардан ва самаранок истифода бурдани далелҳо вобаста аст.

Таҳқиқоти танзимоти меъёрии тартиби пешбурди амалҳои тафтишӣ нишон медиҳад, ки аҳаммияти мурофиавии маълумоти ҷамъовардашуда ва самаранокии пешбурди амалҳои тафтиширо натиҷаҳои амалҳои дигари мурофиавӣ ва чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ (минбаъд – ЧОҶ) тақвият мебахшанд. Лекин, дар қонунгузории мурофиавии ҷиноятии ватанӣ ғайри протоколи амалҳои тафтишотӣ ва судӣ (қ. 2 м. 72 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - КМҶ ҶТ)) натиҷаи амалҳои дигари мурофиавии ҷиноятӣ сарчашмаи маълумоти воқеӣ муқаррар нашудааст.

Амалҳои дигари мурофиавии ҷиноятӣ дар меъёрҳои КМҶ ҶТ ҳамчун “чорабиниҳои маҷбурнамоӣ”, ”чорабиниҳои пешгирӣ”, “чорабиниҳои таъмини даъво”, “чорабиниҳои ҷустуҷӯӣ”, “амалҳои мурофиавӣ” номбар мешаванд, ки татбиқи онҳо вобаста ба баъзе аз хусусиятҳои мурофиавӣ (хусусиятҳои пешгирикунанда ва таъминкунандаи рафтори муайян, хусусияти маҳдуднамоии муваққатӣ, таъминкунандаи раванди тафтишот, бартарафкунандаи дахолатнамоӣ) маҳдуд гаштааст[5]. Бо назардошти хусусият ва тайиноти мурофиавии худ, онҳо ҳангоми пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ дар радифи амалҳои тафтишӣ иҷро мешаванд ва натиҷаи онҳо метавонад ба ҳалли масъалаҳои мурофиавӣ ва иҷрои вазифаҳои мурофиавӣ мусоидат намояд. Лекин дар адабиёт дар натиҷаи пешбурди амалҳои дигари мурофиавӣ ба ҷамъоварӣ шудани маълумоти воқеӣ дар бораи ҳолатҳои содир шудани ҷиноят ва ба парвандаи ҷиноятӣ аҳаммиятдошта, баҳои муносиби ҳуқуқӣ дода нашудааст. Умумият ва ягонагии пешбурди амалҳои тафтишотӣ ва амалҳои дигари мурофиавии ҷиноятӣ, ҳамоҳангсозии пешбурди онҳо бо ЧОҶ дар самти ҷамъоварии маълумоти воқеӣ оид ба ҳолатҳои содир шудани ҷиноят мавриди таҳлили фарогири илмӣ қарор дода нашудааст.

---

[1] Эмомалӣ Раҳмон. Суханронӣ дар мулоқот бо кормандони мақомоти судии кишвар // Сомонаи расмии www.prezident.tj. (санаи мурочиат: 05.12.2024).

[2] Гаврилов, Б.Я. О современном состоянии уголовно-процессуального законодательства в вопросах обеспечения конституционных прав и свобод человека и гражданина: сравнительно-правовой анализ УПК Российской Федерации и УПК Республики Таджикистан / Б.Я. Гаврилов // 15-летие Уголовно-процессуального кодекса Республики Таджикистан: состояние и перспективы: сборник материалов международной научно-практической конференции, г. Душанбе, 03 декабря 2024 г. // Под ред. к.ю.н., генерал-майора милиции П.А. Насуриён, д.ю.н., доцента Р.Р. Рахмаджонзода. – Душанбе: Типография Министерство внутренних дел Республики Таджикистан, 2025. – С. 27-32.

[3] Попова, И.П. Досудебное производство в российском уголовном процессе: проблемы известны, нужны реформы / И.П. Попова // Проблемы и перспективы совершенствования законодательства и правоприменительной практики ОВД: Мат. дистанционной международной научно-практической конференции, приуроченной к 55-летию Карагандинской академии МВД Республики Казахстан имени Б. Бейсенова / под общ. ред. С.А. Адилова. - Караганда: Карагандинская академия МВД Республики Казахстан им. Б. Бейсенова, 2023. - С.83-87.

[4] Рахмаджонзода, Р.Р. Учение об уголовном преследовании в уголовном процессе Республики Таджикистан: автореф…дис. ... д-ра юрид. наук: 12.00.09 / Р.Р. Рахмаджонзода. – Душанбе, 2023. – 74 с.

[5] Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми декабри с. 2009, № 564 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2009. – № 12, мод. 815-816; Қонуни ҶТ аз 25.03.11, № 692; аз 02.08.17, № 755; № 1696, аз 04.07.2020, № 1696, аз 03.01.2024, № 1750.

Новобаста аз он, ки асос, тартиб ва қоидаҳои ҷамъоварии маълумот тавассути фаъолияти мурофиавӣ ва оперативӣ-ҷустуҷӯӣ фарқият (меъёрӣ, ташкилӣ) дошта бошад ҳам, фаъолияти мурофиавии ҷиноятӣ (пешбурди амалҳои тафтишӣ, амалҳои дигари мурофиавӣ) ва ЧОҶ-ро дарки ҳодисаи рухдода, исботи ҳолатҳои содир шудани ҷиноят, ҷустуҷӯ ва гирифтани маълумот дар бораи ҷиноят, ҷинояткор ва ҳолатҳои ба парвандаи ҷиноятӣ аҳаммиятдошта муттаҳид мекунад. Аз ин нуқтаи назар, дарёфти шаклҳои ҳамоҳангӣ, пешбурди ҳамрадиф ва нуқтаҳои ҳадафноки пайвастагии онҳо барои саривақт ва пурра кушодани ҷиноят ва пешгирии ҷиноятқорӣ талаботи амалияи пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ аст.

Дар муқоиса, омузиши амалияи пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ дар давлатҳои аъзои ИДМ нишон медиҳад, ки барои саривақт ва пурра кушодани ҷиноят ва исботи ҳолатҳои содир шудани он на танҳо ба қоидаҳои пешбурди амалҳои тафтишӣ дигаргуниҳо ворид шуданд, аз ҷумла дар радифи онҳо татбиқи амалҳои дигари мурофиавӣ ва истифодаи технологияи рақамӣ баҳри ҷамъоварии маълумоти воқеӣ ба таври васеъ роҳандозӣ мешавад. Дар меъёрҳои КМҶ Ҷумҳурии Қазоқистон ба сифати сарчашмаи далелҳо на танҳо протоколи амалҳои тафтишӣ, инчунин протоколи амалҳои ғайриошкорои тафтишӣ ва амалҳои дигари мурофиавӣ (протоколи дастгир кардан, ҳабси молу мулк, аризаи шифоҳӣ дар бораи ҷиноят, дар бораи маводҳои пешниҳодшуда), маводи оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, ки маълумоти воқеиро инъикос мекунанд, номбар мешаванд (м.м. 119, 120), ба адвокат имконияти ҷамъоварии маълумот тариқи пурсуҷӯ (опрос) бо истифодаи воситаҳои техникии сабт ва навор иҷозат дода шудааст (м. 210-1)[1]. КМҶ Беларус на танҳо протоколи амалҳои тафтишӣ, аз ҷумла протоколи ЧОҶ-ро сарчашмаи далел эътироф мекунад (м. 99)[2].

Ба андешаи мо, дар таркиби фаъолияти мурофиавии ҷиноятӣ барои ҷамъоварии маълумоти воқеӣ (далелҳо) истифода бурдани натиҷаи амалҳои дигари мурофиавӣ аз манфиат холӣ нест. Дар адабиёт маълумоти натиҷаи амалҳои дигари мурофиавиро, ба монанди натиҷаи ЧОҶ "маълумоти ғайримурофиавӣ" ҳам меноманд, ки бештар то қабули қарор дар бораи оғози парвандаи ҷиноятӣ ҷамъоварӣ мешавад[3]. Бо ин нуқта розӣ шуда наметавонем, чунки чунин маълумот дар исботи ҳолатҳои содир шудани ҷиноят истифода нашаванд ҳам, лекин ба муайян карда шудани сарчашмаи далелҳо ва санҷиши саҳеҳияти онҳо, ҷамъоварии далелҳои дигар ва умуман ба исботнамоӣ ёрӣ мерасонад. Масалан, маълумоти зерини то оғози парвандаи ҷиноятӣ ҷамъовардашуда ба муайян карда шудани сабаб ва асоси оғози парвандаи ҷиноятӣ истифода мешавад:

1) ариза, ҳабару маълумоти шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар бораи содир шудани ҷиноят. Ин маълумот ба мақомоти ваколатдори давлатӣ шифоҳӣ ва хаттӣ пешниҳод шуда метавонад ё талаб карда гирифта мешавад, ки ба ҷой доштани ҳодисаи ҷиноят ишора мекунад;

2) маълумоте, ки аз рӯйи ариза ва муроҷиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ бо мақсади санҷиши онҳо (маълумотнома, хислатнома, ҳисобот, акти ревизия, саптҳо ва иттилооти дигар), ки барои санҷиш оиди содир шудани ҷиноят аз шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ талаб карда мешаванд;

3) баёноти аризадиҳанда, роҳбар ва кормандони корхона, ташкилот ва муассисаҳо;

4) баёноти шахсони аз ҳодиса гувоҳӣ дошта ё шахси зарардида;

5) маълумоти дар матбуот ё шабакаҳои иҷтимоӣ интишоршудаи дастрас;

6) протоколи дастгир кардани гумонбаршуда;

7) натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ ҷустуҷӯӣ, ки то оғози парвандаи ҷиноятӣ гузаронида шудааст.

Аз ҷониби дигар маълумоти дар натиҷаи пешбурди амалҳои дигари мурофиавӣ ҷамъовардашуда бо қарори муфаттиш, прокурор, таҳқиқбаранда ва судя мумкин аст ғайриқобили қабул эътироф шавад, агар бо роҳи маҳрум кардан ё маҳдуд кардани ҳуқуқҳои ҳар шахс, ки бо қонун кафолат дода шудаанд, вайрон кардани тартиби ҷамъоварии далелҳо ё дигар қоидаҳои мурофиаи ҷиноятӣ ҳангоми пешбурди тосудӣ пешниҳод шудаанд, ба саҳеҳияти маълумоти воқеии ҷамъоваришуда таъсир расонида бошанд ё имкони таъсиррасонӣ дошта бошад.

---

[1] Уголовно-процессуальный кодекс Республики Казахстан 13 декабря 1997 г., № 206-// Автоматизированная правовая система «Консультант-плюс». http://www.consultant.ni/Online/

2 Уголовно-процессуальный кодекс Республики Беларусь от 16 июля 1999 г. № 295-З (Закон Республики Беларусь от 17 июля 2023 г. № 285-З)

[3] Бедняков, Д.И. Непроцессуальная информация и расследование преступлений. –М.: Юр.лит., 1991. – С. 23.

Таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, суд, судя ҳангоми ҳал кардани масъалаи ғайри қобили қабул будани маълумоти бо пешбурди амалҳои дигари мурофиавӣ ҷамъоваришуда салоҳият доранд дар ҳар як ҳолат маҳз дар чӣ зоҳир шудани қонунвайронкуниро муайян карда, қарори асоснок қабул намоянд. Ҳангоми ғайри қобили қабул ҳисобидани маълумоти бо пешбурди амалҳои дигари мурофиавӣ ҷамъоваришуда бо сабаби истифода намудани шиканҷа ё муносибати бераҳмона таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, суд, судя дар доираи салоҳияти худ оид ба ҷавобгарии дахлдори шахсони ба ин амалҳо роҳдода, салоҳият доранд чораҳо андешанд.

Ба андешаи мо, барои ҷамъоварии маълумот дар бораи ҳолатҳои содир шудани ҷиноят истифода бурдани натиҷаи дастгир кардани шахс бо гумони содир кардани ҷиноят, гирифтани намунаҳо ба ташхиси муқоисавӣ, ҳабси молу мулк, кафолати шахсӣ, ба назорат супоридани ноболиғ, таҳти назорати фармондеҳии қисми ҳарбӣ супоридани хизматчии ҳарбӣ, ҳабси хонагӣ, дар ҳабс нигоҳ доштанро қонун дақиқ танзим накардааст.

Албатта, дар меъёрҳои КМҶ ҶТ татбиқи онҳо нисбати пешбурди амалҳои тафтишӣ хусусияти таъминотиро дорад, лекин ягон меъёр манъ накардааст, ки дар натиҷаи пешбурди онҳо маълумоти ба парвандаи ҷиноятӣ аҳаммиятдошта ҷамъоварӣ шавад. Баръакс, қонун пешбинӣ мекунад, ки прокурор, муфаттиш, таҳқиқбаранда вазифадоранд бо пешбурди амалҳои мурофиавии ҷиноятӣ дар доираи салоҳияти худ ҳодисаи ҷиноят, аломатҳои таркиби ҷиноятро муайян намоянд, барои исботи ҳолатҳои содир шудани ҷиноят ва айбдории шахси онро содиркарда чораҳо андешанд (м. 26 КМҶ ҶТ); барои тафтиши ҳамаҷониба, пурра ва холисонаи ҳолатҳои содир шудани ҷиноят ва муайян кардани ҳолатҳои ошкоркунандаи айбдорӣ ва ё беайбии шахс (сафедкунанда), ҳолатҳои вазнинкунанда ё сабуккунандаи ҷавобгарии айбдоршаванда тамоми чораҳои пешбининамудаи қонунро татбиқ намоянд (м. 21 КМҶ ҶТ).

Бо пешбурди амалҳои дигари мурофиавӣ, ки қонун муқаррар кардааст, ҷамъоварӣ шудани маълумоти воқеӣ марбут ба парвандаи ҷиноятӣ ба иҷрои вазифаҳои мурофиаи ҷиноятӣ равона шуда ба ҳадаф ва принсипҳои мурофиаи судии ҷиноятӣ мухолиф нест. Амалҳои дигари мурофиавӣ пешбурди амалҳои тафтишӣ ё ЧОҶ-ро иваз намекунад, онҳоро истисно ҳам намекунад ва ё тағйир намедиҳад, лекин ҷамъоварии маълумоти воқеӣ тавассути татбиқи бомаҳорати онҳо метавонад самаранокии пешбурди амалҳои тафтишотӣ ва ЧОҶ-ро беҳтар намояд.

Таҳлили танзими меъёрии пешбурди амалҳои дигари мурофиавӣ нишон медиҳад, ки тартиби пешбурди онҳо ба қоидаҳои умумии пешбурди амалҳои тафтишӣ мувофиқанд (м. 171 КМҶ ҶТ). Натиҷаи баъзе аз амалҳои мурофиавӣ, ба монандӣ: қабули аризаи шифоҳӣ дар бораи ҷиноят, дастгир кардани шахс бо гумони содир кардани ҷиноят, гирифтани намунаҳо ба ташхиси муқоисавӣ ва ҳабси молу мулк дар протокол қайду мустаҳкам мешавад, ки метавонад сарчашмаи мустақили далел эътироф шавад. Зимни пешбурди аксари амалҳои дигари мурофиавии номбаршуда, муваққатан маҳдуд шудани ҳуқуқу озодии иштирокчиён розигии прокурор ва иҷозати судро талаб намекунад.

Ҳангоми татбиқи кафолати шахсӣ, ба назорат супоридани ноболиғ, таҳти назорати фармондеҳии қисми ҳарбӣ супоридани хизматчии ҳарбӣ, ҳабси хонагӣ, дар ҳабс нигоҳ доштан мумкин аст, ки ба зиммаи кафилон, ҳайати фармондеҳи қисми ҳарбӣ, шахсони сазовори боварӣ, падару модар, васӣ, парастор роҳбари муассисаи махсуси таълимӣ, маъмурияти тавқифгоҳҳои нигоҳдорӣ ё назоратбарандаи рафтори дар ҳабси хонагӣ қарордошта баробари уҳдадории «назорат», инчунин мушоҳидаи рафтори гумонбаршаванда ё айбдоршаванда (навор ё сабти гуфтугуи онҳо) вогузор кардан ва пешниҳоди маълумот (дар шакли ҳуҷҷатҳои дигар) зарур аст, ки амалишавии қ. 2 м. 72 ва м.м. 82, 86 КМҶ ҶТ таъмин мекунад.

Дар муқоиса, аз нуқтаи назари баробарии тарафҳо агар ба имкониятҳои мурофиавии гумонбаршаванда, айбдоршаванда, ҳимоятгари онҳо, ки қонун муқаррар кардааст, эътибор диҳем барои онҳо «истифодаи ҳамаи восита ва усулҳои дар қонун ва КМҶ ҶТ манънашуда» иҷозат дода шудааст. Чунин муқаррарот нисбати фаъолияти мурофиавии ҷиноятии мақомоти таъқиби ҷиноятӣ аз ҷумла дар м. 26 КМҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, ки «барои муқаррар намудани ҳодисаи ҷиноят, шахси онро содиркарда бояд чораҳои пешбининамудаи қонунро андешанд».

Бинобар ин, далел эътироф карда шудани маълумоти дар натиҷаи пешбурди амалҳои дигари мурофиавӣ (гирифтани баёнот то оғози парвандаи ҷиноятӣ, дастгир кардани гумонбаршаванда, гирифтани намунаҳо ба ташхиси муқоисавӣ, татбиқи ҳабси молу мулк, кафолати шахсӣ, ба назорат супоридани ноболиғ, таҳти назорати фармондеҳии қисми ҳарбӣ

супоридани хизматчии ҳарбӣ, ҳабси хонагӣ, дар ҳабс нигоҳ доштан) ҷамъовардашуда (аз ҷумла талаб карда гирифташуда ва ё пешниҳодшуда) имконпазир аст.

Пешбурди амалҳои дигари мурофиавии унсурҳои маҳдуднамоӣ, маҷбурӣ, пешгирӣ ва таъминотӣ доранд, ки ба пешбурди амалҳои тафтишотӣ ҳам хос мебошанд. Лекин, бо назардошти ин хусусиятҳо ба мазмуни онҳо ҳамроҳ шудани тайиноти ҷамъоварии "маълумот" асос, тартиб, қоидаҳои мурофиавӣ ва мақсади татбиқ шудани онҳоро тағйир намедиҳад. Танҳо аз нуқтаи назари мантиқи ҳуқуқ байни "маълумоти воқеӣ" ва "далелҳо" фарқият гузоштан лозим меояд, ки маълумоти ҷамъовардашуда он гоҳ аҳаммияти ҳуқуқӣ ва мурофиавӣ пайдо намуда, далел эътироф мешавад, агар ҷавобгӯйи талаботи мурофиавӣ (қобили қабул, дахлдор, дақиқ ва кофӣ) бошад.

Бинобар ин, ба мақсад мувофиқ медонем, ки қоидаҳои умумии пешбурди амалҳои тафтишӣ (м. 171 КМҶ ҶТ) нисбати амалҳои дигари мурофиавӣ татбиқ шаванд ва дар қатори протоколи амалҳои тафтишотӣ (м. 72 КМҶ ҶТ) протоколи амалҳои дигари мурофиавӣ сарчашмаи далел эътироф гардад. Бо ин тағйирот амалҳои дигари мурофиавӣ хусусияти ҷамъоварии маълумотро дар сатҳи меъёрӣ пайдо мекунанд.

ТДУ 343.846:343.241

АСОСҲОИ МАВҚУФ ГУЗОШТАНИ АДОИ ҶАЗО НИСБАТИ ЗАНОНИ ҲОМИЛА ВА ЗАНОНЕ, КИ КӮДАКОНИ ТО СИННИ ҲАШТСОЛА ДОРАНД

ОСНОВАНИЯ ОТСРОЧКИ ОТБЫВАНИЯ НАКАЗАНИЯ В ОТНОШЕНИИ БЕРЕМЕННЫХ ЖЕНЩИН И ЖЕНЩИН, ИМЕЮЩИХ ДЕТЕЙ В ВОЗРАСТЕ ДО ВОСЬМИ ЛЕТ

САИДВАЛИЗОДА БАРНО САИДНАБӢ
Раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагон Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ / Председатель Комитета Маджлиси намояндагон Маджлиси Оли Республики Таджикистан по науке, образованию, культуре и молодёжной политике, кандидат юридических наук
E-mail: barno.7373@mail.ru

Самаранокии татбиқи мавқуфгузории адои ҷазо, пеш аз ҳама, ба муайян намудани асосҳои дақиқи он вобаста мебошад. Фаҳмиши дуруст ва ягонаи асосҳои татбиқи мавқуфгузории адои ҷазо аҳаммияти муҳимми илмӣ ва амалӣ дорад, зеро он имкони тафсири ихтиёрии ин мафҳумро аз ҷониби судҳо истисно намуда, татбиқи қонунро мутобиқ ба мазмуни он таъмин менамояд. Аз ин рӯ, асосҳои татбиқи моддаи 78 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - КҶ ҶТ) бояд ба таври равшан муайян карда шаванд. Дар адабиёти илмӣ то ҳол мафҳуми ягонаи «шароит» ва «асос»-и мавқуфгузории адои ҷазо мавҷуд нест. Дар бисёр таҳқиқотҳо ин ду мафҳум аз ҳам ҷудо намешаванд, ки ин ҳолат боиси нофаҳмӣ мегардад. Набудани таърифи дақиқи «асос» ва «шароит» ба омехташавии ин истилоҳот дар адабиёти илмӣ оварда мерасонад[1].

Дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ зери мафҳуми «асос» одатан он ҳолати ҳуқуқие фаҳмида мешавад, ки боиси ба вуҷуд омадан, тағйир ё қатъ гардидани ваколатҳои муайяни давлат дар муносибатҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ мегардад. Дар ҳамин асно, зери мафҳуми мавқуфгузории дар м. 78 КҶ ҶТ пешбинишуда, он ҳолатҳои ҳуқуқие фаҳмида мешаванд, ки бо қонун муқаррар гардида, ваколатҳои мақомоти давлатиро дар муносибатҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ тағйир медиҳанд ва ба давлат ҳуқуқ ё уҳдадорӣ медиҳанд, ки адои минбаъдаи ҷазоро нисбат ба шахси маҳкумшуда мавқуф гузорад.

Ҳамин тариқ, танҳо ба вуҷуд омадани ҳомиладорӣ дар зани маҳкумшуда ҳангоми адои ҷазо ҳамчун асоси умумӣ ва мустақили мавқуфгузории минбаъдаи адои ҷазо баромад мекунад. Судҳо ҳангоми баррасии масъалаи мавқуфгузории ҷазо нисбат ба занони ҳомила ё заноне, ки

[1] Базаров, Р.А., Михайлов, К.В. Освобождение от уголовной ответственности и наказания: учебное пособие. – Челябинск, 2001. – С. 93.

кӯдаки то 8-сола доранд, аз муқаррароти м. 78 КҶ ҶТ роҳнамоӣ мекунанд. Масалан, суди ноҳияи Сино ш. Душанбе Р.Б.-ро барои содир намудани ҷиноятҳо тибқи б. “б” қ. 2 м. 175 КҶ ҶТ гунаҳгор дониста, ҷазоро дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати 5 сол бо маҳрум кардан аз ишғоли мансаб ва фаъолияти омузгорӣ дар муассисаҳои давлатӣ ва ғайридавлатии соҳаи маориф, тарбия ба муҳлати 3 сол маҳкум намудааст. Дар асоси қ. 1 м. 78 КҶ ҶТ адои ҷазои таъиншуда нисбат ба Р.Б., то ба синни ҳаштсолагӣ расидани кудаки хурдсолаш мавқуф гузошта шудааст[1].

Ҳангоми баррасии масъалаи мазкур Потемкин А.Т. ба сифати асосҳои татбиқи мавқуфгузории адои ҷазо чунин ҳолатҳоро зикр менамояд: ҳомиладор будани маҳкумшуда, доштани кӯдакони ноболиғ, хусусияти ҷинояти содиршуда ва мавҷуд будани шароит барои тарбияи кӯдак[2]. Саядян С.Г. низ бар он назар аст, ки асосҳои пешниҳоди мавқуфгузорӣ ҳомиладорӣ ва доштани кӯдакони ноболиғ мебошанд[3].

Бо вуҷуди ин, баъзе муаллифон ба чунин мавқеъ эътироз намуда, қайд мекунанд, ки ҳомиладорӣ ва доштани кӯдакони ноболиғ на асос, балки шароити татбиқи мавқуфгузорӣ мебошанд[4].

Бархе аз муҳаққиқони дигар, аз ҷумла Рарог А.И., бар он назаранд, ки асоси татбиқи мавқуфгузории адои ҷазо на худи ҳомиладорӣ, балки ғайримақсаднок будани татбиқи ин институт нисбат ба чунин гурӯҳи занон мебошад, дар ҳоле ки ҳомиладорӣ ё таваллуди кӯдак ва инчунин маҳкум нашудан барои ҷинояти вазнин ё махсусан вазнин ба муқобили шахсият ба муҳлати зиёда аз панҷ соли маҳрум сохтан аз озодӣ ҳамчун шароити татбиқи он баромад мекунанд[5]. Ҳамин гуна мавқеъро Гаджирамазанов П.И. ва Боровиков В.Б. низ ҷонибдорӣ менамоянд. Онҳо ин андешаро бо он асоснок мекунанд, ки қонунгузор бо татбиқи мавқуфгузорӣ, пеш аз ҳама, кӯдакони хурдсолро аз ҷазои ҷиноятӣ ҳифз менамояд, зеро онҳо ё дар муассисаҳои ислоҳӣ ба дунё меоянд ё маҷбур мешаванд, ки бо модари худ дар чунин шароит бошанд. Ғайр аз ин, ҳомиладорӣ аксар вақт бо мушкилоти саломатӣ ва тағйироти физиологӣ алоқаманд буда, метавонад раванди иҷрои ҷазои ҷиноятиро душвор созад[6].

Аз ин рӯ, агар ҳомиладорӣ то маҳкум шудан ё то оғози адои ҷазо ба вуҷуд омада бошад, вале баъдтар муайян гардад, мавқуф гузоштани адои ҷазо имконнопазир мегардад, зеро м.м. 291-293 Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - КИҶҶ ҶТ) танҳо ба ҳолате дахл доранд, ки ҳомиладорӣ ҳангоми адои ҷазо ба миён омадааст. Дар натиҷа вазъияте ба вуҷуд меояд, ки заноне, ки то оғози адои ҷазо ҳомиладор шудаанд, нисбат ба заноне, ки ҳангоми адои ҷазо ҳомиладор мегарданд, дар ҳолати ҳуқуқии бадтар қарор мегиранд. Агар нисбат ба заноне, ки дар вақти баровардани ҳукм ҳомиладор буданд, вале суд аз он огоҳ набуд, масъалаи бознигарии парванда аз рӯйи ҳолатҳои навошкоршуда бардошта шавад, пас нисбат ба заноне, ки баъд аз баровардани ҳукм ва то оғози иҷрои он ҳомиладор шудаанд, дар қонунгузорӣ холигии ҳуқуқӣ мавҷуд аст.

Ба назар мерасад, ки бартараф намудани ин камбудиҳо метавонад тавассути дақиқ намудани унсури таҳқиқшавандаи асоси мавқуфгузорӣ дар таҳрири нави м. 78 КҶ ҶТ самаранок амалӣ гардад. Масалан, онро метавон чунин ифода намуд: «Агар ҳангоми адои ҷазо дар намуди ... ҳомиладор будани маҳкумшуда муайян гардад ...». Чунин таҳрир имкон медиҳад, ки масъалаи мавқуфгузорӣ ҳам нисбат ба заноне, ки ҳангоми адои ҷазо ҳомиладор шудаанд ва ҳам нисбат ба онҳое, ки то оғози адои ҷазо ҳомиладор гардидаанд, баррасӣ шавад.

Дуюмин ҳолати ҳуқуқие, ки дар қ. 1 м. 78 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, таваллуди кӯдак мебошад. Азбаски асоснокии иҷтимоии озод намудани зан аз адои ҷазо вобаста ба таваллуди кӯдак, аз ҷумла, бо зарурати таъмини шароити муносиб барои рушд ва тарбияи ӯ алоқаманд

---

[1] Парвандаи ҷиноятии № 2- 133 /2025 // Бойгонии Суди ноҳияи Сино ш. Душанбе баро соли 2025.

[2] Потемкина, А.Т. Институт отсрочки отбывания наказания осужденным женщинам и его правовое обеспечение / А.Т. Потемкин // Реализация положений нового законодательства в сфере исполнения уголовных наказаний: сб. науч. тр. / под ред. В.И. Селиверстова. – М., 1995. – С. 86.

[3] Саядян, С.Г. Отсрочка отбывания наказания: историческое развитие, правовая природа, законодательная регламентация: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.08 / С.Г. Саядян. – Ростов-на-Дону, 2016. – С. 124.

[4] Тюшнякова, О.В. Отсрочка отбывания наказания женщинам как мера уголовно-правового воздействия: монография / Под ред. В. А. Якушина. – Тольятти: Волжский университет им. В. И. Татишева, 2002. – С. 114.

[5] Уголовное право Российской Федерации. Общая часть / под ред. А.И. Рарога. – М.: Юристъ,2001. – С. 455-456.

[6] Уголовное право России. части Общая и Особенная: учебник / Журавлев М.П. и др.; под ред. А.И. Рарога. – М., 2014. – С. 234–247; Полный курс уголовного права: в 5 т. / под ред. А.И. Коробеева. Т. 1: Преступление и наказание. – СПб.: Изд-во Р. Асланова «Юридический центр Пресс», 2008. – С. 1027.

аст, худи ҳолати таваллуд наметавонад ба таври маҳдуд ҳамчун асоси чунин озод кардан арзёбӣ гардад. Дар ин маврид таваллуди кӯдак бояд ба маънои васеъ фаҳмида шавад, яъне на танҳо раванди физиологии таваллуд, балки давраи минбаъдаи ҳаёти кӯдакро низ дар бар гирад. Ба ибораи дигар, кӯдаке, ки таваллуд шудааст, бояд на танҳо қобили зиндагӣ, балки дар лаҳзаи қабули қарори суд оид ба озод намудани модар аз адои ҷазо зинда бошад. Агар кӯдак, то замони қабули қарор ва ҳатто баъд аз пешниҳоди дархост ба суд фавтида бошад, унсури асос барои мавқуф гузоштан мавҷуд нахоҳад буд.

Ҳангоми баррасии асосҳои мавқуфгузории адои ҷазо, зарур аст аз чунин мулоҳизаҳо бароем. Аввалан, муқаррар намудани имкони озод намудани занони ҳомила аз адои ҷазо аз он бармеояд, ки ҳомиладорӣ ба организми зан бори махсуси физиологӣ ва равонӣ меорад ва метавонад бо мушкилоти саломатӣ ҳамроҳ гардад. Адои ҷазо дар давраи ҳомиладорӣ, махсусан ҷазои вобаста ба маҳрум сохтан аз озодӣ, метавонад ба ҳолати ҷисмонӣ ва равонии зан ва кӯдаки ояндаи ӯ таъсири манфӣ расонад.

Дуюм, кӯдаки навзод ба ғизодиҳии мунтазам бо шири модар ва робитаи равонӣ бо модар ниёз дорад. Ин робитаи хос ҳанӯз дар давраи батнии инкишоф ташаккул ёфта, барои рушди солимии кӯдак аҳамияти бузург дорад.

Шубҳае нест, ки бо пешниҳоди мавқуфгузории адои ҷазо суд вазъи модари ояндаро сабуктар месозад. Талаботи низоми адои ҷазо дар шакли маҳрум сохтан аз озодӣ метавонанд ба ҳолати равонӣ ва ҷисмонии зани ҳомила таъсири манфӣ расонанд. Бо вуҷуди ин, чунин муайян намудани асоси мавқуфгузорӣ баъзе эродҳоро ба миён меорад. Аввалан, истифодаи ибораи «адои ҷазо» чандон дуруст нест, зеро мавқуфгузории адои ҷазо метавонад ҳанӯз ҳангоми баровардани ҳукм татбиқ гардад. Дуюм, пайваст намудани мавқуфгузорӣ танҳо бо мушкилоти иҷрои ҷазо, чуноне Буранов Г.К. ишора мекунад, оқилона нест, зеро низоми адои ҷазо метавонад мутобиқи категорияи мушаххаси маҳкумшудагон танзим карда шавад[1].

Аз ин рӯ, ба мақсад мувофиқ набудани татбиқи ҷазо ҳамчун асоси мавқуфгузорӣ бояд ба таври дигар тафсир гардад. Агар имкони расидан ба мақсади ҷазо бо чорабиниҳои сабуктар вуҷуд дошта бошад, бояд маҳз ҳамон чорабиниҳо интихоб карда шавад.

Моддаи 78 КҶ ҶТ асосҳои расмии ҳуқуқии зеринро барои татбиқи мавқуфгузорӣ пешбинӣ менамояд:

а) ҳомиладор будани зан;

б) доштани кӯдаки то синни 8-сола.

Аз ин рӯ, мавқеи Красилникова М.С. қобили қабул нест, зеро ӯ асосҳои татбиқи мавқуфгузории адои ҷазоро бо ҳолатҳои воқеие мепайвандад, ки барои қабули қарори суд дар бораи имкони расидан ба мақсадҳои ҷазо бидуни адои воқеии он, вале дар шароити назорат кофӣ меҳисобад. Ба чунин ҳолатҳои воқеӣ ӯ ҳолатҳоеро дохил менамояд, ки ба асосҳои умумии таъини ҷазо марбутанд, инчунин дигар маълумоте, ки имкони расидан ба мақсадҳои ҷавобгарии ҷиноятиро бидуни адои воқеии ҷазо исбот мекунанд.

Ҳамзамон, ба қатори чунин маълумот ӯ шароити зиндагӣ, тарзи ҳаёти маҳкумшуда ва оилаи ӯ, имкониятҳои таъмини моддӣ ва тарбияи кӯдак, фароҳам овардани шароити муносиб барои рушди маънавӣ ва ҷисмонии кӯдакро низ мансуб медонад. Бо вуҷуди ин, муаллиф ба ин гурӯҳ маълумотеро, ки мустақиман шахсияти худи гунаҳгорро тавсиф намекунанд, дохил намесозад[2].

Минязева Т.Ф. бошад, асоси мавқуфгузории адои ҷазоро дар боварии суд ба имкони ислоҳи маҳкумшуда бидуни ҷудо намудани ӯ аз ҷомеа ва дар рафтори қонунии ӯ мебинад[3]. Ба назари мо, Минязева Т.Ф. беасос ба мафҳуми «асос» чунин унсурҳоро, аз қабили рафтори шахс, имконияти ба роҳи ислоҳ даромадан, дараҷа ва хусусияти ҷиноят содиршуда ва амсоли ин, дохил менамояд.

Ҳамчунин, Лукьянова И.М. якчанд асоси татбиқи мавқуфгузории адои ҷазоро ҷудо мекунад:

---

[1] Буранов, Г.К. О природе и регламентации отсрочки отбывания наказания женщинам в уголовном праве России / Г.К. Буранов // Альманах современной науки и образования. – Тамбов, 2007. – № 7 (7): в 2-х ч. Ч. 2. – С. 27.

[2] Красильникова М.С. Отсрочка отбывания наказания (ст. 82 УК РФ): теоретические и практические вопросы: дис. … канд. юрид. наук. – Кемерево, 2015. – С. 51.

[3] Курс российского уголовного права. Том 1: Общая часть / под ред. А.Н. Игнатова, Ю.А. Красикова. – М.: Норма, 2001. – С. 500-501.

1. Дараҷаи пасти хавфнокии ҷамъиятии маҳкумшуда, ки метавонад аз вазнинӣ (категория)-и ҷинояти содиршуда бармеояд;
2. Пешниҳоди маъмурияти муассисаи ислоҳӣ, дархости маҳкумшуда ё ҳимоятгари ӯ, ки хоҳиши маҳкумшударо барои тарбияи кӯдак нишон медиҳад;
3. Тавсифномаи мусбати маҳкумшуда;
4. Мавҷудияти шароити маишӣ барои тарбияи кӯдак, доштани касб, ихтисос ва ҷойи кор[1].

Ба гумони мо, ҳолатҳои номбурдаро ба сифати асоси мавқуфгузории адои ҷазо номидан душвор аст. Онҳо ба мазмуни қонун мутобиқат намекунанд, зеро дар м. 78 КҶ ҶТ қонунгузор чунин асосҳоро пешбинӣ накардааст. Илова бар ин, Лукянова И.М., ба назари мо, мафҳумҳои «асос» ва «шароит»-и мавқуфгузориро омехта менамояд. Масалан, имкони тарбияи кӯдак на асос, балки бештар шароити татбиқи мавқуфгузорӣ мебошад.

Пешниҳоди маъмурияти муассисаи ислоҳӣ ё дархости маҳкумшуда ва ҳимоятгари ӯ танҳо хоҳиши шахсро барои машғул шудан ба тарбияи кӯдак тасдиқ менамоянд ва эҳтимолияти мавҷуд будани шароит барои татбиқи мавқуфгузориро нишон медиҳанд. Чунин дархост асоси моддии мавқуфгузорӣ нест, балки танҳо асоси мурофиавӣ барои оғози баррасии судӣ ба ҳисоб меравад. Яъне, дархости маҳкумшуда ё пешниҳоди мақомоти ваколатдор танҳо сабаби расмӣ барои оғоз намудани тартиби мурофиавии дахлдор мебошад.

Дар мавриди асоси моддӣ-ҳуқуқӣ бошад, он бояд дар мақсади озод намудани шахс аз адои ҷазо тавассути татбиқи мавқуфгузорӣ ифода ёбад.

Тавре ки таҷрибаи судӣ нишон медиҳад, аксари судяҳо ҳангоми татбиқи м. 78 КҶ ҶТ аз ангезаҳои монанд истифода мебаранд. Масалан, бо қарори суд С. тибқи қ. 1 м. 237 КҶ ҶТ гунаҳгор дониста шуд.

Ҳангоми таъини ҷазо суд бо дарназардошти принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ва ҷавобгарии ҷиноятӣ, хусусият ва дараҷаи хавфнокии ҷинояти содиршуда, шахсияти гунаҳгор, доштани чор кӯдаки ноболиғ, инчунин бо ба ҳисоб гирифтани хусусият ва ҳаҷми зарар, ҳолатҳои сабукунанда ва вазнинкунанда ба чунин хулоса омад, ки барои таъмини адолати иҷтимоӣ таъини ҷазо дар шакли маҳрум сохтан аз озодӣ мақсаднок мебошад. Аз ин рӯ, суд С.-ро тибқи қ. 1 м. 237 КҶ ҶТ ба маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкум намуд. Бо дарназардошти он, ки маҳкумшуда чор кӯдаки ноболиғ дорад ва яке аз онҳо ҳанӯз ба синни ду солагӣ нарасидааст, мутобиқи талаботи м. 78 КҶ ҶТ суд иҷрои ҷазоро то расидани кӯдак ба синни ҳаштсолагӣ мавқуф гузошт[2].

Дар аксари ҳукмҳое, ки бо м. 78 КҶ ҶТ татбиқ шудааст, судҳо асосан доштани кӯдаки хурдсол, категорияи ҷинояти содиршуда, доштани имконияти таъмин намудани шароити лозимаи тарбияи кӯдакро ба инобат мегиранд. Масалан, суд ҳангоми татбиқ намудани м.78 КҶ ҶТ нисбати А.В., ки бо қ. 2 м. 209 КҶ ҶТ гунаҳгор дониста шудааст дар ҳукм нишон додааст, ки категория ҷинояти содирнамудаи А.В., тибқи талаботи м. 18 КҶ ҶТ ба категорияи ҷиноятҳои начандон вазнин мансуб мебошад, А.В. кӯдакони хурдсол дорад, дар мурофиаи судӣ муайян шудааст, ки А.В. барои мустақилона таъмин намудани шароити лозимаи тарбияи кудакон имконият дорад. Суд дар ҳамин асос ба хулоса омадааст, ки то ба ҳаштсолагӣ расидани кудакони ноболиғ адои ҷазоро нисбати А.В. мавқуф гузорад[3].

Ба андешаи баъзе олимон, мавқуфгузорӣ дар асоси мулоҳизаҳои инсондӯстона татбиқ мегардад, ки ин аз муносибати махсуси давлат нисбат ба чунин занон ва кӯдакони онҳо шаҳодат медиҳад ва нишон медиҳад, ки расидан ба мақсадҳои ҷазо бидуни адои воқеии он низ имконпазир мебошад, ки ин, бешубҳа, ба таҳкими оила мусоидат мекунад[4].

Баъзе муҳаққиқони дигар бар он назаранд, ки қонунгузорӣ ду асоси татбиқи ин институтро пешбинӣ намудааст: имкони расидан ба мақсади ҷазо бидуни адои воқеии он; татбиқи принсипи инсондӯстӣ аз ҷониби давлат нисбат ба ин гурӯҳи занон[5]. Агар инсондӯстӣ ягона асоси татбиқи мавқуфгузории адои ҷазо дониста шавад, пас лозим меояд, ки ҳамаи маҳдудиятҳо дар татбиқи ин чораи таъсиррасонии ҳуқуқи ҷиноятӣ бардошта шаванд. Аз ин рӯ,

---

[1] Лукьянова, И.М. Отсрочка отбывания наказания: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.08 / И.М. Лукьянова. – Тюмень, 2010. – С. 60.
[2] Парвандаи ҷиноятии № 1-63-2023 // Бойгонии суди н. Сино ш. Душанбе.
[3] Парвандаи ҷиноятии № 1-23-2024 // Бойгонии суди н. Сино ш. Душанбе.
[4] Агзамов, И.М. Институциональные признаки условного неприменения уголовного наказания / И.М. Агзамов // Российская юстиция. – 2013. – № 4. – С. 62–65.
[5] Курс уголовного права. Общая часть. Учение о наказании / под ред. Н.Ф. Кузнецовой, И.М.Тяжковой. - Т. 2. – М., 2002. – С. 252.

мавқуфгузории адои ҷазо дар ҳар як ҳолати мушаххас танҳо дар сурати мавҷуд будани маҷмӯи ду асос татбиқ мегардад: аз як тараф, зоҳир шудани принсипи инсондӯстӣ нисбат ба зани маҳкумшуда ва аз тарафи дигар, мавҷуд будани имкони расидан ба мақсадҳои ҷазо берун аз муассисаҳои ислоҳӣ.

Ин мавқеъ бо таҷрибаи судӣ низ тасдиқ мегардад. Масалан, дар ҳукми суд нисбат ба Р.С., ки тибқи қ. 3 м. 247 КҶ ҶТ айбдор дониста шуда буд, қайд гардидааст, ки «азбаски мақсадҳои ҷазои ҷиноятӣ барқарор намудани адолати иҷтимоӣ, пешгирии содир намудани ҷиноятҳои нав ва ислоҳи маҳкумшуда мебошанд, суд бо дарназардошти принсипҳои КҶ ҶТ, дараҷа ва хусусияти ҷинояти содиршуда, шахсияти судшаванда, ки ҳомиладор буда, се кӯдакро тарбия менамояд ва аз кирдори худ пушаймон аст, инчунин бо дарназардошти манфиатҳои кӯдакон, имконпазир мешуморад, ки адои ҷазо нисбат ба Р.С.-ро то расидани кӯдаконаш ба синни 8-солагӣ мавқуф гузорад»[1].

Дар ҳақиқат, институти мавқуфгузории адои ҷазо аз мулоҳизаҳои инсондӯстӣ бармеояд. Пеш аз ҳама, маҳз принсипи инсондӯстӣ боиси ворид гардидани меъёр дар бораи мавқуфгузорӣ ба қонуни ҷиноятӣ гардидааст. Бо вуҷуди ин, инсондӯстӣ ҳамчун ғояи бунёдии ҳуқуқи ҷиноятӣ то андозае ба ҳамаи институтҳои он хос мебошад. Ба ҳамин тартиб, дар ҳар як институти ҳуқуқи ҷиноятӣ принсипҳои дигар – адолат, баробарӣ ва қонуният низ амалӣ мегарданд. Инҳо принсипҳои ибтидоии дарки падидаҳои ҳуқуқӣ мебошанд. Аз ин рӯ, инсондӯстӣ ҳамчун асоси мавқуфгузории адои ҷазо имкон намедиҳад, ки ин институт аз дигар намудҳои озод кардан аз ҷазо ба таври равшан ҷудо карда шавад.

Ҳамчунин, мавҷудияти имкони расидан ба мақсадҳои ҷазои ҷиноятӣ берун аз иҷрои воқеии он низ ба мазмун ва таъиноти иҷтимоии мавқуфгузорӣ пурра мутобиқат намекунад. Тавре ки дар адабиёти илмӣ таъкид мегардад, вақте ки зан ҳомиладор аст ё кӯдаки ниёзманд ба нигоҳубин дорад, масъалаи ислоҳи маҳкумшуда ва дигар мақсадҳои ҷазо дар чунин шароит ба мавқеи дуюмдараҷа мегузаранд[2].

Аз таҳлили м. 78 КҶ ҶТ бармеояд, ки татбиқи он танҳо дар сурати мавҷуд будани ду асоси ҳуқуқӣ имконпазир аст: ҳомиладор будани маҳкумшуда ё доштани кӯдаки то синни 8-сола. Аз ин рӯ, ғайримақсаднок будани татбиқи ҷазо нисбат ба занони ҳомила ва шахсоне, ки кӯдакони хурдсол доранд, ба назари мо, асоси моддии татбиқи мавқуфгузорӣ мебошад.

Асосҳои зикршуда дар маҷмӯъ заминаеро фароҳам меоранд, ки оғози баррасии масъалаи таъини мавқуфгузорӣ асоснок гардад. Ҳамзамон, мавҷудияти шароити муносиб барои тарбияи кӯдак ва хусусияти ҷинояти содиршуда, ки дар қонун пешбинӣ шудаанд, бояд ҳатман аз ҷониби суд ба инобат гирифта шаванд.

Дар ҳолатҳои татбиқи мавқуфгузории адои ҷазо нисбат ба занони ҳомила вақти ба вуҷуд омадани ҳомиладорӣ аҳамият надорад: фарқе нест, ки ҳомиладорӣ то баровардани ҳукми айбдоркунанда ба амал омадааст ё дар давраи адои ҷазо. Ҳамчунин, ҳангоми пешниҳоди мавқуфгузорӣ шумораи кӯдакон аҳамият надорад, яъне мавқуфгузорӣ метавонад ҳам нисбат ба зане татбиқ гардад, ки танҳо як кӯдак дорад ва ҳам нисбат ба зане, ки модари чанд кӯдак мебошад.

Ҳамин тариқ, тавре қаблан зикр гардид, суд метавонад қарори татбиқи мавқуфгузории пешбининамудаи м. 78 КҶ ҶТ-ро ҳам дар марҳилаи баровардани ҳукм ва ҳам дар давраи адои ҷазо қабул намояд. Қайд кардан зарур аст, ки қонун ҳангоми ишора ба ҳомиладор будани зан ё доштани кӯдаки то синни ҳаштсола қисми мушаххаси муҳлати ҷазоро, ки зан бояд адо намояд, муқаррар накардааст. Муайян намудани чунин муҳлат ба ихтиёри маъмурияти муассисаи ислоҳӣ вогузор шудааст, ки бо дарназардошти манфиатҳои модар ва кӯдак вақти пешниҳоди маҳкумшударо барои мавқуфгузорӣ муайян менамояд. Нисбат ба занони ҳомила татбиқи мавқуфгузорӣ аз лаҳзаи тасдиқи ҳомиладорӣ бо ҳуҷҷатҳои тиббӣ мақсаднок ба ҳисоб меравад.

Азбаски КҶ ҶТ муҳлати мушаххаси ҳомиладорӣ ва синни занро муайян накардааст, суд метавонад мавқуфгузории адои ҷазоро нисбат ба занони ноболиғи ҳомиладор ё занони ноболиғе, ки кӯдаки то синни ҳаштсола доранд, низ татбиқ намояд. Аммо дар ин ҷо байни меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ ва қонунгузории иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ихтилоф ба миён меояд. Қонунгузории иҷрои ҷазо дар амал татбиқи мавқуфгузориро нисбат ба маҳкумшудагони ноболиғи ҳомиладор ё занони ноболиғе, ки кӯдаки то ҳаштсола доранд ва ҷазои маҳрум сохтан аз озодиро адо менамоянд, маҳдуд мекунад. Ин аз тафсири қ. 1 м. 209 КИҶҶ ҶТ бармеояд. Дар

[1] Парвандаи ҷиноятӣ № 1–241/2019 // Бойгонии суди ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе барои соли 2019.
[2] Российское уголовное право. Общая часть: учебник / под ред. В.Н. Кудрявцева, А.В. Наумова. – М., 1997. – С. 374.

он зикр шудааст, ки мавқуфгузорӣ танҳо нисбат ба занони ҳомиладор ва занони маҳкумшудае, ки кӯдаки то ҳаштсола доранд ва ҷазоро дар колонияи ислоҳӣ адо мекунанд, татбиқ мегардад.

Маълум аст, ки дар колонияҳои ислоҳӣ танҳо маҳкумшудагони болиғ ҷазо адо мекунанд, дар ҳоле ки маҳкумшудагони ноболиғ (ҳам духтарон ва ҳам писарон) барои адои ҷазо ба колонияҳои тарбиявӣ фиристода мешаванд. Ҳамчунин, дар боби алоҳидаи КИҶҶ ҶТ (боби 15), ки ба хусусиятҳои адои ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ аз ҷониби ноболиғон бахшида шудааст, низ имкони татбиқи мавқуфгузорӣ нисбат ба занони ноболиғи ҳомиладор ё занони ноболиғе, ки кӯдаки то ҳаштсола доранд, пешбинӣ нашудааст.

Чунин ҳолат қобили қабул нест, зеро он занони ноболиғеро, ки ба маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкум шудаанд, нисбат ба занони болиғ дар вазъи ҳуқуқии номусоид қарор медиҳад. Ин ба меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ мухолиф аст, ки тавсия медиҳанд нисбат ба маҳкумшудагони ноболиғи зан бо таваҷҷуҳ ва эҳтиёти махсус муносибат карда шавад, бо дарназардошти хусусиятҳои синнусолии онҳо. Аз ҷумла, Қоидаҳои ҳадди ақали стандартии СММ аз 6-уми сентябри соли 1985 оид ба адолати судӣ нисбат ба ноболиғон зарурати таваҷҷуҳи махсус ба духтарони ҷавонеро, ки дар муассисаҳои ислоҳӣ қарор доранд, таъкид менамоянд ва қайд мекунанд, ки одатан ба занони ҳуқуқвайронкунанда нисбат ба мардон камтар таваҷҷуҳ зоҳир мегардад[1].Бо мақсади бартараф намудани ихтилоф миёни м. 78 КҶ ҶТ ва м.209 КИҶҶ ҶТ пешниҳод мегардад, ки дар м. 209 истилоҳи «колонияи ислоҳӣ» бо истилоҳи «муассисаҳои ислоҳӣ» иваз карда шавад, зеро ин мафҳум колонияҳои тарбиявиро низ дар бар мегирад. Дар маҷмуъ, мавқуфгузории адои ҷазо танҳо нисбат ба заноне татбиқ мегардад, ки кӯдаки то синни ҳаштсола доранд.

ТДУ 342.7

ҲУҚУҚИ ЗАНОН АЗ НИГОҲИ КОНСТИТУТСИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН*

ПРАВА ЖЕНЩИН С ТОЧКИ ЗРЕНИЯ КОНСТИТУЦИИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

САИДЗОДА ЗИКРУЛЛО АЛӢ
Сардори факултети № 1-уми Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, полковники милитсия / Начальник факультета № 1 Академии МВД Республики Таджикистан, кандидат юридических наук, доцент, полковник милиции
e-mail: sza-68@mail.ru

ХАЙРУЛЛОЕВ ФАРРУХ САЙФУЛЛОЕВИЧ
Дотсенти кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети № 2-юми Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ / Доцент кафедры государственно-правовых дисциплин факультета № 2 Академии МВД Республики Таджикистан, кандидат юридических наук
e-mail: nigora_farrukh@mail.ru

Зан ҳамчун узви баробарҳуқуқи ҷомеа аз қадим дар рушди тамаддуни инсонӣ нақши муҳиму муассир доштааст. Ҷудо кардани ҳуқуқи занон ҳамчун объекти алоҳидаи мақолаи мазкур сабабҳои худро дорад. Якум, занҳо ҳамчун инсон дорои ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионии муайян ҳастанд. Дуюм, таваҷҷуҳи хос ба ҳуқуқи занҳо, на танҳо дар Тоҷикистон, балки дар ҷаҳон, бахусус, дар ду асри охир зиёд мебошад.

Аз ин рӯ, мо ҳам тасмим гирифтем, ки хусусиятҳои ҳуқуқи занонро дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намуда, назари худро барои тақвияти мавзуи мазкур дар қаламрави кишвар манзур намоем.

[1] Сборник стандартов и норм Организации Объединенных Наций в области предупреждения преступности и уголовного правосудия. – Нью-Йорк: ООН, 1992. – С. 104.

* Мақола дар доираи татбиқи мавзуи илмӣ-таҳқиқотии «Такмили фаъолияти маъмурӣ-ҳуқуқӣ ва ҷиноятӣ-ҳуқуқии мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти пешгирии зӯроварӣ дар оила (2023-2027)», ки аз ҳисоби буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағгузорӣ мешавад, омода шудааст. Рақами бақайдгирии давлатӣ: 0121TJ1291.

Чи тавре, ки маълум аст, дар боби дуввуми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқу озодиҳо ва вазифаҳои инсон ва шаҳрванд мустаҳкам шудаанд. Дар чор моддаи боби дуввуми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқҳои занҳо ба таври алоҳида дарҷ шудааст, масалан:

– мардон ва занон баробарҳуқуқанд (м. 17);

– мардон ва занон, ки ба синни никоҳ расидаанд, ҳуқуқ доранд озодона ақди никоҳ банданд. Дар оиладорӣ ва бекор кардани ақди никоҳ ***зану*** шавҳар баробарҳуқуқанд (м. 33);

– дар корҳои вазнин, зеризаминӣ ва шароити меҳнаташон зарарнок истифодаи меҳнати **занон** ва ноболиғон манъ аст (м. 35);

– модару кӯдак таҳти ҳимоя ва ғамхории махсуси давлатанд. Падару модар барои таълиму тарбияи фарзандон ва фарзандони болиғу қобили меҳнат барои нигоҳубин ва таъминоти иҷтимоии падару модар масъул мебошанд (м. 34) [1].

Чи тавре, ки дар боло мушоҳида мешавад, ҳуқуқи занҳо зиёдтар мавриди таваҷҷуҳи танзими конститутсионӣ қарор дода шудаанд. Ба андешаи мо, ин бешубҳа нест. Агар дар ду ҷой занҳо бар асоси ҷинсӣ зери назари танзими конститутсионӣ гузошта шуда бошанд, дар се ҷойи дигар занҳо аз лиҳози гендерӣ, яъне, афкори фарҳангӣ дар масоили нақши иҷтимоии занҳо дар ҷомеа (ҳамсар, модар ва шахсе, ки таваллуд мекунад) мавриди баррасӣ қарор доранд.

Барои қиёс қайд кардан лозим аст, ки дар Конститутсияҳои баъзе кишварҳои Аврупо номи зан ин қадар бисёр гирифта нашудааст. Масалан, дар м. 19 Конститутсияи Россия муқаррар шудааст, ки мардҳо ва занон ҳуқуқ ва озодиҳои баробар ва имкониятҳои баробар барои амалигардонии онҳо доранд[2]. Яъне, вожаи «зан» танҳо дар як модда қайд шудааст ва баробарҳуқуқии занон бо мардон ҳамчун муқаррароти умумӣ барои тамоми соҳаҳо нишон дода мешавад.

Дар м. 1 Конститутсияи Фаронса қайд мешавад, ки Фаронса Ҷумҳурии тақсимнашаванда, дунявӣ, иҷтимоӣ ва демократӣ мебошад. Вай баробарии ҳамаи шаҳрвандонро дар назди қонун новобаста аз насаб, нажод ё дин таъмин мекунад. Сохтори вай ғайримарказонида мебошад. Инчунин, қайд мешавад, ки қонун ба дастрасии баробари занону мардон ба мандатҳо ва мансабҳои интихобӣ, инчунин ба вазифаҳои масъули касбӣ ва ҷамъиятӣ мусоидат мекунад[3]. Чи тавре ки дида мешавад, вожаи «зан» барои нишон додани танҳо баробарҳуқуқии занону мардон дар соҳаи ҳуқуқи интихобот истифода мешавад. Чунин нигоҳ, албатта, аз воқеияти кишвари мазкур дарак медиҳад, чунки занҳо дар Фаронса то миёни асри XX аз ҳуқуқи интихобот ба пурраги истифода бурда наметавонистанд.

Дар Конститутсияи Олмон гуфта шудааст, ки мардон ва занон баробарҳуқуқанд. Давлат барои амалигардонии воқеии баробарҳуқуқии занону мардон мусоида карда, барои бартараф намудани камбудиҳои муайян дар ин самт чораҳо меандешад (моддаи 3 (1))[4]. Мисли кишвари Россия дар Олмон низ баробарҳуқуқии занону мардон ҳамчун принсипи умумӣ нишон дода шудааст.

Моддаи 37 Конститутсияи Итолиё бошад, қайд мекунад, ки занони меҳнаткаш ба мисли мардони меҳнаткаш ҳуқуқҳои баробар, ва дар мавриди иҷрои меҳнати баробар, гирифтани музди баробар ҳуқуқ доранд. Шароити меҳнат бояд ба занон барои иҷрои вазифаи асосии оилавӣ имконият дода, ҳифзи дахлдори манфиатҳои модарӣ ва кӯдакро таъмин намояд[5]. Итолиё низ нишон додани баробарҳуқуқии занону мардонро танҳо дар соҳаи ҳуқуқи меҳнатӣ зарур шуморид, ки ин ҳам аз хусусиятҳои тарзи ҳаёти ин кишвар то қабули Конститутсияи мазкур шаҳодат медиҳад.

Ҳатто дар гузашта, Конститутсия (Қонуни асосӣ)-и Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон аз 14-уми апрели соли 1978 танҳо дар як моддаи худ оид ба ҳуқуқи занон ҳарф мезад. Масалан, дар м. 33 муқаррар мешуд, ки занон ва мардон дар ИҶШС ҳуқуқҳои баробар до-

---

[1] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 6-уми ноябри соли 1994 дар раъйпурсии умумихалқӣ қабул карда шуд. 26-уми сентябри с. 1999, 22-юми июни с. 2003 ва 22-юми майи с. 2016 бо тариқи раъйпурсии умумихалқӣ ба он тағйиру иловаҳо ворид карда шудаанд.

[2] Бархатова, Е.Ю. Комментарий к Конституции Российской Федерации. 2-е издание. С учетом изменений, внесенных в Конституцию РФ Федеральными конституционными законами №7-ФКЗ, 2-ФКЗ, 11-ФКЗ. - М.: Проспект, 2016.

[3] Конституция Франции. Полный текст Конституции 1958 года с изменениями, внесенными 23 июля 2008 года // [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: https://yurist-online.org/laws/foreign/const_FRA/konstitucija_francii.pdf (санаи мурочиат: 16.03.2026).

[4] Основной закон Федеративной Республики Германии от 23 мая 1949 г. // [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: https://constitutions.ru/?p=247&ysclid=mmsqxwapuo880142294 (санаи мурочиат: 16.03.2026).

[5] Конституция Итальянской Республики // [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: https://constitutions.ru/?p=262&ysclid=mmsqz5b2ev32866443 (санаи мурочиат: 16.03.2026).

ранд. Амалигардонии ин ҳуқуқҳо бо пешкаш намудан ба занон имкониятҳои баробар бо мардон дар гирифтани маълумот ва тайёрии касбӣ, дар меҳнат, гирифтани музд барои меҳнат ва пешравии касбӣ, дар фаъолияти сиёсӣ-ҷамъиятӣ ва фарҳангӣ, инчунин чораҳои иҷтимоӣ оид ба ҳифзи меҳнат ва саломатии занон; ташкили шароите, ки ба занон мувофиқат намудани меҳнатро бо модарӣ фароҳам биёрад; ҳифзи ҳуқуқӣ, дастгирии моддӣ ва маънавии модарӣ ва кӯдакро бо роҳи рухсатиҳои пардохтшаванда ва дигар имтиёзҳо барои занони ҳомила ва модарон, оҳиста-оҳиста кам кардани вақти кории заноне, ки кӯдакони майда доранд, зоҳир мегардад[1].

Барои чӣ дар Конститутсия нишон додани мавзуи тафриқаи байни зан ва мард лозим аст? Барои чӣ чунин роҳи муайян намудани арзишҳо интихоб гардид?

Дар аввал, таърих гувоҳ мебошад, ки занҳо ҳамчун қишри осебпазири ҷомеа, дар гузашта ҳамеша мавриди табъиз қарор доштанд ва бисёртар дар замони ҷангҳо мавриди зӯроварӣ дучор мешуданд ва то ба ҳол шуда истодаанд. Ҳатто ривояти «Чилдухтарон»-и тоҷик гувоҳи ин аст, ки тибқи он занҳо аз Худо талаб мекунанд, ки онҳоро ба кӯҳ табдил диҳад, зеро онҳо намехостанд луқмаи душманҳо шуда, ба асорату зулми онҳо гирифтор шаванд.

Дуюм, барои ҳалли ин нобаробарӣ аз ҷониби давлатҳои ҷаҳонӣ танҳо солҳои 40-уми асри XX чораҳои мушаххас андешида шуда буданд. Дар ин радиф, ба ғайр аз Эъломияи умумии ҳуқуқи башар (1948) ва Паймонҳои байналмиллалии ҳуқуқи инсон (1966), инчунин, Конвенсияи барҳам додани ҳама гуна табъиз нисбати занонро (1979) қайд кардан мумкин аст.

Дар моддаи 16 Эъломия ҳуқуқи мардҳо ва занҳое, ки ба синну соли балоғат расидаанд, ба барпо намудани оила гуфта мешавад. Дар моддаи 3 Паймони ҲИИФ таъмини ҳуқуқи баробар барои мардҳо ва занҳо дар самти ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангиро аз давлатҳо-узв ва моддаи 23 Паймони ҲШС аз давлатҳо-узв таъмини ҳуқуқи баробари мардҳо ва занҳоро дар масоили барпо кардани оила талаб мекунад.

Барои ёддоварӣ бояд қайд кард, ки дар Конвенсияи барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз нисбати занон (1979) гуфта мешавад:

– бо вуҷуди ин, бо нигаронӣ аз он, ки сарфи назар аз ин воситаҳои гуногун, табъизи назаррас нисбати занон ҳамчунон вуҷуд дорад;

– бо зикри он, ки табъиз нисбати занон принсипҳои баробарӣ ва эҳтироми шаъну шарафи инсонро поймол намуда, ба иштироки баробари онҳоро бо мардон дар ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии кишварҳояшон монеа эҷод намуда, ба афзоиши некӯаҳволии ҷомеа ва оила монеа эҷод намуда, барои занон татбиқи иқтидори пурраи худро ба нафъи кишвар ва инсоният мушкилтар месозад;

– бо изҳори нигаронӣ аз он, ки дар шароити камбизоатӣ занон ба ғизо, ҳифзи саломатӣ, таҳсилот, касбомӯзӣ ва шуғл, инчунин, ба дигар эҳтиёҷот дастрасии камтар доранд;

– бо дарназардошти аҳаммияти саҳми занон дар ободии оила ва рушди ҷомеа, ки то ҳол ба таври комил эътироф нашудааст, аҳамияти иҷтимоии модар ва нақши ҳарду волидайн дар оила ва тарбияи фарзандон ва дарки он аст, ки нақши занон дар насл набояд заминаи табъиз бошад, зеро тарбияи фарзандон масъулияти муштараки мардону занон ва тамоми ҷомеаро тақозо мекунад;

– бо дарназардошти он, ки барои ноил шудан ба баробарии комил байни мардон ва занон, тағйир додани нақши анъанавии ҳам мардон ва ҳам занон дар ҷомеа ва оиларо талаб мекунад, Конвенсияи мазкур аз ҷониби Давлатҳо-иштирокчӣ қабул мегардад.

Барои ҳамин, дар қонунҳои асосии кишварҳои зиёд баробарҳуқуқии мардону занон ба таври хос эълон мешавад. Ин, ба фикри мо, ҳам баёнгари таърихи гузашта, ҳам муайян намудани самти ҳаёти ояндаи дур ба ҳисоб меравад. Тасдиқи гуфтаҳои мазкурро дар муқаддимаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дидан мумкин аст. Масалан, Мо, халқи Тоҷикистон, қисми ҷудонашавандаи ҷомеаи ҷаҳон буда, худро дар назди наслҳои гузашта, ҳозира ва оянда масъул ва вазифадор дониста, таъмини соҳибихтиёрии давлати худ ва рушду камоли онро дарк намуда, озодӣ ва ҳуқуқи шахсро муқаддас шумурда, баробарҳуқуқӣ ва дӯстии тамоми миллату халқиятҳоро эътироф карда, бунёди ҷомеаи адолатпарварро вазифаи худ қарор дода, ҳамин Конститутсияро қабул ва эълон менамоем.

[1] Конституция Таджикской ССР (Основной Закон). Принята на внеочередной восьмой сессии Верховного Совета Таджикской ССР девятого созыва 14 апреля 1978 г. // [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: https://www.prlib.ru/item/1416052?ysclid=mmsr2q7bzn557891834 (санаи мурочиат: 16.03.2026).

Зикр кардан лозим аст, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯзи аввали таъсисёбии худ ба масъалаи занҳо таваҷҷуҳи зиёд додааст.

Ҳатто барои ҳалли масъалаи занҳо мақомоти навро – Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31-уми декабри соли 2008 таъсис дода, дар ҳалли масъалаҳои мубрам ба он салоҳияти васеъ додааст. Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон – мақоми иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ, ки вазифаҳоро ҷиҳати татбиқи сиёсати давлатӣ андар ҳифз ва таъмини ҳуқуқу манфиатҳои зан ва оила, муҳайё сохтани шароити баробар барои амалӣ гардидани ҳуқуқу манфиатҳои онҳо ва ба даст овардани баробарии ҷинсиятӣ, васеъ намудани доираи иштироки занҳо дар ҳалли вазифаҳои иҷтимоии иқтисодӣ, идораи корҳои давлатию ҷамъиятиро ба анҷом мерасонад.

Новобаста ба душвориҳои сангини солҳои аввали истиқлолият ва ноустувории амнияту суботи кишвар Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади тақвияти мавқеи занон дар ҷомеа ва фаъол гардонидани нақши онҳо, тарбияи насли худшиносу худогоҳ як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқиро ба тасвиб расониданд, ки ин дар таърихи навини Тоҷикистон имконияти васеъ пайдо намудани занонро дар ҳама соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ таъмин намуд. Аз ҷумла:

– Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми ноябри соли 1994;

– Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо» аз 1-уми марти соли 2005, № 89;

– Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баробарӣ ва барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз» аз 19-уми июли соли 2022, № 1890;

– Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ду марҳила (солҳои 2011-2020 ва солҳои 2021-2030);

– Барномаи давлатии «Самтҳои асосии сиёсати давлатӣ оид ба таъмини ҳуқуқу имкониятҳои баробари мардон ва занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2001-2010», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми августи соли 2001, № 391 тасдиқ гардидааст;

– Барномаи давлатии тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби занону духтарони лаёқатманд дар се марҳила (барои солҳои 2007-2016; солҳои 2017-2022 ва солҳои 2023-2030);

– Консепсияи рушди оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми декабри соли 2015, № 801 тасдиқ шудааст;

– Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа» аз 3-юми декабри соли 1999, № 5.

Бо мақсади ба танзим даровардани муносибатҳоро вобаста ба таъмини кафолатҳои конститутсионии баробарҳуқуқии мардону занон дар соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва самтҳои дигар, пешгирии табъиз аз рӯи аломати ҷинсӣ ва амалигардонии имкониятҳои баробарҳуқуқии мардону занон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо» аз 1-уми марти соли 2005 қабул шуд.

Дар тақвияти мавзуи ҳифзи ҳуқуқи занон қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила»-ро аз 19-уми марти соли 2013 низ қайд кардан лозим аст, зеро аксарияти ҳолатҳои зӯроварӣ дар оила, чи тавре, ки омори расмӣ нишон медиҳад, нисбати занон содир мешаванд.

Дар ин самт, ба андешаи мо, фаъолияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рисолати Пайғамбари ислом Муҳаммад бисёр монандӣ дорад ва идомаи он ҳам ба ҳисоб меравад, зеро ҳамаҷониба ба баробарҳуқуқии воқеии занону мардон диққати ҷиддӣ дода, барои рушди онҳо ва баланд бардоштани мақоми занон дар ҷомеа, на танҳо «бо гап», инчунин бо амалҳои устувор шароити зарурӣ ва мусоид ташкил карда истодааст.

Мақсади ҳифзи ҳуқуқи занон аз бунёди ҷомеаи модаршоҳӣ ё бо ном феминистӣ нест. Нуқтаи асосӣ аз ташкил кардани муҳити баробарии гендерӣ ба ҳисоб меравад. Тарсидан аз ин, маънои ҷонибдории арзишҳои падаршоҳӣ дорад. Дарки сиёсати гендерии давлат ва ҷонибдории он маънои пешравиро дорад.

Аз баланд бардоштани мақоми занон дар ҷомеа ҳеҷ кас набояд ҳаросад. Баъзе фикр мекунанд, ки мақоми занонро баланд карда, хатари бунёди ҷомеаи модаршоҳӣ мавҷуд мебошад.

Аммо ин тавр нест. Баланд бардоштани мақоми занон дар ҷомеа меъёри худро дорад ва ин ҳам бошад, то сатҳи ҳуқуқ ва имкониятҳои мардон дар ҷомеа мебошад, на зиёд.

УДК 343.533.4

К ВОПРОСУ О СУБЪЕКТЕ НАРУШЕНИЯ АВТОРСКИХ И СМЕЖНЫХ ПРАВ

ОИД БА СУБЪЕКТИ ВАЙРОН КАРДАНИ ҲУҚУҚҲОИ МУАЛЛИФӢ ВА ҲУҚУҚҲОИ МУҶОВИР

СМИРНОВ ВИКТОР АЛЕКСАНДРОВИЧ
Доцент кафедры уголовного права и криминологии Восточно-Сибирского института МВД России, кандидат юридических наук / Дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминологии Донишкадаи Шарқӣ-Сибирии ВКД Россия, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ
E-mail: smirnovvical@gmail.com

Определение признаков субъекта конкретного преступления является важнейшей задачей для правильного применения уголовно-правовых норм и реализации принципов уголовной ответственности. Несмотря на то, что в основном это не вызывает трудностей, тем не менее иногда в практике органов расследования и даже судов встречаются некоторые ошибки, что приводит к необходимости переквалификации содеянного и даже отмене обвинительных приговоров.

Сравнивая положения Уголовного кодекса Российской Федерации[1] (далее – УК РФ) и Уголовного кодекса Республики Таджикистан[2] (далее – УК РТ), можно отметить идентичность подходов наших законодателей к закреплению значимых характеристик субъекта – и ст. 20 УК РФ, и ст. 23 УК РТ устанавливают общий возраст уголовной ответственности – 16 лет, а за ряд преступлений предписывают привлекать к ответственности уже с 14 лет. Анализ указанных статей позволяет говорить, что такое преступление как нарушение авторских и смежных прав (ст. 146 УК РФ, ст. 156 УК РТ) не включено в перечень составов, ответственность за которые должна наступать с четырнадцатилетнего возраста, в связи с чем необходимо констатировать общие признаки субъекта – физическое вменяемое лицо, достигшее к моменту совершения преступления возраста 16 лет.

Традиционно установление этих признаков не вызывает на практике каких-либо сложностей: возраст устанавливается по паспорту или иному документу, удостоверяющему личность, а вменяемость констатируется получением отрицательных ответов на запросы, направленные в наркологические и психиатрические учреждения. Кроме того, суды в своих приговорах и решениях о прекращении уголовного дела, обосновывая отсутствие сомнений во вменяемости подсудимого, ссылаются на адекватность его поведения в судебных заседаниях, правильное восприятие им происходящего в суде, последовательные ответы на вопросы и т.п.

Между тем, в случае появления сомнений в психической полноценности состояния здоровья обвиняемого (которые могут быть вызваны как получением информации о состоянии на соответствующем учете, так и неадекватностью поведения в ходе следственных или судебных действий) лицо, производящее расследование, или суд должны назначить судебно-психиатрическую экспертизу, по результатам которой принять решение о возможности привлечения указанного лица к уголовной ответственности. Так, получив информацию о том, что Г.К.В., обвиняемый в совершении преступления, предусмотренного ч. 2 ст. 146 УК РФ, ранее состоял на учете в психоневрологическом диспансере в связи с наличием у него психического расстройства, органами предварительного расследования была назначена экспертиза. По ее результатам было установлено, что «он обнаруживает психическое расстройство в форме параноидной шизофрении, эпизодический тип течения, со стабильным дефектом, ремиссия.

[1] Уголовный кодекс Российской Федерации: федеральный закон от 13.06.1996 № 63-ФЗ (в актуальной редакции) // [Электронный ресурс]: электронные данные. Программа информационной поддержки российской науки и образования // справочные правовые системы Консультант Плюс: Высшая школа. 2026 / Режим доступа: http://www.consultant.ru. (дата обращения: 09.04.2026).

[2] Уголовный кодекс Республики Таджикистан от 21 мая 1998 года № 574 (в актуальной редакции) // [Электронный ресурс] - Режим доступа: https://continent-online.com/Document/?doc_id=30397325#pos=6;-145 (дата обращения: 09.04.2026).

Однако имеющиеся у Г.К.В. психические нарушения, во время совершения инкриминируемого его деяния, не достигали и не достигают психотического уровня, он длительное время с 2013 года не проходит стационарное лечение в психиатрических учреждениях, не получает амбулаторного поддерживающего лечения, социально достаточно адаптирован с сохранением жизненных потребностей и интересов, самодостаточен. Как видно из анализа материалов уголовного дела, в сопоставлении с данными настоящего клинического психиатрического обследования, в период времени, относящийся к инкриминируемому ему деянию, Г.К.В. не находился в состоянии какого-либо временного болезненного расстройства психической деятельности, что подтверждается отсутствием сведений о наличии у него на тот период времени в его поведении и высказываниях признаков бреда, галлюцинаций, расстроенного сознания и иной психотической симптоматики, с сохранностью в целом воспоминаний о произошедшем, а также в последовательных показаниях подэкспертного при допросе в качестве подозреваемого и обвиняемого, отраженных в материалах настоящего уголовного дела, следовательно, он мог в полной мере осознавать фактический характер и общественную опасность своих действий и руководить ими в момент совершения инкриминируемого ему деяния.

В настоящее время он также может осознавать фактический характер своих действий и руководить ими. По своему психическому состоянию, Г.К.В., может понимать характер и значение уголовного судопроизводства и своего процессуального положения, может принимать участие в следственных действиях и в судебном заседании, самостоятельно осуществлять свое право на защиту. Как не представляющий, по своему психическому состоянию опасности для себя или других лиц, либо причинения этим лицам иного существенного вреда, Г.К.В. в применении к нему принудительных мер медицинского характера не нуждается»[1].

Опираясь на данное заключение и учитывая адекватность поведения в суде, суд принял решение признать Г.К.В вменяемым и подлежащим уголовной ответственности и наказанию.

Интересно, что некоторые российские суды, помимо возраста и вменяемости, считают необходимым подчеркнуть отсутствие у обвиняемого какого-либо права на присваиваемый или используемый объект авторского права, например, используя формулировку «физическое лицо, не наделенное законом или соответствующим договором правом на использование, распространение, адаптацию и модификацию программных продуктов…»[2]. На наш взгляд, это правильный подход, но должны заметить, что даже наличие у лица какого-либо права в отношении объектов интеллектуальной собственности еще не гарантируют ему полную свободу от уголовно-правовых претензий по ст. 146 УК РФ (ст. 156 УК РТ), - так соавтор может нарушать права других авторов совместного произведения, а правообладатель может использовать объект авторского права с нарушением условий и порядка, которые предоставлены ему соответствующим договором, что при наличии крупного ущерба или размера должно быть квалифицирована по указанной статье.

В свою очередь, п. «г» ч. 3 ст. 146 УК РФ (п. «в» ч. 3 ст. 156 УК РТ) в качестве квалифицирующего признака преступления, предусмотренного ч. 2 ст. 146 УК РФ (ч. 2 ст. 156 УК РТ), предусматривает его совершение лицом с использованием своего служебного положения. Пленум Верховного Суда Российской Федерации, разъясняя смысл данного отягчающего ответственность обстоятельства, указал, что лицом, использующим для совершения преступления служебное положение, может быть как должностное лицо, обладающее признаками, предусмотренными примечанием 1 к ст. 285 УК РФ, так и государственный или муниципальный служащий, не являющийся должностным лицом, а также иное лицо, отвечающее требованиям, предусмотренным примечанием 1 к ст. 201 УК РФ (например, руководитель предприятия любой формы собственности, поручающий своим подчиненным незаконно использовать авторские или смежные права)[3]. Такая трактовка является традиционной для указанного признака (который в тексте УК РФ встречается более 75 раз), - в подавляющем большинстве по-

[1] Приговор по уголовному делу № 1-2/2022 (1-35/2021) // [Электронный ресурс]: сайт Судебного участка № 7 Кировского района г. Иркутска - Режим доступа: https://7.irk.msudrf.ru/modules.php?name=sud_ (дата обращения: 09.04.2026)

[2] Приговор по уголовному делу № 1-240/2018 от 12.09.2018 г., Приговор по уголовному делу № 1-524/2023 от 30.11.2023 г., Приговор по уголовному делу № 1-186/2024 от 24.06.2024 г. // [Электронный ресурс] - Режим доступа: https://oktyabrsky--pnz.sudrf.ru/ (дата обращения: 09.04.2026)

[3] О практике рассмотрения судами уголовных дел о нарушении авторских, смежных, изобретательских и патентных прав, а также о незаконном использовании товарного знака: постановление Пленума Верховного Суда Российской Федерации от 26.04.2007 № 14 (в актуальной редакции) // [Электронный ресурс]: электронные данные. Программа информационной поддержки российской науки и образования // справочные правовые системы Консультант Плюс: Высшая школа. 2026 - Режим доступа: http://www.consultant.ru. (дата обращения: 09.04.2026) – пункт 26.

становлений Пленума Верховного Суда РФ, посвященным разным категориям преступлений, содержатся точно такие же разъяснения[1], что может свидетельствовать о последовательности высшей судебной инстанции нашей страны в обеспечении единообразного подхода к определению в сущности типового квалифицирующего (а иногда и конструктивного) признака достаточно большого количества составов преступлений.

Для определения признаков должностного лица, а также лица, выполняющего управленческие функции в коммерческой и иной организации, необходимо обращаться к положениям, соответственно, примечания 1 к ст. 285 УК РФ и примечания 1 к ст. 201 УК РФ, в их интерпретации, выработанной судебной практикой[2]. В свою очередь определение того, кто относится к государственным и муниципальным служащим, не являющимся должностными лицами, должно базироваться на положениях законодательства о государственной и муниципальной службе.

Принцип цифрового суверенитета государства выступает краеугольным камнем формирующейся отрасли. Он рассматривается как естественное продолжение национального суверенитета, обеспечивающее верховенство государственной власти в национальном сегменте сети Интернет. В доктрине ШОС цифровой суверенитет тесно увязан с правом государства самостоятельно определять политику в области безопасности ИКТ. Республика Таджикистан последовательно поддерживает данный подход, подчеркивая недопустимость внешнего вмешательства в информационную инфраструктуру страны.

Правовая система Республики Таджикистан адаптируется к вызовам цифровой эпохи, опираясь на Конституцию РТ, которая гарантирует защиту прав и свобод человека в любых пространствах. Статья 30 Конституции РТ о праве на информацию и свободу слова[1] в цифровом контексте требует баланса между открытостью данных и необходимостью обеспечения национальной безопасности. Таджикистан фокусирует свои усилия на борьбе с использованием ИКТ в деструктивных целях, что находит отражение в принятых концепциях информационной безопасности[2].

Специфика правового поля Таджикистана проявляется в активном участии в региональных инициативах ШОС по выработке общих стандартов. Взаимодействие в рамках Шанхайской организации сотрудничества позволяет странам региона преодолевать «цифровой разрыв» и формировать единую правовую позицию против «цифровой гегемонии». Политический консенсус государств-членов

[1] Конституция Республики Таджикистан от 6 ноября 1994 г., принятая путем всенародного референдума. Таким же путем в неё были внесены изменения и дополнения 26 сентября 1999, 22 июня 2003 и 22 мая 2016 гг. // [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://ncz.tj/content/конституция-республики-таджикистан (дата обращения: 12.04.2026).

[2] Указ Президента Республики Таджикистан “О Концепции государственной информационной политики Республики Таджикистан” от 30 апреля 2008 г., № 451.

ШОС, закрепленный в декларациях, постепенно трансформируется в конкретные механизмы правовой интеграции в области искусственного интеллекта (далее – ИИ) и больших данных[1].

Принцип технологической нейтральности и функциональной эквивалентности признается ядром международного регулирования. Согласно этому принципу, правовые нормы не должны отдавать предпочтение конкретной технологии, что обеспечивает долговечность законодательства в условиях быстрой смены технологических укладов. Это позволяет признавать электронные документы, созданные на основе блокчейна или иных распределенных реестров, равноценными бумажным носителям при условии соблюдения требований к их целостности и уникальности.

Вопрос ответственности государств в ИКТ-среде остается одним из наиболее дискуссионных. Проблемы атрибуции кибератак, когда технически сложно однозначно идентифицировать источник нападения, создают юридическую неопределенность. Некоторые ученые предлагают ввести презумпцию ответственности государства за действия, совершаемые с его территории, однако такой подход встречает возражения, связанные с принципом добросовестности и возможностью использования инфраструктуры третьих стран без ведома их правительств.

Принцип международного сотрудничества, зафиксированный в Уставе ООН, в цифровой сфере наполняется новым содержанием. Государства обязаны взаимодействовать для предотвращения использования ИКТ в целях, несовместимых с поддержанием международного мира. В рамках РГОС ООН 2021–2025 ведется работа по согласованию норм ответственного поведения государств. Таджикистан как активный участник этого диалога подчеркивает важность инклюзивности и учета интересов развивающихся стран при формировании глобальных правил.

Цифровое право Республики Таджикистан в значительной степени ориентировано на обеспечение киберстабильности. Законодательство республики в сфере защиты информации и электронного документа коррелирует с международными стандартами, однако сохраняет приоритет защиты конституционного строя. Для Таджикистана принципиально важно наличие механизмов контроля над контентом, распространяемым иностранными платформами, если он угрожает стабильности общества.

Доктрина «государство как платформа» радикально меняет роль публичной власти в цифровых правоотношениях. Государство перестает быть только регулятором, становясь посредником, предоставляющим цифровую инфраструктуру для взаимодействия граждан и бизнеса. Это повышает значение договорного регулирования и механизмов саморегулирования внутри платформ. Однако такая трансформация не должна приводить к размыванию ответственности государства за защиту фундаментальных прав.

Правосубъектность транснациональных корпораций в цифровом мире становится вызовом для классического международного права. Обладая ресурсами, превышающими возможности многих государств, цифровые гиганты фактически формируют собственные правила игры. Это ведет к возникновению технократии, где алгоритмическое регулирование может подменять правовые нормы.

Концепция цифрового суверенитета включает требование о локализации данных, что прямо продиктовано интересами национальной безопасности. Российский и китайский опыт в этой сфере активно изучается в Таджикистане. Требование хранить данные граждан на территории страны является эффективным инструментом противодействия иностранному наблюдению и культурной манипуляции.

Искусственный интеллект привносит новые этико-правовые дилеммы. Принятые ЮНЕСКО рекомендации по этике ИИ 2021 года стали первым глобальным инструментом в этой области. Принципы человекоцентричности и прозрачности алгоритмов должны быть имплементированы в национальные правовые системы. В Таджикистане внедрение ИИ в государственном секторе требует создания специальных регуляторных «песочниц», позволяющих тестировать технологии без риска нарушения конституционных прав граждан.

Региональное нормотворчество в рамках СНГ и ОДКБ также вносит существенный вклад в систему источников. Модельные законы об информационных технологиях и кибербезопасности способствуют гармонизации подходов на постсоветском пространстве. Таджикистан активно использует этот инструментарий для совершенствования своего уголовного и административного законодательства в части борьбы с киберпреступностью.

[1] Сафиев, К.И. Информационная безопасность Республики Таджикистан в контексте современного политического процесса: сущность и приоритеты её обеспечения: автореф. дис. ... канд. полит. нау : 23.00.02 / К.И. Сафиев. - Душанбе, 2014. 24 с.

Принцип антропоцентричности должен оставаться незыблемым. Любые технологические новшества должны служить благополучию человека, а не превращаться в инструмент тотальной слежки или дискриминации. Конституция РТ в этом смысле является высшим фильтром для любых законодательных инициатив в цифровой сфере. Защита частной жизни и личной идентичности в условиях тотальной оцифровки становится главной задачей юриста-правоведа.

Развитие международного цифрового права невозможно без учета экологических аспектов. «Зеленая цифра» – это не только энергоэффективность дата-центров, но и правовое регулирование утилизации электронных отходов. Эта тема постепенно входит в повестку международных организаций и должна найти свое отражение в будущих универсальных конвенциях[1].

Инфраструктурная безопасность, включая защиту подводных кабелей и спутниковых систем, требует специализированного правового режима. Фрагментарность международного морского и космического права в части ИКТ создает уязвимости для глобальной экономики. Инициативы по созданию специализированной организации ООН по вопросам безопасности ИКТ заслуживают серьезного обсуждения как способ консолидации усилий.

Для Республики Таджикистан стратегически важным является участие в разработке Глобального цифрового договора. Этот документ призван установить новые правила сотрудничества в интересах устойчивого развития. Таджикская сторона подчеркивает, что договор должен учитывать специфику развивающихся стран и способствовать передаче технологий на справедливых условиях. Трансформация международного финансового права через использование цифровых валют и активов также является частью цифрового права. Дедолларизация и переход на национальные цифровые валюты в рамках ШОС требуют создания новой платежной инфраструктуры с надежной правовой базой. Конституция РТ и закон о Национальном банке Таджикистана должны предусматривать механизмы интеграции цифрового сомони в международную систему.

Образовательный аспект и правовое просвещение играют критическую роль. Подготовка кадров в области цифрового права в Таджикистане должна базироваться на междисциплинарном подходе, объединяющем юридические знания и техническую грамотность. Без квалифицированных экспертов невозможно обеспечить эффективную защиту национальных интересов в глобальном киберпространстве. Научная доктрина цифровой экономики в Таджикистане должна опираться на концепцию «цифрового суверенитета как развития». Суверенитет – это не изоляция, а способность государства быть конкурентоспособным игроком на мировом рынке, обладающим собственными технологическими компетенциями и надежной правовой защитой.

Судебная практика международных судов, таких как ЕСПЧ, до сих пор оказывает косвенное влияние на правопонимание в цифровой сфере, несмотря на выход России из состава СЕ. Для Таджикистана важно отслеживать эти прецеденты в части защиты прав потребителей и свободы выражения в Интернете, адаптируя лучшие практики к национальным реалиям. Принцип взаимной выгоды и равенства государств в информационном пространстве должен стать основой для нового миропорядка. Отказ от «цифрового колониализма» и стремление к справедливому распределению ресурсов ГИО – это путь к долгосрочной стабильности. ШОС в этом процессе выступает как один из полюсов силы, предлагающий альтернативную, более сбалансированную модель управления.

В заключение следует отметить, что формирование международного цифрового права – это процесс, требующий не только юридической техники, но и политической воли. Республика Таджикистан, опираясь на свою Конституцию и партнерство в рамках ШОС, активно участвует в создании этого нового правового измерения. Таким образом, источники и принципы международного цифрового права находятся в состоянии активного становления. Баланс между инновациями, безопасностью и правами человека – это та формула, которую предстоит вывести современному поколению юристов-международников. Специфика цифровой эпохи требует от нас мудрости и готовности к переменам, сохраняя при этом верность вечным ценностям справедливости и верховенства права, которые заложены в фундамент нашего государства.

[1] Цифровые права в контексте актуальных норм международного права. Текст: электронный // Ассоциация юристов России: официальный сайт. Режим доступа: https://alrf.ru/articles/tsifrovye-prava-v-kontekste-aktualnykh-norm-mezhdunarodnogo-prava/ (дата обращения: 31.03.2026).

ТДУ 351.86

АРТИШИ МИЛЛӢ ДАР ЗАМОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛӢ

НАЦИОНАЛЬНАЯ АРМИЯ В ПЕРИОД НЕЗАВИСИМОСТИ

ХУШВАТЗОДА ХУРШЕД ХУДОЙҚУЛ
Сардори кафедраи тайёри ибтидоӣ ва такмили ихтисоси факултети № 4-уми Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, полковники милитсия / Начальник кафедры первоначальной подготовки и повышения квалификации факультета № 4 Академии МВД Республики Таджикистан, кандадит юридических наук, полковник милиции
E-mail: Xushvaxtzoda76@bk.ru

ДАВЛАТЗОДА НАРГИС ДАВЛАТ
Омӯзгори калони кафедраи фанҳои ҷамъиятии факултети № 4-уми Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, капитани милитсия / Старший преподаватель кафедры общественных дисциплин факультета № 4 Академии МВД Республики Таджикистан, капитан милиции
E-mail: nargis.davlatzoda.83@mail.ru

Сарчашмҳои таърихӣ гувоҳанд, ки қавмҳои ориёӣ, аз ҷумла, тоҷикон ҳанӯз дар замонҳои кадим сипоҳи машқдида доштанд ва аз тарзу усулҳои пешбурди амалиёти ҷангӣ бархӯрдор будаанд. Таърихи ташаккули давлатдории тоҷикон беш аз панҷ ҳазор солро дар бар мегирад, ки дар ин давра ҳам сохторҳои низомӣ ва ҳам табақаи ҳарбӣ мавқеи имтиёзнокро ишғол мекарданд, зеро онҳо асоси қудрати ҳокимияти давлатиро ташкил медоданд[1].

Дар китоби Авасто омадааст, ки ҷомеаи ориёи аз чор табақа донишмандону сипоҳиён ва ҳунармандону кишоварзон иборат аст. Яъне, сипоҳиён дар ҷомеа дар мақоми дуюм қарор доштанд, ки ин нишонаи эҳтиром ба муҳофизони марзу буми аҷдоди буд. Дар китоби мазкур ҳамчунин гуфта мешавад, ки бори аввал ром кардани асп ва дар амалиёти ҷангӣ истифода бурдани он низ ба қавмҳои ориёӣ марбут аст. Дар «Шоҳномаи»-и Ҳаким Фирдавсӣ омадааст, ки нахустин силоҳҳо, аз қабили кулоҳу зиреҳ ва ҷавшану хафтони ҷангиро шоҳ Ҷамшед бунёдгузори сипоҳи муназзами ориёиён сохта буд тибқи сарчашмаҳои бостони дучархаи ҷангӣ ва дигар асбобу абзори ҳарби кашфи сарлашкарони ориёинажод мебошад.

Ҳанӯз ҳазор сол пеш сиёсатмадор ва вазири кабири дарбори Салҷуқиён Низомулмулк дар асари безаволи худ «Сиёсатнома» масъалаҳои низоми ҳарб диққати ҷидди дода, дувоздаҳ боби китобашро ба сунъати ҳарби бахшидааст. Ӯ тамоми бурду бохти лашкар ва ободи мулкро дар ҳамбастаги се омили асосӣ: подшоҳ, лашкар ва раият мебинад[2]. Маҳз ҳамин мероси пурғановати санъати ҳарбии ниёгон ба мо имкон дод, ки дар ҷойи амалан холии артиши миллӣ ва дигар рукнҳои давлатдориро таъсис диҳем ва дар як муддати кутоҳ фаъолияти муназзами онҳоро таъмин намоем. Ҳамин эҳсоси ирси аҷдодист, ки низомиёни моро дар роҳи садоқат ба Ватан ва таъмини амнияти кишвар қудрату тавоноӣ мебахшад.

Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар машварати кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомӣ гуфтааст, ки «Аз сарбози қаторӣ сар карда, то афсари олирутба бояд донанд, ки ҳифзи манфиатҳои миллӣ, ки аз ҳифзи манфиатҳои умумии давлат ва халқ, сохти конститутсионӣ, истиқлолияти кишвар, тамомияти арзӣ ва дахлнопазирии сарҳади давлат, таъмини озодӣ, амният ва ҳуқуқи шаҳрвандон, таъмини амнияти иқтисодӣ иборатанд, маҳз бар дӯши онҳо қарор дорад»[3]. Таврe маълум аст, пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ ва ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ Тоҷикистон маҷбур шуд, ки фалокатҳои зиёдеро паси сар кунад, хушбахтона кишвар сарбаландона кулли онҳоро гузашта соҳибистиқлол гардид. Истиқлолияти давлатӣ арзишмандтарин дороии миллат аст, вале агар кишвар онро ҳифз карда натавонад, арзише надорад, аз ин рӯ, дар ин ҷо артиш ва хизматчиёни ҳарбӣ нақши ҳалкунанда доранд.

[1] Буриев, И.Б., История государства и права: учебник. Т. 1. Ч. 1-2. - Душанбе, 2007. – С. 240.
[2] Низомулмулк. Сиёсатнома / Ба чоп тайёркунанда А. Девонақулов. – Душанбе: Адиб, 1989. - С. 25.
[3] Тоҷикистони соҳибистиқлол: артиш ва тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ: дастури методӣ. - Душанбе, 2001. - С. 61.

Доштани артиши ба ҷанг омода яке аз талаботи асосии ҳар як давлати соҳибихтиёр мебошад. Қарор дар бораи таъсиси Вазорати дифоъ ва бунёди Қуввaҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳи декабри соли 1992 қабул карда шуда буд. Тоҷикистон таъсиси Қуввaҳои Мусаллаҳро дар шароити душвори иҷтимоию иқтисодӣ шурӯъ кард. Ба фарқ аз дигар кишварҳои ИДМ, дар Тоҷикистон ин кори муҳимро, гуфтан мумкин аст, аз сифр оғоз карданд. Агар техника ва молу мулки тамоми округҳои низомии собиқ Иттиҳоди Шуравӣ ба Қазоқистону Узбекистон монда бошад, Туркманистон ва Қирғизистон ду корпуси пуриқтидор ва пурра муҷаҳҳазро мерос гирифта бошанд, давлати тоҷикон аз ҷиҳати таҷҳизот, аслиҳа ва базаи таълимии ҳарбӣ тақрибан чизе нагирифта буд.

Аммо артишро на танҳо мусаллаҳ кардан, балки онро бо либос таъмин кардан, ҷо ба ҷо гузоштан ва таълим додан лозим буд. Тоҷикистон ба қадри кифоя силоҳу аслиҳа харида наметавонист, чунки барои ин маблағи кофӣ надошт. Дар ҷумҳурӣ либос намерасид ва дар бораи сузишворӣ ва равғанҳои молиданӣ ҷои сухан набуд. Дар чунин шароит Тоҷикистон ба бунёди артиши худ шуруъ кард. Албатта, то ҳанӯз набудани базаи моддию техникӣ ба сифат ва суръати ташкили Қуввaҳои Мусаллаҳ таъсири манфии худро мерасонад. То имрӯз дар кишвар ягон корхонаи ҳарбӣ вуҷуд надорад, ки техникаи низомӣ, аслиҳа ва либоси низомӣ истеҳсол кунад. Ғайр аз ин, Қуввaҳои Мусаллаҳи мамлакат дар шароити ҷанги шаҳрвандӣ ташкил ёфт, ки ҷанг на танҳо ба хоҷагии халқ зарари калон расонд, балки боиси ҳалокати қисме аз ҷавонон гардид. Нарасидани кадрҳои баландихтисоси касбӣ низ омили монеа дар ташаккули артиши муосир ва омодаи ҷангии миллӣ мебошад.

Ба ҳамаи душвориҳо нигоҳ накарда, ин мушкилиҳо паси сар мешаванд. Дар бобати мустаҳкам намудани қобилияти мудофиавии давлати тоҷикон корҳои зиёде анҷом дода шуданд, артиши мудофиаи зидди ҳавоӣ ва қуввaҳои ҳарбии ҳавоӣ таъсис ёфта амал мекунанд. Артиши Тоҷикистон дар гузаронидани амалиёти ҷангӣ дар шароити кӯҳистон таҷрибаи нодир дорад. Дар ояндаи наздик Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳиби артише мешавад, ки аз уҳдаи иҷрои ҳар як вазифаи дар наздаш гузошта шуда мебарояд, ҳамчунин артише хоҳад дошт, ки ба манфиати давлати соҳибихтиёр ва халқи он хизмат кунад.

Конститутсияи амалкунанда қонуни асосии кишвар буда, қонунгузорӣ тамоми соҳаҳои муносибатҳои ҷамъиятӣ, аз ҷумла ҳарбиро фаро мегирад. Мувофиқи моддаи 43 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳифзи Ватан, ҳимояи манфиатҳои давлат, таҳкими истиқлолият, амният ва иқтидори мудофиавии он вазифаи муқаддаси шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад[1]. Қонунгузории амалкунанда дар соҳаи ҳарбӣ қонунҳои зерини Ҷумҳурии Тоҷикистонро дарбар мегирад: «Дар бораи Қӯшунҳои дохилии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон» (аз 28-уми декабри с. 1993), «Дар бораи Қуввaҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон» (аз 13-уми декабри с. 1996), «Дар бораи разведкаи ҳарбии Қуввaҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон» (аз 2-юми декабри с. 2002), «Дар бораи мудофиаи граждани» (аз 28-уми феврали с. 2004), «Дар бораи Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (аз 15-уми июли с. 2004), «Дар бораи Қӯшунҳои сарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (аз 1-уми марти с. 2005), «Дар бораи мақоми хизматчиёни ҳарбӣ» (аз 1-уми марти с. 2005), «Дар бораи амният» (аз 28-уми июни с. 2011), «Дар бораи уҳдадории ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ» (аз 27уми январи с. 2021).

Таҳлили маҷмӯи омилҳои ба соҳаи ҳарбӣ вобаста, таҳлили мушкилоти даъват ба артиш ба хизмати ҳатмии ҳарбӣ, омодасозии аҳолӣ ба ҳолатҳои фавқулодда, бо дарназардошти вазъ дар наздикии сарҳади давлатии Афғонистон бисёр масъалаҳои дигари ҳам хусусияти дохилӣ ва ҳам хусусияти байналхалқи дошта моро ба хулосае меорад, ки давлати тоҷикон бояд консепсияи нави хизмати ҳарбӣ, умуман муносибатҳои ҳарбиро таҳия ва қабул намуда, инчунин, дар муносибатҳои муосири Тоҷикистон ба ҷиҳати ҳарбӣ кадом мавқеъро ишғол мекунад, равшан муайян намояд.

Барои қабули консепсияи нав бояд кулли ҷанбаҳои масоили номбаршуда (ва зикрнашуда), ки хусусияти мураккаб дошта метавонанд, амиқ омӯхта шаванд. Дар ҷаҳон кишварҳо кам нестанд, ки аллакай ислоҳоти ҳарбӣ анҷом додаанд. Дар натиҷа дар баъзе давлатҳо мақоми ҳарбӣ дар ҳаёти сиёсии кишвар хеле баланд ва мустаҳкам гардид (мисол, Туркия); дар дигар мамлакатҳо аз рӯйи принсипҳои демократӣ ба роҳбарии вазорати ҳарбӣ шаҳрвандони одӣ таъйин карда мешаванд. Ҳамин тариқ, қуввaҳои ҳарбӣ ба ҳокимияти шаҳрвандӣ итоат мекунад.

[1] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳои соли 1999, 2003 ва 2016 // [Манбаи электронӣ] – Реҷаи воридшавӣ: http://base.mmk.tj / (санаи мурочиат: 02.03.2026).

Ин мисоли ҳалли як масъалаи хеле муҳимми методӣ буда, муайян мекунад, ки артиш ва ҳарбиён дар ҳаёти ҷамъиятию сиёсии мамлакат кадом мавқеъро ишғол карда метавонанд[1]. Дар чунин шароити ҳассос вақте, ки дар минтақа нооромию бесуботи ҳануз идома дорад вазифаи аввалин дараҷаи хизматчиёни ҳарби Қувваҳои Мусаллаҳ ва ҳайати шахси мақомоти ҳивзи ҳуқуқ ҳивзи боэътимоти истиқлолияти милли ҳимиояи манфиятҳои халқ ва давлати Тоҷикистон мебошад.Аз ин рӯ сохторҳои низом ива мақомоти ҳивзи ҳуқуқ барои истодагари кардан ба муқобили ин хатару таҳдидҳо бояд ҳамеша омуда бошанд ва аз уҳдаи ҳалли пурмасъулияттарин вазифаҳои давлати баромада тавонанд.Танҳо дар ҳамин сурат оромиву суббот дар ҷомеа таъмин гардида, шаҳрвандон ба қудратмандии давлат ва ҳар лаҳзаву ҳар соат барои ҳивзи ватан омуда будани Қувваҳои Мусаллаҳи мамлакат дилпурона эътимод мебанданд.

Хусусан торафт густариш ёфтани зуҳуроту таҳдидҳои хатарнок, аз қабили терроризми байналхалқиву экстремизим, ҷиноятҳои муташакили трансмиллӣ, афзоиши муомилоти ғайриқонунии воситаҳои шашъаовар, савдои одамон ва қочоқи силоҳ аз ҳар яки мо талаб менамояд, ки иқтидори мудофиявии Ватанамонро аз ҳарвақта бештар таҳким бахшем. Дар чунин шароит тамоми хизматчиёни ҳарбӣ, ҳайати шахси ва кормандони мақомоти ҳивзи ҳуқуқ аз сарбози қаторӣ то афсарони баландрутба вазифадоранд, ки тамоми донишу таҷрибаи худро ба хизмати содиқона ба манфиати халқу ватан сафарбар карда, риояи ҳатми талаботи қонун ва оинномаҳои ҳарбиро таъмин намояд ва ҳушёри касбиву зираки сиёсиро аз даст надиҳад.

Бунёди навъҳои Қуваҳои Мусаллаҳ ва таҳкиму тақвият додани он мубарамтарин масоиле буданд, ки ҳалли мусбии худро пайдо карда тавонист. Дар айни замон дар ҳайати Артиши миллӣ се навъи Қӯшун: Қӯшунҳои хушкигард, Қӯшунҳои зудамал Қувваҳои ҳарбии ҳавоӣ ва мудофиаи зиддиҳавоӣ амал мекунад. Илова бар ин, айни замон дар қуввахои мусаллаҳ ислоҳоти ҳарбӣ идома дорад. Таҳти сарварии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Қуввахои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳама даврахои мушкили таъсисёбии худро паси сар намуда, давраи мувофиқсозии сохтори худ ба воқеъиятҳои амнияти байналмилалӣ ва минтақави расид. Имрӯз афсарон ва сарбозони Қуввахои Мусаллаҳ мехоҳанд мисли Куруши Кабиру Спитамен, Яздигурду Муқаннаъ, Амир Исмоили Сомонӣ, Темурмалику Восеъ ва дигарон номбардори сарзаминии аҷдодии хеш бошанд.

ТДУ 342.95

ОИД БА ХУСУСИЯТҲОИ БАРНОМАИ ДАВЛАТИИ РУШДИ ОИЛА ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛҲОИ 2024-2028*

ОБ ОСОБЕННОСТЯХ ГОСУДАРСТВЕННОЙ ПРОГРАММЫ РАЗВИТИЯ СЕМЬИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН НА 2024-2028 ГОДЫ

ШАРИФЗОДА ПАРВИНИ РАХМУЛЛО
Сардори кафедраи пешгирии ҷиноятҳои террористӣ ва таъмини бехатарии ҷамъиятии факултети № 6-уми Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, подполковники милитсия / Начальник кафедры профилактики террористических преступлений и обеспечения общественной безопасности факультета № 6 Академии МВД Республики Таджикистан, кандидат юридических наук, подполковник милиции
e-mail: Sharifzoda.parvin@mail.ru

[1] Буризода, Э., Хушвахтзода Х. Ниҳодҳои идоракунии ҳарбӣ дар таърихи Тоҷикистон ва аҳамияти муосири онхо. – Душанбе:.Мубориз, 2025. - С.170-171.

* Мақола дар доираи татбиқи мавзуи илмӣ-таҳқиқотии «Такмили фаъолияти маъмурӣ-ҳуқуқӣ ва ҷиноятӣ-ҳуқуқии мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти пешгирии зӯроварӣ дар оила (2023-2027)», ки аз ҳисоби буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағгузорӣ мешавад, омода шудааст. Рақами бақайдгирии давлатӣ: 0121TJ1291

Дар шароити муосир нақши ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаҳои гуногуни ҳаёт афзоиш меёбад[1]. Ин пурра ба соҳаи ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ ва бехатарии ҷамъиятӣ, инчунин ба соҳаи пешгирии зӯроварӣ дар оила дахл дорад[2]. Барномаи давлатии рушди оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2024-2028[3] (минбаъд - Барнома) мақсад, вазифаҳо ва самтҳои асосии сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар самти рушди оила, пойдорӣ, дастгирӣ, ҳифзи ҳуқуқҳои оила, пешгирии зӯроварӣ дар оила ва ҷудошавии оилаҳоро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намуда, тадбирҳои мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва созмонҳои байналмилалиро дар ин самт ҳамоҳанг месозад.

Барнома дар доираи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми ноябри соли 1994[4], афзалиятҳои муайяннамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии давлатӣ» аз 19-уми июли соли 2022, №1894[5], Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми декабри соли 2016, № 636[6] тасдиқ гардидааст, Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030[7], ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми апрели соли 2020, № 167 тасдиқ гардидааст, Консепсияи рушди оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми декабри соли 2015, № 801[8] тасдиқ гардидааст ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигари Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар самти таҳкими муносибатҳои оилавӣ иброз доштанд, таҳия гардидааст.

Давлат ба масъалаҳои ҳуқуқиву иҷтимоии марбут ба солимӣ ва пойдории оила таваҷҷуҳ зоҳир намуда, ғамхорӣ нисбат ба модару кӯдак, таъмини шароити зарурӣ барои таълиму тарбияи фарзандон, дастгирии иҷтимоӣ ҳангоми бекорӣ, пиронсолӣ ва хизматрасониҳои зарурии тиббиро кафолат медиҳад.

Дар самти таҳкими заминаҳои ташаккули оила ва дастгирии оилаҳо, ҳифзи ҳуқуқҳои аъзои оила як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла, Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13-уми ноябри соли 1998, № 683[9], Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21-уми майи соли 1998, № 574[10], Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31-уми декабри соли 2008, № 455[11], Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми майи соли

---

[1] Редкоус, В.М. Вопросы правовой политики в документах стратегического планирования государств - участников СНГ / В.М. Редкоус // Государство и право: эволюция, современное состояние, перспективы развития (к 80-летию Победы в Великой Отечественной войне): Материалы XXII международной научно-практической конференции. В 2-х частях, Санкт-Петербург, 24–25 апреля 2025 года. – СПб.: Санкт-Петербургский университет МВД РФ, 2025. – С. 55-62.

[2] Шарифзода, П.Р. О совершенствовании концептуальных основ охраны общественного порядка и обеспечения общественной безопасности в Республике Таджикистан с учетом зарубежного опыта правового регулирования / П. Р. Шарифзода // Конституционные права и свободы человека как высшая ценность государства и общества : Сборник научных трудов Всероссийской научно-практической конференции, Москва, 08 декабря 2022 года. – М.: Московский университет МВД РФ им. В.Я. Кикотя, 2023. – С. 236-244.

[3] Барномаи давлатии рушди оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2024-2028: бо қарори хукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми марти с. 2024, № 136 тасдиқ шуд.

[4] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми ноябри с. 1994 (бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми сентябри с. 1999, 22-юми июни с. 2003 ва 22-юми майи с. 2016) // [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: http://adlia.tj (санаи мурочиат: 04.02.2026).

[5] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии давлатӣ” аз 19-уми июли с. 2022, № 1894 // [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: http://adlia.tj (санаи мурочиат: 04.02.2026).

[6] Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 // [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: http://mmk.tj (санаи мурочиат: 5.02.2026).

[7] Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030 // [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: http://mmk.tj (санаи мурочиат: 06.02.2026).

[8] Консепсияи рушди оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми декабри с. 2015, № 801 // [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: http://mmk.tj (санаи мурочиат: 08.02.2026).

[9] Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13-уми ноябри с. 1998, № 683 // [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: http://adlia.tj (санаи мурочиат: 09.02.2026).

[10] Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21-уми майи с. 1998, № 574 // [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: http://adlia.tj (санаи мурочиат: 09.02.2026).

[11] Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31-уми декабри с. 2008, № 455 // [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: http://adlia.tj (санаи мурочиат: 10.02.2026).

2017, № 1413[1], Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23-юми июли соли 2016, № 1329[2] ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо» аз 1-уми марти соли 2005, № 89[3], «Дар бораи милитсия» аз 17-уми майи соли 2004, № 41[4], «Дар бораи танзими ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 20-уми июни соли 2024, № 2048[5], «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» аз 20-уми июни соли 2024, № 2049[6], «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» аз 19-уми марти соли 2013, № 954[7], «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак» аз 18-уми марти соли 2015, № 1196[8], «Дар бораи муқовимат ба савдои одамон ва расонидани кумак ба қурбониёни савдои одамон» аз 26-уми июли соли 2014, № 1096[9], «Дар бораи бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ» аз 29-уми апрели соли 2006, № 188[10], қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030» ва Консепсияи рушди оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шуданд.

Мақсади Барнома таъмини ҳифзи манфиатҳои оила ва аъзои оила ҳамчун ниҳоди иҷтимоӣ ва макони тарбияи фарзанд, тақвияти заминаҳои иқтисодию иҷтимоии таҳкими оила, баланд бардоштани маърифати оиладорӣ ва таҳкими пояҳои оиладорӣ мебошад.

Барои ноил шудан ба мақсади мазкур дар Барнома вазифаҳои зерин пешбинӣ шудаанд:

– ташаккули воситаи дастгирии оилаҳо бо мақсади беҳтар намудани шароити зисти онҳо;

– коҳиш додани шумораи бекоршавии ақди никоҳ;

– баланд бардоштани масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи кӯдак;

– такмили заминаҳои меъёрии ҳуқуқии муносибатҳои оилавӣ бо мақсади ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои аъзои оила, баланд бардоштани масъулияти оила дар иҷрои вазифаҳои худ ва пешгирии зӯроварӣ дар оила;

– таъмини амалишавии принсипи конститутсионии баробарҳуқуқии мардону занон дар муносибатҳои оилавӣ;

– тақвият ва баланд бардоштани нақши ниҳоди оила дар ҷомеа;

– ҳифзи оила ҳамчун арзиши муҳимми иҷтимоӣ, фарҳангӣ, нигоҳдории анъанаҳои маънавӣ ва ахлоқӣ дар муносибатҳои оилавӣ;

– таҳкими заминаҳои иқтисодии оила ва таъмини мустақилияти иқтисодии онҳо бо мақсади иҷрои вазифаҳои иҷтимоии он; амалисозии меъёри қонунгузорӣ оид ба бақайдгирии давлатии ақди никоҳ;

– омода намудани ҷавонон барои барпо намудани ҳаёти оилавӣ;

– мусоидат дар амалисозии имкониятҳои тарбиявӣ ва фарҳангии оила ва боло бурдани маърифати оиладорӣ;

– таъмини шароити мусоид барои тарбияи солими кӯдакон дар оила;

---

[1] Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми майи с. 2017, № 1413 // [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: http://adlia.tj (санаи мурочиат: 11.02.2026).

[2] Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23-юми июли с. 2016, № 1329 // [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: http://adlia.tj (санаи мурочиат: 12.02.2026).

[3] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи_кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо» аз 1 марти с. 2005, № 89 // [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: http://adlia.tj (санаи мурочиат: 13.02.2026).

[4] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» аз 17 майи соли 2004, №41 // Манбаи дастрасӣ: http://adlia.tj (санаи мурочиат: 14.02.2026).

[5] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 20 июни соли 2024, №2048 // Манбаи дастрасӣ: http://adlia.tj (санаи мурочиат: 15.02.2026).

[6] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» аз 20 июни соли 2024, №2049 // Манбаи дастрасӣ: http://adlia.tj (санаи мурочиат: 16.02.2026).

[7] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» аз 19 марти соли 2013, №95. Манбаи дастрасӣ: http://adlia.tj (санаи мурочиат: 17.02.2026).

[8] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак» аз 18 марти соли 2015, №1196 // Манбаи дастрасӣ: http://adlia.tj (санаи мурочиат: 18.02.2026).

[9] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба савдои одамон ва расонидани кумак ба қурбониёни савдои одамон» аз 26 июли соли 2014, №1096 // Манбаи дастрасӣ: http://adlia.tj (санаи мурочиат: 19.02.2026).

[10] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ» аз 29 апрели соли 2006, №188 // Манбаи дастрасӣ: http://adlia.tj (санаи мурочиат: 20.02.2026).

– такмили воситаи таъминкунандаи танзими оила ва ҳифзи саломатии аъзои он;

– ба таври васеъ фаро гирифтани кӯдакон ба таҳсилоти томактабӣ бо мақсади инкишофи ҳамаҷонибаи онҳо;

– тақвияти ҳифзи солимии барафзоӣ ва пешгирии омилҳои ба исқоти ҳамл мусоидаткунанда; мусоидат дар таъминоти иҷтимоии оилаҳо ва кӯдаконе, ки ба дастгирии иловагӣ ниёз доранд;

– андешидани чораҳои мушаххас дар самти пешгирии оиладоршавии бармаҳал;

– ташаккули воситаҳои дастгирии оилаҳои ҷавон бо мақсади беҳтар намудани шароити зисти онҳо;

– мунтазам ба роҳ мондани чорабиниҳои иттилоотӣ дар байни аҳолӣ дар самти ҳифзу нигаҳдории оилаи солим дар ҷомеа.

Амалигардонии Барнома тадбирҳои зеринро пешбинӣ менамояд:

– таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва такмили қонунгузории мавҷуда вобаста ба ҳифзи манфиатҳои оила ва аъзои он бо дар назар доштани хусусиятҳои марҳилаи муосири рушди ҷомеа;

– такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои занон ва кӯдакон ҳангоми бекор кардани ақди никоҳ, такмили воситаҳои иҷрои ҳалномаҳои судӣ вобаста ба рӯёнидани алимент аз шахсони қасдан аз пардохти алимент саркашикунанда ва берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон қарордошта;

– тавсеаи фаъолияти мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои оила, таҳияи воситаҳои таъмини ҳамгироии фаъолияти мақомоти гуногуни давлатӣ дар самти баланд бардоштани мавқеи иҷтимоии оила дар ҷомеа;

– ба роҳ мондани фаъолияти ҳамоҳанги вазорату идораҳо, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, инчунин, таҳкими ҳамкориҳои байниидоравӣ дар таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва иҷрои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ вобаста ба масъалаҳои оила ҳамчун ниҳоди иҷтимоӣ;

– таъмини риояи қатъии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба пешгирии ақди никоҳи хешутаборӣ ва муоинаи ҳатмии тиббии шахсони никоҳшаванда бо мақсади таъмини солимии насли наврас ва пешгирии таваллуди кӯдакони дорои норасоии ақлонӣ ва ҷисмонӣ;

– гузаронидани таҳқиқотҳои илмӣ ва амалӣ вобаста ба масъалаҳои оилавӣ;

– омӯзиши ҳамаҷонибаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи оила, ҳуқуқу манфиатҳои аъзои оила ва пешгирии ҳолатҳои бисёрникоҳӣ;

– истифодаи васеи воситаҳои ахбори омма ва шабакаҳои интернетӣ баҳри ба ҷомеа расонидани моҳияти дастгириҳои давлатии иҷтимоӣ, ки ба таҳкими оила нигаронида шудаанд;

– баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон, бахусус, занону кӯдакон ва муҳофизи меҳнатӣ;

– ташвиқу тарғиби арзишҳои миллӣ, аз қабили урфу одат ва расму оинҳои миллӣ, мероси пурғановати гузаштагон, баланд бардоштани маърифати оиладорӣ ва тарбияи фарзандон аз рӯйи усулҳои муосири таъсиррасонӣ бо дар назар доштани хусусиятҳои миллӣ;

– густариши робита байни минтақаҳои кишвар бо мақсади таҳкими муносибатҳо тавассути бунёди оилаҳои нав ва муносибатҳои хешутаборӣ;

– пайгирии доимии амалисозии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ вобаста ба оила ва дар ин асос андешидани чораҳои дахлдор.

Маблағгузории Барнома аз ҳисоби маблағҳои пешбининамудаи буҷети давлатӣ, инчунин манбаъҳои дигаре, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст, амалӣ карда мешавад. Маблағи умумӣ барои амалишавии Барнома 4 798 150 (чор миллиону ҳафтсаду наваду ҳашт ҳазору яксаду панҷоҳ) сомонӣ ва Нақшаи амали он барои се сол 2 776290 (ду миллиону ҳафтсаду ҳафтоду шаш ҳазору дусаду навад) сомониро ташкил медиҳад.

Мониторинг ва арзёбии амалисозии Барнома аз ҷониби Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида мешавад. Мақсади асосии мониторинг ва арзёбӣ баланд бардоштани самарабахшии иҷрои Барнома ва беҳтар намудани фаъолият дар самти ноил шудан ба ҳадафҳо мебошад. Мониторинг ва арзёбии амалисозии Барнома дар асоси талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29-уми декабри соли 2018, № 615 “Дар бораи Қоидаҳои гузаронидани мониторинг ва арзёбии амалишавии ҳуҷҷатҳои стратегии сатҳи

миллӣ, барномаҳои соҳавӣ ва минтақавии рушд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” гузаронида мешавад.

Ҳамин тариқ, ба хулоса омадан мумкин аст, ки Барномаи мазкур ҳуҷҷати стратегӣ ба ҳисоб рафта дар мустаҳкам намудани пояҳои оила ҳамчун асоси ҷомеа ва ҳифзи манфиатҳои аъзои он, беҳтар кардани вазъи иҷтимоию иқтисодии оилаҳо, пешгирии ҷудошавӣ, коҳиш додани сатҳи ҷудошавии оилаҳо ва мустаҳкам кардани муносибатҳои оилавӣ, рушди маънавӣ, баланд бардоштани сатҳи маънавию ахлоқӣ дар оилаҳо ва пешгирии зӯроварӣ дар оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши калидӣ мебозад.

УДК 34.01

ПУТИ МОДЕРНИЗАЦИИ ВЗАИМОДЕЙСТВИЯ ОРГАНОВ ВНУТРЕННИХ ДЕЛ И СУДЕБНОЙ ВЛАСТИ

РОҲҲОИ НАВСОЗИИ ҲАМКОРИИ МАҚОМОТИ КОРҲОИ ДОХИЛӢ ВА МАҚОМОТИ СУДӢ

ШУКЮРОВ ШАХИН ТЕЙЮБ ОГЛЫ
Доцент кафедры Административной деятельности Академии полиции МВД Азербайджанской Республики, доктор (PhD) философии по праву, полковник полиции / Дотсенти кафедраи фаъолияти маъмурии Академияи политсияи ВКД Ҷумҳурии Озорбойҷон, доктори (PhD) фалсафаи ҳуқуқ, полковники политсия
E-mail: shahin1967@mail.ru

Одним из главных условий успешного функционирования любой социальной системы, в том числе и правоохранительной, является объединение усилий и возможностей ее составных частей для достижения общих целей.

Будучи призванным, обеспечить определенную урегулированность и упорядоченность социальных отношений, оно само обладает или должно обладать качеством единства, состоять из совокупности государственных органов в строго определенной зависимости составляющих компонентов с присущими ему внутренними (системными) и внешними (функциональными связями), взаимосвязями и взаимодействиями. Взаимодействие как деятельное проявление целостности любой системы органически присуще ей, в силу чего носит объективный характер.

Взаимодействие полиции с другими государственными структурами в процессе нормотворческой, правоисполнительной и правоохранительной деятельности можно определить как законодательно закрепленные формы совместной деятельности государственных органов, участвующих в реализации правоохранительной функции[1].

Попытаемся рассмотреть проблемные вопросы, связанные с развитием взаимодействия органов внутренних дел (далее – ОВД) с органами судебной власти.

Так, по утверждению А.В. Малько, «Наука – это сфера человеческой деятельности, функцией которой является выработка и упорядочение использование объективных знаний о действительности, а также оптимальное их на практике. Следовательно, с ролью науки (в том числе и юридической) связана известная триада действий: 1) производство новых знаний, идей; 2) их систематизация; 3) использование как для развития самой науки, так и для практики»[2].

Соответственно, юридическая наука – это основанная на принятых научным юридическим сообществом идеях, принципах, концепциях, представлениях система определенным этим сообществом образом структурированных знаний о правовых явлениях и процессах в обществе, о случайных и закономерных аспектах их взаимосвязи, взаимодействия, возникновения, развития, функционирования и т.п., а также осуществляемая в соответствии с указанными идеями, принципами, концепциями, представлениями деятельность участников юридического научного

[1] Адиньяев, С.И. Полиция и общество: правовое регулирование взаимоотношений / С.И. Адиньяев // Вестник РУДН: серия Юридические науки. – 2011. - № 4. – С. 55-61.
[2] Малько, А.В. О роли юридической науки в современном российском обществе / А.В. Малько // Юридическая наука и практика: Вестник Нижегородской академии МВД России. - 2024. - № 2(66). – С. 202-211.

сообщества по получению, обработке, проверке, оценке и использованию знаний о правовых явлениях и процессах, их взаимосвязи, взаимодействии, возникновении, развитии, функционировании[1].

Поэтому нельзя не согласиться с мнением П.Н. Кобец, который утверждает, что «С продвижением цифровизации и новых технологий человечество стало осознавать, что эффективное развитие современного общества невозможно без учета и своевременного научного реагирования на множество проблемных ситуаций, возникающих в разнообразных областях. В связи с этим в рамках исторического прогресса научная деятельность оказывается своего рода производительной силой в обществе, а не только основополагающим социальным институтом. Одним словом, в условиях нового тысячелетия также во многих странах ускоренно, динамично и быстро происходит развитие юридической науки»[2].

Наука изучает институт взаимодействия, влияет на его стороны, оказывает положительные аспекты на стыке права, социологии, управления, педагогики и др. отраслей.

В.В. Момотов вполне логично говорит о том, что «Современные тенденции свидетельствуют об увеличении точек взаимодействия законодательной, исполнительной и судебной власти. Все чаще приоритетом в государственной политике в развитых странах признается человек и его права и свободы. Следовательно, задачей всех государственных органов становится обеспечение гарантий и защиты прав человека, что требует эффективной и слаженной работы всех ветвей власти.

За последние десятилетия отношения между тремя ветвями власти в государстве (исполнительной, законодательной и судебной) претерпели существенные изменения. Сократились возможности привлечения исполнительной власти к ответственности властью законодательной. Изменилась и роль судебной власти. Судебная власть стала перегруженной в контексте принятия решений по делам, в которых нет реального судебного спора, а есть желание у стороны в принятии соответствующего судебного постановления, подтверждающего либо право, либо обязанность»[3].

В связи с этим, институт взаимодействия закреплен конституционно и исходит из правового содержания нормативных правовых актов государств. Взаимодействие понимается как совместное участие, связь, согласованная деятельность, деловое сотрудничество. Некоторые ученые идут дальше и характеризуют взаимодействие как социальный институт, обеспечивающий развитие согласованных действий, либо как процесс[4].

По мнению В.В. Момотова, «Законодательная и исполнительная власть должны признавать законную конституционную функцию судебной власти и обеспечить ее достаточными ресурсами для выполнения своих функций»[5]. Продолжая мысль, ученый утверждает, что «Судебная власть является основным гарантом прав и свобод граждан, обеспечивает верховенство права, равновесие между другими ветвями власти, создает своей деятельностью баланс публичных и частных интересов. Ключевым принципом, на котором базируется само существование суда, является принцип разделения властей. Независимость суда - это не привилегия, а необходимое условие выполнения судьями полномочий по справедливому и беспристрастному рассмотрению и разрешению споров. Институциональная и индивидуальная судейская независимости тесно связаны между собой, так как независимость отдельных судей может быть обеспечена только при наличии достаточной институциональной защиты независимости судебных органов»[6]. В этом плане поддерживая данную мысль, К.А. Литвинова утверждает, что Судебное право - это комплексная отрасль права, основными компонентами которой выступают судоустройство и все существующие виды судопроизводств, не теряющие в составе су-

---

[1] История и методология юридической науки: коллективная монография / Под ред. д-ра юрид. наук, профессора В.В. Сорокина. – М.: Юрлитинформ, 2016. – С. 21-24.

[2] Кобец, П.Н. О роли современной юридической науки в развитии и регулировании различных сфер жизнедеятельности Российского общества / П.Н. Кобец // Юридическая наука и практика: Вестник Нижегородской академии МВД России. – 2024. - № 2(66). - С. 308-312.

[3] Момотов, В.В. Суд в современном мире: независимость, эффективность, ответственность // [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://newtech.legal/cabinet/catalog/sudya/104/698/

[4] Валиев, Н.Д., Амрудинзода, М.А., Бухоризода, Б.Р. Административно-правовые основы взаимодействия органов внутренних дел Республики Таджикистан с общественными объединениями: монография / Под ред. к.ю.н., доцента Шарифзода Ф.Р. – Душанбе: «Балогат», 2020. – С. 11.

[5] Момотов, В.В. Указ. раб.

[6] Момотов, В.В. Указ. раб.

дебного права своего положения самостоятельных отраслей права со свойственными им специфическими чертами, но связанные друг с другом их непосредственным отношением к правосудию[1].

В таких условиях проблема судебного права стала еще актуальнее, чем прежде. Одним из направлений правовой науки выступает исследование соотношения источников законодательства о судебной системе, практическое применение непосредственным образом влияет на эффективность судебной защиты права[2].

Представляется, что ответственность судебной власти перед обществом, так называемая социальная ответственность, заключается в случае возникающей необходимости дополнительно объяснять смысл судебных решений и действий по их реализации. Это должно делаться в интересах верховенства права и тех, кто ищет справедливости и ожидает правосудия.

Говоря же о взаимодействии ОВД с судебными органами, отметим, что оно представляет собой суть общественных отношений. Без взаимодействия не может быть общества. Гипотетическое отсутствие взаимодействия между милицией и обществом означало бы полную оторванность ОВД от общества. Но ОВД, так или иначе, взаимодействует с обществом. Не случайно социологи называют в качестве форм взаимодействия не только сотрудничество, но и конкуренцию или соперничество и конфликт[3].

По сути, взаимодействие в правоохранительной деятельности - это совместная деятельность правоохранительных органов, при которой полномочия и статус участников по обеспечению и реализации своих функциональных обязанностей нормативно не регламентированы, отсутствует постоянно действующий организационный центр.

Координационная правоохранительная деятельность регламентирована специальным нормативным актом, в котором определены права и обязанности участников. Взаимодействие правоохранительных органов регламентировано уголовно-процессуальным кодексом, целью которого не является урегулирование прав и обязанностей сторон лишь при взаимодействии[4].

Как известно, взаимодействие правоохранительных органов может осуществляться по любым вопросам, в том числе, и не связанным с функциональными обязанностями участников. Однако, юридически значимое взаимодействие, включающее в себя и координационную деятельность, правоохранительные органы могут осуществлять только в пределах своих функциональных полномочий и обязанностей.

Эти формы взаимодействия, равно, как и иная совместная деятельность в борьбе с преступностью, направлены на углубление сотрудничества правоохранительных органов, развитие их правового статуса в противодействии преступности[5].

Напомним, что основными задачами ОВД является прежде всего, выявление и пресечение правонарушений и преступлений. Сотрудники полиции находятся на передовой борьбы с преступностью, оперативно реагируя на заявления граждан, проводя оперативно-розыскные мероприятия и предотвращая противоправные действия. После выявления преступления, следователи ОВД проводят тщательное расследование, собирая доказательства, допрашивая свидетелей и подозреваемых, устанавливая обстоятельства произошедшего.

Еще одной важной функцией ОВД является розыск лиц, скрывающихся от правосудия, а также поиск пропавших без вести.

Судебные же органы, в свою очередь, как мы указывали выше, являются гарантом законности и справедливости, осуществляя правосудие. Главная цель слаженной работы органов внутренних дел и судебных органов – это обеспечение верховенства закона, защита прав и свобод граждан, а также эффективная борьба с преступностью. Когда эти два звена правовой системы работают как единый механизм, общество может быть уверено в том, что справедливость восторжествует, а преступники не останутся безнаказанными. Кроме того, взаимодействие ОВД и судебных органов способствует повышению доверия общества к правовой системе в целом, укрепляет социальную стабильность и способствует формированию правовой культуры в стране.

---

[1] Литвинова, К.А. Судебное право в современной России: общетеоретический аспект: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.01 / К.А. Литвинова. - Ставрополь. 2013. - 181 с.
[2] Литвинова, К.А. Указ. раб. – С. 18.
[3] Валиев, Н.Д., Амрудинзода, М.А., Бухоризода, Б.Р. Указ. раб. – С. 15.
[4] Абдрахманова, Б.С. Проблемы координации и взаимодействия судов и правоохранительных органов / Б.С. Абдрахманова // Пробелы в российском законодательстве. – 2013. - № 5. – С. 229-232.
[5] Абдрахманова Б.С. Указ. раб. – С. 230.

В заключении отметим, что правоохранительные органы, в том числе, ОВД и судебная система в современном мире должны идти в ногу с быстро меняющимися экономическими, социальными и политическими условиями, выстраивать свою работу на прогрессивных принципах профессиональной деятельности и искать новые потенциалы взаимодействия с гражданским обществом и государством.

ТДУ 347.42

ТАРЗҲОИ ТАЪМИНИ ИҶРОИ УҲДАДОРИҲО ТИБҚИ ҚОНУНГУЗОРИИ МАДАНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

СПОСОБЫ ОБЕСПЕЧЕНИЯ ИСПОЛНЕНИЯ ОБЯЗАТЕЛЬСТВ В СООТВЕТСТВИИ С ГРАЖДАНСКИМ ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВОМ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

ЭМОМАЛИЗОДА НАВРУЗ ЭМОМАЛӢ
Судяи Суди иқтисодии вилояти Суғд, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ / Судья Экономического суда Согдийской области, кандидат юридических наук

Дар қисми 1 моддаи 351 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – КМ ҶТ) муқаррар шудааст, мувофиқи уҳдадорӣ як шахс (қарздор) бояд ба манфиати шахси дигар (кредитор) амали муайянеро анҷом диҳад, чунончи молу мулкро диҳад, корро иҷро кунад, хизмат расонад, пул супорад ва ғайра, ё аз иҷрои ягон амал худдорӣ намояд ва кредитор бошад, ҳуқуқ дорад аз қарздор иҷрои уҳдадориҳояшро талаб намояд[1]. Аз моҳияти меъёри мазкур иҷрои уҳдадорӣ ин аз ҷониби қарздор ба фоидаи шахси дигар анҷом додани амали муайян ё худдорӣ намудан аз амалҳои дахлдор тибқи шартҳои уҳдадорӣ, талаботи қонун, дигар санади ҳуқуқӣ фаҳмида мешавад.

Профессор Раҳимзода М.З. қайд менамояд, ки мафҳуми «уҳдадорӣ» набояд танҳо бо мазмуни «уҳдадории қарздор» баҳо дода шавад, чунки уҳдадорӣ ин маҷмуи «уҳдадорӣ ва соҳибҳуқуқии шахс» низ ба шумор меравад[2]. Яъне, дар уҳдадорӣ қарздор ва кредитор дорои ҳуқуқ ва уҳдадориҳои муайян буда, мақсади он аз расидан ба натиҷаи дахлдор иборат мебошад.

Дар маҷмуъ, моҳияти иҷрои уҳдадориро ин анҷом додани маҷмуи амалҳои аз ҷониби иштирокчиёни уҳдадории дахлдор ташкил медиҳанд, ки онҳоро аз рӯйи қоидаи умумӣ қарздор бояд ба таври дахлдор иҷро намояд. Вайрон намудани уҳдадорӣ аз ҷониби қарздор ҳамчун ҳуқуқвайронкунии гражданӣ дониста шуда, мувофиқан нисбат ба қарздор ҷавобгариҳои маданӣ-ҳуқуқӣ татбиқ мегардад. Новобаста ба чунин ҳолати таъмини ҳуқуқҳои кредитор, ҳуқуқи гражданӣ як қатор тарзҳоеро пешбинӣ менамояд, ки ҷиҳати ҳавасмандии қарздор бобати иҷрои саривақтии уҳдадориҳо равона карда шудаанд. Чунин тарзҳо дар маҷмуъ дар ҳуқуқи маданӣ тарзҳои таъмини иҷрои уҳдадориро ташкил медиҳанд[3].

Ба ҳайси тарзҳои таъмини иҷрои уҳдадорӣ мувофиқи талаботи қ. 1 м. 380 КМ ҶТ, иҷрои уҳдадорӣ метавонад ба воситаи ноустуворона, гарав, нигоҳ доштани ашёи қарздор, замонат, кафолат, байъона ва дигар тарзҳои пешбининамудаи қонун ё шартнома таъмин карда шавад. Яъне, ин номгӯи васеъ мебошад, иҷрои уҳдадориҳо метавонад инчунин бо тарзҳои дигари дар қонун ё шартнома пешбинишуда таъмин карда шавад.

Ба КМ ҶТ дохил намудани боби марбутаро метавон муносибати анъанавӣ ҳисоб кард. Зеро он ба мо аз Кодекси граждании соли 1999 боби 22 «Таъмини иҷрои уҳдадорӣ»[4] ва Кодекси

[1] Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон (Қисми якум) аз 24-уми декабри соли 2022, № 1918 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат 11.05.2024).

[2] Рахимов, М.З. Избранные труды. Конечный результат предпринимательской деятельности: теория и правовое регулирование / М.З. Рахимов. – Душанбе: «Бухоро», 2014. – С. 33.

[3] Бобохонов, Х.З., Сайфиддинова, М.А., Сидиков, Д.А., Сулаймонов, Ф.С. Гражданское право Республики Таджикистан: учебное пособие // Х.З. Бобохонов / Под общ. ред. канд. юрид. наук, доцента Сулаймонова Ф.С. – Душанбе: «ЭР-граф», 2020. – С. 163.

[4] Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми якум) аз 30-юми июни с. 1999, № 802 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.- 1999. № 6. м. 153; 2001. № 7. м. 508; 2002. № 4. Ч. 1. м. 170; 2005. № 3. м. 125; 2006. № 4.м. 193;

граждании соли 1963-и ҶШС Тоҷикистон боби «Таъмини иҷрои уҳдадориҳо» (боби 18, фасли 3 «Ҳуқуқи уҳдадорӣ») омадааст. Дар қонунгузории замони Шуравӣ ба ҳайси тарзҳои таъмин ноустуворона, гарав, кафолат ва байъона (моддаи 204) номбар шуда буданд. Кодекси маданӣ бошад, аз Кодекси граждании қаблӣ ва ИҶШС гирифта шуда, сарчашмаи чунин муқарраротҳо Маҷмӯи қонунҳои Империяи Россия (китоби чаҳорум, ҷилди 10 «Оид ба уҳдадориҳо тибқи шартномаҳо») фасл «Оид ба таъмини шартномаҳо ва умуман уҳдадориҳо» мебошад. Тибқи муқаррароти моддаи 1554-и он: «шартномаҳо ва уҳдадориҳо тибқи розигии тарафайн тавассути 1) замонат; 2) шартҳои ноустуворона; 3) гарави амволи ғайриманқул; 4) гарави амволи манқул метавонанд устувор ва таъминшаванда бошанд», мебошад[1]. Айни замон тарзҳои таъмини иҷрои уҳдадорӣ дар боби 28 моддаҳои 380-439-и Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда шудаанд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки дар кодексҳои граждании аксари мамлакатҳои аврупоӣ (масалан, Олмон, Швейтсария, Италия, Нидерланд) мо фаслеро дида наметавонем, ки дар он қоидаҳо оид ба сохторҳои алоҳидаи муттаҳидкунандаи қонунгузории кишварамон зери номгӯи «Таъмини иҷрои уҳдадориҳо» баён шуда бошад. Дар кодексҳои ин давлатҳо чунин меъёрҳо дар бобҳои гуногун дарҷ гардидаанд. Ҳамин тавр, гарав одатан дар доираи ҳуқуқи ашё (§ 1113-1191 Уложенияи граждании Олмон; моддаи 793-915 Кодекси граждании Швейтсария; моддаи 227-275-и китоби 3 Кодекси граждании Нидерландия), замонат бошад дар байни шаклҳои алоҳидаи уҳдадориҳо (§ 765-778 Уложенияи граждании Олмон); моддаи 492-512 Кодекси уҳдадориҳои Швейтсария (китоби 5 Кодекси граждании; моддаҳои 1936-1957 Кодекси граждании Италия; моддаҳои 850-870 китоби 7 Кодекси граждании Нидерландия) баррасӣ карда мешаванд[2]. Оид ба таъмини иҷрои уҳдадориҳо дар Кодекси граждании соли 1922-и ҶШСФР низ боби алоҳида набуд. Вале дар Кодекси граждании Федератсияи Русия фасли 3, боби 23 таъмини уҳдадориҳои боби алоҳида мавҷуд буда, параграфи 5, моддаҳои 361-367-и он ба замонат бахшида шудааст.

Масалан, дар китоби якуми Уложенияи граждании Олмон («Қисми умумӣ») боби 7 «Пешниҳоди таъмин» вуҷуд дорад. Аз байни чунин тарзҳо моддаи 232 чунин муқаррар мекунад: ба депозит ворид намудани пул ё коғази қиматнок; ба гарав гузоштани талаботи дар Китоби қарзҳои Федератсия ё Китоби қарзҳои замин дарҷгардида; ба гарав гузоштани амволи манқул; муайян намудани ипотека ба суд ё суди бунёдшаванда**,** ки дар номгӯи (реестр) судии Олмон ба қайд гирифта шудааст ё Регистри судҳои бунёдшаванда; муқаррар намудани ипотека ба замини наздиҳавлигии дар ҳудуди мамлакат қарордошта[3]; ба гарав гузоштани талаботи замини наздиҳавлигии тавассути ипотека таъминбудаи дар ҳудуди мамлакат қарордошта ё қарзҳои иҷоравии (рентавии) замини наздиҳавлигӣ ҳосилдиҳанда, ки дар ҳудуди мамлакат қарор доранд[4].

Бинобар ин, дар меъёри додашудаи Уложенияи граждании Олмон қайд карда мешавад, ки агар таъмин бо яке аз тарзҳои дар боло номбаршуда пешниҳод нагардад, он гоҳ додани зомини муносиб иҷозат дода мешавад.

Дар адабиёт оид ба ҳуқуқи олмонӣ ба қатори тарзҳои таъмин инчунин ҳуқуқи нигоҳ доштан, ҳуқуқи инкор кардани иҷро дар ҳолати аз тарафи дигар иҷро нашудани шартнома, ноустуворона оид ба шартнома, сабти пешакӣ, эътирози ба китоби замин дохилкунанда, эътирофи қарзи мавҷуда, вексели кафолатӣ ва воситаҳои дигарро мансуб медонанд[5].

Тарзҳои таъмин дар ҳуқуқи муосири Фаронса аз рӯйи категорияҳои махсус инъикос ёфтаанд. Ин ҳолат бо он алоқаманд аст, ки соли 2006 ба Кодекси граждании Фаронса китоби нави чаҳорум «Оид ба таъминот» дохил карда шуд. Таҷрибаи мазкур диққатҷалбкунанда мебошад, зеро дар ин ҷо меъёрҳо оид ба таъмин дар қисми алоҳидаи Кодекси граждании Фаронса дар радифи чунин бобҳои анъанавии аз ҳамаи кодексозии ҳуқуқи гражданӣ, ба монанди «Дар

2007. № 5. м. 356; 2010. № 3. М. 156. № 12. ч. 1. м. 802; 2012. №7. м. 700; № 12. қ. 1. м. 1021; 2013. № 7. м. 504; 2015. №. 3. м. 200; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23.07. 2016. № 1334

[1] Гринь, О.С. Поручительство в механизме обеспечения исполнения обязательств: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.03 / О.С. Гринь. – М., 2012. – С. 86.

[2] Кодекси граждании Швейтсария. Аз сомонаи расмии ҳокимияти федералии Конфедератсияи Швейтсария // [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: http //www. admin. ch (таърихи мурочиат: 20.05.2025).

[3] Гражданское уложение Германии // [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: http://oceanlaw.ru/wp-content/uploads/2018/02/1900- -1.pdf

[4] Василевская, Л.Ю. Учение о вещных сделках по германскому праву. – М., 2004. – С. 436-535.

[5] Вебер, Х. Обеспечение обязательств (Kreditsicherungsrecht) / Пер. с нем. Ю.М. Алексеева, О.М. Иванова. – М.: Волтерс Клувер, 2009. – С. 5-6.

бораи шахсон», «Дар бораи амвол ва шаклдигаркуниҳои гуногуни моликият», «Дар бораи воситаҳои гуногуне, ки тавассути онҳо моликият ба даст оварда мешавад» ҷудо карда шудаанд. Пеш аз ҳама, ба китоби чаҳорум меъёрҳо оид ба чораҳои таъминӣ аз китобҳои дигари кодекс кӯчонида шудаанд. Масалан, қоидаи институти замонат тағйир наёфтааст, дар боби нав танҳо рақами тартибии моддаҳо дучори тағйирот шудаанд (моддаҳои 2288-2320 собиқ моддаҳои 2011-2043 мебошанд). Дар мавриди баъзе тарзҳои нави таъмин дар ҳуқуқи фаронсавӣ (масалан, кафолати мустақил, мактуби кафолатӣ) ҳаминро гуфтан зарур аст, ки чунин меъёрҳо бори аввал пешбинӣ шуданд. Китоби мазкур ба ду фасл (унвон) тақсим мешавад.

Фасли якум ба таъмини шахсӣ бахшида шудааст ва дар он бобҳо оид ба замонат, кафолати мустақил (м. 2321), мактуби кафолатӣ (м. 2322) дарҷ гардидаанд. Дар фасли дуюм меъёрҳо оид ба таъмини амволӣ дохил карда шудаанд. Аз ин рӯ, он ба якчанд зерфасл тақсим карда шудааст, ки дар байни онҳо меъёрҳо оид ба ҳуқуқҳои таъминӣ ба амволи манқул (моддаҳои 2330-2332), гарав (моддаҳои 2333-2366), нигоҳдории таъминии фасл (моддаҳои 2367-2372) ва ба амволи ғайриманқул (моддаҳои 2374-2386), антикрез (гараве, ки ҳосили онро кредитор истифода бурда, аз ҳисоби қарз ҳосили гирифтаро ҳисобӣ мекард ё не мутобиқи шартнома ҳал мешуд) – гарави амволи ғайриманқул (моддаҳои 2387-2392), ипотека (моддаҳои 2393-2425)) ҷудо карда шудаанд[1].

Дар низоми ҳуқуқии мамлакатҳои англо-амрикоӣ низ баъзе меъёрҳои умумӣ оид ба таъминот дида мешаванд. Ҳамин тавр, дар Кодекси ягонаи савдоии ИМА, ки дар иёлотҳои Амрико бо тағйироти мухталиф ба ҳайси қонунҳои иёлоти дахлдор қабул карда шудаанд фасли 9 «Таъминоти аҳдҳо» дохил карда шудааст. Дар ин ҷо категорияи «манфиати таъминотӣ» мавриди истифода қарор мегирад, ки зери он ҳуқуқ ба амвол, чун таъминот хизмат мекунад, фаҳмида мешавад[2]. «Манфиати таъминотӣ маънои манфиат ба амволи манқул ё лавозимотеро ифода мекунад, ки пардохт ё иҷрои уҳдадориҳоро таъмин мекунад» (қисми 35, моддаи 1-201)[3].

Дар қонунгузории Федератсияи Россия низ таъмини иҷрои уҳдадорҳо ба монанди Кодекси мадании кишвари мо муқаррар карда шудааст. Дар он номгӯи номаҳдуди тарзҳои таъминро муқаррар кардааст, бинобар ин дар адабиёт ба сифати онҳо сохторҳои ҳуқуқии гуногуншакл муайян карда шудааст.

Бо мақсади то ҳадди муайян кам кардани хатари иҷрои уҳдадорӣ, тарзҳои махсуси таъмини иҷрои уҳдадорӣ таҳия карда шудаанд. Таъмини иҷрои уҳдадорӣ ҳамчун институти ҳуқуқи граждани аз замонҳои қадим амал карда, бо баъзе тағйирот то ба ҳол мавриди истифода қарор дорад.

Тарзҳои таъмини иҷрои уҳдадорӣ гуфта чораҳои характери молумулкӣ доштаеро меноманд, ки барои иҷрои уҳдадорӣ ё ба таври дахлдор иҷро шудани он мусоидат мекунанд[4]. Ба таври дигар, тарзҳои таъмини иҷрои уҳдадориҳо ин чораҳои таъсиррасонии иловагӣ ба қарздор мебошанд, ки бо қонун ё шартнома пешбинӣ шудаанд[5]. Истифодаи чунин чораҳо барои қонеъ гардонидани манфиатҳои кредитор равона шуда, кафолати муҳими пешгирии иҷро нашудан ё ба таври дахлдор иҷро нашудани уҳдадориҳо мебошанд.

Профессор Усмонов О.У. дуруст қайд намудааст, ки «Тарзҳои таъмини иҷрои уҳдадорӣ барои манфиати кредитор муайян карда шудаанд. Агарчи на ҳамаи усулҳои таъмини иҷрои уҳдадорӣ характери муҷозотӣ дошта бошанд ҳам, аммо онҳо бевосита ё бавосита барои қарздор вазни иловагӣ мебошанд»[6]. Моҳияти институти мазкур ин кафолат додани иҷрои уҳдадориҳо ва устувор гардонидани мавқеи кредитор дар муносибатҳои ҳуқуқи уҳдадорӣ буда,

---

[1] Гражданский кодекс Франции (Кодекс Наполеона) = Code civil des Français (Code Napoléon) / Перевод с французского В.Н. Захватаева // [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: http://infotropic.ru/grazhdanskij-kodeks-frantsii/

[2] Гражданское и торговое право зарубежных государств: учебник /отв. ред. Е.А. Васильев. А.С. Комаров. – М., 2008. – С. 478.

[3] Кодекси ягонаи савдоии ИМА // [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: https://miripravo.ru/lexmercatoria/sale/uniform-commercial-code.htm Downloads/edinoobraznyi_torgovyi_kodeks.pdf

[4] Узайдуллоев, Н., Амонов, А., Солиев, И. Аҳдҳо ва шартномаҳо (дар тафсир ва эзоҳот) / Н. Узайдуллоев, А. Амонов, И.Солиев // – Душанбе: «Сурушан», 2003. – С. 74.

[5] Қурбонов, Қ.Ш., Ғаффорзода, И.Ғ. Ҳуқуқи граждани. Қисми 1: китоби дарсӣ. – Душанбе: "Донишварон", 2017. – С. 476.

[6] Ҳуқуқи граждани. Қисми 1: **к**итоби дарсӣ / О.У. Усмонов // Муҳаррири масъул: узви вобастаи АИ ҶТ, доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор О.У. Усмонов. – Душанбе: «Эр-граф», 2001. – С. 373; Ҳуқуқи граждани. Қисми 1 / О.У. Усмонов / Муҳаррири масъул: узви вобастаи АИ ҶТ, доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор, ҳуқуқшиноси шоистаи ҶТ М.А. Маҳмудов. – Душанбе: «Эр-граф», 2007. – С. 398.

барои ба кредитор таъмин намудани ҳуқуқҳои иловагӣ, ки ӯ дар мавриди аз ҷониби қарздор иҷро накардани уҳдадориҳояш тавонад аз он бо роҳи фурӯши амволи гарав, ҷалби зомин ва кафил истифода барад, то ҳол амал мекунад.

Амали намудани ҳуқуқи таъминии кредитор бо роҳҳои зерин сурат мегирад: а) ба зиммаи қарздор вогузор намудани чораҳои иловагии амволӣ дар намуди ноустуворона ва ё байъона; б) ҷалб намудани шахсони сеюм ба ҷойи қарздор барои иҷрои уҳдадорӣ ва ё нисбат ба онҳо татбиқ намудани ҷавобгарӣ (замонат ва кафолат); в) пешакӣ ҷудо намудани амвол барои имконияти маҷбуран қонеъ намудани талаботи кредитор (гарав)[1].

Тавре муайян карда шуд, номгӯи тарзҳои таъминӣ васеъ мебошад ва иҷрои уҳдадориҳо метавонанд инчунин бо тарзҳои дигари дар қонун ё шартнома пешбинишуда таъмин карда шавад.

Вобаста ба ин, устод Витрянский В.В. ба меъёри муқарраркунандаи тарзҳои иловагии таъмини иҷрои уҳдадориҳо ҳолатҳои зеринро мансуб медонад, ки дар қонунгузории граждании мо низ ҳолатҳои мазкур ҷой доранд, ба монанди «оид ба масъулияти субсидиарии иштирокчиёни ширкати комил, инчунин ширкати ба боварӣ асосёфта тибқи уҳдадориҳои шарикӣ; моликият тибқи уҳдадориҳои муассиса; дар бораи ҳуқуқи кредитори аҳдро иҷронамуда, дар ҳолати саркашии тарафи дигар аз тасдиқи нотариалии талаби эътирофи ҳаққонияти он; дар бораи ҳуқуқи кредитори ҷиҳати талаби бақайдгирии аҳд дар ҳолати саркашии тарафи дигар; дар бораи ҷавобгарие, ки дар баробари қарздор шахси сеюм, ки ба ӯ иҷрои уҳдадориҳо вогузор шудааст бар дӯш дорад, масалан меъёри Кодекси гражданӣ, ки тибқи он дар ҳолатҳое ки агар иҷро накардан ё иҷрои номатлуби супоришнома бинобар вайронкунии қоидаҳои анҷом додани амалиёти ҳисоббаробаркунӣ аз ҷониби бонки барои иҷрои супоришномаи пардозанда ҷалбгардида рух дода бошад, мутобиқи қисми 1 ҳамин модда суд метавонад масъулиятро ба зиммаи ҳамин бонк гузорад»[2].

Белов В.А. бошад, аз ҷумла, дар боби 23 Кодекси граждании Федератсияи Россия (Таъмини иҷрои уҳдадорӣ) номбарнашуда, аммо бевосита дар қонунгузорӣ пешбинишудаҳоро аз қабили авали (кафолати пардохт) чекӣ ва векселӣ, индоссамент, аксепт ба тартиби миёнарав, се намуди махсуси гарав (дар ҳолати муқарраркунии муносибатҳои таъминӣ оид ба нигоҳдории мол зери шаҳодатномаи анбории дучанда ё оддӣ, ки аз тариқи уҳдадории вомбаргии амонатӣ ё гаравӣ ба расмиёт оварда мешавад), замонат зери уҳдадории вомбаргӣ, маблағгузорӣ зери гузашти талаботи пулӣ, кафолати давлатӣ ва мунисипиалиро ба тарзҳои таъмин мансуб медонад[3].

Олим Сарбаш С.В. ба сифати наздиктарин монандиҳои институтҳои ҳуқуқии хориҷӣ сохтори кафолатии (таъминии) интиқоли ҳуқуқи моликият[4] ва нигоҳдории титули моликиятро дар қонунгузории россиявӣ аҳди зери шартҳои таъхиршуда ва шартномаҳои пешакӣ меномад[5]. Ба ҳайси мисол метавон фурӯши шартиро оварда[6]. Вале, асоси ин воситаҳои кафолатро метавон боз дар институтҳои ҳуқуқи римӣ ба монанди фидутсия (гарави фидутсиарӣ)[7] ва комиссория пайдо намуд. Инчунин, Латинсев А.В. дар асоси гурӯҳбандии тарзҳои таъмин эҳтимолияти пайдо шудани чунин конструксияҳоро аз қабили «аккредитиви амволӣ, гардиш байъона, кафолати ашёӣ, фидутсияи молҳо дар муомилот»-ро пешгӯӣ мекунад[8]. Б.М. Гонгало дар байни тарзҳои номбарнашудаи таъмин мавҷудияти «ноустуворонаи молӣ»-ро қайд мекунад[9].

---

[1] Ҳуқуқи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми 1: китоби дарсӣ / Ф.С. Сулаймонов, П. Мирзоев. Муҳаррирони масъул: д.и.ҳ., профессор, Ғаюров Ш.К. ва н.и.ҳ., дотсент Сулаймонов Ф.С. – Душанбе: «Эр-граф», 2013. – С. 287.

[2] Брагинский, М.И., Витрянский, В.В. Договорное право. Книга первая: Общие положения. – М.: Статут, 2005. – С. 481.

[3] Белов, В.А. Гражданско-правовые формы отношений, направленных на обеспечение исполнения обязательств / В.А. Белов // Меры обеспечения и меры ответственности в гражданском праве: сборник статей. – М.: Статут, 2010. – С. 177.

[4] Сарбаш, С.В. Обеспечительная передача правового титула / С.В. Сарбаш // Вестник гражданского права. – 2008. – № 1. – С. 7.

[5] Суханов, Е.А. Российское гражданское право: учебник: В 2 т. Т. 11 / Е.А. Суханов / Отв. ред. Е.А. Суханов. – М.: Статут, 2010. – С. 86-87.

[6] Гонгало, Б.М. Учение об обеспечении обязательств. – М.: Статут, 2004. – С. 50-52.

[7] Римское частное право: учебник / И.Б. Новицкого / Под ред. И.Б. Новицкого, И.С. Перетерского. – М.: Юризд. Министерства юстиции СССР, 1948. – С. 357-358.

[8] Латынцев, А.В. Система способов обеспечения исполнения договорных обязательств: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.03 / А.В. Латынцев. – М., 2002. – С. 11.

[9] Гонгало, Б.М. Асари зикршуда. – С. 48-49.

Ба тарзҳои иловагии таъмин, ки метавонанд дар шартнома муайян карда шаванд, инчунин аз тарафи қарздор ворид намудани маблағи муайян ба депозити шахси сеюм, шартҳои аз тарафи соҳибмулк вогузор кардани таваккали нобудшавии ё вайроншавии тасодуфии амвол ба контрагент, шартҳои ҳисоб кардани фоиз ба маблағи пардохти пешакӣ аз рӯзи қабули ин маблағ аз харидор то интиқоли воқеии мол ва ғайраҳоро мансуб медонанд[1] [3,481-483].

Бо назардошти гуногунрангии сохторҳое ҳуқуқие ки ба сифати тарзҳои таъмини иҷрои уҳдадориҳо муайян карда мешаванд, ба андешаи мо, эроди Гонгало Б.М. комилан асоснок мебошад, ки чунин мегӯяд: «Ба ҳайси тарзҳои таъмини уҳдадориҳо дилхоҳ воситаи ҳуқуқӣ эътироф карда мешавад, ки ба ин ё он дараҷа барои ҳифзи ҳуқуқҳо мусоидат карда, ҳуқуқҳо ва манфиатҳои қонун ҳифзкунандаро таъмин менамояд ва як шахсро дар муқоиса бо ҳолати иштирокчии дигари муносибатҳои ҳуқуқӣ дар вазъияти нисбатан муфид ва ғайраҳо қарор медиҳад[2]. Амалан иваз кардани мафҳум мегузарад: тарзҳои таъмини уҳдадориҳо воситаҳои ҳуқуқие эълон карда мешаванд, ки мутобиқати рафтори иштирокчиёнро бо ҳуқуқҳо ва уҳдадориҳо дар раванди ҳар як муносибати ҳуқуқӣ (на танҳо уҳдадорӣ) таъмин карда ё дигар воситаҳое мебошанд, ки ба ин ё он дараҷа ҳуқуқҳои яке аз иштирокчиёни робитаи ҳуқуқиро кафолат медиҳанд.

Сабаби чунин тамоюл дар он ифода меёбад, ки дар илми ҳуқуқи маданӣ аксар масъалаҳои таълимоти умумӣ оид ба таъминот ҳаллу фасл нашудаанд ва ҳамон тавре ки Рассказова Н.Ю. қайд мекунад ҳарчанд, ки эҳтиёҷи зиёд ба ин амал вуҷуд дорад[3]. Дар чунин шароит ҳар як муҳаққиқ ба мафҳуми тарзи таъмини иҷрои уҳдадориҳо мазмуни худро ворид месозад. Бо вуҷуди ин, баъзе масъалаҳои умуминазариявии таъмини уҳдадориҳо дар адабиёти ҳуқуқӣ таҳқиқ шудаанд.

Пеш аз ҳама зарур аст, ки шартӣ будани истилоҳи «таъмини иҷрои уҳдадориҳо», ки Гонгало Б.М. қайд намудааст ба назар гирифта шавад, чунки як қатор чораҳо, ҳатто тибқи қонун ба сифати чунин номбаршудаҳо, аз ҷумла, замонат ва кафолати бонкӣ ба иҷрои уҳдадориҳои асосӣ муносибате надошта, барои ҳимояи манфиати амволии қарздиҳанда дар ҳолати иҷро накардани қарздор пешбинӣ шудаанд. Бинобар ин, тавре ки олим қайд мекунад, истифодаи истилоҳи «таъмини уҳдадориҳо» ҳамон тавр, ки ҳуқуқшиносони то инқилобӣ истифода менамуданд нисбатан дуруст мебошад[4].

Мейер Д.И. низ ҳангоми таърифи тарзҳои таъмини шартномаҳо гуфта буд, ки ҳуқуқи уҳдадорӣ дар муқоиса бо ҳуқуқҳои ашёӣ аз рӯйи устуворӣ фарқ намекунанд, чунки шартнома ҳуқуқи шахсро ба амали бегона муқаррар мекунад ва иҷрои чунин амал аз иродаи шахси уҳдадоршуда вобаста мебошад. Бинобар ин, «мавҷудияти ҳуқуқӣ барои ба ҳуқуқи уҳдадорӣ расонидани он устуворие, ки ба он аз рӯи мавҷудият намерасад, усулҳои сунъӣ эҷод мекунад»[5]. Дар адабиёт, чун қоида, тарзҳои таъмини уҳдадориҳо чун навъи фаръии категорияи нисбатан умумӣ - чораҳои таъминӣ баррасӣ карда мешаванд. Аз байни онҳо чораҳои умумие ҷудо карда мешаванд, ки дар ҳама ҳолат, ғайр аз онҳое ки қонун, шартнома ё худи хосияти муносибатҳои муқарраршуда (водоркунӣ ба иҷрои уҳдадориҳо дар шакли асл, вогузор кардани уҳдадорӣ барои ҷуброни зарарҳои дар натиҷаи вайронкории он бавуҷудомада)[6] истисно кардаанд, инчунин чораҳои махсус ва иловагӣ на барои ҳама, балки танҳо нисбат ба ҳамон уҳдадориҳое, ки барои онҳо тибқи қонун ё созишномаи тарафайн махсусан муайян шудаанд, қобили қабул мебошанд[7]. Охиринҳо бошанд мафҳуми тарзҳои таъмини уҳдадориҳоро ташкил медиҳанд[8]. Аммо, чунин фаҳмиш моҳияти ин ҳодисаро ошкор намекунад, чунки аломатҳои онро ифшо намесозад.

---

[1] Брагинский, М.И., Витрянский, В.В. Договорное право. Книга первая: Общие положения. – М.: Статут, 2005. – С. 481-483.
[2] Гонгало, Б.М. Асари зикршуда. – С. 30.
[3] Рассказова, Н.Ю. Вопросы общей теории обеспечительных обязательств / Н.Ю. Рассказова // Правоведение. – 2004. – № 4. – С. 41-42.
[4] Гонгало, Б.М. Асари зикршуда. – С. 9-10.
[5] Мейер, Д.И. Русское гражданское право: чтения, изданные по запискам слушателей / Д.И. Мейер / Под ред. А. И. Вицина. 3-е изд. – СПб.: Типография Николая Тиблена, 1864. – С. 471.
[6] Гражданское право: учеб.: в 3 т. Т.1. / Т.В. Богачева. Отв. ред. В.П. Мозолин. – М.: Проспект, 2012. – С. 685.
[7] Иоффе, О.С. Обязательственное право. – М.: Юридическая литература, 1975. – С. 155-156.
[8] Гонгало, Б.М. Асари зикршуда. – С. 15-24.

Мушкилоти асосии аломатҳои тарзҳои таъмини уҳдадорӣ дар ба вуҷуд овардани таълимоти умумӣ дар бораи онҳо мебошад. Ҳамин тавр, Гонгало Б.М. аломатҳои зеринро ҷудо намудааст: «истифодаи тарзи таъмини уҳдадорӣ:

а) боиси пайдо шудани уҳдадории аксессорӣ мегардад;

б) эҳтимолияти саршавии оқибатҳои амволиро пешбинӣ мекунад;

в) оқибатҳои амволӣ метавонанд танҳо дар ҳолати аз тарафи қарздор вайрон кардани уҳдадории асосӣ ба вуҷуд оянд;

г) то вайронкунӣ тарзи таъмини уҳдадорӣ худро ё тариқи ҳавасмандкунии қарздор нисбат ба иҷро, ё тавассути бозоринок кардани қарздиҳанда ба он, ки вайронкунии уҳдадорӣ боиси кам шудани соҳаи амволии ӯ намегардад, таҷассум менамояд»[1].

Дар асоси ин, олим муайянкунии тарзҳои таъмини уҳдадориҳоро ҳамчун чорабиниҳои таъминии хосияти амволидоштаи муқарраркардаи қонун ё шартнома, ки дар шакли уҳдадориҳои аксессории ҳавасмандкунандаи қарздор барои иҷрои уҳдадориҳо ва (ё) ба тарзи дигар кафолатдиҳандаи ҳифзи манфиати амволии қарздиҳанда дар ҳолати иҷро накардани қарздор мавҷуд мебошанд, арзёбӣ мекунад[2].

Ҳамин тавр, муаллиф ақидаи худро пеш аз ҳама ба муносибати функционалӣ асоснок мекунад, ки «…он ҳолате, ки ин чорабиниҳо мақсади бевоситаи таъмини уҳдадориҳоро доранд, имконият медиҳанд, онҳоро аз байни дигар тарзҳои таъминкунандаи ҳуқуқи воқеӣ, иҷрои уҳдадориҳо, ҳифзи манфиатҳои шахси комилҳуқуқ ва ғайраҳо ҷудо намоянд. Охирин барои иҷрои уҳдадориҳо мусоидат карда, метавонад иҷрои онҳоро таъмин намояд. Аммо, самти функционалии онҳо метавонад дигар бошад»[3].

Ақида ва тафсирҳои дигари тарзҳои таъмини иҷрои уҳдадорӣ ба тавсифоти дигари онҳо нақши ҳалкунанда медиҳад. Пас тарзҳои баррасишаванда метавонанд аз тариқи категорияи ҳуқуқи субъективии махсус муайян карда шаванд. Масалан, Вебер Х. предмети таҳқиқоти худро ҳамчун «чунин конструксияҳои шартномавӣ, вақте ки таъмини талаботи кредитор нисбат ба қарздор дар шакли баъзе ҳуқуқҳо (Sicherrungsrecht)[4], ки кредитор метавонад дар ҳолати иҷро нашудани талаботи худ амалӣ созад ва таъминро ҳамчун ҳуқуқи аз шартномаи уҳдадорӣ ё ашёӣ пайдошаванда муайян мекунад, ки кредитор метавонад дар ҳолате, агар таъминот тавассути ин ҳуқуқи талабот нисбат ба қарздор ё шахси сеюм иҷронашаванда гардад ё дар ҳаҷми пурра иҷро нашавад амалӣ созад, муайян мекунад[5].

Инчунин, Латинсев А.В. зери мафҳуми таъмини иҷрои уҳдадориҳои шартномавӣ «механизми махсуси ҳуқуқии ба ҳимояи манфиати қарздиҳанда (тарафи таъминшуда) равонашударо аз вайрон намудани уҳдадориҳои таъминӣ аз тарафи қарздорро мефаҳмад, ки моҳияти он аз тарафи таъминкунанда ё шахсони ваколатдори он ғайр аз ҳуқуқҳои асосӣ оид ба уҳдадориҳои таъминӣ дар тақсим намудани ҳуқуқҳои иловагӣ[6] ифода меёбад, ки ӯ ва ё ваколатдори ӯ метавонанд дар ҳолати аз тарафи қарздор вайрон кардани уҳдадории таъминшуда ё дар ҳолатҳои дигари дар қонун ё шартнома нишондодашуда истифода намоянд[7].

Камбудии асосии ин тасдиқҳои моҳиятан дуруст аз он иборат аст, ки барои таъминро аз санксия ҷудо намудан имконият намедиҳанд[8]. Ғайр аз ин, дар мафҳуми таъмини иҷрои уҳдадориҳо метавон ба чунин аломат, ба монанди бунёди манбаи иловагии иҷрои уҳдадорӣ, як навъ «эҳтиётӣ»-и иҷро диққат дод. Ҳамин тавр, Рассказова Н.Ю. уҳдадории таъминотиро ҳамчун чораи граждани – ҳуқуқии хосияти амволидоштаи барои қарздиҳанда дар уҳдадории асосӣ манбаи иловагӣ – берунии иҷро нисбат ба ин уҳдадорӣ ташкилкунанда муайян мекунад[9].

Зимнан, муаллиф ду хусусияти таъминот – воқеӣ ва ҳуқуқиро ҷудо мекунад. Хусусияти воқеӣ бунёди ин манбаи иловагиро ифода мекунад. Агар танҳо бо ин маҳдуд шавем, он гоҳ ба қатори таъминот, масалан, шарт оид ба ҳуқуқи қарздиҳанда дар мавриди интихоби предмети иҷро дар уҳдадории алтернативӣ беасос дохил мешавад. Хусусияти ҳуқуқӣ аз он иборат аст, ки

[1] Гонгало, Б.М. Асари зикршуда. – С. 36-39.
[2] Гонгало, Б.М. Асари зикршуда. – С. 40.
[3] Гонгало, Б.М. Асари зикршуда. – С. 35.
[4] Гринь, О.С. Асари зикршуда. – С. 95.
[5] Вебер, Х. Асари зикршуда. – С. 8.
[6] Гринь, О.С. Асари зикршуда. – С. 96.
[7] Латынцев, А.В. Асари зикршуда. – С. 7.
[8] Рассказова, Н.Ю. Асари зикршуда. – С. 43.
[9] Рассказова, Н.Ю. Асари зикршуда. – С. 58.

«таъминот бо уҳдадории асосӣ якҷоя нашуда, нисбат ба он берунӣ боқӣ мемонад»[1]. Ин маънои онро дорад, ки ба қатори таъминот наметавон шартҳои иҷрои уҳдадориҳоро (масалан, оид ба қайд, шакли аккредитивии ҳисобот) мансуб кард ва аз он далел вобастагӣ дорад, ки уҳдадории таъминӣ ва асосӣ аз асосҳои гуногун пайдо мешаванд. Чунин муносибатро Тариканов Д.В. низ дастгирӣ карда қайд мекунад, ки ба ҳайси тарзҳои таъмини иҷрои уҳдадориҳо дар маънои аслӣ метавон танҳо «нигаҳдории махсуси дороиҳои муайянро, ки ба онҳо талаботи қарздиҳанда дар ҳолати вайронкунии уҳдадориҳо таваҷҷуҳ мегардад, эътироф кард».

Бешубҳа, ҳангоми чунин фаҳмиш наметавон байъона ва ноустуворонаро ба қатори тарзҳои таъминот дохил намуд, чунки ҳангоми истифодаи ин конструксияҳо «нигоҳдории берунӣ»-и иҷро бунёд карда намешавад. Ғайр аз ин таҳқиқотҳо, ҷустуҷӯйи хосияти умумии ҳуқуқӣ барои ҳамаи тарзҳои таъминот, ки барои дар як ниҳоди ҳуқуқӣ муттаҳид намудани онҳо мусоидат мекунад, мантиқан дуруст мебошад.

Асосан ба ҳайси чунин хусусият баррасӣ намудани акссесорнокӣ, нисбат ба замонат мувофиқ мебошад. Вале, ихтилофоти чашмрас дар ин ҳолат нисбат ба кафолати бонкӣ ошкор мегардад, ки онро қонунгузор ба ҳайси тарзи таъмин номбар карда, уҳдадории ғайриакссесорӣ меҳисобад (м. 425 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон). Ин ихтилофот дар адабиёт бо ду роҳ ҳаллу фасл карда мешавад: ё кафолати бонкӣ аз тарзи таъмин хориҷ карда мешавад[2] ё ба мафҳуми акссесорнокӣ тафсири ниҳоят васеъ дода мешавад, то ки имкон диҳад кафолати бонкӣ уҳдадории акссесорӣ ҳисобида шавад[3].

Ба андешаи мо, ҳеҷ яке аз ин вариантҳо қобили қабул нестанд. Аввалан, хориҷ кардани хусусияти ғайриакссесорӣ аз қатори тарзҳои таъмин ҳам ба ҳақиқати қонунгузории амалкунанда ва ҳам ба тамоюли рушди он мухолиф аст. Дар ҳоли ҳозир ба тарзҳои ғайриакссесории таъмин ғайр аз кафолати бонкӣ метавон авал (кафолати пардохт), гарави мол дар анбор, ки тавассути варианти муомилотӣ (шаҳодатномае, ки анборҳои молӣ барои қабул ва нигоҳдории амвол медиҳанд) ба расмиёт дароварда шудааст ва ғайраҳоро дохил намуд. Дар ҳуқуқи олмонӣ хусусиятҳои таъмини ғайриакссесории қарзи замин ва қарзи рента машҳур мебошанд[4]. Пайдоиши тарзҳои нави таъминро, ки дорои ин хусусиятҳо нестанд тахмин кардан комилан дуруст мебошад, чунки бинобар набудани алоқамандӣ оид ба ҳамаи тавсифоти асосии ҳуқуқӣ нисбат ба уҳдадории асосӣ дар ин қабил воситаҳои ҳуқуқӣ арзиши таъминӣ нисбат ба таъмини акссесорӣ баланд мебошад. Баъдан, ҳангоми тафсири ҳаматарафаи мафҳуми акссесорнокӣ он аз бисёр ҷиҳат маънои ҳуқуқии худро, ки мо дар боло мувофиқи замонат шарҳ дода будем, гум мекунад. Ҳамин тавр, хусусияти акссесорнокӣ ба ҳамаи тарзҳои таъмини уҳдадориҳо хос намебошад.

Набудани ягон намуди дигари аломатҳои ҳуқуқӣ, ки метавонистанд дар ҳамаи тарзҳои таъмин намудор гарданд, Белов В.А.-ро ба чунин хулоса меорад, ки «таъмини иҷрои уҳдадориҳо сохтори ягонаи ҳуқуқиро эҷод намекунад». Муаллиф илова мекунад, ки «дар мафҳуми таъмини иҷрои уҳдадориҳо дидани ягон сохтори махсуси граждани-ҳуқуқӣ маъно ва имконият надорад. Яъне, ҳар як кӯшиши мушоҳида кардани табиати ягонаи ҳуқуқӣ барои ҳамаи тарзҳои таъмини иҷрои уҳдадориҳо ошкоро беоқибат мебошад». Дар баробари ин, ҳатто ҳангоми чунин муносибат ба ин масъала Белов В.А. ба ҳар ҳол хосияти умумии ин воситаҳои ҳуқуқӣ - самтнокии функсионалиро эътироф мекунад[5].

Дар байни вазифаҳои тарзҳои таъмин одатан вазифаи ҳавасмандкунӣ ва вазифаи муҳофизатиро (кафолатӣ, ҷубронӣ) ҷудо мекунанд. Ҳамчунин Рассказова Н.Ю. пешниҳод мекунад, ки вазифаи назоратӣ низ ҷудо карда шавад[6]. Вазифаи ҳавасмандкунӣ дар он зоҳир мегардад, ки ин воситаи ҳуқуқӣ қарздорро зери таҳдиди оғози оқибатҳои нохуши амволӣ барои ӯ ҷиҳати иҷрои муносиби уҳдадориҳо равона месозад. Вазифаи муҳофизатӣ ба кредитор ҷиҳати қонеъ гардонидани манфиатҳои худ имкониятҳои иловагӣ медиҳад, ки метавонад дар натиҷаи вайрон кардани уҳдадориҳои асосӣ зарар бинад. Дар ин ҳолат сухан дар бораи пайдоиши «за-

[1] Рассказова, Н.Ю. Асари зикршуда. – С. 46.
[2] Рассказова, Н.Ю. Асари зикршуда. – С. 57.
[3] Гонгало, Б.М. Асари зикршуда. – С. 37-38.
[4] Василевская, Л.Ю. Учение о вещных сделках по германскому праву. – М., 2004. – С. 471-472; Вебер, Х. Обеспечение обязательств (Kredit sicherung srecht) / Пер. с нем. Ю.М. Алексеева, О.М. Иванова. – М.: Волтерс Клувер, 2009. – С. 36-37.
[5] Белов, В.А. Асари зикршуда. – С. 174.
[6] Рассказова, Н.Ю. Асари зикршуда. – С. 47-48.

хираи берунӣ»-и меравад, ки кредитор метавонад ҳангоми иҷро накардани қарздор истифода намояд.

Аз тарзҳои таъмини иҷрои уҳдадориҳои дар боби 28 КМ ҶТ номбаршуда ноустуворона ва байъона вазифаи ҳавасмандкуниро иҷро менамоянд. Хавф дар амволи худ боиси зарари иловагӣ ва беҳуда тавассути гум шудани байъона ё пардохти ноустуворона мегардад ва уҳдадоршударо маҷбур месозад, ки уҳдадории худро иҷро намояд. Илова бар ин, ба ақидаи Белов В.А., ки ба байъона боз вазифаи муҳофизатӣ оид ба кафолати уҳдадориҳое, ки дар онҳо қарздор тарафи байъонадиҳанда мебошад эътироф карда шавад[1], мо розием.

Вазифаи кафолатӣ ҳангоми замонат, кафолати бонкӣ ва гарав (дар ҳолате, ки агар гаравдиҳанда тибқи уҳдадории асосӣ қарздор набошад) амалӣ карда мешавад. Дар ин ҳолатҳо мақсади ҳавасмандкунии қарздор барои иҷрои уҳдадории асосӣ вуҷуд надорад. Ғайр аз ин, дар вазъияти муайян метавонад ҳодисаи баръакс рӯй диҳад: масалан, вақте ки бинобар созишномаи байни қарздор ва зомин охирин барои иҷрои уҳдадориҳо (аз шартномаи замонат) аз ҳуқуқи пешниҳод кардани талабот нисбат ба қарздори уҳдадориҳои худро иҷрокарда маҳрум карда мешавад (м. 422 КМ ҶТ). Ҳардуи ин вазифаҳо тавассути гарав (дар ҳолате, ки гаравдиҳанда тибқи уҳдадории асосӣ қарздор мебошад) ва нигоҳдории амволи қарздор иҷро карда мешаванд. Масъалаи кадоме аз ин вазифаҳоро бояд воситаи ҳуқуқӣ иҷро намояд, то ки ба қатори тарзҳои таъмини иҷрои уҳдадориҳо шомил намудани он имконпазир гардад дар адабиёт ба тарзи гуногун ҳаллу фасл гардидааст.

Аввалан, чунин меҳисобанд, ки барои ин танҳо иҷрои вазифаи ҳавасмандкунӣ басанда мебошад. Масалан, Мейер Д.И. навиштааст: «гуфтан мумкин аст, ки умуман ҳамаи он чизе, ки аз рӯйи қоидаҳои ақлонӣ қарздорро якҷоя бо муайянкунандаҳои мавҷудаи ҳуқуқӣ барои иҷрои аниқи шартнома водор месозад, метавонад барои таъмини ӯ хизмат кунад»[2]. Аз мулоҳизаи Братус С.Н. низ метавон чунин хулосабарорӣ кард «бо мақсади ҳавасмандкунии шахси уҳдадор барои иҷрои воқеӣ тавассути шартнома ё қонун метавонад кафолати иловагии амволӣ (тарзи таъмини уҳдадорӣ) муқаррар карда шавад». Ҳангоми чунин фаҳмиш нақши асосӣ албатта ба ноустуворона дода мешавад.

Дуюм, қайд карда мешавад, ки тарзҳои таъмин бояд танҳо вазифаи муҳофизатиро иҷро намоянд[3]. Дар ин ҳолат номгӯи чунин тарзҳо ба ислоҳи ҷиддӣ ниёз дорад – аз он бояд «конструксияи ҳавасмандкунӣ» истисно карда шавад.

Сеюм, як қатор олимон барои чунин ҷудокунӣ амалисозии ҳар яке аз ин вазифаҳои номбаршударо эътироф мекунанд. Масалан, Витрянский В.В. қайд мекунад, ки уҳдадорӣ метавонад, тариқи яке аз воситаҳои дар моддаи 329 Кодекси граждании Федератсияи Россия (моддаи 380 КМ ҶТ), қонунҳои дигар ё созишномаи тарафайн «барои ҳавасмандкунии қарздор нисбати иҷрои аниқ ва бемайлони уҳдадориҳо ва инчунин бо мақсади бартараф сохтан ё кам кардани миқдори оқибатҳои манфӣ, ки метавонанд дар ҳолати вайронкунии он рух диҳанд» пешбинишуда таъмин карда шавад[4]. Муносибати қонунгузор нисбати воситаҳои ҳуқуқии дар боби 28 КМ ҶТ баррасишударо муттаҳид намудааст метавонад, маҳз ба чунин хулоса орад.

Ҷудо намудани вазифаҳои муҳофизатӣ ва ҳавасмандкунии тарзҳои таъмин ба эҳтимолияти ошкорсозии сабабҳое вобаста мебошад, ки аз рӯйи онҳо уҳдадории асосӣ метавонад иҷронашуда боқӣ монад. Бо назардошти ин Неволин К.А. навиштааст: «инсон метавонад бинобар хоҳиш надоштан ва ё бинобар надоштани тарзи иҷрои он, уҳдадории худро иҷро накунад. Бар муқобили ин ё он тасодуфи уҳдадорӣ метавонад, бо тарзҳои махсус таъмин карда шавад». Шаклҳои асосии таваккали иҷро накардан бо рафтори худи қарздор ва бо инконнопазирии объективии иҷрои уҳдадориҳо алоқаманд мебошанд.

Дар ҳолати якум чунин қарздорро барои иҷрои уҳдадориҳо дар ҳақиқат ҳавасманд кардан зарур аст. Ин ҳавасмандкунӣ пеш аз ҳама бо роҳи муқаррар кардани чораҳои ҷавобгарии граждани-ҳуқуқӣ ба даст меояд. Маъмулан ба ҳайси чунин чораҳо, аз ҷумла вазифаҳои ҳавасмандкунӣ (ташкилӣ)[5] ё огоҳкунӣ-тарбиявӣ[6] эътироф карда мешаванд. Ҳамин тавр,

[1] Белов, В.А. Асари зикршуда. – С. 178.
[2] Қурбонов, Қ.Ш., Ғаффорзода, И.Ғ. Асари зикршуда. – С. 474.
[3] Рассказова, Н.Ю. Асари зикршуда. – С. 45-47.
[4] Брагинский, М.И., Витрянский, В.В. Асари зикршуда. – С. 479.
[5] Суханов, Е.А. Российское гражданское право: учебник: В 2 т. Т. 11 / Е.А. Суханов / Отв. ред. Е.А. Суханов. – М.: Статут, 2010. – С. 447.
[6] Гражданское право: учеб.: в 3 т. Т.1. / Т.В. Богачева. Отв. ред. В.П. Мозолин. – М.: Проспект, 2012. – С. 752.

Малеина М.Н. менависад, ки «санксияи вогузоршаванда қарздори уҳдадориҳояшро иҷро накарда (пешгирии хусусӣ) ва иштирокчиёни дигари муносибатҳои ҳуқуқии гражданиро иҷро накарда (пешгирии умумӣ) барои иҷрои муносиби уҳдадориҳои худ ҳавасманд мегардонад[1]. Ба ин монанд, ин вазифа худро дар тарзҳои таъмини баррасишуда низ (ноустуворона ва байъона) зоҳир мекунад. Ин монандӣ боиси ҷудокунии чораҳои масъулият ва тарзҳои баррасишавандаи таъмин мегардад. Бо назардошти ин Гонгало Б.М. пешниҳод мекунад, ки ноустуворона ҳамчун тарзи таъмини иҷрои уҳдадориҳо ва рӯёнидани ноустуворона ҳамчун чораи масъулияти граждани-ҳуқуқӣ фарқ карда шаванд[2].

Кредиторро аз таваккал, шакли дуюми вазифаи тарзи таъмини уҳдадориҳо, иҷрокунии вазифаи муҳофизатӣ нигоҳ медорад. Азбаски дар ин ҷо дар бораи таъсиси «захираи берунӣ» сухан меравад, он гоҳ ҳатто ҳангоми сабабҳои объективии амвол надоштани қарздор метавонад манфиати кредитор қонеъ гардонида шавад.

Пас муайян кардан лозим аст, ки сабаби ба қатори тарзҳои таъмини иҷрои уҳдадориҳо шомил намудани сохторҳое, ки аз ҷиҳати вазифа бо чораҳои масъулият монанд мебошанд дар чи мебошад. Ин масъаларо метавон дар мисоли таносуби ноустуворона ва зарарҳо баррасӣ намуд. Таҳдиди ҷуброни зарарҳо ҳам ба монанди таҳдиди рӯёнидани ноустуворона қарздорро барои иҷрои уҳдадориҳо ҳавасманд мегардонад, ҳардуи ин воситаҳо хосияти пулӣ доранд ва инчунин танҳо дар ҳолати вайроншавии уҳдадории асосӣ қобили қабул мебошанд. Гуфтан мумкин аст, ки дар ин ҷо фарқияти принсипалӣ дар асоси пайдоиши онҳо ифода меёбад. Ноустуворона, чун қоида тавассути шартнома муайян карда мешавад, созишномаи ноустуворона бояд дар шакли хаттӣ баста шавад (моддаи 382 КМ ҶТ), уҳдадории ҷуброни зарарҳо тибқи қонун (моддаҳои 14 ва 456 КМ ҶТ) муқаррар карда шудааст. Вале, институти қонунии ноустуворона маълум мебошад, ки фарқияти байни ҷаримаи аҳдшиканӣ ва зарарҳоро танҳо нисбат ба андозаи масъулияти пешакӣ муайяншуда, ки ба тарафи уҳдадориро вайронкарда вогузор мешавад, бурда мерасонад.

Ҳамчунин бояд қайд намоем, ки дар мамлакатҳои низоми англо-амрикоӣ ҳуқуқи ноустуворона ҳамчун шакли зарарҳо – зарарҳои пешакӣ баҳогузорӣ ва муайяншуда (Liquidated damages)[3] баррасӣ карда мешаванд.

Вазифаи ҳавасмандкунандаи байъона низ табиатан онро ба чораҳои масъулият наздик мегардонад. Бо назардошти ин далеловарии муаллифоне, ки дар таъмин мавҷуд будани вазифаи ҳавасмандкунандаро инкор мекунанд қобили дастгирӣ мебошад[4].

Ғайр аз ин, қайд кардан зарур аст, ки мафҳуми ҳавасмандкунӣ сарбории субъективӣ дорад. Масалан, замонат, ки махсусан ба тарзи муҳофизатӣ мансуб мебошад, инчунин метавонад қарздорро ҳангоми бемайлии ӯ оид ба он, ки зомин талафоти амволӣ надошта бошад, барои иҷрои уҳдадориҳо ҳавасманд намояд. Ҳамзамон қарздори бевиҷдонро, ки аз аввал иҷрои уҳдадориҳоро ба нақша нагирифта буд дар бораи зарурати баръаксро натавонистани ноустуворона (ҷаримаи аҳдшиканӣ) бовар кунонад.

Мафҳуми тарзҳои таъмин инчунин маънои амалӣ низ доранд. Неволин К.А. барои замони худ иҷрои вазифаи ҳавасмандкунандагии ноустуворона ва байъонаро дар радифи савганд ниҳоят қобили таваҷҷуҳ ва аҳамиятнок баррасӣ менамояд, илова бар ин қайд мекунад, ки «уҳдадории тавассути савганд тасдиқшударо инсони аз ҷинояти қасамӣ тарсанда назар ба уҳдадории бо он тасдиқнашуда тезтар иҷро мекунад». Ба андешаи мо, азбаски тибқи меъёрҳои муҳимтарини илман коркардшуда барои якҷоякунии таъминҳо ба як категория, ин вазифаи онҳо мебошад, бинобар ин он бояд ягона ва махсус бошад. Чунин вазифа нисбати тарзҳои таъмин бояд танҳо вазифаи муҳофизатӣ эътироф карда шавад.

Аз ин рӯ, муқаррароти умумии ҳуқуқии тарзҳои таъминро метавон дар ҳуқуқи махсуси субъективӣ баррасӣ намуд, ки амалисозии онҳо танҳо дар ҳолати вайронкунии уҳдадории асосӣ (нуқтаи назари Вебер Х., Латинсев А.И.) мумкин аст ва он имконият медиҳад, ки манфиати кредитор аз ҳисоби манбаи берунии нисбати уҳдадории асосӣ ҷудошуда қонеъ гардонида

[1] Ҳамон ҷо. – С. 753.
[2] Гонгало, Б.М. Асари зикршуда. – С. 54-55.
[3] Гражданское и торговое право зарубежных государств: учебник /отв. ред. Е.А. Васильев. А.С. Комаров. – М., 2008. – С. 482-483.
[4] Рассказова, Н.Ю. Асари зикршуда. – С. 45-56.

шавад. Дар баробари ин, инкишофи ақида оид ба сабаби махсуси таъминии дар асоси манфиати таъминӣ ташаккулёбанда қобили таваҷҷуҳ мебошад[1].

Ҳамин тавр, тарзҳои таъмини уҳдадориҳо як вазифа - кафолати қонеъ гардонидани манфиати қарздиҳандаро дар ҳолати вайронкунии уҳдадории асосӣ аз тарафи қарздор иҷро менамоянд.

Мумкин аст, ки тарзҳои таъмини иҷрои уҳдадорӣ дар доираи механизми муайян баррасӣ карда шаванд. Дар доираи механизм баррасӣ намудани яке аз тарзҳои таъмин маънои муайянсозии хусусиятҳои амалишавии вазифаи муҳофизатии барои ҳамаи онҳо умумӣ дар конструксияи мушаххаси ҳуқуқиро дорад. Метавон қайд кард, ки чунин таҳлил аз таҳқиқи ин ё он унсур ҳамчун қисми сохтории низом фарқ мекунад. Дар ҳолати охирин сухан дар бораи омӯзиши ҳодиса дар статика меравад. Натиҷаи ин муносибат, аз ҷумла, муайянкунии категорияҳои маъмули соҳаи ҳуқуқӣ, зерсоҳа, ниҳод ва ғайраҳо мебошад. Таҳлили функционалӣ, баръакс, таҳқиқи динамикии онро пешбинӣ мекунад. Яке аз категорияҳои чунин муносибат метавонад механизми ҳуқуқӣ эътироф гардад.

Дар замонат вазифаи умумии муҳофизатии ҳамаи тарзҳои таъмин дар таъсиси захираи иловагии қонеъ гардонидани манфиати амволии кредитор аз ҳисоби амволи шахси сеюм, ки махсусан барои ин мақсадҳо бо ин қабил кредитор шартномаи боиси пайдоиши уҳдадориҳои акссесоришаванда мебандад ва мӯҳтавои он уҳдадории зомин барои анҷом додани амали мушаххас ҳангоми иҷро накардани қарздор ва ҳуқуқи корреспондитии (гузаранда) талабот ба ӯ мебошад, таҷассум меёбад.

Таснифоти тарзҳои таъмини иҷрои уҳдадориҳо, ки аз рӯйи асосҳои гуногун гузаронида мешавад, мустақиман аз он вобаста мебошад, ки ҳар як олим (муҳақиқ) ин қабил тарзҳоро чӣ гуна мефаҳмад. Ба тақсимоти асосӣ назар меандозем. Вобаста аз навъи манбаи захиравии қонеъ гардонидани манфиати кредитор таъмини шахсӣ ва амволӣ (баъзан ашёӣ номида мешавад) ҷудо карда мешавад. Ба гурӯҳи аввал он тарзҳое мансуб мебошанд, ки ба ҳайси кафил (зомин) шахси мушаххаси аз рӯйи уҳдадориҳои асосӣ бо қарздор мувофиқ нест, ки нисбат ба ӯ кредитор метавонад талаботи дахлдор пешниҳод намояд, баромад мекунад. «Мустаҳкамшавии» ҳуқуқҳои субъективии уҳдадориҳои чунин кредитор бо роҳи ба ӯ додани ҳуқуқҳои иловагии уҳдадоркунанда анҷом дода мешавад.

Ба чунин тарзҳо замонат ва кафолати бонкӣ дохил мешаванд. Ҳангоми истифодаи воситаҳои гурӯҳи дуюм манфиати қарздиҳандаро метавон аз ҳисоби амволи пешакӣ нишондодашуда қонеъ кард. Мисоли анъанавӣ ё қадимаи ин восита гарав мебошад. Ба ин метавон конструксияҳои ба ҳуқуқи хориҷӣ машҳури интиқоли таъмини ҳуқуқи моликият ва қайду шартҳоро оид ба нигоҳдории ҳуқуқи моликият мансуб намуд. Чунин ҳисобида мешавад, ки азбаски дар ин ҳолат кредитор ҳуқуқ ба амволро мегирад, он гоҳ дар ин ҷо мавқеи ӯ дар муқоиса бо таъмини шахсӣ нисбатан ниҳоят боварибинок мебошад[2]. Ба назар чунин мерасад, ки ба ин мулоҳизаҳо гуфтаҳои дар боло қайдшуда параграфи § 232 Уложенияи граждании Олмон, ки ҷалби зоминро танҳо ҳангоми имкон надоштани пешниҳоди таъмини амволӣ иҷозат медиҳад вобаста аст. Ин гурӯҳбандӣ дар илми ҳуқуқҳои граждании (сивилистика) аврупоӣ[3] истифода мешаванд. Таснифоти мазкур махсус дар қонунгузории граждании кишвари мо мавҷуд набошад ҳам, аз таҳлили таъмини иҷрои уҳдадорӣ чунин таснифотро мо ҳосил мекунем. Зеро таврe медонем, боби 28 КМ ҶТ ба гурӯҳи аввал, тибқи параграфҳои 5 ва 6 замонат ва кафолати бонкӣ муқаррар шудааст, ба ин гурӯҳ ноустуворона ва байъона дохил карда намешавад, зеро онҳо ба ҳайси кафил ё зомин баромад накарда, шахси мушаххаси аз рӯйи уҳдадориҳои асосӣ мебошанд. Ба гурӯҳи дуюм бошад, метавонем, ки гарав ва нигоҳ доштанро дохил намоем.

Ҳамин тавр, тарзҳои таъмини иҷрои уҳдадорӣ гуфта чораҳои характери молумулкӣ ва таъсиррасонии иловагӣ ба қарздор доштаеро меноманд, ки ҷиҳати иҷрои матлуби уҳдадорӣ дар қонун ё шартнома нишон дода шуда, барои қонеъ гардонидани манфиатҳои кредитор равона шудааст. Ҷавҳари институти мазкур ин кафолат додани иҷрои уҳдадориҳо ба кредитор ва устувор гардонидани мавқеи ӯ дар муносибатҳои ҳуқуқи уҳдадорӣ мебошад.

[1] Рассказова, Н.Ю. Асари зикршуда. – С. 45-47.
[2] Вебер, Х. Асари зикршуда. – С. 8-11.
[3] Вебер, Х. Асари зикршуда. – С. 10.

ТДУ 347.61/.64.

ҶАВОБГАРИИ ФАРДӢ НИСБАТ БА АМАЛҲОИ ЗӮРОВАРӢ ДАР ОИЛА АЗ НИГОҲИ ДИН ВА ҚОНУНГУЗОРИИ МУОСИР

ПЕРСОНАЛЬНАЯ ОТВЕТСТВЕННОСТЬ ЗА АКТЫ ДОМАШНЕГО НАСИЛИЯ С ТОЧКИ ЗРЕНИЯ РЕЛИГИИ И СОВРЕМЕННОГО ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВА

ЮСУФЗОДА АЗИМҶОН ЮСУФ
Омӯзгор-ҳамкори кафедраи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯии МКД факултети № 4-уми Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои таърих, полковники мустаъфии милитсия / Со-преподаватель кафедры оперативно-розыскной деятельности ОВД факультета № 4 Академии МВД Республики Таджикистан, кандидат исторических наук, полковник милиции в отставке
E-mail: hokiroev-1966@mfil.ru

Оила пояи асосии ҷамъият ва макони ташаккули шахсият, ахлоқ ва ҷаҳонбинии инсон маҳсуб меёбад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба бунёди оилаи солиму устувор ва таълиму тарбияи кӯдакон дар руҳияи инсондӯстӣ, ифтихори ватандорӣ, эҳтиром ба арзишҳои миллӣ, умумибашарӣ ва фарҳангӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир мегардад.

Дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, давлат оиларо ҳамчун асоси ҷамъият ҳимоя мекунад. Мардон ва занон, ки ба синни никоҳ расидаанд, ҳуқуқ доранд озодона ақди никоҳ банданд[1].

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар баромадҳояшон худ қайд мекунанд, ки дар замони соҳибистиқлолӣ бо дарки аҳаммияти ниҳоди оила дар ташаккули ҷомеаи солим ва пешрафти давлат, инчунин, ҳифзи арзишҳои фарҳанги миллӣ принсипи ҳимояи давлатии оила ҳамчун асоси ташаккули ҷамъият ва амалишавии ҳуқуқи ҳар шахс ба ташкили оила эътибори конститутсионӣ касб намуд ва ба сифати яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлат эътироф гардид[2].

Зӯроварӣ дар оила кирдори зиддиҳуқуқии қасдона ё таҳдиди содир намудани кирдори дорои хусусияти ҷисмонӣ, равонӣ, иқтисодӣ ва шаҳвонӣ, инчунин муносибати беэътиноёнаи аз ҷониби як узви оила нисбат ба узви дигари оила мебошад, ки ҳуқуқу озодиҳои ин шахсонро поймол мекунанд ва ё поймол карда метавонанд, шаъну шарафи онҳоро паст мезананд, зарари ҷисмонӣ ва ё руҳӣ мерасонанд ва ба маҷбуран ё қасдан маҳрум сохтан аз озодӣ оварда мерасонанд[3].

Бо назардошти муҳиммияти масъала дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои муқовимат бо ин падида Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила” соли 2013 қабул карда шуд. Қонуни мазкур муносибатҳои ҷамъиятиро вобаста ба пешгирии зӯроварӣ дар оила танзим намуда, вазифаҳои субъектҳои пешгирикунандаи зӯроварӣ дар оиларо доир ба ошкор, пешгирӣ ва бартарафсозии сабаб ва шароитҳои ба он мусоидаткунанда муайян менамояд[4].

Дар баробари Қонуни болозикр дар ин раванд бо қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ду марҳила (солҳои 2014-2023 ва 2025-2030) барномаҳои давлатӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардиданд[5].

---

[1] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми ноябри с. 1994 (бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми сентябри с. 1999, 22-юми июни с. 2003 ва 22-юми майи с. 2016) // [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: http://adlia.tj (санаи мурочиат: 08.04.2026).

[2] Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи Модар, 0уми марти с. 2025 // [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: https://president.tj/event/speeches/49921

[3] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» аз 19-уми марти с. 2013, № 954 (Қонуни ҶТ аз 20.06.2024, № 2064, аз 13.11.2024, № 2105).

[4] Ҳамон ҷо.

[5] Барномаи давлатӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014-2023: бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 03-юми майи с. 2014, № 294 тасдиқ шуд; Барномаи давлатӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2025-2030: бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 26-уми декабри с. 2024, № 689 тасдиқ шуд.

Барномаҳои мазкур ҷиҳати муайян намудани мақсад, вазифа ва самтҳои асосии сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар самти пешгирии зӯроварӣ дар оила ва ҳамоҳангсозии тадбирҳои мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва созмонҳои байналмилалиро дар ин самт равона намудаанд.

Ҳадафи санадҳои зикршуда ҳифзи ҳуқуқҳои оила ҳамчун асоси ҷамъият, пешгирии зӯроварии ҷисмонӣ, равонӣ, иқтисодӣ ва шаҳвонӣ аз ҷониби як узви оила нисбат ба узви дигари оила, пешгирӣ ва бартарафсозии сабаб ва шароитҳои ба зӯроварӣ дар оила мусоидаткунанда, баланд бардоштани масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак, густариши ҳамкории вазорату идораҳо ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ин самт мебошад[1].

Бояд зикр намуд, ки пешгирии зӯроварӣ дар оила масъулияти давлатӣ, ҷамъиятӣ ва ҳам динӣ мебошад. Яъне, барои ноил гардидан ба ҳадафҳои гузошташуда дар ин самт давлат ва ҷомеа ва ташкилотҳои динӣ бояд ҳамкорӣ намоянд то муҳити оилавии барои ҳар як узви оила солим ва осоишта таъмин карда шавад.

Татбиқи сиёсати давлатӣ оид ба ҳифз ва таъмини ҳуқуқу манфиатҳои зан ва оила, муҳайё сохтани шароитҳои баробар барои амалӣ гардидани ҳуқуқу манфиатҳои онҳо ва ба даст овардани баробарии гендерӣ, васеъ намудани доираи иштироки занҳо дар ҳалли вазифаҳои иҷтимоии иқтисодӣ, идораи корҳои давлатию ҷамъиятӣ аз ҷониби Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба анҷом расонида мешавад. Кумита дар ҳамкорӣ бо субъектҳои пешгирикунандаи зӯроварӣ дар оила ҷиҳати ошкор, пешгирӣ ва бартарафсозии сабаб ва шароити ба он мусоидаткунанда тадбирҳои зарурӣ андешида, барои пешгирии зӯроварӣ дар оила, роҳ надодан ба ҳаракатҳои зиддиҷамъиятӣ, кирдорҳои ношоиста ва рафторҳои бадахлоқона дар оила мусоидат менамояд.

Мутобиқи Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – КО ҶТ), оила ба зарурати таҳкими оила, ба бунёди муносибатҳои оилавӣ дар заминаи муҳаббату эҳтиром якдигар, кӯмаки мутақобила ва масъулияти ҳамаи аъзои оила дар назди оила, раво набудани дахолати беасоси ҳар шахс ба корҳои оила, татбиқи бемонеаи ҳуқуқ ва иҷрои ӯҳдадориҳои худ аз ҷониби аъзои оила ва имконияти ҳимояи судии онҳо асос меёбад[2].

КО ҶТ баробарии зану мардро дар муносибати оилавӣ танзим намуда, ба таҳкими оила ва ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои аъзои он мусоидат мекунад, КО Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳифзи ҳуқуқуқу озодиҳои ҳар як узви оила асос ёфта, баробарии зану мардро дар оила таъмин мекунад. Ин Кодекс барои мустаҳкам кардани муносибатҳои солим ва дӯстона дар муҳити оилавӣ замина фароҳам оварда муқаррароташ ба тарбияи дурусти фарзандон, эҳтиром тарафайн ва пешгирии ҳама гуна зӯроварӣ равона шудааст.

Бояд қайд намуд, ки қонунгузор вобаста ба зӯроварӣ дар оила ҷавобгарии маданӣ, маъмурӣ ва ҷиноятиро пешбинӣ намудааст.

Ҷавобгарии маданӣ вобаста ба пешгирии зӯроварӣ дар оила метавонад дар ҳолатҳои зерин амали шавад:

- ба аъзои оила зарари молиявӣ ё маънавӣ расонида шудааст;
- ҳуқуқи шахсӣ, молу мулк, шаъну шараф, обрӯ ва ғайра поймол шудааст.

Масалан м. 16 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон «Товони заррари маънавӣ» мебошад. Агар ба шахси воқеӣ дар натиҷаи амалҳои вайронкунандаи ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкиаш ё амалҳои суиқасдкунанда ба неъматҳои дигари ғайримолумулкиаш, инчунин дар ҳолатҳои дигари пешбининамудаи қонун зарари маънавӣ (азоби руҳӣ ё ҷисмонӣ) расонда шуда бошад, суд метавонад шахси вайронкардаро ба товони зарар уҳдадор кунад.

Ин модда барои қурбониёни зӯроварии оилавӣ асоси ҳуқуқии муроҷиат ба суд барои ҷуброни зарари маънавӣ фароҳам меорад. Он метавонад барои ҳолатҳои зерин истифода шавад:

- латукӯб ё таҳдиди ҳамсар ё фарзанд;
- таҳқир ва фишори равонӣ дар хона;

---

[1] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» аз 19-уми марти с. 2013, № 954 (Қонуни ҶТ аз 20.06.2024, № 2064, аз 13.11.2024, № 2105).

[2] Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13-уми ноябри с. 1998, № 682 (Қонуни ҶТ аз 29.04.2006, № 183, аз 20.03.2008, № 382, аз 21.07.2010, № 613, аз 25.03.2011, № 710, аз 26.12.2011, № 791, аз 19.03.2013, № 952, аз 23.11.2015, № 1239, аз 15.03.2016, № 1290, аз 14.11.2016, № 1365, аз 24.02.2017, № 1395, аз 03.01.2024, № 2030, № 2031, аз 17.12.2025, № 2214).

– манъи озодӣ ва дахолат ба ҳаёти шахсӣ.

Мувофиқи талаботи м. 1226 ҳамин Кодекс, «Андозаи товони зарарӣ маънавӣ» чунин мебошад:

1. Зарари маънавӣ дар шакли пулӣ товон карда мешавад.
2. Андозаи товони зарари маънавӣ вобаста ба хусусияти ба ҷабрдида расондани азоби руҳӣ ё ҷисмонӣ, инчунин дараҷаи гуноҳи расонандаи зарар дар ҳолатҳое, ки агар гуноҳ асоси товон бошад, аз ҷониби суд муайян карда мешавад. Ҳангоми муайян кардани андозаи товони зарар бояд талаботи оқилона ва одилона ба инобат гирифта шаванд.
3. Хусусиятҳои азоби руҳӣ ё ҷисмонӣ аз ҷониби суд бо назардошти ҳолатҳои воқеӣ, ки дар натиҷаи он зарари маънавӣ расонда шудааст ва ҳолатҳои инфиродии ҷабрдида баҳо дода мешавад.
4. Зарари маънавӣ, новобаста ба ҷуброни зарари молумулкии ситонидашаванда, товон карда мешавад[1].

Мутобиқи м. 93(1) Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон, риоя накардани талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила боиси ҷавобгарии маъмурӣ мегардад. Мувофиқи Кодекси мазкур, барои риоя накардани талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила, яъне, содир намудани кирдори қасдонаи дорои хусусияти ҷисмонӣ, рӯҳӣ ё иқтисодӣ ё таҳдиди содир намудани онҳо дар муносибатҳои оилавӣ, агар ин кирдор боиси поймол шудани ҳуқуқ ва озодиҳои аъзои оила гардад, ҳангоми набудани аломатҳои таркиби ҷиноят ба шахсони воқеӣ ба андозаи аз ду то панҷ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъин карда мешавад[2].

Дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон моддаи алоҳида вобаста ба зӯроварӣ дар оила мавҷуд набуда, дар сурати содир гардидани кирдорҳои алоқаманд бо м. 110 (Қасдан расонидани зарари вазнин ба саломатӣ), м. 111 (Қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ), м. 112 (Қасдан расонидани зарари сабук ба саломатӣ), м. 116 (Лату кӯб), м. 117 (Азобу уқубат) ва м. 120 (Таҳдиди куштан ё расонидани зарари вазнин ба саломатӣ) Кодекси зикршуда бандубаст намудани кирдори шахс имконпазир мегардад. Ҳар яке аз ин моддаҳо вобаста ба дараҷаи зарар ё таҳдид ҷазоҳои мувофиқро пешбинӣ менамояд[3].

Пешгирии зӯроварӣ дар оила ин масъулияти давлатӣ, ҷамъиятӣ ва ҳам динӣ мебошад. Болотар мо масъулияти давлатию ҷамъиятии масъаларо барраси намудем, акнун мехоҳам аз ҷиҳати дини низ ба баъзе масъалаҳо рушани андозем.

Ташкили оила дар назди Худованд ин офаридани оромиш ва осоиш мебошад то, ки падару модар фарзандони хешро солеҳ тарбия намуда, дар рушд ва нумӯи ҷомеа саҳмгузор бошанд. Ҳақ таъоло мефармояд:

Худо аз насли худатон барои шумо ҷуфт офарид ва аз он ҷуфтҳо писарон ва духтарон ва наберагон бар шумо халқ фармуд ва аз неъматҳои покизаву лазиз рӯзӣ дод[4]. Дар ҷойи дигар мефармояд, ки «Ва боз яке аз оёти лутфи Илоҳӣ он аст, ки барои шумо аз насли худатон ҷуфте биёфарид, ки дар бари ӯ оромиш ёфта ва бо ҳам унс гиред»[5].

Азбаски мақсаду ҳадаф аз издивоҷ оромиши рӯҳ ва нигаҳдории насли башарӣ аз заволу фисқу фасод аст, дини мубини Ислом барои зану шавҳар ҳуқуқу масъулият, вазифаҳо ва одоберо муқаррар намудааст, ки онҳо ҳатман бояд аз ҷониби ҳамсарон риоя шаванд. Худованд мефармояд: “Занонро низ ҳуқуқест бар шавҳарон, чунончи шавҳаронро бар онҳо ҳуқуқе машрӯъ аст. Ин ҷо месазад баъзе ҳуқуқи онҳоро ба тариқи мухтасар баён намоем. Бояд шавҳар барои масрафи хӯрдан ва пӯшонидани сару либоси зан ва фарзандонашро ба андозаи тавону қудрататаш таъмин намояд”[6]. “Марди доро бо фаровонӣ нафақаи зани ширдеҳро диҳад ва он ки нодор ва тангмаишат аст, низ аз он чи Худо ба ӯ дода сарф кунад…”[7].

---

[1] Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24-уми декабри с. 2022, № 1918 (Қонуни ҶТ аз 13.11.2024, № 2089, аз 14.05.2025, № 2171).
[2] Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31-уми декабри с. 2008, № 455 (бо тағиру иловаҳо аз 31.07.2025, № 423).
[3] Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21-уми майи с. 1998, № 574 (бо тағиру иловаҳо аз 15.04.2025 № 2163, аз 14.05.2025, № 2169, аз 17.12.2025, № 2205, № 2206).
[4] Сураи «Наҳл», ояти 72.
[5] Сураи «Рум», ояти 21.
[6] Сураи «Бақара», ояти 228.
[7] Сураи «Талоқ», ояти 7.

“Ба уҳдаи соҳибфарзанд яъне падар воҷиб аст, ки либос ва хӯроки модарро ба ҳадди имкон бидиҳад”[1]. Ҳар зан қабл аз ҳама ҳуқуқ дорад, ки нисбати ӯ аз ҷониби шавҳар муносибату рафтори боэҳтиромона ва ғамхорона зоҳир карда шавад. Ӯ набояд ҳамчун шахси дуввумдараҷа, балки ҳамдарду шарики роҳи зиндагии шавҳар бошаду ғаму шодии зиндагиро бо ҳам баробар тақсим намояд.

Ибни Ҳаким ривоят кардааст, ки «ман аз Расулуллоҳ пурсон шудам: «Бо занҳо чӣ гуна бояд рафтор кард?». Расулуллоҳ (с) фармуданд: «Ба онҳо чунин хӯрокае муҳайё кун, ки барои худ муҳайё мекунӣ, чунон либосе муҳайё кун, ки барои худ муҳайё мекунӣ. Ғайр аз ин онҳоро бо лату кӯб озор мадеҳу таъна мазан».

Уламо эътироф кардаанд, ки масъулияти асосии ҳамсарон баҳри ҳифзу ҳимояи никоҳ равона шуда бошад. Ин масъулият иборат аст аз: муносибати маҳрамона, фармонбарии шавҳар то он замон, ки шавҳар хилофи ислом амале анҷом надода бошад.

Ҳамчунин, бояд барои зан ва фарзандонаш манзил ва хонаашонро муҳайё созад, чи тавре ки Худованд мефармояд: «Боз онҳоро дар ҳамон манзили хеш, ки муяссари шумост, биншонед»[2].

Аз коре, ки чи аз нигоҳи маънавӣ, чи аз нигоҳи маишӣ-иҷтимоӣ, сабаби озор ва зарари зан мегардад, бипарҳезад, зеро ҳадисе оварда шудааст: «На ба касе зарар расон ва на аз касе зарар бикаш»[3]. Шавҳар вазифадор ва масъул аст, ки бо зан зиндагии хуб ва гуворо дошта бошад,

Дар танбеҳ ва адаб додани зан бояд ба тадриҷ ҳамон гунае дар Қуръон ва суннат тавсия шудааст, амал намояд. Бинобар ин, ҳар касе ки занаш аз ӯ саркашӣ намояд, ӯро насиҳату панд медиҳад ва ҳақи итоати шавҳарро, ки Худо бар вай воҷиб гардондааст, гӯшзад менамояд, ҳамчунин аз оқибати саркашӣ аз фармони шавҳар, ки гуноҳ ва низ соқит шудани хӯрок ва либосро аз гардани шавҳар ва дар ниҳоят тарк намудани бистари ӯро дар пай дорад, огоҳаш месозад.

Дини бузурги Ислом ба ҳар як узви оила вазифаҳои зиёдеро вогузор кардааст. Оила дар ҳамон вақт метавонад мустаҳкам шавад, ки ҳар як узви он вазифаи худро иҷро намояд. Бинобар ин, на танҳо вазифаҳои худро хуб донистан зарур аст, балки онҳоро хуб иҷро намудан мебояд.

– мардон ҳамчун сарвари оила бояд хушбахтӣ ва хурсандии худро фақат дар оилаи худ ҷустуҷӯ намояд, бояд худро нисбат ба дигар аъзои боқимондаи оила баркамол ва ҷиддӣ ҳис намояд, барои онҳо тамоми маводи заруриро таъмин намуда, шароити мувофиқро барои татбиқи тарзи ҳаёти солим муҳайё намоянд;

– занон, дар навбати аввал, кӯшиш намоянд, ки дар назди шавҳаронашон вазифаҳои худро иҷро кунанд, бо ишқу муҳаббат, навозиш ва таваҷҷуҳи худ онҳоро фаро гирифта, шаъну шарафи худро ҳифз намоянд;

– мард ва зан, шавҳар ва ҳамсар бояд фикру ақидаи якдигарро ҳурмат намуда кӯшиш кунанд, ки сирри оилавиро пинҳон дошта, новобаста ба нофаҳмию ихтилофоти ба вуҷудомада якравӣ зоҳир накунанд;

– падару модар барои фарзандони худ бояд намунаи хуб бошанд, талаботи ҳам моддӣ ва ҳам маънавии онҳоро дар ҳадди имкон таъмин намоянд. Нисбат ба фарзандон адолатпеша бошанд, онҳоро аз рафиқони бад ва рафтору одати ношоиста пешгирӣ намуда, ба онҳо тарбияи хуб диҳанд. Чун кӯдакон калон мешаванд, ба онҳо кӯмак кунанд, то ҳамсафари зиндагии ботарбия ва тақводорро пайдо намоянд;

– фарзандон ҳамчун меваи ҳаёт бояд падару модари худро эҳтиром намоянд, бо сухан ва бо рафтори нолоиқ онҳоро хафа накунанд, баъди вафоташон онҳоро бо некӣ ёдовар шаванд;

Дини мубини Ислом зино ва ангезаҳои онро ҳаром гардонидааст ва касонеро, ки ба ин амали номашруъ ва ҳаром даст мезананд, ваъиди шадид додааст. Дар ҳадисе ривоят шудааст, ки марде ба назди Пайғамбар (с) омад ва чунин суол кард: «Эй Расули Худо (с), кадом гуноҳ ба назди Худованд бузургтар аст?». Он Ҳазрат (с) гуфтанд: «Ин ки ба Худованд шарик биёварӣ дар ҳоле ки ӯ туро офаридааст». Гуфт: «Боз кадом?». Фармуданд: «Ин ки фарзанди худро аз тарси он ки ҳамроҳат ғизо мехӯрад, ба қатл бирасонӣ». Он мард гуфт: «Боз кадом?». Фармуданд: «Ин ки бо ҳамсари ҳамсояат зино кунӣ»[4].

---

[1] Сураи «Бақара», ояти 233.
[2] Сураи «Талоқ», ояти 6.
[3] Ривояти Молик ва Ибни Моҷа.
[4] Ривояти Абӯдовуд ва Байҳақӣ.

Чунонки аз ин ҳадис бармеояд, Расули Худо (с) зино кардан бо ҳамсари ҳамсояро бузургтарин гуноҳ қарор додааст. Агар зино бо зани ҳамсоя чунин гуноҳи азим бошад, вой бар ҳоли онҳое, ки бо маҳрами худ аз қабили духтар, хоҳар ва ё келин чунин амали зишт ва ғайриинсониро анҷом медиҳанд. Бояд чунин нафарон бидонанд, ки анҷом додани ин амали қабеҳ сабаби бадбахтии инсон ҳам дар дунё ва ҳам дар охират мегардад. Тавре ки аз оморҳои ба дастомада маълум мегардад, аксари ин амалҳои номашруъ ва хилофи ахлоқи инсонӣ дар ҳолати мадҳушӣ бар асари истеъмоли машруботи спиртӣ ва маводи мухаддир, инчунин ноогоҳ будан аз фарҳанги динӣ ва маърифати ахлоқӣ сар задаанд.

Бинобар ин, тамоми волидону мураббиён, муаллимону аҳли зиё ва ходимони динро зарур аст, ки нисбати ин падидаҳои ғайришаръӣ ва ғайри инсонӣ бетараф набошанд ва аҳли ҷомеа, хусусан ҷавононро аз оқибати ин гуна амалҳои зишт ҳушдор диҳанд ва ба воситаи панду насиҳатҳои динию ахлоқӣ садди роҳи онҳо гарданд. Худованд дар бораи фарҷоми ногувори зино чунин фармудааст: «…Ва зино намекунанд; ва ҳар ки ин корро бикунад, ба уқубати душвор бармехӯрад. Рӯзи қиёмат азоб барои ӯ дучанд карда шавад; ва он ҷо хор шуда, ҷовид монад»[1].

Дар таълимоти дини мубини Ислом ба бунёди хонавода ба ҳайси рукни аслии ҷомеа таваҷҷуҳи зиёде шудааст ва мусаллам аст, ки ҷомеаи солим бар таҳдоби хонаводаи солим барпо мегардад,

Оилае, ки тибқи ин тавсияҳо зиндагӣ мекунад, оилаи мустаҳкам ва солим мебошад. Дар чунин оилае ҳамеша ишқу муҳаббат, эҳтироми якдигарӣ, хушбахтӣ ва хурсандӣ ҳукмрон аст. Барои бунёди чунин оилаи хушбахту мустаҳкам, ки бо риштаҳои ишқу муҳаббат ва тафоҳуми байни якдигарӣ пайвастанд, ҳар як узви оиларо зарур аст, ки ба таври хеле хуб ҳамаи дастуроти Исломро аз худ намояд.

Ҷомеае, ки мехоҳад дар он адолат, амният ва рушди инсонӣ ҳукмрон бошад, бояд решаҳои зӯровариро бишиносад ва бар зидди он тадбирҳои муассир андешад. Пешгирии зӯроварӣ дар оила ин танҳо як амали ҷудогона нест, балки раванди пайдарпай ва мутамарказ аст, ки ҳамкорӣ ва иштироки фаъолонаи мақомоти давлатӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ҳар як фардро талаб мекунад. Танҳо дар чунин сурат мо метавонем ба сӯи ҷомеае, ки дар он эҳтиром, баробарӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ пояи асосии муносибатҳои иҷтимоиро ташкил медиҳанд, қадами устувор гузорем.

УДК 343.985.7:343.34

ИНФОРМАЦИОННАЯ СОСТАВЛЯЮЩАЯ В РАССЛЕДОВАНИИ ПРЕСТУПЛЕНИЙ В ОТНОШЕНИИ КУЛЬТУРНОГО НАСЛЕДИЯ: ПРОБЛЕМЫ СТАНОВЛЕНИЯ И ПЕРСПЕКТИВЫ РАЗВИТИЯ

ТАРКИБИ ИТТИЛООТОНӢ ДАР ТАФТИШИ ҶИНОЯТҲО ОИД БА МЕРОСИ ФАРҲАНГӢ: МАСОИЛИ ТАШАККУЛ ВА ДУРНАМОИ РУШД

ЯНИН СЕРГЕЙ АЛЕКСАНДРОВИЧ
Профессор кафедры организации следственной работы учебно-научного комплекса по предварительному следствию в органах внутренних дел Волгоградской академии МВД России, кандидат юридических наук, доцент, полковник полиции / Профессори кафедраи ташкили корҳои тафтишотии комплекси таълимӣ-илмӣ оид ба тафтишоти пешакӣ дар мақомоти корҳои дохилии Академияи ВКД Россия дар ш. Волгоград, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, полковники политсия
E-mail: s.yanin1@yandex.ru

В современном мире информация имеет первостепенное значение во многих сферах жизни. Так, наличие информационных массивов – баз данных, быстрота доступа к ним пользователей и оперирования интересующими их сведениями, использование получаемых из различных источников данных для организации деятельности пред-

[1] Сураи «Фурқон», оятҳои 68-69.

ставляют собой основу успешного функционирования не только промышленности и науки, но и правоохранительной деятельности, в частности, борьбы с преступностью.

Развитие научной мысли повлекло за собой интеграцию ее достижений не только в технологические процессы, но и в жизнь каждого индивидуума. Активная цифровизация любых сфер деятельности в последние годы позволила не только повысить их эффективность за счет значительного ускорения движения информации, но и вывести на новый уровень бытовые удобства для населения. Вместе с тем, положительный эффект технологических нововведений дополнился и негативным – активным использованием достижений прогресса в криминальных целях. Мы имеем ввиду новые способы совершения преступлений, позволяющие дистанционно и анонимно реализовывать противоправные действия, максимально затрудняя при этом для правоохранительных органов возможности получения и закрепления криминалистически значимой информации.

Однако «криминальное» использование информационных технологий повлекло за собой и вынужденную необходимость совершенствования правоохранительной деятельности в ключе использования цифровых информационных возможностей в раскрытии и расследовании преступлений.

Представленная статья призвана продемонстрировать действующую практику и перспективы применения таких возможностей в борьбе с преступлениями в отношении культурного наследия – хищениями культурных ценностей, их контрабандой, невозвращением из-за границы после временного вывоза, уничтожением или повреждением объектов культурного наследия, незаконным поиском и изъятием археологических предметов из мест залегания, уклонением исполнителя археологических и иных работ от обязательной передачи государству обнаруженных археологических предметов.

Озвученный нами вид преступлений хотя и существенно уступает по количественным показателям многим другим деликтам (против личности и собственности, дорожно-транспортным и т.д.), но, как правило, имеет широкий общественный резонанс, поскольку затрагивает сферу охраны культурного наследия государства.

Недавние примеры этому – хищение ювелирных ценностей из Лувра в г. Париже на сумму свыше 88 млн. евро[1], кража картины Архипа Куинджи из Государственной Третьяковской галереи, оцененную в 12 млн. руб.[2] и др.

Негативный аспект совершения преступлений данного вида для общества и государства состоит не только в нарушении общественных отношений собственности и иных, но и в посягательстве на культурный суверенитет, что сегодня, в условиях фактического противостояния традиционных обществ глобалистам, призывающим к размыванию традиций, забвению моральных установок и ценностей, искажающим трактовку исторических событий, имеет особое значение. Расхищение и вывоз из страны культурных ценностей, уничтожение исторических памятников признаны на государственном уровне преступлениями, посягающими на стратегические интересы Российской Федерации в области сохранения культуры. Данный подход руководства страны актуален и для других государств, желающих сохранить для потомков не только собственное культурное наследие, но и образующие общество этносы с их традициями и обрядами, предметами материальной культуры.

Поэтому правоохранительные органы должны осуществлять бескомпромиссную борьбу с подобными посягательствами, используя, в том числе, современные достижения науки и технологий.

Очевидно, что преступления в отношении культурного наследия в силу специфики предмета посягательства не могут раскрываться и расследоваться без наличия у правоохранителей информации – доказательственной, непосредственно подтверждающей те или иные обстоятельства совершенного преступления, а также ориентирующей, позволяющей установить интересующие следствие факты. То есть, информационная составляющая представляют собой важнейший и обязательный компонент раскрытия и расследования преступлений, без которого такая деятельность обречена на неудачу.

В настоящей статье под информационной составляющей мы подразумеваем криминалистически значимую цифровую информацию, а также сведения из криминалистических и иных учетов.

Первая собирается различными способами (как на бытовом уровне, так и при помощи специально предназначенных устройств), концентрируется в определенных источниках, а затем легализу-

[1] Котов, В., Лозовая, С. Ограбление за семь минут: все, что нужно знать про кражу драгоценностей из Лувра // [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://www.forbes.ru/forbeslife/548195-ograblenie-za-sem-minut-vse-cto-nuzno-znat-pro-krazu-dragocennostej-iz-luvra

[2] Антипова, А. Кража картины Куинджи из Третьяковки. Главное / [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://www.rbc.ru/society/28/01/2019/5c4f0a519a79472d2bebc41a

ется в уголовном процессе установленными законом способами и используется в расследовании. Вторые – традиционные экспертно-криминалистические, оперативно-справочные и иные учеты, объектами которых являются лица, следы с мест нераскрытых преступлений и иные значимые объекты и данные.

Потенциал использования цифровой информации в раскрытии и расследовании преступлений в отношении культурного наследия очень велик, а способы ее получения обусловлены технико-правовыми особенностями источников ее фиксации и последующего хранения.

С высокой степенью обобщения источники сбора данной информации можно подразделить на следующие виды:

1. Персональные электронно-вычислительные машины, или ПЭВМ (включая как стационарные, так и переносные компьютеры (ноутбуки и планшетные компьютеры).
2. Аппаратура фотосъемки и видеозаписи (цифровые фотокамеры, автомобильные видеорегистраторы, локальные камеры наружного видеонаблюдения, камеры видеофиксации федеральной сети аппаратно-программного комплекса «Безопасный регион», камеры со специальным программным обеспечением «Паутина»).
3. Средства сотовой связи (сотовые телефоны, смартфоны).
4. Системы сотовой связи (комплекс аппаратно-программных и иных технических средств, обеспечивающий функционирование такой связи).

Цифровая информация, хранящаяся в памяти ПЭВМ и иных указанных выше электронных носителях, в зависимости от ее содержания может выступать либо как конечный результат действий пользователя (программа; текстовый, графический, аудио-, фото- или видеофайл), либо как служебные файлы, создающиеся в процессе совершения определенных действий. Доказательственное значение могут иметь как первые, так и вторые. Разница в их получении состоит в необходимости использования при этом специальных знаний.

Так, цифровые объекты как результаты действий пользователя ПЭВМ (т.е. вышеперечисленные текстовые и иные файлы) могут быть обнаружены и осмотрены самим следователем, возможно, с привлечением специалиста. При этом зачастую для установления подобной информации на устройстве не обязательным является назначение компьютерной экспертизы, если субъектами осмотра искомая информация была обнаружена, зафиксирована и извлечена, что нашло свое отражение в протоколе следственного действия. Данный подход позволяет избежать избыточного назначения судебных экспертиз, сэкономив срок следствия и уменьшив нагрузку на сотрудников экспертно-криминалистических подразделений.

Полученную таким образом информацию можно использовать как доказательственную непосредственно, то есть в том виде, в котором она была получена, либо после производства ряда судебных экспертиз (фоноскопической, лингвистеческой, автороведческой и т.п.).

В иных случаях, если необходимо подтвердить факт совершения пользователем ПЭВМ определенных действий (т.е. установить наличие служебных файлов-следов, которые будут свидетельствовать об этом), восстановить уничтоженную цифровую информацию либо определить свойства программного продукта при решении вопроса о его вредоносности, назначение компьютерной экспертизы становится необходимым.

Применительно к сфере совершения преступлений рассматриваемого вида интерес для следователя могут представлять следующие цифровые объекты, хранящиеся в памяти ПЭВМ:

1. Сканы исторических карт местности с нанесенными на них населенными пунктами, существовавшими продолжительное время назад, и затем покинутыми жителями. Как показывает судебно-следственная практика, такие карты зачастую обнаруживаются на ПЭВМ лиц, занимающихся незаконным поиском и изъятием археологических предметов из мест их залегания, и используются как косвенное доказательство причастности фигуранта к незаконному поиску.
2. Видеозаписи незаконных раскопок, в ходе которых фиксируется факт поисковых действий с применением поисковых электронных устройств и разрушения культурного слоя, обнаружения археологических предметов.
3. Фотографии археологических предметов, иных культурных ценностей, отправляемые для атрибуции и оценки на различные форумы кладоискателей, антикваров и т.п.
4. Материалы переписки по электронной почте, в социальных сетях относительно обстоятельств, связанных с совершением преступлений рассматриваемого вида.
5. Образцы разрешительных документов на вывоз за границу культурных ценностей и т.п.

6. Возможные списки лиц, которым сбывались ценности, а также иных, потенциально владеющих информацией о деятельности фигурантов расследования.

Цифровая информация, получаемая посредством использования различной аппаратуры фотосъемки и видеозаписи, в отличие от предыдущей, имеет, как правило, более узкий характер, то есть фиксирует факт совершения определенных действий либо иные значимые для уголовного дела данные.

Основная специфика обращения с подобной информацией заключается в способах ее интеграции в уголовное судопроизводство, о чем будет сказано ниже.

Средства получения такой информации можно условно подразделить на локальные (любительские фотоаппараты, автомобильные видеорегистраторы, камеры видеонаблюдения в подъездах жилых домов, их дворах, предприятиях, учреждениях, организациях, торговых центрах, рынках и т.п.) и централизованные (камеры видеофиксации федеральной сети аппаратно-программного комплекса «Безопасный регион», камеры со специальным программным обеспечением «Паутина»).

Они позволяют как зафиксировать совершение интересующим следствие лицом определенных действий, так и факт его нахождения в определенном месте в определенное время, что может иметь как доказательственное, так и ориентирующее значение.

Подключение к АПК «Безопасный регион» модуля распознавания лиц способствует более эффективному проведению оперативно-разыскных мероприятий в отношении фигурантов расследования; результаты применения камер видеофиксации «Паутина» позволяют проводить соответствующую аналитику относительно передвижения автотранспорта фигурантов и т.п.

Сотовые телефоны и смартфоны как хранилища цифровой информации являются, по сути, мини-ПЭВМ, в памяти которых можно обнаружить интересующие следствие медиа-файлы, переписку в социальных сетях, СМС-сообщения.

Системы же сотовой связи предоставляют куда большие возможности получения доказательственной информации. Так, криминалистическое значение могут иметь сведения о принадлежности телефонного номера абонента к оператору сотовой связи, детализации звонков по телефонному номеру абонента, сама передаваемая голосовая информация и т.д.

Получение следователем указанной нами цифровой информации возможно следующими способами:

– путем производства следственных действий (осмотр, обыск, выемка);

– в рамках процессуальной деятельности следователя путем направления обязательных для исполнения запросов в предприятия, учреждения, организации и др.;

– путем производства оперативно-разыскных мероприятий с последующей передачей их результатов в установленном порядке следователю.

При этом следует иметь ввиду, что процесс получения охраняемой законом информации у граждан (например, посредством обыска в жилище), а также юридических лиц (телефонных и иных переговоров, о вкладах и др.) требует получения судебного решения.

Тенденцией последних лет является все более активное использование цифровой информации в расследовании, что подтверждается приведенными нами примерами из судебно-следственной практики, и процесс этот необходимо приветствовать, поскольку доказательственное значение таких данных велико, и за счет непрекращающегося процесса цифровизации жизни будет только расти.

Значительный интерес представляет также использование в расследовании преступлений в отношении культурных ценностей массивов данных, называющихся в правоохранительной практике учетами. Они уже много лет являются информационным базисом расследования, позволяя повышать его результативность. Существующие традиционные экспертно-криминалистические, оперативно-справочные, разыскные и иные учеты с успехом используются в раскрытии и расследовании преступлений рассматриваемой категории.

Однако при этом имеются и дальнейшие серьезные перспективы развития системы учетов, а именно их дополнение специализированной универсальной базой данных культурных ценностей.

Правовые и технологические предпосылки для подобных выводов являются. Так, в 2023 г. на законодательном уровне[1] было предусмотрено создание Государственной информационной системы в сфере сохранения культурных ценностей, посредством которой должно быть обеспечено ведение следующих реестров:

– экспертов по культурным ценностям;

– экспертных заключений, составленных экспертами по культурным ценностям по результатам проведения экспертизы культурных ценностей;

– заключений (разрешительных документов) на вывоз, временный вывоз культурных ценностей (далее - реестр разрешительных документов);

– паспортов;

Единой базы данных о музыкальных инструментах и смычках, определенной статьей 35.13 Закона РФ от 15 апреля 1993 г., № 4804-1 «О вывозе и ввозе культурных ценностей».

Функционирование последней основано на применении новых технологий маркировки уникальных музыкальных инструментов – радиометками и химическими метками, позволяющими однозначно идентифицировать помеченные предметы. При этом перенос нанесенных меток на другой предмет физически невозможен (они повреждаются и теряют свои свойства), а срок их действия составляет от 10 (для радиометок) до 50 (для химических меток) лет.

Представляется, что открывающиеся возможности можно было бы с успехом использовать для расширения Единой базы данных музыкальных инструментов до Единой базы данных культурных ценностей, маркируя таким образом все указанные ценности, на поверхность которых могут быть нанесены метки. В первую очередь целесообразно было бы включить туда предметы из числа находящихся в Музейном фонде Российской Федерации, а затем иные, продаваемые через аукционы, в антикварных магазинах и т.п., т.е. поступающие тем или иным образом в гражданский оборот.

То есть, наше предложение заключается в необходимости создания универсальной автоматизированной информационной поисковой системы, доступ к которой был бы одновременно у заинтересованных федеральных органов исполнительной власти (Министерства культуры как ее оператора, Министерства внутренних дел, Федеральной таможенной службы) для решения широкого спектра разнообразных задач – как правоохранительных, так и служебно-организационных в сфере контроля за оборотом и сохранением культурных ценностей.

Однако, к большому сожалению, до настоящего времени отмеченные нами положения федерального закона не реализованы в нормативных правовых актах Правительства Российской Федерации и Министерства культуры России (последним подготовлен пока не утвержденный Правительством Российской Федерации проект соответствующего постановления[2]), хотя представляют несомненный интерес и могли бы быть развиты и усовершенствованы для заявленных нами целей.

Таким образом, подводя итог под вышеизложенным, можно сделать следующие выводы.

Информационный аспект в расследовании преступлений в отношении культурного наследия народов России не просто важен, а имеет порой определяющее значение для установления криминалистически значимой информации и формирования доказательственной базы по уголовному делу.

Процесс применения в расследовании цифрой информации, получаемой из различных источников, в качестве доказательственной либо ориентирующей нарастает, позволяя повысить эффективность расследования и сокращая его сроки.

Применение передовых технологий маркировки культурных ценностей и создание автоматизированной информационной поисковой системы позволит одновременно всем заинтересованным ведомствам использовать ее в своих интересах, решая стоящие перед ними государственные задачи. В частности, в рамках расследования преступлений резко сократится время идентификации обнаруженных (задержанных, изъятых) предметов, предположительно относящихся к категории культурных

---

[1] Федеральный закон «О внесении изменений в Закон Российской Федерации «О вывозе и ввозе культурных ценностей» и статью 11 Федерального закона «О Музейном фонде Российской Федерации и музеях в Российской Федерации» от 24 июля 2023 г., № 327-ФЗ // СПС КонсультантПлюс; [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://www.consultant.ru/ (дата обращения: 05.04.2026).

[2] Проект Постановления Правительства Российской Федерации «Об утверждении Положения о Государственной информационной системе в сфере сохранения культурных ценностей» (подготовлен Минкультуры России 29.12.2023) // [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://www.garant.ru/products/ipo/prime/doc/56880938/ (дата обращения: 05.04.2026).

ценностей, что позволит без промедлений принимать органами дознания и предварительного следствия соответствующие процессуальные решения.

Вкупе же все изложенное будет способствовать сохранению культурного наследия народов Российской Федерации, обеспечивая тем самым культурный суверенитет страны и историческую память ее народа.

ТАҲҚИҚОТИ ИЛМИИ ҲАЙАТИ ПРОФЕССОРОНУ ОМӮЗГОРОН, ДОКТОРОН, АДЪЮНКТОН, АСПИРАНТОН ВА УНВОНҶӮЁН

НАУЧНЫЕ ИССЛЕДОВАНИЯ ПРОФЕССОРСКО-ПРЕПОДАВАТЕЛЬСКОГО СОСТАВА, ДОКТОРАНТОВ, АДЪЮНКТОВ, АСПИРАНТОВ И СОИСКАТЕЛЕЙ

ТДУ 349.23/24

МАФҲУМ ВА НАМУДҲОИ НОЗИРОТ ВА НАЗОРАТИ ДАВЛАТИИ РИОЯИ ҚОНУНГУЗОРИИ МЕҲНАТ

ПОНЯТИЕ И ВИДЫ ИНСПЕКЦИИ И ГОСУДАРСТВЕННОГО НАДЗОРА ЗА СОБЛЮДЕНИЕМ ТРУДОВОГО ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВА

КАРИМЗОДА НАСИМ САМИҶОН
Муовини якуми Вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, унвонҷӯи Пажуҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ / Первый заместитель министра труда, миграции и занятости населения Республики Таджикистан, соискатель Научно-исследовательского института труда, миграции и занятости населения

Дар мавриди таъмини назорати риояи қонунгузории меҳнат маъмулан ду истилоҳ «назорат» ва «нозирот (надзор)» истифода мегардад. Бояд ба назар гирифт, ки мафҳумҳои мазкур аз ҳамдигар фарқ дошта, моҳияту вазифаҳои гуногун доранд.

Ба назари Арсентева Н.А., “нозиротро” танҳо мақомоти ҳокимияти давлатӣ нисбат ба муносибатҳои оммавӣ амалӣ менамоянд. Инро бояд ба назар гирифт, то ки ҷанбаҳои гуногуни танзими соҳаи меҳнат дуруст дарк карда шаванд[1]. Аз ин бармеояд, ки нуктаи калидӣ ҳангоми баррасии мафҳумҳои «нозиротӣ» ва «назорат» ин аст, ки назорат қисми таркибии ҳам муносибатҳои ҳуқуқи оммавӣ ва ҳам хусусӣ мебошад.

Дар ҳуқуқи оммавӣ назорат ин функсияи мақомоти давлатӣ эътироф мегардад, дар муносибатҳои хусусӣ бошад, ин вазифаро шарикони иҷтимоӣ ва иттифоқҳои касаба иҷро мекунанд. Вале, дар амалия мафҳумҳои «нозиротӣ» ва «назорат» дар қонунгузорӣ аксаран якхела истифода мешаванд. Аммо, фарқияти асосии нозирот дар хусусияти оммавии он ин аст, ки нозиротии давлатии фаъолияти муайян, инчунин ошкор ва пешгирии қонуншиканиро дар бар мегирад. Назорат бошад, метавонад ҳам дар дохили худи ташкилот ва ҳам аз ҷониби иштирокчиёни берунаи муносибатҳои ҳуқуқӣ, аз қабили иттифоқҳои касаба ва шарикони иҷтимоӣ амалӣ гардад.

Контарев А.В. ба ин ақида аст, ки “дар қонунгузории муосир ин ду мафҳум аксаран ба ҷойи ҳам истифода мешаванд, аммо фаҳмиши дуруст ва фарқгузории онҳо барои танзими дақиқтари муносибатҳои меҳнатӣ мусоидат менамояд”[2].

Дар амалияи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон низ назорат ва нозиротии давлатӣ ду мафҳуме мебошанд, ки аксар вақт бо ҳам омехта мешаванд. Аммо, тавре дида мешавад, байни онҳо фарқиятҳои муайян вуҷуд доранд. Ҳангоми нозиротии давлатӣ танҳо риояи қонунҳо ва санадҳои меъёрӣ бидуни арзёбии мақсаднокии чорабиниҳои андешидашуда назорат карда мешавад. Назорат ва нозиротии давлатӣ аз рӯйи ҳаҷми ваколатҳо фарқиятҳои назаррас доранд. Дар доираи назорат мақомоти давлатӣ ҳуқуқ доранд ба фаъолияти оперативию хоҷагидории субъект дахолат намуда, нисбат ба кормандон чорабиниҳои интизомӣ татбиқ намоянд. Дар баробари ин, мақомоти нозиротии давлатӣ танҳо бо вазифаи мушоҳида, тафтиши риояи санадҳои меъёрӣ ва қоидаҳои ҳатмӣ ва ба ҷавобгарии маъмурӣ кашидани шахсони гунаҳкор

[1] Арсентьева, Н.А. О государственном контроле (надзоре) за соблюдением трудового законодательства / Н.А. Арсентьева, Т.О. Третьякова // Правовое государство: теория и практика. – 2022. – № 4(70). – С. 35-40.
[2] Контарев, А.В. Государственная инспекция труда как субъект государственного контроля (на примере Вологодской области) / А.В. Контарев, О.В. Дербина // Ius Publicum et Privatum. - 2020. - № 4 (9). - С. 14-17.

маҳдуд мешаванд. Аз ин рӯ, ошкор ва пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо вазифаи асосии мақомоти нозиротии давлатӣ мебошад.

Фарқияти байни нозиротӣ ва назорати давлатӣ бо вазифаҳои гуногуне, ки онҳо вобаста ба объекти назорат иҷро мекунанд, вобаста аст. Доир ба ин масъалаи Фомин В.И. қайд мекунад ки "Назорати давлатӣ бештар ба назорати оперативӣ нисбат ба ташкилотҳо, муассисаҳо, ширкатҳо, шахсони мансабдор ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ равона шудааст ва одатан ба шаҳрвандони алоҳида татбиқ намегардад. Ҳамин тариқ, ҳар ду функсия барои таъмини қонуният дар ҷомеа заруранд ва бояд мутобиқи меъёрҳо ва қоидаҳои дахлдор амалӣ гарданд"[1].

Чунин ба назар мерасад, ки нозиротӣ ва назорати давлатӣ ҳадафҳои шабеҳ доранд, вале аз рӯйи хусусияти объектҳои мушоҳида фарқ мекунанд. Нозироти давлатӣ ба таъмини қонуният дар соҳаи идоракунии давлатӣ ва танзими фаъолияти мақомоти давлатӣ равона шудааст. Назорат бошад, асосан дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ амалӣ гардида, ба ошкор ва пешгирии вайронкунии қонунгузорӣ нигаронида шудааст. Назорати оперативӣ мушоҳидаи фаъолияти корхонаҳо ва ташкилотҳоро бо мақсади ошкор намудани камбудиҳо ва амалҳои ғайриқонунӣ дар бар мегирад. Нозироти давлатӣ назорати яктарафаи фаъолияти мақомоти давлатӣ буда, ба татбиқи чораҳои пешгирикунанда барои таъмини қонуният равона мешавад.

Ҳамин тариқ, нозиротӣ ва назорати давлатӣ воситаҳои муҳимтарини давлат мебошанд, ки ба таҳкими фарҳанги ҳуқуқӣ, ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои шаҳрвандон ва таъмини қонуният дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ равона шудаанд. Яке аз фарқиятҳои асосӣ байни онҳо субъектҳои татбиққунанда дар он аст, ки нозиротии давлатӣ аз ҷониби шумораи зиёди мақомоти давлатӣ амалӣ мегардад, дар ҳоле ки назорат одатан аз ҷониби доираи маҳдуди мақомоти ваколатдор иҷро мешавад.

Яке аз усулҳои асосии нозиротӣ мушоҳидаи бевосита ва баррасии муроҷиатҳо ва шикоятҳо мебошад. Назорат бошад, маҷмӯи васеътари усулҳоро дар бар мегирад, аз ҷумла тафтиш, инспексия, ревизия ва таҳлил, ки барои ба даст овардани натиҷаҳои дақиқ дар шароити гуногун истифода мешаванд.

Вобаста ба ин, назорати риояи қонунгузории меҳнатро шартан ба се сатҳ ҷудо кардан мумкин аст: назорати давлатӣ, назорати ҷамъиятӣ ва назорати прокурорӣ. Низоми назорат унсури муҳими устувории муносибатҳои меҳнатӣ мебошад. Таҳсимоти ваколатҳои назоратӣ байни иттифоқҳои касаба бо созишномаҳои шарикии иҷтимоӣ самаранок арзёбӣ мегардад. Иттифоқҳои касаба шартномаҳои коллективӣ ва шароити меҳнатро назорат мекунанд, дар ҳоле ки созишномаҳои иҷтимоӣ ваколатҳои иловагӣ барои назорати риояи меъёрҳои меҳнатӣ фароҳам меоранд.

Нозироти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қисми муҳимми фаъолияти Хадамоти назорати давлатии меҳнат буда, риояи қонунгузории меҳнатро таъмин менамояд. Ин мақомот бо юрисдиксияи маъмурӣ алоқаманд буда, чораҳои пешгирикунанда ва ҷазоҳои маъмуриро татбиқ менамояд. Баръакс, мақомоти назоратӣ одатан чунин ваколатҳои васеи маҷбуркуниро надоранд.

Низоми ҳуқуқи меҳнат пайваста рушд мекунад ва маҷмӯи меъёрҳо ва институтҳоро дар бар мегирад, ки ба танзими муносибатҳои меҳнатӣ, ҳифзи ҳуқуқи кормандон ва корфармоён, пешгирии низоъҳо ва таъмини ҳамкории онҳо равона шудаанд. Дар ин низом мақомоти гуногун, аз ҷумла хадамотҳои меҳнат, судҳо ва иттифоқҳои касаба фаъолият мекунанд.

Хадамоти назорати давлатии меҳнат назорати риояи шартҳои меҳнат, пардохти музди меҳнат, ҳифзи меҳнат ва дигар ҷанбаҳоро амалӣ намуда, бо мақсади ҳифзи ҳуқуқи кормандон тадбирҳои зарурӣ меандешад. Ин ниҳод санҷишҳо мегузаронад, ҳуқуқвайронкуниҳоро ошкор мекунад ва барои бартараф намудани онҳо чора меандешад.

Назорати давлатӣ дар соҳаҳои гуногун, аз ҷумла бехатарии меҳнат, аз ҷониби мақомоти махсус амалӣ карда мешавад. Онҳо ҳуқуқ доранд санҷиш гузаронанд, ҷарима таъин кунанд ва шахсони гунаҳкорро ба ҷавобгарӣ кашанд. Ин фаъолият ба таъмини бехатарии кормандон, аҳолӣ ва муҳити зист равона шудааст.

Назорати идоравӣ низ унсури муҳими ҳифзи ҳуқуқи кормандон мебошад. Он дар доираи фаъолияти мақомоти иҷроия амалӣ гардида, одатан пас аз муроҷиати корманд сурат мегирад.

[1] Фомин, В.И. Деятельность государственных инспекций труда по вопросам соблюдения законодательства об оплате труда / В. И. Фомин // Эволюция российского права: Материалы XIX Международной научной конференции молодых ученых и студентов, Екатеринбург, 29–30 апреля 2021 года / Уральский государственный юридический университет. – Екатеринбург: Уральский государственный юридический университет, 2021. – С. 794-800.

Дар ҳолати ошкор шудани қонуншиканӣ, мақомоти болоӣ вазифадор менамоянд, ки роҳбарият онҳоро бартараф намояд.

Дар маҷмуъ, назорат ва санҷиши давлатӣ дар соҳаи меҳнат фаъолияти мақомоти махсусро дар бар мегиранд, ки ба ҳифзи ҳуқуқи кормандон ва таъмини иҷрои қонунгузории меҳнат равона шудаанд. Барои баланд бардоштани самаранокии ин низом, зарур аст, ки ҷавобгарии корфармоён пурзӯр гардида, тартиби баррасии баҳсҳои меҳнатӣ такмил дода шавад, сатҳи огоҳии кормандон баланд бардошта шавад ва дастрасӣ ба ёрии ҳуқуқӣ таъмин гардад.

Ҳамин тариқ, ҳалли масъалаҳои марбут ба риояи қонунгузории меҳнат муносибати ҳамаҷонибаро талаб мекунад, ки ҳам такмили қонунгузорӣ ва ҳам баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти назоратӣ ва санҷиширо дар бар мегирад. Дар раванди таҳлили мафҳум ва намудҳои нозирот ва назорати давлатӣ оид ба риояи қонунгузории меҳнат маълум шуд, ки ин самт нақши калидӣ дар таъмин намудани ҳуқуқҳои кормандон ва иҷрои уҳдадориҳои корфармоён дорад. Мафҳумҳои нозирот ва назорати давлатӣ дар соҳаи меҳнат низоми чорабиниҳоеро фаро мегиранд, ки ба таъмини қонунмандии муносибатҳои меҳнатӣ, пешгирӣ аз вайронкуниҳо ва ҳифзи ҳуқуқҳои меҳнатӣ равона шудаанд.

Систематизатсияи намудҳои нозирот ва назорати давлатӣ имкон дод, ки ду самти асосӣ фарқ карда шаванд: нозирот**,** ки аз ҷониби мақомоти давлатӣ бо мақсади мониторинг ва арзёбии риояи қонунгузории меҳнат амалӣ карда мешавад, ва назорати давлатӣ, ки тафтиши риояи воқеии меъёрҳои қонунро, ошкор намудани вайронкуниҳо ва татбиқи чорабиниҳои масъулиятиро дар бар мегирад. Ғайр аз ин, муайян карда шуд, ки назорати давлатӣ метавонад тартиби нақшавӣ ва ғайринақшавӣ дошта бошад ва инчунин бар асоси санадҳои гуногуни меъёрии ҳуқуқӣ, ки муносибатҳои меҳнатиро танзим мекунанд, ба амал оварда шавад.

Бар асоси таҳлилҳои анҷомдода метавон хулоса кард, ки ташкил ва иҷрои самараноки нозирот ва назорати давлатӣ оид ба риояи қонунгузории меҳнат на танҳо ба пойгоҳи ҳуқуқии мушаххас, балки ба ҳамоҳангии фаъолияти мақомоти давлатӣ ниёз дорад, ки ба баланд бардоштани саводнокии ҳуқуқии иштирокчиёни муносибатҳои меҳнатӣ, пешгирӣ аз вайронкуниҳо ва ҳифзи кафолатҳои иҷтимоӣ ва меҳнатӣ равона шудааст. Ин омилҳо ба тақвияти фарҳанги ҳуқуқӣ дар соҳаи меҳнат ва эҷоди муҳити корӣ адолатнок ва бехатар мусоидат мекунанд.

ТДУ 349.2

ХУСУСИЯТҲОИ ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ ШАКЛҲОИ ШУҒЛИ ҒАЙРИАНЪАНАВӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

ОСОБЕННОСТИ ПРАВОВОГО РЕГУЛИРОВАНИЯ ФОРМ НЕСТАНДАРТНОЙ ЗАНЯТОСТИ В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

МАҚСАТУЛЛОЗОДА ПАРВИЗ МАҚСАТУЛЛО
Муовини якуми директори "Пажӯҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ" /
Первый заместитель директора научно-исследовательского института труда, миграции и занятости населения
E-mail: parviz.kukanov.72@mail.ru

Дар бозори меҳнати чи дохилӣ ва чи хориҷӣ бо пайдоиши намудҳои нави шуғл ҳар гуна тағйирот замина мегузоранд ва ин намудҳои шуғл ба намудҳои шуғли анъанавӣ ҳамроҳ мешавад.

Дар замони ҳозира бозори меҳнат гуногун ва омехта гашта, дар баробари шуғлҳои анъанавӣ, шаклҳои нави шуғли ғайрианъанавӣ пайдо шуда дар соҳаи идоракунии захираҳои инсонӣ дар хориҷа ва дар дохили кишвар низ хеле васеъ паҳн шуда истодаанд.

Дар робита ба ин, норасоии таҳияҳои илмӣ-методӣ, маълумот дар бораи паҳншавии шаклҳои шуғли ғайрианъанавӣ, самаранокии истифодаи онҳо барои қабули қарорҳо дар соҳаи иҷтимоӣ ва меҳнатӣ инчунин, нокифоя будани асосҳои меъёрӣ-ҳуқуқии истифодаи онҳо ба назар расида, масъалаҳои мазкур дар Ҷумҳурии Тоҷикистон умуман ё кам омӯхта шудаанд.

Бинобар ин, зарурати омӯхтани масъалаҳои болозикр ҷиҳати ҳимояи ҳуқуқи иштирокчиёни ин қисмати бозори меҳнат ва танзими ҳуқуқии онҳо тибқи қонунгузорӣ зарур ва саривақтӣ мебошад.

Аҳаммияти таҳлили намудҳои шуғли ғайрианъанавӣ дар он аст, ки раванди ташаккули ҷомеаи ҷаҳонӣ пас аз солҳои ду ҳазорум ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқ рушд карда истодааст. Рушди соҳаҳои илм, саноат, нақлиёт, сайёҳӣ, хизматрасонӣ, сохтмон, кишоварзӣ, ҳунарҳои мардумӣ ва ғайра ба муносибатҳои мавҷудаи иҷтимоӣ ва меҳнатӣ таъсир мерасонад. Дар даврони истиқлоли ҷумҳурӣ афзалиятҳои сиёсати хориҷӣ ва дохилӣ ба таври назаррас тағйир ёфтанд. Солҳои охир бо мақсади рушди соҳаҳо аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъалаҳои рақамикунонӣ ва истифодаи зеҳни сунъи аҳамияти хос дода мешавад.

Қобили қайд аст, ки дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ аз 16-уми декабри соли 2025 ба масъалаи самтҳои афзалиятноки ҷумҳурӣ диққати хосса дода шуд. Махсусан Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуданд, ки “Ҳукумати мамлакат бояд самтҳои афзалиятноки рушди технологияҳои рақамӣ ва зеҳни сунъӣ, саноатикунонии босуръат бо технологияҳои муосир, истифодаи имкониятҳои транзитӣ ва сайёҳӣ, идомаи ислоҳоти идоракунии давлатӣ, дастгирии соҳибкорӣ ва беҳтар гардонидани фазои сармоягузориро тақвият бахшад”[1].

Ҳамзамон, вазорату идораи дахлдор вазифадор карда шуданд, ки талаботи бозори меҳнатро дар самти иқтисоди рақамӣ омӯхта, барои зиёд намудани теъдоди мутахассисони соҳаи мазкур, инчунин, баланд бардоштани сифати омодасозии кадрҳо тадбирҳои зарурӣ андешанд.

Хусусиятҳои танзими ҳуқуқии намудҳои муайяни шуғли ғайрианъанавӣ аз ҷониби коршиносони гуногун мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Массалан, доир ба намудҳои мушаххаси муносибатҳои шуғли ғайрианъанавӣ, аз ҷумла, шуғли дурдаст ё фосилавӣ Григорева Ю.С. қайд намуда, мегуяд, ки динамикаи рушди ҳар як ҷомеа бо тағйироте, ки дар соҳаи иҷтимоӣ, аз ҷумла, бозори меҳнат, ба таври возеҳ намоёнанд ва алоқамд мебошанд[2]. Ба ақидаи олим пешрафти илм, техника, рушди технологияҳои иттилоотӣ ва пайдоиши иқтисоди рақамӣ ба ҳама соҳаҳои ҷомеа таъсир мерасонад, ки ин дар навабати худ ба рушди падидаи шуғли ғайрианъанавӣ мусоидат мекунад.

Як намуди шуғли ғайрианъанавӣ кори фосилавӣ мебошад, ки аз ҷониби қонунгузории меҳнат танзим карда мешавад ва фаъолияти кормандро дар бар мегирад ва аз макони корфармо дур, дар воҳиди сохтории берун аз ҷои кор ё иншооти худ кор мекунад.

Мувофиқи моддаи 312.1 Кодекси меҳнати Федератсияи Россия (минбаъд – КМ ФР), нишонаҳои аввалин ва асосии кори фосилавӣ ин аст, ки корманд вазифаи корӣ худро берун аз макони корфармо иҷро мекунад[3]. Нишонаҳои дуюм ва асосии кори фосилавӣ дар он аст, ки муошарати байни корфармо ва корманд оид ба масъалаҳои марбут ба иҷрои кор бо ёрии шабакаҳои иттилоотӣ ва телекоммуникатсионии ҷамъиятӣ, аз ҷумла интернет, амалӣ карда мешавад.

Муносибатҳои меҳнатӣ байни тарафҳо дар доираи шартномаи меҳнатии оид ба кори фосилавӣ танзим карда мешаванд, ки хусусияти фаъолияти кориро инъикос мекунад. Корманди фосилавӣ мувофиқи қоидаҳои умумии муқаррарнамудаи м. 68 КМ ФР, ба кор қабул карда мешавад. Бар асоси таърифи дар қонунгузорӣ пешниҳодшуда, хусусиятҳои асосии зерини кори дурдастро муайян кардан мумкин аст:

– истифодаи имзоҳои электронӣ барои коргарони дурдаст;

– маълумот дар бораи кори дурдаст метавонад ба дафтарчаи меҳнатӣ сабти дохил карда нашавад ва худи дафтарчаи меҳнати дода нашавад, агар шартномаи меҳнатӣ барои корманд бори аввал баста шавад;

---

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ” аз 16-уми декабри соли 2025 // [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: https://prezident.tj.

[2] Григорьева, Ю.С. Развитие нетипичных форм трудовой занятости в современных реалиях / Ю. С. Григорьева // Молодой ученый. - 2024. - № 25 (524). - С. 179-180.

[3] Трудовой кодекс Российской Федерации от 30 декабря 2001, № 197-ФЗ (ред. от 28.12.2025, с изм. от 06.02.2026) // «Консультант Плюс»-Законодательство РФ: Кодексы, законы и другие материлы-consultant.ru.

– корфармо ба корманди дурдаст таҷҳизот, воситаҳои барномавӣ-техникӣ, воситаҳои муҳофизати иттилоотӣ ва дигар воситаҳои заруриро барои иҷрои вазифаҳои корӣ худ таъмин мекунад (мувофиқи м. 312.6 КМ ФР);

– корфармо ӯҳдадориҳои бехатарии меҳнатро нисбат ба корманд, ки дар м. 212 КМ ФР муқаррар шудаанд, иҷро мекунад; Суғуртаи ҳатмии иҷтимоии кормандон аз садамаҳои истеҳсолӣ ва бемориҳои касбӣ (б. 21, қ. 2, м. 212 КМ ФР).

– корфармо соатҳои корӣ ва вақти истироҳати корманди фосилавиро бо салоҳдиди худ муайян мекунад. Кори фосилавӣ аксар вақт бо кори хонагӣ муқоиса карда мешавад. Аммо, фарқияти асосӣ дар худи маҳсулот аст. Кормандони хонагӣ одатан фаъолияти истеҳсолиро анҷом медиҳанд, дар ҳоле, ки кори фосилавӣ фаъолияти зеҳниро дар бар мегирад, аммо онлайн анҷом дода мешавад. Ғайр аз ин, коргарони хонагӣ на дар бинои корфармо, балки аз фосилаи дур кор мекунанд ва кори худро аз хона иҷро мекунанд".

Танзими фаъолияти кори фосилавӣ дар Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – КМ ҶТ) дар боби 23 (Хусусияти танзими меҳнати кормандони бо кори фосилавӣ машғулбуда м.м. 255-257) пешбинӣ гардидаанд[1].

Тибқи м. 255 КМ ҶТ, "кори фосилавӣ - шакли махсуси раванди меҳнат, ки берун аз маҳалли ҷойгиршавии корфармо бо истифода аз технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ иҷро карда мешавад» кори фосилавӣ (дистансионӣ) ҳисобида мешавад.

Шароити меҳнати кормандоне, ки бо кори фосилавӣ (дистансионӣ) машғуланд, тибқи м. 256 КМ ҶТ ба танзим дароварда шудааст.

Моддаи мазкур пешбинӣ намудааст:

1) Корфармо ба корманд воситаҳои коммуникатсионӣ (воситаҳои алоқа) пешниҳод намуда, хароҷоти пайвасткунӣ ва хизматрасонии онро ба зимма мегирад. Дар ҳолатҳое, ки корманд воситаҳои коммуникатсионии худро доимо истифода мебарад, корфармо онро ҷуброн менамояд. Ҳаҷм ва тартиби пардохти он бо розигии корманд муқаррар карда мешаванд.

2) Бо розигии тарафҳо корфармо метавонад, ба корманди фосилавӣ (дистансионӣ) дигар хароҷотҳоро вобаста ба иҷрои кор (маблағи қувваи барқ, об ва дигарҳо) пардохт намояд.

3) Тартиб, муҳлат ва дигар шартҳои муносибатҳои меҳнатии кормандро бо корфармо шартномаи меҳнатӣ муайян менамояд".

Баҳисобгирии вақти корӣ ва вақти истироҳат, шартҳои таъмини бехатарӣ ва ҳифзи меҳнати кормандоне, ки бо кори фосилавӣ (дистансионӣ) дар м. 257 КМ ҶТ пешбинӣ гардидааст:

Тибқи қисми 1-и моддаи мазкур, барои кормандони ба кори фосилавӣ (дистансионӣ) машғулбуда меъёри давомнокии вақти корӣ ва вақти истироҳати бо КМ ҶТ муқарраргардида татбиқ мегардад.

Дар асоси қисми 2-и ин модда, баҳисобгирии вақти корӣ барои кормандони бо кори фосилавӣ (дистансионӣ) машғулбуда ва хусусияти назорати риояи реҷаи вақти корӣ, шартҳои таъмини бехатарӣ ва ҳифзи меҳнат ва риояи ин шартҳо бо шартномаи меҳнатӣ муайян карда мешаванд".

Фарқияти кори фосилавӣ дар КМ ҶТ нисбат ба КМ ФР дар он аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба муқаррароти умумӣ - мафҳум, шароити меҳнат, баҳисобгирии вақти корӣ ва вақти истироҳат, шартҳои таъмини бехатарӣ ва ҳифзи кормандоне, ки ба кори фосилавӣ машғуланд пешбинӣ гардидааст.

Дар КМ ФР кори фосилавӣ ба таври васеъ танзим шуда, масъалаҳои муқаррароти умумӣ, хусусиятҳои бастани шартномаи меҳнатӣ ва созишномаи иловагӣ ба шартномаи меҳнатӣ, ки иҷрои вазифаи фосилавиро пешбинӣ мекунад, ҳамкории байни корманди фосилавӣ ва корфармо, вақти корӣ ва вақти истироҳат, хусусиятҳои ташкили кори корманди фосилавӣ, кафолатҳои иловагӣ барои музди меҳнат, бехатарии меҳнат ва бехатарии коргарони фосилавӣ, асосҳои иловагӣ барои қатъ кардани шартномаи меҳнатӣ бо корманди фосилавӣ ва тартиби муваққатан гузаронидани корманд ба кори фосилавӣ бо ташаббуси корфармо дар ҳолатҳои истисноӣ дарҷ гардидаанд.

Бинобар ин, зарур аст, ки дар "боби 23 Хусусияти танзими меҳнати кормандони бо кори фосилавӣ (дистансионӣ) машғулбуда" КМ ҶТ моддаҳои нав пешбинӣ карда шуда, модда ва

[1] Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23-юми июли с. 2016, № 1329 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 2016. - № 7. - Мод. 604.

бобҳои нав оид ба танзим даровардани дигар намудҳои шуғли ғайрианъанавӣ ба монанди “фриланс” ворид карда шаванд.

Қобили зикр аст, ки намудҳои шуғли ғайрианъанавӣ таърихи тӯлонии рушд доранд, аммо маҳз дар солҳои охир марҳилаи фаъолтарини рушди онҳо қайд карда мешавад.

Бояд тазаккур дод, ки саривақт пайдо накардани танзими ҳуқуқии намудҳои нави шуғли ғайрианъанавӣ дар борори меҳнат боиси коҳиш ёфтани кафолати шуғл ва ҳифзи иҷтимоии коргарон шуда метавонад.

Тавсеаи намудҳои шуғли ғайрианъанавӣ ба он вобаста аст, ки онҳо як қатор афзалиятҳои муайян доранд. Ҳамин тариқ, дар доираи шуғли ғайрианъанавӣ муносибатҳои байни корфармоён ва кормандон тағйир меёбанд, ки онҳо имкониятҳои ҳадди аксарро барои амалӣ кардани манфиатҳо ва ниёзҳои худ истифода мебаранд. Сатҳи баланди маълумотнокии аҳолӣ низ боиси зиёд шудани талабот ба реҷаҳои чандири корӣ мегардад, ки дар доираи шуғли ғайримуқаррарӣ амалӣ карда мешаванд. Дар баробари ин, шаклҳои шуғли ғайрианъанавӣ низ мухолифатҳои муайяне доранд, ки дар таъсири дуҷонибаи онҳо ба муносибатҳои иҷтимоӣ ва меҳнатӣ зоҳир мешаванд. Аз як тараф, густариши шуғли ғайрианъанавӣ ба афзоиши шумораи коргароне, ки ҳифзи иҷтимоии кафолатнок надоранд, мусоидат мекунад. Аз тарафи дигар, шуғли ғайрианъанавӣ доираи истифодаи шарикии иҷтимоиро коҳиш медиҳад ва бинобар ин механизми коллективии меҳнатии ҳифзи коргаронро суст мекунад.

Дар робита ба ин, аҳамияти нақши танзими давлатӣ ҳамчун шароити таъмини рушди мувозинати муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ меафзояд. Бинобар ин, бояд тамоюлҳои муосири афзоиши шуғли ғайрианъанавӣ дар бозори меҳнати Тоҷикистон таҳқиқ карда шаванд, то тадбирҳои дахлдорро оид ба мутобиқсозии кормандон ба шароити нави шуғл таҳия гардида, тавозуни манфиатҳои корфармоён, давлат ва коргаронро дар низоми муносибатҳои иҷтимоӣ ва меҳнатӣ таъмин кунанд.

Дар шароити муосир шуғли ғайристандартӣ ба як унсури устувор ва ҷудонопазири бозори меҳнат табдил ёфтааст, ки бо рушди технологияҳои рақамӣ ва тағйирёбии равандҳои иқтисодӣ асоснок мегардад. Қонунгузории амалкунанда дар бисёр ҳолатҳо ба шаклҳои нави ташкили меҳнат мутобиқ шуда наметавонад, ки ин боиси номуайянии ҳуқуқӣ ва коҳиш ёфтани сатҳи ҳифзи иҷтимоии кормандон мегардад.

Таҳлили гузаронидашуда нишон дод, ки мушкилоти асосӣ фарқгузории муносибатҳои меҳнатӣ ва мадань-ҳуқуқӣ, нокифоя будани танзими шуғли платформавӣ ва набудани равишҳои ягона нисбат ба мақоми ҳуқуқии шахсони худшуғл мебошанд. Дар ин замина, зарурати таҳияи равиши мукаммали ҳуқуқӣ, ки ба навсозии қонунгузории меҳнат равона шудааст, ба миён меояд. Дурнамои рушди танзими ҳуқуқии шуғли ғайристандартӣ бо ҷорӣ намудани моделҳои чандири ҳуқуқӣ, тақвияти кафолатҳои кормандон ва мутобиқсозии қонунгузорӣ ба шароити иқтисоди рақамӣ алоқаманд аст. Ин имкон медиҳад, ки мувозинати манфиатҳои ҳамаи иштирокчиёни муносибатҳои меҳнатӣ таъмин гардида, самаранокии бозори меҳнат баланд бардошта шавад. Б назардошти гуфтащои боло ыищати танзими дурусти щуцуции масъалаи мазкур пешниҳод менамоем:

1. Ворид намудани тағйиру иловҳои зарурӣ дар “боби 23 Хусусияти танзими меҳнати кормандони бо кори фосилавӣ (дистансионӣ) машғулбуда” КМ ҶТ, аз ҷумла, моддаҳои алоҳида доир ба ҳамкории байни корманди фосилавӣ ва корфармо; кафолатҳои иловагӣ барои музди меҳнат; асосҳои иловагӣ барои қатъ кардани шартномаи меҳнатӣ бо корманди фосилавӣ ва тартиби муваққатан гузаронидани корманд ба кори фосилавӣ бо ташаббуси корфармо дар ҳолатҳои истисноӣ пешбинӣ карда шаванд;
2. Ба КМ ҶТ модда ва бобҳои нав оид ба танзим даровардани дигар намудҳои шуғли ғайрианъанавӣ ба монанди “фриланс” ворид карда шавад;
3. Бо мақсади таҳияи механизмҳои дурусти танзими ҳуқуқии намудҳои шуғли ғайрианъанавӣ омӯзиш ва таҳлили ҳамаҷонибаи намудҳои шуғли ғайрианъанавӣ инчунин, муайян намудани тарафҳои мусбӣ ва манфии ин намудҳои шуғл дар бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

ТДУ 342.511

МАҚОМУ МАНЗАЛАТИ ЗАН-МОДАР ДАР ПАЁМИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ*

МЕСТО И ЗНАЧЕНИЕ ЖЕНЩИНЫ-МАТЕРИ В ПОСЛАНИИ ЛИДЕРА НАЦИИ

АБДУЛАҲАДЗОДА АБДУЛВОҲИД АБДУЛАҲАД
Муовини сардори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон оиди кор бо ҳайати шахсӣ, полковники милитсия / Заместитель начальника Академии МВД Республики Таджикистан по работе с личным составом, полковник милиции
E-mail: vohid.0303@mail.ru

Зан-модар чароғи хонадон, сарчашмаи меҳру муҳаббат, такягоҳу тарбиятгари фарзандон, ва ояндаи миллату давлат мебошад. Ҳаёти ҳар як инсон аз батни зан-модар сарчашма мегирад. Олимону, донишмандон, сиёсатмадорону, зимомдорон дар оғуши модар ба воя расида, аз меҳрубонӣ ва ғамхориҳои зан-модар бархурдор гардида, ба мартабаҳои олӣ расидаанд. Ташаккули ояндаи миллату давлат, солимии ҷомеа, тартиботу амният, тарбияи ҷавонон дар руҳияи ватандустӣ ва садоқат ба халқу давлат аз заҳматҳо ва талошҳои зан-модар вобастагии калон дорад. Аз ин ҷиҳат таваҷҷуҳ ба зан-модар, баланд бардоштани мақомӣ ӯ ин ғамхорӣ дар ҳаққи миллту давлат ва ояндаи дурахшони Тоҷикистони соҳибистиқлол мебошад.

Дар ҳамин замина яке аз мавзуъҳои асосии паёмҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ ин масъалаи баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа мебошад. Дар Паёми имсола (соли 2025) низ Сарвари мамлакат ба масъалаи нақши занон дар ҳаёти давлативу ҷамъиятӣ, тарбия, дастгирӣ ва ҳимояи ҳуқуқи онҳо диққати махсус карда, таъкид намуданд, ки Ҳукумати мамлакат дар сиёсати иҷтимоии худ масъалаҳои марбут ба занонро дар меҳвари фаъолияти рӯзмарра қарор дода, барои рушди ин самти муҳим мунтазам тадбирҳои судманд меандешад[1]. Боиси ёдоварӣ ва хушнудӣ аст, ки мақому манзалати занону бонувон ва нақши онҳо дар эъмори давлати муосир ва рушди ҷомеа маҳз дар замони соҳибистиқлолӣ воқеан боло рафтааст.

Сарвари давлат аз саҳми арзандаи занону бонувон бо ифтихору қаноатмандӣ ёдоварӣ карда, иброз намуд, ки мо нақши бонувону занон ва духтарони бонангу номуси Ватанро дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти давлат ва ҷомеа ҳамеша қадрдонӣ мекунем ва аз саъю талоши онҳо ба хотири бунёди ояндаи ободу осудаи кишварамон ифтихор дорем.

Бо назардошти ин ҳолат масъалаи баланд бардоштани мақоми занону бонувон ва тарбия кардану ба вазифаҳои роҳбарикунанда таъин намудани бонувону духтарони лаёқатманд дар маркази диққати Ҳукумати мамлакат қарор дорад ва ин сиёсат дар оянда низ идома меёбад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба боварӣ иброз намуданд, ки занону бонувони мамлакат барои тарбияи фарзандон дар руҳияи омӯхтани илму дониш ва касбу ҳунар, риояи қонунҳои миллӣ «Дар бораи танзими ҷашну маросим» ва «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак», расму ойинҳо ва суннату анъанаҳои мардуми бостонии тоҷик, аз ҷумла сарфаю сариштакорӣ ва пӯшидани либосҳои миллӣ саъю кӯшиши бештар ба харҷ медиҳанд.

Дар паёми имсола Пешвои миллат таъкид намуданд, ки ба масъалаи бо кор таъмин намудани хатмкунандагони марказҳои таълимӣ, муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи махсус, дар навбати аввал, занон, маъюбон ва дигар гурӯҳҳои аҳолии ба дастгирии иҷтимоӣ эҳтиёҷманд бояд эътибори хосса дода шавад.

Қайд кардан ба мавриди аст, ки тарбияи занон, пешбарӣ ба вазифаҳои роҳбарикунанда, пешгирии зӯроварӣ дар оила, масоили гендерӣ, таъмини баробарҳуқуқӣ ва баробарии гендерӣ,

---

* Мақола дар доираи татбиқи мавзуи илмӣ-таҳқиқотии «Такмили фаъолияти маъмурӣ-ҳуқуқӣ ва ҷиноятӣ-ҳуқуқии мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти пешгирии зӯроварӣ дар оила (2023-2027)», ки аз ҳисоби буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағгузорӣ мешавад, омода шудааст. Рақами бақайдгирии давлатӣ: 0121TJ1291.

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ, 16-уми декабри с. 2025 // [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: https://president.tj/event/missives/54181 (санаи мурочиат: 26.03.2026).

имконияти баробар, яъне таъмини шароити якхела барои амалигардонии ҳуқуқи мардону занон дар хизмату идоракунии давлатӣ, фаъолият дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва дигар соҳаҳои ҳаёти давлатию ҷамъиятӣ ва ҳифзи ҳуқуқи занону духтарон аз ҳаргуна кирдорҳои зиддиҳуқуқӣ яке аз масъалаҳои муҳим ба ҳисоб меравад.

Дар заминаи сиёсати хирадмандонаи Пешвои миллат бо таваҷҷуҳ ба ин соҳаи муҳими иҷтимоӣ аз рӯзҳои аввали истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳбарияти Ҳукумат ба ин масъала диққати хоса зоҳир кардаанд.

Аз ҷумла, дар Конститутсияи аввалини давлати соҳибистиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистон баробарҳуқуқии мардону занон муқаррар гардидааст[1].

Баҳри дар амал татбиқ намудани кафолати конститутсионии баробарҳуқуқи мардону занон аз ҷониби давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи мукаммали ҳуқуқӣ фароҳам оварда шуда, стратегия ва барномаҳои давлатӣ ҷиҳати фаъолгардонии нақши занон, ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои онҳо ба тасвиб расидаанд. Аз ҷумлаи онҳо Конвенсияи байналмилалӣ оид ба рафъи тамоми шаклҳои табъиз нисбати занон, қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 06-уми октябри с. 1999 «Дар хусуси тасдиқи Протоколи факултативии Конвенсияи мазкур, Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо» аз 01-уми марти с. 2005, «Дар бораи баробарӣ ва барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз» аз 19-уми июли с. 2022, № 1890, «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» аз 19-уми марти с. 2013, Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 0уми декабри с. 1999, № 5 «Дар бораи тадбирҳои баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа», қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28-уми ноябри с. 2021, № 5 оид ба тасдиқ намудани «Қоидаҳои ҷудо намудани грантҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати дастгирӣ ва рушди фаъолияти соҳибкории занон барои солҳои 2021–2025», қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми апрели с. 2021, № 167 оид ба тасдиқ намудани «Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030»; қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тасдиқ намудани «Барномаи давлатии тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби занону духтарони лаёқатманд» ва ғайраҳо мебошанд.

Яке аз масъалаҳои муҳиме, ки Пешвои миллат дар паём ба он таваҷҷуҳ зоҳир намуданд ин баланд бардоштани мақоми занону бонувон ва тарбия кардану ба вазифаҳои роҳбарикунанда таъин намудани бонувону духтарони лаёқатманд мебошад. Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таълиму тарбияи насли наврас ва фарзандони содиқу ватандӯстро аз донишу заковати занон вобаста медонад. Аз ин ҷиҳат аз рӯзҳои аввали истиқлолият ба масъалаи таълиму тарбияи дурусти занону духтарон диққати махсус медиҳанд.

Бо мақсади дастрасӣ пайдо намудани духтарони деҳаҳои дурдаст ва ноҳияҳои кӯҳистон ба таълим ва соҳибмаълумот гардидани онҳо ҳамасола озмуни квотаи президентӣ гузаронида мешавад. Озмуни қабули довталабон ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дастури Пешвои миллат аз соли 1997 барои таҳсил дар мактабҳои олии Тоҷикистон бо ҳадафи дастгирии духтарону писарони деҳот ташкил шуда, 28 сол амал менамояд. Баъдан ин шароити имтиёзнок барои духтарони деҳаҳои дурдасти ҷумҳурӣ дар заминаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳкими қонунӣ пайдо намудааст[2].

Дар замони Истиқлол аз оғози ҷорӣ гардидани квотаи президентӣ, яъне, дар 28 соли охир 11 ҳазору 600 нафар духтарон аз ноҳияҳои дурдасти кӯҳистон муассисаҳои таҳсилоти олиро бо квотаи президентӣ хатм кардаанд.

Вобаста ба таҳсили духтарон қайд кардан ба маврид аст, ки дар замони соҳибистиқлолӣ зиёда аз 280 ҳазор нафар духтарон муассисаҳои таҳсилоти олиро хатм кардаанд, яъне соҳиби маълумоти олӣ гардидаанд.

Илова бар ин, зиёда аз 35 ҳазор духтарону бонувон муассисаҳои таҳсилоти олии кишварҳои хориҷиро хатм карда, соҳибмаълумот шудаанд.

---

[1] Муфасал ниг.: моддаи 17 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 06-уми ноябри с. 1994 (бо назардошти тағйироту иловаҳо аз солҳои 1999, 2003, 2016). – Душанбе: Паёми Сомониён, 2016. – 135 с.

[2] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо» аз 1-уми марти с. 2005, № 89.

Ҳоло аз 214 ҳазор нафар донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар 90 ҳазор нафар ё 42 фоизро духтарон ташкил медиҳанд[1].

Тибқи маълумоти Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар 26 соле, ки квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои духтарону писарони деҳоти дурдасти кишвар амал мекунад, аз 61 шаҳру ноҳия ба 20 муассисаи таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ 26 ҳазору 67 ҷой (15 ҳазору 914 ҷой барои духтарон ва 10 ҳазору 153 ҷой барои писарон) ҷудо гардидааст[2].

Масъалаи ба таҳсил фаро гирифтани духтарон дар замонҳои гузашта бо назардошти урфу одат ва баъзан қолабҳои (стереотипҳои) гендерии манфӣ мушкил буд. Кам оилаҳое буданд, ки барои таҳсили духтарон берун аз макони зисташон (шаҳру ноҳия) иҷозат медоданд. Аммо имрӯз дар заминаи сиёсати хирадмандонаи Пешвои миллат ҳазорон духтарон, аз ҷумла аз ноҳияҳои дурдаст ва кӯҳистон дар муассисаҳои олии таълимӣ таҳсил намуда, соҳиби маълумот ва касбу ҳунар мегарданд. Масъалаи фарогирии духтарон ба таҳсил сол то сол тамоюли зиёдшавӣ дорад.

Аз рӯйи таҳлилҳои Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар натиҷаи амалисозии барнома ва стратегияҳои давлатӣ вобаста ба сатҳи фарогирии духтарон ба мактабҳои олӣ маълум шудааст, ки агар соли 2017 шумораи занону духтарони ба мактабҳои олии касбӣ барои таҳсил фаро гирифта 35 фоизро ташкил медод, дар соли 2022 ин теъдод ба 45 фоиз расидааст[3].

Сарвари давлат дар паёми соли 2024 қайд карда буданд, ки 42 ҳазору 400 нафар ҷавонони мо дар 42 давлати мутараққии ҷаҳон таҳсили илм доранд, ки 13 ҳазор нафар ё беш аз 30 фоизи онҳо духтарон мебошанд[4].

Ин нишондиҳанда гувоҳи равшани он аст, ки сиёсати пешгирифтаи Роҳбари давлат дар самти тарбия ва омодасозии мутахассисони ҳирфаи аз ҳисоби занон марҳила ба марҳила амалӣ гардида истодааст.

Масъалаи муҳими дигаре, ки Пешвои миллат дар паёми имсола ба он таваҷҷуҳ карданд ин интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунанда аз ҳисоби занҳо мебошад. Дар ин замина чандин санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба тасвиб расида, стратегия ва барномаҳои давлатӣ[5] қабул гардидаанд.

Соли 2021 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии (аз 21 декабри соли 2021) ба Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон супориш дода буданд, ки бо мақсади муайян намудани дурнамои фаъолияти занону бонувон дар иқтисоди миллӣ Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар ҷомеа таҳия ва ба тасвиб расонида шавад. Тибқи дастуру супориши мазкур, стратегия барои солҳои 2021-2030 ва нақшаи амали он барои солҳои 2021-2025 ба имзо расонида шуд.

Дар натиҷаи чораҷӯии давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати омодасозии кадрҳои роҳбарикунанда аз ҳисоби занон сол то сол шумораи занон дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ, аз ҷумла дар вазифаҳои роҳбарикунанда зиёд мегарданд. Агар соли 2017, 6657 нафар занону бонувон ба ҳайси роҳбарони муассисаҳои гуногун фаъолият доштанд, дар соли 2022 ин шумора ба 10 ҳазору 950 адад расида, ин шумора сол то сол тамоюли зиёдшавӣ дорад[6].

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паёми қаблии худ соли 2024 қайд карда буданд, ки ҳоло дар кишвар 25 фоизи хизматчиёни давлатӣ, 73 фоизи кормандони соҳаи

---

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ аз 28-уми декабри с. 2024 // [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: https://president.tj/event/missives/49225 (санаи мурочиат: 31.12.2025).

[2] Квотаи Президентӣ: имтиёз ба таҳсил // [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: https://omuzgor-gazeta.tj/?p=4662&ysclid=mju6nq6112904619776 (санаи мурочиат: 31.12.2025).

[3] Барномаи давлатии тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунанда аз ҳисоби занону бонувони болаёқат барои солҳои 2023–2030 дар амал татбиқ мешавад // [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: https://khovar.tj/2022/02/barnomai-davlatii-tarbiya-intihob-va-oba-oguzorii-kadr-oi-ro-barikunanda-az-isobi-zanonu-bonuvoni-bolayo-at-baroi-sol-oi-2023-2030-dar-amal-tatbi-meshavad/ (санаи мурочиат 31.12.2025).

[4] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ аз 28-уми декабри с. 2025 // [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: https://president.tj/event/missives/49225 (санаи мурочиат: 31.12.2025).

[5] Барномаи давлатии тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунанда аз ҳисоби занону бонувони болаёқат барои солҳои 2023–2030 дар амал татбиқ мешавад // [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: Агентии миллии итилоотии Тоҷикистон «ХОВАР» санаи мурочиат 31.12.2025.

маориф, 71 фоизи кормандони соҳаи тиб, 47 фоизи кормандони соҳаи фарҳанг, 37 фоизи олимон ва 30 фоизи соҳибкоронро бонувону занон ташкил медиҳанд.

Имрӯз беш аз 110 ҳазор бонувону занони кишвар ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул мебошанд[1].

Дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ аз ҷумла дар идоракунии давлат, хизмати давлатӣ ва дигар соҳаҳои ҳаёти ҷомеа сол ба сол шумораи занон зиёд шуда истода, ҳадафҳои пешгирифтаи давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ шуда истодаанд.

Дар паём инчунин Пешвои миллат ба боварӣ изҳор намуданд, ки занону бонувони мамлакат барои тарбияи фарзандон дар руҳияи омӯхтани илму дониш ва касбу ҳунар, кушиши бештар ба харҷ медиҳанд. Воқеан таҷриба нишон медиҳад, ки баъзан мавридҳо модарони тоҷик ба хотири таълиму тарбияи фарзанд аз тамоми манфиатҳои худ гузашт намуда, хонанишиниро ихтиёр менамоянд. Натиҷаи чунин аз худгузаштанҳо аст, ки имрӯз модари тоҷик бо сари баланд ифтихор дорад, ки садҳо фарзандони фарзона, нобиғагони бузург ва номбардорони миллатро ба дунё оварда, дар домони пурпеҳру муҳаббати поки худ парваридааст, оини ватандорӣ ва чун хидмат ба ҷомеаи башарро чун амонати муқаддас дар дили онҳо сириштааст. Дар ҳама давру замон тоҷикон зан-модарро гиромӣ медоштанд, дар ҷавоби ҷоннисориҳои занғмодар, ки ба як даст гаҳвораи фарзанд ва бо дасти дигар гавҳораи фарҳангу тамаддуни миллатро мечунбонад, сари таъзим фуруд меоранд.

Сарвари давлат оид ба сарфаву сариштакории занон ситоиш намуданд, ки чунин рафтори занон боиси риояи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими ҷашну маросим» мегардад. Сарфаву сариштакорӣ аз сифатҳои муҳими инсони соҳибфарҳанг ва ҷамъияти пешрафта ба ҳисоб мераванд. Ин мафҳумҳо инсонро ба истифодаи оқилона ва босамари захираҳои моддӣ молиявӣ, табиӣ ва ҳатто вақти худ ҳидоят мекунанд. Дар замони имрӯза, ки захираҳо маҳдуд ва ниёзҳо рӯ ба афзоиш доранд, риояи сарфаву сариштакорӣ аҳамияти махсус касб мекунад. Аз ин ҷиҳат Пешвои миллат пайваста аҳолии кишвар, аз ҷумла занонро ба сарфаву сариштакорӣ ҳидоят мекунанд.

Сарфа истифодаи оқилона ва ҳадафнокӣ молу мулк ва захираҳо бе исрофкорӣ ва зиёдаравӣ мебошад. Сариштакорӣ бошад қобилияти ба тартиб даровардани зиндагӣ, хароҷот ва рафтори инсон аст, то ҳар чиз дар ҷойи худ ва бо андоза истифода шавад. Ин ду мафҳум бо ҳам алоқаманд буда, инсонро ба ҳаёти пурмасъул, иқтисоднок ва дур аз исроф одат медиҳанд.

Пешвои миллат дар паём, инчунин ба масъалаи расму ойинҳо ва суннату анъанаҳои мардуми бостонии тоҷик, аз ҷумла, пӯшидани либосҳои миллӣ ва нақши занон дар ҳифзи онҳо ибрози андеша намуданд. Бовар доранд, ки занону бонувон дар ҳифзи анъана ва ҷашну маросимҳои миллӣ, аз ҷумла, либоси миллӣ ҳамчун ҷузъи таркибии фарҳанги ҷомеа саҳми арзанда доранд. Ин арзишҳо зарурат ба назорати пайваста ва танзим дошта, рушди доимии онҳо дар доираи талаботи замон бояд таъмин гардад. Расму оин ва анъанаҳо дар рӯзгори мардуми тоҷик мавқеи муҳим дошта, баробари пешрафт ва рушду такомули ҷомеа ташаккул меёбанд.

Сарвари давлат дар паёми имсола низ бори дигар бо як нутқи пурмазмун аз фаъолияти занон дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ изҳори қаноатмандӣ намуда, таъкид карданд, ки дар оянда низ бонувону духтарони лаёқатманд дар маркази диққати Ҳукумати мамлакат қарор гирифта ин сиёсатро идома хоҳанд дод.

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ аз 28.12.2024 // [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: https://president.tj/event/missives/49225 (санаи мурочиат: 31.12.2025).

УДК 351.74

РОЛЬ ВОЙСК НКВД ТАДЖИКСКОЙ ССР В ГОДЫ ВЕЛИКОЙ ОТЕЧЕСТВЕННОЙ ВОЙНЫ (1941-1945 гг.)

НАҚШИ ҚЎШУНҲОИ КХКД ҶШС ТОҶИКИСТОН ДАР СЛОҲОИ ҶАНГИ БУЗУРГИ ВАТАНӢ (солҳои 1941-1945)

АБДУРАХМАНОВ ИНОМ ИЛХОМОВИЧ
Адъюнкт кафедры государственно-правовых дисциплин Академии управления МВД России, подполковник милиции / Адъюнкти кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии Академияи идоракунии ВКД Россия, подполковники милитсия
E-mail: inom_0009@icloud.com

Годы Великой Отечественной войны стали для советского государства периодом жесточайших испытаний и огромных человеческих потерь. По этой причине этот период попрежнему занимает важное место и в истории таджикского государства и его народа. Народный комиссариат внутренних дел (далее – НКВД) - центральный орган государственного управления СССР, отвечавший за борьбу с преступностью, поддержание общественного порядка, в 1934-1943 годах (с перерывом с 3 февраля по 20 июля 1941 года) также и по обеспечению государственной безопасности. Был образован 10 июля 1934 года. Впоследствии преобразован в МВД СССР в 1946 г.

В мирное время войска НКВД Таджикской ССР занимались охраной госграницы с Афганистаном, борьбой с басмачеством и другими антисоветскими элементами, обеспечением безопасности важных объектов, конвоированием и охраной заключенных. Они осуществляли свою деятельность, основываясь на положения и нормы Конституции СССР 1936 г., законов СССР, указов Президиума Верховного Совета СССР, постановлений Правительства СССР и решений ЦК ВКП(б), касающихся вопросов внутренней безопасности в стране, а также ведомственными нормативными документами НКВД СССР.

В оперативно-служебной деятельности внутренние войска руководствовались также общевоинскими уставами, а при выполнении специальных задач, решаемых войсками НКВД СССР - уставами соответствующих служб.

Накануне войны все крупные объекты инфраструктуры и важные промышленные предприятия в приграничных районах СССР охранялись гарнизонами войск НКВД СССР. В связи с реальной угрозой со стороны фашистской Германии руководством страны предпринимается ряд мер по укреплению Вооружённых сил. В части, касающейся войск НКВД СССР, важную роль сыграл указ Президиума Верховного Совета СССР от 1 марта 1941г., которым были внесены дополнения в Закон «О всеобщей воинской обязанности», в частности установлены сроки службы во внутренних войсках (два года) и в пограничных войсках (три года).

Преобразование деятельности войск НКВД СССР после объявления военного положения 1941 года[1] затронуло следующие важные направления в деятельности данного подразделения НКВД:

- формирование новых частей и соединений;
- организация охраны тыла фронтов действующей Красной Армии;
- борьба с уголовным и политическим бандитизмом, диверсионными группами;
- усиление охраны особо важных промышленных объектов;
- эвакуация в глубь страны из прифронтовой зоны военных объектов и заводов;
- охрана железнодорожных сооружений и сопровождение важнейших грузов, доставляемых по железной дороге;
- борьба с дезертирством;
- охрана общественного порядка и другое.

Несмотря на то, что в перечень Указа от 22.06.1941 г. Таджикская ССР не попала и на её территории военное положение не вводилось, республика была глубоким тылом и НКВД Таджикской ССР как орган, подчинявшийся центральному наркомату, ввел свою деятельность по перечисленным вы-

[1] Указ Президиума Верховного Совета «О военном положении» от 22 июня 1941 г.

ше направлениям. Там действовали обычные органы власти (СНК, ЦК КП(б) Таджикской ССР) и режим военного времени для тыловых районов (мобилизация, трудовая дисциплина, охрана объектов), но без передачи полномочий военным советам.

Приказом НКВД СССР от 19 января 1942 г. № 00150 Главное управление внутренних войск НКВД было расформировано и вместо него создано три управления: Управление войск НКВД СССР по охране железных дорог, Управление войск НКВД СССР по охране особо важных предприятий промышленности, Управление конвойных войск НКВД СССР[1].

В Таджикской ССР такого же тройного деления на уровне республики не было – это была союзная реорганизация. На местах действовали соответствующие части и отделы, подчинённые центральным управлениям. То есть функции были те же, но выполнялись местными соединениями и отделами НКВД Таджикской ССР, без создания трёх республиканских управлений.

Со временем война потребовала выделения из органов НКВД специальных структур, которые вели бы разведывательную и контрразведывательную деятельность. Создание особых отделов «Смерш» в 1943 г. значительно способствовало выявлению диверсионных групп, целью которых были железные дороги, транспортные коммуникации, военные и оборонные заводы. Особые органы осуществляли свою разведывательную и контрразведывательную деятельность в тесном взаимодействии с пограничными и внутренними войсками НКВД.

Ориентировками НКВД СССР был озадачен начальник войск НКВД Среднеазиатского пограничного округа на использование имеющихся возможностей для ликвидации диверсионных и бандитских повстанческих формирований.[2] Их анализ подтверждает тот факт, что на территории Афганистана действовала одна из самых больших разведывательных диверсионных групп, направленной на дестабилизацию обстановки в приграничных районах и введении антисоветской политики среди высшего руководства Афганистана и бывших басмачей, укрывшихся на территории Афганистана.

Таким образом, анализ архивных материалов приводит к выводу, что Германская миссия в Кабуле вела широкую пропаганду. В этот регион органами абвера осуществлялись неоднократные заброски немецкой агентуры.

На основании ориентировок Центра войска НКВД Таджикской ССР в тесном взаимодействии с погранчастями Среднеазиатского пограничного округа проводили активные мероприятия по выявлению и захвату агентов немецко-фашистской разведки, которые перебрасывались на советскую территорию из Афганистана для шпионажа и диверсии, инспирирование бандитско-повстанческих выступлений, распространения различных провокационных слухов[3].

Следует отметить, что подразделения внутренних войск, охраны железных дорог и погранвойск из Средней Азии, в том числе из Таджикской ССР направлялись на фронт и включались в состав дивизий НКВД, воевавших в прифронтовой зоне (оборона городов, заградотряды, борьба с диверсантами). Отдельных соединений, сформированных только из НКВД Таджикской ССР и действующих на фронте, не было. Но призывники из республики воевали в общеармейских частях и частях НКВД, а местные соединения и гарнизоны оставались для охраны тыла, общественного порядка, границы, борьбы с преступностью внутри республики.

Таким образом, в деятельности войск НКВД Таджикской ССР в ходе Великой Отечественной войны 1941 определились два основных направления:

во-первых, участие в боевых операциях в составе регулярных частей действующей армии;

во-вторых, осуществление мероприятий по поддержанию общественного порядка, борьба с вражескими лазутчиками и уголовно-преступным элементом, охрана и этапирование спецконтингента.

Кроме этого, необходимо отметить факт участия войск НКВД Таджикской ССР в переселении.

НКВД СССР по средством записки от 12 декабря 1944 г. считал целесообразным выселить из гг. Ставрополя, Кисловодска, Пятигорска, Минеральных Вод, Ессентуков, Черкесской автономной области и Зеленчукотского, Усть-Джегутинского и Кисловодсельского районов членов семей банди-

[1] Семиков, М.С. К вопросу об организации и деятельности подразделений НКВД СССР В 1941 – 1942 гг. / М.С. Семиков // Бюллетень социально-экономических и гуманитарных исследований. – 2022. - Том 20. - № 22. - С. 64-71.

[2] Ориентировка НКВД СССР № 1411 о подготовке разведорганами противника к выброске в тыловые районы Средней Азии диверсионных групп «Жасмин» и «Мирт». 6 марта 1943 г. // ЦА ФСБ России. Электронная библиотека исторических документов (17.03.2026 г.).

[3] Там же.

тов, активных немецких пособников, предателей, изменников Родине и добровольно ушедших с немцами и переселить их на постоянное жительство Таджикскую ССР в качестве спецпереселенцев для трудового использования в совхозах республики. Переселению подлежат 735 семей-2238 человек[1].

Данный факт подтверждает, что по распоряжениям НКВД СССР обеспечение режимных мероприятий, конвоирование, охрана в пути и в местах расселения проводились силами внутренних и конвойных войск НКВД, в том числе НКВД Таджикской ССР.

Всего за годы войны войска НКВД СССР, по не полным данным, в боях на фронтах и в тылу уничтожили и взяли в плен 374 700 солдат и офицеров захватчиков, уничтожили и вывели из строя сотни единиц вражеской военной техники[2].

Оценивая место и роль войск НКВД СССР в Великой Отечественной войне, нельзя не сказать о милиции, сотрудники которой мобилизовывались в части и соединения войск НКВД СССР или во временные вспомогательные формирования (например, в истребительные батальоны – добровольческие военизированные формирования при НКВД, во главе которых стояли сотрудники милиции). В Таджикской ССР они также создавались для охраны тыла, борьбы с диверсантами, дезертирами и бандитизмом. Костяк таких батальонов составляли милиционеры и партийно-комсомольский актив.

Согласно Директиве НКВД СССР от 7 июля 1941 г. личный состав органов милиции в любое время и в любой обстановке должен быть готов самостоятельно или совместно с подразделениями РККА к выполнению боевых задач по борьбе с диверсантами, парашютными десантами и армейскими частями противника.[3] В связи с этим личный состав милиции начал проходить военную подготовку, включая овладение методами борьбы с танками и пехотой противника[4].

В условиях военного времени обязанности и задачи милиции дополнились такими как: противодействие дезертирству, мародёрству и хищениями эвакуируемого имущества и военных грузов; поддержание порядка при эвакуации населения, промышленных предприятий и хозяйственных грузов; пресечение распространения панических и провокационных слухов; очистка населённых пунктов от преступных элементов; оказание помощи органам госбезопасности в выявлении и ликвидации диверсантов и агентуры противника.

Напряженная оперативная обстановка в годы Великой Отечественной войны имела место и в Таджикской ССР, где появились вооружённые бандитские формирования, на борьбу с которыми были брошены лучшие сотрудники милиции, мужественно выполнявшие свои обязанности перед страной в трудное для неё время.

По нашему мнению, деятельность войск НКВД Таджикской ССР и милиции в тылу, без сомнения помогла организовать мощный отпор немецко-фашистским захватчикам. Пограничники и внутренние войска НКВД Таджикской ССР получали ордена и медали СССР (Красной Звезды, «За боевые заслуги». «За отвагу» и др.) за охрану границы, задержание нарушителей, сопровождение эшелонов и участие в тыловых операциях. Массовых «фронтовых» награждений у местных гарнизонов было меньше, чем у армейских частей, но персональные награждения сотрудников НКВД республики фиксировались в приказах и наградных листах.

[1] Записка НКВД СССР № 1340/Б в ГКО о целесообразности выселения из гг. Ставрополя, Кисловодска и других городов Северного Кавказа активных немецких пособников и изменников Родине. 12 декабря 1944 г. // АП РФ. Ф. 3. Оп. 58. Д. 178. Л.160.

[2] История внутренних войск (1941-1945гг.)/ МВД России; ГК ВВ МВД России. Т. 3. – М., 2013.

[3] Советская милиция: история и современность. 1917-1987/ под ред. А. В. Власова. – М., 1987.

[4] Князев, В.В. Войска НКВД СССР и правовое обеспечение их применения в годы Великой Отечественной войны 1941-1945 гг. / В.В. Князев // Научный портал МВД России. - 2020. - № 1 (49). - С. 20-29.

ТДУ 340.1

ТАНОСУБИ ВАЗИФА ВА ФУНКСИЯИ ДАВЛАТ: ТАҲЛИЛИ МХТАСАРИ ИЛМӢ-НАЗАРИЯВӢ

СООТНОШЕНИЕ ЗАДАЧ И ФУНКЦИЙ ГОСУДАРСТВА: КРАТКИЙ НАУЧНО-ТЕОРЕТИЧЕСКИЙ АНАЛИЗ

АМИРБЕКЗОДА ДИЛШОД АМИРБЕК
Нозири калони маркази тестии шуъбаи таълими Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, майори милитсия / Старший инспектор тестового центра учебного отдела Академии МВД Республики Таджикистан, майор милиции
E-mail: molik.amirbekzoda@mail.com

Дар илми назарияи муосири давлат ва ҳуқуқ масъалаи фаъолияти давлат ҳамчун падидаи динамикӣ ҳамеша дар маркази таваҷҷуҳи муҳаққиқон қарор дорад. Амалӣ намудани вазифаҳои стратегии давлат шарти калидӣ барои таъмини суботи ҷамъиятӣ ва ноил шудан ба ҳадафҳои созандаи низоми сиёсӣ мебошад. Гузашта аз ин, таҳлили эволютсияи институтҳои давлатӣ нишон медиҳад, ки самаранокии иҷрои функсияҳои идоракунӣ ҳамчун меҳвари асосии тадқиқотҳои илмии сиёсӣ ва ҳуқуқӣ дар тамоми давру замонҳо боқӣ мондааст. Аз ин рӯ, бисёр бамаврид аст, ки таносуби вазифа ва функсияи давлатро аз лиҳози илмӣ-назариявӣ мавриди таҳқиқ қарор диҳем.

Дар адабиёти ҳуқуқшиносӣ оид ба ин таносуб ду равиши асосӣ мавҷуд аст. Гуруҳе аз олимон бар он назаранд, ки вазифа ва функсияи давлат аз лиҳози мазмун ва мантиқ як маъноро ифода мекунанд. Яке аз намояндагони асосии ин дидгоҳ профессор Черноголовкин Н.В. мебошад. Ӯ дар асарҳои худ, махсусан дар давраи солҳои 60-70-уми асри гузашта, ин ду мафҳумро тақрибан баробар медонист ва қайд мекард, ки функсияи давлат ин ҳамон вазифаи давлат аст, вале дар ҳолати амалӣ шудан. Яъне, вазифа ва функсия мисли ду рӯйи як танга ҳастанд[1]. Ин равиш пеш аз ҳама ба ягонагии мақсад ва воситаи расидан ба он такя намуда, вазифа ва функсияро ҳамчун марҳилаҳои ҷудонопазири як раванди ягонаи идоракунӣ баррасӣ мекунад. Чунин дидгоҳи айният имкон медиҳад, ки таҳаввули давлатдорӣ на ҳамчун ивазшавии мафҳумҳои бе тағйир, балки ҳамчун раванди мустақими ба амалбарории ниёзҳои ҷомеа тавассути механизмҳои давлатӣ таҳқиқкарда шавад.

Равиши дигар, ки дар илми муосир бештар пазируфта шудааст, ба фарқияти ин мафҳумҳо таъкид мекунад. Чунончи, Лазарев В.В. иброз менамояд, ки функсияҳои давлат – ин самтҳои асосии фаъолияти он мебошанд, ки дар онҳо моҳият ва таъйиноти иҷтимоии давлат, вазифаҳо ва мақсадҳои он ифода меёбанд[2]. Ин мавқеъро олимон Байтин М.И. ва Морозова Л.А. низ ҷонибдорӣ мекунанд. Ба ақидаи онҳо, вазифа ва функсия мафҳумҳои алоҳидаанд, вале бо ҳам робитаи зич доранд: вазифа ҳадафро муайян кунад, функсия воситаи расидан ба он мебошад[3]. Баръакси дидгоҳи аввал, дар ин ҷо вазифа ҳамчун категорияи идеалӣ (он чизе, ки бояд бошад) ва функсия ҳамчун категорияи реалистӣ (он чизе, ки иҷро мешавад) баромад мекунад.

Андешаи Байтин М.И. ва Морозова Л.А. нишон медиҳад, ки вазифаҳо нисбат ба функсияҳо аввалиндарачаанд, яъне функсияҳо худсарона пайдо намешаванд, балки онҳо хизматгори вазифаҳои стратегии давлат мебошанд.

Ҳамин тариқ, ин гурӯҳи олимон вазифаро ҳамчун заминаи ҳуқуқию сиёсӣ ва функсияро ҳамчун механизми амалисозии он арзёбӣ мекунанд, ки ин имкон медиҳад самаранокии фаъолияти давлат дар алоҳидагӣ аз мақсадҳои гузошташуда чен карда шавад.

Дар баробари ин Алексеев С.С. масъаларо амиқтар баррасӣ карда, таъкид менамуд, ки функсияҳои давлатро набояд танҳо ҳамчун иҷрокунандаи супоришҳои сиёсӣ дид. Ба ақидаи ӯ, давлат дорои функсияҳои махсуси ҳуқуқӣ мебошад, ки онҳо ба табиати худи ҳуқуқ ва низоми

[1] Черноголовкин, Н.В. Функции советского государства в период развитого социализма. – М.: Юридическая литература, 1970.
[2] Лазарев, В.В. Общая теория права и государства: учебник. – М.: Юристъ, 2001. – С. 385.
[3] Байтин, М.И. Сущность права (Современное нормативное правопонимание на грани двух веков). – Саратов: СГАП, 2001. – С. 190-205. Морозова, Л.А. Теория государства и права: учебник. – М.: Норма, 2017. – С. 98-105.

давлатдорӣ вобастаанд[1]. Олим таъкид менамояд, ки давлат танҳо асбоби иҷрои иродаи сиёсӣ нест. Функсияҳои ҳуқуқии он (масалан, таъмини волоияти қонун, танзими муносибатҳои молию пулӣ) аз худи табиати давлатдорӣ сарчашма мегиранд.

Тибқи ин андеша, ҳатто агар вазифаҳои сиёсии давлат (масалан, идеологияи давлатӣ) тағйир ёбанд ҳам, функсияҳои ҳуқуқӣ (ҳифзи ҳуқуқ, таъмини адолат, фаъолияти қонунгузорӣ) бояд устувор ва бетағйир боқӣ монанд.

Дар ин ҷо вазифа ҳамчун талаботи иҷтимоӣ ва функсия ҳамчун механизми ҳуқуқӣ баромад мекунад. Яъне, давлат вазифаҳои худро танҳо бо роҳҳои ҳуқуқӣ бояд амалӣ намояд.

Ҳамин тариқ, консепсияи Алексеев С.С. имкон медиҳад, ки таносуби вазифа ва функсияи давлат на танҳо дар сатҳи идеологӣ, балки дар заминаи устувори ҳуқуқӣ баррасӣ шавад. Ин равиш нишон медиҳад, ки функсияҳои давлат на танҳо воситаи расидан ба мақсад, балки шарти мавҷудияти низоми ҳуқуқии ҷомеа мебошанд.

Дар ин росто, андешаи Чиркин В.Е. қобили таваҷҷуҳи махсус аст. Ӯ таъкид менамояд, ки вазифа ва функсияи давлат на танҳо категорияҳои ҳуқуқӣ, балки ифодагари масъулияти иҷтимоии ҳокимият мебошанд. Ба ақидаи ӯ, вазифаҳои давлат дар шароити муосир таҳти таъсири ниёзҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ шакл мегиранд ва функсияҳо бошанд, бояд ҳамчун хизматрасонии иҷтимоии давлат ба мардум амалӣ шаванд. Олим қайд мекунад, ки «вазифа – ин фармоиши ҷамъиятӣ ба давлат аст, ва функсия – роҳи иҷрои ин фармоиш дар доираи қонун мебошад»[2]. Таҳлили андешаи мазкур нишон медиҳад, ки дар консепсияи Чиркин В.Е. давлат ҳамчун ниҳоди масъулиятнок дар назди ҷомеа зоҳир мешавад. Дар ин ҷо вазифа ҳамчун «талаботи ҷомеа» ва функсия ҳамчун «хизматрасонии касбии давлат» маънидод мегардад, ки ин барои таҳкими робитаи байни шаҳрванд ва ҳокимият заминаи боэътимод мегузорад. Ин равиш имкон медиҳад, ки самаранокии функсияҳои давлат на бо миқдори қонунҳои қабулшуда, балки бо дараҷаи қонеъ гардонидани ниёзҳои ҷомеа чен карда шавад.

Олими ватанӣ, профессор Шарофзода Р.Ш. дар асари худ чунин иброз менамояд, мафҳуми вазифаи давлат аз мафҳуми функсияи давлат фарқ дорад. Ӯ қайд мекунад, ки вазифаи давлат проблемаҳои ҳаётан муҳимми ҳалталаб мебошад, ки дар назди давлат дар марҳилаи муайяни таърихӣ қарор дорад. Функсияи давлат самтҳои муайяни фаъолияти давлат мебошад, ки баҳри иҷрои вазифаҳои давлат ба сомон мерасанд. Дар идома қайд менамояд, ки функсияи давлат аз фаъолияти функсионалии давлат дарак медиҳад. Фаъолияти функсионалии давлат ба он ишора мекнад, ки давлат бо мақсади иҷрои вазифаҳои давлат фаъолият дорад. Ҳамзамон қайд менамояд, ки мафҳуми функсияи давлат хусусияти динамикӣ дошта, ба амали фаъолияти давлат ишора мекунад. Мафҳуми вазифаи давлат бошад хусусияти бештар статикӣ дорад[3].

Ин дидгоҳи Шарофзода Р.Ш. имкон медиҳад, ки се ҷанбаи калидии ин таносубро ҷудо намоем:

1) Таносуби статикӣ ва динамикӣ. Ин муҳимтарин нуқтаи андешаи олим аст. Р.Ш. Шарофзода вазифаро ҳамчун категорияи статикӣ муаррифӣ мекунад. Ин маънои онро дорад, ки вазифа – ин мақсад, на қша ва стратегияи давлат аст, ки дар санадҳои ҳуқуқӣ мустаҳкам шудааст. Функсия бошад категорияи динамикӣ аст.

2) Иброз мегардад, ки вазифа ҳамчун проблемаи ҳаётан муҳим мебошад. Р.Ш. Шарофзода бо ин таърифи худ исбот мекунад, ки вазифаҳои давлат худсарона ё хаёлӣ нестанд. Онҳо аз ниёзҳои воқеии мардум сарчашма мегиранд. Агар дар ҷомеа мушкилоти амниятӣ ё иқтисодӣ пеш ояд, он ба вазифа табдил меёбад ва давлат маҷбур аст барои ҳалли он функсияи мушаххасро ба кор барад.

3) Фаъолияти функсионалӣ ҳамчун механизми татбиқ. Истилоҳи фаъолияти функсионалӣ, ки олим истифода мебарад, нишон медиҳад, ки давлат танҳо бо доштани вазифаҳо давлат шуда наметавонад. Давлат танҳо вақте зинда аст ва рисолаташро иҷро мекунад, ки агар функсияҳояш дар амал дида шаванд.

Вазифа ҳамчун заминаи ташаккулёбии функсия баромад намуда, ба фаъолияти давлат характери мақсаднок мебахшад. Ин равиш имкон медиҳад, ки функсияҳои давлат на ҳамчун самтҳои шахшуда, балки ҳамчун падидаҳои динамикӣ, ки пайваста ба ниёзҳои ҷомеа ва ҳадафҳои стратегии миллӣ мутобиқ мешаванд, таҳқиқ карда шаванд.

---

[1] Алексеев, С.С. Общая теория права: курс в двух томах. Т. I. – М.: Юридическая литература, 1981. – С. 192–195.
[2] Чиркин, В.Е. Государствоведение: учебник. – 2-е изд., испр. и доп. – М.: Юристъ, 2000. – С. 184-187.
[3] Шарофзода, Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ: китоби дарсӣ. - Душанбе: «Моҳи-Мунир», 2025. – С. 100.

Ҳамин тариқ, таҳлили дидгоҳҳои мухталифи илмӣ нишон медиҳад, ки таносуби вазифа ва функсияи давлат на танҳо як масъалаи истилоҳотӣ, балки инъикоси моҳияти фаъолияти давлатдорӣ мебошад. Агар вазифаро ҳамчун стратегия ва мақсади ниҳоии ҷомеа арзёбӣ намоем, пас функсия механизми ҳуқуқӣ ва тактикаи амалии расидан ба ин мақсадҳо ба шумор меравад.

Ба андешаи мо, дар шароити муосири ташаккули давлати ҳуқуқбунёд, ин таносубро бояд дар се ҷанбаи калидӣ баррасӣ кард:

1. Вазифа ҳамеша нисбат ба функсия аввалиндараҷа буда, самти онро муайян мекунад.
2. Функсияҳо бояд танҳо дар доираи қонун ва бо усулҳои ҳуқуқӣ амалӣ шаванд (тибқи назарияи Алексеев С.С.).
3. Функсияҳои давлат бояд ба иҷрои фармоиши иҷтимоии шаҳрвандон нигаронида шуда, самаранокии давлатро ҳамчун ниҳоди хизматгузор таъмин намоянд.

Бинобар ин, таносуби мазкур на айнияти комил, балки ало қамандии диалектикии мақсад ва воситаро ифода мекунад, ки дар он вазифа мазмуни фаъолият ва функсия шакли зуҳури онро ташкил медиҳад.

Барои дарки ами қтари ин ало қамандии диалектикӣ, зарур аст, ки таносуби мафҳумҳои мазкурро тавассути нишондиҳандаҳои мушаххаси зерин манзур намоем:

1) Таносуби мақсад ва восита. Вазифа – ин мақсад ё натиҷаи ниҳоиест, ки давлат бояд ба он бирасад. Функсия бошад – ин раванди амалӣ намудан ва воситаи расидан ба ин мақсад аст. Яъне, вазифа – ин чӣ кор бояд кард? (мақсад), вале функсия – ин чихел бояд кард? (амал).

2) Вобастагии пайдарпай. Вазифаҳо ҳамеша нисбат ба функсияҳо аввалиндараҷаанд. Маҳз пайдо шудани вазифаҳои нав дар назди ҷомеа боиси ба вуҷуд омадани функсияҳои нави давлат мегардад. Агар вазифа тағйир ёбад, мазмуни функсия низ дигар мешавад. Аввал вазифа пайдо мешавад, баъд барои иҷрои он функсия шакл мегирад. Агар вазифа тамом шавад, функсия ҳам тағйир меёбад.

3) Таносуби статика ва динамика. Вазифа бештар хусусияти статикӣ дорад, яъне он ҳамчун идеал ё нақша дар санадҳои барномавӣ инъикос меёбад. Функсия бошад, ҷониби динамикии давлатро ифода мекунад – ин фаъолияти воқеии мақомоти давлатӣ барои иҷрои он на қшаҳост.

4) Сатҳи фарогирӣ. Як функсияи давлат метавонад барои ҳалли чандин вазифаҳо хизмат кунад. Ва баръакс, барои ҳалли як вазифаи мураккаб метавонанд чандин функсияҳо сафарбар шаванд.

5) Давомнокӣ ва вақт. Вазифаҳо метавонанд муваққатӣ бошанд, вале функсияҳо одатан хусусияти доимӣ доранд. Ва қте вазифа иҷро шуд, он аз байн меравад, аммо функсия ҳамчун самти фаъолият бо қӣ мемонад.

6) Шакли ифодаи ҳуқуқӣ. Вазифаҳо бештар дар шакли эъломияҳо ва стратегияҳо ифода меёбанд. Функсияҳо бошанд, дар амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ ва фаъолияти рӯзмарраи сохторҳои давлатӣ таҷассум меёбанд.

Ҳамин тариқ, таҳлили илмӣ-назариявии таносуби вазифа ва функсияи давлат нишон медиҳад, ки ин ду мафҳум дар алоқамандии диалектикӣ қарор дошта, ҷанбаҳои мухталифи фаъолияти давлатдориро ифода мекунанд. Агар вазифа ҳамчун категорияи статикӣ ва «проблемаи ҳаётан муҳим» инъикосгари ҳадафҳои стратегии ҷомеа бошад, пас функсия ҳамчун категорияи динамикӣ восита ва механизми ҳуқуқии амалисозии ин ҳадафҳо маҳсуб меёбад. Дар шароити муосири ташаккули давлати ҳуқуқбунёд ва соҳибихтиёри Тоҷикистон, ин таносуб аҳамияти хос касб мекунад: вазифаҳо дар асоси ниёзҳои воқеии ҷомеа шакл гирифта, функсияҳоро ба самти хизматрасонии иҷтимоӣ ва таъмини волоияти қонун сафарбар менамоянд. Бинобар ин, самаранокии давлат на танҳо дар гузоштани вазифаҳои муҳим, балки дар қобилияти функсионалии он ҷиҳати табдил додани ин вазифаҳо ба натиҷаҳои во қеии иҷтимоию и қтисодӣ таҷассум меёбад.

УДК 343:341

СРАВНИТЕЛЬНО-ПРАВОВОЙ АНАЛИЗ АДМИНИСТРАТИВНЫХ И УГОЛОВНЫХ ПРАВОНАРУШЕНИЙ В СФЕРЕ ГОСУДАРСТВЕННЫХ ЗАКУПОК ГРУЗИИ И РЕСПУБЛИКИ КАЗАХСТАН

ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВӢ-ҲУҚУҚИИ ҲУҚУҚВАЙРОНКУНИҲОИ МАЪМУРӢ ВА ҶИНОЯТӢ ДАР СОҲАИ ХАРИДИ ДАВЛАТӢ ДАР ГУРҶИСТОН ВА ҶУМҲУРИИ ҚАЗОҚИСТОН

БАЙСЕИТОВ БАГРАМ САЛЬКЕНОВИЧ
Докторант Академии правоохранительных органов при Генеральной прокуратуре Республики Казахстан, младший советник юстиции / Докторанти Академияи мақомоти ҳифзи ҳуқуқи назди Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Қазоқистон, мушовири хурди адлия
E-mail: bagram.bayseitov@bk.ru

Согласно Указу Президента Республики Казахстан 15 марта 2026 года проведен республиканский референдум по проекту новой Конституции с вынесением следующего вопроса: «Принимаете ли Вы новую Конституцию Республики Казахстан, проект которой опубликован в средствах массовой информации 12 февраля 2026 года?». По результатам прошедшего референдума 87,15% граждан проголосовали за принятие новой Конституции.

17 марта Президент Республики Казахстан К.К. Токаев подписал новую Конституцию Республики Казахстан и на торжественном мероприятии, посвященном данному событию, им отмечено, что «Конституция – исторический документ, определяющий миссию развития нашего государства на долгосрочный период и оказывающий непосредственное воздействие на будущее нашей нации». Наряду с этим, Главой государства анонсировано системное редактирование восьми конституционных законов и более 60 законов, включая основополагающие кодексы[1].

Предстоящие изменения, на наш взгляд, кардинально модифицируют действующую правовую систему, в частности административное и уголовное законодательство. Однако, следует принять во внимание, что внесение любых изменений в законодательные механизмы должно сопровождаться их научным осмыслением.

Исходя из специфики проводимого нами исследования, направленного на формирование единого административно-уголовного механизма противодействия хищению бюджетных средств в государственных закупках, особый интерес для нас представляют действующие административные и уголовные нормы за различные нарушения в указанной сфере, которые также требуют определенной трансформации.

Потребность в наличии эффективных уголовных норм справедливо отмечается Б.Б. Вагнер и Л.Г. Джейкобс «расследования и судебные преследования, которые приводят к быстрым и ощутимым результатам, вызывающим широкий общественный резонанс и обладающим потенциалом сдерживания и мобилизации общественной воли, могут оказывать широкое и немедленное воздействие на общество, с которым не может сравниться ни один план административных реформ… Однако, чтобы действовать в качестве предполагаемого катализатора, правоохранительные органы должны быть обеспечены необходимыми возможностями для достижения успеха» (перевод с англ. – авт.)[2].

Соглашаясь с позицией Б.Б. Вагнер и Л.Г. Джейкобс, необходимо отметить, что каждое государство представляет собой отдельно взятое общество, имеющее обособленную историю развития, включая формирования своих собственных культурных особенностей. Иными словами, подчеркивая значимость уголовного преследования в борьбе с коррупционными проявлениями, в том числе хищением бюджетных средств в сфере государственных закупок, заслуживает внимание наличие истори-

[1] Выступление Главы государства Касым-Жомарта Токаева на торжественном мероприятии, посвященном принятию Конституции // Официальный сайт Президента Республики Казахстан. – 17.03.2026. [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://www.akorda.kz/ru/vystuplenie-glavy-gosudarstva-kasym-zhomarta-tokaeva-na-torzhestvennom-meropriyatii-posvyashchennom-prinyatiyu-konstitucii-1723430 (дата обращения: 24.03.2026).

[2] Benjamin B. Wagner & Leslie Gielow Jacobs, Retooling Law Enforcement to Investigate and Prosecute Entrenched Corruption: Key Criminal Procedure Reforms for Indonesia and Other Nations // University of Pennsylvania Journal of International Law. – 2008. – Vol. 30, № 1. – Pp. 183–266. (184-185)

ческого развития норм об ответственности за административные правонарушения, насчитывающее более 40 лет. В этой связи создание единого административно-уголовного механизма противодействия хищению бюджетных средств в государственных закупках, во-первых, обосновывается наличием исторически сложившейся правовой базы, во-вторых, исключает излишнюю репрессивность законодательства, позволяя таким образом реализовать превентивный потенциал административных норм.

Упомянув о ценности историко-правового аспекта института «административных правонарушений» в сочетании с уголовными деяниями, важно подчеркнуть необходимость в изучении законодательства зарубежных стран, входивших в состав Союза Советских Социалистических Республик (далее – СССР), поскольку за период его существования формировалась единая правовая система, ставшая фундаментом для государств, входивших в состав СССР. По истечении более 30 лет после распада страны бывшего СССР сформировали свое национальное законодательство, представляющее друг для друга особый интерес.

Одним из таких государств, чье законодательство с позиции эффективного противодействия коррупции, представляет теоретический и практический интерес для Казахстана, является Грузия. Борьба с коррупцией в данном государстве, несомненно, являлась примером для многих стран. Искоренение коррупционных проявлений заключалась в увольнении тысяч полицейских, сотрудников министерств и ведомств, подозревавшихся в коррупционных схемах, строительство полностью прозрачных управлений полиции и «Домов юстиции», ужесточение ответственности за коррупционные преступления и т.д.

Таким образом, сравнительно-правовой анализ административных и уголовных правонарушений в сфере государственных закупок Казахстана и Грузии, имеющих общее прошлое в составе СССР, и прошедших свои индивидуальные этапы развития после его распада позволит, на наш взгляд, переосмыслить подходы к противодействию коррупции в данной сфере.

Целью исследования является проведения сравнительно-правового анализа положений Уголовных кодексов Республики Казахстан и Грузии (далее – УК), а также Кодексов об административных правонарушениях (далее – КоАП), в частности норм об ответственности за правонарушения в сфере государственных закупок. Для достижения обозначенной цели применены сравнительно-правовой метод, позволяющий выявить сходства и различия правовых норм Грузии и Казахстана, а также определить векторы совершенствования национального законодательства. Наряду с этим, использованы общенаучные методы познания: анализ и синтез.

Нами уже упоминалось о том, что Казахстан и Грузия входили в состав СССР, и имели на тот период истории общую правовую базу. В 1984 году Верховным Советом Казахской ССР десятого созыва был принят первый КоАП.

В том же году Верховным Советом Грузинской ССР также был принят аналогичный Кодекс. Целесообразно акцентировать внимание на том, что в Казахстане КоАП подвергался существенной переработке и дважды был принят в новой редакции (2001, 2014 годы), тогда как КоАП Грузии, принятый в 1984 году, действует по сегодняшний день. Надлежит отметить, что как таковых государственных закупок в СССР не существовало и нормы об ответственности за административные правонарушения появились намного позже.

Впервые в КоАП Грузии статьи, регламентирующие административные правонарушения в сфере государственных закупок (ст.159^5 - ст.159^9), были внесены Законом Грузии №1106 от 12 октября 2001 года («Законодательный вестник Грузии», I, №31, 1.11.2001, ст.123) и продолжают действовать по сегодняшний день. В тот же временной промежуток КоАП Казахской ССР 1984 года прекратил свое существование с принятием нового КоАП РК, в который также была включена норма об ответственности за нарушение законодательства о государственных закупок (ст.167). В этой связи, 2001 год положил начало существованию и развитию как самого института «государственных закупок», так и формам противодействия правонарушениям в этой сфере. На сегодняшний день КоАП Грузии предусматривает 5 различных составов административных правонарушений:

– статья 159(5) – выбор неправильного способа государственной закупки с целью уклонения от проведения тендера или иных способов закупки, предусмотренных Законом Грузии «О государственных закупках», либо искусственное разделение государственной закупки с целью обхода стоимостных пределов способов закупки, установленных Законом Грузии «О государственных закупках» и соответствующими нормативными актами;

– статья 159(6) – нарушение процедур государственных закупок:

1) предоставление недостоверных заявок или тендерной документации при осуществлении государственной закупки посредством тендера или иными способами, предусмотренными Законом Грузии «О государственных закупках»;

2) ненадлежащая (предвзятая) оценка и отбор квалификационных данных и тендерных предложений тендерной комиссией;

3) нарушение правил заключения договоров о государственных закупках;

– статья 159(7) – нарушение условий и порядка, предусмотренных Законом Грузии «О государственных закупках», для предотвращения конфликта интересов в государственных закупках;

– - статья 159(8) – несоблюдение решения, принятого Агентством государственных закупок в рамках административного производства по государственным закупкам;

– - статья 159(9) – Утаивание информации, предусмотренной законодательством Грузии, от Агентства государственных закупок либо предоставление ему ложной информации (перевод с англ. – авт.)[1].

Исходя из диспозиций предоставленных норм, необходимо констатировать, что они, по своей структуре, являются в большей степени обобщающими. Такой вывод сформулирован из сопоставления данных положений КоАП Грузии с положениями КоАП Республики Казахстан, который включает в себя 14 различных составов административных правонарушений для государственного аппарата и 6 для квазигосударственного сектора (Таблица).

Сравнительная таблица норм об административной ответственности в сфере государственных закупок Грузии и Республики Казахстан

№	Грузия	Казахстан	Вывод
1	Ст. 159[5]	Прямой аналог отсутствует	Частичное соответствие заключается в ч. 3 ст. 207, ч.ч. 2, 6 ст. 207-1 КоАП РК (Отказ от осуществления государственных закупок в случаях, не предусмотренных законодательством о государственных закупках)
2	Ст. 159[6]	Множественные составы процедурных нарушений (ч.ч.1, 4, 5, 6, 7, 11 ст.207, ч.ч.1, 3, 4 ст.207-1)	Нормы КоАП Грузии носят обобщенный характер, КоАП РК – детализированное регулирование. При этом правовая природа обеих норм является однородной – нарушение процедуры государственных закупок
3	Ст. 159[7]	Прямой аналог отсутствует	Перспективное направление заимствования
4	Ст.ст. 159[8], 159[9]	ч.ч. 10-1, 10-2 ст. 207	Различия в нормах КоАП Грузии и Казахстана заключаются в институциональной модели контроля

В процессе проведения сравнительного анализа заключаем, что ст.159[7] КоАП Грузии представляет для отечественного законодательства особый научный интерес.

Конфликт интересов в обыденном понимании воспринимается в качестве личной заинтересованности государственного служащего, которое может проявляться в различных формах.

В Казахстане термин «конфликт интересов» раскрывается в п.17 ст.1 Закона «О государственной службе», согласно которому – это противоречие между личными интересами государственного служащего и его должностными полномочиями, при котором личные интересы государственного служащего могут привести к неисполнению или ненадлежащему исполнению им своих должностных полномочий. В соответствии со ст.51 для государственных служащих наложен запрет на осуществление должностных полномочий, если имеется конфликт интересов, и они должны принимать меры по предотвращению и урегулированию конфликта интересов[2]. Наряду с этим, положения о конфликте

[1] Administrative Offences Code of Georgia // Legislative Herald of Georgia URL: https://matsne.gov.ge/en/document/view/28216?publication=512 (дата обращения: 26.03.2026).

[2] Закон Республики Казахстан «О государственной службе» от 23ноября 2015 г., №416-V ЗРК // Информационно-поисковая система нормативных правовых актов Республики Казахстан «Әділет». – Режим доступа: https://adilet.zan.kz/rus/docs/Z1500000416 (дата обращения: 28.03.2026).

интересов содержится и в Законе Республики Казахстан «О противодействии коррупции» (от 18 ноября 2015 года №410-V ЗРК), но положения, содержащиеся в нем, являются дублирующими.

В Грузии вопросы, касающиеся конфликта интересов, регламентируются исключительно Законом «О борьбе с коррупцией», действие которого направлено на превенцию, выявление и искоренение конфликта интересов. Согласно ст.3 несовместимостью интересов в публичном учреждении является противопоставление имущественных или иных личных интересов публичного служащего интересам публичного учреждения[1].

Вместе с тем условия предотвращения конфликта интересов предусмотрены и Законом Грузии «О государственных закупках». Помимо данных условий, согласно ч.4 ст.8 после того, как должностному лицу станут известны данные претендента или поставщика, оно обязано подтвердить в письменной форме, что его участие в осуществлении этой закупки не влечет конфликта интересов[2].

Наличие такого законодательного требования, на наш взгляд, исключает неоднозначное толкование ст.159[7] КоАП Грузии, т.е. наличие письменного обязательства является достаточным основанием для привлечения должностного лица к административной ответственности при установлении конфликта интересов. О существовании конфликта интересов в сфере государственных закупок высказывался и Президент Республики Казахстан К.К. Токаев, заявив следующее: «Штрафы, кулуарные обсуждения в кабинетах, «договоримся» … У нас общество достаточно слаженное, обсуждение простое, все умеют друг с другом договариваться на разных условиях. Будь то родоплеменные связи, дружеские связи и прочее. Надо заканчивать с этим. В конце концов, мы должны стать современным государством. А что такое современное государство? Это закон»[3].

По данным Комитета по правовой статистике и специальным учетам Генеральной прокуратуры Республики Казахстан с 2020 по 2025 годы в стране было зарегистрировано более 8 тысяч коррупционных преступлений (детальные показатели отражены в диаграмме). Председатель верхней палаты Парламента М. Алшимбаев утверждал, что согласно анализу статистических данных 80% коррупционных правонарушений связаны с государственными закупками[4].

Сопоставляя позицию Главы государства и сведения, полученные эмпирическим путем, полагаем, что наличие нормы, предусматривающей административную ответственность за нарушение условий и порядка предотвращения конфликта интересов в государственных закупках, существующей в законодательстве Грузии, является необходимым для Казахстан в контексте противодействия коррупционным проявлениям в указанной сфере.



[1] Law of Georgia on the fight against corruption // Legislative Herald of Georgia. – Режим доступа: https://matsne.gov.ge/en/document/view/33550?publication=100 (дата обращения: 28.03.2026).

[2] Law of Georgia on public procurement // Legislative Herald of Georgia. Режим доступа: https://matsne.gov.ge/en/document/view/31252?publication=95 (дата обращения: 28.03.2026).

[3] Надо заканчивать с этим - Токаев о договорах на дружеских и родоплеменных связях // Новостной портал «TengriNews». – Режим доступа: https://tengrinews.kz/kazakhstan_news/zakanchivat-etim-tokaev-dogovorah-drujeskih-rodoplemennyih-459846/ (дата обращения: 28.03.2026).

[4] 80% коррупционных правонарушений в Казахстане происходят в сфере госзакупок // Международное информационное агентство «Казинформ». – Режим доступа: https://www.inform.kz/ru/80-korruptsionnih-pravonarusheniy-v-kazahstane-proishodyat-v-sfere-goszakupok-6324a9 (дата обращения: 28.03.2026).

Следующим, не менее важным аспектом анализа, являются уголовно-наказуемые деяния, совершаемые в процессе государственных закупок. В целом, коррупционные преступления в Грузии и Казахстане, исходя из диспозиций правовых норм, являются классическими – это присвоение и растрата, мошенничество, совершенные государственными служащими, злоупотребление должностными полномочиями, получение и дача взятки и др.

Необходимо отметить, что в обоих государствах существует по одной специализированной норме. В Казахстане гражданин может быть привлечен к уголовной ответственности по п. 5) ч. 2 ст. 190 УК Республики Казахстан (мошенничество, совершенное в сфере государственных закупок). Необходимость в наличии данной специальной нормы в такой интерпретации обоснованно вызывает сомнение по следующим основаниям.

Во-первых, в соответствии с п. 16 под мошенничеством в сфере государственных закупок понимаются действия виновного (поставщика), включающие в себя представление заведомо недостоверной информации (о финансовом или хозяйственном положении, наличии работников, технических средств и т.д.), с целью обмана, которые намеренно вводят в заблуждение заказчика или организатора государственных закупок для того, чтобы обратить в свою пользу или в пользу третьих лиц бюджетные денежные средства, в результате которых поставщик, не поставив товар или не выполнив работу, или не оказав услугу, присваивает выделенные средства[1]: Процитированное толкование п. 5 ч. 2 ст. 190 УК свидетельствует о том, что мошенничество, совершенное в сфере государственных закупок, не отличается от обыденного обмана и (или) злоупотребления доверием не по субъекту, не по объективной стороне состава.

Во-вторых, размер крупного ущерба по уголовным делам, связанным с мошенничеством, в соответствии со ст. 3 УК Республики Казахстан должен в одну тысячу раз превышать месячный расчетный показатель (на 2025 год один МРП = 4 325 тенге; 1 000 МРП = 4 325 000 тенге).

Судебно-следственная практика свидетельствует о том, что мошенничество в государственных закупках причиняет государству исключительно крупный либо особо крупный ущерб. К примеру, Агентством по финансовому мониторингу в январе 2026 года освещены детали расследования о хищении бюджетных средств в Южно-Казахстанском университете им. М. Ауэзова в Шымкенте, согласно которым фигуранты заключали фиктивные договоры и согласно документации, товары якобы поставлялись университету, однако фактически они либо не поступали, либо приобретались по значительно завышенным ценам. В результате государству причинен ущерб на сумму 321 млн тенге, из которых фигуранты добровольно возместили 264 млн тенге[2].

Следующий пример. В Актобе по ч. 4 ст. 190 УК Республики Казахстан осуждены руководителя отдела строительства и депутатов районного маслихата, которые подозревались в хищении 672 млн тенге путем закупа 70-квартирного общежития под видом жилого многоквартирного дома, предназначенного для социально уязвимых слоев населения[3].

Таким образом, факты мошенничества в сфере государственных закупок, как правило, квалифицируются по ч. 3 и ч. 4 ст. 190 УК Республики Казахстан. Исходя из этого, практическая значимость в существовании специальной нормы, предусмотренной п. 5 ч. 2 ст. 190 УК является нецелесообразным.

УК Грузии устанавливает уголовную ответственность при участии в процедурах, предусмотренных Законом Грузии «О государственных закупках», предварительное соглашение или иная сделка, заключенная субъектами, участвующими в закупках, с целью извлечения материальной выгоды или преимуществ для себя или других лиц, повлекшая существенное нарушение законных интересов

[1] Нормативное постановление Верховного Суда Республики Казахстан «О судебной практике по делам о мошенничестве» от 29 июня 2017 г., № 6 // Информационно-правовая система нормативных правовых актов Республики Казахстан «Әділет». – Режим доступа: https://adilet.zan.kz/rus/docs/P170000006S (дата обращения: 29.03.2026).

[2] Кресло за 20 миллионов купил вуз на юге Казахстана // Новостной портал «TengriNews». – Режим доступа: https://tengrinews.kz/kazakhstan_news/kreslo-za-20-millionov-kupil-vuz-na-yuge-kazahstana-590574/ (дата обращения: 29.03.2026).

[3] Чиновник и депутаты получили срок за аферу на 670 миллионов в Актюбинской области // Новостной портал «TengriNews». – Режим доступа: https://tengrinews.kz/crime/chinovnik-deputatyi-poluchili-srok-aferu-670-millionov-595722/ (дата обращения: 29.03.2026).

закупающей организации. Единственным признаком, отягчающим ответственность, является случаи совершения данного деяния неоднократно (ст.195[1])[1].

По результатам нами проведенного устного интервью (без фиксации) с экспертами по уголовному праву (анонимно), проведенного в рамках зарубежной стажировки на базе Тбилисского государственного университета им. Иване Джавахишвили (со 2 по 15 марта 2026 года, г. Тбилиси) выявлено, что по данной статье практика «не сложилась». По мнению респондентов, наличие специальных норм в государственных закупках является необходимой мерой в борьбе с наиболее частыми нарушениями, причиняющими существенный ущерб государству, а проблема отсутствия практики применения данной нормы заключается в отсутствии методики доказывания в рамках рассматриваемого состава преступления.

Результаты сравнительно-правового анализа свидетельствуют о том, что составы административных правонарушений в государственных закупках, предусмотренные КоАП Грузии, являются более компактными по содержанию, обладая высокой степенью информативности и охватывая все уязвимые стороны этой сферы. Из этого следует, что статьи КоАП Республики Казахстан, связанные с административными правонарушениями, подлежат унификации, которую возможно достичь при проведении соответствующего научного исследования. При оптимизации данных норм следует уделить внимание внедрению ответственности за нарушение условий и порядка предотвращения конфликта интересов. Необходимо учесть, что новшества должны быть связаны с иными нормативными правовыми актами, регулирующими сам процесс государственных закупок. Наряду с этим, внедрение специальных норм в уголовное законодательство несомненно должно сопровождаться разработкой профильных методик по их применению.

ТДУ 341.9

КАТЕГОРИЯИ «РОБИТАИ ЗИЧДОШТА» БА СИФАТИ ПРИНСИПИ ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ХУСУСӢ

КАТЕГОРИЯ «ТЕСНОЙ СВЯЗИ» В КАЧЕСТВЕ ПРИНЦИПА МЕЖДУНАРОДНОГО ЧАСТНОГО ПРАВА

БАХОДУРЗОДА МУТРИБАХОН
Унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва байналмилалии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон / Соискатель кафедры предпринимательского и международного права юридического факультета Таджикского государственнго университета права, бизнеса и политики
E-mail: mbakhodurzoda@bk.ru

Категорияи “робитаи зичдошта” бинобар категорияи соҳаи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ будан, тадричан рӯ ба ташаккул ниҳодааст. Яке аз падидаҳои хосси инкишофи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар давраи муосир – харакат ба самти интихоби муосибати чандирӣ (гибкий) дар танзими муносибатҳои ҳуқуқӣ баромад мекунад. Чунин муносибат таҷассуми худро дар васеъ гардидани истифодаи пайвастҳои коллизионии вобаста ба ҳуқуқи кишваре, ки муносибати ҳуқуқиро бо меъёрҳои низоми ҳуқуқии бо он робитаи зич дошта равона менамояд[2].

Меъёрҳои коллизионии дар асоси принсипи робитаи зич дошта ташаккул ёфта зиёд гардида, чунин меъёрҳо дар шартномаҳои байналмилалӣ, дар ҳуқуқи миллии давлатҳо пешбинӣ шудааст.

Ба вуҷуд омадани меъёрҳои коллизионии «чандир» яке аз самтҳои муосири рушди ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ маҳсуб меёбад. Паҳн шудани ин гуна меъёрҳо натиҷаи аз сари нав дида баромадани мақсадҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ва хосатан меъёрҳои коллизионӣ дониста

[1] Criminal Code of Georgia // Legislative Herald of Georgia. – Режим доступа: https://matsne.gov.ge/en/document/view/16426?publication=287 (дата обращения: 29.03.2026).
[2] Мирзоев, А.М. Проблемы определения применимого права в договорных отношениях с иностранным элементом / А.М. Мирзоев // Вестник Тадж. гос. пед. ун-та им. С. Айни. Сер. обществ., гуманитар, и филолог, наук. - 2014. - № 1 (56). - Ч. 2. - С. 112-116.

шуда, зери таъсири таълимоти олимони кишвари Амрико дар асри XX коркардшуда ба миён омадааст.

Дастовардаҳои ишорашуда бо мурури замон ба таълимоти ҳуқуқи байналмилалии хусусии кишварҳои Аврупо, ки то бо муайянии ҳуқуқӣ ва пешгӯишавандагии танзими коллизионӣ фарқкунанда, таъсир расонид.

Муроҷиат ба танзими чандир дар давраи гузариш аз натиҷаи пешгӯишаванда ва устувор, ки аксар ҳангоми истифодаи меъёрҳои коллизионии устувор хосияти расмиро пайдо мекард, ба кушиши ҷустуҷуи варианти танзими ҳуқуқие, ки бо воситаи меъёри коллизионии дахлдор интихоб гардида, натиҷаи татбиқи меъёрҳои моддӣ-ҳуқуқӣ дар назар дошта, боз маҳаки адолатнокӣ, бошуурӣ, мақсаднокиро қонеъ намуда, ба интизориҳои дахлдори тарафҳои муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқии бо унсури хориҷӣ мураккаб гардида ҷавобгӯ бошад, ба вуҷуд омадааст.

Бояд ишора намуд, ки талабот ба танзими коллизионии чандир ва таносуби он бо муносибати муайяни ҳуқуқӣ бо соҳаҳои гуногуни танзимшаванда алоқаманд мебошад. Ҳамин тавр, фарз кардан мумкин аст, ки дар муносибатҳои шартномавӣ талабот ба таъмини натиҷаи пешгӯишаванда ва босубот нисбат ба танзими масъалан соҳаҳои муносибатҳои меросӣ ва ғайра бештар аст. Дар баробари ин қисми зиёди мубоҳисаҳо доир ба масъалаи татбиқи меъёрҳои коллизионии чандир дар доираи муносибатҳои ғайришартномавӣ, ки дар он тарафҳо имконоти пешакӣ ҳуқуқи татбиқшавандаро интихоб мекунанд, гирд оварда шудааст[1].

Консепсияи меъёрҳои коллизионии чандир баҳсҳои тулониро на танҳо дар доираи олимони кишвар, балки хориҷиро низ ба миён овард. Дар адабиёти илмӣ ишора шудааст, ки ворид намудани принсипҳо ва равиишҳои ноаниқ ба ҷои меъёрҳои коллизионии пешгуишаванда метавонад ба номуайянӣ ва ҳатто ба бевиҷдонӣ ҳангоми баррасии парвандаҳои мушаххас оварда метавонад.

Инчунин новобаста ба танқиди ҷиддӣ роҳҳои нави танзими бархурдҳо дар ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ таҷассуми худро ҳам дар қонунгузорӣ ва амалияи давлатҳои алоҳида ва ҳам дар санадҳои байналмилалӣ ёфта истодаанд.

Ба ҳар ҳол набояд чандирии танзими коллизионiро ба муайянии натиҷаи татбиқи меъёри коллизионӣ муқобил гузошт – онҳо якдигарро инкор намекунанд. Бояд бо ақидае розӣ шуд, ки асос ибтидои ҷудонопазири ҳуқуқро ташкил намуда, тамоми таърихи инкишофи тартиботи ҳуқуқӣ хуб таърихи татбиқи онҳоро нишон медиҳад[2].

Тавре, ки Ходикин Р.М. қайд намудааст, ба меъёри коллизионии чандир маънои қоидаи умумии барои ҳалли масъалаи коллизионӣ равона гардидаро лоиқ донистан мумкин аст. Ба ин сифат меъёри коллизионӣ а) нақш ва мақоми ибтидои коллизионiро, ки ба пайвастҳои қавии коллизионӣ асос ёфтаанд, дар низоми ҳуқуқи коллизионӣ муайян менамояд; б) татбиқи ин асосҳоро ба танзим медарорад; в) муаммои пайдо мешаванд бартараф менамоянд[3].

Инъикоси кушиши умум нисбати танзими чандири коллизионӣ дар давраи муосири рушд дар ишкишофи усулҳои зерини ноилшавӣ ба он дида мешавад: истифодаи маҳаки робитаи зич доштаи муносибати ҳуқуқӣ бо низоми мушаххаси ҳуқуқӣ ҳамчун принсипи асосии коллизионӣ; ба сифати ҳуқуқи татбиқшаванда ҳуқуқи барои тарафҳо мусоид интихоб карда шавад; васеъ кардани соҳаи татбиқи мухторияти иродаи тарафҳо; интихоби ҳуқуқи татбиқшаванда бо назардошти натиҷаи татбиқи меъёри моддӣ-ҳуқуқии дар асоси меъёри коллизионӣ интихоб шуда; мувофиқ гардонидани равиши яктарафаи танзими коллизионӣ ба шароити муосир; гармонизатсияи меъёри коллизионӣ чун намуди асосии наздик гардидани онҳо.

Яке аз олатҳои чандирӣ танзим истифодаи категорияи робитаи зич доштаи муносибати ҳуқуқӣ бо низоми мушаххаси ҳуқуқӣ ҳамчун принсипи асосии коллизионӣ барои мақсади муайян намудани ҳуқуқи татбиқшаванда баромад менамояд.

Консепсияи робитаи зичдошта дар вақтҳои охир назарияи илмии мустақил ва тез инкишофёбанда ба ҳисоб рафта, ҳар чи қадар эътироф ва шуҳрати беондозаро касб карда иситдааст. Барои нишон додани моҳияти ин консепсия номгузории гуногун: робитаи зич дошта, робитаи воқеӣ дошта истифода шавад ҳам, ҳамаи онҳо маънии якхела – ҳангоми эъҷон

[1] Рустамова, Н.Н. Коллизионные нормы в международном частном праве: эволюция, современные тенденции и перспективы развития: – дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.03 / Н.Н. Рустамова. – М.: 2013. – С. 61.
[2] Мирзоев, А.М. Указ. раб. - С. 112-116.
[3] Ходыкин, Р.М. Принципы и факторы формирования содержания коллизионных норм в международном частном праве: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.03 / Р.М. Ходыкин. – М.: 2005. – С. 120.

намудани меъёри коллизионӣ ва ё ҳангоми локализатсияи муносибати ҳуқуқӣ бояд аз он баромад, ки муносибати хусусӣ-ҳуқуқии бо унсури хориҷӣ мураккаб гардида бояд маҳз бо ҳуқуқи бо кадоме нисбатан зичтар (воқеан, бештар) алоқа дошта танзим карда шавад.

Дар баробари ин консепсияи робитаи зич дошта ба пуррагӣ чӣ тавр низоми ҳуқуқии татбиқшаванда бояд муайян гардад, кушода намедиҳад. Моҳияти масъалаи коллизионӣ дар ин ҳолат дар он зоҳир меёбад, ки кадоме аз низоми ҳуқуқии татбиқшаванда дар ҳолати мазкур нисбатан зичтар бо муносибати ҳуқуқӣ робита дорад? Он метавонад нисбатан васетар муқаррар шавад ва ё метавон маҳакҳои умумиро барои муайян намудани он истифода бурд?

Новобаста ба рушди консепсияи робитаи зич дошта, дар таълимоти ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ то ҳол баҳс оид ба маҳакҳои робитаи зич дошта кам нашуда, ба ягон пешравии назаррас ноил нагардидааст. Бо вуҷуди ҷой надоштани тақсимбандии маҳакҳои робитаи зич дошта ва баҳодиҳии умумиэътироф гардидаи онҳо шумораи чунин робитаҳо ҳангоми муайян намудани ҳуқуқи татиқшаванда метавон нисбат ба сифати он бештар бошад, лекин агар шумораи чунин робитаҳо барои муқаррар намудани робитаи зич дошта нокифоя бошад, пас афзалият ба сифати он дода мешавад.

Ҳамчун принсипи умумии ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ робитаи зичдошта моҳияти ҷустуҷӯи ҳуқуқи татбикшавандаро дар худ маҳфуз медорад. Маҳз дар ҳамин маънӣ конпепсияи робитаи зичдошта истифодаи ҳарчи қадар васеро дар қонунгузорӣ ва амалияи давлатҳои гуногун пайдо карда, як дараҷа татбиқшудани меъёрҳои коллизиониро бо воситаи муқаррар намудани ҳадди истифода ба танзим медароранд.

Зинаи назаррас дар рушди консепсияи баррасишаванда коркарди меъёрии робитаи зич дошта ва ҳамроҳ намудани он ба Муоҳидаи Рим “Дар бораи ҳуқуқе, ки нисбати уҳдадориҳои шартномавӣ татбиқ мешавад” аз соли 1980 ба ҳисоб рафта, чун принсипи умумии барои танзими муносибатҳои шартномавии бо унсури хориҷӣ мураккаб гардида истифода мешавад. Тибқи нишондоди б. 1 моддаи 4 муоҳидаи ишорашуда “ҳуқуқи татбиқшаванда ҳангоми набудани интихоби ҳуқуқ” ба он ҳадде ки ҳуқуқ нисбати шартнома бояд татбиқ шавад, аз ҷониби тарафҳо интихоб нагардда буд, шартнома бо ҳуқуқи кишваре танзим карда мешавад, ки робитаи зичро дошта бошад. Новобаста ба ин қисми шартнома, ки робитаи зичро бо дигар кишвар дошта бошад, ҳамчун истиснобо ҳуқуқи кишвари дигар танзим карда шавад.

Ҳамин тавр, бояд ишора намуд, ки мавзуи принсипи робитаи зич дошта дар ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ аз масъалаҳое маҳсуб меёбад, ки бо мурури замон танҳо дикқати ҳар чи қадар зиёди олимони соҳаро ба худ ҷалб менамояд, зеро густариши муносибатҳои фаромиллии байни шахрвандон ва шахсони ҳуқуқии давлатҳо водор менамояд, ки шаклҳои нави танзими ҳуқуқии ин муносибатҳо, аз чумла интихоби принсипи робитаи зич доштаро тақозо менамояд.

ТДУ 343.13

ШИКОЯТ НАМУДАН АЗ АМАЛ (БЕАМАЛӢ) ВА ҚАРОРҲОИ МАҚОМОТИ ТАЪҚИБОТИ ҶИНОЯТӢ БА СУД ҲАМЧУН ЯКЕ АЗ РОҲУ ВОСИТАҲОИ ҲИМОЯИ СУДИИ ҲУҚУҚУ ОЗОДИҲОИ ШАХС ДАР МАРҲИЛАҲОИ ТОСУДӢ

ОБЖАЛОВАНИЕ В СУД ДЕЙСТВИЙ (БЕЗДЕЙСТВИЙ) И РЕШЕНИЙ ОРГАНОВ УГОЛОВНОГО ПРЕСЛЕДОВАНИЯ КАК ОДИН ИЗ СПОСОБОВ И СРЕДСТВ СУДЕБНОЙ ЗАЩИТЫ ПРАВ И СВОБОД ЧЕЛОВЕКА НА ДОСУДЕБНЫХ СТАДИЯХ

БАҲРИДДИНЗОДА ЗАЙНУРА БАҲРИДДИН
Омӯзгори калони кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон / Старший преподаватель кафедры судебного права и прокурорского надзора Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики
E-mail: avezova-79@mail.ru

Баробари дастовардҳои назаррас дар соҳаҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ дар Тоҷикистон зарурати таҳкими як қатор асосҳо ва принсипҳои демократии адлияи ҷиноятӣ, ки ба меъёрҳои умумии эътирофшуда ва стандартҳои байналмилалӣ мутобиқанд, ба миён омадааст. Мутобиқ ба санадҳои байналмилалӣ, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрвандро ҳамчун арзиши олӣ эътироф кардааст, ки ҳифзи он яке аз вазифаҳои афзалиятноки давлат эътироф шудааст.

Барои татбиқи ин муқаррарот, қонунгузор шароити мусоид фароҳам овардааст, ки яке аз онҳо имконияти ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳо тавассути пешниҳоди шикоят ба суд аз амалҳо (беамалӣ) ва қарорҳои мақомоти ваколатдори давлатӣ мебошад[1]. Дар Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – КМҶ ҶТ) бори аввал ҳуқуқи шикоят кардан аз амал ва қарорҳои мурофиавӣ ҳамчун принсипи мурофиавии ҷиноятӣ муқаррар шудааст (м. 23 КМҶ ҶТ). КМҶ ҶТ мазмуни фаъолияти мақомоти ваколатдори давлатиро дар марҳилаҳои тосудӣ ва судиро, инчунин таносуби онҳоро ба таври назаррас тағйир дод.

Имконияти назоратӣ ва салоҳияти суд дар марҳилаҳои тосудӣ ба мазмуни фаъолияти прокурор, муфаттиш, таҳқиқбаранда ва ҳуқуқҳои иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ, ба амалишавии имкониятҳои тарафи ҳимоя таъсири назаррас расонидааст, ки асосҳои дар амал тадбиқ шудани муқаррароти принсипи баробарӣ ва мубоҳисаро дар марҳилаҳои тосудӣ ифода менамояд.

Ғайр аз ин, дар марҳилаи тосудии мурофиа, қонунгузор тартиби шикоят кардан аз амалҳо ва қарорҳои мақомот ва шахсони мансабдореро, ки таъқиби ҷиноятиро анҷом медиҳанд, пешбинӣ кардааст, ки ба мавзуи ҳалли шикоят дахл доранд: умумӣ (бо пешниҳоди шикоят ба прокурор ё роҳбари мақомоти тафтишотӣ) ва судӣ (бо пешниҳоди шикоят ба суд).

Яке аз шаклҳои маъмули иштироки суд дар таъмини риоя ва иҷрои қонунҳо дар марҳилаҳои тосудӣ баррасии арзу шикояти иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ аз амал (беамалӣ) ва қарорҳои мақомоти пешбурди таҳқиқ, тафтиши пешакӣ ва прокурор мебошад.

Тибқи м. 23 КМҶ ҶТ принсипи ҳуқуқи ҳар шахси воқеӣ ва ҳуқуқӣ, новобаста аз мақоми мурофиавӣ доштани онҳо аз болои қарору санад ва ё амалҳои мақомоти пешбурди парвандаи ҷиноятӣ кафолат дода мешавад. Ин принсипи мурофиаи ҷиноятӣ бояд дар тамоми марҳилаҳои мурофиа нисбат ба тамоми амал ва санадҳои мурофиавии ҷиноятӣ амал намояд ва ба роҳбарӣ гирифта шавад, ки воқеан ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои кафолатдодашудаи иштирокчиёни мурофиа ва шахсони дигарро аз қарор ва амалҳои беасос ва маҳдудкунии ғайриқонунӣ таъмин менамояд.

Баррасии шикоят ба салоҳияти мустасноии суд дохил намешавад. Салоҳиятҳои дахлдор ба прокурор ва роҳбари мақомоти тафтишотӣ низ дода мешаванд. Азбаски доираи салоҳияти онҳо маҳдуд аст, мавзуи тафтиш амал (беамалӣ) ва қарори муфаттиш, таҳқиқбаранда баромад менамояд. Аз ҷониби прокурор иҷро шудани ваколатҳои худ шахсро аз усули судии ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳо истисно намекунад[2].

Мустақилияти судӣ яке аз самтҳои муҳимми таъмини адолат дар низоми судии ҳар як кишвар мебошад. Агар судҳо мустақил набошанд, метавонанд ба таъсири неруҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ё иҷтимоии берунӣ ё дохилӣ бар онҳо ворид шавад, ки дар натиҷа ҳуқуқи инсонҳо ва шаҳрвандон ҳифз намешавад[3].

Сайфиддинов Ф.Ф. қайд мекунад, ки мустақилияти суд, судя бе маҳдуд, мутлақ нест. Суд, судя ба монанди дигар субъектони мурофиаи ҷиноятӣ дорои ҳуқуқу уҳдадориҳои мурофиавӣ мебошанд. Доираи мустақилияти суд, судя бо тартиби муқарраркардаи қонун, бо доираи амали принсипҳои мурофиавии ҷиноятӣ, бо таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ва ҳадди муҳокимаи судӣ маҳдуд мешавад.

Суд, судя, ҳангоми пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ вазифадор аст, ки муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, КМҶ ҶТ ва дигар қонунҳоро ба таври дақиқ, якхела риоя намоянд[4].

---

[1] Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 3-юми декабри с. 2009, № 564 (бо тағйиру иловаҳои то 03.01.2024 № 2017).

[2] Арабулин, Д.Т. Обжалование в уголовном судопроизводстве Действий и решений дознавателя, следователя, прокурора, суда / Д.Т. Арабулин // Вестник ЮУрГУ. – 2008. - № 28. – С. 24.

[3] Ҷумъахонов, Ҳ. Ислоҳоти судӣ: Масъалаҳо ва роҳҳои ҳалли онҳо. 2023.

[4] Сайфиддинов, Ф.Ф. Суд дар таъмини мубоҳиса ва баробарии тарафҳо / Ф.Ф. Сайфиддинов // Маҷмуаи маводди конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ «Дастовардҳо, мушкилот ва дурнамои инкишофи қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (ш. Душанбе, 03 декабри с. 2025). – Душанбе, 2026. - С. 163.

Инчунин, Раҳимзода С.О. қайд мекунад, ки ҳимояи судии ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон як раванди рӯ ба рушд мебошад, аммо то расидан ба сатҳи баландтар ҳанӯз мушкилот вуҷуд дорад. Татбиқи ислоҳоти судӣ, пешбурди маърифати ҳуқуқӣ ва ҳамоҳангсозии қонунгузорӣ бо санадҳои байналмилалӣ метавонад асоси як низоми судии босифат ва адолатпарвар гардад[1].

Новобаста аз душвории ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумоти дақиқ аз амалияи тафтишотию судӣ дар доираи таҳқиқот, такя ба маълумоти умумии дастрасгардида, таҳлили меъёрҳои мурофиавӣ камбудиву норасоиҳо нишон доданд, ки мақоми суд дар амалишавии кафолати ҳифзи судии ҳуқуқу манфиатҳои шахрвандон дар марҳилаҳои тосудии пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ нисбат ба назорати прокурорӣ афзалият дорад.

Ин мавқеъ бо он асоснок мешавад, ки прокурор вазифаҳои худро оид ба таъқиби ҷиноятӣ (м.м. 26, 36 КМҶ ҶТ) ва салоҳияти розигӣ додан ба пешбурди амалҳои мурофиавие, ки ҳуқуқу озодиҳои иштирокчиёни мурофиаро маҳдуд мекунанд (м. 168 КМҶ ҶТ), дар радифи он баҳри ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои иштирокчиёни мурофиа аз амалҳои ғайриқонунии мақомоти таъқиби ҷиноятӣ бояд чораҳо андешад (м. 12 КМҶ ҶТ), якҷоя ва омехта кардааст.

Ҳамзамон, розигии прокурор барои татбиқи чораҳои маҷбурии мурофиавӣ, ки берун аз талаботи холисона ба роҳ мондани муҳокимаи судии ин масъалаҳо сурат мегирад, ба шахсоне, ки ҳуқуқу манфиатҳояшон бо ташаббуси мақомоти таъқиби ҷиноятӣ ғайриқонунӣ маҳдуд мешавад, имкон намедиҳад, ки нисбат ба амал ё қарорҳои мақомоти пешбурди парвандаи ҷиноятӣ, аз ҷумла ба ҳабс гирифтан дарҳол ба суд, на ба прокурор шикоят кунанд (м. 123 КМҶ ҶТ). Ҳарчанд принсипҳои мурофиавӣ дар пешбурди парвандаи ҷиноятӣ қувваи ҳатмии роҳбарикунанда дошта бошанд ҳам, бар хилофи принсипи шикоят (м. 23 КМҶ ҶТ) дар қ. 1 м. 119 КМҶ ҶТ амал (беамалӣ) қарорҳои мақомоти амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, сардори воҳиди таҳқиқ ва сардори гуруҳи тафтишотӣ чун мавзуи шикоят номбар нашудааст. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки тибқи маълумоти ҳимоятгарон дар амал шикояти шифоҳӣ бар хилофи қисмҳои 2, 3 ҳамин модда на ҳама вақт қайд ва баррасӣ мешавад.

Дар қ. 2 м. 119(1) КМҶ ҶТ дақиқ нашудааст, ки ба кадом асос шикояти шахси ба тавқифгоҳи нигоҳдорӣ ҷойгиркардашуда дар бораи нисбати ӯ татбиқ шудани зӯроварӣ, шиканҷа ё муносибати таҳқиркунандаи ғайриинсонӣ дарҳол (таъҷилӣ) не, балки дар давоми 3 шабонарӯз, инчунин дар кадом маврид ба прокурор ва дар кадом маврид ба суд ирсол мешавад? Дар ҳамин қисми модда пешбинӣ мешавад, ки шикоятҳои дигар, (ба истиснои ҳолатҳое ки дар ҳамин қисми модда номбар мешаванд), мухолифи принсипи бағаразӣ ва холисона дар муҳлати се шабонарӯз ба маъмурияти ҳамин тавқифгоҳ ё ба ҳамон муфаттиш ё таҳқиқбаранда, ки тафтиши ҷиноятро ба зимма доранд, дастрас мешавад.

Саволе ба миён меояд, ки онҳо (шахсони масъули дар қонун номбаршуда) оё шикояти шахси дар тавқифгоҳи нигоҳдорӣ қарордоштаро нисбат ба амал ё қарори худ холисона бар хилофи манфиати худ ва шарафи касбии худ баррасӣ ва ҳал мекунад?

Дар қ. 1 м.122 КМҶ ҶТ муқаррар шудани меъёри дигар, ки дида баромадан ва ҳалли арзу шикоят ба зиммаи шахсе, ки амалро иҷро кардааст ё санади беасосро қабул кардааст, мумкин нест, ихтилофи назарро ба миён меорад. Ба андешаи мо, матни ин меъёр аз камбудӣ орӣ нест. Аз таҳлили мантиқӣ ҳуқуқии ин меъёр бар меояд, ки баррасии шикоятро ба зиммаи таҳқиқбаранда, сардори воҳиди таҳқиқ ва муфаттиш, сардори воҳиди тафтиш, сардори гуруҳи тафтишотӣ, прокурор ё судя набояд вогузор шавад. Ин талабот ба прокуроре ҳам дахл дорад, ки тибқи м. 168 ва қ. 6 м. 445 КМҶ ҶТ қарори муфаттиш ё таҳқиқбарандаро танҳо дар як ҳолат тасдиқ мекунад, қарори судя бошад ба тасдиқи иловагӣ ягон ниёз надорад ва қонун муқаррар накардааст.

Бинобар чунин пешниҳод менамоем, ки:

1) Ба иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ бевосита ба суд, новобаста аз мақомоте, ки уҳдадории таъқиби ҷиноятиро дорад (м. 26 КМҶ ҶТ) ҳуқуқи шикоят кардан аз болои амал ё санади ғайриқонунии мақомоти таҳқиқ, тафтиши пешакӣ ва кормандони мақомоти амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дода шавад.

2) Қисми 2 м. 119(1) КМҶ ҶТ пешбинӣ гардад, ки шикояти нафарони дар тавқифгоҳи нигоҳдории муваққатӣ ё тафтишотӣ ҷойгир карда шуда, ҷиҳати нисбати онҳо татбиқ шудани

[1] Раҳимзода, С.О. Ҳимояи судии ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳлил ва дурнамои рушди ҳуқуқӣ / С.О. Раҳимзода // Ҳуқуқи инсон: масъалаҳои назарӣ ва амалӣ. Маводи конференсияи байналмилалии илмию назариявӣ бахшида ба рӯзи байналмилалии ҳуқуқи инсон, 30-юмин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва эълон гардидани соли 2024 ҳамчун «Соли маърифати ҳуқуқӣ» 6-уми декабри соли 2024. - Душанбе, 2024. – С. 515.

зӯроварӣ, шиканҷа ё чораҳои таҳқиркунандаи ғайриинсонӣ ба прокурор ва суд бе таъхиргузорӣ ирсол карда шаванд.

ТДУ 349.2:342.734

ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ МЕҲНАТ ВА ШУҒЛИ МАЪЮБОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ПРАВОВОЕ РЕГУЛИРОВАНИЕ ТРУДА И ЗАНЯТОСТИ ИНВАЛИДОВ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

БАЧАЕВ ДОСТОН ИДИБЕКОВИЧ
Унвонҷӯи Институти давлат ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон / Соискатель Института государства и права Национальной академии наук Таджикистана
E-mail: bachaev.d@mail.ru

Таъмини ҳуқуқҳои шахсони маъюб ба шуғл ҷузъи ҷудонашавандаи сиёсати давлати иҷтимоӣ мебошад, ки он аз меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд. Татбиқи ҳуқуқ ба шуғл ва бокортаъминшавӣ барои ин категорияи шаҳрвандон на танҳо роҳи таъмини иқтисодии онҳо, балки омили асосии ҳамгироии иҷтимоӣ ва худшиносии шахсӣ мебошад. Тавре дар адабиёти ҳуқуқӣ қайд мегардад, шуғл «фаъолияти аз ҷиҳати иҷтимоӣ фоиданок»-ро ифода намуда, аҳамияти бунёдии иҷтимоию иқтисодӣ дорад, ки ин танзими низоми идоракунии рушди онро дар асоси таъсиси механизмҳои ҳавасмандгардонӣ ва ташкили ҷойҳои нави корӣ тақозо мекунад.

Дар даҳсолаи охир, ба мушоҳидаи муҳаққиқон маҳз масъалаҳои иҷтимоию иқтисодӣ дар барқарорсозии шахсони имконияташон маҳдуд ба назар мерасанд, ки ин бо Ҳадафҳои рушди ҳазорсола дар Тоҷикистон, ки ба рафъи камбизоатӣ ва дастрасии хизматрасониҳои тиббӣ дахл доранд, мувофиқат мекунад.

Мусоидат ба шуғл ва тавонбахшии меҳнатии шахсони маъюб яке аз самтҳои калидии сиёсати иҷтимоии муосири давлатҳо ба ҳисоб меравад, ки ба принсипҳои баробарӣ, манъи табъиз ва ҳамгироии иҷтимоӣ асос ёфтааст. Меъёрҳои байналмилалии ҳуқуқӣ стандартҳои бунёдиро ташаккул медиҳанд, ки ба таъмини имкониятҳои баробар барои шахсони маъюб дар бозори меҳнат, инчунин бартараф намудани монеаҳое, ки ба иштироки пурраи онҳо дар фаъолияти меҳнатӣ халал мерасонанд, равона гардидаанд.

Яке аз санадҳои асосии байналмилалӣ дар ин самт Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид дар бораи ҳуқуқҳои маъюбон (соли 2006)[1] мебошад, ки ҳуқуқи маъюбонро ба меҳнат дар баробари дигарон муқаррар менамояд. Тибқи моддаи 27 Конвенсия, давлатҳои иштирокчӣ ӯҳдадоранд ҳуқуқи маъюбонро ба меҳнат эътироф намоянд, аз ҷумла имконияти ба даст овардани воситаи зиндагӣ барои онҳоро тавассути шуғле таъмин намоянд, ки дар бозори меҳнати кушод, фарогир ва дастрас тариқи озодона интихоб ё қабул шудааст. Ин меъёр мусоидати фаъоли давлатҳоро дар самти бокортаъминсозии маъюбон тавассути татбиқи сиёсати манъи табъиз, фароҳам овардани шароити муносиби меҳнат ва ҷорӣ намудани барномаҳои барқарорсозии касбӣ пешбинӣ менамояд.

Дар рушди стандартҳои байналмилалӣ оид ба шуғли маъюбон нақши муҳимро ТБМ мебозад, ки як қатор конвенсияҳо ва тавсияҳоро дар самти таъмини шуғли маъюбон таҳия ва қабул намудааст. Аҳаммияти махсусро Конвенсияи ТБМ № 159 «Дар бораи барқарорсозии касбӣ ва шуғли маъюбон» (соли 1983)[2] дорад, ки зарурати таҳияи сиёсати миллиро, ки ба таъмини имкониятҳои баробар ва муносибати баробар дар соҳаи шуғл барои маъюбон равона шудааст, пешбинӣ менамояд. Дар доираи ин Конвенсия таъкид мегардад, ки чораҳои мусоидат ба шуғл бояд қисми таркибии сиёсати умумии шуғл ва ҳамгироии иҷтимоӣ бошанд.

[1] Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид оид ба ҳуқуқи маъюбон аз 13-уми декабри соли 2006 // Маҷмуаи санадҳои асосии байналмилалӣ ва миллӣ оид ба ҳуқуқи инсон. – Душанбе, 2023. 391 с.
[2] Ҳамон ҷо..

Меъёрҳои байналмилалӣ инчунин принсипи манъи табъизро дар соҳаи меҳнат мустаҳкам менамоянд. Аз ҷумла, Конвенсияи ТБМ № 111 «Дар бораи табъиз дар соҳаи меҳнат ва шуғл»[1] давлатҳоро уҳдадор месозад, ки ҳамаи шаклҳои табъизро, аз ҷумла аз рӯи маъюбият, бартараф намоянд. Ин на танҳо манъи амалияҳои табъизиро дар бар мегирад, балки қабули чораҳои мусбатро низ талаб мекунад, ки ба бартараф намудани нобаробарии воқеӣ равона шудаанд, аз ҷумла ҷудо муқаррар намудани квотаҳои ҷойҳои корӣ, таҳияи барномаҳои махсуси мусоидат ба шуғли маъюбон ва пешниҳоди имтиёзҳои андозӣ ба корфармоён барои бокортаъминсозии маъбон.

Дар робита ба ин, дар санадҳои байналмилалӣ ба мафҳуми «мутобиқсозии оқилона» аҳамияти махсус дода мешавад, ки маънои ворид намудани тағйирот ва ислоҳоти зарурӣ ва мувофиқро дорад, ки барои таъмини имконияти амалисозии ҳуқуқ ба меҳнат барои маъюбон равона шудаанд, ки моҳиятан ин тадбир бори аз ҳад зиёд ё беасосро ба миён намеорад. Ин принсип унсури ҳатмии танзими ҳуқуқӣ буда, дар амалияи давлатҳое, ки санадҳои байналмилалиро ба тасвиб расонидаанд, васеъ истифода мешавад.

Илова бар ин, меъёрҳои байналмилалӣ аҳаммияти омӯзиши касбӣ ва бозомӯзии маъюбонро ҳамчун яке аз воситаҳои асосии ҳамгироии онҳо ба бозори меҳнат таъкид менамоянд. Дар ин замина барномаҳои таҳсилоти фарогир, омодасозии касбӣ ва роҳнамоӣ касбӣ, аз ҷумла хизматрасониҳои барқарорсозии меҳнатӣ ва машваратӣ, нақши муҳим мебозанд.

Асоси ҳуқуқии шуғли маъюбон дар Тоҷикистон ба якчанд санадҳои калидӣ такя мекунад. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ” шахсони маъюбро ҳамчун гуруҳи шаҳрвандони дар бозори меҳнат осебпазир ва қобили рақобати баробарнабуда, эътироф намуда, дар тадбирҳои мусоидат ба шуғлли аҳолӣ ба онҳо бартариятҳо муқаррар намудааст[2]. Аз ҷумла, тибқи моддаи 9 Қонуни мазкур кафолатҳои иловагӣ ҷиҳати ба шуғл таъмин намудани маъюбон муайян шудааст, ки аз таҳия ва амалӣ намудани барномаҳои мақсадноки мусоидат ба шуғл, ташкил намудани ҷойҳои иловагии корӣ дар ташкилоту муассисаҳо, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқиашон ва тараққӣ додани корхонаҳои махсусгардонидашуда (аз он ҷумла ташкилотҳо барои ҷалби меҳнати маъюбон), муқаррар намудани квотаҳо барои ба кор қабул намудани маъюбон ва гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ, расонидани хизмати самтгирии касбӣ, инчунин бо роҳи ташкил намудани омӯзиш аз рӯи барномаҳои махсус ва дигар чораҳо кафолатҳои иловагӣ, иборат мебошанд.

Тибқи Қонуни мазкур корфармоён уҳдадор гардидаанд, ки барои таъмини маъюбон бо шуғл мусоидат намоянд, аз ҷумла тавассути риояи квотаҳои муайяншуда барои бо кор таъмин намудани маъюбон ва гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ. Корфармоён бояд ба мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар бораи иҷрои фаъолият оид ба офиятбахшии касбӣ ва мусоидат ба шуғли маъюбон маълумот пешниҳод намоянд. Қонуни мазкур муқаррар намудааст, ки ҷойҳои корӣ барои маъюбон танҳо бо мувофиқаи мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи меҳнат ва шуғлӣ аҳолӣ барҳам дода мешаванд**.** Инчунин, маъюбони бекор дар доираи барномаҳои мусоидат ба шуғли аҳолӣ ҳуқуқи ба тариқи ройгон ва бо тартиби афзалиятнок аз тайёрии касбӣ, такмили ихтисос ва бозомӯзӣ гузаштанро доранд.

Вобаста ба ин, мутобиқи Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027 мусоидат ба шуғли аҳолии дар бозори меҳнат осебпазир, аз ҷумла, маъюбон тавассути сафарбар намудани онҳо ба омӯзиши васеи шуғли фосилавӣ ва дар ҷойҳои корӣ бандшуда (квотаҳо) бо ҷойи кор таъмин карда мешаванд[3]. Бо ин мақсад дар доираи Барномаи мазкур барои бо ҷойи кор таъмин намудани шахсони маъюб тадбирҳои зайл пешбинӣ шудаанд: таъмин намудани шароит барои дастрасии васеи маъюбон ба омӯзиши касбӣ; таъсис ва нигоҳдории ҷойҳои корӣ махсусгардонидашуда бо реҷаи кори танзимшаванда барои бо ҷойи кор таъмин намудани маъюбон; фароҳам овардани шароит барои ба шуғли фосилавӣ машғул шудани маъюбон; маблағгузорӣ намудани корфармоён барои таъсис ва нигоҳдории ҷойҳои корӣ махсусгардонидашуда ҷиҳати бо ҷойи кор таъмин

[1] Конвенсияи ТБМ № 111 (1960) «Дар бораи табъиз дар соҳаи меҳнат ва шуғл» // [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: https://www.ilo.org/sites/default/files/wcmsp5/groups/public/

[2] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ” аз 1-уми августи с. 2003, № 44 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 2003. - № 8. - Мод. 467.

[3] Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027” аз 28-уми марти с. 2023, № 135.

намудани маъюбон. Тибқи нақшаи Барномаи мазкур тавассути банд намудани ҷойҳои корӣ, таъсис ва нигоҳдории ҷойҳои кории махсусгардонидашуда дар солҳои 2023 – 2025 дар ҷумҳурӣ бояд 880 нафар маъюбон бо ҷойи кор таъмин карда шаванд.

Масъалаҳои вобаста ба таъмини шуғл ба маъюбон ҳамчунин аз меъёрҳои Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон» бармеоянд[1]. Тавре дар адабиёти илмӣ қайд карда мешавад, гузариш ба меъёрҳои муқоисашаванда бо стандартҳои байналмилалӣ маҳз бо қабули ин қонун ҳатмӣ гардид. Дар моддаи 1-и Қонун таърифҳои калидӣ, ки барои шуғл аҳамият доранд: «маъюб», «маҳдудияти ҳаёти фаъолият», инчунин мафҳуми «ҷойҳои махсуси корӣ барои бо кор таъминкунии маъюбон - ҷойҳои корие, ки бо назардошти имконияти фардии маъюбон таҷҳизонида шудаанд» дода шудаанд. Моддаи 3 Қонуни мазкур принсипҳои сиёсати давлатиро, аз ҷумла «дастрасӣ ва баробарҳуқуқии маъюбон дар баробари дигар шаҳрвандон… ба интихоби озодонаи намуди фаъолият, аз ҷумла меҳнатӣ» мустаҳкам намуда, инчунин бевосита манъи табъиз нисбати маъюбонро муқаррар мекунад.

Қисми 2 м. 26 Қонун муқаррар намудааст, ки дар ташкилотҳо новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва моликияташон ҳангоми на камтар аз 20 нафар будани шумораи кормандони онҳо ба андозаи на камтар аз панҷ фоиз аз шумораи умумии кормандон ба маъюбон барои ба кор қабул кардан квота муқаррар карда мешавад. Ҳадди ақалли теъдоди ҷойҳои махсуси корӣ барои бо кор таъмин кардани маъюбон ба ҳар як ташкилот дар доираи квотаи муқарраргардидаи ба кор қабул намудани маъюбон муайян карда мешавад. Дар қонунгузории амалкунанда барои бокортаъминсозии маъюбон имтиёзҳои андозӣ низ муқаррар шудаанд. Мутобиқи моддаи 189 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон[2] дар сурати на камтар аз 50 % шумораи кормандони ташкилотро ташкил додани маъюбон ва дар сурати сарф шудани на камтар аз 50 фоизи маблағҳои музди меҳнат ва таъминоти дигари моддӣ, аз ҷумла дар шакли натуралӣ барои эҳтиёҷоти маъюбон дар ташкилот, даромадҳои шахсони ҳуқуқӣ аз андозбандӣ озод карда мешаванд. Инчунин, аз заминҳои ташкилотҳое, ки на камтар аз 50 фоизи кормандони онҳо маъюбон мебошанд, андози замин ситонида намешавад. Имтиёзҳои мазкур барои ҳавасмандсозии корфармоён ҷиҳати ташкили ҷойҳои корӣ ба маъюбон нигаронида шудаанд.

Кафолати муҳим меъёри сархати чоруми м. 4 Қонун мебошад, ки ба ваколатҳои Ҳукумати ҶТ «тасдиқи Тартиби ҷорӣ намудани квота барои қабули маъюбон ба кор»-ро дохил мекунад. Бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2-юми апрели с. 2009, № 181 Қоидаҳои муқаррар намудани квота барои ба кор қабул кардани гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ[3] тасдиқ шудааст. Тибқи ин санад дар корхонаю ташкилотҳо ва муассисаҳо новобаста аз шакли моликият ва хоҷагидорӣ (агар шумораи воҳиди корӣ аз 20 адад кам набошад), квота дар ҳаҷми 6 (шаш) фоизи шумораи умумии воҳиди корӣ муқаррар карда мешавад. Бо ҷои кор таъмин шудани гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ ба тариқи квота дар асоси роҳхати мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ ва муроҷиати бевоситаи онҳо ба ташкилотҳо, корхонаву муассисаҳо амалӣ мегардад.

Вале бояд тазаккур дод, ки дар механизми татбиқи амалии ин кафолат ба маъюбон мушкилоти зиёд ҷой дорад. Ҳаҷми квотаи мазкур, ки 6 фоиз пешбинӣ шудааст, танҳо барои маъюбон дахл надошта, тибқи Қарори мазкури Ҳукумати ҶТ он ҳамаи гуруҳи шаҳрвандони дар бозори меҳнат рақобатнопазирро дар бар мегирад, ки ин номгуй илова ба маъюбон боз 8 гуруҳи шаҳрвандонро дар бар мегирад, аз ҷумла ноболиғони ятим, сарбозони аз сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон озодшуда, шаҳрвандони аз муассисаҳои иҷрои ҷазои ҷиноӣ ё аз муассисаҳои табобати маҷбурӣ озодшуд, волидони яккаву танҳо, инчунин шахсоне, ки дар тарбияашон кӯдакони ноболиғ ва фарзандони маъюб доранд, волидоне, ки бештар аз 5 кӯдаки ноболиғ доранд, шахсони то синни 18 сола, ки бо сабаби вафоти волидонашон ва ё дигар ҳолатҳо сарпарастии оиларо ба ӯҳда доранд, шаҳрвандоне, ки барои аз рӯйи синну сол ба нафақа баромаданашон ду сол боқӣ мондааст, шаҳрвандони то синни 18 сола ва ҷавононе, ки

[1] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон” аз 29-уми декабри с. 2010, № 675 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2010, №12, қ.1, мод. 834; соли 2020, №12, мод. 913.

[2] Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23-юми декабри с. 2021, № 1844 // Қонуни ҶТ аз 18.03.2022 № 1867, аз 24.12.2022 № 1934, аз 15.03.2023 № 1956, аз 13.11.2023 № 2000, аз 20.06.2024 № 2066, аз 11.02.2025 № 2143, аз 15.04.2025 № 2158, № 2159, № 2160, № 2161, аз 14.05.2025 № 2168.

[3] Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои муқаррар намудани квота барои ба кор қабул кардани гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ” аз 2-юми апрели с. 2009, № 181.

баъди хатми муассисаҳои таълимӣ тибқи роҳхати мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ ба кор фиристода шудаанд.

Инҷо аз як тараф мухолифати Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба м. 26 Қонуни ҶТ "Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон" ҷой дошта, аз тарафи дигар ҳаҷми квотаи муқарраршаванда, ки ҳамагӣ 6 % ҷойҳои кориро дар ташкилотҳо дар бар мегирад, барои бо кор таъмин намудани ин теъдоди шахрвандон басанда нест. Зеро, танҳо маъюбоне, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон эҳтиёҷ барои бокортъаиминшавиро тавассути ин квота доранд, хеле зиёданд. Илова бар ин, санади мазкур тақсимоти ҳаҷми квотаи муқарраршавандаро дар байни маъюбон ва дигар гуруҳҳои шахрвандон муайян накардааст. Ин аст, ки дар амалия ҳангоми муқаррар кардани ин квота меъёри 5 фоизаи бо Қонун муқарраршуда нисбати маъюбон риоя намегардад ва амалан як теъдоди хеле ками ин квота ба маъюбон рост меояд. Аз ҷумла, тибқи Нақшаи амал оид ба татбиқи Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027 пешбинӣ гардидааст, ки тавассути банд намудани ҷойҳои корӣ, таъсис ва нигоҳдории ҷойҳои кории махсусгардонидашуда 44 ҳазор нафар шахрвандони дар бозори меҳнат осебпазир бо ҷойи кор таъмин карда мешаванд, ки аз ин ҳамагӣ 880 нафари онро маъюбон ташкил медиҳанд.

Мавриди зикр аст, ки муқаррар намудани квотаи қойҳои корӣ механизми калидии таъмини кафолати шуғли маъюбон маҳсуб мешавад ва ба андешаи мо он бояд дар сатҳи қонунгузорӣ ва санадҳои зерқонунӣ ба таври мушаххас танзим карда шавад. Бинобар ин, зарур аст, ки Қарори мазкури Ҳукумати ҶТ ба Қонун мутобиқ карда шуда, тартиби муқаррар намудани квота барои маъюбон ба таври алоҳида ва ба андозаи муқарраркардаи Қонун дар ҳаҷми 5 фоиз танҳо барои маъюбон танзим карда шавад. Маҳз ноқисӣ дар механизми татбиқи ин меъёри қонун боиси дар сатҳи зарурӣ таъмин нашудани кафолати бокортаъминсозии маъюбон гардидааст.

Таҳлили амалияи татбиқи Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон» мавҷудияти дигар мушкилоти хусусияти назариявӣ ва амалидоштаро дар ин самт ошкор намуд. Маълум гардид, ки муқаррар намудани квота барои ҷойҳои корӣ барои маъюбон ба ҳеҷ ваҷҳ мушкилоти ҷустуҷӯи корро барои маъюбоне, ки дар деҳот зиндагӣ мекунанд, ҳал намекунад, зеро дар маҳалҳо корхонаҳое, ки шумораи кормандонашон аз 20 нафар зиёд бошад, хеле каманд. Имрӯз усулҳои самараноки таъсиррасонӣ (дорои хусусияти давлатӣ-иқтисодӣ), ки барои бокортаъминсозии маъюбон дар субъектҳои соҳибкории хурд ва миёна равона шудааст, вуҷуд надоранд, зеро шумораи кормандони чунин субъектҳо дар аксари ҳолатҳо камтар аст.

Чунин бармеояд, ки қонун амалӣ гардидани ҳуқуқ ба меҳнатро барои шахсони дорои маҳдудиятҳои саломатӣ кафолат медиҳад, аммо имконияти воқеии ба кор таъмин шудан на барои ҳамаи онҳо мавҷуд аст.

Мушкилоти дигар ин таъсиси ҷойҳои махсуси корӣ барои маъюбон аст, ки барои бисёр корфармоён масъалаи хеле душвор ба назар мерасад, зеро он харочоти иловагии молиявиро талаб мекунад. Механизми аз ҷониби давлат ҷуброн намудани харочоти корфармо барои таҷҳизонидан (таъмин намудани) ҷойҳои махсуси корӣ барои ба кор таъмин намудани шахсони маъюб вуҷуд надорад.

Бояд ба назар гирифт, ки қабули шахси маъюб ба кор дорои як қатор хусусиятҳои дигар низ мебошад, ки дар раванди барасмиятдарории шартномаи меҳнатӣ ифода меёбанд. Аз ҷумла, ғайр аз рухсатии дарозмуддат, ки 30 рӯзи тақвимиро ташкил медиҳад, ва вақти кӯтоҳкардашудаи кор бо нигоҳ доштани музди меҳнат ҳамчун рӯзи пурраи кор, инчунин талабот ба шароити меҳнат вуҷуд доранд, ки аксаран вақт дар шартномаҳои меҳнатӣ бо маъюбон сарфи назар карда мешаванд.

Моддаи 12 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон» муқаррар менамояд, ки барои маъюбон шароити зарурии меҳнат мутобиқи барномаи инфиродии тавонбахшии маъюб фароҳам оварда мешавад. Меъёри монанд дар м. 258 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - КМ ҶТ) низ мустаҳкам гардидааст[1]. Барномаи инфиродии тавонбахшӣ маҷмӯи чорабиниҳои барои маъюб муносиби тавонбахши мебошад, ки намудҳо, шаклҳо, ҳаҷм, муҳлат ва тартиби татбиқи чораҳои тиббӣ, касбӣ ва дигар чорабиниҳои барқарорсозиро дар бар мегирад, ки ба барқарор намудан, ҷуброн кардани функсияҳои вайроншудаи организм, инчунин ташаккул, барқарорсозӣ ва ҷуброни қобилияти маъюб барои иҷрои намудҳои муайяни

[1] Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23-юми июли с. 2016, № 1329 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2016, № 7.

фаъолият равона шудаанд. Иҷрои барномаи инфиродии тавонбахшии маъюб барои ҳамаи мақомот ва ташкилотҳо, аз ҷумла корфармоён ҳатмӣ мебошад.

Дар амалия ҳолатҳое ҷой доранд, ки маъюб чунин барнома надорад, ё ҳангоми қабул ба кор онро ба корфармо пешниҳод намекунад, ё корманди солим баъдан маъюб мегардад, аммо барои пешниҳод намудани чунин барнома шитоб намекунад. Саволе ба миён меояд, ки оё мумкин аст шахси маъюбро бе ин барнома ба кор қабул кард? Аз ҷиҳати назариявӣ ин имконпазир аст. Аммо, хавфи он вуҷуд дорад, ки ҳангоми фароҳам овардани шароит барои маъюб, корфармо наметавонад ҳамаи омилҳои истеҳсолиро ба назар гирад, ки ҳузур ё набудани онҳо метавонад ба саломатии ӯ таъсири манфӣ расонад, бемориашро шиддат бахшад ва ё боиси бад шудани ҳолати ӯ гардад. Дар чунин ҳолат, корфармо илова бар ҷавобгарии маъмурӣ, ки дар Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст, инчунин хавфи ҷавобгар шудан дар мурофиаи маданиро дорад ва метавонад вазифадор гардад, ки хароҷоти табобати иловагӣ, аз ҷумла табобати санаторӣ-курортӣ ва дигар чораҳои тавонбахшии корманди маъюбро ҷуброн намояд.

Ҳамчунин, ҳолатҳое низ ба назар мерасанд, ки корманд маълумотнома дар бораи муқаррар гардидани маъюбиятро пешниҳод мекунад, аммо барномаи тавонбахширо ба корфармо намедиҳад. Корфармо ҳақ надорад аз корманд пешниҳоди ин ҳуҷҷатро талаб намояд, зеро КМ ҶТ талаби чунин ҳуҷҷатро муқаррар накардааст. Илова бар ин, моддаи 333 КМ ҶТ муқаррар мекунад, ки корфармо ҳуқуқ дорад ҳангоми аз муоинаи тиббӣ саркашӣ кардани корманд ё тавсияҳои дар натиҷаи муоинаи тиббӣ додашударо риоя накардани ӯ, кормандро ба иҷрои уҳдадориҳои меҳнатиаш роҳ надиҳад. Аз ин рӯ, масъулият бар дӯши корфармо вогузор мешавад.

Ғайр аз ин, танҳо барномаи инфиродии тавонбахшии маъюб маълумотро дар бораи қобилияти маъюб ба фаъолияти меҳнатӣ дар бар мегирад, ки дар он дараҷаи маҳдудияти чунин қобилият, инчунин тавсияҳо оиди ба кор таъмин намудан, аз ҷумла намудҳои дастрасии меҳнат ва амалҳои меҳнатӣ (вазифаҳо), ки иҷрои онҳо душвор аст, нишон дода мешаванд. Қисми алоҳидаи барнома ба шароити тавсияшавандаи меҳнат бахшида шуда, бояд маълумотро дар бораи таҷҳизонидани (муҷаҳҳазсозии) ҷойи махсуси корӣ барои ба кор таъмин намудани маъюб бо назардошти вайроншавии функсияҳо ва маҳдудиятҳои фаъолияти ҳаётӣ, инчунин мутобиқшавии истеҳсолӣ дар бар гирад.

Чунин ба назар мерасад, ки бе чунин барнома кор кардани маъюбон имконнопазир аст. Бинобар ин, ҳамчун роҳи ҳалли ин масъала метавон тавсия намуд, ки корфармо ба Хадамоти ташхиси тиббию иҷтимоӣ, ки гурӯҳи маъюбии кормандро муайян намудааст, барои дастрас намудани нусхаи барномаи инфиродии тавонбахшии корманди маъюб дархости хаттӣ ирсол намояд, ё иқтибоси онро дастрас намояд, ки маълумот дар бораи чорабиниҳои пешбинишуда ва имконияти фаъолияти меҳнатии маъюб дар назди ҳамин корфарморо бо дарназардошти арзёбии махсуси шароити меҳнат дар бар мегирад. Бо дастрас намудани он корфармо метавонад дар бораи имконияти ба кор қабул намудани маъюби мушаххас қарор қабул намояд.

КМ ҶТ ҳуқуқҳои меҳнатии маъюбонро муфассал баён мекунад. Тибқи м. 5 КМ ҶТ, ҳар як шахрванд ҳуқуқ дорад меҳнати худро интихоб кунад, бо қобилиятҳои меҳнатии худ ихтиёрдорӣ намояд, касб ё намуди фаъолияти худро интихоб кунад. Манъи табъиз дар м. 7 КМ ҶТ мустаҳкам шудааст. Ҳамзамон банди 2 ин модда мушаххас мекунад, ки ғамхории махсуси давлат нисбати шахсоне, ки ба ҳифзи баланди иҷтимоӣ ниёз доранд (аз ҷумла маъюбон), табъиз ҳисобида намешавад.

Бо КМ ҶТ кафолатҳо ҳангоми ба кор қабул намудани маъюбонро муқаррар кардааст. М. 23 КМ ҶТ муқаррар мекунад, ки рад кардани қабул ба кор нисбати шахсоне, ки корфармо бо онҳо барои бастани шартномаи меҳнатӣ вазифадор аст, аз ҷумла маъюбоне, ки ҳисоби квотаи муқарраршуда ба кор фиристода шудаанд, ғайриқонунӣ дониста мешавад. Ғайр аз ин, барои маъюбоне, ки тавсияҳои меҳнатӣ доранд, ҳангоми қабул ба кор муҳлати озмоишӣ муқаррар карда намешавад (м. 28 КМ ҶТ). Ҳангоми ихтисори воҳидҳои корӣ маъюбон ҳуқуқи бартарии боқӣ мондан дар корро доранд. Тибқи м. 43 КМ ҶТ дар чунин ҳолатҳо ҳангоми баробар будани тахассус ва самаранокии меҳнат афзалият ба маъюбон, аз ҷумла ба маъюбони тибқи квота ба кор қабулгардида дода мешавад.

Илова бар ин, дар Кодекси нави меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки соли 2016 қабул гардидааст, меъёрҳои алоҳидае муқаррар шудаанд, ки хусусиятҳои танзими меҳнати маъюбонро ба танзим медароранд (боби 24). Тибқи он, маъюбон дар сурати доштани тавсияҳои

меҳнатӣ ҳуқуқ доранд бо корфармо шартномаи меҳнатиро дар шароити умумии меҳнат ба имзо расонанд. Рад кардан аз бастани шартномаи меҳнатӣ, гузаронидани маъюб ба кори дигар ва тағйир додани шароити меҳнат бо сабаби маъюбӣ иҷозат дода намешавад.

Маъюбон дар муносибатҳои меҳнатӣ аз як қатор имтиёзҳо бархӯрдоранд, аз ҷумла вақти кӯтоҳшудаи корӣ (6 соат) бо нигоҳ доштани музди меҳнат, рухсатии солонаи дарозкардашуда (барои маъюбони гурӯҳҳои I ва II - 42 рӯзи тақвимӣ, барои маъюбони гурӯҳи III - 35 рӯз), инчунин табобати санаторию курортӣ.

Корфармоён ҳуқуқ надоранд маъюбонро ба кори шабона, кор дар рӯзҳои истироҳат ва ид, инчунин ба корҳои изофакорӣ ҷалб намоянд. Дар ҳолати гузаронидани маъюб ба кори дигар, музди меҳнати пештараи ӯ нигоҳ дошта мешавад.

Илова бар ин, заноне, ки кӯдакони маъюбро тарбия мекунанд, низ ҳуқуқ доранд дар раванди фаъолияти меҳнатӣ аз ин имтиёзҳо ва кафолатҳо истифода баранд.

Ин кафолатҳои иловагӣ ба шахсони маъюб дар муносибатҳои меҳнатӣ чунин мазмун доранд: ба кор қабул намудани маъюб бе муҳлати санҷишӣ, новобаста аз сатҳи тахассус ва таҷрибаи корӣ; кӯтоҳ кардани давомнокии вақти корӣ барои маъюбон. Вақти кӯтоҳшудаи кор ба музди меҳнати онҳо таъсир намерасонад. Яъне онҳо ҳамон қадар музд мегиранд, ки корманд барои 40 соати корӣ дар як ҳафта музд мегирад; риоя намудани маҳдудиятҳо ҳангоми ҷалб намудан ба намудҳои муайяни кор. Барои маъюбон кор дар вақти шабона, изофакорӣ, кор дар рӯзҳои истироҳат ва идҳо маҳдуд карда шудааст. Вақти шабона аз соати 22:00 то 6:00 ҳисобида мешавад.

Дар м. 262 КМ ҶТ шартҳои ҷалби маъюбон ба корҳои изофакорӣ, кор дар рӯзҳои ид ё истироҳат муқаррар шудаанд, ки тибқи он корфармо қаблан бояд мутмаин бошад, ки чунин кор тибқи хулосаи тиббӣ вобаста ба ҳолати саломатии ӯ манъ карда нашудааст. Шарти дуюм ин розигии хаттии корманди маъюб аст. Чунонки мебинем, кор дар шароите, ки аз меъёрҳои муқаррарӣ фарқ мекунад, барои маъюбон манъ нест, аммо корфармо бояд қоидаҳои ҷалб ба чунин корро риоя намояд, дар акси ҳол баҳсҳои меҳнатӣ ногузир мегарданд: ҳуқуқ ба музди меҳнат; таъмини шароити муносиби меҳнат ва ҳифзи меҳнат; рухсатии асосии меҳнатӣ бо давомнокии на камтар аз 35 рӯзи тақвимӣ; рухсатии бемузд бо давомнокии 60 рӯзи тақвимӣ барои кормандони маъюб; қатъ намудани шартномаи меҳнатии муҳлатнок (дар ҳолате ки вазъи саломатии маъюб ба иҷрои уҳдадориҳои меҳнатӣ монеа мегардад).

Дар мавриди аз кор озод намудан, нисбат ба маъюбон қоидаҳои умумӣ, асосҳо ва тартиби аз кор озодкунӣ татбиқ мегарданд. Ягона хусусият, ки дар КМ ҶТ меҳнат пешбинӣ шудааст, ба қатъ намудани шартномаи меҳнатӣ вобаста ба ихтисори шумораи кормандон дахл дорад. Мутобиқи моддаи 43 КМ Кодекси меҳнат, ба баъзе гурӯҳҳои кормандон ҳуқуқи афзалиятнок барои дар кор боқӣ мондан дода мешавад, яъне ба кормандоне, ки ҳосилнокии меҳнат ва дараҷаи тахассуси баландтар доранд. Дар ҳолати баробар будани нишондиҳандаҳо, афзалият ба як гуруҳи кормандон аз ҷумла маъюбон дода мешавад. Ҳамин тариқ, агар корфармо, масалан, аз 9 воҳиди корӣ 4 воҳидро кам намояд ва ба шумораи кормандони ихтисоршаванда шахси маъюб дохил гардад, ӯ бояд дар кор нигоҳ дошта шавад ва корфармо маҷбур мешавад корманди дигарро барои ихтисор интихоб намояд. Агар маъюб бо ташаббуси корфармо аз кор озод карда шавад, ӯ метавонад (дар сурати мавҷуд будани асосҳо) ба суд мурочиат намояд ва эҳтимолан суд ба ҷонибдории ӯ қарор қабул мекунад.

Ҳамзамон, бояд барои маъюбон ҳамаи шароити меҳнат ва низоми кор мувофиқи қонунгузории амалкунанда риоя карда шаванд. Аз ин рӯ, бисёр корфармоён аз пешниҳоди ҷойи корӣ ба маъюбон худдорӣ менамоянд, зеро барои онҳо осонтар ин ишора намудан ба набудани ҷойҳои корӣ мебошад, назар ба он ки бино ва ҷойи кориро бо таҷҳизоти техникии зарурӣ муҷаҳҳаз намоянд. Барои расидан ба ҷойи кор низ маъюбон бояд як қатор мушкилиҳоро паси сар намоянд, ки муҳимтарини онҳо мутобиқ набудани нақлиёти мусофирбарӣ мебошад, махсусан барои шахсоне, ки аз аробачаи маъюбӣ истифода мебаранд. Маҳз ҳамин омил яке аз мушкилоти асосии бо кор таъмин намудани шахсони дорои имкониятҳои маҳдуд ба ҳисоб меравад.

Ҳамчунин ҳолатҳое ба назар мерасанд, ки ташкилот барои қабули маъюбон ба кор квота муқаррар мекунад, аммо бо вуҷуди ин қонунгузориро вайрон намуда, ба онҳо ҷойи кор намедиҳад ё ҳуқуқҳояшонро поймол мекунад. Аз ин рӯ, сиёсати давлатӣ нисбат ба маъюбон бояд ба назорати қатъии риояи ҳамаи ҳуқуқу уҳдадориҳои онҳо равона карда шавад.

Чунончи, мутобиқи м. 108 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳури Тоҷикистон, рад кардани корфармо аз қабули маъюб ба кор дар доираи квотаи муқарраршуда ва инчунин беасос ба сифати шахси бекор ба қайд нагирифтани маъюб, боиси таъйини ҷаримаи маъмурӣ ба шахсони мансабдор ба андозаи аз чил то панҷоҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо мегардад[1].

Мутобиқи м. 153 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои "дидаю дониста ғайриқонунӣ аз кор озод кардани шахс, иҷро накардани қарори суд дар хусуси ба ҷои кори пештара барқарор кардан, ҳамчунин дигар ҳаракатҳои қасдан ва моҳиятан вайронкунии қонунҳои меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҷарима ба андозаи аз як ҳазор то ду ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то се сол ҷазо" пешбинӣ гардидааст, ки муқаррароти мазкур ба маъюбон низ дахл дорад[2].

Новобаста аз чораҳои пешбинишавандаи маъмуриву ҳуқуқӣ, қайд намудан ба маврид аст, ки мо дар раванди ҷаҳонишавӣ бештар ба мушкилоти бартараф намудани камбизоатӣ, ки ҳарчи зиёдтар ба ҷараёни фаъолияти инсоният таъсир мерасонад, рӯ ба рӯ мегардем. Бинобар ин мусоидат ба шуғли маъюбон ва бокортаъминсозии онҳо барои ҷомеаи имруза яке аз масъалаҳои асосии иҷтимоӣ ба ҳисоб рафта, он аз тамоми сохторҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ татбиқи чораҳои иловагиро тақозо менамояд. Аз ҷумла, таҳлил маълум намуд, ки барномаҳои амалкунанда, аз ҷумла барномаҳои давлатии муосидат ба шуғли аҳолӣ на ҳамаи махсусиятҳо ва механизмҳои бокортаъминсозии маъюбонро дар бар мегиранд, ки дар натиҷа кафолатҳои қонунӣ дар мавриди шуғли маъюбон пурра ва самаранок татбиқ намегарданд. Дар доираи қоидаҳои умумӣ ҳаллу фасл намудани шуғли маъюбон имкон надошта, он усулҳои муосир ва таъсиррасони ҳуқуқиро талаб мекунад.

Дар робита ба масъалаи мазкур ба назари Маҳмадуллозода Н.Р., "вазъи мавҷуда пурзур намудани ҷавобгариҳои маъмурӣ ва ҷиноӣ барои риоя накардани ҳуқуқҳои маъюбон дар соҳаи шуғл ва меҳнатро низ тақозо менамояд"[3].

Бо ин мақсад ба назари мо зарур аст, ки аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ дар ҳамбастагӣ бо созмонҳои байналмилалӣ "Барномаи махсуси таъмини шуғли шахсони маъюб" таҳия ва қабул карда шавад. Ҳадафи асосии барномаи мазкур бояд ба дастгирии мусоидат ба шуғли шахсони маъюб бо муайянсозии натиҷаҳои интизории мушаххас ва дар сатҳи минтақаҳо ҷиҳати бо кор таъмин кардани маъюбон, рушди соҳибкории инфиродӣ ва пешниҳоди кафолатҳои давлатӣ ба шахсони маъюб дар давраи бекорӣ равона карда шавад.

Тоҷикистон инчунин Конвенсияи ТБМ 159 «Дар бораи барқаросозии касбӣ ва шуғли маъюбон»-ро ҳанӯз соли 1993 тасдиқ кардааст, ки ин ба зиммаи давлат ӯҳдадориҳои оиди таҳияи сиёсати миллӣ дар ин соҳа ва пешниҳоди ҳисобот дар бораи татбиқи онро мегузорад.

Сарфи назар аз кафолатҳои қонунгузорӣ, сатҳи шуғли маъюбон дар Тоҷикистон то ҳол паст боқӣ мемонад. Бинобар ин, айни замон таҳлили ҳамаҷонибаи танзими ҳуқуқӣ ва таҷрибаи таъмини шуғли маъюбон дар Тоҷикистон бо ҷалби таҳияҳои назариявии олимони хориҷӣ ва ватанӣ, муайян кардани монеаҳои асосӣ ва роҳҳои бартарафсозии онҳо, масъалаи муҳими ин ҳуқуқи мерҳнат маҳсуб мешавад.

Таҳаввули назарияҳо ба фаҳмиши маъюбӣ дар адабиёти илмӣ назару андешаҳои зиёдеро доир ба ин масъала ба вуҷуд овардааст. Аксари муҳаққиқон дар фаҳмиши маъюбӣ ивазшавии парадигмаҳо – гузариш аз модели тиббӣ ба модели иҷтимоиро якдилона қайд мекунанд. Тавре Мағзумова Ф.П. ишора мекунад, агар қаблан ба модели тиббии мавҷуда мафҳумҳои бартарафсозии «нуқсон» ё мутобиқсозии маъюбон ба муҳити зист дохил мешуданд, модели иҷтимоӣ ба эҷоди чунин муҳити зист барои маъюбон равона шудааст, ки дар он онҳо метавонанд ба ҳадди аксар ба ҷомеа ҳамгиро шаванд[4]. Номбурда таъкид мекунад, ки моделҳои иҷтимоӣ ва тиббии барқаросозии маъюбон бояд тибқи дараҷа ва амиқии эътирофи маъюбон ҳамчун аъзои баробарҳуқуқи ҷомеа дар робитаи зич қарор дошта бошанд ва ҳангоми кор бо онҳо ҳарду ин модел бояд якбора, параллелӣ ба инобат гирифта шаванд.

---

[1] Кодекси Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ аз 31 декабри 2008, № 455 // Ахбори Маҷлиси Оли Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 2008. - № 12 (қ.1). - Мод. 990. Қонуни ҶТ аз 31.07.2025, № 423.

[2] Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21-уми майи с. 1998, № 574 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.1998, № 9, мод.68, мод. 69, № 22, мод. 306; с. 1999, № 12, мод. 316; с. 2001, Қонуни ҶТ аз 17.12.2025, № 2205, № 2206.

[3] Маҳмадуллозода, Н.Р. Хусусиятҳои танзими меҳнати маъюбон дар шароити кунунӣ: мушкилот ва зарурати такмили қонунгузорӣ / Н.Р. Маҳмадуллозода // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. - 2020. - № 4 (36). - С. 107-109.

[4] Магзумова, Ф.П. Медико-социальная оценка эффективности реабилитации инвалидов в Республике Таджикистан на примере Согдийской области / Ф.П. Магзумова // Здравоохранение Таджикистана. – 2022. - № 4 (355). - С. 38-45.

Ҳамчунин, зарурати васеъ кардани барномаҳои таълим, шуғл, рушди инфрасохтори муассисаҳои барқарорсозии маъюбон муҳим аст. Махсусан дар минтақаҳои деҳот барои фаъолияти муносиби маъюбон шароит фароҳам овардан лозим аст.

Муҳаққиқон ба хулосае меоянд, ки модели иҷтимоии барқарорсозӣ, гарчанде дар ҷумҳурӣ роҳандозӣ шуда бошад ҳам, инфрасохтори он такмили минбаъдаро тақозо мекунад. Масъалаи бозомӯзӣ ва тағйири ихтисоси маъюбон бо истифода аз барномаи инфиродии барқарорсозӣ ҳал карда шавад.

Дар таъмини шуғли маъюбон зимнан мухолифати меъёрҳо ва таҷрибаи ҳуқуқтатбиққунӣ низ мушоҳида мешаванд. Коршиносон ба мавҷудияти зидду нақзҳо дар амалия ишора мекунанд, аз ҷумла имтиёзҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ (рӯзи кории кӯтоҳшуда, шароити махсус) ба маъюбон дар амал ба маҳдудияти татбиқи ҳуқуқи онҳо ба шуғл табдил меёбанд. Корфармоён, бинобар зарурати ҳатмии риояи меъёрҳои махсуси шуғли маъюбон ва эҳтимоли сар задани мушкилот дар ин раванд, аз ба кор гирифтани маъюбон худдорӣ мекунанд. Яке аз омилҳои сар задани чунин мушкилот ба хулосаҳои ташхиси тиббӣ-иҷтимоӣ рабт дода мешавад, ки дар ин хулосаҳо маъюбони гурӯҳҳои I ва II аксар вақт «ғайриқобили меҳнат» нишон дода мешаванд. Чунин равиши кор ба назари мо ба табиати меъёрҳои Кодекси меҳнат ва Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон» комилан мухолиф аст. Зеро он ҳуқуқи маъюбонро дар амалия ба меҳнат маҳдуд сохта, барои ба кор қабул накардани маъюбон аз ҷониби корфармоён ҳамчун асос истифода мегардад. Дар робита ба масъали мазкур Кумитаи СММ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ низ изҳор медорад, ки қонунгузории Тоҷикистон таърифи дақиқи маъюбиро дар бар намегирад ва таснифоти маъюбӣ, ки ба дараҷаи гум кардани қобилияти меҳнат асос ёфтааст, бисёр маъюбонро аз соҳаи шуғл воқеан берун мекунад.

Ба назари муҳаққиқони соҳаи ташхиси тиббию иҷтимоӣ шахс метавонад ғайри қобили меҳнат дониста шавад, агар муайян гардад, ки дар ҳеҷ гуна шароит фаъолияти меҳнатиро иҷро карда наметавонад, ҳатто дар шароитҳои махсуси ташкилшуда; мавҷудияти вайроншавиҳои устувор ва шадиди функсияҳои организм; ба кӯмаки доимӣ ё назорати доимӣ ниёз дошта бошад.

Бинобар ин, зарур аст, ки масъалаи “ғайри қобили амал” эътироф намудани маъюбон дар доираи фаъолияти Хадамоти ташхиси тиббию иҷтимоӣ бо назардошти омилҳои зикршуда бозбинӣ шуда, ҳолатҳои истифодаи истилоҳои мазкур мушаххас карда шаванд.

Ҳамин тавр, таҳлили танзими ҳуқуқии таъмини шуғл ва бо кор таъмин намудани маъюбон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки заминаи амалкунандаи меъёрии ҳуқуқӣ низоми кафолатҳоро барои ҳамгироии иҷтимоии шахсони маъюб тавассути фаъолияти меҳнатӣ фароҳам меорад. Дар ин низом Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон» ва Кодекси меҳнати ҶТ аҳамияти калидӣ дошта, асосҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва ташкилӣ барои фароҳам овардани имкониятҳои баробар ҷиҳати иштироки маъюбон дар ҳаёти ҷамъиятӣ, аз ҷумла дар соҳаи меҳнатро муқаррар менамояд.

Бо вуҷуди ин, сарфи назар аз мавҷудияти меъёрҳои қонунгузорӣ, ки тадбирҳои мусоидат ба шуғл, аз ҷумла барқарорсозии касбӣ, таъсиси ҷойҳои махсуси корӣ ва пешниҳоди кафолатҳои иҷтимоиро пешбинӣ менамоянд, дар амал як қатор мушкилоти ҷиддӣ боқӣ мемонанд. Ба ин мушкилот татбиқи нокифояи квотаҳо ва барномаҳои шуғл, маҳдуд будани дастрасӣ ба бозори меҳнат, инчунин мавҷудияти монеаҳои ҳуқуқӣ ва институтсионалӣ, ки барои бо кор таъмин намудани пурраи маъюбон халал мерасонанд, дохил мешаванд. Илова бар ин, баъзе меъёрҳои қонунгузории амалкунанда ва шароити иҷтимоию иқтисодӣ метавонанд амалан иштироки маъюбонро дар хизмати давлатӣ ва дигар соҳаҳои шуғл маҳдуд намоянд.

Қобили зикр аст, ки рушди муосири қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мутобиқсозӣ бо стандартҳои байналмилалӣ, аз ҷумла муқаррароти Конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои маъюбон, равона гардида, дар татбиқи тадриҷии принсипҳои табъизнашавӣ, баробарии имкониятҳо ва фарогирӣ (инклюзия) дар соҳаи меҳнат зоҳир мегардад. Бо вуҷуди ин, барои баланд бардоштани самаранокии танзими ҳуқуқӣ такмили минбаъдаи механизмҳои татбиқи меъёрҳо, тақвияти назорат аз болои иҷрои онҳо ва рушди барномаҳои дастгирии давлатии шуғли маъюбон зарур мебошад.

Илова бар ин, муҳим аст, ки ҳамкории байни мақомоти давлатӣ, бахши хусусӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ тақвият дода шавад, зеро танҳо тавассути ҳамоҳангсозии фаъолияти онҳо метавон шароити мусоид барои шуғли устувори маъюбон фароҳам овард. Инчунин, баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии худи маъюбон ва корфармоён, рушди низоми омӯзиши касбӣ ва

мутобиқсозии муҳити меҳнат ба талаботи шахсони дорои маъюбият аҳамияти калон дорад. Ҷорӣ намудани технологияҳои муосир ва шаклҳои нави шуғл, аз ҷумла шуғли фосилавӣ, метавонад имкониятҳои иловагиро барои иштироки фаъолонаи маъюбон дар бозори меҳнат фароҳам созад.

Дар маҷмӯъ метавон хулоса кард, ки танзими ҳуқуқии таъмини шуғл ва бо кор таъмин намудани маъюбон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи рушд ва такмил қарор дошта, унсурҳои ҳифзи иҷтимоӣ ва воситаҳои сиёсати фаъоли шуғлро дар бар мегирад. Такмили минбаъдаи он бояд ба бартараф намудани монеаҳои мавҷуда, васеъ намудани имкониятҳои фаъолияти меҳнатии маъюбон ва таъмини ҳамгироии пурраи онҳо ба ҷомеа равона карда шавад, аз ҷумла:

1. Тасдиқ ва татбиқи Конвенсияи СММ оид ба ҳуқуқи маъюбон. Ин қадами калидӣ аст, ки заминаи қонунгузориро барои гузариш аз модели тиббии маъюбӣ ба модели иҷтимоӣ, ҷорӣ намудани консепсияи «мутобиқсозии оқилона»-и ҷойҳои корӣ эҷод хоҳад кард.
2. Ҳамоҳангсозии қонунгузорӣ ва санадҳои зерқонунӣ. Бояд ихтилофи байни меъёрҳои хадамоти ташхиси тиббию иҷтимоӣ, ки маъюбонро «ғайриқобили меҳнат» мешуморанд ва меъёрҳои Кодекси меҳнат, ки ҳуқуқи меҳнатро кафолат медиҳанд, бартараф карда шавад. Масъалаи бозомӯзӣ ва тағйири ихтисоси маъюбон бо истифода аз барномаи инфиродии барқаросозӣ ҳал карда шавад.
3. Такмили низоми квотабандӣ барои ҷои кор таъмин намудани маъюбон. Муқаррарсозии ин квотаҳо бояд дар сатҳи қонунгузорӣ ва санадҳои зерқонунӣ ба таври мушаххас танзим карда шавад. Зарур аст, ки Қарори мазкури Ҳукумати ҶТ ба Қонуни ҶТ "Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон" мутобиқ карда шуда, тартиби муқаррар намудани квота барои маъюбон ба таври алоҳида ва ба андозаи муқарраркардаи Қонун дар ҳаҷми 5 фоиз танҳо барои маъюбон танзим карда шавад. Илова ба пурзур намудани назорати иҷрои квотаҳои муқарраршуда, ҳавасмандгардонии иқтисодӣ ба корфармоён барои ба кор қабул намудани маъюбон ҷорӣ карда шавад.
4. Таҳия ва қабули Барномаи махсуси таъмини шуғли шахсони маъюб дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ҳадафи асосии барномаи мазкур бояд ба дастгирии мусоидат ба шуғли шахсони маъюб бо муайянсозии натиҷаҳои интизории мушаххас ва дар сатҳи минтақаҳо ҷиҳати бо кор таъмин кардани маъюбон, рушди соҳибкории инфиродӣ ва пешниҳоди кафолатҳои давлатӣ ба шахсони маъюб дар давраи бекорӣ равона карда шавад.
5. Рушди низоми таҳсилоти касбӣ ва бозомӯзии маъюбон. Дар ҷумҳурӣ Литсейи махсуси касбӣ барои шахсони маъюб бо филиалҳо таъсис дода шудааст, ки дар он ҷо маъюбон таҳсилоти ибтидоии касбиро аз рӯи ихтисосҳои гуногун мегиранд. Вале, шабакаи муассисаи таълимии мазкур на ҳамаи минтақаҳои ҷумҳуриро фаро мегирад. Бояд чунин барномаҳоро васеъ карда, дастрасии маъюбонро ба касбомузӣ дар ҳамаи минтақаҳои ҷумҳурӣ таъмин намуд.

ТДУ 343.121.5

БАЪЗЕ МУАММОҲОИ ТАЪМИНИ ҲУҚУҚ БА ҲИМОЯИ НОБОЛИҒ ДАР МУРОФИАИ ҶИНОЯТӢ

НЕКОТОРЫЕ ПРЕПЯТСТВИЯ ОБЕСПЕЧЕНИЯ ПРАВА НА ЗАЩИТУ НЕСОВЕРШЕННОЛЕТНИХ В УГОЛОВНОМ ПРОЦЕССЕ

БОБОЗОДА МУҲАММАДҶОН МАҲМАДНАИМ
Ассистенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминалистика ва муқовимат ба коррупсияи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон / Ассистент кафедры уголовного права, криминалистики и противодействия коррупции Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики

ЗАРИФЗОДА БАҲРОМ МУЛЛООБИД
Омӯзгори калони кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва мурофиавии факултети № 4-уми Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, майори милитсия / Старший преподаватель кафедры уголовного права и уголовного процесса факультета № 4 Академии МВД Республики Таджикистан, майор милиции

Дар фазои илми ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ яке аз масъалаҳои мубрамро таъмин гардидан бо ҳимоятгар ва дар маҷмуъ ёрии ҳуқуқӣ дар тамоми марҳилаҳои мурофиавӣ ташкил менамояд. Ҳуқуқи бо ҳимоя таъмин гардидан, яке аз шаклҳои ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд маҳсуб меёбад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паёми худ соли 2024 ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баён доштанд: «Конститутсия ҳамчун санади тақдирсози давлати тоҷикон заминаи ҳуқуқии давлатдории мустақил, соҳибихтиёрии миллӣ ва рушди ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеаи кишварро фароҳам овардааст»[1].

Мутобиқи талаботи моддаи 92 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон «Ёрии ҳуқуқӣ дар тамоми марҳилаҳои тафтишот ва мурофиаи судӣ кафолат дода мешавад»[2].

Давлат ба ҳамаи шахсоне, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон зиндагонӣ менамоянд кафолат медиҳад, ки ёрии ҳуқуқӣ барояшон ба таври воқеӣ ва баробар дастрас гардад[3].

Аз муқаррароти конститутсионӣ бар меояд, ки ҳуқуқи инсон дар тамоми марҳилаҳои расмиёти мурофиавии ҷиноятӣ дар мадди аввал меистад ва риояи онро принсипҳои конститутсионӣ - ҳуқуқӣ кафолат додааст.

Таъкид намудан ба маврид аст, ки яке аз қисматҳои фазои ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷиноятҳои содиршавандаро маҳз аз ҷониби ноболиғон ва ҷавонон мушоҳида кардан мумкин аст. Яке аз самтҳое, ки имрӯзҳо ҷомеаро ба ташвиш овардааст зиёдшавии ҷиноятҳои дар байни ноболиғон ба шумор меравад. Таҳлили вазъи ҷиноятҳои дар байни ноболиғону наврасон нишон медиҳад, ки аз ҷониби онҳо асосан содиршавии ҷиноятҳои дуздӣ, авбошӣ ва ғоратгарӣ зиёдтар ба қайд гирифта шудааст[4].

Дар робита ба ин, муқовимат бо ин падидаҳои ҷиноятӣ, ки аз ҷониби ноболиғон содир карда мешаванд, доимо дар маркази таваҷҷӯҳи давлат ва ҷомеа қарор дорад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун узви ҷомеаи ҷаҳонӣ мисли дигар давлатҳо буда, таваҷҷӯҳи зиёди худро ба насли наврас, меъёрҳои марбут ба онҳо бештар дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ, мурофиавии ҷиноятӣ дар алоҳидагӣ мустаҳкам намудааст. Азбаски ноболиғон категорияи осебпазири ҷомеа мебошанд рушди ҳолати руҳӣ ва ҷисмонӣ, инчунин қобилияти баҳодиҳии объективии вазъ бояд фарқ карда шаванд.

Қабл аз таҳлили масъалаҳои таъмини ҳуқуқ ба ҳимояи ноболиғ дар мурофиаи ҷиноятӣ, бояд ҳуқуқҳои асосии ноболиғро, ки тибқи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ танзим карда шудаанд, назар намоем.

Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – КМҶ ҶТ) ба ноболиғон дар баробари шахсони болиғ ҳуқуқ медиҳад, ки онҳо дар моддаҳои 46 - 47 муқаррар карда шудаанд. Мувофиқи он, ноболиғ ҳуқуқ дорад:

– донад, ки ӯро дар чӣ гумонбар мекунанд;
– бо забони модарӣ ё забони дигаре, ки медонад, нишондод диҳад ва аз хизмати тарҷумон ройгон истифода барад;
– нишондод диҳад ё надиҳад ва дар ин бора пеш аз пурсиш хабардор карда шавад;
– дархостҳо пешниҳод кунад;

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28-уми декаьри с. 2024 // [Манбаи электронӣ] – Реҷаи воридшавӣ: http://prezident.tj (санаи мурочиат: 15.03.2026).
[2] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 6-уми ноябри соли 1994 дар раъйпурсии умумихалқӣ қабул карда шуд (26-уми сентябри с. 1999, 22-юми июни с. 2003 ва 22-юми майи с. 2016 бо тариқи раъйпурсии умумихалқӣ ба он тайғиру иловаҳо ворид карда шудаанд). – Душанбе: Шарқи озод, 2016. – 126 с.
[3]Тафсири илмӣ-оммавии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон / Зери таҳрири Раиси суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор М.А. Маҳмудов. – Душанбе, 2018, - С. 854.
[4] Барномаи давлатии муқовимат ба ҷиноятҳои дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030 аз 30-юми июни с. 2021, № 265.

– бо протоколҳои амали тафтишӣ, ки бо иштироки ӯ гузаронида шудаанд, ҳамчунин, бо маводе, ки ба суд барои татбиқи ҳабс нисбат ба ӯ чун чораи пешгирӣ равон карда шудааст, шинос шавад;

– аз лаҳзаи воқеан дастгир шудан бетаъхир аз хизмати ҳимоятгар истифода барад, бидуни мамониат бо ҳимоятгар як ба як, аз ҷумла то оғози пурсиш, мулоқот кунад

– аз амалу қарори суд, прокурор, муфаттиш ва шахси таҳқиқбаранда шикоят намояд[1].

Воқеан, дар КМҶ ҶТ нисбат ба ҳуқуқҳои ноболиғ аниқтараш таъмини ҳуқуқ ба ҳимоя ба таври васеъ муқаррар карда нашудааст.

Ҳамзамон зери мафҳуми “айбдоршаванда” мувофиқи қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон шахсе дониста мешавад, ки нисбат ба ӯ қарор дар бораи ба ҷавобгарӣ кашидан ба сифати айбдоршаванда бароварда шудааст. Яъне, ин меъёр нисбати ноболиғон низ чунин татбиқ карда мешавад. Аз ин рӯ, ҳангоми пешбурди парвандаи ҷиноятӣ агар нисбати ӯ бо асосҳои кофӣ айб эълон карда шуда бошад, айбдоршавандаи ноболиғ ҳуқуқҳои зеринро дорад:

– нишондод диҳад ё надиҳад ва дар ин бора пеш аз пурсиш огоҳ карда шавад;

– донад, ки барои чӣ айбдор карда шудааст ва нусхаи қарорҳоро дар бораи ба сифати айбдоршаванда ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан, оид ба татбиқ намудани чораи пешгирӣ, инчунин нусхаи фикри айбдоркуниро гирад;

– оид ба айби нисбат ба ӯ эълоншуда нишондод диҳад;

– далелҳо пешниҳод кунад;

– дархост ва раддия изҳор кунад;

– бо забони модарӣ ё забони дигаре, ки медонад, нишондод диҳад;

– аз хизмати тарҷумон ройгон истифода барад;

– аз лаҳзаи дастгир шудан ҳимоятгар дошта бошад, аз ҷумла тибқи ҳолат ва тартиби пешбининамудаи Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ аз кӯмаки ҳимоятгар ройгон истифода барад;

– аз лаҳзаи дастгир шудан бидуни мамониат бо ҳимоятгар як ба як мулоқот кунад;

– дар амалҳои тафтишӣ, ки тибқи дархости ӯ ё дархости ҳимоятгар гузаронида мешавад, иштирок намояд;

– бо протоколи амалҳои тафтишӣ шинос шавад ва нисбат ба он эроди худро изҳор кунад;

– бо қарори таъин кардани экспертиза ва хулосаи коршинос шинос шавад;

– пас аз ба охир расонидани тафтиш бо маводи парванда шинос шавад ва аз он ҳама гуна маълумоти заруриро рӯйнавис кунад;

– аз амал ва қарорҳои шахси таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, суд, судя шикоят кунад;

– оид ба қатъи пешбурди парванда норозигӣ изҳор намояд;

– дар муҳокимаи судӣ оид ба баррасии интихоби чораи пешгирӣ иштирок кунад[2].

Аз сабаби он, ки дар КМҶ ҶТ ноболиғон ба категорияи махсуси иштирокчиён дохил мешаванд ва ҳангоми ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шудан, ҳуқуқҳое, ки қонунгузор ба онҳо додааст ба ақидаи мо бояд алоҳида нишон дода шаванд. Дар баъзе қисматҳо нишон дода шудааст, ки ин ба пуррагӣ ҳуқуқҳои ноболиғро ифода намекунад. Масалан, пурсиши гумонбаршуда, айбдоршавандаи ноболиғ наметавонад дар як рӯз бетанаффус зиёда аз ду соат ва дар маҷмӯъ бештар аз чор соат давом ёбад[3].

Ҳуқуқи хеле муҳимми дигари ноболиғон – иштироки намояндаи қонунии онҳо дар парвандаҳои ҷиноятӣ мебошад. Ин ҳуқуқ аст, яъне иштироки намояндаи қонунӣ ҳангоми айбдоркунӣ ва инчунин ҳангоми пурсиш муфаттишро дар барқарор кардани муносибати равонӣ бо ноболиғ муҳим аст. Ҳангоми ҳалли масъалаҳои иштироки намояндагони қонунӣ бояд ду нуқта ба назар гирифта шавад: эҳсосоти ноболиғ нисбат ба намояндаи қонунӣ; имконияти таъсири манфии намояндагони қонунӣ ҳангоми пурсиши ноболиғон мебошад. Агар

[1] Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03-юми декабри с. 2009, № 564 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2009, №12, мод. 815, мод. 816; с. 2010, №7, мод. 551; с. 2011, №3, мод. 159, №7-8, мод. 609; Қонуни ҶТ аз 03.01.2024 № 2017.

[2] Ҳамон ҷо.

[3] Ҳамон ҷо.

ҳолатҳои мазкур риоя гардад мумкин аст, вобаста ба парванда маълумоти дақиқ ва муайян гирифта шаванд.

Ҳангоми пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ дар марҳилаи тафтиши пешакӣ, тавре ки Мелникова Э.Б. дуруст нишон медиҳад, манфиатҳои айбдоршавандаи ноболиғ метавонанд аз манфиатҳои намояндаи қонунии таъиншуда фарқ кунанд ва моҳияти чунин ихтилофоти имконпазир на ҳатман дар шароити парвандаи мушаххас, балки дар мавқеи дуҷонибаи намояндаи қонунӣ аст. Дар асл, ӯ на танҳо манфиатҳои ноболиғро, балки манфиатҳои худро низ ҳимоя мекунад”[1].

Дигар ҳуқуқи хеле зарур иштироки ҳимоятгар ҳангоми пешбурди парвандаҳо дар симои адвокат, ки дар касби худ мутахассис аст, ба ҳисоб меравад. Ҳолати мазкур, ҳуқуқ ба ҳимояро таъмин мекунад. Мисол, ҳангоми аз ҷониби ноболиғон содир кардани ҷиноятҳои категорияи начандон вазнин ва дараҷаи миёна имконияти озод кардани онҳо аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ва татбиқи чорабиниҳои маҷбурии дорои хусусияти тарбиявӣ ифода менамояд. Қонунгузор дар КМҶ ҶТ инчунин, ба суд салоҳияти аз толори маҷлиси судӣ берун намудани судшавандаи ноболиғ ҳангоми баррасии маводе, ки метавонанд ба ӯ таъсири манфӣ расонанд пешбинӣ кардааст, ки ҳолати мазкур низ ба манфиати ноболиғи судшаванда мебошад.

Аз ин сабаб шахсони то 18-сола ба субъекти махсуси ҳуқуқи ҷиноятӣ ҷудо карда мешаванд ва маҳдудияти синну соли ҷавобгарии ҷиноятӣ муайян карда мешавад.

Барои татбиқи ин муқаррарот, мувофиқи м. 51 КМҶ ҶТ гумонбаршуда, айбдоршаванда ва судшавандаи ноболиғ ҳангоми пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ бо иштироки ҳатмии ҳимоятгар ба амал бароварда мешавад. Бинобар ҳамин, шахсе ки ба синни 18 - солагӣ нарасидааст, ба ҳуқуқи ҳимояи махсус эҳтиёҷ дорад.

Тавре, ки аз меъёрҳои КМҶ ҶТ бармеояд, ҳуқуқи ҳимояи гумонбаршуда, айбдоршаванда ва судшавандаи ноболиғро намояндаи қонунӣ ва ҳимоятгар амалӣ мекунад. Меъёр, яъне, б. 2 қ. 1 м. 51, м.м. 47 ва 48 КМҶ ҶТ иштироки ҳимоятгарро дар тартиби ҳатмӣ нишон медиҳад. Инчунин, “ҳангоми пурсиши гумонбаршуда, айбдоршавандае, ки ба синни шонздаҳ нарасидааст, ҳамчунин ба ин син расидаасту кам ақл дониста шудааст, иштироки омӯзгор ва равоншинос ҳатмӣ мебошад. Омӯзгор ё равоншинос ҳангоми пурсиши гумонбаршуда, айбдоршавандаи калонтар аз шонздаҳсола бо салоҳдиди муфаттиш, прокурор ва ё бо дархости ҳимоятгар иштирок мекунад”[2].

Аз ҷумла, Бородкина Т.Н. чунин мешуморад, ки омӯзгор дорои тамоми хислатҳои мутахассис аст, яъне мавҷудияти донишҳои махсус дар соҳаи педагогика мебошад. Аммо омӯзгор на фақат шахсе аст, ки вазифаи мансабӣ - омӯзгорро ишғол мекунад, балки мутахассиси дорои дониши махсуси соҳаи педагогика ва психологияи ноболиғ, инчунин дар кори тарбиявӣ бо ноболиғон ва кӯдакони хурдсол таҷриба дошта ба ҳисоб меравад [3].

Тетюев С.В. масъалаҳое, ки иштироки омӯзгорро дар мурофиаи ҷиноятӣ муайян мекунанд, то ҳол баҳснок меҳисобад. Сабабҳои ба амал омадани чунин вазъ ин инкишоф наёфтани назарияи иштироки омӯзгор ё равоншинос дар мурофиаи ҷиноятӣ ва номукаммалии қонунгузории ҷорӣ мебошад[4].

Натиҷаи омӯзишҳо нишон дод, ки на дар ҳамаи қонунгузории давлатҳои хориҷӣ шакли ҳимояи дукаратаи гумонбаршудаи ноболиғ, ки дар содир кардани ҷиноят айбдор карда мешавад, мавҷуд аст. Лекин зарурати иштироки ҳатмии намояндаи қонунӣ ва ҳимоятгарро дар мурофиаи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятии ноболиғон нишон намедиҳанд ва ин масъаларо ба ихтиёри қонунгузории миллӣ мегузоранд.

Ба андешаи Столбина Л.В., дар мисоли қонунгузории мурофиаи ҷиноятии Федератсияи Россия, ки низоми алоҳидаи таъмину ҳимояи ноболиғонро пешбинӣ намекунад, чунин мешуморад, ки ҳимояи дучандаи ҳуқуқи гумонбаршуда, айбдоршаванда ва судшавандаи ноболиғ на танҳо бо ҳолатҳои ҳуқуқӣ, балки бо ҳолатҳои иҷтимоӣ низ асоснок бояд карда шаванд [5].

---

[1] Мельникова, Э.Б. Ювенальная юстиция. Проблемы уголовного права, уголовного процесса и криминологии. - М., 2000. - С. 86.

[2] Ҳамон ҷо.

[3] Бородкина, Т.Н. Реализация процессуального статуса специалиста на этапе предварительного расследования: автореф. дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.09 / Т.Н. Бородкина. - М., 2009. - С. 31.

[4] Тетюев, С.В. Участие педагога и психолога в уголовном судопроизводстве // Судья. - 2014. - № 10. - С. 4.

[5] Столбина, Л.В. Обеспечение прав несовершеннолетних подозреваемых, обвиняемых в уголовном процессе: автореф. дис. … канд. юрид. наук: 12.00.09 / Л.В. Столбина. - М, 2007. - С. 27.

Ба ақидаи Раҳматулоев А.Э., ба мақсад мувофиқ аст, ки парвандаҳои ҷиноятии ноболиғон ба тариқи дастаҷамъӣ бо иштироки машваратчиёни халқӣ дар маҷлиси пӯшидаи судӣ баррасӣ ёбанд [1].

Дар қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст, ки " диққати судҳо барои бо масъулияти ҷиддӣ, сари вақт ва хушсифат баррасӣ намудани парвандаҳо оид ба ҷиноятҳои ноболиғон ҷалб карда шавад. Пешбурди судиро оиди ин парвандаҳо бояд бо риояи ҷиддии қонунгузории моддӣ ва мурофиавӣ ба роҳ монда, он бояд барои ҳаматарафа таъмин намудани манфиатҳои ноболиғон, ҳимояи ҳуқуқҳои қонунии онҳо, таъини ҷазои одилона ва пешгирии содир намудани ҷиноятҳои нав мусоидат намояд"[2].

Ҳангоми омӯзиши муаммоҳои таъмини ҳуқуқи ноболиғон дар мурофиаи ҷиноятӣ чунин ҳолатҳо муайян карда шуд:

Якум, барои ҳимояи ҳуқуқҳои ноболиғ дар мурофиаи ҷиноятӣ иштироки намояндагони қонунӣ ва ҳимоятгар дар шахси соҳиби мақоми адвокатӣ гардида, ки дорои дониши ҳуқуқӣ мебошад ва ҳангоми гузаронидани баъзе амалҳои тафтишӣ, яъне дар пурсиш иштироки омӯзгор ё равоншинос муҳим мебошад.

Дуюм, масъалаи таъмини ҳуқуқи ноболиғ дар қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз камбудиҳо холӣ нест, яъне тартиби пешбурди парвандаҳо оид ба ҷиноятҳои содиркардаи ноболиғон бо қоидаҳои умумии КМҶ ҶТ, инчунин бо дар назардошти боби 44 Кодекси мазкур муайян карда мешавад. Вале, ин ҳолат метавонад ба поймол гардидани ҳуқуқҳои инсон оварда расонад. Ба ақидаи мо, зарур аст, ки ҳуқуқҳои ноболиғ ҳангоми пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ, яъне дар боби 44 КМҶ ҶТ бо нишон додани моддаи алоҳида оварда шавад. Зеро мумкин аст, дар татбиқи ҳуқуқҳои умумии қонунгузорӣ пешбинӣ намуда аз ҷониби субъектони татбиққунандаи ин ҳуқуқҳо нодуруст, ба таври нопурра ё ба назар нагирифтани баъзе ҳуқуқҳо аз эҳтимол дур нест.

Ҳамаи пешниҳодҳои дар боло зикршуда имкон медиҳанд, ки ҳимояи ҳуқуқи ноболиғ дар мурофиаи ҷиноятӣ самаранок амалӣ карда шавад ва пешбурди парвандаҳо нисбати ин категорияҳои алоҳида мукаммал ба роҳ монда шаванд.

ТДУ 349.244

ТАНЗИМИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ-ҲУҚУҚИИ МЕҲНАТИ ЗАНОН ВА ШАХСОНИ ДОРОИ УҲДАДОРИҲОИ ОИЛАВӢ

МЕЖДУНАРОДНО-ПРАВОВОЕ РЕГУЛИРОВАНИЕ ТРУДА ЖЕНЩИН И ЛИЦ, ИМЕЮЩИХ СЕМЕЙНЫЕ ОБЯЗАННОСТИ

БОБОКАЛОНОВА САОДАТ ҒОИБОВНА
Мудири кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва табиӣ-риёзии Коллеҷи фарҳанги ҷумҳуриявӣ ба номи П.Ҷ. Буйдоқов, унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / Заведующая кафедрой гуманитарных и естественных дисциплин Республиканского колледжа культуры имени П.Дж. Буйдокова, соискатель кафедры предпринимательского и коммерческого права юридического факультета Таджикского национального университета
E-mail: bgoib@mail.ru

Танзими байналмилалӣ-ҳуқуқии меҳнати занон ва шахсони дорои уҳдадориҳои оилавӣ ҳамчун соҳаи муҳимми ҳуқуқи меҳнат ва ҳуқуқи инсон ҷойгоҳи хосса дорад. Хусусияти стандартҳои байналмилалӣ дар он аст, ки онҳо ба эҷоди механизмҳои ҳуқуқӣ, ки баробарии имкониятҳоро таъмин мекунанд, равона

[1] Раҳматулоев, А.Э., Мурофиаи ҷиноятӣ: китоби дарсӣ. - Хуҷанд: Хуросон, 2019. - С. 581.

[2] Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи таҷрибаи судии баррасии парвандаҳо оид ба ҷиноятҳои ноболиғон аз аз 12-уми декабри с. 2002, № 6 (бо тағйиротҳое, ки бо қарорҳои Пленум аз 22-юми декабри с. 2006, № 10, аз 23-юми июни с. 2010, № 14, аз 23-юми ноябри с. 2012, № 33, аз 24-уми июли с. 2019, № 1 ворид карда шудаанд).

шудаанд, аз табъизи занон дар меҳнат ҷилавгирӣ мекунанд ва ҳамоҳангсозии вазифаҳои оилавиро бо фаъолияти касбӣ ба назар мегиранд.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва трансформатсияи иҷтимоӣ ҳифзи ҳуқуқҳои ин гурӯҳҳо ҳамчун омиле барои рушди устувори бозори меҳнат ва пешрафти иҷтимоию иқтисодӣ аҳамияти махсус пайдо мекунад.

Ҳуқуқи байналмилалии меҳнат ба санадҳои универсалӣ ва созишномаҳои байналмилалӣ такя мекунад, ки баробарӣ ва пешгирӣ аз табъизро дар меҳнат таъмин мекунанд. Аз ҷумла, Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон ҳуқуқ ба меҳнат ва пешгирии табъизро муқаррар мекунад[1]. Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ҳуқуқ ба шароити кории сазоворро муқаррар мекунад[2]. Конвенсияи СММ оид ба бартарафсозии ҳама гуна шаклҳои табъиз нисбати занон[3] вазифаҳои давлатҳоро оид ба баробарии ҷинс муайян мекунад.

Дар байни санадҳои ТБМ Конвенсияҳо ва тавсияҳои зерин аҳамияти калон доранд:

– Конвенсияи № 100 «Дар бораи музди баробар ба занон ва мардон барои кори баробаразиш» принсипи музди баробар барои кори баробаразишро пешбинӣ мекунад[4];

– Конвенсияи № 111 «Дар бораи табъиз дар соҳаи меҳнат ва шуғл» ҳама шаклҳои табъизро дар меҳнат манъ мекунад[5];

– Конвенсияи № 156 «Дар бораи баробарии имкониятҳо ва муносибати баробар барои коргарони дорои уҳдадориҳои оилавӣ» зарурати ба назар гирифтани уҳдадориҳои оилавиро дар муносибатҳои меҳнатӣ эътироф мекунад[6];

– Конвенсияи № 183 «Дар бораи ҳифзи модарӣ» таъмини кафолатҳои махсус барои занони ҳомила ва модарон дар ҷои корро талаб мекунад[7].

Олимон таъкид мекунанд, ки танзими байналмилалӣ-ҳуқуқии меҳнати занон ва шахсони дорои уҳдадориҳои оилавӣ на танҳо ҳамчун маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқӣ, балки ҳамчун омили иҷтимоию фарҳангӣ амал мекунад, ки интизориҳои давлатҳо ва ҷомеаро дар робита ба баробарии ҷинсӣ ва кафолатҳои иҷтимоӣ таҳким мебахшад. Аз ҷумла, муҳаққиқ Миронова А.В. қайд мекунад, ки стандартҳои байналмилалӣ дар ҳифзи ҳуқуқи занон ва ҳифзи модарӣ нақши калидӣ доранд, аммо аксаран хусусияти декларативӣ доранд ва барои татбиқи самаранок такмили назаррас лозим аст[8].

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки меъёрҳои ТБМ ҳамчун принсипҳои ҳуқуқӣ ва роҳнамои сиёсати давлатӣ хизмат мекунанд, ки давлатҳоро водор мекунанд ба ҳифзи ҳуқуқи занон ва шахсони дорои уҳдадориҳои оилавӣ, баробарии музди меҳнат ва шароити баробар барои пешрафти касбӣ. Олимон таъкид мекунанд, ки бартарафсозии монеаҳои сохторӣ дар муносибатҳои меҳнатӣ на танҳо қабули стандартҳои байналмилалӣ, балки рушди механизмҳои назорат ва арзёбии таъсир (аз ҷумла таъсир ба рушди касбь ва имкониятҳои занон бо уҳдадориҳои оилавӣ) ва механизмҳои ҷубронро талаб мекунад.

Ҳамин тариқ, олимон пешниҳод мекунанд, ки танзими байналмилалӣ-ҳуқуқӣ бояд муқаррароти қатъии стандартҳои байналмилалиро бо механизмҳои чандириро дар сатҳи миллӣ муттаҳид созад, то ҳифзи воқеии ҳуқуқ ва имкониятҳои баробарро таъмин намояд.

---

[1] Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон аз 10-уми декабри с. 1948 // Маҷмуаи санадҳои асосии байналмилалӣ ва миллӣ оид ба ҳуқуқи инсон. – Душанбе, 2023. - С. 219-223.

[2] Паймони байналхалқии ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ аз 16-уми декабри с. 1966 // Маҷмуаи санадҳои асосии байналмилалӣ ва миллӣ оид ба ҳуқуқи инсон. – Душанбе, 2023. - С. 234-239.

[3] Конвенсияи байналмилалӣ дар бораи барҳам додани тамоми шаклҳои табъиз нисбати занон, ки бо қатъномаи Ассамблеяи Генералии СММ аз 18-уми декабри с. 1979 қабул гардидааст // [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: https://www.mfa.tj/ (санаи мурочиат: 18.04.2025с.).

[4] Конвенция МОТ № 100 (1953) “О равном вознаграждении мужчин и женщин за труд равной ценности» // [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: https://www.ilo.org/sites/default/files/wcmsp5/groups/public/

[5] Конвенция МОТ № 111 (1960) “О дискриминации в области труда и занятий» // [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ:
https://www.ilo.org/sites/default/files/wcmsp5/groups/public/@ed_norm/@normes/documents/normativeinstrument/wcms_c111_ru.htm.

[6] Конвенция МОТ № 156 (1981) “О равном обращении и равных возможностях для трудящихся мужчин и женщин: трудящиеся с семейными обязанностями” // [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: https://www.consultant.ru/document/cons_doc_LAW_121450/.

[7] Конвенция МОТ № 183 (пересмотренная) 1952 года “Об охране материнства” // [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: https://www.ilo.org/sites/default/files/wcmsp5/groups/public

[8] Миронова, А.В. Международно-правовое регулирование труда женщин. дисс. ... канд. юрид. наук: 12.00.10 / А.В. Миронова. – М., 2008. - 220 с.

Дар гузориши ТБМ «Care at Work»[1], ки қонунгузорӣ ва амалияи 185 кишварро дар самти татбиқи стандартҳо оид ба ҳифзи модарӣ, хизматрасониҳои нигоҳубини кӯдакон ва шаклҳои чандири меҳнат таҳлил шудааст, нишон медиҳад, ки мушкилот аз қабили набудани механизми татбиқи самаранок ва фарогирии маҳдуди муҳофизати ҳуқуқҳои коргарон, хусусан дар бахши ғайрирасмӣ, ҳанӯз ҳам мавҷуданд.

Дар илми ҳуқуқ се равиши асосии доктриналӣ нисбат ба танзими меҳнати занон ҷудо карда мешаванд:

1. Консепсияи муҳофизатӣ. Ин консепсия дар ибтидои асри XX дар доираи фаъолияти Ташкилоти байналмилалии меҳнат ташаккул ёфт. Ин модел бар фарқиятҳои биологии миёни мардон ва занон асос ёфта, чунин тадбирҳоро пешбинӣ мекард: манъи корҳои вазнин ва зеризаминӣ; маҳдуд кардани меҳнати шабона; кафолатҳои махсуси ҳифзи модарӣ. Олими рус Головина С.Ю. таъкид менамояд, ки конвенсияҳои аввали ТБМ хусусияти падарсолорона (патерналистӣ) дошта, ба «ҳифзи организми зан» равона шуда буданд, на ба татбиқи принсипи баробарӣ[2]. Мавқеи шабеҳро муҳаққиқи фаронсавӣ Alain Supiot баён намуда, зикр мекунад, ки меъёрҳои муҳофизатӣ «фарқияти гендериро ҳамчун далели ҳуқуқӣ мустаҳкам менамуданд»[3].Олимони муосир қайд мекунанд, ки муҳофизати аз ҳад зиёд аксаран ба шакли табъиз табдил меёфт. Ин аст, ки Кумитаи барҳам додани табъиз нисбат ба занон ҳангоми татбиқи Конвенсия дар бораи барҳам додани ҳамаи шаклҳои табъиз нисбат ба занон ишора мекунад, ки меъёрҳои муҳофизатӣ набояд боиси маҳдуд шудани дастрасии занон ба касбҳо гарданд.

2. Равиши баробарии формалӣ. Ин равиш дар доираи СММ ва ҳуқуқи аврупоӣ инкишоф ёфтааст. Он бар манъи табъиз ва баробарии имкониятҳо асос меёбад. Ба андешаи Хабриева Т.Я., ҳуқуқи байналмилалии меҳнати муосир аз модели муҳофизатӣ ба модели универсалии баробарӣ мегузарад[4]. Олими итолиёвь Silvana Sciarra таъкид мекунад, ки баробарии гендерӣ бартарафсозии табъизи сохториро талаб мекунад, на танҳо баробарии расмии меъёрҳоро[5].

3. Равиши баробарии воқеӣ. Ин равиш пас аз қабули Конвенсияи СММ оид ба бартарафсозии ҳама гуна шаклҳои табъиз нисбати занон ва Платформаи амали Пекин рушд ёфт. Ба андешаи Hilary Charlesworth, баробарии формалӣ нобаробарии иҷтимоию иқтисодиро ба назар намегирад ва бинобар ин тадбирҳои мусбат (позитивӣ)-ро талаб менамояд[6]. Дигар муҳаққиқон ба ин назаранд, ки тадбирҳои мусбат дар соҳаи меҳнат ба принсипи баробарӣ мухолифат надоранд, балки барои расидан ба баробарии воқеӣ мусоидат мекунанд.

Дар Тоҷикистон рӯйхати корҳои барои занон манъшуда амал мекунад. Як қатор олимон чунин рӯйхатҳоро кӯҳнашуда ҳисобида, онҳоро бо тамоюли байналмилалии бетарафсозии гендерии қонунгузории меҳнат мухолиф медонанд. Кумитаи коршиносони ТБМ борҳо зарурати бознигарии чунин рӯйхатҳоро дар Тоҷикистон таъкид кардааст. Дар адабиёти илмӣ зикр мегардад, ки рӯйхатҳои манъкунанда: рақобатпазирии занонро коҳиш медиҳанд; истиқлолияти иқтисодии онҳоро маҳдуд месозанд; сегрегатсияи бозори меҳнатро тақвият медиҳанд.

Конвенсияи № 100 ТБМ принсипи музди баробар барои кори баробараризишро муқаррар намудааст. Мавриди зикр аст, ки аслан фарқияти гендерӣ дар музди меҳнат натиҷаи сохтории сегрегатсияи бозори меҳнат мебошад. Дар кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистон,

---

[1] Care at work: Investing in care leave and services for a more gender equal world of work. ILO. 7 March 2022 // [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: https://www.ilo.org/publications/major-publications/care-work-investing-care-leave-and-services-more-gender-equal-world-work?utm_source=chatgpt.com.

[2] Головина, С.Ю., Сыченко, Е.В., Войтковская, И.В. Защита от насилия и домогательств в сфере труда: вызовы и возможности для России и Казахстана / С.Ю. Головина, Е.В. Сыченко, И.В. Войтковская // Вестник Пермского университета. Юридические науки. - 2021. - Вып. 53. – С. 624–647.

[3] La solidarité. Enquête sur un principe juridique Alain Supiot (dir.) Paris. Odile Jacob. 2015.Collection «Collège de France». 357 p.

[4] Хабриева, Т.Я., Черногор, Н.Н. Право в условиях цифровой реальности / Т.Я. Хабриева, Н.Н. Черногор // Журнал российского права. - 2018. - № 1. – С. 85-102.

[5] Women in Justice: Interview with Silvana Sciarra, President of Italian School for the Judiciary. 14 october 2024 // [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: https://ejtn.eu/news/women-in-justice-interview-with-silvana-sciarra-president-of-italian-school-for-the-judiciary.

[6] Hilary Charlesworth, Christine Chinkin and Shelley Wright. Feminist Approaches to International Law. Published online by Cambridge University Press: **27** February 2017 // [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://www.cambridge.org/core/journals/american-journal-of-international-law/article/abs/ feminist-approaches-to-international-law/912D0F3051C6356EAB44261B6D94B72D.

тибқи маълумоти омори миллӣ, фарқияти назарраси музди меҳнат байни мардон ва занон боқӣ мемонад (ба ҳисоби миёна 20–30%). Омили чунин вазият воқеӣ буда, аслан он нишонаи табъиз ё маҳдудсозии ҳуқуқҳои занон нест, зеро занон аксаран дар соҳаҳое кор мекунанд, ки корашон нисбатан сабуктар аст ва мутаносибан дар қиёс ба мардон, ки дар соҳаҳои истеҳсоли саноатӣ бештар кор мекунанд, музди меҳнати камтар мегиранд.

Ба андешаи Зоркин В.Д., шартномаҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон бояд дар низоми ҳуқуқии миллӣ афзалият дошта бошанд[1]. Ба назари муҳаққиқони тоҷик низ дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон шартномаҳои байналмилалӣ қисми қонунгузории миллӣ эътироф мешаванд, вале механизми татбиқи мустақими онҳо ба таври кофӣ такмил наёфтааст. Коршиносони ТБМ таъкид мекунанд, ки танҳо ратификатсияи конвенсияҳо иҷрои воқеиро кафолат намедиҳад ва аксаран ба падидаи «ратификатсияи рамзӣ» ишора мекунанд, яъне ҳамроҳшавии расмӣ бидуни тағйироти воқеӣ дар амалия.

Дар шароити муосири ҳамгироии стандартҳои байналмилалии ҳуқуқи инсон ба низомҳои ҳуқуқии миллӣ масъалаи танзими ҳуқуқии меҳнати занон аҳамияти махсус пайдо мекунад. Созмонҳои байналмилалӣ низоми рушдёфтаи меъёрҳоро барои таъмини баробарии занону мардон дар бозори меҳнат, ҳифзи занон аз табъиз, фароҳам овардани шароит барои мувофиқати ӯҳдадориҳои оилавӣ ва касбӣ, инчунин пешгирии зӯроварӣ ва озори ҷинсӣ дар ҷойи кор таҳия намудаанд. Бо вуҷуди ин, ратификатсияи расмӣ ҳамеша бо татбиқи муассири меъёрҳо дар сатҳи миллӣ ҳамроҳ намегардад.

Ин масъала барои Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти хос дорад, зеро меъёрҳои анъанавии иҷтимоию фарҳангӣ то ҳол ба иштироки занон дар фаъолияти расмии иқтисодӣ таъсир мерасонанд ва фарқиятҳои гендерӣ дар сатҳи шуғл ва даромад назаррас боқӣ мемонанд.

Стандартҳои универсалии СММ, аз ҷумла, Конвенсияи СММ (1979) дар бораи барҳам додани ҳамагуна шаклҳои табъиз нисбати занон, уҳдадориҳои давлатҳоро оид ба барҳам додани табъиз аз рӯи ҷинс, таъмини музди баробар, дастрасии баробар ба шуғли музднок ва ҳифзи иҷтимоӣ муқаррар менамоянд. Моддаи 11-и Конвенсия уҳдадор мекунад, ки ба занон ҳуқуқҳои баробар дар соҳаи иқтисодӣ, аз ҷумла ҳифзи аз аз кор озод кардан ҳангоми ҳомиладорӣ ва имкониятҳои баробари рушду пешрафти касбӣ таъмин карда шаванд.

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маҷмуъ ба стандартҳои байналмилалӣ мутобиқ аст: Конститутсия баробарии шаҳрвандонро кафолат медиҳад, Кодекси меҳнат манъи табъиз ва ҳифзи модариро пешбинӣ мекунад. Аммо, дар татбиқи кафолатҳои муқарраршуда ҳануз ҳам мушкилоти зиёд боқӣ мондааст, аз ҷумла: норасоии ҳифзи меъёрӣ аз пешгирии озори ҷинсӣ дар меҳнати занон; фарқияти баланд миёни андозаи музди меҳнати мардон ва занон; фаъолнокии пасти иқтисодии занон; дастрасии маҳдуди занон ба мансабҳои роҳбарикунанда.

Ҳамин тариқ, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маҷмуъ, ба стандартҳои байналмилалӣ мутобиқ буда, вале дар амал монеаҳои ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ барои татбиқи пурраи меъёрҳои байналмилалӣ боқӣ мемонанд.

[1] Председатель Конституционного Суда РФ не видит коллизии в соотношении Конституции и норм международного права – ТАСС // [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: tass.ru/politika/2001532.

УДК 343.431

ТОРГОВЛЯ ЛЮДЬМИ КАК ГЛОБАЛЬНЫЙ ВЫЗОВ СОВРЕМЕННОСТИ: СРАВНИТЕЛЬНО-ПРАВОВОЙ АНАЛИЗ ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН, ПУТИ СОВЕРШЕНСТВОВАНИЯ УГОЛОВНО-ПРАВОВОЙ СИСТЕМЫ РОССИЙСКОЙ ФЕДЕРАЦИИ

САВДОИ ОДАМОН ҲАМЧУН ДАЪВАТИ ГЛОБАЛИИ МУОСИР: ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВӢ-ҲУҚУҚИИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН, РОҲҲОИ ТАКМИЛИ НИЗОМИ ҲУҚУҚӢ-ҶИНОЯТИИ ФЕДЕРАТСИЯИ РОССИЯ

ГУРЬЯНОВ ИГОРЬ ДМИТРИЕВИЧ
Аспирант Московской академии Следственного комитета Российской Федерации, заместитель руководителя следственного отдела по Железнодорожному району г. Пенза следственного управления Следственного комитета Российской Федерации по Пензенской области, капитан юстиции / Аспиранти Академияи Кумитаи тафтишотии Федератсияи Россия дар ш. Москва, муовини роҳбари шуъбаи тафтишоти дар ноҳияи Роҳи оҳани ш. Пензаи Раёсати тафтишотии Кумитаи тафтишотии Федератсияи Россия дар вилояти Пенза, капитани адлия
E-mail: guryanovdmitriy@yandex.ru

Торговля людьми признана международным сообществом одним из наиболее опасных транснациональных преступлений, посягающих на права и свободы человека. Анализ действующего на территории Российской Федерации законодательства в области противодействия торговле людьми и статистических данных, приводимых авторитетными международными исследователями, свидетельствует о том, что значительное количество вопросов в сфере противодействия торговле людьми не решено на территории Российской Федерации, в связи с чем в стране наблюдается крайне высокое количество фактов торговли людьми, противодействие которым не осуществляется на должном уровне. В настоящее время имеется необходимость в принятии принципиально новой государственной программы в области борьбы с незаконным вывозом и торговлей людьми на территории государства.

Согласно Руководству по применению силы и огнестрельного оружия должностными лицами правоохранительных органов, «иногда права человека рассматриваются как самостоятельная тема, то есть каждый сотрудник должен пройти данный курс, однако никто в полной мере не понимает, для чего это делается. Такой подход не позволяет в достаточной степени продемонстрировать, каким образом права человека связаны с повседневной деятельностью сотрудников правоохранительных органов.

Например, преподаватель может обсуждать защиту права на жизнь в рамках различных международных документов, однако значительно более эффективным является увязка данного вопроса с тренингом по применению силы и разъяснение того, каким образом можно минимизировать применение силы, способной привести к лишению жизни[4]».

---

[1] См.: UNODC Handbook on Police Accountability, Oversight and Integrity, 2011, p. 6. Организация Объединённых Наций

[2] Руководство ООН по применению силы и огнестрельного оружия должностными лицами правоохранительных органов. - Нью-Йорк, 2017. - С. 24.

[3] См.: Конвенция против пыток (CAT), ст. 11; Комитет против пыток (Committee Against Torture), Общее замечание № 20, п. 10.

[4] Руководство ООН по применению силы и огнестрельного оружия должностными лицами правоохранительных органов. - Нью-Йорк, 2017. - С. 54.

По нашему мнению, тот факт, что данная проблема поднимается на уровне Организации Объединённых Наций, свидетельствует о её универсальном характере, то есть она характерна не для отдельного региона, а встречается во внутренней практике многих государств мира. Иными словами, стандарты в области прав человека, как правило, преподаются профессорско-преподавательским составом юридических кафедр и циклов, тогда как тренинги, связанные с применением специальных средств, возлагаются на кафедры и циклы военной или боевой подготовки. Это, в свою очередь, приводит к определённому разрыву между стандартами в области прав человека и полномочиями по применению специальных средств.

Безусловно, сотрудники, военнослужащие, курсанты и слушатели, обладающие высоким уровнем интеллектуальной подготовки, способны сформировать правильное мышление, синтезируя знания о правах человека и мерах государственного принуждения. Однако данное качество не охватывает всех сотрудников органов внутренних дел и военнослужащих.

В этой связи представляется целесообразным, чтобы темы, связанные с правовыми аспектами применения мер государственного принуждения, преподавались именно профессорско-преподавательским составом кафедр или циклов военной либо боевой подготовки, что позволит устранить существующий разрыв в образовательном процессе.

Следует отметить, что данная практика с 2021 года внедрена в Институте повышения квалификации Министерства внутренних дел Республики Узбекистан и, без преувеличения, демонстрирует свою эффективность.

В заключение можно отметить, что при применении специальных средств тактический аспект столь же важен, как и глубокое знание и строгое соблюдение правовых основ их использования. Гармоничное сочетание этих двух направлений не только повышает эффективность служебной деятельности, но и выступает важной гарантией надёжной защиты прав человека.

ТДУ 342.924

ПРИНСИПҲОИ АСОСИИ МУРОФИАИ СУДӢ ОИД БА ҲУҚУҚВАЙРОНКУНИИ МАЪМУРӢ

ОСНОВНЫЕ ПРИНЦИПЫ СУДЕБНОГО ПРОЦЕССА ПО ДЕЛАМ ОБ АДМИНИСТРАТИВНЫХ ПРАВОНАРУШЕНИЯХ

ЗАРИПОВА ГУЛЧЕҲРА САИДМУҲАММАДОВНА
Омӯзгори калони кафедраи ҳуқуқшиносии Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар ш.Хуҷанд / Старший преподаватель кафедры правоведения Института экономики и торговли Таджикского государственного университета коммерции в г. Худжанд
E-mail: khysainova81@mail.ru

Амалисозии фаъолияти маъмурӣ ба он асосҳои ғоявие такя менамояд, ки дар санадҳои ҳуқуқии соҳавӣ ва умумӣ муқаррар гашта, дар маҷмӯъ онҳо принсипҳои ҳуқуқи мурофиавии маъмуриро ташкил медиҳанд.

“Принсип” аз вожаи лотинӣ гирифта шуда, маънояш “асосҳои аввала, ғояҳои роҳбарикунанда, қоидаҳои асосии фаъолият” мебошад. Мувофиқан, принсип гуфта, он ғояҳои роҳбарикунандаро меноманд, ки ба онҳо қонуниятҳои инкишофи раванди табиату ҷамъият ва тафаккур асос меёбанд. Аз ин ҷо принсипи ҳуқуқӣ гуфта, он ғояҳои роҳбарикунандаро меноманд, ки дар меъёрҳои ин соҳаи ҳуқуқӣ муқаррар карда шуда, мақомоти ҳокимияти давлатӣ, идоракунии давлатӣ ва дигар шахсон дар аснои иҷрои вазифаҳои худ ба онҳо такя мекунанд. Принсип дар ҳуқуқ ин идея ё ғояҳои роҳбарикунандае, ки моҳияти соҳаҳои ҳуқуқро тавсиф намуда аҳамияти иҷтимоии санадҳои онҳоро таъкид карда, ҳангоми гузаронидани корҳои кодификатсионӣ чун роҳбарикунандаи асосӣ хизмат мерасонад[1].

[1] Ойев, Х. Ҳуқуқи маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми якум: китоби дарсӣ. – Душанбе, 2013. – С. 18.

Фаъолияти мурофиавии оид ба ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ба муқарраротҳои аввалаи муайян асос шудааст, ки хусусиятҳои аз ҳама бештар хос ва асосҳои амаликунии онро инъикос менамоянд. Чунин ҳолатҳоро принсипхои мурофиавии *оид ба* ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ меноманд, ки аз рӯйи мазмуни худ объективӣ мебошанд. Онҳо бо он ҳақиқияти иктисодӣ ва иҷтимоӣ муайян карда мешаванд, ки дар ҷамъият вуҷуд доранд ва дараҷаи демократии онро инъикос менамоянд. Ин принсипҳо хусусияти меъёрӣ доранд, яъне онҳо дар меъёрҳои ҳуқуқ сабт гардидаанд.

Ҳуқуқи мурофавии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳамон як принсипҳое, ки ба онҳо ҳуқуқи худи ҳуқуқи маъмурӣ такя менамояд, асос меёбад ва ин принсипҳо дар ҳамгароӣ принсипҳои асосии фаъолияти мурофиавии мақомоти маъмурӣ ва шахсони онро ташкил медиҳанд.

Ёдрас менамоем, ки мақомоти ҳокимияти иҷроия, идоракунии давлатӣ ва шахсони мансабдор ҳангоми иҷрои вазифаҳояшон дар асоси принсипҳои а) ҳуқуқӣ б) ғайриҳуқуқӣ (ташкилӣ) такя менамоянд.

Қисми зиёди принсипҳои ҳуқуқ инчунин принсипҳои мурофиа оид ба ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сабт гардидаанд. Принсипҳои мурофиавии оид ба ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ - ин дар ҳуқуқи мурофиавии *оид ба* ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ифода ёфтани ҳолатҳои аввалаи меъёрӣ-роҳбарикунандае мебошад, ки моҳияти демократӣ ва гуманистии (инсонпарваронаи) мурофиаи мазкурро ифода менамоянд, бунёди ҳамаи меъёрҳои мурофиавӣ, даврaҳо ва инситутҳои онро муайян карда, фаъолияти мурофиавии оид ба ҳуқуқвайронкунии маъмуриро барои ноил шудан ба мақсадҳо ва вазифаҳое, ки давлат дар назди адолати судӣ аз рӯйи чунин парвандаҳо гузоштааст, равона менамояд[1].

Принсипҳои ҳуқуқӣ ин волоияти арзишҳо, манфиат, ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, таҷзияи ҳокимият пурра ҳокимиятии халқӣ, демократизм, волоияти қонун, ҷудо (тафриқа) кардани вазифа, қонуният, легетимият, ошкоро будани фаъолият ва унитаризм мебошанд.

Принсипҳо дар доираи системаи том амал мекунанд, ки дар он ҳамаи онҳо бо ҳам вобастаанд. Риоя накардани як принсип метавонад ба вайроншавии ҳамаи система оварда расонад, ки ин ба фаъолияти суд ҳангоми амали намудани адолати судӣ ба таври манфӣ инъикос мегардад. Системаи принсипҳо сохтори мурофиа, механизми фаъолияти мурофиавӣ, мазмуни он, шаклҳои ҳаракатҳои дахлдор, кафолати қонунӣ ва боадолатонаи қарорҳои мурофиавии қабулшавандаро муайян менамоянд.

Принсипи волоияти арзишҳо, манфиат, ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд ин аз мазмуни моддаи 1 ва 5 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, ки мувофиқи он Тоҷикистон давлати иҷтимоӣ буда, барои ҳар як инсон шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро фароҳам месозад. Ҳаёт, қадр, номус ва дигар ҳуқуқҳои фитрии инсон дахлнопазиранд. Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро давлат эътироф ва ҳифз менамояд[2]. Бо ин Конститутсия ба сифати арзишҳои олитарин арзишҳои зикршударо мустаҳкам кардааст, зеро дар ҷамъият аз арзишҳои инсонӣ болотар дигар арзиш вуҷуд дошта наметавонад.

Маҳз тавассути ҳокимияти иҷроия мутобиқи меъёрҳои маъмурию ҳуқуқӣ ба амал татбиққунии арзишҳо, манфиатҳо ва ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд таъмин карда шуда, волоияти он нигоҳ дошта мешавад, ки дар асл мавқеи маъмурию ҳуқуқии шахсиятро ташкил мекунад.

Принсипи таҷзияи ҳокимият яке аз ғояҳои асосии танзимсозии маъмурию ҳуқуқӣ буда, мустақилияти фаъолияти мақомоти ҳокимияти иҷроия бо фаъолияти шохаҳои дигари ҳокимият тавозун карда мешавад, ки муносибати байни онҳо ба механизми боздорӣ ва мувозинат асос меёбад. Пеш аз ҳама раванди меъёрэҷодкунии маъмурӣ бо фаъолияти қонунгузорӣ зич алоқаманд аст. Масалан м. 30 Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» муқаррар намудааст, ки Ҳукумат ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ дорад. Ҳуқуқи ташаббуси қонунгузориро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар

[1] Ализода, З., Салимов,Ю., Зоиров, Ш., Шарипов, Т., Диноршоев, А., Қодиров, Г. Тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон". – Душанбе: Шарқи озод, 2009. – С. 37.

[2] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 6-уми ноябри соли 1994 дар раъйпурсии умумихалқӣ қабул карда шуд (26-уми сентябри с. 1999, 22-юми июни с. 2003 ва 22-юми майи с. 2016 бо тариқи раъйпурсии умумихалқӣ ба он тайғиру иловаҳо ворид карда шудаанд) // [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: //www.mmk.tj

шакли пешниҳоди лоиҳаи қонунҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, лоиҳаи қонунҳо дар бораи тағйир додан ё бекор кардани қонунҳои ҷории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчунин шакли пешниҳоди хаттӣ дар бораи қабул кардани қонунҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон ё дохил намудани тағйирот ба қонунҳои ҷории Ҷумҳурии Тоҷикистон (таклифҳои қонунгузорӣ) ба амал мебарорад[1].

Принсипи пурраҳокимиятии халқӣ чунин ғояест, ки халқ баёнгари соҳибихтиёрӣ ва сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ аст. Вай ҳокимияти худро тавассути мақомоти давлатӣ, аз ҷумла, мақомоти ҳокимияти иҷроия ва худидораи маҳаллӣ амалӣ месозад. Халқ аз болои фаъолияти мақомоти ҳокимияти иҷроия, назорат мебарад.

Принсипи демократизм аз Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, ки маънии он дар кадом шакл амалӣ сохтани ҳокимияти давлатӣ иборат мебошад. Ин принсип дар ду шакл ба амал бароварда мешавад: бевосита ва бавосита. Шакли якум дар раъйпурсиҳо, интихоботҳои озод, маҷлисҳо, конференсияҳо, гирдиҳамоӣ, намоиш, роҳнамоии осоишта ва ғайра амалӣ шуданаш мумкин аст. Шакли дуюм бошад, тавассути мақомоти интихобии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидора амалӣ карда мешавад (м.м. 1, 6, 27, 29, 31 Конститутсияи ҶТ).

Принсипи волоияти қонун гуфта, мутобиқати иерархии низоми санадҳои ҳуқуқиро аз ҷиҳати эътиборнокӣ, аҳамият ва муҳимоти онҳоро меноманд. Конститутсия эътибори олии ҳуқуқӣ дорад ва меъёрҳои он мустақиман амал мекунанд, давлат ҳамаи мақомоти вай, шахсони мансабдор ва шаҳрвандон вазифадоранд Конститутсия ва қонунҳоро риоя ва иҷро намоянд (м. 10). Санадҳои меъёрию ҳуқуқие, ки мақомоти ҳокимияти иҷроия кабул менамояд, бояд дар асос ва ба иҷроиши қонунҳо қабул карда шаванд. Дар ҳолати ба қонун хилоф будани ин санадҳо аз вақти қабул шуданашон эътибор надошта, оқибати ҳуқуқиро ба миён намеоваранд.

Принсипи тафриқа (ҷудо) кардани вазифа чунин маънӣ дорад, ки вазифаҳои ҳар яке аз мақомоти ҳокимияти иҷроия, идоракунии давлатии самтҳои гуногун мутобиқи доираи вазифаҳои онҳо аз боло то ба поён ба тариқи тафриқа (ҷудокунӣ) бояд муайян карда шаванд. Дар чунин ҳолат мақомоти болоистодаи иҷроия ҳуқуқ дорад, ки чанде аз салоҳиятҳои худро ба мақомоти зерин итоати худ вогузор намояд. Масалан, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми зарурат ҳалли баъзе масъалаҳои идоракунии давлатиро, ки ба салоҳияти вай дохил мешаванд, ба мақомоти ҳокимияти иҷроияи маҳаллӣ, вазоратҳо ва кумитаҳои давлатии ҷудогонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дигар мақомоти идоракунии давлатӣ дода метавонад, агар ҳалли ин масъалаҳо мутобиқи Конститутсия, қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба салоҳияти истисноии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мансуб набошанд.

Принсипи легитимият маънии аз ҷониби халқ дастгирӣ ва изҳори боварӣ намудан ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидораи маҳаллӣ мебошад. Бе ба амал ҷорӣ кардани принсипи мазкур алоқаи мустақими давлат ва шахс устувор намегардад. Ҳама гуна қарорҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар он сурат бомуваффақият ба иҷро расонида мешаванд, ки онҳо аз ҷониби халқ эътироф карда шаванд ва дастгирӣ ёбанд.

Принсипи ошкоро будани фаъолият чунин маънӣ дорад, ки ҳамаи маълумотҳои қонунгузорӣ ба саҳми иштирокчиёни муносибатҳои идоракунӣ расонида шуда, оид ба он масъалаҳое, ки ба ҳуқуқу манфиати онҳо дахл доранд ба мақомот ва муассисаҳо роҳ дода шаванд, то ки маълумоте бигиранд. Ҳама гуна санадҳои ҳуқуқие, ки ба ҳуқуқу озодиҳо ва вазифаҳои инсон ва шаҳрванд дахл дорад, то интишор ба таври расмӣ ба маълумоти умум расонида шуданаш татбиқ карда намешаванд.

Принсипи унитаризм (м.м. 1, 7, 100 Конститутсия) дар он ифода меёбад, ки Тоҷикистон давлати ягона буда, ҳудуди он тақсимнашаванда, дахлнопазир ва шакли идора тамомияти арзии он тағйирнопазиранд. Ин принсип ягонагии ҳокимияти давлатиро мустаҳкам намуда, онро ба субъектҳои ҳокимияти давлатӣ бо назардошти таҷзияи он, мутобиқи шакли сохти Тоҷикистон дар шакли ваколат таҷассум менамояд.

Принсипҳои ташкилӣ ин ба нақшагирӣ, объективӣ, илмӣ, босамар (рационалӣ) будани фаъолият, қиёс ва собитсозии функсияҳо, масъулиятнокӣ, ҳамгироии яккасардорӣ бо

[1] Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 12-уми майи с. 2001, № 28 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2001, № 4, мод. 215; с. 2003, № 4, мод. 152; с. 2008, №1, қ. 1, мод. 1; с. 2009, №12, мод. 813; с. 2016, №7, мод. 602) (Қонуни конст.ҶТ аз 22.04.2003 № 22, аз 5.01.2008 № 346, аз 3.12.2009 № 575, аз 23.07.2016 № 1325, аз 18.07.2017 № 1455, аз 18.03.2022, № 1851.

идоракунии дастаҷамъӣ (коллегиалӣ), соҳавию ҳудудӣ, ростхатта, функсионалӣ ва итоати дутарафаро дар бар мегирад.

Принсипи ба нақшагирии фаъолияти ҳокимияти иҷроия дар шароити имрӯза дар коркарди барномаҳои инкишофи соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ, муқаррарнамоии дурнамои инкишофи онҳо оид ба самаранок истифода намудани воситаҳои моддию зеҳнӣ, захираҳои табиию молиявӣ ва ғайра ифода меёбад. Тавассути ин принсип мақсаду вазифаҳои асосии мақомоти ҳокимияти иҷроия дар шароити мушаххас (конкретӣ) муқаррар карда мешаванд.

Принсипи объективӣ ба ҳокимияти иҷроия имкон медиҳад ҳолат, инкишофи раванду ҳодисаҳои муҳити иҷтимоӣ, омилҳои демографӣ, маҳаллӣ, ҷуғрофӣ, синну солӣ, ҷинсӣ ва ғайра таҳқиқ карда шуда, қабули қарори объективиро ба ин шароитҳо мутобиқ месозад, яъне санадҳои маъмурӣ инъикоскунандаи ҳаёти вокеъӣ бояд бошанд. Шароити объективии табиӣ, иҷтимоӣ омили асосии нахустзаминаи амалӣ ҳокимияти иҷроия оид ба муайян намудани қонуниятҳои инкишофи ҷамъият мебошад.

Принсипи илмӣ будани фаъолияти мақомоти иҷроия чунин маънӣ дорад, ки онҳо ҳангоми амалӣ намудани вазифа ва салоҳиятҳояшон аз усулҳо ва дастовардҳои илмӣ, таҳлил, коркард ва ҷамъбасти маълумотҳо, ки аз вазъи идоракунӣ шаҳодат медиҳанд, инчунин ин асосҳоро барои баҳодиҳии фаъолияти объекти идорашаванда ташкил додани сохтори идоракунӣ, муқаррар намудани дурнамо ва самтҳои инкишофи вазифаҳо истифода менамоянд[1].

Принсипи босамар (рационалӣ) будани фаъолият тақозо мекунад, ки мақсадҳои идоракунӣ бо роҷаи сарфаю сариштакорӣ нигаронида шуда, ҳадафи он бо истифодаи камтарини захираҳо (молӣ, ҳайати шахсӣ ва ғ.) ва харҷҳои ҷорӣ, ки нишондоди иқтисодии он бозгардонандагии самарабах-шии маблағҳои харҷшуда мутобиқи нақшаҳо ва ноил шудан ба ҳадафҳо дар муҳлатҳои муқарраршуда мебошад, ҳаллу фасл намудани вазифаҳои идоракунӣ иборат мебошад. Албатта асоси истифодаи ин принсип қиёс, таҳлили маълумотҳо ва воқеиятҳоро тақозо мекунад. Принсипи масъулиятнокӣ дар муносибатҳои идоракунӣ бо санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ муқарраркунии ваколатҳо, вазифаҳо, функсияҳо, сохторҳо, шакл ва усулҳои фаъолият, инчунин, ҷавобгарии ҳуқуқӣ барои иҷро накардан ё ба таври дахлдор иҷро накардани ин муқаррароти зикршуда мебошад.

Шахсони мансабдори ҳокимияти иҷроия барои содир кардани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, ки бо вайрон кардан ё риоя накардани қоидаҳо оид ба ҳифзи тартиботи идоракунии давлатӣ ва ҷамъиятӣ, муҳити атроф, саломатии мардум, бехатарии қоидаҳои сохтмон, ҳаракат ва ғайра, ки ба доираи вазифаи хизматиашон дохил мешаванд, ба ҷавобгарии маъмурӣ ва барои вайрон кардани қоидаҳои хидматӣ ба ҷавобгарии интизомӣ кашида мешаванд. Ин принсип дарк намудани таъинот, вазифа функсияҳои ҳокимиятиро низ дар бар мегирад.

Принсипи соҳавӣ ва ҳудудӣ дар идоракунӣ талаб менамояд, ки масъалаҳои дорои аҳамияти соҳавӣ бо тариқи таъсис додани фишангҳои махсуси мақсаднок (мақомоти махсус, дастгоҳҳо ва ғ.) ҳаллу фасл карда шаванд. Принсипи соҳавӣ таъсиррасонии фавриро оид ба амалисозии сиёсати ягонаи давлатӣ, истифодаи самараноки нерую (қувваю) воситаҳо, усулҳои пешқадам, дастовардҳои илму техника технологияи навинро талаб менамояд. Аз рӯйи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамаи принсипҳои ҳуқуқи мурофиавии маъмуриро вобаста ба намуди фаъолияти мурофиавии маъмурӣ ба ба ду гуруҳ ҷудо кардан мумкин аст: принсипҳои расмиётӣ ва принсипҳои юрисдиксионӣ.

Принсипҳои расмиётии маъмурӣ тибқи м. 2 КРМ инҳоянд: баробарӣ дар назди қонун, амалисозии ваколатҳо дар асоси қонун, мутаносибӣ, амалисозии беғаразонаи расмиёти маъмурӣ ва махфият. Амалисозии ваколатҳо дар асоси қонун чунин маънӣ дорад, ки мақомоти маъмурӣ ҳуқуқ надорад амалеро бар хилофи талаботи қонунҳо анҷом диҳанд ва санади ҳуқуқии маъмурие, ки берун аз доираи салоҳият қабул намудаанд, эътибори ҳуқуқӣ надорад. Аз тарфи дигар, мақомоти маъмурӣ дар доираи салоҳияташон танҳо дар ҳолатҳои пешбинӣ намудаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд санади ҳуқуқии маъмурие қабул намояд, ки боиси маҳдудсозии ҳуқуқу озодиҳои шаҳрванд ва инсон гардад. Ҳамзамон принсип тақозо мекунад, ки на ба ҳамаи субъектони ҳокимияти иҷроия салоҳияти юрисдиксионии маъмурӣ дода шудааст.

Принсипи мутаносибӣ бошад, ин ба назар гирифтани таносуби манфиатҳои шахс ва ҷамъиятӣ мебошад, ки дар он аз маҳдудиятҳои ба шахс раводида аз лиҳози ҳуқуқ ё манфиатҳои

[1] Ойев, Х. Ҳуқуқи маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми якум: китоби дарсӣ. – Душанбе, 2013. – С. 35.

қонунии ӯ бошад бештар ба манфиати ҷомеъа бошад. Ин маҳдудсозӣ танҳо дар сурате асоснок ҳисобида мешавад, ки агар он бештар ба манфиати ҷомеа бошад.

Принсипи амалисозии беғаразонаи расмиёти маъмурӣ талаб менамояд, ки шахсони мансабдор ваколатҳои худро бе тамаъҷӯйӣ, хусумат ва манфиатҷуи шахсӣ, ё дар дигар ҳолатҳое, ки метавонанд ба қабули қарор таъсир расонанд, анҷом диҳанд[1].

Принсипи махфият тақозо менамояд, ки аз шахси мансабдори мақомоти маъмурӣ хак надорад иттилооти дорои сирри давлатӣ, тиҷоратӣ ё шахсиро, ки дар ҷараёни расмиёти маъмурӣ ба даст овардааст, ошкор намояд ё ба мақсадҳои ғайрихизматӣ истифода барад.

Принсипҳои юрисдиксионии маъмурӣ тибқи қонунгузории маъмурӣ инҳоянд: қонуният, барногузирии ҷазо, ҷавобгарӣ ва гунаҳгории инфиродӣ, адолатнокӣ, инсондустӣ, демократизм, эҳтимолияти бегуноҳӣ, ошкорбаёнӣ (м. 6 КҲМ ҶТ).

Принсипи қонуният тақозо мекунад, ки эътироф намудани кирдор (амал ё беамалӣ), ҳамчун ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, ҷавобгарӣ ва ҷазо барои содир намудани он, инчунин оқибатҳои ҳуқуқии содир намудани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ танҳо дар асоси Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд сурат гирад, ки он аз ҷониби судя, мақомоти ваколатдори давлатӣ (шахси мансабдор) дар доираи салоҳияташон мутобиқи Кодекси мазкур татбиқ, карда мешававд. Ҳеч кас бе қарори суд, қарори мақомоти ваколатдори давлатӣ (шахси мансабдор) ва бар хилофи тартибу асосҳои муқаррарнамудаи Кодекси мазкур ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида намешавад, инчунин, дар ҳаққи ҳеҷ кас ҷазои маъмурӣ ва чораҳои таъминкунандаи баррасии парвандаи маъмурӣ татбиқ карда намешаванд ва татбиқи меъёрҳои Кодекси мазкур аз руйи қиёс манъ аст. Риояи ин талабот тавассути назорати мунтазами мақомоти ваколатдори давлатӣ, шахсони мансабдори ваколатдори болоӣ ва назорати прокурорӣ таъмин карда мешавад.

Принсипи баробарӣ дар назди қонун ин ҷо тақозо мекунад, ки шахсоне, ки ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ содир намудаанд, дар назди конун баробаранд. Яъне шахси воқеӣ, сарфи назар аз шаҳрвандӣ, миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, тахсилот, вазъи иҷтимоӣ ва молумулкӣ барои содир намудани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида мешавад. Шахси ҳуқуқӣ бошад, сарфи назар аз шакли моликият, маҳалли ҷойгиршавӣ, шаклҳои ташкилию ҳуқуқӣ, тобеият ва дигар ҳолатҳо барои содир намудани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида мешавад.

Шахсоне, ки тибқи Конститутсия ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи дахлнопазирӣ доранд, бе иҷозати мақомоти дахлдор мавриди ҳабси маъмурӣ, дастгиркунӣ, маҷбуран овардан, кофтукови шахсӣ қарор дода намешаванд (м. 8 КҲМ ҶТ).

Принсипи барногузирии ҷазо талаб менамояд, ки ҳар шахси воқеӣ, мансабдор ё ҳуқуқие, ки ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ содир намудааст, ки сазовори ҷазои маъмурӣ мебошад, бояд ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида шавад.

Принсипи ҷавобгарӣ ва гунаҳгории инфиродӣ тақозо мекунад, ки шахси воқеӣ, мансабдор ва ҳуқуқӣ барои он кирдоре (амале ё беамалие) ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида мешавад, ки гуноҳаш дар содир намудани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ исбот шудааст. Барои зараре, ки бегуноҳона расонида шудааст, ба ҷавобгарии маъмурӣ кашидан мумкин нест.

Принсипи адолатнокӣ. Бар асоси ин принсип ҷазои маъмурӣ ва чораҳои таъминкунандаи баррасии парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, ки дар ҳаққи шахси вокеӣ ё ҳуқуқии содирнамудаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ татбиқ мешавад, бояд дӯстона сурат гирад, яъне ба хусусияти ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, ҳолатҳои содир намудан ва оқибатхои бавучудомадаи он, шахсияти гунаҳгор ва эътибори кории шахси ҳуқуқӣ мувофиқ бошанд. Ҳеҷ шахсро барои як ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ду маротиба ба ҷавобгарии маъмурӣ кашидан мумкин нест.

Принсипи инсондустӣ. Мутобиқи ин принсип нисбат ба шахси воқеӣ ё ҳуқуқие, ки ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ содир намудааст, бояд чунин ҷазои маъмурӣ ва чораҳои таъминкунандаи баррасии парвандаи ҳуқуқвайрон-кунии маъмурӣ таъйин ва татбиқ карда шаванд, ки барои ислоҳи ӯ ва пешгирии содир намудани ҳуқуқвайронкунии маъмурии дигар аз ҷониби ҳамин шахс ё шахсони дигар зарур ва кифоя бошанд. Бояд зикр намуд, ки татбиқи ҷазои маъмурӣ ва чораҳои таъминкунандаи баррасии парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ҳаргиз мақсади ранҷу озори ҷисмонию руҳӣ додан, тарсонидан, ҳама гуна табъиз ё таҳқири шаъну эътибори шахси воқеӣ ва ё расонидани зарар ба эътибори кории шахси ҳуқуқии вайронкардаи ҳуқуқӣ маъмуриро надорад.

[1] Ойев, Х. Асари зикршуда. – С. 56.

Принсипи демократизм тақозо менамояд, ки дар ҳолатҳои пешбининамудаи Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ислоҳи шахси содирнамудаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ҳизбҳои сиёсӣ, иттифоқҳои касаба, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ ё коллективҳои меҳнатӣ бо дархосту розигии ӯ ҷалб карда мешаванд. Эҳтимолияти бегуноҳӣ талаб менамояд, ки шахси воқеӣ, мансабдор ё ҳуқуқие, ки дар ҳаққи ӯ парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ оғоз карда шудааст, то гуноҳаш дар содир намудани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон исбот нагардад ва бо қарори эътибори қонунӣ пайдонамудаи суд, мақомоти ваколатдори давлатӣ (шахси мансабдор) муқаррар карда нашавад, бегуноҳ дониста мешавад. Шахсе, ки ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида мешавад, ӯҳдадор нест, ки бегуноҳии худро исбот намояд. Шубҳаҳои бартарафнашаванда дар хусуси гунаҳгор будани шахс ба манфиати ӯ бояд маънидод карда шаванд.

Ошкорбаёнӣ тақозо менамояд, ки баррасии парвандаи ҳуқуқвайронку-нии маъмурӣ бояд ба таври кушода сурат гирад, ба истиснои ҳолатҳое, ки таъмини сирри давлатӣ, ҳарбӣ, тиҷоратӣ ё сирри дигари бо қонун ҳифзшаванда, инчунин ҳимояи амнияти шахсони иштирокчии баррасии парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, аъзои оила ва наздикони онҳо ва ҳифзи шаъну шарафи шахсони мазкур онро талаб намояд. Қарори ба таври пӯшида баррасӣ намудани парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ аз ҷониби суд, мақомоти ваколатдори давлатӣ (шахси мансабдор) баррасикунандаи парванда қабул карда мешавад. Бо мақсади баланд бардоштани аҳамияти тарбиявӣ ва таъмини пешгирии ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, парвандаҳоро бевосита дар ҷойи кор, таҳсил ва маҳалли зисти вайронкунандаи ҳуқуқ баррасӣ кардан мумкин аст. Вобаста аз объекти танзими ҳуқуқӣ принсипҳои Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба ду гурӯҳ тақсим кардан мумкин аст: принсипҳои қонунгузории сохтори судӣ мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, ва принсипҳои мурофиаи судӣ[1].

Мувофиқи м. 7 КМҲМ бо принсипҳои зерин асос меёбад:

– қонуният;
– ҳифзи судии ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии шахс;
– баробарӣ дар назди қонун ва суд;
– ҳифзи шаъну шараф ва эътибори корӣ;
– ёрии ҳуқуқӣ дар пешбурди мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ;
– эҳтимолияти бегуноҳӣ;
– амалӣ кардани адолати судӣ[2].

Ба принсипҳои мурофиаи судии ҳуқуқи мурофиавии оид ба ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ мансубанд:

– қонуният;
– диспозитивӣ;
– бевосита ва шифоҳӣ будани муҳокимаи судӣ;
– мустақилияти судяҳо;
– забони пешбурди мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ;
– таъмини амният ҳангоми барасмиятдарорӣ ва пешбурди мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ;
– ошкоро будани пешбурди парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ;

Ҳамин тавр, принсипҳо шароити заруриро барои он фароҳам меорад, ки мурофиа ошкоро, маводи муҳокимаи судӣ низ ошкоро бошад, то ин ки судяҳо имконияти бевосита гирифтани ин ё он маълумотҳоро аз сарманбаъ, иштирокчиёни мурофиа бошад дар таҳқиқи далелҳо фаъолона иштирок намоянд.

[1] Иброҳимов, С.И. Адлияи маъмурӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: падидаи ҳифзи судии ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон.- Душанбе: «Ирфон». 2011. – С. 45.

[2] Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22-юми июли с. 2013, № 975 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2013, №7, мод. 502; с. 2014, № 3, мод. 145, № 7, қ. 1, мод. 391, № 11, мод. 644; Қонуни ҶТ аз 03.01.2024, № 2020, № 2021.

ТДУ 343.3:004.8

ИСТИФОДАИ ЗЕҲНИ СУНЪӢ ДАР САМТИ МУҚОВИМАТ БА ПАҲН ГАРДИДАНИ АҚИДАҲОИ ИФРОТӢ ДАР ШАБАКАИ «ИНТЕРНЕТ»

ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ИСКУССТВЕННОГО ИНТЕЛЛЕКТА В ПРОТИВОДЕЙСТВИИ РАСПРОСТРАНЕНИЮ ЭКСТРЕМИСТСКИХ ИДЕЙ В СЕТИ «ИНТЕРНЕТ»

ИБРАГИМЗОДА ҶАМШЕД ИБРАГИМ
Омӯзгори калони кафедраи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯии факултети № 4-уми Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, подполковники милитсия / Старший преподаватель кафедры оперативно-розыскной деятельности факультета № 4 Академии МВД Республики Таджикистан, подполковник милиции
E-mail: ibragimzoda86@mail.ru

АБДУЛЛОЗОДА НЕЪМАТУЛЛО РАҲМАТУЛЛО
Сардори кафедраи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯии факултети № 4-уми Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, полковники милитсия / Начальник кафедры оперативно-розыскной деятельности факультета № 4 Академии МВД Республики Таджикистан, кандидат юридических наук, полковник милиции
E-mail: nematullo.abdulloev@mail.ru

МУРОДЗОДА ФАРҲОД ҒАЙРАТ
Омӯзгори калони кафедраи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯии факултети № 4-уми Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, лейтенанти калони милитсия / Старший преподаватель кафедры оперативно-розыскной деятельности факультета № 4 Академии МВД Республики Таджикистан, старший лейтенант милиции
E-mail: murodzodafarhod99@gmail.com

Дар замони ҷаҳонишавӣ ва истифодаи босуръати технолгияҳои иттилоотӣ ҳаракатҳои гуногуни экстремистӣ ва террористӣ, ки бо ҳар гуна роҳу воситаҳо ҷомеаи ҷаҳониро ноором намуда, ҳазорон нафарони бегуноҳро ба қатл мерасонанд, таҳдиди умумиҷаҳонӣ мебошад. Ҷомеаи имрӯзаро бе компютерҳо, планшетҳо, телефонҳои мобилии имконияташон васеъ, телевизонҳои бо интертет ва моҳвора пайваст тасаввур кардан ғайримкон аст. Дар шароити имрӯза технологияҳои иттилоотӣ ва интернет дар ҳамаи соҳаҳои фаъолияти одамон ба тарзи васеъ истифода бурда мешавад. Технологияи муосир ва интернет на танҳо бо мақсади пешбурди кор, инчунин бо мақсади ҷиноятқорӣ (кибер ҷиноят) истифода мешавад, ки хатарҳои зиёдеро ба пеш меорад[1].

Дигаргунсозии босуръати рақамии ҷомеа, ки дар даҳсолаҳои охир сатҳи зиндагии мардумро ба таври шиддатнок баланд мебардорад, дар ташаккули муҳити иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ нақши муҳим мебозад. Технологияҳои муосири рақамикунонии имконият фароҳам меоранд, ки равандҳои асосии боло бардоштани зеҳни суъни ҷомеаро муаян соҳта тамоми самтҳои иҷтимоии аҳолиро муайян месозанд.

Дар шароити рақамисозӣ, ифротгароӣ аз як падидаи маҳаллии дорои хусусияти тамосии бевосита ба як таҳдиди ҷаҳонӣ ва пинҳонӣ табдил ёфтааст. Зуҳуроти ифротгароӣ бо сатҳи баланди омӯзиш дар амалиёти ҳаррӯзаи рақамӣ хос мебошад, ки ин ҳолат муайян кардани субъектҳои фаъолияти ғайриқонунӣ ва гузаронидани амалиёти фавриро аз ҷониби ниҳодҳои давлатӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мушкил месозад. Имрӯз сомонаҳои интернетӣ ҳамчун яке аз муҳимтарин василаҳои таблиғи экстремистӣ ва терроризм хизмат мекунанд, ки имкони таъсири идеологӣ ба табақаҳои васеи ҷомеаро, сарфи назар аз мавқеи ҷуғрофии онҳо, фароҳам меоранд.

Дар заминаи ҷаҳонишавӣ, як омил, ки шакл ва сохтори фазои рақамиро муайян мекунад, рушди босуръати технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ мебошад, ки ҷузъи асосии он шабақаи Интернет аст. Шабақаи ҷаҳонӣ имрӯз на танҳо ҳамчун василаи паҳнкунии иттилоот

[1] Абдуллозода, Н.Р. Истифодаи технологияҳои рақамӣ дар муқовимат бар зидди экстремизм ва терроризм / Н.Р. Абдуллозода // Қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон: таърих, дурнамо ва рушд: маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ бахшида ба 27-ум солагии Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикиситон // Зери назари умумии н.и.ҳ., дотсент П.А. Насуриён. – Душанбе: Нашриёти ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2025.- С. 32-36.

хизмат мекунад, балки воситаи асосии робита ва ҳамкориҳои муҳими иҷтимоӣ низ маҳсуб мешавад.

Бо вуҷуди имкониятҳои мусбати муҳити рақамӣ, захираҳои он рӯз ба рӯз бештар барои мақсадҳое истифода мешаванд, ки мустақиман ба амнияти иҷтимоӣ ва давлатӣ таҳдид мекунанд. Хусусан, сухан дар бораи паҳншавии мафкураҳои тахрибкорона, аз ҷумла ақидаҳои ифротгароӣ, тундгаросозии гурӯҳҳои алоҳидаи иҷтимоӣ ва заиф кардани асосҳои сохтори конститутсионӣ тавассути технологияҳои рақамӣ меравад. Ин навъи дигаргуншавии таҳдидҳо зарурати бознигарии равишҳоро ҷиҳати таъмини амнияти давлатро дар фазои иттилоотӣ нишон медиҳад.

Дар Стратегияи пешгирии экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид шудааст, ки созмонҳои ифротгароии муосир барои ҷалби ҷавонон аз технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, аз ҷумла, шабакаҳои иҷтимоӣ ва имкониятҳои мултимедиявӣ, васеъ истифода мебаранд[1]. Ин созмонҳо тавассути фазои маҷозӣ ба ҷалби аъзои нав, ҳамоҳангсозии амалҳои ғайриқонунӣ, таблиғи мафкураи ифротӣ ва маблағгузории фаъолияти худ машғуланд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ санаи 23-юми декабри с. 2022 қайд намуданд, ки «…имрӯзҳо гурӯҳҳои террористиву экстремистӣ барои даъват ва ҷалб намудани шаҳрвандон ба сафҳои худ бо истифода аз технологияҳои муосири иттилоотӣ роҳу усулҳои навро истифода карда, ҷавонони камтаҷрибаву ноогоҳро бо ғояҳои тундгароӣ гумроҳ месозанд»[2].

Ҷиддияти масъала дар он зоҳир мегардад, ки имкони содир намудани ҷиноятҳои дорои хусусияти ифротгароӣ аз хориҷи кишвар вуҷуд дорад, ки онҳо берун аз доираи ваколатҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқи миллӣ қарор мегиранд. Бо дарназардошти ин, зарурати таҳияи стратегияҳои нав, ки ба принсипҳои самаранокӣ, шаффофият ва адолат такя мекунанд, ба миён меояд. Илова бар ин, ҷорӣ намудани усулҳои муосири таҳқиқотӣ ва истифодаи таҷрибаи пешқадами байналмилалӣ метавонад ба такмили фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мусоидат намояд. Мушкилоти дигари тундгаросозии ифротгароёнаи фазои интернет аз он шаҳодат медиҳад, ки сохтори ҷиноятқорӣ ҳам аз ҷиҳати сифат ва ҳам аз ҷиҳати миқдор тағйир ёфтааст.

Мавриди қайд аст, ки ташкилотҳои экстремистӣ ва террористӣ тавассути назарфиребиҳои худ дар шабакаҳои интернетӣ мехоҳанд дар ҷомеаи фазоро ноором ва бухрони эътимоди мардумро нисбат ба ниҳодҳои давлатӣ бедор намоянд. Асоси фаъолиятҳои экстремистию террористии онҳоро паҳну густариши маълумотҳои бар-дуруғе, ки дар ҷомеа ҳамдигарбадбинии миллию қавмиро эҷод менамояд, ҳамзистии осоишта ва ваҳдати миллиро халалдор менамояд, ташкил медиҳад. Онҳо аз низоми таъмини манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон хориҷ шуда, ба низоми таъмини манфиатҳои миллии кишварҳои дигари дуру наздик ворид гардидаанд[3].

Таҳлилу мушоҳидаҳо собит менамоянд, ки гурӯҳҳои динӣ – ифротӣ ва террористӣ ба воситаи шабакаи Интернет мақсадҳою вазифаҳои гуногуни худро ҳаллу фасл менамоянд. Интернет дастрасии осону соддаро ба шабакаҳои иҷтимоӣ таъмин намуда, дар он сензура ва назорат аз болои истифодабарандагон вуҷуд надорад ва аксарият рузномаву маҷалаҳо ва шабакаҳои иҷтимоии Интернетро ҳамчун манбаи муҳимми гирифтан ва паҳн кардани итилоот истифода менамоянд. Фазои шабакаҳои иҷтимоӣ, фарҳангиву иттилоотии ҷаҳонӣ, филмномаҳои моҷароҷӯёна, ҷангу куштор, ғорату таҳқир, зӯровариву тахрибкорӣ, фасоди ахлоқи инсонӣ ниҳоят аз асолати азалии хеш дур мондани одамизод ҳушдор сохта, истифодаи нодурусти он мақому мартабаи инсон, асолату ормонҳои воло, шаъну эътибор ва ҷаҳони

[1] Стратегияи пешгирии экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040 аз 26-уми февраои с. 2026, № 73 // [Манбаи электронӣ] – Реҷаи воридшавӣ: https://mmih.adlia.tj/SEARCH/DocumentView?DocumentId=171872 (санаи воридшавӣ: 14.03.2026).

[2] Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини кишвар, 9-уми марти с. 2024 // [Манбаи электронӣ] – Реҷаи воридшавӣ: http://president.tj/ (санаи мурочиат: 14.03.2026).

[3] Абдуллозода, Н.Р. Экстремизми динӣ ҳамчун таҳдид ба амнияти миллии Тоҷикистон. / Н.Р. Абдуллозода // Маҷмуаи маводи III-юмин конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Илми ҳуқуқшиносӣ ва амалияи он» бахшида ба Рӯзи илми тоҷик ва эълон гардидани “Соли маърифати ҳуқуқӣ” (ш. Душанбе, 19 апрели с. 2024) // Зери таҳрири П.А. Насуриён. – Душанбе: Матбааи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2024. - С. 66-69.

моддиву маънавиро тира карда, ба маҳдудиятҳои ақидавию мазҳабӣ ва манфиатҳои иқтисодиву сиёсӣ печида мегардад[1].

Бо вуҷуди тадбирҳои андешидашуда, мушкилоти муқовимат ба экстремизми иттилоотӣ дар шабакаи Интернет то ҳол ҳалли ниҳоии худро наёфтааст. Масалан: Тибқи нишондиҳандаҳои омории Роскомнадзори Федератсияи Россия, дар соли 2024 дар натиҷаи фаъолияти муштараки мақомоти ваколатдор, беш аз 228 ҳазор маводди дорои хусусияти экстремистӣ, сомонаҳо ва захираҳои интернетӣ, ки паҳнкунандаи иттилооти, ки бо қонунгузорӣ манъшуда мебошанд, ошкор ва маҳдуд карда шуданд[2].

Ба ақидаи Баранов В.В., «...ин равиш хусусияти дуҷониба дорад: аз як тараф, он метавонад ҳамчун натиҷаи афзоиши самаранокии фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ баррасӣ шавад; аз тарафи дигар, он ҳамчун нишондиҳандаи афзоиши воқеии фаъолиятҳои ифротгароёна дар фазои рақамӣ дар заминаи шиддатёбии муноқишаҳои геополитикӣ ва зиёдшавии шумораи амалҳои вокунишбарангези ифротгароӣ арзёбӣ мегардад»[3].

Мавҷудияти сатҳи баланди ҷиноятҳо дар муҳити рақамӣ гувоҳи он аст, ки механизмҳои анъанавии муқовимат ба экстремизм самаранокии худро тадриҷан аз даст медиҳанд. Ин раванд тақозо менамояд, ки равишҳои инноватсионии муқовимат, аз ҷумла, технологияҳои пешгӯикунанда ва мониторинги фаъолиятҳои ифротгароёна дар низоми вақти воқеӣ, ҷиҳати ошкор ва пешгирии саривақтии таҳдидҳо ҷорӣ карда шаванд.

Чораи иловагӣ истифодаи фаъолонаи шабакаҳои интернети ғайримарказонидашуда, шабакаҳои peer-to-peer, мессенҷерҳои рамзгузоришуда ва форумҳо дар даркнет мебошад, ки сатҳи назорат аз ҷониби давлат ё ширкатҳои хусусӣ ба ҳадди ақал мерасад. Ин муҳитҳо ба манбаи ташаккули мафкураи ифротгароёна, омодагӣ ба амалиёти террористӣ ва ҳамоҳангсозии амалҳои ғайриқонунӣ, аз ҷумла, бо иштироки байналмилалӣ, табдил меёбанд[4].

Дар шароити муосир истифодаи криптовалютаҳо ва низомҳои пардохти пинҳонӣ аз ҷониби гуруҳҳои ифротгаро ҳамчун василаи асосии саркашӣ аз назорати молиявӣ ва таъқиби ҷиноятӣ хизмат мекунад. Ин раванд, дар навбати худ, ҷиҳати маҳдудсозии сарчашмаҳои маблағгузории фаъолияти тахрибкор монеаҳои ҷиддӣ эҷод менамояд. Бинобар ин, зарурати таҳия ва татбиқи воситаҳои навоваронаи пайгирии чунин амалиёт бо ҷалби мутахассисони соҳаҳои техналогияҳои рақамӣ, телекамуникатсия, криминалистикаи рақамӣ ва таҳлили маълумоти блокчейн (blockchain analytics) ба миён меояд. Чунин равиш имкон медиҳад, ки механизмҳои ошкор намудани муомилоти ғайриқонунии маблағҳо аз тарафи гуруҳҳои ҷиноятӣ дар фазои маҷозӣ самаранок роҳандозӣ карда шаванд.

Дар ин замина, зарурати тақвияти ҳамкории байнидавлатӣ равшан мегардад, ки он ба ягонагардонии равишҳо барои муайян кардани мафкураи ифротгароёна, мубодилаи маълумоти оперативӣ ва ҳамоҳангсозии меъёрҳои қонунгузорӣ дар соҳаи амнияти иттилоотӣ равона шудааст. Ҳамзамон, нақши ташкилотҳои байналмилалӣ, аз ҷумла СММ, Шурои Аврупо ва САҲА, дар таҳия ва муқаррар намудани стандартҳои глобалӣ барои муқовимат ба ифротгароии рақамӣ, ҳамчунин дар таъйини заминаҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқии истифодаи технологияҳои зеҳни сунъӣ барои ошкор ва бартарафсозии ингуна ҷиноятҳо афзудааст[5].

Мавриди қайд аст, ки технологияҳои зеҳни сунъӣ ҳамчун василаи калидии баланд бардоштани самаранокии муқовимат ба ифротгароии иттилоотӣ арзёбӣ мегарданд. Дар доираи таҳқиқоти мазкур, зеҳни сунъӣ ҳамчун маҷмӯи алгоритмҳои мураккаб ва шабакаҳои нейронӣ баррасӣ мешавад, ки дорои қобилияти худомӯзӣ (machine learning) мебошанд. Ин технологияҳо имкон медиҳанд, ки дар реҷаи автоматикунонидашуда таҳлили семантикӣ, визуалӣ ва аудиоии

---

[1] Ахмедов, М. Ифротиёни роҳгумзада дар шабакаи интернет камин гирифтаанд // [Манбаи электронӣ] – Реҷаи воридшавӣ: https://iet.tj/tj/ifrotiyoni-ro-gumzada-dar-shabakai-internet-kamin-giriftaand/ (санаи мурочиат: 14.03.2026).

[2] РКН в 2024 году заблокировал почти 800 тыс. материалов с запрещенной информацией // [Манбаи электронӣ] – Реҷаи воридшавӣ: https://tass.ru/obschestvo/22903351?ysclid=mcqd1phlg472147469 (санаи мурочиат: 14.03.2026).

[3] Баранов, В.В. Использование искусственного интеллекта для выявления и предотвращения распространения экстремистской и террористической пропаганды в Интернете / В.В. Баранов // Труды Академии управления МВД России. - 2024. - № 4 (72). - С. 113–128.

[4] Киберпреступность и даркнет: загадочный мир, полный опасностей // [Манбаи электронӣ] – Реҷаи воридшавӣ: https://dzen.ru/a/ZQLmvYNbJ0OQsER2?ysclid=mcqe6h3xr3913853750 (санаи мурочиат: 14.03.2026).

[5] Что не так с Глобальным цифровым договором // [Манбаи электронӣ] – Реҷаи воридшавӣ: https://russiancouncil.ru/analytics-and-comments/ (санаи воридшавӣ: 14.03.2026).

маълумотҳои бузурги додаҳои рақамӣ (Big Data) бо мақсади ошкор намудани моҳияти экстремистӣ дар фазои маҷозӣ анҷом дода шавад.

Технологияҳои зикршуда на танҳо қобилияти ошкор кардани аломатҳои ифротгароёнаро бар асоси нишондиҳандаҳои пешакӣ муқарраршуда доранд, балки бо истифода аз омӯзиши доимӣ дар заминаи маълумоти таҷрибавӣ метавонанд ба шаклҳои нави ифодаи мафкураҳои тахрибкор мутобиқ шаванд.[1]

Татбиқи низомҳои зеҳни сунъӣ имкон медиҳад, ки самаранокии назорати фазои иттилоотӣ тавассути автоматикунонии равандҳои таҳлилӣ ба таври назаррас афзоиш ёбад. Ин раванд омили инсониро дар коркарди иттилоот коҳиш дода, масрафи вақтро ҳангоми таҳлили маҷмӯи бузурги додаҳо (Big Data) ба ҳадди ақал мерасонад. Ҷорӣ намудани чунин қарорҳои технологӣ дар шароити суръати баланди тавлид ва паҳншавии иттилоот, ки хоси муҳити рақамӣ мебошад, аҳаммияти стратегӣ пайдо мекунад. Дар ин замина, зеҳни сунъӣ на танҳо ҳамчун василаи техникӣ, балки ҳамчун механизми асосии муносибсозии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар самти пешгирии таҳдидҳои ифротгароёна арзёбӣ мегардад.

Бинобар ин, якҷояшавии технологияҳои зеҳни сунъӣ ба низоми муқовимат бо ифротгароии иттилоотӣ яке аз самтҳои афзалиятноки ташаккули сиёсати муосири криминологиро дар шароити табдилдиҳии рақамии ҷомеа ташкил медиҳад. Шартҳои зарурӣ барои ноил шудан ба натиҷаҳои назаррас дар ин соҳа, пеш аз ҳама, истифодаи равиши байнисоҳавӣ мебошад. Ин равиш муттаҳидсозии ҷанбаҳои ҳуқуқӣ, техникӣ, иҷтимоӣ ва психологӣ-педагогиро ҷиҳати таҳлил ва безараргардонии комплексии таҳдидҳои ифротгароёна тақозо менамояд. Танҳо дар сурати ҳамоҳангии ин омилҳо метавон механизми муассири ҳифзи фазои иттилоотиро аз таъсироти тахрибкор таъмин намуд.

Дар заминаи муқовимат бо экстремизм дар шабакаи Интернет, технологияҳои зеҳни сунъӣ як қатор бартариҳоро пешниҳод мекунанд, аз ҷумла қобилият ба коркарди оперативии маҷмӯаҳои калони маълумот, сатҳи баландии дақиқӣ дар таснифи мундариҷа, мутобиқшавӣ ба моделҳои нави рафтори ҷиноятқорон ва имконияти якҷояшавии бо системаҳои миллии мониторинг.

Таваҷҷуҳи махсусро таҷрибаи ҷорӣ намудани системаҳои зеҳни сунъӣ аз ҷониби сохторҳои давлатии дахлдори Федератсияи Россия ва як қатор ташкилотҳои хусусӣ, ки дар миёни онҳо нақши намоёнро ширкати «Крибрум» мебозад, ҷалб мекунад[2]. Ин ширкат шабакаҳои таҳлилиеро таҳия менамояд, ки дар низоми вақти воқеӣ муҳтавои ифротгароёнаро дар шабакаҳои иҷтимоӣ ва манбаъҳои оммавӣ ошкор намуда, онро бар асоси аломатҳои мавзуӣ, рафторӣ ва луғавию маъноӣ гурӯҳбандӣ мекунанд.

Бо истифода аз намунаҳои бисёрсолаи иттилоот ва омӯзиши мустамир, ин низомҳо сатҳи баланди ҳассосиятро нисбат ба таҳдидҳои нав таъмин намуда, ба улгуҳои тағйирёбандаи робитаҳои тундгароёна мутобиқ мешаванд. Ҳамзамон, набояд хатарҳоеро, ки ҳангоми ҷорӣ намудани низомҳои алгоритмии назоратӣ ба вуҷуд меоянд, нодида гирифт. Ин таҳдидҳо бояд таваҷҷуҳи хосси ҳам таҳиягарони зеҳни сунъӣ ва ҳам мақомоти ҳифзи ҳуқуқро ҷалб намоянд.

Яке аз хатарҳои асосӣ дар ин соҳа риояи ҳуқуқҳои бунёдии инсон мебошад - пеш аз ҳама, ҳуқуқ ба дастрасӣ ба иттилоот ва кафолатҳои ҳифзи ҳаёти шахсӣ.

Ғайр аз ин, татбиқи технологияҳои назоратии зеҳни сунъӣ аксаран барои таҳлили беруна пинҳон мемонад, рамзҳои манбаъ ва нишондиҳандаҳои омӯзиш ошкор карда намешаванд ва қарорҳо дар заминаи «қуттии сиёҳ» (black-box models) қабул мегарданд[3].

Бо назардошти мушкилоти зикршуда, яке аз самтҳои ояндадор таҳия ва ҷорӣ намудани усулҳои омехтаи назорат мебошад, ки дар онҳо низомҳои зеҳни сунъӣ ҳамчун манбаи ибтидоӣ истифода мешаванд, вале қарорҳои ниҳоӣ оид ба ҳазфи муҳтаво бояд аз ҷониби коршиносони тахассусӣ бо назардошти заминаҳои ҳуқуқӣ ва фарҳангӣ қабул карда шаванд. Ин усул имкон медиҳад, ки коркарди густурдаи автоматӣ бо равиши муфассали таҳлили инсонӣ муттаҳид

[1] Остроух, А.В. Введение в искусственный интеллект: монография. - Красноярск: Научно-инновационный центр, 2020. – 250 с.

[2] Компания «Крибрум» успешно завершила проект по разработке нового программного продукта «Крибрум. OSINT» // [Манбаи электронӣ] – Реҷаи воридшавӣ: https://kribrum.ru/company/(санаи мурочиат: 14.03.2026).

[3] Проблема «черного ящика» в искусственном интеллекте: можем ли мы доверять тому, что не понимаем? // [Манбаи электронӣ] – Реҷаи воридшавӣ: https: //dzen.ru/a/Zzsqmav EOV97fh7H?ysclid=mcqeodioqa28219158 (санаи мурочиат: 14.03.2026).

гардад, ки принсипҳои истифодаи ахлоқӣ ва ҳуқуқии зеҳни сунъӣ дар соҳаи амнияти иттилоотӣ меъёрбандӣ ва қонунӣ гардонида шаванд.

Ҳамин тариқ, ба хулоса омадан мумкин аст, ки дар асоси таҳлили таҷрибаи амалии истифодаи технологияҳои зеҳни сунъӣ барои муборизаи бо шаклҳои рақамии экстремизм, ки тамоюли устувор ба институсионализатсияи назорати алгоритмӣ дар муҳити иттилоотӣ вуҷуд дорад. Ҳамзамон, масъалаҳои танзими меъёрии чунин системаҳо ва санҷиши онҳо ҳал нашудаанд. Ин вазъ талаб мекунад, ки барои танзими ҳуқуқии модератсияи алгоритмӣ роҳҳои нави амал таҳия карда шаванд, ки бар асоси принсипҳои шаффофият, ҳисоботдиҳӣ ва нигоҳ доштани мувозинат байни амнияти ҷамъиятӣ ва ҳуқуқҳои рақамии шаҳрвандон амал кунанд. Бо дарназардошти ин, дар қисмати хулосаии мақола пешниҳод мешавад, ки тавсияҳои системавӣ барои такмил додани базаи меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва механизмҳои институтсионалӣ дар истифодаи зеҳни сунъӣ бо мақсади муқовимат ба паҳншавии идеологияи экстремистӣ дар муҳити рақамӣ шакл дода шаванд.

Таҳияи чунин тавсияҳо бояд дар заминаи принсипҳои мутаносибият, муайяни ва шаффофияти ҳуқуқӣ, риояи кафолатҳои мурофиавӣ, инчунин ҷорӣ намудани институти аудити алгоритмӣ, ки назорати риояи ҳуқуқи субъектҳои коммуникатсияҳои рақамиро таъмин менамояд, сурат гирад.

ТДУ 349.22

МАФҲУМ, НАМУДҲО ВА ХУСУСИЯТИ МУНОСИБАТҲОИ МЕҲНАТӢ ВА ДИГАР МУНОСИБАТҲОИ БА ОНҲО АЛОҚАМАНД

ПОНЯТИЕ, ВИДЫ И ОСОБЕННОСТИ ТРУДОВЫХ ОТНОШЕНИЙ И ИНЫХ ОТНОШЕНИЙ, СВЯЗАННЫХ С НИМИ

ИБРОҲИМОВА МАВЗУНА ФАЙЁЗОВНА
Унвонҷӯи Шуъбаи ҳуқуқи хусусии Институти давлат ва ҳуқуқи Академияи миллии илмии Тоҷикистон / Соискатель отдела частного права Института государства и права Национальной академии наук Таджикистана

Дар низоми муносибатҳое ки тааллуқманди мавзӯи ҳуқуқи меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд, мавқеи марказиро ва муносибатҳои меҳнатӣ ташкил медиҳанд. Маҳз муносибатҳои меҳнатӣ мавҷудият, моҳият ва хусусияти дигар муносибатҳои ҷамъиятии ба онҳо алоқамандро муайян менамоянд.

Муносибати меҳнатӣ гуфта, муносибати ҷамъиятии меҳнатии дар асоси шартномаи меҳнатӣ бавуҷудомада ва тавассути меъёрҳои ҳуқуқи меҳнат танзимшавандаро меноманд, ки тибқи он корманд уҳдадор мешавад шахсан вазифаҳои меҳнатиро иҷро кунад, ба қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатӣ итоат намояд, корфармо бошад, уҳдадор мешавад ба корманд кори дар шартномаи меҳнатӣ муайяншударо пешниҳод намояд, шароитҳои солим ва бехатари меҳнатро, ки қонунгузорӣ оид ба меҳнат, шартномаҳои коллективӣ, созишномаҳо ва шартномаи меҳнатӣ пешбинӣ намудаанд, фароҳам созад, музди меҳнати кормандро мувофиқи миқдор ва сифати меҳнати сарфнамуда, аммо на камтар аз ҳадди ақали муқарраршуда бипардозад.

Муносибати ҳуқуқии меҳнатӣ аз дигар муносибатҳои ҷамъиятии ба он алоқаманд аз лиҳози таркиби субъектҳо, мазмун, асосҳои пайдоиш, тағйирёбӣ, қатъшавӣ, хусусияти ҳуқуқу ӯҳдадориҳои субъектҳо тафовут дорад. Муносибати ҳуқуқии меҳнатӣ дорои якчанд хусусиятҳои ба худ хос мебошад.

Якум, он ҳамеша хусусияти дуҷониба дошта, байни субъектҳои мушаххас, яъне корманд ва корфармо ба вуҷуд меояд.

Дуюм, субъектҳои муносибати ҳуқуқии меҳнатӣ дорои ҳуқуқу уҳдадориҳои муайян мебошад.

Ҳар яке аз субъектҳои муносибати ҳуқуқии меҳнатӣ нисбат ба якдигар ҳамчун шахсони уҳдадор ва ваколатдор баромад мекунанд. Илова бар ин, ҳар яке аз субъектҳои муносибати

ҳуқуқии меҳнатӣ дар назди якдигар якчанд уҳдадориҳоро ба дӯш доранд. Сониян, аз рӯйи баъзе аз уҳдадориҳо, корфармо худ масъул буда, аз рӯи дигар уҳдадориҳо роҳбар, ки аз номи корфармо баромад мекунад, масъулиятро ба дӯш мегирад.

Масалан, агар барои зиёни моддии ба корманд расонидашуда, корфармо масъул бошад, барои напардохтани музди меҳнат ҳам корфармо ва ҳам роҳбар бори масъулиятро ба дӯш доранд (дар чунин маврид корфармо ба ҷавобгарии моддӣ ва роҳбар бошад, ба ҷавобгарии интизомӣ ё ҷиноятӣ кашида мешаванд).

Сеюм, хусусияти шахсӣ доштани ҳуқуқу уҳдадориҳои корманд. Дар доираи муносибати ҳуқуқии меҳнатӣ, корманд вазифадор аст, ки шахсан дар фаъолияти истеҳсолии корфармо иштирок намояд. Аз ин рӯ, корманд ҳуқуқ надорад ба ҷойи худ шахси дигарро пешниҳод намояд ё иҷрои корро ба зиммаи ӯ гузорад. Корфармо бошад, наметавонад як кормандро бо дигар корманд иваз намояд, ба ғайр аз ҳолату мавридҳои дар қонун пешбинишуда, масалан, дар мавриди дар кор ҳозир набудани корманд бинобар беморӣ.

Чорум, бардавом будани муносибати ҳуқуқии меҳнатӣ. Корманд вазифадор аст пайваста ва муттасил вазифаи муайян ва қаблан шартшудаи меҳнатиро иҷро намояд.

Панҷум, дар чорчӯбаи муносибати ҳуқуқии меҳнатӣ ҳақи меҳнат асосан барои иҷро ва сарфи меҳнати амалӣ, на барои натиҷаи он пардохта мешавад.

Шашум, корманд ҳамчун иштирокчии муносибати ҳуқуқии меҳнатӣ ӯҳдадор аст қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатиро риоя намуда, бо онҳо итоат намояд, ки чунин ҳолат ба коллективӣ меҳнатии ташкилот шомил шудани кормандро тақозо менамояд.

Ҳамин тавр, муносибати ҳуқуқии меҳнатӣ дар худ чи робитаҳои амудӣ ва чи робитаҳои уфуқӣ, яъне, озодии меҳнат ва зарурати итоат намудан ба қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатиро инъикос менамояд.

Ҳафтум, ҳар яке аз субъектҳои муносибати ҳуқуқии меҳнатӣ ба қатъ намудани он бо риояи тартибу шартҳои тибқи қонун муқарраршуда ҳуқуқ дорад, ки ин ифодагари принсипи озодии меҳнат ва озодии шартномаи меҳнатӣ мебошад.

Гурӯҳи дигари муносибатҳое, ки мавзӯи ҳуқуқи меҳнатро ташкил медиҳанд, муносибатҳои ҷамъятие мебошанд, ки ба муносибатҳои меҳнатӣ зич алоқаманд ҳастанд.

Муҳаққиқон Орловский Ю.П. [1], Лившитс Р.З. [2], Смирнов О.В.[3], Сироватская Л.А.[4], Шонасридинов Н., Бозоров Р.Б.[5] хусусият ва намудҳои ин муносибатҳоро тавсиф намудаанд.

Лившитс Р.З.ба ин гурӯҳи муносибатҳо, чунин муносибатҳоро дохил мекунад

- муносибатҳо оид ба иштироки меҳнаткашондар идоракунии истеҳсолот;
- муносибатҳо оид ба музокироти коллективӣ, бастан ва иҷрои шартномаи коллективӣ;
- муносибатҳо оид ба муқаррарнамудани шароитҳои меҳнат,ва назорати риояиқонунгузорӣ оид ба меҳнат, оид ба ҳалли баҳсҳои колективии меҳнатӣ;
- муносибатҳо оид ба иштироки иттифоқҳои меҳнатӣ[6].

Смирнов О.В. муносибатҳои алоқаманд ба муносибатҳои меҳнатиро ба намудҳои зерин ҷудо мекунад:

- муносибатҳои ташкили – идоракунӣ дар бахши меҳнат;
- муносибатҳооид ба омодасозии касби ва такмили ихтисос бевосита дар истеҳсолот.
- муносибатҳо оид ба иштирокикормандонва иттифоқҳои касабадар муқарарнамуданишароити меҳнатва татбиқиқонунгузорӣ оид ба меҳнат;
- муносибатҳооид ба ҷавобгарии моддии корфармоён ва кормандон дар дар бахши меҳнат;
- муносибатҳо оид ба назорат ва контролаз болои муҳофизати меҳнатва риояи қонунгузорӣ оид ба меҳнат;
- муносибатҳо оид ба барасии баҳсҳои меҳнатӣ

[1] Орловский, Ю.П. Трудовой кодекс Росийской Федерации. Хозяйство и право. – 2002. - № 3. - С. 5.
[2] Лившиц, Р.З. Трудавое право России: учебник для вузов / отв. ред. Р.З. Лившиц, Ю.П. Орловский. -М: ИНФРА.Н-НОРМА, 1998. - С. 21.
[3] Смирнов, О.В. Трудавое прово: учебник / под. Ред. О.В. Смирнова, И.О. Снигировой - 4-е изд., перераб.и доп. - М: Проспект, 2010. - С. 9.
[4] Сыроватская, Л.А. Трудовое прово: учебник. -2-е изд, перераби доп. – М.: Юрист, 2001. - С. 18-19.
[5] Шонасридинов, Н., Бозоров, Р.Б. Ҳуқуқи меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон: китоби дарсӣ. - Душанбе: “Сино”, 2006. - С. 8-10.
[6] Лившиц, Р.З. Асари зикршуда. - С. 21.

– муносибатҳо оид ба сугуртаи ҳатмии иҷтимоӣ;
– муносибатҳо оид ба бокортаъминкунӣ[1].

Сиротовская Л.А. муносибатҳои зеринро ба муносибатҳои алоқаманд ба муносибатҳои меҳнатӣ мансуб медонад:

– муносибатҳои ташкилӣ – идоракунӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар бахши меҳнат;
– муносибатҳои оид ба омодасозии касбӣ ва такмили ихтисос бевосита дар истеҳсолот;
– муносибатҳо оид ба ҷавобгарии тарафҳои муносибатҳои ҳуқуқиимеҳнатӣ;
– муносибатҳо оид ба назорат ва контрол аз болои муҳофизати меҳнат ва риояи қонунгузорӣ оид ба меҳнат;
– муносибатҳо оид ба барасии баҳсҳои меҳнатии колективӣ ва инфиродӣ[2].

Ба андешаи Шонасридинов Н. ба муносибатҳои алоқаманд ба муносибатҳои меҳнатӣ чунин муносибатҳо таалуқ доранд:

– муносибатҳо оид ба ташкил ва идоракунии меҳнат;
– муносибатҳо оид ба бакортаъминкунӣ;
– муносибатҳо оид ба омодасозӣ, бозомодасозии касби ва ташкили тахассуси кормандон мустақиман аз ҷониби корфармо;
– муносибатҳо оид ба шарикии иҷтимоӣ, баргузории музокироти коллективӣ, бастани шартномаҳо ва созишномаҳои колективӣ;
– муносибатҳо оид ба иштироки кормандон ва мақомоти намояндагии онҳо дар муқаррар намудани шароити меҳнат ва татбиқи қонунгузорӣ оид ба меҳнат;
– муносибатҳо оид ба назорати риояи қонунгузорӣ оид ба меҳнат ва ҳифзимеҳнат;
– муносибатҳо оид ба баррасии баҳсҳои меҳнатӣ[3].

Маҳмадуллозода Н.Р. ва Наботов С.Х. чунин муносибатҳоро алоқаманд ба муносибатҳои меҳнатӣ медонанд:

– муносибатҳо оид ба ташкил ва идоракунии меҳнат;
– муносибатҳо оид ба иштироки кормандон ва иттифоқҳои касаба дар фароҳам овардани шароити меҳнат ва истифодаи қонунгузорӣ оид ба меҳнат дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун;
– муносибатҳо оид ба шарикии иҷтимоӣ шартномаҳои колективӣ, созишномаҳо дар сатҳҳои мухталиф;
– муносибатҳо оид ба назорати давлатӣ, назорати иттифоқҳои касаба аз болои риояи қонунгузорӣ оид ба меҳнат (аз ҷумла, қонунгузорӣ оид ба ҳифзи меҳнат) ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи меҳнат;
– муносибатҳо оид ба омодагии касбӣ ва таҳсилӣ иловагии касбии кормандондар назди корфармои мушаххас;
– муносибатҳооид ба бакортаъминкунӣ дар назди корфармо;
– муносибатҳо оид ба масъулияти моддии корфармоён ва ва кормандон дар бахши меҳнат;
– муносибатҳо оид ба ҳалли баҳсҳои меҳнатӣ;
– муносибатҳо оид ба суғуртаи иҷтимоӣ[4].

Чи тавре, ки мебинем, дар таснифҳои пешниҳоднамудаи муносибатҳои алоқаманд ба муносибатҳои меҳнатӣ, на ҳамеша номгӯйи чунин муносибатҳо ба ҳам мувофиқ меоянд, ки чунин ҳолат танзими амиқ ва босамарӣ онҳоро душвор мегардонад.

Ба мақсади таъмини танзими ҳамаро фарогирандаи ҳуқуқии муносибатҳои алоқаманд ба муносибатҳои меҳнатӣ, дар қ. 1 м. 9 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудани номгӯи пурра ва амиқимуносибатҳои алоқамнд ба муносибатҳои меҳантӣ зарур дониста мешавад[5]. Ин муносибатҳоро ба муносибатҳои қабл аз муносибатҳои меҳнатӣ ба вуҷуд

[1] Смирнов, О.В. Асари зикршуда. - С. 9.
[2] Шонасридинов Н., Бозоров Р.Б. Асари зикршуда. - С. 8-10.
[3] Шонасридинов, Н., Бозоров, Р.Б. Асари зикршуда. - С. 8-10.
[4] Маҳмадуллозода, Н.Р., Наботов, С.Х. Ҳуқуқи меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон: китоби дарсӣ / Маҳмадуллозода Н.Р., Наботов С.Х. – Душанбе: ҶДММ “Сомон Принт”, 2021. – 474 с.
[5] Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23-юми июли с. 2016, № 1329 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2016. - № 7. - Мод. 604.

меомада, муносибатҳои ҳамзамон бо муносибатҳои меҳнатӣ амалкунанда ва муносибатҳои ба ивази муносбатҳои меҳнатӣ рӯйӣ кор меомада ҷудо намуда, ба гурӯҳи аввали онҳо, муносибатҳо оид ба кор таъминкуниро дохил менамояд, ки мақсади онҳо бо кор таъмин намудани шаҳрвандон, мусоидат ба барқарор намудани муносибатҳои меҳнатӣ байни онҳо ва корфармоён буда, ба ин муносибатҳо бисёр субъектӣ хос мебошад, яъне, субъектҳои онҳо на танҳо кормандон ва корфармоён, инчунин, мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти намояндагии корфармоён маҳсуб меёбанд[1].

Шонасридинов Н. муносибатҳои зич алоқамандӣ дошта, бо муносибатҳои меҳнатиро, ба се гурӯҳ ҷудо мекунад:

1) ба муносибатҳое, ки қабл аз муносибатҳои меҳнатӣ ба вуҷуд меоянд;
2) муносибатҳое ки дар баробари муносибатҳои меҳнатӣ амал мекунанд;
3) муносибатҳое, ки бинобар халалдор гаштани раванди мӯътадили муносибатҳои меҳнатӣ ва муносибатҳои ҳамзамон бо ин муносибатҳо амалкунанда.

Муаллиф ба гурӯҳи аввал он муносибатҳоеро дохил мекунад, ки муҳтавояшон бо кор таъмин намудани шахсони ҷуяндаи кор буда, ба ҳайси ҷонибҳои онҳо ҷуяндагони кор, корфармоён ва мақомоти давлатии шуғл ва бокор таъминкунӣ баромад мекунанд.

Ба гурӯҳи дуюми муносибатҳои алоқаманд ба муносибатҳои меҳнатӣ бошанд, муносибатҳои иҷтимоӣ-шарикӣ оид ба баргузор намудани музокироти коллективӣ ҷиҳати бастани шартномаҳои коллективӣ ва иҷрои онҳо, оид ба иштироки кормандон дар идоракунии истеҳсолот, оид ба муқаррар намудани шароити меҳнат, оид ба дар ташкилотҳо омода ва боз омадасозиикасбӣ ва таклили ихтисоси кормандон, оид ба назорат ва тафтиши риояи қонунгузорӣ оид ба меҳнат ва муҳофизати он ва боз чанде аз муносибатҳоро мансуб медонад.

Ба муносибатҳои гурӯҳи сеюм, муаллиф муносибатҳои оид ба баррасии баҳсҳои меҳнатӣ ба вуҷуд меомадаро, ки ба ҳайси субъектҳои онҳо кормандон, корфармоён ва мақоматҳои баррасикунандаи баҳсҳои меҳнатӣ баромад мекунанд, маҳсуб медонад[2].

Тамоми ин муносибатҳо тафсилу ташреҳи заруриро талаб мекунанд.

1) Муносибатҳои ҳуқуқӣ оид ба ташкил ва идоракунии меҳнат, ки дар ҷараёни меҳнат байни корфармо (маъмурият) ва коллективи меҳнатӣ (ё мақоми намояндагии он) ба вуҷуд меоянд.

Мазмуни ин муносибатҳо ба доираи ҳуқуқ ва уҳдадориҳои ҷонибҳои муносибатҳои ҳуқуқии меҳнатӣ таъсири назаррас дорад.

Шароити меҳнат ва подоши он, шакл, низом ва андозаи музди меҳнат, пардохти кӯмакпулию ҷубронпулиҳо, шуғлмандӣ, бозомӯзӣ, вақти кор ва вақти истироҳат, пешниҳоди рухсатиҳои иловагӣ, беҳтар намудани шароит ва ҳифзи меҳнат, тавсиаи иштироки кормандон ва намояндагони онҳо дар идоракунии ташкилот ва дигар масъалаҳои ба ҳуқуқу манфиатҳои кормандон дахлдошта, аз зумраи масъалаҳое мебошанд, ки муҳтаво ва мазмуни муносибатҳои ҳуқуқӣ оид ба ташкил ва идоракунии меҳнатро ташкил медиҳанд.

Заминаи ҳуқуқии ба вуҷуд омадаи ва мавҷудияти чунин муносибатҳоро дар баробари санадҳои меъёрии ҳуқуқии ба таврӣ мутамарказ қабулшуда, ҳамчунин, санадҳои меъёрии дохилии ташкилот, аз қабили шартномаи коллективӣ, қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатӣ, низомнома оид ба тартиби пардохти мукофотпулӣ ва ғайра ташкил медиҳанд.

Муносибатҳои ҳуқуқӣ оид ба ташкил ва идоракунии меҳнат бо ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии дохилӣ, тағйир ёфта, бо бекор намудани онҳо ё қабули санадҳои нави меъёрии дохилӣ, қатъ мегарданд.

2) Муносибатҳои ҳуқуқии иҷтимоӣ-шарикӣ.

Муносибатҳои мазкур, муносибатҳои дорои хусусияти «дохилӣ» ва «берунӣ» буда, на танҳо дар ҳудуди як ташкилот, ҳамчунин, берун аз он ба вуҷуд омада, амалӣ мегарданд[3].

Мазмуну муҳтавои муносибатҳои ҳуқуқии иҷтимоӣ – шарикиро пешбурди музокироти коллективӣ, бастан ва тағйир додани шартномаҳои коллективӣ, созишномаҳои соҳавӣ (байнисоҳавӣ) минтақавӣ (ноҳиявӣ, шаҳрӣ ва вилоятӣ), генералӣ (умумиҷумҳуриявӣ), ва назорати иҷрои онҳо ташкил дода, ин муносибатҳо баҳри муқаррар намудани шароити боз ҳам мусоиди меҳнати кормандон ва подоши он, ҳифз ва бехатарии меҳнат, шуғлмандӣ, ҳифзи

[1] Орловский, Ю.П. Асари зикршуда. - С. 5.
[2] Шонасридинов, Н., Бозоров, Р.Б. Асари зикршуда. - С. 8-10.
[3] Смирнов, О.В. Асари зикршуда. - С. 9.

иҷтимоӣ ва дигар масъалаҳои муҳими бахши меҳнат, на танҳо дар ҳудуди як ташкилот, балки берун аз он равона шудаанд.

Заминаи ҳуқуқии ба вуҷуд омадани муносибатҳои иҷтимоӣ-шарикиро, шартномаҳои коллективӣ ва созишномаҳои дар сатҳи болотар басташуда ташкил медиҳанд.

Субъектҳои муносибатҳои иҷтимоӣ-шарикии дар асоси шартномаи коллективӣ ба вуҷуд омада, корфармо ва коллективи меҳнатӣ (кормандони ташкилот) дар симои мақомоти ваколатдори онҳо ва субъектҳои муносибатҳои иҷтимоӣ-шарикии дар асоси созишномаҳои дар сатҳи болотар басташуда, намояндагони корфармоён, намояндагони кормандон (ҳамчун қоида иттифоқҳои дахлдори касаба) ва мақомоти ҳокимияти давлатии марказӣ ва маҳаллӣ ба ҳисоб мераванд.

Муносибатҳои ҳуқуқии иҷтимоӣ-шарикӣ бо тартиби муқарраршуда бороҳи ворид намудани иловаҳо ба шартномаҳои коллективӣ ва созишномаҳо тағйир ёфта, бо бекор намудани онҳо ё қабул намудани шартномаю созишномаҳои нав қатъ мегарданд.

Муносибатҳои мазкур ҳамрадифи муносибатҳои ҳуқуқии меҳнатӣ маҳсуб мешаванд.

3) Муносибатҳои ҳуқуқӣ оид ба мусоидат ба шуғлмандӣ ва бокортаъминкунии шахрвандон.Муносибатҳои мазкур қабл аз муносибатҳои ҳуқуқии меҳнатӣ ба вуҷуд омада, аз се гурӯҳи муносибатҳои ба ҳам алоқаманд иборатанд:

а) муносибатҳои ҳуқуқии байни мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ ва шахрванди ҷиҳати дарёфти кор ба ин мақомот муроҷиат намуда;

б) муносибатҳои ҳуқуқии байни мақомоти шуғли аҳолӣ ва корфармо;

в) муносибати байни шахрванд ва корфармое (ташкилоте), ки шахрванд ба он ҷо дар асоси роҳхати мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ ба кор фиристонида шудааст.

Ба сифати асосӣ ба вуҷуд омадани муносибати ҳуқуқии байни мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ ва шахрванди дар ҷустуҷӯи кор манфиатдор, чунин амали ҳуқуқӣ, аз қабили муроҷиати шахрванд ба мақомоти зикршуда маҳсуб мешавад.

Мақомоти шуғли аҳолӣ ҳамчун мақомоти анҷомдиҳандаи вазифаи миёнҷигарӣ ҷиҳати бокортаъминкунӣ ӯҳдадор аст, ариза ва дигар асноди дахлдори пешниҳоднамудаи шахрвандро қабул намуда, ӯро ба ҳайси шахси бекор ба қайд гирифта, тамоми чораҳоро баҳри дарёфти кори муносиб ва назди корфармои мушаххас фиристонидани шаҳрванди бекор анҷом диҳад. Дар сурати набудани кори муносиб, мақомоти давлатии мусоидат ба шуғли аҳолӣ чораҳои зарурӣ ҷиҳати омодасозӣ, бозомодасозии касбӣ ва такмили ихтисоси шаҳрванди бекорро бо пардохти идрор бояд андешад.

Дар доираи муносибатҳо оид ба мусоидат ба шуғлмандии аҳолӣ ва бокортаъминкунии шахрвандон, инчунин муносибати ҳуқуқии байни мақомоти давлатии мусоидат ба шуғли аҳолӣ ва корфармои мушаххас ҷой дорад, ки асоси ба вуҷуд омадани онро санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, бахусус Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ» ташкил медиҳанд[1]. Тибқи муқаррароти Қонуни мазкур, корфармоён ҳуқуқи ба таври ройгон аз мақомоти давлатии мусоидат ба шуғли аҳолӣ дастрас намудани иттилоотро дар хусуси вазъи бозори меҳнат (қувваи корӣ) доро мебошанд.

Аз таҳлилу баррасии мазмун ва муҳтавои мафҳум, намудҳо ва хусусияти муносибатҳои меҳнатӣ ва дигар муносибатҳои ба онҳо алоқаманд, чунин хулоса бармеояд:

1. Муайян гардид, ки муносибатҳои меҳнатӣ аз зумраи он муносибатҳое мебошанд, ки барои ҷомеа дар кул ва барои иштирокчиён дар ҷузъ нақши ҳаётан муҳим доранд. Исбот гардид, ки ҷиҳати танзими босамари муносибатҳои меҳнатӣ ва дигар муносибатҳои ба онҳо алоқаманд, мавҷудияти механизми мукаммал ва инкишофёфтаи танзими ҳуқуқӣ зарур аст. Механизми феълан ҷойдоштаи танзими ҳуқуқии муносибатҳои ба онҳо алоқаманд ҳануз ба сифати мукаммал инкишоф наёфтааст.

2. Таҳлилҳои анҷомдода нишон медиҳанд, ки муносибатҳои меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти таъсири равандҳои иҷтимоӣ ва талаботҳои замони муосир, аз ҷумла рушди шаклҳои фосилавӣ ва чандирии меҳнат, қарор доранд. Ин омилҳо зарурати такмил додани танзими қонунгузорӣ ва ҳамоҳангсозии он бо меъёрҳои байналмилалӣ, аз ҷумла конвенсияҳои Ташкилоти байналмилалии меҳнатро (минбаъд ТБМ) тақозо мекунанд.

[1] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ” аз 1-уми августи с. 2003, № 44 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2003, № 8, мод. 467; с. 2005, № 12, мод. 650; с. 2007, № 7, мод. 687; с. 2008, № 12, қ. 2, мод. 1006; с. 2011, № 6, мод. 437. Қ ҶТ аз 17.05.2018 с., № 1526; аз 25.06.2021 с., № 1789.

3. Дар Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳум ва аломатҳои муносибатҳои меҳнатӣ бояд мушаххас карда шаванд ва онҳоро дар моддаи алоҳидаи қисми умумии Кодекс ба қайд гирифтан лозим аст, то муносибатҳои меҳнатӣ ва шартномаҳои маданӣ-ҳуқуқӣ барои иҷрои кор ва хизматрасониҳо возеҳ ҷудо шаванд. Ба назари мо ба КМ ҶТ илова намудани модди алоҳида доир ба муносибатҳои меҳнатӣ дар таҳрири зайл зарур аст: Ба Кодекс моддаи 14 (1) дар таҳрири зайл илова карда шавад:

“Моддаи 14 (1). Муносибатҳои меҳнатӣ

Муносибатҳои меҳнатӣ - ин муносибатҳои ҳуқуқие мебошанд, ки бар асоси созишномаи байни корманд ва корфармо, оиди аз ҷониби корманд шахсан ва бар ивази музди муайян иҷро намудани вазифаи меҳнатӣ (кори мушаххас тибқи вазифа мувофиқи ҷадвали воҳидҳои корӣ, аз рӯи касб, ихтисос бо нишон додани дараҷаи тахассус, навъи мушаххаси коре, ки ба корманд вогузор мегардад) ба манфиати корфармо ба миён омада, бо итоат намудани корманд ба қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатии корфармо, дар шароити аз ҷониби корфармо таъмин намудани шароити меҳнат тибқи шартҳои муқаррароти қонунгузории меҳнат ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии дорои меъёрҳои ҳуқуқи меҳнат, шартномаи коллективӣ, созишномаҳо, санадҳои меъёрии локалӣ ва шартномаи меҳнатӣ, зоҳир мегарданд”.

4. Ба қонунгузории меҳнати ҶТ илова намудани меъёрҳое зарур аст, ки намудҳои нави муносибатҳои меҳнатӣ, аз ҷумла муносибатҳои меҳнатӣ дар шуғли фосилавӣ ва чандириро бо нигоҳ доштани кафолатҳои асосии меҳнати кормандон танзим намоянд.

5. Номгӯйи муносибатҳои дигар, ки бо муносибатҳои меҳнатӣ алоқаманданд (бокортаъминсозӣ, омӯзиши касбӣ ва бозомӯзӣ, шарикии иҷтимоӣ, ҳифзи меҳнат ва ҷавобгарӣ), бояд дар сатҳи қонунӣ мушаххас карда шаванд.

ТДУ 349.414

НАҚШИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ТАНЗИМИ МУНОСИБАТҲОИ ВОБАСТА БА ЗАМИН

РОЛЬ ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН В РЕГУЛИРОВАНИИ ЗЕМЕЛЬНЫХ ОТНОШЕНИЙ

ИДИБОЙЗОДА ДИЛМУРОД ИДИБОЙ
Сардори кафедраи омодагии касбӣ ва ҷисмонии факултети № 4-уми Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, подполковники милитсия / Начальник кафедры профессиональной и физической подготовки факультета № 4 Академии МВД Республики Таджикистан, подполковник милиции
E-mail: orzuzodahabib395@gmail.com

САЙФИДДИНЗОДА СУЛТОНХОН АҲРУЛЛО
Омӯзгори калони кафедраи омодагии касбӣ ва ҷисмонии факултети № 4-уми Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, майори милитсия / Старший преподаватель кафедры профессиональной и физической подготовки факультета № 4 Академии МВД Республики Таджикистан, майор милиции
E-mail: orzuzodahabib395@gmail.com

Мафҳуми манбаи ҳуқуқ ду ҳазор сол пеш пайдо шудааст. Ин иборараро бори нахуст Тит Ливий зимни тавсифи қонуни 12 ҷадвал ҳамчун «fonsomnispu bliciprivatigueiuris», яъне, ҳамчун сарчашмаи тамоми ҳуқуқи оммавӣ ва хусусии римӣ истифода намудааст[1].

Баъзан мафҳуми манбаи ҳуқуқ ба маънои манбаи меъёрҳои ҳуқуқӣ, яъне мазмуни ҳуқуқ истифода мегардад. Ба ин маъно мафҳуми зикршуда шароити моддии инкишофи ҷамъият мазмуни ҳуқуқеро мефаҳмонад, ки муносибатҳои ҷамъиятиро танзим месозад.

[1] Крассов, О.И. Земельное право: учебник / О.И. Крассов. 4-е изд.,- перераб. и доп. – М.: Норма: ИНФРА-М, 2013. – С. 78-79.

Манбаи ҳуқуқ дар илми ҳуқуқшиносӣ масъалаи баҳснок мебошад, бинобар ҳамин, манбаи ҳуқуқро олимони соҳа гуногун маънидод намудаанд (ба таври муфассал дар кишвар, татқиқотро дар ин самт Камолов И.И. анҷом додааст[1]).

Ба ақидаи Студеникина М.С. бошад, дар зери мафҳуми “манбаи ҳуқуқ” шаклҳои ҳуқуқ табдил додани идора амебошад[2].

Пучков А.О. бошад андешаи онро дорад, ки манбаи ҳуқуқро ҳокимияти давлатӣ ташкил месозад[3].

Олимони ватании дигар манбаи ҳуқуқро гуногун шарҳ доданд. Аз ҷумла, ба ақидаи Менглиев Ш.М., манбаи ҳуқуқ ин – «Шакли ифоданамоии идораи давлатро дар қонунҳо меноманд». Шарофзода Р.Ш. бошад, манбаи ҳуқуқро ҳамчун «шаклҳои ифодаи ҳуқуқи амалкунанда медонад»[4] медонад.

Қонунгузории замин бахусус коркард ва қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар ин соҳа, пеш аз ҳама, муайян кардани мафҳуми қонунгузорӣ аз лиҳози назариявӣ-ҳуқуқӣ ва илмӣ-ҳуқуқӣ муҳим буда, минбаъд дар доираи он мафҳуми қонунгузории замин ва моҳияти он ошкор хоҳад гашт. Дар адабиёти ҳуқукии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти мафҳуми “қонунгузорӣ” ба маънои маҳдуд, чун низоми қонунҳо ва ба маънои васеъ низоми ҳам қонунҳо ва ҳам санадҳои меъёрии зерқонунӣ, аз чумла санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, фаҳмида мешавад[5]. Аз ҷониби дигар, инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки оид ба мафҳуми қонунгузорӣ мавқеи ягона вуҷуд надорад.

Аз ин ҷо, дигар санадҳои умумиҳатмӣ (фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғайраҳо) ва санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон санадҳои қонунгузорӣ, эътироф карда намешаванд. Ба ақидаи Раҳимов М.З., «ҳангоме ки ҷараёни инкишофёбии қонунгузории Тоҷикистон тамоюл ба фаҳмиши васеи қонунгузориро дорад, дар як санади меъёрии ҳуқуқӣ, яъне Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар барои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», нигоҳ доштани мафҳуми маҳдуд санади қонунгузорӣ, ки моҳиятан дар дигар қонунҳо истифода бурда намешавад ва фаҳмиши маънои қонунгузориро душворфаҳм менамояд, зарур нест»[6].

Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи замин – тамоми низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки дар моддаи 7 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» пешбинӣ кардааст, дар назар дорад[7].

Баъд аз соҳибистиқлол гардидан Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаҳои нави танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ ба вуҷуд омада, яке аз воситаҳои асосии танзимкунандаи ин муносибатҳо маҳз тавассути санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мебошанд.

Ҳамин тариқ, масъалаи коркард ва қабули Конститутсияи нави ватанамон ба миён омад[8], ки барои ба танзимдарории муносибатҳои ҷамъиятӣ бахсус заминистифодбарӣ аҳамияти калон паёдо намуд. Риоя ва иҷро намудани қонунгузории замин худ аз талаботи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон манбаи асосӣ барои рушди қонунгузории тамоми соҳаҳои ҳуқуқ аз ҷумла қонунгузории замин маҳсуб меёбад. Таҳлилҳои васеи адабиёти ҳуқуқии соҳа ифодаи он аст, ки дар бештар Конститутсияҳои кишварҳо меъёрҳои умумӣ ва махсус оид

---

[1] Камолов, И.И. Система нормативных правовых актов Республики Таджикистан: монография / И.И. Камолов. – Душанбе, «Андалеб-Р», 2015.

[2] Студеникина, М.С. Источники права / М.С. Студеникина // Общая теория права. - М., 1997. - С. 164.

[3] Пучков, А.О. Формы (источники) права. Правотворечество / А.О. Пучков // Теория государства и права. - 1999. - С. 287.

[4] Сотиволдиев, Р.Ш. Проблемаи назарияи давлат ва ҳуқуқ: китоби дарсӣ. Ҷилди 2. - Душанбе: 2010.-С. 342.

[5] Ҳуқуқи граждани. Қисми 1 / Зери таҳрири Усмонов О.У. - Душанбе, 2001. - С. 31-32.

[6] Раҳимов, М.З. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони истиқлолият: инкишоф ва проблемаҳо / М.З. Раҳимов // Инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони истиқлолият: маводҳои конфронсияи илмӣ-амалӣ бахшида ба 20-умин солгарди Истиқлолияти давлатии ҶумҳурииТоҷикистон, 26-29 августи соли 2011 / Зери таҳрири Раҳимов М.Р. - Душанбе: «Эр-граф». 2011. - С. 20.

[7] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ” аз 30-юми майи с. 2017, № 1414 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2017, № 5, қ. 1, мод. 271 (Қонуни ҶТ аз 19.07.2019 № 1632, аз 23.12.2021 № 1820, аз 03.01.2024 № 2024.

[8] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 6-уми ноябри соли 1994 дар раъйпурсии умумихалқӣ қабул карда шуд (26-уми сентябри с. 1999, 22-юми июни с. 2003 ва 22-юми майи с. 2016 бо тариқи раъйпурсии умумихалқӣ ба он тайғиру иловаҳо ворид карда шудаанд) // [Манбаи электронӣ]. Реҷаи воридшавӣ: https://mmk.tj/content/

ба қ̧онунгузории замин (заминистифодабарӣ) пешбини есозад. Ба ақидаи Быстров Г.Е.[1] меъёрҳои Конститутсия, дар танзими муносибатҳои замин меъёрҳои фундаменталӣ буда, моддаҳои Конститутсия, ба таври бевосита ва ё бавосита ба ин масъала пешбинӣ гардидааст, ки минбаъд ба қабули қонунҳои соҳаи замин замина гузоштааст ва ба рушди қонунгузории замин мусоидат гардидааст.

Аз ҷумла, моддаи 12 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ менамояд, ки давлат фаъолияти озоди иқтисодӣ, соҳибкорӣ, баробарҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳамаи шаклҳои моликиятро кафолат медиҳад. Аз ин мафҳум бармеояд, ки хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ), ки ҳамчун субъекти фаъолияти соҳибкорӣ, вуҷуд доштан ва рушди соҳибкорӣ дар ин соҳа бе танзими муносибатҳои заминистифодабарӣ ғайри имкон мебошад. Асоси чунин фаъолият ба замин алоқамандии зич дорад. Таъсиси хоҷагии деҳқонӣ бо гирифтани қитъаи замин зич алоқамнд аст. Бидуни ҷудо намудани қитъаи замин, қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бақайдгирии хоҷагии деҳқониро ғайриимкон мешуморанд[2].

Бояд иброз намуд, ки яке аз муносибатҳои ҳуқуқии заминро муносибатҳои иқтисодӣ оид ба замин ташкил медиҳад[3], аз қабили андоз. Дигар намуди пардохтҳо (пардохти иҷораи замин) арзиши замин, ҷуброни зарар, боҷҳо, ташкили бозори ҳуқуқи истифодабарии қитъаи замин худ аз фаъолияти озоди иқтисодӣ, ки дар қонунгузории замин мустаҳкам шудааст, аз талаботи ҳамин модда сарчашма мегирад

Мавриди зикр аст, ки асосҳои рушди қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба замин аз Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз мегардад, зеро таҳлили моддаҳои алоҳида ифодаи гуфтаҳои боло буда зарурат ба қабули як қатор қонунҳои соҳаи замин гардидааст. Аз ҷумла, Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи заминсозӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳои замин», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ислоҳоти замин», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хоҷагии ёрирасони шахсӣ»[4] инчунин, мусоидат ба қабули дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа гардааст.

Дар соҳаи замин чунин қонунҳои мукаммал қабул гардидаанд:

– Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи иҷора дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 16-уми декабри с. 1990, № 184;

– Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ислоҳоти замин” аз 05-уми марти с. 1992, № 594;

– Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи баҳои замин” аз 12-уми майи с. 2001, № 18;

– Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими давлатии ҳосилхезгардонии заминҳои таъиноти кишоварзӣ” аз 15-уми июли с. 2004, № 56;

– Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи гиодезия ва харитасозӣ” аз 03-юми марти с. 2006, № 172.

– Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҷавобгарӣ барои поймол намудани киштзор, зарар расонидан ба зироатҳои кишоварзӣ, тутизор ва дигар дарахту буттазор” аз 15-уми марти с. 2007, № 240;

– Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи заминсоӣ” аз 05-уми январи с. 2008, № 356;

– Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ипотека” 12-уми марти с. 2008, № 364;

– Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи бақайдгирии давлатии молу мулкии ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он” аз 20-уми марти с. 2008, № 375;

– Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳифзи хок” аз 16-уми октябри с. 2009, № 555;

– Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)” аз 15-уми марти с. 2016, № 1289;

---

[1] Земельное право: учебник / Под. ред. Г.Е. Быстрова, Р.К. Гусева, А.В. Бабанов (и др.). – М.: ТК Велби, изд-во Проспект, 2006. - С. 27-28.

[2] Исмоилов, Ш.М., Шонасридинов, Н., Нодиров, Ф.М. Сельскохозяйственное право: учебник. -Душанбе: Изд-во «Қонуният»: 2000. - С. 123.

[3] Земельное право: учебник / Под. ред. Г.Е. Быстрова, Р.К. Гусева, А.В. Бабанов (и др.). – М.: ТК Велби, Изд-во проспект, 2006. -712 с.

[4] Свод законов и другие нормативно-правовые акты о земеле. – Душанбе, 2012.

– Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи хоҷагии ёрирасони шахсӣ” аз 19-уми июли с. 2022, № 1891.

Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 боб, 105 модда иборат аст[1]. Кодекси мазкур дар таърихи давлати Тоҷикистон соҳибистиқлол, аз нигоҳи таърихи давлатдории тоҷикон дар асри XX кодекси дуюм аст, зеро то қабули он дар Тоҷикистон як Кодекси замини (Шуравӣ) дигар низ қабул шуда, мавриди амал қарор дошт. Вале дар таърихи давлатдории тоҷикон бошад якчанд кодексҳои замин амал кардааст.

Дар танзими муносибатҳои соҳаи замин нақши санадҳои зерқонунӣ назаррас аст. Санадҳои меъёрии зерқонунӣ ба низоми умумии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки болотар зикр гардид, дохил мешаванд. Дар фаъолияти заминистифодабарӣ як санадҳои зерқонунӣ амал мекунанд:

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои қонунгузорӣ дар доираи салоҳияти худ фармон ебарорад ва амр медиҳад.

Санади меъёрии ҳуқуқии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли фармон бароварда мешавад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асос ва барои иҷрои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар санадҳои қонунгузорӣ ва фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор ва фармоиш қабул мекунад.

Санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда мешаванд.

УДК 531.811

ПРАВОВОЕ РЕГУЛИРОВАНИЕ И БЕЗОПАСНОСТЬ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ СРЕДСТВ ИНДИВИДУАЛЬНОЙ МОБИЛЬНОСТИ В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ УРБАНИЗАЦИИ

ТАНЗИМИ ҲУҚУҚӢ ВА БЕХАТАРИИ ИСТИФОДАИ ВОСИТАҲОИ ҲАРАКАТИ ШАХСӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИРИ ШАҲРШАВӢ

ИККЕРТ АНДРЕЙ ВИКТОРОВИЧ
Старший преподаватель кафедры административного права и административной деятельности ОВД Сибирского юридического института МВД России, подполковник полиции / Омӯзгори калони кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва фаъолияти маъмурии МКД Донишкадаи ҳуқуқшиносии Сибирии ВКД Россия, подполковники политсия
E-mail: a9080188772@yandex.ru

С каждым годом в России стабильно растет количество дорожно-транспортных происшествий (далее – ДТП) с участием средств индивидуальной мобильности (далее – СИМ).

Согласно информационно-аналитическому отчету Научного центра безопасности дорожного движения МВД, за девять месяцев 2024 года в России произошло 3,89 тысяч ДТП с участием СИМ – на 47,2% больше, чем за аналогичный период прошлого года. Таким образом, темпы прироста аварийности в этом сегменте заметно снизились: за аналогичный период 2022 года аварийность выросла вдвое, 2023 года – более чем в три раза, 2024 года – также более чем в три раза (см. рис. 1)[2].

[1] Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13-уми декабри с. 1996, № 326 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1996, № 23, мод. 351; с. 1997, № 23-24, мод. 333, фасли IV; с. 1999, № 5, мод. 59; с. 2001, № 4, мод.176; с. 2004, № 2, мод. 55, № 3, мод. 190; с. 2006, № 7, мод. 347; с. 2008, № 1, к. 2, мод. 22, № 6, мод. 463; с. 2011, № 3, мод. 171; с. 2012, № 4, мод. 269; № 8, мод. 828 (Қонуни ҶТ аз 28.07.2006 № 199, аз 5.01.2008 № 357, 18.06.2008 № 405, аз 25.03.2011 № 704, аз 16.04.2012 № 819, аз 1.08.2012 № 891, аз 14.11.2016 № 1363, аз 23.12.2021 № 1823, №1824, № 1825, аз 19.07.2022 № 1902, аз 22.06.2023 № 1974.

[2] Дорожно-транспортная аварийность в Российской Федерации за 9 месяцев 2024 года: информационно-аналитический обзор. – М.: ФКУ «НЦ БДД МВД России», 2024. – 41 с.



Рис. 1 – Динамика основных показателей аварийности с участием СИМ за период с 2018-2024 гг.

За 9 месяцев 2025 года зарегистрировано 2 959 (-24,1% по сравнению с 2024 годом) ДТП с участием лиц, использующих для передвижения СИМ, в которых погибли 54 (+22,7% к значению 2024 года) человека, в том числе 5 детей в возрасте до 16 лет. Ранения получили 3 062 (-24,4% к значению 2024 года) человек, в числе которых 956 детей в возрасте до 16 лет[1].

Большинство ДТП с участием СИМ (99%) происходит в населенных пунктах, поскольку это преимущественно городской способ передвижения.

Пользователи СИМ чаще всего попадают в ДТП на пересекаемых проезжих частях, таких как выезды с прилегающих территорий, перекрестках и пешеходных переходах. В половине случаев причиной ДТП является внезапное появление на дороге и малая заметность в потоке транспорта. Наиболее распространенными причинами ДТП с участием СИМ являются движение по проезжей части, неподчинение сигналам регулирования и пересечение дороги вне пешеходного перехода, а также игнорирование требования спешиться при пересечении пешеходного перехода[2].

В 94% случаев ДТП с электросамокатами произошли вследствие наезда на пешехода на перекрестках и пешеходных переходах[3]. По оценкам экспертов, чаще всего в ДТП попадают частные СИМ.

В условиях ускоренной урбанизации и обострения экологических вызовов, средства индивидуальной мобильности становятся неотъемлемой частью городской жизни. Эти транспортные средства обладают рядом преимуществ, включая удобство использования, экологичность, сокращение затрат и внедрение инновационных технологий[4].

Важно отметить, что с внедрением новых технологий в повседневную жизнь появляется необходимость в комплексном регулировании вопросов безопасности. В российском законодательстве уже предусмотрены соответствующие нормы, что подчеркивает важность установления правового баланса между частными и публичными интересами. Таким образом, правовое регулирование средств индивидуальной мобильности, таких как электросамокаты, играет ключевую роль в реализации устойчивого и безопасного городского развития, интегрируя инновации в рамках законодательных инициатив.

Вопрос снижения уровня дорожно-транспортных происшествий с участием СИМ требует применения комплексных мер, выходящих за рамки простого законодательного регулирования. Эффективное решение проблемы должно включать введение медленных зон на наиболее оживленных городских участках, где максимальная скорость движения ограничена диапазоном от 5 до 15 км/ч.

[1] Дорожно-транспортная аварийность в Российской Федерации за 9 месяцев 2025 года: информационно-аналитический обзор. – М.: ФКУ «НЦ БДД МВД России», 2025. – 37 с.

[2] Электросамокаты и ДТП. В МВД рассказали, кто и где чаще попадает в аварии на СИМ // [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://www.fontanka.ru/2023/04/06/72197696/?ysclid=lgw5unq4nq163281195 (дата обращения 10.11.25)

[3] Одной из главных причин аварий с электросамокатами стали неровные дороги // [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://aif.ru/incidents/odnoy_iz_glavnyh_prichin_avariy_s_elektrosamokatami_stali_nerovnye_dorogi?ysclid=lgw5cqwd5t379484992 (дата обращения 10.11.25)

[4] Штырхунова, Н.А. Проблемы безопасности дорожного движения при использовании средств индивидуальной мобильности в России / Н.А. Штырхунова // Гуманитарные, социально-экономические и общественные науки. - 2024. - № 6. - С. 111-115.

Примером служит использование технологии Geofencing в Москве для адаптации скорости к конкретным координатам[1].

Важным элементом является также разработка образовательных программ для школьников, включающих интерактивные тренажеры и квесты. Дополнительно кикшеринговыми компаниями могут быть внедрены системы, отслеживающие количество пассажиров на самокатах, что позволяет оперативно уведомлять пользователей и применять штрафные меры за нарушения, вплоть до блокировки аккаунтов.

Таким образом, возникает необходимость принятия и разработки комплекса административных мер по поддержанию и усовершенствованию функционирования данных правоотношений. Следует отметить, что согласно внесенными 1 марта 2023 года в Правила Дорожного Движения (далее – ПДД) изменениям, под СИМ принято считать «средство, имеющее одно или несколько колес (роликов), предназначенное для индивидуального передвижения человека посредством использования двигателя (электросамокаты, электроскейтборды, гироскутеры, сигвеи, моноколеса и иные аналогичные средства)»[2].

В соответствии с этим, целесообразно внесение определенных дополнений и разъяснений, как в ПДД, так и в иные нормативные правовые акты, а в частности в Кодекс Российской Федерации об административных правонарушениях (далее – КоАП РФ), так как в последнее время участились случаи грубых нарушений безопасности на дорогах.

Самым распространенным примером игнорирования норм ПДД в области использования СИМ является превышение допустимой скорости на отдельных участках дороги, что в результате приводит к увеличению случаев травматизма, в первую очередь, самих водителей СИМ, а также граждан, ставшими участниками дорожного движения в данный период времени. Не менее значимым видом инцидентов, совершаемых в результате использования мобильных транспортных средств является столкновение водителя автомобиля с владельцем или арендатором электросамоката. В связи с тем, что дорожки физически не ограждены от пешеходных проходов, самокатчики выезжают на пешеходные зоны, что приводит к травмированию пешеходов. Следовательно, вопрос, касающийся правового регулирования использования СИМ, в результате участившихся случаев несоблюдения безопасности на дорогах нашей страны, является весьма актуальным, что и подтверждает ряд законодательных норм, принятых в последний период времени.

В октябре 2022 года с целью решения проблемы эксплуатации данных средств передвижения Правительство РФ ввело в действие значительное число изменений, часть из которых перечислены ниже. Так, в правилах дорожного движения для электрических средств индивидуального передвижения СИМ (средство индивидуальной мобильности) ввели изменения, которые вступили в силу с марта 2023 года[3]:

– в правилах дорожного движения (ПДД) нашей страны СИМ выделены в отдельную категорию средств индивидуального передвижения;

– ограниченно разрешено движение по тротуарам и велосипедным дорожкам;

– установлена максимально возможная скорость перемещения СИМ, которая не должна превышать 25 км/ч;

– СИМ весом не более 35 кг могут использоваться для передвижения совместно с людьми в пешеходных зонах; передвижение пешеходов получает приоритетное преимущество перед СИМ;

– электросамокаты не относятся к категории мопедов, не подлежат техническому регламенту и не требуют лицензии;

– использование СИМ разрешено не более одним человеком на одно устройство.

– выезд на автомагистрали, на проезжую часть со скоростным режимом более 60 км/ч и буксировка запрещаются.

За нарушение указанных правил лицам, управляющим самокатами, будет грозить ответственность по ст. 12.29 (Нарушение Правил дорожного движения пешеходом или иным лицом, участвую-

[1] Там же.
[2] Постановление Правительства Российской Федерации «О внесении изменений в некоторые акты Правительства Российской Федерации и признании утратившими силу некоторых актов Правительства Российской Федерации и отдельных положений некоторых актов Правительства Российской Федерации» от 06 октября 2022 г., № 1769-ФЗ // Собрание законодательства Российской Федерации. 2022. № 41. Ст. 7100.
[3] Штырхунова, Н.А. Указ. раб.

щим в процессе дорожного движения) и ст. 12.30 Кодекса Российской Федерации об административных правонарушениях (Нарушение Правил дорожного движения пешеходом или иным участником дорожного движения, повлекшее создание помех в движении транспортных средств либо причинение легкого или средней тяжести вреда здоровью потерпевшего). Размер штрафа по этим статьям составляет от 800 до 1500 рублей[1].

Введенные в действия изменения, необходимы для решения возникающих конфликтных ситуаций при передвижении по маршрутам следования. С момента утверждения поправок люди, использующие СИМ, не будут считаться пешеходами, водителями скутеров и т.п., так как их права и обязанности закреплены в ПДД как пользователей самостоятельного вида транспортных средств.

Введенные требования идентичны с правилами пользования кикшерингов, но также распространяются на частные самокаты, что должно понизить количество случаев аварий на дорогах и пешеходных зонах[2].

Безопасность поездок на СИМ в РФ закреплена не только в ПДД РФ, но и на нормативном уровне. Так, с 1 февраля 2023 года вступил в силу ГОСТ на электросамокаты и моноколеса, носящий только рекомендательный характер для производителей устройств передвижения. Принятый новый нормативный документ ГОСТ Р 70514-2022[3] применим для безопасной эксплуатации пользователей и владельцев средств индивидуальной мобильности с учетом технических свойств и эксплуатационных характеристик устройств.

Потенциальные возможности рынка СИМ еще не исчерпаны, и фирмы активно привлекают денежные средства из различных финансовых и инвестиционных источников для увеличения своего парка, а также его расширения в этом и последующих годах[4].

Как показывает практика, вступающие в силу изменения в ПДД РФ не в полной мере решают проблему снижения уровня ДТП с участием новых видов транспортных средств.

Например, остаются вопросы с квалификацией нарушений, допущенных водителями электросамокатов, повлекших последствия, предусмотренные ст. 264 Уголовного кодекса Российской Федерации (далее – УК РФ)[5].

Указанные транспортные средства не могут рассматриваться как предмет преступления, предусмотренного ст. 264 УК РФ. В новой редакции ПДД РФ механическое транспортное средство определяется как транспортное средство, приводимое в движение двигателем. При этом указывается, что термин распространяется также на любые тракторы и самоходные машины, но не распространяется на СИМ и велосипеды.

Данный подход вызывает определенные сомнения с учетом значительной мощности, скоростных возможностей и серьезной опасности для жизни и здоровья окружающих и водителей этих средств передвижения[6].

Остается неопределенным вопрос о том, по какой статье УК РФ будут квалифицироваться действия новых участников движения СИМ – 264 или 268. Кроме того, особую тревогу вызывает тот факт, что СИМ несут реальную угрозу безопасности дорожного движения, а ДТП с их участием имеют тяжелые последствия для здоровья граждан, что обуславливает необходимость их правового регулирования, в том числе в уголовно-правовом поле.

Появление новых видов средств передвижения влечет законодательные изменения в данной области, которые, в свою очередь, влияют на правоприменение уголовно-правовой нормы и побуждают к внесению дальнейших корректировок[1].

---

[1] Кодекс Российской Федерации об административных правонарушениях от 30 декабря 2001 г., № 195-ФЗ (ред. от 27.10.2025 // [Электронный ресурс]. Доступ из справ.-правовой системы «КонсультантПлюс».

[2] В России предложили регистрировать электросамокаты в ГИБДД // [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://www.gazeta.ru/ auto/news/2023/09/05/21222956.shtml (дата обращения 10.11.25).

[3] ГОСТР 70514-2022. Электрические средства индивидуальной мобильности. – М. Российский институт стандартизации 2022. – 50 с.

[4] Электросамокат «в законе» // [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://rg.ru/2023/02/20/elektrosamokat-v-zakone.html (дата обращения 10.11.25).

[5] Уголовный кодекс Российской Федерации от 13 июня 1996 г., № 63-ФЗ (ред. от 28.12.2024) (с изм. и доп., вступ. в силу с 08.01.2025) // [Электронный ресурс]. Доступ из справ.-правовой системы «КонсультантПлюс».

[6] Чупрова, А.Ю. Новое в законодательстве о безопасности дорожного движения: криминологический аспект / А.Ю. Чупрова // Юридическая техника. - 2023. - № 17. - С. 487-490.

Разноплановость технических и эксплуатационных характеристик СИМ является одной из причин, затрудняющих определение их правового статуса, в связи с чем первоочередную важность приобретает их классификация.

Следует отметить, что даже в случае упорядочивания движения СИМ с помощью ПДД РФ данные транспортные средства весьма затруднительно органично встроить в процесс дорожного движения, не ущемляя права иных его участников и обеспечивая должный уровень безопасности.

Широкое использование СИМ требует разработки не только правовых норм в области их эксплуатации, но и новых моделей развития городской инфраструктуры в целом и улично-дорожной сети в частности. Тем не менее, правовая регламентация статуса СИМ и управляющих ими лиц является важным шагом на пути к снижению аварийности с их участием и должна быть осуществлена в кратчайшие сроки[2].

Еще одна проблема, которая требует решения, – обучение пользователей СИМ управлению ими и правилам дорожного движения. В данной ситуации необходимо внесение соответствующих поправок в ПДД РФ, регулирующих правила управления СИМ.

В дальнейшем следует совершенствовать правоприменение, правовые нормы, развивать инфраструктуру для пользователей СИМ.

ТДУ 349.243

МАФҲУМ ВА МАВҚЕИ СТАНДАРТҲОИ БЕХАТАРӢ ВА ГИГИЕНАИ МЕҲНАТ ДАР НИЗОМИ ҲУҚУҚИ МЕҲНАТИ ТОҶИКИСТОН

ПОНЯТИЕ И МЕСТО СТАНДАРТОВ БЕЗОПАСНОСТИ И ГИГИЕНЫ ТРУДА В СИСТЕМЕ ТРУДОВОГО ПРАВА ТАДЖИКИСТАНА

ИСОЕВ АБДУҚАЮМ ҚАЛАНДАРОВИЧ
Унвонҷӯи Пажӯҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Соискатель Научно-исследовательского института труда, миграции и занятости населения Министерства труда, миграции и занятости населения Республики Таджикистан
E-mail: Abdugaym3079@mail.ru

Яке аз ҳуқуқҳои асосии ҳар як шаҳрванд ҳуқуқ ба меҳнат ба ҳисоб меравад, машғул шудан ба фаъолияти меҳнати шарти муҳимми амалӣ намудани ҳуқуқи ҳар як шаҳрванд ба меҳнат мебошад.

Бехатарӣ ва ҳифзи меҳнат як низоми ҳифзи ҳаёт ва саломатии коргарон ҳангоми фаъолияти меҳнатӣ мебошад, ки чорабиниҳои ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ташкилӣ, техникӣ, санитарӣ-гигиенӣ, тиббӣ, пешгирикунанда, барқарорсозӣ ва дигар чорабиниҳоеро дар бар мегирад, ки механизми амалӣ кардани ҳуқуқи конститутсионии шаҳрвандон ба меҳнат буда, тибқи моддаи 35 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, "ҳар кас ба меҳнат, интихоби касбу кор, ҳифзи меҳнати ва ҳимояи иҷтимои ҳангоми бекори ҳуқуқ дорад"[3], инчунин, тибқи талаботи м. 331 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – КМ ҶТ) "корфармо уҳдадор аст, ки дар тамоми ташкилотҳо, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ шароити меҳнатии ба талаботи бехатарӣ ва санитарию гигиенӣ ҷавобгӯро муҳайё намояд"[4].

---

[1] Эрте, Д.А. Транспортное средство как предмет преступления, предусмотренного ст. 264 УК РФ / Д.А. Эрте // Правоохранительная деятельность органов внутренних дел в контексте современных научных исследований: материалы всероссийской научно-практической конференции адъюнктов, аспирантов и соискателей. – СПб., 2022. - С. 391-396.

[2] Майоров, В.И. Проблемы совершенствования законодательства, регулирующего статус участников дорожного движения, использующих средства индивидуальной мобильности / В.И. Майоров // Вестник Восточно-Сибирского института МВД России. - 2022. - № 4(103). - С. 69-77.

[3] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 6-уми ноябри соли 1994 дар раъйпурсии умумихалқӣ қабул карда шуд (26-уми сентябри с. 1999, 22-юми июни с. 2003 ва 22-юми майи с. 2016 бо тариқи раъйпурсии умумихалқӣ ба он тайғиру иловаҳо ворид карда шудаанд). – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 134 с.

[4] Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23-юми июли с. 2016, № 1329 (Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19.07.2022, № 1897; аз 20.06.2024, № 2054).

Гузариш ба иқтисоди бозори боиси дигаргуниҳои ҷидди дар соҳаи муносибатҳои меҳнатии ба предмети ҳуқуқи меҳнати тааллуқдошта ва дигар муносибатҳои ба онҳо алоқаманд, сарчашмаҳои батанзимдарори ва принсипҳои ҳуқуқи меҳнати гардид. Дар ин давра моҳият ва мазмуни муносибатҳои меҳнати ва муносибатҳои ба он алоқаманд ба таври кулли дигаргун гашта, механизми ҳуқуқи ва принсипҳои батанзимдарории онҳо ба он мутобиқ гардонида мешаванд.

Ҳуқуқи меҳнати ҳамчун соҳаи мустақили ҳуқуқ муносибатҳои ҷамъиятиеро, ки дар шароити бозори меҳнат ба миён меоянд, тарзи ташкил ва татбиқи меҳнати кирояро муайян менамоянд, ба танзим медарорад.

Ҳамин тавр, ҳуқуқи меҳнати муносибатҳои меҳнатиеро ба танзим медарорад, ки дорои аломатҳои зерин мебошанд:

– онҳо ба созиши байни корманд ва корфармо асос меёбанд;

– мазмуни чунин созишро шахсан ва дар асоси музд иҷро намудани функсияи меҳнати, яъне кор, дар асоси касб, ихтисос ва вазифа ташкил медиҳад;

– корманд уҳдадор аст, қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатиро риоя намояд ва корфармо дар навбати худ уҳдадор мешавад, ки шароити дахлдори меҳнатиро тибқи қонунгузории меҳнати, шартномаи коллективи, созишномаҳо ва шартномаи меҳнати таъмин намояд.

Предмети батанзимдарории ҳуқуқи меҳнати муносибатҳои меҳнати ва дигар муносибатҳои бо он алоқаманд мебошанд. Муносибатҳои меҳнатӣ аз муносибатҳо доир ба бастан, тағйир додан ва қатъ намудани шартномаи меҳнатӣ оид ба вақти кор ва вақти истироҳат, музди меҳнат, интизоми меҳнат, ҷавобгарии мутақобилаи моддии иштирокчиёни муносибатҳои меҳнатӣ, муносибатҳо оид ба ташкил ва идоракунии меҳнат, таъмин кардан бо кор, оид ба шарикии иҷтимоӣ, баргузори ва пешбурди музокироти коллективӣ, бастани шартномаҳои коллективӣ ва созишномаҳои назорати риояи қонунгузории меҳнатӣ ва ҳифзи меҳнат ва баррасии баҳсҳои меҳнатӣ ва ғайра дохил мешаванд.

Ҳуқуқҳои меҳнати ба принсипҳои муайяни ҳуқуқӣ асос меёбад. Онҳо ғояҳои асосие мебошанд, ки моҳияти ҳуқуқи меҳнатӣ, равиши асосии сиёсати давлатро дар соҳаи фаъолияти бозори меҳнат, татбиқ ва ташкили меҳнати кироя ифода менамоянд. Ба принсипи асосии ҳуқуқи меҳнатӣ пеш аз ҳама, принсипи озодона интихоб шудани касб ва навъи фаъолияти худ ба меҳнат, озодона ризо шудан ба ин ё он шароити меҳнат ташкил медиҳад.

Принсипи манъи кори маҷбурӣ принсипи дигари асосии ҳуқуқи меҳнат мебошад. Дар зери кори маҷбурӣ иҷро намудани кор дар зери таҳдиди таъсири зурӣ, ба монанди барои иштирок дар корпартоӣ ё ин ки ба сифати чораи ҷазо барои ифодаи ақидаи сиёсӣ ё эътиқоди ғоявии хилофи низоми мавҷудаи сиёсӣ, иҷтимоӣ ё иқтисодӣ, ба сифати чораи маҳдуднамоӣ ва ғайра фаҳмида мешавад.

Сарчашмаҳои танзимкунандаи муносибатҳои меҳнатӣ ва муносибатҳои ба он алоқаманд Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, КМ ҶТ ва дигар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ»[1] ва ғайра мебошанд. Инчунин, фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои мақомоти ҳокимияти давлати ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлати ба сифати сарчашмаҳои ҳуқуқи меҳнати эътироф карда мешаванд. Санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон низ сарчашмаҳои ҳуқуқи меҳнат мебошанд.

Тадбирҳои ҳуқуқӣ оид ба бехатарии меҳнат аз таъсиси низоми меъёрҳои ҳуқуқӣ иборат, буда стандартҳоро барои шароити бехатар ва соломатии меҳнатиро дар таъмини риояи воситаҳои ҳуқуқӣ муқаррар мекунанд. Ин низоми меъёрҳои ҳуқуқӣ аз Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, қонунҳо, санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор, КМ ҶТ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ, оинномаҳо ва санадҳои зерқонунии қабулшуда аз ҷониби ташкилотҳоро дар бар мегирад.

Тадбирҳои иҷтимоӣ-иқтисодии бехатарӣ ва саломатии меҳнат ҳавасмандгардонии давлатӣ барои корфармоёнро ҷиҳати беҳтар кардани бехатарӣ ва саломатии меҳнат, ҷубронпулӣ ва имтиёзҳо барои коргароне, ки дар шароити хатарнок ва зараровар қарор

[1] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» аз 05-уми марти с. 2007, № 233 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2007, № 3, мод.166, № 6, мод. 429; с. 2010, № 3, мод.158; с. 2011, № 6, мод. 452; с. 2012, № 8, мод. 834, № 12, қ. 1, мод.1008 (Қонунҳои ҶТ аз 4.04.2019, № 1597, аз 2.01.2020, № 1672, аз 13.11.2023, № 2011).

доранд, ҳимояи баъзе категорияҳои камтар аз иҷтимоӣ ҳифзшавандаи коргарон, суғуртаи ҳатмии иҷтимоӣ ва ҷубронпулӣ барои бемориҳои касбӣ ва ҷароҳатҳоро дар бар мегиранд.

Тадбирҳои ташкилӣ ва техникии бехатарӣ, гигиенаи меҳнат эҷоди низоми идоракунии бехатарӣ ва гигиенаи меҳнатро дар бар мегиранд - маҷмӯи ягонаи унсурҳои ба ҳам алоқаманд ва мутақобила, ки сиёсат ва ҳадафҳои бехатарӣ ва гигиенаи меҳнатиро барои як ташкилоти мушаххас, инчунин тартиби ноил шудан ба ин ҳадафҳоро муқаррар мекунанд.

Чорабиниҳои санитарӣ ва гигиении бехатарии меҳнат корҳоеро дар бар мегиранд, ки ба коҳиш додани таъсири омилҳои зараровар ва хатарноки истеҳсолӣ барои таъмини шароити мусоиди корӣ ва пешгирии бемориҳои касбӣ нигаронида шудаанд.

Чорабиниҳои табобатию пешгирикунандаи бехатарии меҳнат ташкили муоинаҳои тиббии пешакӣ, даврӣ ва ғайринақшавӣ, муоинаҳои ҳатмии равонии коргарон ва таъмини шир ва ғизои табобатӣ ва пешгирикунандаро дар бар мегиранд.

Барқарорсозӣ чорабиниҳои бехатарии меҳнат татбиқи маҷмӯи чорабиниҳоеро дар бар мегирад, ки барои барқарор кардани саломатӣ ва қобилияти кории коргароне, ки дар садамаҳои истеҳсолӣ ва бемориҳои касбӣ маҷрӯҳ шудаанд, равона шудааст.

Моҳияти иҷтимоии бехатарии меҳнат нигоҳ доштани саломатӣ ва қобилияти кории аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол, инчунин таъмини ҳифзи иҷтимоии онҳое, ки дар ҷойи кор маҷрӯҳ шудаанд ва аъзои оилаи онҳо мебошад.

Моҳияти иқтисодии бехатарии меҳнат ин кам кардани талафот ба ҷомеа дар ҷараёни фаъолияти истеҳсолии он тавассути пешгирии ҷароҳатҳо ва бемориҳои касбӣ мебошад. Бехатарии меҳнатро метавон дар се ҷанба баррасӣ кард:

1. Бехатарии меҳнат ҳамчун ниҳоди ҳуқуқии меҳнат.
2. Бехатарии меҳнат ҳамчун унсури муносибатҳои меҳнатӣ.
3. Бехатарии меҳнат ҳамчун ҳуқуқи субъективии корманд.

Ҳамчун ниҳоди ҳуқуқии меҳнатӣ, бехатарии меҳнат маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқӣ мебошад, ки барои таъмини шароити бехатар ва солим барои кормандон равона шудаанд.

Ҳамчун унсури муносибатҳои меҳнатӣ, бехатарии меҳнат ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои мутақобилаи корманд ва корфармо барои риояи талаботи бехатарии меҳнатӣ, кори бехатари таҷҳизот ва татбиқи бехатарӣ равандҳои технологӣ ифода меёбад.

Ҳамчун ҳуқуқи субъективии кормандон, бехатарии меҳнат аз эътирофи қонунгузории мавқеи кормандон иборат аст, ки дар он ба онҳо шароити бехатар ва солими корӣ фароҳам оварда шавад. Ин ҳуқуқ дар муносибатҳои мушаххаси меҳнатӣ амалӣ карда мешавад. Ҳар як корманд ҳангоми иҷрои коре, ки тибқи шартномаи меҳнатии худ бояд иҷро кунад, ба шароити бехатар ва солими корӣ ҳуқуқ дорад.

Дар қонунгузории меҳнат, бехатарии меҳнат умуман дар маънои васеъ ҳамчун маҷмуи қонунгузории меҳнатӣ, ки барои ҳифз ва ҳимояи ҳуқуқҳои меҳнатии коргарон ва мақоми онҳо дар ҷойи кор равона шудааст, фаҳмида мешавад.

Ҳадафи асосии бехатарии меҳнат пешгирӣ ва назорати ҷароҳатҳо ва бемориҳои касбӣ ва ба ҳадди ақал расонидани оқибатҳои иҷтимоӣ мебошад. Ба ибораи дигар, ҳадафи асосии бехатарии меҳнат таъмин намудани он аст, ки ҳар як ҷойи кор хатари қобили қабули иҷтимоӣ дошта бошад.

Бехатарии меҳнат, ҳамчун низоми таъмини бехатарии ҳаёт ва саломатии коргарон ҳангоми фаъолияти меҳнатии онҳо, доираи васеи чорабиниҳоро бо дастгирии қатъии ҳуқуқӣ дар бар мегирад. Ин чорабиниҳо иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ташкилӣ ва техникӣ, санитарӣ-гигиенӣ, тиббӣ ва пешгирикунанда, барқарорсозӣ ва якчанд чорабиниҳои дигарро дар бар мегиранд.

Ҳуқуқи ҳар як шаҳрванд ба ҳифзи саломатӣ ва шароити кории солим ва бехатар, ки дар м.м. 35 ва 38 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудааст, ҳуқуқ дорад.

Қонунгузории бехатарии меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар асоси муқаррароти дахлдори Конститутсия ва КМ ҶТ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор ба амал бароварда мешаванд. Вобаста ба ин, дар кишвари мо дар самти бехатарӣ ва ҳифзи меҳнат тавассути як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқии қабулшуда аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим карда мешаванд. Дар асоси ин ҳуҷҷатҳо, корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо стандартҳои корхонавӣ, бехатарии меҳнат ва дастурҳои бехатариро таҳия ва тасдиқ мекунанд.

Ҳарду тарафи шартномаи меҳнатӣ масъулияти бехатарии меҳнатӣ доранд. Масъулияти корфармо барои фароҳам овардани шароити кории солим ва бехатар дар низомномаҳо (оинномаҳо), созишномаҳои коллективӣ ва низомномаҳои дохилии меҳнатӣ муқаррар карда шудааст.

Кормандон барои риояи стандартҳо, қоидаҳо ва дастурҳои бехатарии меҳнат ва истифодаи воситаҳои муҳофизатии коллективӣ ва инфиродӣ масъуланд. Шуъбаҳои бехатарӣ ва гигиенаи меҳнат дар вазорату идораҳои соҳавӣ, инчунин дар иттиҳодияҳои корхонаҳо таъсис дода мешаванд. Дар ҳолати зарурӣ, чунин шуъбаҳо метавонанд дар корхонаҳо таъсис дода шаванд ё мутахассисони бехатарӣ ва гигиенаи меҳнат метавонанд дар асоси шартнома киро карда шаванд. Кумита ё комиссияи муштараки бехатарӣ ва гигиенаи меҳнатӣ, ки аз намояндагони роҳбарияти корхона ва кормандон дар асоси баробарӣ иборат аст, барои ташкили ҳамкорӣ дар ин соҳа барои ҳар як шахс таъсис дода мешавад. Масъулият барои вазъи шароити корӣ ва бехатарӣ ва гигиенаи меҳнат дар корхона ба дӯши корфармост.

Қонун ба кормандон ҳуқуқи рад кардани кор бидуни ягон оқибатро дар сурати таҳдиди фаврӣ ба ҳаёт ва саломатии онҳо то бартараф шудани хатар кафолат медиҳад.

Мансабдороне, ки дар вайрон кардани қонунҳои меҳнат ва қоидаҳои бехатарӣ ва гигиенаи меҳнатӣ ё дар иҷро накардани ӯҳдадориҳо тибқи шартномаҳои коллективӣ ва созишномаҳои бехатарӣ ва гигиенаи меҳнатӣ гунаҳкор дониста мешаванд, тибқи тартиби муқаррарнамудаи КМ ҶТ ба ҷавобгарии интизомӣ, маъмурӣ ва ҷиноӣ кашида мешаванд.

Ин қонунҳо ва низомномаҳо асосан барои пешгирии зарар ба кормандон ҳангоми иҷрои вазифаҳои меҳнатии худ пешбинӣ шудаанд.

Қонунгузории амалкунанда заминаро барои кафолати ҳуқуқҳои меҳнатии коргарон фароҳам меорад ва бо ин роҳ татбиқи ҳуқуқи ҳар як шахрвандро ба озодии меҳнат ва кори бехатар таъмин менамояд. Аммо, вазъи кунунии ҳуқуқҳои коргаронро ба шароити бехатари корӣ қаноатбахш номидан мумкин нест. Таҳлили амалияҳои мақомоти ваколатдори соҳа нишон дод, ки маъмултарин қонуншиканиҳо дар ин соҳа инҳоянд: нагузаронидани брифингҳо, нагузаронидани ташкили омӯзиш оид ба усулҳо ва техникаҳои бехатари корӣ, риоя накардани талаботи арзёбии махсуси шароити корӣ (SAWC) ва вайрон кардани тартиби тафтишоти садамаҳо. Риоя накардани ин талабот аксар вақт боиси оқибатҳои ҷиддӣ, аз ҷумла марги коргарон мегардад.

Тибқи маълумоти оморӣ, дар соли 2025 аз ҷониби мақомоти ваколатдори соҳаи назорати меҳнат нисбат ба 136 ҳолати ҳодисаҳои нохуш дар истеҳсолот тафтиш гузаронида шудаст, ки аз ин теъдод 82 нафар ҷароҳати ҷисмонӣ бардошта, 60 нафар ба ҳалокат расидааст. Ҷиҳати харочоти иловагӣ ва пардохти кумакпулиҳои яквақта тибқи санадҳои эътимодӣ ба маблағи 12 млн. 235,9 ҳазор сомонӣ ба шахсони ҷароҳат бардошта ва оилаҳои фавтидагон таъин карда шудаст.

Натиҷаи тафтиши ҳодисаҳои нохӯш маълум намуд, ки сабабҳои асосии рӯй додани онҳо, ин аз ҷониби корфармоён ва дигар шахсони масъули ташкилотҳо таъмин нагардидани муқаррароти ССБМ ГОСТ-12.0.004-2015 ҷиҳати гузаронидани дастурдиҳӣ оид ба ҳифзи меҳнат ва омӯзиши усулҳои бехатарии кор, таъмин нагардидани бехатарии кормандон ҳангоми иҷрои уҳдадориҳои меҳнатӣ, ба таври дахлдор аз ҷониби корфармоён ба роҳ намондани назорати истифодаи воситаҳои муҳофизати инфиродӣ аз ҷониби кормандон, таъмин нагардидани низоми меҳнат ва истироҳати кормандон ва амсоли инҳо ба ҳисоб мераванд.

Таваҷҷуҳи ҳукумат ба ин масъала низ аҳамияти онро нишон медиҳад. Мақомоти иҷроия ва ташкилотҳои дахлдор конфронсҳо, ҷаласаҳо ва форумҳои солонаро дар ин мавзӯъ баргузор мекунанд. Яке аз платформаҳои асосии муҳокимаи масъалаҳои мушкил дар соҳаи бехатарии меҳнат сатҳи баланди ҷароҳатҳо ва фавт дар ҷои кор аз мушкилот ҳам дар танзими қонунгузории бехатарии меҳнат ва ҳам дар назорат ва назорати риояи талаботи мавҷуда шаҳодат медиҳад.

Муҳити беҳтарини истеҳсолӣ муҳити истеҳсолӣ аст, ки дар он ҳамаи ҷузъҳои раванди корӣ бо хусусиятҳое тавсиф мешаванд, ки пайдоиши омилҳои хатарнок ва зараровари истеҳсолиро аз байн мебаранд ё ба ҳадди ақал мерасонанд. Аз ин рӯ, қонунгузории ҳифзи меҳнат талаботро барои биноҳо, иншоот, таҷҳизот, ашёи хом ва маводҳои истеҳсолӣ муқаррар мекунад.

Ҳадафи асосии танзими ҳуқуқии ҳифзи меҳнат таъмини шароити корӣ мебошад, ки ба стандартҳои бехатарӣ ва гигиенаи танзимкунанда (санитарияи саноатӣ) ҷавобгӯ бошанд. Ба хусусияти шароити корӣ омилҳои гуногуни истеҳсолӣ таъсир мерасонанд: асбобҳо, ашё, равандҳои истеҳсолӣ ва амалияҳои корӣ. Дар маҷмӯъ, ин омилҳо (аз ҷумла омили "инсонӣ", ки аз амалҳои ҳар як корманд ва фаъолияти онҳое, ки меҳнати кооперативиро ташкил медиҳанд) муҳити истеҳсолиро ташаккул медиҳанд. Таъсири муштараки онҳо ба саломатӣ ва кори ҳар як

шахсе, ки дар фаъолияти истеҳсолии корфармо иштирок мекунад, таъсир мерасонад. Аз ин рӯ, сиёсати ҳифзи меҳнат ба ҳифзи ҳаёт ва саломатии коргарон ҳангоми кор, инчунин пешгирии зарар ва аз даст додани қобилияти онҳо аз садамаҳои истеҳсолӣ ва бемориҳои касбӣ нигаронида шудааст. Ин чораҳои низомӣ на танҳо барои кормандон, балки барои дигар шахсоне, ки дар фаъолияти истеҳсолии корфармо иштирок мекунанд (донишҷӯён ҳангоми таҷрибаомӯзӣ, шахсоне, ки хизмат мерасонанд ва корҳоро тибқи шартномаҳои шаҳрвандӣ иҷро мекунанд ва ғайра) амалӣ карда мешаванд.

Вазифаи корфармо таъмин намудани шароити бехатари корӣ дар ҳар як ҷои кор аст - шароите, ки дар он коргарон ба омилҳои зараровар ва/ё хатарноки истеҳсолӣ дучор намешаванд ё сатҳи таъсири онҳо аз меъёрҳои муқарраршуда зиёд нест. Дар баъзе мавридҳо, таъмини пурраи бехатарии раванди истеҳсолӣ ғайриимкон аст, аз ин рӯ, қонунгузорӣ талаботро барои таъмини коргарон бо таҷҳизоти муҳофизатӣ аз таъсири омилҳои ногузир бо сабабҳои технологӣ муқаррар мекунад. Ин таҷҳизоти муҳофизатӣ метавонанд коллективӣ (вентилятсия, кондитсионер, маводҳои камкунандаи садо ва ғайра) ё инфиродӣ (респираторҳо, оби намак ва газдор ва ғайра) бошанд. Онҳо ба таври ҳамаҷониба кор мекунанд: таҷҳизоти муҳофизатии инфиродӣ барои баланд бардоштани самаранокии таҷҳизоти муҳофизатии коллективӣ тарҳрезӣ шудааст.

Қонунгузор бехатарӣ ва саломатии меҳнатро ҳамчун низоми ҳамаҷонибаи чораҳое мебинад, ки бехатарии ҳаёт ва саломатии афродеро, ки дар фаъолияти меҳнатӣ иштирок мекунанд, таъмин мекунанд. Корманд ҳуқуқ дорад дар ҳолатҳое, ки ҳангоми бастани шартнома корфармо дар бораи шароити меҳнат дар ҷойи кор ба ӯ маълумоти нодуруст додааст ё уҳдадориашро оид ба таъмини ҳифзи меҳнат ва бехатарии меҳнат дар ҷойи кор вайрон кардааст, шартномаи меҳнатиро бе пешакӣ огоҳ намудани корфармо бекор кунад (м. 41 КМ ҶТ). Ин низом чораҳои ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ташкилӣ ва техникӣ, санитарӣ ва гигиенӣ, тиббӣ ва пешгирикунанда, барқарорсозӣ ва дигар чораҳоро дар бар мегирад.

ТДУ 343.914

ҶИНОЯТКОРИИ ЗАНОН ВА ХУСУСИЯТҲОИ КРИМИНОЛОГИИ ОН

ЖЕНСКАЯ ПРЕСТУПНОСТЬ И ЕЕ КРИМИНОЛОГИЧЕСКАЯ ХАРАКТЕРИСТИКА

КАРАМШОЗОДА ФАЗОЛАТ ШОДӢ
Омӯзгори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети № 2-юми Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, капитани милитсия / Преподаватель кафедры уголовного права, криминологии и психологии факультета № 2 Академии МВД Республики Таджикистан, капитан милиции
E-mail: karamshoevaf@gmail.com

АНВАРИЁН ШАБНАМ ШЕРЗОД
Омӯзгори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети № 2-юми Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, капитани милитсия / Преподаватель кафедры уголовного права, криминологии и психологии факультета № 2 Академии МВД Республики Таджикистан, капитан милиции
E-mail: anvaruyon@mail.ru

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи ҷиноятқории занон аз нигоҳи криминология яке аз самтҳои муҳимми таҳқиқоти илмӣ ба шумор рафта, омӯзиши он барои дарки амиқи сабабҳо, шароит ва хусусиятҳои содиршавии ҷиноят аз ҷониби занон аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дорад. Гарчанде ки ҳиссаи ҷиноятҳои содиршуда аз ҷониби занон нисбат ба мардон камтар мебошад, дар солҳои охир тамоюли муайяни афзоиши чунин ҷиноятҳо ба назар мерасад. Ин ҳолат зарурати таҳқиқи амиқ ва таҳлили илмии ин падидаро ба миён меорад.

Бояд қайд кард, ки дар ҷомеаи муосир занон барои ба даст овардани эътирофи касбӣ одатан бояд талошҳои бештаре намоянд, ки нисбат ба мардон як фишори иловагӣ ба онҳо эҷод ме-

кунад. Ҳатто бо вуҷуди баробарҳуқуқии ҷорӣ дар ҷомеа, масъулиятҳои анъанавии занон, аз ҷумла нигоҳубини тартиб ва гӯшаҳои хона, омода намудани хӯрок ва тарбияи фарзандон, то ҳол боқӣ мондаанд ва ин ба психика ва вазъи равонии онҳо таъсири назаррас мерасонад.

Таҳлилҳои илмӣ нишон медиҳанд, ки аз ҷониби занон на танҳо ҷиноятҳои сабук, балки дар ҳолатҳои муайян ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин низ содир мешаванд, ки ин зарурати омӯзиши амиқ ва муносибати фарқкунандаро дар низоми адолати ҷиноятӣ тақозо менамояд. Бо вуҷуди ин, дар соҳаи криминология то ҳол таҳқиқоти муфассал ва таҳлили ҳамаҷонибаи омилҳои криминологии ин падида пурра анҷом дода нашудааст. Аз ин рӯ, омӯзиши сабабҳо ва шароити ба вуҷуд омадани ҷиноятқории занон аҳамияти махсус дорад.

Мутахассисони соҳа бар он назаранд, ки сабабҳои содир гардидани ҷиноят аз ҷониби занон метавонанд ба омилҳои гуногуни иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва равонӣ вобаста бошанд. Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ин омилҳо бештар бо вазъи воқеии ҷомеа алоқаманданд. Аз ҷумла, мушкилоти иқтисодӣ, сатҳи муайяни бекорӣ, вобастагии иқтисодии баъзе занон аз дигарон, ноустувории муҳити оилавӣ, аз ҷумла, муноқишаҳои оилавӣ ё муҳоҷирати меҳнатии аъзои оила, паст будани маърифати ҳуқуқӣ ва таъсири муҳити иҷтимоӣ метавонанд занонро ба рафтори ғайриқонунӣ водор намоянд.

Ҳамин тариқ, омӯзиши ҷиноятқории занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои муайян намудани сабабҳои асосии он ва таҳияи роҳҳои самараноки пешгирӣ аҳамияти муҳим дорад. Бояд қайд намуд, ки дар солҳои гузашта, махсусан то ба даст овардани истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар солҳои аввали даврони истиқлолият, сатҳи саводнокии занон дар баъзе минтақаҳои кишвар нисбатан паст буд. Дар он давра дар баъзе оилаҳо чунин ақида вуҷуд дошт, ки духтарон ба таҳсил ва гирифтани маълумоти баланд эҳтиёҷи зиёд надоранд. Баъзеҳо бар он назар буданд, ки вазифаи асосии зан танҳо нигоҳубини хона ва тарбияи фарзандон мебошад.

Бо мурури замон ва дар даврони истиқлолият масъалаи баланд бардоштани мақоми занон дар ҷомеа ба яке аз самтҳои муҳимми сиёсати давлатӣ табдил ёфт. Бо ташаббус бевоситаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва сиёсати пешгирифтаашон барои баланд бардоштани сатҳи саводнокӣ, фаъолиятнокӣ ва иштироки занон дар ҳаёти ҷомеа тадбирҳои муҳим амалӣ карда шуданд. Қабули барномаҳои давлатӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба таъмини баробарҳуқуқии занону мардон, рушди имкониятҳои таҳсил ва фаъолияти иҷтимоии занон мусоидат намуд.

Пас, саволе ба миён меояд, ки чаро, бо вуҷуди кафолати ҳуқуқу озодиҳо ва дастгирии иҷтимоии давлат, баъзе занон ба содир намудани ҷиноят рӯ меоранд ва ҳатто дар баъзе ҳолатҳо тамоюли афзоиши чунин ҷиноятҳо мушоҳида мегардад.

Таҳлилҳои илмӣ нишон медиҳанд, ки яке аз омилҳои муҳими ба вуҷуд омадани чунин ҳолатҳо мушкилоти иҷтимоию оилавӣ мебошад. Аз ҷумла, масъалаи бисёрзанагӣ (дузанагӣ), гарчанде мутобиқи моддаи 170 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – КҶ ҶТ) манъ гардидааст[1], дар амалия дар баъзе ҳолатҳо идома меёбад. Агар дар даврaҳои пеш чунин ҳолатҳо аз ҷониби баъзе занон ҳамчун як падидаи муқаррарӣ қабул мешуд, дар шароити муосир сатҳи худогоҳии ҳуқуқӣ ва иҷтимоии занон боло рафта, муносибат ба ин масъала тағйир ёфтааст.

Дар натиҷа, пинҳон доштани чунин муносибатҳо, ба вуҷуд омадани рақобат ва нофаҳмиҳо миёни занон, хусусан байни ҳамсари аввал ва дуюм, метавонад ба муноқишаҳои шадиди оилавӣ оварда расонад. Чунин муноқишаҳо, дар навбати худ, дар баъзе ҳолатҳо заминаи мусоид барои содир гардидани ҳуқуқвайронкуниҳо ва ҳатто ҷиноятҳо мегарданд.

Ҳамин тариқ, омилҳои оилавӣ, аз ҷумла, муносибатҳои мураккаби дохилиоилавӣ ва риоя нагардидани меъёрҳои ҳуқуқӣ, метавонанд ҳамчун яке аз сабабҳои муҳимми ҷинояткорӣ дар байни занон баррасӣ шаванд, ки омӯзиш ва пешгирии онҳо таваҷҷуҳи махсусро тақозо менамояд.

Ҳамзамон, баъзе ҳолатҳо нишон медиҳанд, ки маҳдудияти имкониятҳо барои таълиму шуғли устувор, инчунин фишорҳои иҷтимоӣ ва равонӣ низ метавонанд ба шаклгирии рафтори зиддиқонунӣ мусоидат намоянд, ки ин зарурати таҳияи чораҳои пешгирикунанда ва дастгирии иҷтимоиро боз ҳам муҳим мегардонад.

---

[1] Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21-уми майи соли 1998 № 574 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.1998, № 9, мод.68, мод. 69, № 22, мод. 306; с. 1999, № 12, мод. 316; с. 2001, Қонуни ҶТ аз 17.12.2025, № 2205, № 2206.

Сабабҳои асосии ҷиноятқорӣ ба як қатор омилҳои гуногун вобаста буда, онҳоро метавон ба чанд гурӯҳи муҳим ҷудо намуд. Пеш аз ҳама, омилҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ нақши муҳим доранд, ки ба онҳо сатҳи пасти таҳсилот, коста гардидани арзишҳои ахлоқӣ ва коҳиш ёфтани назорати иҷтимоӣ нисбати занон дохил мешаванд.

Ҳамзамон, омилҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ низ таъсири ҷиддӣ мерасонанд. Ба ин гурӯҳ сатҳи пасти зиндагӣ, бекорӣ, нобаробарӣ миёни шаҳр ва деҳот, инчунин мушкилоти марбут ба вазъи саломатии аҳолӣ мансуб мебошанд.

Илова бар ин, омилҳои ахлоқӣ-равонӣ низ мавқеи муҳим доранд. Нашъамандӣ, майзадагӣ, кӯшиши қонеъ гардонидани манфиатҳои шахсӣ ба зарари дигарон ва афзоиши вобастагиҳои гуногун метавонанд ба содир гардидани ҷиноят мусоидат намоянд.

Ҳамчунин, хусусиятҳои биофизиологии шахсият, ба мисли вижагиҳои инфиродии инсон ва баъзе хусусиятҳои зоҳирӣ, метавонанд дар шаклгирии рафтори шахс нақш дошта бошанд[1].

Дар баробари ин, омилҳои манфӣ, аз ҷумла рафтори виктимӣ (осебпазир), оилаи нопурра ва муҳити носолими оилавӣ низ аз ҷумлаи сабабҳое мебошанд, ки метавонанд шахсро ба роҳи ҷиноятқорӣ равона созанд. Ҷиноятқорӣ натиҷаи таъсири маҷмӯии якчанд омилҳо буда, омӯзиши ҳамаҷонибаи онҳо барои пешгирии самараноки ин падида аҳамияти муҳим дорад.

Яке аз омилҳои муҳиме, ки метавонад ба афзоиши ҷиноятқории занон таъсир расонад, зиёд шудани шумораи оилаҳои нодор дар чанд даҳсолаи охир мебошад. Дар чунин оилаҳо зан маҷбур аст, ки на танҳо худ, балки фарзандонашро низ комилан таъмин намояд. Ин вазъият метавонад ба стресс ва фишори равонӣ оварда расонад, ки боиси ташаббускорӣ барои рафтори ғайриқонунӣ мегардад.

Илова бар ин, стресс метавонад аз мушкилоти шахсӣ ё касбӣ сарчашма гирад, ё баръакс, аз орзу ва талоши зан барои болоравӣ дар сатҳи корӣ ва иҷтимоӣ, беҳтар намудани мақоми иҷтимоӣ ва касбӣ, ҳатто бо ҳар роҳу шароити мавҷуд, ба вуҷуд ояд. Омезиши ин омилҳо метавонад занонро ба содир намудани ҷиноят водор намояд ва барои таҳлили ҷиноятқории занон аз нуқтаи назари криминология аҳамияти махсус дорад.

Афзоиши сатҳи ҷиноятқорӣ пеш аз ҳама зери таъсири омилҳои иқтисодӣ ва сиёсӣ қарор дорад. Ҳамзамон, ин раванд ба қонуниятҳои тағйирёбии шумораи умумии шахсони ҷиноятсодиркунанда вобаста мебошад. Баланд гардидани нишондиҳандаи ҷиноятқории занон аз мавҷуд будани шиддати иҷтимоӣ дар ҷомеа шаҳодат медиҳад.

Агар самтҳои асосии манфиатҳои ҷиноятқоронаи занонро таҳлил намоем, маълум мегардад, ки бештар ҷиноятҳои дорои хусусияти манфиатҷӯёна ба назар мерасанд. Ба чунин ҷиноятҳо пеш аз ҳама дуздӣ (м. 244 КҶ ҶТ) ва қаллобӣ (м. 247 КҶ ҶТ) дохил мешаванд. Ҳамчунин, баъзе намудҳои махсуси ҷиноятҳо, масалан дар соҳаи қарздиҳӣ, бештар дар ҳайати гурӯҳӣ содир мегарданд, ки дар он зан метавонад ҳамчун мусоидаткунанда ё иҷрокунандаи бевосита иштирок намояд.

Аз ҷумла, амалҳои қаллобона, мисли гирифтани ғайриқонунии пардохтҳои иҷтимоӣ, хеле паҳн шудаанд. Дар солҳои охир ҳолатҳои ғайриқонунии истифода бурдани сармояи модарӣ бештар ба назар мерасад. Ин маблағ тибқи қонунгузорӣ барои беҳтар намудани шароити манзилии оила, таълими фарзандон, қисми пасандозии нафақаи занон, хариди молу хизматрасониҳои зарурӣ барои мутобиқсозии иҷтимоии кӯдакони маъюб ва гирифтани пардохтҳои ҳармоҳа пешбинӣ шудааст.

Фоизи баланди ҷиноятҳои манфиатҷӯёна, ки бо истифодаи фаъолияти касбӣ содир мешаванд, низ ба назар мерасад. Ин гуна ҷиноятҳо дар шакли азхудкунӣ, исрофкорӣ, тасарруфи молу мулк ё сӯиистифода аз мақоми хизматӣ зоҳир мегарданд. Сатҳи баланди чунин ҷиноятҳо инчунин бо он шарҳ дода мешавад, ки барои содир намудани онҳо истифодаи қувваи ҷисмонӣ, нисбат ба ҷиноятҳои зӯроварона, талаб карда намешавад.

Ба ҷиноятҳои анъанавие, ки бештар аз ҷониби занон содир мешаванд, нигохдории фоҳишахонаҳо низ мансуб аст, ки аслан шакли ташкили фаъолияти фоҳишагӣ мебошад (м. 239 КҶ ҶТ).

Ҳолатҳои содир гардидани чунин ҷиноятҳо, мисли таҳқир, хабардиҳии бардурӯғ, тӯҳмат ва монанди инҳо низ кам нестанд. Ҷинояти махсусе, ки танҳо ба занон хос дониста мешавад,

[1] Антонян, Ю.М. Преступность среди женщин: монография / Ю.М. Антонян.- Москва., 1992 // [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: https://www.livelib.ru/book/1000688298-prestupnost-sredi-zhenschin-yu-m-antonyan (санаи мурочиат: 06.04.2026).

кирдори пешбининамудаи м. 105 КҶ ҶТ – кӯдаки навзоди худро куштани модар, ки нисбат ба дигар намудҳои ҷиноят сатҳи пинҳонкории баланд дорад.

Дар баробари ин, ҳиссаи занон дар ҷиноятҳои мансабӣ низ пайваста меафзояд. Аз ҷумла, гирифтани пора **(**м. 319 КҶ ҶТ**),** додани пора (м. 320 КҶ ҶТ) ва дигар амалҳои марбут ба амалҳои коррупсионӣ аз ҷумлаи чунин ҷиноятҳо мебошанд. Рушди иқтисоди бозорӣ ва бахши соҳибкории хусусӣ занони ҷиноятқорро низ ба ташкили фаъолияти ғайриқонунии соҳибкорӣ ҷалб намудааст.

Рӯйхати ҷиноятҳое, ки бештар аз ҷониби занон содир мешаванд, сол то сол васеъ мегардад. Ба онҳо тамаъҷӯӣ, ҷиноятҳои вобаста ба гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, инчунин ҷиноятҳои иқтисодӣ, аз ҷумла тасарруф дар низоми қарзию бонкӣ ва соҳаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дохил мешаванд.

Дар солҳои охир ҳолатҳои иштироки занон дар дуздиҳои манзилӣ низ зиёд гардидааст, ки дар онҳо занон ҳамчун роҳнамо ё иҷрокунанда баромад мекунанд. Ҳолатҳое низ мушоҳида шудаанд, ки занон бо мақсади амалӣ намудани нияти ҷиноятқорона худро корманди хадамоти иҷтимоӣ ё муассисаҳои тиббӣ вонамуд намуда, шаҳрвандони солхӯрда ё шахсони нотавонро фиреб медиҳанд.

Ба ҷиноятҳои зӯроваронае, ки аз ҷониби занон содир мешаванд, одатан муноқишаҳои тӯлонии оилавию маишӣ пешомад мешаванд. Дар натиҷаи чунин муноқишаҳо қурбониён бештар шавҳарон, ҳамзистҳо, хешовандон ё ҳамсоягон мегарданд.

Ба ҷиноятҳое, ки бештар ба занон мансуб дониста мешаванд, инчунин дар хатар мондан **(**м. 127 КҶ ҶТ), сироят кардан бо ВНМО **(**м. 125 КҶ ҶТ**),** одамкушӣ дар ҳолати ҳаяҷони сахти рӯҳӣ **(**м. 106 КҶ ҶТ**).**

Имрӯзҳо занон ҳатто нақшҳои нави ҷиноятиро аз худ менамоянд. Яке аз чунин нақшҳо қотили кироя мебошад. Ҳолатҳои содир гардидани куштор бо фармоиш аз ҷониби занон дар баъзе минтақаҳо, аз ҷумла, дар Ҷумҳурии Чечен ва Украина, ба қайд гирифта шудаанд.

Бояд қайд намуд, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти баланд бардоштани мақоми занон дар ҷомеа ва таъмини ҳуқуқу имкониятҳои онҳо пайваста тадбирҳо меандешад. Қабули барномаҳои давлатӣ, татбиқи сиёсати дастгирии иҷтимоии занон ва фароҳам овардани шароити мусоид барои иштироки фаъолонаи онҳо дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии кишвар аз ҷумлаи тадбирҳои муҳими давлат маҳсуб меёбанд, ки ба таҳкими мавқеи занон дар ҷомеа ва ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои онҳо равона гардидаанд. Дар ҳамин замина, моддаи 34 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар мекунад: «Модар ва кӯдак таҳти ҳимояи махсуси давлат қарор доранд»[1].

Ин меъёри конститутсионӣ яке аз пояҳои асосии сиёсати иҷтимоии давлат буда, мавқеи махсуси занонро дар ҷомеа, бахусус дар давраи модарӣ ва тарбияи фарзанд, таъкид менамояд. Бо такя ба ин принсип, давлат уҳдадор аст шароити мусоидро барои ҳифзи саломатӣ, ҳуқуқ ва манфиатҳои модарону кӯдакон фароҳам оварад.

Дар ҳамин замина, масъалаи таъини ҷазо нисбати занон ва хусусиятҳои озод намудани онҳо аз ҷазо низ бояд бо дарназардошти меъёрҳои мазкур баррасӣ гардад. Судҳо ҳангоми қабули қарорҳо ҳолати ҳомиладорӣ, мавҷудияти кӯдакони хурдсол, вазъи саломатӣ ва дигар омилҳои иҷтимоии занонро ба инобат мегиранд, ки ин метавонад ба интихоби ҷазои одилона ва инсондӯстона мусоидат намояд.

Қонунгузории иҷрои ҷазои ҷиноятӣ зани маҳкумшударо ҳангоме аз тарбияи фарзанд саркашинамуда меҳисобад, ки агар ӯ расман аз фарзанд даст накашида, вале ӯро дар таваллудхона гузошта бошад, ба хонаи кӯдакон супорида бошад ва ё тарзи ҳаёти зиддиҷамъиятӣ гузаронад, ба тарбия ва нигоҳубини фарзанд машғул нашавад ё фарзандашро дар назди хешу ақрабо ё дигар ашхос гузошта бошад ё пинҳон шуда бошад ё дигар кирдорҳоеро содир мекунад, ки дар хусуси саркашии ӯ аз тарбияи фарзанд мутобиқи қ. 1 м. 209 Кодекси иҷрои ҷазои ҷинотии Ҷумҳурии Тоҷикистон (КИҶҶ ҶТ) ба модар гувоҳӣ дода мешавад[2].

---

[1] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми ноябри с.1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми сентябри с. 1999, 22-юми июни с. 2003 ва 22-юми майи с. 2016 // [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: http//mmk/tj (санаи мурочиат: 07.04.2026).

[2] Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 06-уми августи с. 2001, № 32 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон с. 2001, №7, мод. 505; с. 2003, №12, мод. 683; с. 2004, №7, мод. 455 (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18-уми марти с. 2022, №1854).

Дар сурате, ки ӯ аз кӯдаки худ даст кашад ва ӯро ба ятимхона супорад, аз маҳаллаи сукунат ғайб зада бошад ё тарбияи кӯдак ва нигоҳубини ӯ саркашӣ намояд, тартиботи ҷамиятиро вайрон кунад, нозироти корҳои исоҳии маҳаллаи истиқоматии ӯ оиди бекор кардани таъиноти суд дар бораи мавқуф гузоштани адои ҷазо ва фоидаи фиристоданизани маҳкумшуда барои адои ҷазое, ки бо ҳукми суд таъин шудааст, ба суд пешниҳоднома манзур мекунанд[1].

Ҳамин тариқ, таҳлили сабабҳои содиршавии ҷиноят нишон медиҳад, ки ин падида аз омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, равонӣ, оилавӣ ва фарҳангӣ таъсир мегирад. Пешгирӣ аз ҷиноят танҳо бо ҷарима ва таҳдиди қонун маҳдуд намешавад; баланд бардоштани сатҳи маърифат, дастгирии иҷтимоӣ ва фароҳам овардани имкониятҳои баробар барои занон ва фарзандон низ аҳаммияти калидӣ дорад.

Омилҳои берунии ҷаҳони муосир ба тағйирёбии ҷиноятқории занон мусоидат мекунанд. Омӯзиши симои криминологии чунин занон ба таҳияи воситаҳои самараноки мубориза бар зидди ин падида кумак мерасонад.

ТДУ 343.132

АМАЛҲОИ ТАФТИШӢ ДАР ФАЪОЛИЯТИ МУРОФИАВИИ ҶИНОЯТӢ

СЛЕДСТВЕННЫЕ ДЕЙСТВИЯ В УГОЛОВНО-ПРОЦЕССУАЛЬНОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ

КАРИМОВА УМЕДА АБДУХАЛИЛОВНА
Унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон / Соискатель кафедры судебного права и прокурорского надзора юридического факультета Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики
E-mail: knasim-1985@ mail.ru

Фаъолияти мурофиавии ҷиноятӣ аз маҷмуи амалҳои мурофиавӣ иборат аст. Онҳо аз ҳамдигар бо вазифа, мақсад ва асосҳои ҳуқуқӣ фарқ мекунанд, лекин мақсад ва ҳадафи ягона доранд. Дар байни онҳо амалҳои тафтишӣ ҷойи марказиро ишғол мекунад, лекин дар адабиёти ҳуқуқӣ[2] доир ба мафҳуми амалҳои тафтишотӣ нуқтаи назари ягона мавҷуд нест. Амалҳои тафтишӣ, «воситаи асосии муқаррар кардани ҳолатҳои барои парвандаи ҷиноятӣ моҳиятан аҳаммиятдошта мебошанд»[3]. Алексеев М. қайд мекунад, ки «амалҳои тафтишӣ танҳо бо мақсади ҷамъоварии далелҳо гузаронида мешаванд»[4].

Муаллифони дигар даркнамоиро ҳамчун нишонаи асосии амалҳои тафтишӣ маънидод кардаанд, ки он «Натиҷаи амалҳои тафтишӣ бевосита бо имконияти гирифтани маълумотҳои минбаъд ҳамчун далел эътирофшаванда алоқаманд мебошанд», қайд кардаанд[5]. Ягонагии ин гуна ақидаҳо дар он зоҳир мегардад, ки муаллифон таиноти (функсияи) амалҳои тафтиширо ҳамчун ҷузъи фаъолияти исбот шарҳ медиҳанд.

Лекин, дар ақидаҳои номбаршуда мазмуни мафҳуми амалҳои тафтишӣ бо назардошти ҳама хусусиятҳояш ифодаи худро наёфтааст. Бинобар ин, амалҳои тафтиширо ҳам ба тариқи маҳдуд ва ҳам ба тариқи васеъ маънидод кардан мақсаднок аст.

Амалҳои тафтишӣ дар шакли маҳдуд - ин маҷмуи амалҳое мебошанд, ки аз ҷониби мақомоти пешбурди тафтиши пешакӣ бо тартиби пешбиникардаи қонуни мурофиавии ҷиноятӣ

[1] Шарипов, Т.Ш., Сафарзода, А.И., Диноршоҳ, А.М. Ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ: китоби дарсӣ. – Душанбе, 2019. – С. 342.
[2] Раҳматҷонов, А., Оқилова, М. Мурофиаи ҷиноятӣ. – Хуҷанд, 2008. - С. 87; Раҳматуллоев, А.Э., Сангинов, А.Б. Мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон: китоби дарсӣ. – Хуҷанд: Ношир, 2010. -С.71.
[3] Раҳматҷонов, А., Оқилова, М. Асари зикршуда. - С. 87.
[4] Алексеев, М. Уголовный процесс. -М.: Юрист, 1995. - С. 176.
[5] Уголовный процесс // Под общ. ред. Радченко В.И. – М.: Приор, 2006. – С. 365; Гутерман, М.П. Следственные действия и некоторые спорные вопросы, связанные с их системой / М.П. Гутерман // Вопросы борьбы с преступностью. - 1985. - Вып. 42. - С.72-73; Лазарева, В.А. Доказывание в уголовном процессе. -М.: Спарк, 2009. - С. 52-60; Белкин, А.Р. Теория доказывания в уголовном судопроизводстве. - М.: Норма, 2007. - С.77-78.

бо мақсади ошкор кардан, ҷамъ овардан, санҷидан ва баҳо додан ба далелҳо ва муқаррар кардани ҳолатҳои ба парвандаи ҷиноятӣ аҳаммиятдошта, иҷро карда мешаванд.

Амалҳои тафтишӣ дар шакли васеъ бошад – ин маҷмуи амалҳоест, ки бо ёрии онҳо бо тартиби муқарраркардаи қонуни мурофиавии ҷиноятӣ ҷараёни исбот - муайян кардани ҳолатҳои содир шудани ҷиноят ва ба парвандаи ҷиноятӣ аҳаммиятдошта, рафти дурусти пешбурди парвандаи ҷиноятӣ ва иҷроиши вазифаҳои мурофиаи ҷиноятӣ таъмин карда мешаванд.

Аз қоидаҳои номбаршуда бармеояд, ки амалҳои тафтишӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ моҳияти ҳуқуқӣ доранд, чунки тартиби мурофиавӣ-ҷиноятӣ, асос , мақсад ва шакли мурофиавии онҳоро меъёрҳои ҳуқуқии мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ба танзим медароранд.

Аҳаммияти амалҳои тафтишӣ дар он зоҳир мегардад, ки бо ёрии онҳ ҳолатҳои содир шудани ҷиноят ва парвандаи ҷиноятӣ аҳаммиятдошта исбот карда мешаванд, инчунин амалҳои тафтишӣ дар амал риоя ва иҷро гаштани принсипи асосии исботнамоиро (принсипи ҳаматарафа, пурра ва холисона муқаррар кардани ҳамаи ҳолатҳои содир шудани ҷиноят) дар ҷараёни мурофиаи ҷиноятӣ таъмин менамоянд.

Ҳаматарафа, пурра ва холисона муқаррар кардани тамоми ҳолатҳои содир шудани ҷиноят вазифаи асосии мақомотҳои ваколатдори давлатӣ дар ҷараёни исбот ба шумор меравад, ки танҳо бо воситаи амалҳои тафтишӣ таъмин шуда метавонад.

Бинобар асосҳои номбаршуда ба мақсад мувофиқ аст, ки ба меъёри дахлдори Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - КМҶ ҶТ) тағйироти зерин дар чунин шакл ворид карда шаванд:

- дар м. 6 КМҶ ҶТ мазмуни амали тафтишӣ ба тариқи зерин пешбинӣ карда шавад - «амалҳои тафтишӣ – ин маҷмуи амалҳоест, ки бо ёрии онҳо бо тартиби муқарраркардаи КМҶ ҶТ ҷараёни исбот - муайян кардани ҳолатҳои содир шудани ҷиноят ва ба парвандаи ҷиноятӣ аҳаммиятдошта, рафти дурусти пешбурди парвандаи ҷиноятӣ ва иҷроиши вазифаҳои мурофиаи ҷиноятӣ таъмин карда мешаванд».

Мутобиқи м. 86 КМҶ ҶТ воситаи асосии ҷамъ кардани далелҳо амалҳои тафтишотӣ ва судӣ мебошад, ки бо тартиби муайянкардаи қонун, аз тарафи мақомоти таҳқиқ, тафтишоти пешакӣ, прокурор ва суд анҷом дода мешаванд[1]. Ба ғайр аз амалҳои тафтишотӣ ин мақомотҳо, инчунин метавонанд аз корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳо, шахсони мансабдор ва шаҳрвандон пешниҳод кардани маводҳо ва ҳуҷҷатҳоеро, ки маълумотҳои воқеии доир ба ҳамин парванда зарурро тасдиқ карда метавонанд ва ё гузаронидани санҷишро (ревизияро) ба миён меоранд, талаб намоянд.

Маълумот ба тариқи шифоҳӣ, хаттӣ, сабти аудиою видео, инчунин ашё ва ҳуҷҷатҳо, ки далел шуда метавонанд аз тарафи иштирокчиёни мурофиа ва ҳар як шаҳрванд, муассисаҳо, ташкилотҳо ва корхонаҳо низ пешниҳод карда шуда метавонанд (қ. 3-4 м. 86 КМҶ ҶТ)[2].

Қайд кардан ҷоиз аст, кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон шакли мурофиавии «талаб кардан» ва «пешниҳод кардани ҳуҷҷатҳо ва ашёи барои парванда аҳаммиятдошта»-ро пешбинӣ накардааст. Ба ҳар ҳол, дар қонун талаб кардан ва пешниҳод кардани ҳуҷҷатҳо ва ашёи барои парвандаи ҷиноятӣ аҳаммиятдошта воситаҳои ҳуқуқии ҷамъоварии далелҳо эътироф карда шудаанд.

Бинобар ин, амалҳои номбаршударо амалҳои тафтишотӣ номидан нодуруст аст. Натиҷаи ин амалҳо асосҳои воқеие мегарданд, ки зарурияти анҷом дода шудани амалҳои тафтишотиро ба миён меоранд. Мувофиқан, ҳангоми пешниҳод карда шудани маводҳои нав аз ҷониби иштирокчиёни мурофиа зарурияти пурсиш кардан ва азназаргузаронӣ ё экспертиза ба миён меорад, аз ин лиҳоз, тартиб додани протоколи пурсиш ва азназаргузарониро, яке аз шартҳои ҳатмии ба парвандаи ҷиноятӣ ҳамроҳ кардани маводди пешниҳодшуда ва талаб карда гирифта шуда, мешуморем.

Бо назардошти мазмун, тартиб ва қоидаҳои пешбинӣ кардаи қонун «талаб намудан» ва «пешниҳод карда шудани маводҳо»-ро амали мустақилонаи тафтишӣ эътироф кардан хулосаи бармаҳал мебошад. Ҳамин тавр, тамоми амалҳои мурофиаи ҷиноятӣ, ки хусусияти ошкорнамоӣ

[1] Раҳматулоев, А.Э, Сангинов, А.Б. Низом ва шакли мурофиавӣ-ҷиноятии амалҳои тафтишотӣ. - Хуҷанд: Ношир, 2011. - С. 11-12.

[2] Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03-уми декабри с. 2009, № 564 (бо тағйиру иловаҳо ба санаи 03.01.2024) / [Манбаи электронӣ] – Реҷаи воридшавӣ: https://mmk.tj/content/кодекси-мурофиавии-ҷиноятии-ҷумҳурии-тоҷикистон / (санаи мурочиат: 14.03.2026).

- даркнамоӣ ё тасдиққунандаи ягон ҳолатро доранд, бо мақсади ҷамъоварии далелҳо гузаронида мешаванд.

Амалҳои тафтишӣ вобаста ба мақсад ва алоқамандии онҳо бо мақсади исбот ба намудҳои зерин ҷудо мешаванд:

- азназаргузаронии тафтишӣ (м. 182-185 КМҶ ҶТ);
- шаҳодаткунонӣ (м. 186 КМҶ ҶТ);
- пурсиш (м.м. 197-203, 218,227 КМҶ ҶТ);
- рӯбарӯкунӣ (м. 204 КМҶ ҶТ);
- кофтуков (м.м. 190, 192 КМҶ ҶТ);
- дарёфт кардан (м.м. 191, 192 КМҶ ҶТ);
- ҳабси муросилоти почтаю телеграф, азназаргузаронӣ ва дарёфт карда гирифтани онҳо (м. 195 КМҶ ҶТ);
- нишон додан барои шинохтан (м.м. 205-206 КМҶ ҶТ);
- санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса (м. 207 КМҶ ҶТ);
- озмоиши (эксперименти) тафтишӣ (м.м. 188-189 КМҶ ҶТ);
- гирифтани намунаҳо барои таҳқиқоти муқоисавӣ (м. 215 КМҶ ҶТ);
- таъйин кардан ва гузаронидани экспертиза (м.м. 208-220 КМҶ ҶТ);
- гӯш кардан ва сабти гуфтугӯ (м. 196 КМҶ ҶТ)[1].

Вобоста аз шакли мурофиавии қарорҳое, ки доир ба гузаронидани амалҳои тафтишӣ қабул мешаванд, амалҳои тафтиширо ба гурӯҳҳои зерин ҷудо кардан мунин аст:

1) Амалҳои тафтишие, ки бе қабули қарори махсус гузаронида мешаванд; азназаргузаронии тафтишӣ **(**азназаргузаронии ҷойи ҳодиса, азназаргузаронии ҳуҷҷат, азназаргузаронии ҳайвонот, азназаргузаронии маҳалле, ки ҷойи содир шудани ҷиноят нест, азназаргузаронии ашё, азназаргузаронии ҷасади мурда**)**, ба истиснои азназаргузаронӣ дар манзили истиқоматӣ, ки дар сурати розӣ набудани шахсони маскуни он, иҷозати суд зарур аст; пурсиш, рӯбарӯкунӣ, нишондиҳӣ барои шинохтан, озмоиши (эксперименти) тафтишӣ, санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса, кофтукови шахсӣ.

2) Амалҳои тафтишие, ки бо қабули қарори махсус гузаронида мешаванд: шаҳодаткунонӣ, кофтуков, дарёфт кардан, экспертиза, гирифтани намунаҳо барои ташхиси муқоисавӣ, гӯш кардан ва сабти гуфтугӯ, ҳабси муросилоти почтаю телеграф ва дарёфт карда гирифтани мавод, эксгуматсия.

Амалҳои тафтиширо вобаста ба дигар асосҳо ба гурӯҳҳои дигар низ ҷудо кардан мункин аст. Масалан, вобаста аз иҷозати расмии суд (судя):

1) Амалҳои тафтишие, ки бо иҷозати суд гузаронида мешаванд: азназаргузаронӣ дар манзили истиқоматӣ, ки дар сурати рози набудани шахсони маскуни он, кофтуков , дарёфт кардан, гӯш ва сабт кардани гуфтугӯ, ҳабси муросилоти почтаю телеграф, азназаргузаронӣ ва дарёфт карда гирифтани мавод, экспертизаи судии - тиббӣ ё судии – равонпизишкӣ.

2) Амалҳои тафтишие, ки бе иҷозати суд гузаронида мешаванд: азназаргузаронии тафтишӣ (азназаргузаронии ҷойи ҳодиса, азназаргузаронии ҳуҷҷат, азназаргузаронии ҳайвонот, азназаргузаронии маҳалле, ки ҷойи содир шудани ҷиноят нест, азназаргузаронии ашё, азназаргузаронии ҷасади мурда), пурсиш, рӯбарӯкунӣ, нишондиҳӣ барои шинохтан, озмоиши (эксперименти) тафтишӣ, санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса, дастгир кардан, кофтукови шахсӣ, шаҳодаткунонӣ, гирифтани намунаҳо барои ташхиси муқоисавӣ.

Дар меъёрҳои ҳуқуқӣ низ доир ба гурӯҳбандии амалҳои тафтишӣ қоидаҳои алоҳидаро дидан мункин аст. Дар чунин маврид сухан дар бораи амалҳои таъхирнопазири тафтишӣ меравад. Масалан, дар м.м. 40, 153 КМҶ ҶТ пешбинӣ гаштааст, ки таҳқиқбаранда қоидаҳои КМҶ ҶТ ба роҳбарӣ гирифта, амалҳои таъхирнопазири тафтишӣ ва дигар амалҳои мурофиавиро барои муқаррар ва мустаҳкам намудани изу пайҳои ҷиноят мегузаронад, чунончи: азназаргузаронӣ, ёфта гирифтан, кофтуков, ҳабси муросилоти почтаю телеграф ва дигар муросилот, гӯш кардан ва сабти гуфтугӯ, нишон додан барои шинохтан, шаҳодаткунонӣ, дастгиркунӣ ва пурсиши гумонбаршуда, пурсиши ҷабрдида ва шоҳидон.

Қонунгузор қоидаи алоҳидаро нисбати мафҳуми амалҳои таъхирнопазири тафтишӣ пешбинӣ накардааст. Дар меъёрҳои номбаршуда амалҳои тафтишӣ аз нуқтаи назари пай-

[1] Ҳамон ҷо.

дарҳамии (фавран, бе таъхиргузорӣ ба муҳлати дигар, ногузир) анҷом дода шудан ба гурӯҳи алоҳида ҷудо карда шудаанд, ки бештар аҳаммияти амалӣ доранд ва барои самаранокии тафтиши пешакӣ мусоидат мекунанд.

УДК 341.3

МЕЖДУНАРОДНЫЙ ОПЫТ И РЕШЕНИЕ РЕГИОНАЛЬНЫХ ПРОБЛЕМ В ПРАВЕ ПРИМЕНЕНИЯ ОРУЖИЯ

ТАҶРИБАИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ВА РОҲҲОИ ҲАЛЛИ МУШКИЛОТИ МИНТАҚАВӢ ОИД БА ҲУҚУҚИ ИСТИФОДАИ СИЛОҲ

КОМИЛОВ ЛАЗИЗЖОН ЗОКИРЖОН УГЛИ
Преподаватель цикла боевой подготовки Института повышения квалификации МВД Республики Узбекистан, капитан / Омӯзгори бахши тайёрии ҷангии Донишгоҳи такмили ихтисоси ВКД Ҷумҳурии Узбекистон, капитан
E-mail: lazeez9501@gmail.com

Применение оружия как право на протяжении развития человечества формировалось как один из наиболее сложных и противоречивых вопросов. Применение оружия использовалось не только в целях обеспечения государственного суверенитета и безопасности, но и в целях защиты жизни и здоровья человека. Действительно, огнестрельное оружие изначально применялось исключительно военными и только в военных целях, однако начиная с середины XIX века оно стало использоваться и в правоохранительных целях.

Безусловно, установление самых ранних случаев применения огнестрельного оружия сотрудниками органов внутренних дел в истории представляет определённую сложность, поскольку письменные источники и официальные документы по данному вопросу имеют ограниченный характер. Тем не менее, на основе имеющихся исторических данных данное явление может быть всесторонне исследовано. В частности, при изучении источников, касающихся применения огнестрельного оружия сотрудниками органов внутренних дел, установлено, что первоначальная практика восходит к полицейским службам Великобритании и США.

Формированию права на применение огнестрельного оружия органами внутренних дел в Англии значительное влияние оказало действовавшее там общее право (Common Law). В рамках общего права одним из наиболее значимых положений являлось правило «убегающего преступника (Fleeing Felon Rule)», согласно которому убийство лица, совершившего тяжкое преступление и пытающегося скрыться, с применением огнестрельного оружия признавалось законным[1]. Данное правило оказывало существенное влияние на законодательство многих государств вплоть до XVIII–XIX веков.

Согласно источнику Telegraph, в 1829 году в Великобритании на основании «Закона о столичной полиции» (Metropolitan Police Act) под руководством сэра Роберта Пиля была создана Служба столичной полиции. В этот период сотрудники полиции осуществляли патрулирование с использованием 20 деревянных дубинок. Хотя сотрудники, как правило, несли службу без оружия, для «исключительных случаев» им было выдано 50 пистолетов.

В Соединённых Штатах к 1840–1850-м годам полицейская система начала модернизироваться и внедрять лондонскую модель полиции. Исторические документы свидетельствуют, что Департамент полиции Балтимора заявлял о том, что именно он первым вооружил всех своих сотрудников, которые использовали капсюльный револьвер Кольта образца 1849 года[2]. Согласно ряду

[1] William Blackstone. Commentaries on the Laws of England, Vol. 4. - Oxford: Clarendon Press, 1769. - Pp. 289–296.
[2] History of Policing: From voluntary to professional // [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://www.international-policemuseum.org/historyofpolicing.php (дата обращения: 02.03.2026).

источников, в 1857 году полицейское управление города Балтимора стало первой полицейской структурой, внедрившей практику вооружения своих сотрудников пистолетами[1].

Безусловно, вопрос применения огнестрельного оружия всегда отражает тонкий баланс между силой и справедливостью, необходимостью и ограничением, безопасностью и свободой. В современную эпоху обеспечение этого баланса стало одной из приоритетных задач международного сообщества. По мере формирования универсальных принципов защиты прав человека подход к применению силы и, в особенности, огнестрельного оружия постепенно пересматривается в более гуманистическом направлении. В этой связи международные стандарты, включая принципы регулирования деятельности правоохранительных органов, выступают для государств не только правовым критерием, но и нравственным ориентиром.

Директор нидерландской неправительственной правозащитной организации «Amnesty International» Эдуард Назарски отметил, что «сотрудники полиции иногда могут быть нарушителями прав человека, однако в то же время они играют незаменимую и важную роль в их защите[2]». Данное высказывание имеет глубокий смысл, поскольку, хотя органы внутренних дел являются основными субъектами защиты прав человека, служебная необходимость в отдельных случаях может приводить к их нарушению, и это не всегда является противоправным деянием.

По мнению В. Спиридоновой и К. Поспеева, вопросы правового регулирования применения огнестрельного оружия сотрудниками органов внутренних дел заслуживают отдельного исследования. Огнестрельное оружие по своей природе способно причинять значительный вред здоровью, вызывать ранения различной степени тяжести, а также лишать человека жизни. В связи с этим сотрудники при применении оружия должны иметь полное представление о правовых основаниях его использования и осознавать возможную ответственность за его неправомерное применение[3].

С точки зрения А. Иванова, в ситуациях, требующих применения огнестрельного оружия, у сотрудника имеется крайне ограниченный промежуток времени. Именно в этот период он должен, исходя из динамики развития событий, соотнести оценку ситуации с наличием законных оснований для применения оружия[4]. На наш взгляд, данная позиция также имеет особое значение, поскольку предполагает формирование у сотрудника (военнослужащего) навыка совмещения практических действий с правовыми требованиями в условиях служебной необходимости, когда возникает потребность в применении огнестрельного оружия.

Несмотря на то, что глобальные правила, связанные с применением оружия, сформировались в конце XX века, их практическое воплощение приобрело различные формы под влиянием исторических, политических и культурных особенностей конкретных государств и обществ. Особенно в регионе Центральной Азии вопросы безопасности, стабильности и государственного управления развивались по специфической траектории, что также отразилось на регулировании права применения оружия. Это, в свою очередь, привело к возникновению определённых различий и проблемных точек между международными стандартами и национальными подходами. В этой связи, по нашему мнению, право применения оружия следует понимать не только как совокупность нормативных правил, но и как выражение сложных взаимоотношений между человеком и государством.

Документом, регулирующим на глобальном уровне вопросы применения силы, в частности огнестрельного оружия сотрудниками органов внутренних дел (полиции), являются «Основные принципы применения силы и огнестрельного оружия должностными лицами по поддержанию правопорядка», принятые в 1990 году. Хотя данный документ носит рекомендательный характер, в нём закреплены чётко определённые процедуры и институциональные механизмы применения огнестрельного оружия.

---

[1] Important Dates in Law Enforcement History // [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://nleomf.org/memorial/facts-figures/dates-in-law-enforcement-history/ (дата обращения: 17.02.2026).

[2] Anneke Osse, Understanding Policing: A Resource for Human Rights Activists // [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://www.amnesty.nl/content/uploads/2017/01/book_1_0.pdf (дата обращения: 30.03.2026).

[3] Спиридонова, В., Поспеев, К. Проблемы правового регулирования применения огнестрельного оружия сотрудниками органов внутренних дел // [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://interactive-plus.ru/e-articles/573/Action573-473771.pdf (дата обращения: 07.04.2026).

[4] Иванов, А.К. Вопросы психологической готовности сотрудников полиции к применению огнестрельного оружия // [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://cyberleninka.ru/article/n/_psihologicheskie-nauki-voprosy-psihologicheskoy-gotovnosti-sotrudnikov-politsii-k-primeneniyu-ognestrelnogo-oruzhiya (дата обращения: 07.04.2026).

Генеральная Ассамблея ООН с удовлетворением приняла указанные Основные принципы и призвала государства «уважать их и принимать во внимание в рамках своего национального законодательства и практики»[1]. Безусловно, на основе данной инициативы государства Центральной Азии также сформировали в своём законодательстве нормы, регулирующие право применения огнестрельного оружия, которые в настоящее время продолжают играть важную роль в обеспечении государственной и общественной безопасности.

В соответствии с Принципом 10 Основных принципов применения силы и огнестрельного оружия должностными лицами по поддержанию правопорядка, сотрудники правоохранительных органов перед открытием огня должны идентифицировать себя как таковых и ясно предупредить о намерении применить оружие, предоставив достаточно времени для восприятия предупреждения. Однако если такое предупреждение создаёт чрезмерный риск для самого сотрудника либо опасность смерти или тяжкого телесного повреждения для других лиц, или же в конкретных обстоятельствах является явно нецелесообразным либо бессмысленным, требование о предупреждении может не применяться[2].

Данная процедура, хотя и отражена в законодательстве многих государств на глобальном уровне, в странах Центральной Азии имеет определённые различия в правовой регламентации. Ниже будет проведён анализ степени отражения указанной процедуры в законодательстве государств Центральной Азии.

В Республике Казахстан применение огнестрельного оружия сотрудниками органов внутренних дел регулируется Законом Республики Казахстан от 6 января 2011 года «О правоохранительной службе», в котором в подпункте 1–2 пункта 4 статьи 62 (условия применения физической силы, специальных средств, огнестрельного и иного оружия) установлено, что при применении огнестрельного и иного оружия, специальных средств и физической силы сотрудники обязаны предупреждать о намерении их применения, предоставляя лицам, в отношении которых предполагается их применение, достаточное время для выполнения законных требований, за исключением случаев, когда задержка в применении огнестрельного и иного оружия, специальных средств или физической силы непосредственно создает угрозу жизни и здоровью граждан и сотрудников, может привести к иным тяжким последствиям либо когда в сложившейся обстановке такое предупреждение является неуместным или невозможным[3].

Исходя из опыта Казахстана, можно отметить, что институт предупреждения, предусмотренный международным правом, имплементирован в национальное законодательство, при этом дополнительно расширена сфера применения за счёт включения категории «иные виды оружия».

В Кыргызской Республике применение огнестрельного оружия сотрудниками органов внутренних дел регулируется Законом Кыргызской Республики от 25 июля 2019 года «О прохождении службы в правоохранительных органах Кыргызской Республики», где в пункте 1 статьи 39 (требования к применению физической силы, специальных средств, оружия, средств вооружения и боевой техники) установлено, что сотрудник перед применением физической силы, специальных средств или оружия обязан предупредить лиц, в отношении которых предполагается их применение, о своём намерении, а также предоставить им возможность и время для выполнения законных требований сотрудника. При применении физической силы, специальных средств или оружия в составе подразделения (группы) достаточно предупреждения со стороны одного из сотрудников, входящих в состав данного подразделения (группы)[4].

Анализ законодательства Кыргызской Республики показывает, что предусмотренные международным правом элементы предупреждения и предоставления времени для его восприятия не ис-

---

[1] Организация Объединённых Наций, Руководство по применению силы и огнестрельного оружия должностными лицами правоохранительных органов, Нью-Йорк, 2017. -С. 7.

[2] Основные принципы применения силы и огнестрельного оружия должностными лицами по поддержанию правопорядка, принятые на VIII Конгрессе ООН по предупреждению преступности и обращению с правонарушителями (Гавана, Куба, 27 августа – 7 сентября 1990 года).

[3] Закон Республики Казахстан «О правоохранительной службе» от 6 января 2011 г. // [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://www.akorda.kz/ru/zakon-respubliki-kazahstan-o-pravoohranitelnoy-sluzhbe-1524918 (дата обращения: 10.04.2026).

[4] Закон Кыргызской Республики «О прохождении службы в правоохранительных органах Кыргызской Республики» от 25 июля 2019 г. // [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://cbd.minjust.gov.kg/111956 /edition/1233492/ru (дата обращения: 10.04.2026).

ключены из национального регулирования, а также дополнительно акцентируется внимание на применении средств вооружения и боевой техники.

В Туркменистане применение огнестрельного оружия сотрудниками органов внутренних дел регулируется Законом Туркменистана от 21 мая 2011 года «Об органах внутренних дел Туркменистана», где в пункте 4 статьи 18 (общий порядок применения физической силы, специальных средств, огнестрельного оружия, боевой и специальной техники) установлено, что перед применением физической силы, специальных средств, огнестрельного оружия, боевой и специальной техники должно быть четко выражено предупреждение о намерении их применения лицам, в отношении которых они применяются, а также предоставлено достаточное время для выполнения соответствующих требований, за исключением случаев, когда промедление в их применении непосредственно угрожает жизни граждан или может привести к иным тяжким последствиям[1].

Согласно туркменскому опыту, также чётко закреплено требование о предупреждении и предоставлении времени для его восприятия при применении огнестрельного оружия.

Применение огнестрельного оружия милицией Республики Таджикистан регулируется Законом Республики Таджикистан от 17 мая 2004 года «О милиции», где в пункте 2 статьи 13 (условия и пределы применения физической силы, специальных средств и огнестрельного оружия) установлено, что физическая сила, специальные средства и огнестрельное оружие применяются в предусмотренных настоящим Законом случаях, исходя из складывающейся обстановки, по усмотрению сотрудника милиции. Перед применением физической силы, специальных средств и огнестрельного оружия должно быть сделано предупреждение о намерении их применения[2].

Анализ законодательства Республики Таджикистан, касающегося применения огнестрельного оружия сотрудниками милиции, показывает, что процессуальная обязанность предупреждения перед применением огнестрельного оружия закреплена. Однако при этом можно отметить наличие правового пробела в части предоставления гражданину времени для осознания и понимания такого предупреждения.

Применение огнестрельного оружия сотрудниками органов внутренних дел Республики Узбекистан регулируется Законом Республики Узбекистан от 16 сентября 2016 года «Об органах внутренних дел», где в пункте 4 статьи 21 (условия применения физической силы, специальных средств и огнестрельного оружия) установлено, что перед применением физической силы, специальных средств и огнестрельного оружия должно быть ясно выраженное предупреждение о намерении их применения, за исключением случаев, когда такое предупреждение невозможно либо когда его применение может привести к непосредственной угрозе жизни и здоровью граждан или сотрудников органов внутренних дел, а также к иным тяжким последствиям[3].

Анализ законодательства Узбекистана в данной сфере показывает, что, как и в законодательстве Таджикистана, институт предупреждения закреплён нормативно, однако практика предоставления времени для его осознания юридически не урегулирована.

Исходя из содержания настоящей научной статьи, можно сделать вывод, что «Основные принципы применения силы и огнестрельного оружия должностными лицами по поддержанию правопорядка» оказали значительное влияние на законодательство государств Центральной Азии, как и на другие регионы. При этом, если указанные Основные принципы выделяют в качестве отдельной категории применение силы и огнестрельного оружия, то законодатели государств Центральной Азии разделили данные меры принуждения на три группы: применение физической силы, специальных средств и огнестрельного оружия. Дополнительно, согласно практике Кыргызской Республики и Туркменистана, особое внимание уделяется также применению боевой и специальной техники.

В законодательствах Казахстана, Кыргызской Республики и Туркменистана институт предупреждения и предоставления времени для его восприятия закреплён на законодательном уровне, тогда как в Республиках Таджикистан и Узбекистан предусмотрен лишь порядок предупреждения, без закрепления практики предоставления времени для его осознания.

---

[1] Закон Туркменистана «Об органах внутренних дел Туркменистана» от 21 мая 2011 г. // [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://mejlis.gov.tm/single-law/232?lang=ru (дата обращения: 10.04.2026).

[2] Закон Республики Таджикистан «О милиции» от 17 мая 2004 г. // [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://www.mvd.tj/861-zakon-respubliki-tadzhikistan-o-milicii.html (дата обращения: 10.04.2026).

[3] Закон Республики Узбекистан «Об органах внутренних дел» от 16 сентября 2016 г. // [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://lex.uz/acts/-3027843 (дата обращения: 10.04.2026).

По нашему мнению, целесообразно изложить пункт 2 статьи 13 Закона Республики Таджикистан «О милиции» в следующей редакции: «Физическая сила, специальные средства и огнестрельное оружие применяются в предусмотренных настоящим Законом случаях, исходя из складывающейся обстановки, по усмотрению сотрудника милиции. Перед применением физической силы, специальных средств и огнестрельного оружия должно быть сделано предупреждение о намерении их применения, и лицу, в отношении которого они применяются, должно быть предоставлено достаточное время для выполнения данных требований».

А также изложить пункт 4 статьи 21 Закона Республики Узбекистан «Об органах внутренних дел» в следующей редакции: «Сотрудник органов внутренних дел перед применением физической силы, специальных средств и огнестрельного оружия обязан предупредить о намерении применения указанных мер в отношении лиц, в отношении которых они предполагаются, и предоставить им возможность и достаточное время для выполнения законных требований сотрудника органов внутренних дел, за исключением случаев, когда такое предупреждение невозможно либо когда его применение может создать непосредственную угрозу жизни и здоровью граждан или сотрудника органов внутренних дел, а также привести к иным тяжким последствиям».

По нашему мнению, подобное реформирование является целесообразным, поскольку само предупреждение является минимальным условием легитимации мер принуждения, тогда как предоставление времени для его осознания превращает данное требование в реальный и эффективный правовой механизм. Лицо должно иметь возможность не только услышать предупреждение, но и осознать его содержание, а также добровольно скорректировать своё поведение в соответствии с законными требованиями. Такой подход трансформирует меры принуждения из карательного инструмента в превентивное средство.

ТДУ 343.163

ИШТИРОКИ ПРОКУРОР ДАР ДАВРАИ СУДИИ МУРОФИАИ ҶИНОЯТӢ ҲАМЧУН ТАЪМИНИ ВАЗИФАИ ТАФТИШИ ҲАМАҶОНИБА, ПУРРА ВА ХОЛИСОНАИ ҲОЛАТҲОИ КОР

УЧАСТИЕ ПРОКУРОРА НА СУДЕБНОЙ СТАДИИ УГОЛОВНОГО ПРОЦЕССА КАК ОБЕСПЕЧЕНИЕ ВСЕСТОРОННЕГО, ПОЛНОГО И ОБЪЕКТИВНОГО РАССЛЕДОВАНИЯ ОБСТОЯТЕЛЬСТВ ДЕЛА

ҚАЛАНДАРОВА МАҲБУБА ДАДОҶОНОВНА
Омӯзгори калони кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон / Старший преподаватель кафедры судебного права и прокурорского надзора юридического факультета Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики
e-mail: makhuba.Kalandarova.72@mail.ru

Мутобиқи нишондоди Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - КМҶ ҶТ), масъалаи иштироки прокурор дар даврaҳои судии баррасӣ ва ҳал намудани парвандаҳои ҷиноятӣ барои амалӣ гардидани вазифаи тафтиши ҳамаҷониба, пурра ва холисонаи ҳолатҳои кор равона шуда[1], муҳим арзёбӣ гардидааст. Бо дарназардошти ин ҳолат дар доираи таҳқиқи мазкур кушиш ба харҷ медиҳем, то ба масъалаи тафтиши ҳамаҷониба, пурра ва холисонаи ҳолатҳои кор, ки аз тарафи прокурор дар давраи судии мурофиаи ҷиноятӣ таъмин мегардад назар намуда, моҳияти онро таҳлили илмӣ намоем.

Бо иштироки прокурор дар даврaҳои судии мурофиаи ҷиноятӣ аксарияти асосҳои ҳуқуқии мурофиаи ҷиноятӣ, принсипҳои мурофиаи судии ҷиноятӣ, аз ҷумла, принсипи тафтиши ҳамаҷониба, пурра ва холисонаи ҳолатҳои кор, ки солҳо дар таҷрибаи судӣ татбиқ мегардид,

[1] Ниг.: Моддаи 21 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03-юми декабри с. 2009, № 564 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон с. 2009, № 12, мод. 815, мод. 816 (бо тағйироту иловаҳо ба ҳолати аз 03.01.2024 № 2017).

нигоҳдошта шуда, он ба Конститутсияи ҶТ мутобиқ гардонида шудааст.

Дар КМҶ ҶТ як қатор талаботи нав, ба монанди мурофиаи суръатдодашуда ва мурофиаи соддакардашуда ворид карда шуда, аввалин маротиба принсипҳои конститутсионии мубоҳисавӣ ва баробарҳуқуқии тарафҳо пурра муайян карда шуда, масъалаи таъмини баробарии тарафҳои мурофиаи ҷиноятӣ пешбинӣ шудаанд.

Чунончи, иҷозат барои ба ҳабс гирифтани шахс, гузаронидани эспертизаи судӣ-тиббӣ ё судӣ-равонпизишкӣ барои дар беморхона ё табобатгоҳи равонпизишкӣ ҷой кардани гумонбаршуда ва айбдоршавандае, ки дар ҳабс намебошад, азназаргузаронии манзил, кофтукови манзил, ҳабси молу мулк кофтуков, ёфта гирифтани ашё, ҳуҷҷатҳои дорои маълумоти пасандоз ва суратҳисоби маблағҳои бонкӣ, ҳабси маблағҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки дар суратҳисобҳо ва пасандозҳо ё дар нигоҳдории бонк ва ташкилотҳои кредитӣ қарор доранд, ҳабси муросилот, азназаргузаронӣ, ёфта гирифтани онҳо дар муассисаи алоқа, барои муваққатан аз вазифа дур кардани айбдоршаванда, гуш ва сабт кардани гуфтугӯи телефонӣ ва дигар гуфтугӯҳо, аз салоҳияти прокурор гирифта шуда, ба салоҳияти суд дода шудаанд[1].

Ҳар як парвандаи ҷиноятӣ, новобаста аз он, ки таҳқиқ ва ё тафтиши пешакии онро кадом мақомот, дар кадом муҳлат ба итмом расонидааст, ҳалли пурраи худро дар мурофиаи судӣ меёбад. Яъне, ҳокимияти судӣ ин маҳаки муайянкунандаи сифати кори пурмашаққату тоқатфарсои шабонарӯзии тамоми низоми мақомоти таҳқиқ ва сохторҳои тафтишотӣ мебошад.

Вайрон кардани қонун ва меъёрҳои мурофиаи ҷиноятӣ аз тарафи ҳамаи марҳилаҳои судӣ ҳангоми баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ метавонад аз тарафи прокурор бо роҳу воситаҳои гуногун ошкор карда шавад[2]:

– бо роҳи омӯзиши парвандаҳои ҷиноятӣ, санҷидани қонунӣ ва асоснок будани санадҳои судии қабулгардида;

– бо иштироки прокурор дар судҳои марҳилаҳои кассатсионӣ ва назоратӣ барраси шудани парвандаҳои ҷиноятӣ;

– ҷамъбаст кардани таҷрибаи судӣ бо парвандаҳои ҷиноятии дар давраи муайян баррасишуда ё намудҳои муайяни парвандаҳои баррасишуда.

Мувофиқи мазмуну муҳтавои Конститутсия ва қонунҳои амалкунанда иштироки прокурор ҳангоми баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ дар судҳо доираи чунин ваколатро дарбар мегирад, аз ҷумла, дастгирии айбдоркунии давлатӣ, овардани эътироз аз болои ҳукмҳои ғайриқонунӣ ва беасос, бурдани назорат аз болои иҷрои ҳукмҳо ва ғайра.

КМҶ ҶТ аз прокурор талаб менамояд, ки у дар асоси қонун амал намуда, ба далелҳо аз руи ақидаи ботинии худ баҳо диҳад.

Фаъолона иштирок намудан дар таҳлили далелҳо ҳангоми дастгирии айбдоркунии давлатӣ яке аз вазифаҳои муҳими прокурор ба шумор меравад, ки он дар фармони Прокурори генералии ҶТ № 12 аз 15-уми феврали соли 2016 «Дар бораи иштироки прокурор ҳангоми аз тарафи судҳо баррасӣ кардани парвандаҳои ҷиноятӣ ва назорати қонунӣ будани санадҳои судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ» дақиқ нишон дода шудааст.

Дуруст аст, ки КМҶ ҶТ ба прокурор дар рафти мурофиаи судӣ ягон бартарии мурофиавӣ дар назди дигар иштирокчиёни мурофиа оид ба пешниҳод кардани далелҳо, иштирок дар таҳлили далелҳова монанди инҳо пешбинӣ накардааст. Он ҳолати пешбиникардаи Конститутсия ва дигар қонунҳо, ки танҳо суд ҳуқуқ, дорад шахсро гунаҳкор шумораду нисбати у ҷазои ҷиноятӣ татбиқ намояд, муҳокимаи мурофиаи судиро ба давраи марказию ҷамъбасткунандаи мурофиаи ҷиноятӣ табдил додааст.

Дар КМҶ ҶТ пештара институти «Тафтиши судӣ» дар боби 24-ум пешбинӣ шуда буд ва 18 моддаро дар бар мегирифт. Фарқияти талаботи моддаи 308 КМҶ амалкунанда (Оғози тафтиши судӣ) аз моддаи 280 КМҶ пештара дар он аст, ки тафтиши судӣ аз баёни моҳияти айбдоркунӣ дар ҳаққи судшаванда аз ҷониби айбдоркунандаи давлатӣ, дар парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ бошад, аз баёни шикоят аз ҷониби айбдоркунандаи хусусӣ ё намояндаи у оғоз мегардад[3].

Мувофиқи талаботи Кодекси пештара, тафтишоти судӣ бо эълон карда шудани фикри айбдоркунӣ аз ҷониби суд оғоз мешуд.

---

[1] Раҳматулоев, А.Э. Мурофиаи ҷиноятӣ: китоби дарсӣ. – Хуҷанд: Хуросон. 2016. – С. 96.
[2] Баксалова, А.М. Функция прокурора в уголовном процессе / А.М. Баксалова // Вестник Томского госуниверситета. - 2003. - №4. - С. 40-50.
[3] Рахмон, Ю.А. Назорати прокурорӣ: китоби дарсӣ. – Душанбе: Ирфон, 2019. – С. 196.

Моддаи 309 КМҶ амалкунанда тартиби тадқиқи далелҳоро муқаррар намудааст ва аз моддаи 281 Кодекси пештара бо он фарқ мекунад, ки танҳо тартиби тадқиқи далелҳо аз ҷониби раисикунанда бо мувофиқаи тарафҳо муайян шуда, таъинот ё қарор бароварда мешавад. Тартиби пешниҳоди далеҳо аз ҷониби тарафҳо муайян карда мешавад.

Дар як вақт прокурор ҳуқуқ дорад бо тартиби пешбини намудаи КМҶ ҶТ то лаҳзаи ба хонаи машваратӣ даромадани суд аз таъқиби ҷиноятӣ ва айбдоркунӣ даст кашад.

Мурофиаи судии ҷиноятӣ ба тарзи мубоҳиса ва дар асоси баробарии тарафҳо сурат мегирад. Аз ин рӯ, прокурор ҳангоми дастгирии айбдоркунии давлатӣ бояд холисона, бо тайёрии хуби касбӣ, дар таҳқиқи далелҳо иштирок намуда, ба таъмини ногузирии ҷазо барои ҷиноятӣ содиршуда, мусоидат кунад.

Мутаассифона, санҷишҳо дар фаъолияти прокурорҳои зинаҳои поёнӣ нишон медиҳад, ки айбдоркунандаи давлатӣ дар баъзе ҳолатҳо бе тайёрии пешакӣ дар мурофиа иштирок намуда, танҳо бо фикри айбдоркунӣ шинос мешавад, ки ин комилан нокифоя буда, ба ин таҷрибаи номатлуб хотима бахшидан лозим аст.

Тайёрии айбдоркунандаи давлатӣ ба мурофиаи судӣ, пеш аз ҳама, бо омӯзиши ҷиддии маводи парвандаи ҷиноятӣ оғоз мегардад, ки ин талабот ба айбдоркунанда шароит фароҳам меоварад, ки мавқеи худро ба ҳалли масъалаҳое, ки дар рафти мурофиаи судӣ ба вуҷуд меоянд муайян намояд. Нишондоди иштирокчиёни мурофиаро, ки ҳангоми пешбурди тафтишоти пешакӣ пурсида шудаанд, бо иштироки онҳо дигар амалҳои тафтишотӣ гузаронида шудааст муқоиса намуда, барои тарзи пурсиши онҳо дар мурофиаи судӣ тайёрӣ бинад.

Омӯзиши пурраи маводи парвандаи ҷиноятӣ ва ба тариқи хаттӣ қайд намудани ҳолати кор ва ҳуҷҷатҳои зарурӣ (протоколҳои пурсиш, рӯбарӯкунӣ, кофтуков, ёфта гирифтан ва ғайра) ба тавре, ки ҳангоми иштирок дар мурофиаи судӣ истифода намудани он ва тайёрӣ дидан ба баромад ҳамчун айбдоркунандаи давлатӣ осон шавад, сурат мегирад.

Дар ин раванд омӯзиши қонунгузории амалкунанда ва тағйиру иловаҳо ба он, ки кирдорҳои судшаванда дар парвандаи ҷиноятӣ банду баст карда шудааст, инчунин шинос шудан бо таҷрибаи судии ин қабил парвандаҳои ҷиноятӣ хеле муҳим аст.

Айбдоркунандаи давлатиро зарур аст, ки ҳангоми иштирок дар мурофиаи судӣ бо парвандаи ҷиноятӣ, ба хотираи худ такя намояд, чунки мумкин аст судшаванда, ҷабрдида ва шоҳидон нишондодҳои худро пурра ё қисман иваз намоянд. Нишондодҳои ҳангоми пешбурди тафтиши пешакӣ додаи иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятиро ба пуррагӣ шарҳ диҳад, зеро муқоисаи нишондодҳои дар рафти тафтишоти пешакӣ ва тафтиши судӣ додаи онҳо осон мегардад.

Ғайр аз ин, айбдоркунандаи давлатӣ бояд ба тартибу талаботи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ оид ба аз ҷониби муфаттиш ҷамъ овардани далелҳо, асоснокии қарорҳои қабул намудаи муфаттиш аҳаммият дода, дар ҳама ҳолат ба камбудиҳои тафтишоти пешакӣ, вайронкунии қонун аз ҷониби муфаттиш диққат дода, баҳри бартараф намудани онҳо чораандешӣ намояд[1].

Дар хотима қайд кардан зарур аст, ки баҳри тафтиши ҳамаҷониба, пурра ва холисонаи ҳолатҳои кор ба прокурор зарур аст қайдҳои пешакии айбдоркунандаи давлатӣ, аз ҷумла, нишондоди судшаванда, ҷабрдида ва шоҳидон, хулосаи коршинос ва дигар далелҳои муҳим бояд дар варақаҳои алоҳида бо нишон додани варақи кор ва саҳифаи парвандаи ҷиноятӣ қайд карда шуда, дар мурофиаи судӣ нишондоди онҳо дар дигар тарафи варақ навишта шаванд, ки муқоисаи онҳо осон мегардад.

Аз натиҷаи омӯзиши пешакӣ, тайёр намудани таклифу дархостҳо оид ба масъалаҳое, ки дар қисми оғозкунии мурофиа ва тафтишоти судӣ ба миён меоянд, ба мақсад мувофиқ аст.

[1] Раҳмон, Р.Ю. Баромади Прокурори Генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар иҷлосияи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Садои мардум. - № 17-18 (36540) аз 18-уми феврали с. 2017.

УДК 34.01:004.056

НЕПРАВОМЕРНОЕ ВОЗДЕЙСТВИЕ НА КРИТИЧЕСКУЮ ИНФОРМАЦИОННУЮ ИНФРАСТРУКТУРУ РОССИЙСКОЙ ФЕДЕРАЦИИ: ЗАКОНОДАТЕЛЬНЫЕ И ПРАКТИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ

ТАЪСИРИ ҒАЙРИҚОНУНӢ БА ИНФРАСОХТОРИ МУҲИММИ ИТТИЛООТИИ ФЕДЕРАТСИЯИ РОССИЯ: ҶАНБАҲОИ ҚОНУНГУЗОРӢ ВА АМАЛӢ

МАРКОВА ЕКАТЕРИНА АРКАДЬЕВНА
Старший преподаватель кафедры уголовного права Учебно-научного комплекса по предварительному следствию в ОВД Волгоградской академии МВД России Российской Федерации, майор полиции / Омӯзгори калони кафедраи ҳуқуқи ҷиноятии Комплекси таълимӣ-илмӣ оид ба тафтишоти пешакӣ дар МҚД Академияи ВҚД Россия дар ш. Волгоград, майори политсия
E-mail: Markova-katrin1@yandex.ru

В современном мире кибератаки перестали быть локальным инцидентом, затрагивающим лишь одно государство. С учетом глобальной взаимосвязанности информационных сетей, единых технических принципов трансграничного движения данных вредоносное воздействие с одной точки, способно за секунды поразить компьютеры, серверы и управляющие системы на другом континенте. Эта особенность порождает качественно новый уровень опасности.

К примеру, вирус, внедрённый через обновление бухгалтерской программы в одной из стран, за считанные часы парализовал работу портов, заводов и офисов по всему миру, причинив корпорациям ущерб на миллиарды долларов. Последствия развивались по принципу домино – каждое заражённое устройство в сети становилось источником дальнейшего распространения вируса[1].

Отсутствие физических рубежей делает уязвимыми классические догмы территориального суверенитета. Преступник, находясь на территории страны, не имеющей экстрадиционных соглашений, может наносить ущерб экономике и безопасности десятков государств. Таким образом, опасность любых кибератак на международном уровне заключается не только в масштабах ущерба, но и в сложности привлечения виновных лиц.

В этих условиях любое государство, независимо от его технологического развития, оказывается потенциальной мишенью и частью глобальной уязвимости.

Актуальность уголовно-правовой охраны критической информационной инфраструктуры обусловлена тем, что кибератаки на объекты энергетики, транспорта, связи и здравоохранения перестали быть исключительно технической или административной проблемой. В настоящее время такие деяния представляют реальную угрозу общественной, а в отдельных случаях, и национальной безопасности государства.

Под объектами критической информационной инфраструктуры понимаются информационные системы, информационно-телекоммуникационные сети, автоматизированные системы управления[2], вывод из строя которых способен повлечь тяжкие последствия – от нарушения жизнеспособности населенных пунктов до гибели людей.

Такие объекты функционируют в стратегически значимых отраслях национальной экономики и общественной деятельности, среди которых система здравоохранения и оказания медицинской помощи; научно-исследовательская и инновационная деятельность; транспортная сеть и инфраструктура (наземный, воздушный, водный транспорт); отрасль связи и телекоммуникаций; финансовый сектор (банковская система, страховые организации, биржи, иные институты финансового рынка) и др.

Обозначенные сферы часто становятся мишенью кибератак из-за высокой ценности данных и потенциальной возможности нарушения работы масштабных цифровых систем, которые при недостаточной защите являются уязвимыми.

---

[1] Операция NotPetya // [Электронный ресурс] - Режим доступа: https://www.kommersant.ru/doc/8400299 (дата обращения: 26.03.2026).

[2] Федеральный закон «О безопасности критической информационной инфраструктуры Российской Федерации» от 26.07.2017 № 187-ФЗ // [Электронный ресурс] Справ.-правовая сист. «КонсультантПлюс». – (дата обращения: 26.03.2026).

Система безопасности критической информационной инфраструктуры должна не только гарантировать сохранность и конфиденциальность данных, но и обеспечивать бесперебойную работу технологической базы объекта – исключать риски сбоев и отказов, вызванных целенаправленными атаками или иными угрозами. Это позволяет поддерживать стабильность критически важных процессов и предотвращать последствия, способные нанести ущерб как самому объекту, так и отраслям экономики и обществу в целом.

По данным аналитического центра StormWall, 2025-й стал годом рекордов, как по количеству, так и по мощности DDoS-атак[1]. В первом полугодии 2025 года рост таких фактов по всему миру был прежде всего обусловлен политическими событиями, но уже во второй половине года преступники чаще руководствовались коммерческим интересом. Так, в первом полугодии под удар чаще попадали госсектор и организации с критически важной инфраструктурой. Во втором, что очевидно, злоумышленники переключили внимание на сервисы финансовой сферы и индустрии развлечений. Количество DDoS-атак в России выросло почти вдвое по сравнению с 2024 годом. В итоговом рейтинге по количеству атак Россия заняла 5 место[2].

Законодательство большинства стран признаёт общественно опасные деяния, совершаемые с применением информационно−коммуникационных технологий, уголовно наказуемыми, что проявляется во включении соответствующих составов преступлений в национальные кодексы[3].

Сравнительно-правовой анализ показывает, что нормы уголовного законодательства Республики Таджикистан, регулирующие вопросы компьютерной безопасности, во многом соотносятся с положениями Уголовного кодекса Российской Федерации (далее – УК РФ). Так, в Главе 28 Уголовного кодекса Республики Таджикистан (далее – УК РТ) систематизированы составы преступлений в сфере информационной безопасности, среди которых выделяются: неправомерный доступ к компьютерной информации (ст. 298), компьютерный саботаж (ст. 300), незаконное завладение компьютерной информацией (ст. 301), а также нарушение правил эксплуатации компьютерных систем и сетей (ст. 304) и др.[4].

Однако в ряде стран ответственность за неправомерное воздействие на критическую информационную инфраструктуру не предусмотрена уголовно-правовыми нормами либо находится на стадии разработки. Подобные деяния могут квалифицироваться по общим статьям о компьютерных преступлениях либо вовсе не образовывать состава преступления.

Между тем, в условиях роста числа кибератак возникает необходимость выстраивания эффективной системы охраны стратегически значимых информационных систем. Реализация этой задачи обеспечит эффективное противодействие росту преступлений, направленных против объектов критической информационной инфраструктуры.

Так, в июле 2017 года, в связи с необходимостью совершенствования уголовно-правовых мер борьбы с киберпреступностью, УК РФ дополнен статьей 274.1 «Неправомерное воздействие на критическую информационную инфраструктуру Российской Федерации»[5].

По данным МВД РФ в период с 2020 по 2024 год в России наблюдалась устойчивая тенденция роста числа зарегистрированных преступлений, совершенных в сфере компьютерной информации, а также с использованием информационно-телекоммуникационных технологий. Если в 2020 – 2022

---

[1] DDoS-атака - Distributed Denial of Service, распределенная атака на отказ в обслуживании, разновидность атак на компьютерные системы и сети связи, связанных с большим количеством запросов (в виде IP-пакетов), посылаемых с большого количества IP-адресов сети «Интернет» и направленных на IP-адреса объектов атаки.

[2] DDoS-атаки в 2025 году: что изменилось в мире и России // [Электронный ресурс] - Режим доступа: https://stormwall.pro/resources/blog/ddos-trendy-2025 (дата обращения: 26.03.2026).

[3] См., например: Уголовный кодекс Республики Узбекистан от 22 сентября 1994 г., № 2012-XII // [Электронный ресурс] - Режим доступа: https://prg.kz/document/?doc_id=30421110; Уголовный кодекс Республики Казахстан от 3 июля 2014 г., № 226-V // [Электронный ресурс] - Режим доступа: https://cdb.kz/sistema/pravovaya-baza/kodeks-respubliki-kazakhstan-ot-3-iyulya-2014-goda-226-v/; Уголовный кодекс Республики Беларусь от 9 июля 1999 г., № 275-З // [Электронный ресурс] - Режим доступа: https://prg.kz/document/?doc_id=30421110 (дата обращения: 26.03.2026).

[4] Уголовный кодекс Республики Таджикистан от 21 мая 1998 г., № 574 // [Электронный ресурс] - Режим доступа: https://prg.kz/document/?doc_id=30397325 (дата обращения: 26.03.2026).

[5] Федеральный закон «О внесении изменений в Уголовный кодекс Российской Федерации и статью 151 Уголовно-процессуального кодекса Российской Федерации в связи с принятием Федерального закона «О безопасности критической информационной инфраструктуры Российской Федерации» от 26 июля 2017 г., № 194-ФЗ // [Электронный ресурс] / Справ.-правовая сист. «КонсультантПлюс». – Режим доступа: для зарегистрир. пользователей (дата обращения: 26.03.2026).

годах показатели демонстрировали незначительную, но стабильную динамику преступлений, то, начиная с 2023 года, произошел их заметный скачок[1].

Усиление мер противодействия киберпреступности принесло в Российской Федерации ощутимые результаты в 2025 году. По данным МВД РФ, количество преступлений в сфере компьютерной информации снизилось на 42,2 % относительно предыдущего года. Эта позитивная динамика отражает общую тенденцию к сокращению противоправных деяний с применением информационно−телекоммуникационных технологий – их общее число уменьшилось на 11,8%, что подтверждает эффективность реализуемых мероприятий[2].

Среди ключевых факторов, способствовавших улучшению ситуации, следует выделить усиление технической защиты информационных систем; проведение адресной профилактической работы с потенциальными жертвами кибератак и группами риска; развитие специализированных подразделений правоохранительных органов, занимающихся выявлением, предупреждением и расследованием киберпреступлений. Однако эксперты отмечают, что преступники адаптируются к новым мерам, что требует постоянной актуализации методов противодействия.

В этой связи, в рамках совершенствования нормативно-правового регулирования кибербезопасности 25 марта 2026 года Государственная Дума РФ на пленарном заседании одобрила в окончательном чтении законопроект, направленный на усиление защиты критической информационной инфраструктуры страны. Ключевое изменение коснулось статьи 274.1 УК РФ, в неё включён детализированный перечень последствий противоправных деяний, таких как уничтожение, блокирование, модификация или копирование компьютерной информации, находящейся в критической информационной инфраструктуре РФ[3].

При этом председатель Государственной Думы Вячеслав Володин особо подчеркнул, что «сбой в работе информационных систем, автоматизированных систем управления и всех цифровых компонентов может повлиять на жизненно важные отрасли, стабильность экономики и безопасность государства, его граждан. Предлагаемые нормы повысят эффективность профилактических мероприятий на таких объектах, усилят безопасность их функционирования, а также дифференцируют ответственность в зависимости от тяжести последствий нарушения»[4].

Поскольку масштабы современных киберугроз не ограничиваются рамками отдельных государств, трансграничный характер киберпреступлений требует консолидации усилий на международном уровне.

Российская Федерация занимает активную позицию в международном диалоге по вопросам цифровой безопасности, целенаправленно развивая и поддерживая многосторонние инициативы.

Страны-участницы СНГ объединяют усилия в борьбе с киберпреступностью, выстраивая стратегию на прочном фундаменте общих принципов. Среди них – взаимность сотрудничества, совпадение интересов в защите киберпространства, уважение прав и свобод граждан, сохранение национального суверенитета, обеспечение безопасности в цифровой среде.

Еще в сентябре 2018 г. в рамках заседания Совета глав государств СНГ в Душанбе было подписано Соглашение о сотрудничестве государств - участников Содружества Независимых Государств в борьбе с преступлениями в сфере информационных технологий, которое 15 июня 2021 г. ратифицировано Государственной Думой РФ[5].

Вместе с тем, несмотря на видимый прогресс, международное сотрудничество сталкивается с рядом препятствий, одним из которых является неоднородность законодательства стран и практики его применения. Государства индивидуально подходят к определению понятия киберпреступлений, устанавливают различные критерии для квалификации деяний, применяют неодинаковые сроки хра-

[1] Состояние преступности за 2020 – 2024 года // [Электронный ресурс] - Режим доступа: https://мвд.рф/reports (дата обращения: 26.03.2026).

[2] Состояние преступности за январь - декабрь 2025 г. // [Электронный ресурс] - Режим доступа: https://мвд.рф/reports/item/77848182/ (дата обращения: 26.03.2026).

[3] Проект Федерального закона «О внесении изменений в статью 2741 Уголовного кодекса Российской Федерации» № 1071966-8 // [Электронный ресурс] / Справ.-правовая сист. «КонсультантПлюс». – Режим доступа: для зарегистрир. пользователей (дата обращения: 26.03.2026).

[4] Приняты законы, направленные на повышение безопасности критической информационной инфраструктуры // [Электронный ресурс] - Режим доступа: http://duma.gov.ru/news/63277/ (дата обращения: 26.03.2026).

[5] Федеральный закон «О ратификации Соглашения о сотрудничестве государств - участников Содружества Независимых Государств в борьбе с преступлениями в сфере информационных технологий» от 1 июля 2021 г., № 237-ФЗ // [Электронный ресурс] - Режим доступа: https://docs.cntd.ru/document/607124270 (дата обращения: 20.03.2026).

нения цифровой информации. Особые сложности создают правила экстрадиции и длительные бюрократические процедуры при запросах о правовой помощи[1].

Технические сложности и ресурсные ограничения также создают проблемы в глобальном масштабе. Уровень технологической оснащённости сильно различается. Дефицит квалифицированных специалистов по информационной безопасности, нестабильное интернет-соединение в отдельных регионах, устаревшие ИТ-системы без обновлений безопасности и ограниченные бюджеты на кибербезопасность делают ряд стран уязвимыми и снижают общую эффективность международного противодействия угрозам, позволяя преступникам использовать слабые звенья в глобальной системе киберзащиты[2].

Преодоление этих барьеров требует постепенной гармонизации законодательства, создания нейтральных площадок для диалога вне геополитических конфликтов, стандартизации форматов обмена информацией и совместных учебных программ для подготовки кадров. Только комплексный подход позволит повысить эффективность международного сотрудничества в борьбе с киберпреступностью.

ТДУ 351.74/.76

САҲМИ КОРМАНДОНИ ҲАДАМОТИ ДАВЛАТИИ «МУҲОФИЗА» ДАР ТАҲКИМИ СОХТИ КОНСТИТУТСИОНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ВКЛАД СОТРУДНИКОВ ГОСУДАРСТВЕННОЙ СЛУЖБЫ «ОХРАНА» В УКРЕПЛЕНИИ КОНСТИТУЦИОННОГО СТРОЯ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

МАЪРУФЗОДА МАЪСУМАХОН МАЪРУФ
Омӯзгори калони кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва фаъолияти маъмурии факултети № 4-уми Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, майори милитсия / Старший преподаватель кафедры административного права и административной деятельности факультета № 4 Академии МВД Республики Таджикистан, майор милиции

Саҳми кормандони милитсия дар таъмини сулҳу субот, ризоияти миллӣ, таҳкими сохти конститутсионӣ ва давлатдории навини тоҷикон хеле назаррас мебошад.

Мақомоти корҳои дохилӣ дар ҳамоҳангӣ бо дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои қудратӣ дар назди халқу Ватан аз уҳдаи вазифаҳои хизматии хеш бошарафона баромада тавонистаанд. Фаромуш набояд кард, ки кормандони милитсия дар вазъияти мураккаби сиёсӣ-иҷтимоӣ, болоравии сатҳи ҷиноятқорӣ, ҳолатҳои хатарноку даҳшатангез, пуршиддату вазнини руҳию ҷисмонӣ, таъминоти ночизи моддӣ- техникӣ вазифаҳои хизматиашонро адо мекарданд.

Эмомалӣ Раҳмон[3]

Ҷуфтан ба маврид аст, ки аз соли 1985 то миёни соли 1991 шумораи иншооте, ки зери ҳимояи Хадамоти давлатии «Муҳофиза»-и ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дошт, се баробар афзоиш ёфта буд. Дар ин муддат 1330 дуздӣ ва дигар ҷиноятҳо пешгирӣ карда шуда, 16.600 ҷиноятқорон боздошт карда шудаанд. Танҳо дар соли 1991 аз ҷиноятқорон зиёда аз 7 килограмм воситаи нашъаовар дарёфт ва аз тарафи кормандони ин хадамот мусодира карда шуд. Самти техникии хадамот рӯ ба беҳбудӣ ниҳода буд. Дар 40 маҳалли ҷумҳурӣ муҳофизаи марказонидашуда ташкил гардида буд. Ба як ибора сохтор,

[1] Павлова, А.А. Проблемы международного сотрудничества и законодательство отдельных стран в борьбе с компьютерной преступностью: сравнительный анализ / А.А. Павлова, Т.И. Игнатьева // Право и государство: теория и практика. - 2024. - № 9(237). - С. 601-608.

[2] Степанов, Е.А. Расследование и раскрытие компьютерных преступлений: актуальные проблемы / Е.А. Степанов // Вестник науки. - 2025. - № 1 (82) // [Электронный ресурс] - Режим доступа: https://cyberleninka.ru/article/n/rassledovanie-i-raskrytie-kompyuternyh-prestupleniy-aktualnye-problemy (дата обращения: 26.03.2026).

[3] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», 23-юми декабри с. 2022 // [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: https://president.tj/event/missives/27245

низоми идоракунӣ, усулҳои корбарӣ ва вазъи фаврияти амалиёт ба таври назаррас рӯ ба беҳбудӣ ниҳода буд.

Ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ солҳои 90-ум, ки ба пастравии сатҳи иқтисодӣ дар кишвар ба низоми муҳофизавии кишвар таъсири манфии худро расонида буд. Дар нимаи аввали соли 90-ум бо муташанниҷ гардидани авзои сиёсӣ, халал ёфтани механизми маъмули муҳофизавии кишвар, шуроҳо хадамоти мавриди назар норасоии на танҳо мутахассисони болаёқату ботаҷриба, балки камбудии васоити махсуси нақлиётро баръало эҳсос мекард. Ҳамзамон дар ин давра шумораи ҷиноятқорон рӯ ба афзоиш ниҳода буд. танҳо дар моҳҳои апрел-майи соли 1992, дар давраи гирдиҳамоиҳо, маҷмуан дар ҷумҳурӣ 183 ҳодисаи ҷинояти дуздии моликияти давлатӣ ва ғоратгарӣ ба қайд гирифта шуд, ки аз ин 87 ҷиноят танҳо дар пойтахти кишвар шаҳри Душанбе рух дода буд. Ин аз он шаҳодат медод, ки вазъи ногувор ва ниҳоят душвори он солҳоро бозгӯ месозад.

Фаъолияти хадамот дар вилояти Хатлон, шаҳри Норак ва ноҳияи Ёвон ба куллӣ бозмонда буд. Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, кормандони хадамот бо истифода аз тамоми имконият, ба зери хатар гузоштани ҷони хеш баҳри ҳифзу нигоҳдории моликияти давлатӣ ва ҷамъиятӣ талош мекарданд.

Саҳми беназири кормандони Хадамоти давлатии «Муҳофиза» дар давраи ба даст омадани Истиқлолияти миллӣ, барқарор намудани сохти конститутсионӣ ва нооромиҳои он замон метавон ёдовар шуд, ки ҷони худро дар хатар, зери фишору таҳдид, азобу машаққат гузоштанд ва ҳатто даҳҳо нафарашон дар ин роҳ қурбон шуданд, вале макони хизматии худро тарк нагуфтанд, муҳимтарин дастовардҳои миллиро, бинову корхонаҳои дорои аҳамияти ҳаётан муҳимми давлатидоштаро, ки барои кишвари тозаистиқлоли мо бузургтарин боигарӣ маҳсуб меёфтанд, фидокорона ҳифз намуданд.

Дар давраи солҳои 1992 то 1998 беш аз 2000 кормандон дар хадамоти мазкур фаъолияти пурсамар намуда, 300 нафар ҷавонмардони ин мақомот ҳангоми иҷрои вазифа ҷони худро аз даст доданд ва зиёда аз 100 нафар ҷароҳатҳои вазнини ҷисмонӣ бардоштанд, ки ёди ин шаҳидон дар саҳифаҳои таърихи хадамоти муҳофизаи ВКД абадӣ боқӣ хоҳад монд.

Фаъолияти кори Шурои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон № 206 аз 2-юми майи соли 1994 сол «Оид ба пурзур намудани муҳофизати ташкилоту муассисаҳо неъматҳои моддӣ ва маблағҳои пулӣ» бо фармони ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 3 аз 01-уми январи с. 2003 «Оид ба гузаштани РХДМ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоби худмаблағгузорӣ» ва, инчунин, Оинномаи қабулшудаи бо фармони ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 107 аз 05-уми феврали с. 2001 солро дар бар мегирифт.

Дар бораи Раёсати Хадамоти давлатии «Муҳофиза» ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар амру қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шуда, ҳама баҳри таъмини мардум ва хизматрасонии ин сохтор аз таваҷҷӯҳи хоссаи роҳбарияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати ин мақомоти бо салоҳият дарак медод.

Милитсияи муҳофизавӣ на танҳо посбон, балки ҳамчун ҳомии низому тартибот дар макони хизмати худ фаъолият менамояд. Ҳама қонуншиканиву ҷинояткорие, ки дар ҳудуди муҳофизавӣ ба вуқуъ меояд, аксаран аз ҷониби кормандони ин хадамот пешгирӣ ва ё ошкор карда мешавад[1].

Ҷиҳати иҷрои Фармони Президенти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №2 аз 2-юми декабри с. 1994 “Дар бораи ихтиёран супоридан ва мусодира намудани силоҳ, лавозимоти ҷангӣ ва техникаи ҳарбӣ аз аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз тарафи Хадамоти давлатии “Муҳофиза” ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд ва воҳидҳои он дар ин давра аз муомилот 24 адад силоҳҳои гуногунтамғаи оташфишон дарёфт ва мусодира карда шуда буд.

Ҳамзамон, ҷиҳати таъмини иҷрои талаботи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон № 464 аз 12-уми апрели соли 1996 “Оиди чораҳои таъхирнопазири муборизa алайҳи гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир” аз тарафи ҳайати шахсӣ дар якҷоягӣ бо дигар воҳидҳои мақомоти корҳои дохилӣ 8 ҳолат муайян карда шудааст.

Бо мақсади таъмини амнияти давлатӣ пешгирии ҳодисаҳои садамавӣ, нигоҳдории тартиботи ҷамъиятӣ ва бехатарии иншоотҳо ва талаботи иҷрои Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон № АП – 1366 аз 4-уми августи соли 2010 “ Бо мақсади таъмини амнияти миллӣ, ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ, пешгирии амалҳои террористӣ ва назорати доимии вазъи ҷамъиятӣ

[1] Милитсия ҳомии тартибот: дастури илмӣ-таълимӣ. – Душанбе: Эр-Граф, 2010. – С. 242-246

дар бино ва иншооти муҳими давлатӣ ва ҷамъиятӣ насб намудани таҷҳизоти назоратӣ” дар якҷоягӣ бо кормандони Шуъбаи ВКД ва Раёсати Хадамоти давлатии оташнишонии шаҳру ноҳияҳои вилоят то ҳол, дар умум 1442 корхонаву муассисаҳо, мавриди санҷиш қарор дода, муайян гашт, ки 1096 иншоот бо камераҳои мушоҳидавӣ ҷиҳозинида шуда, аз ин 893 иншоот бо камераҳои баландсифат таъмин карда шуда буд.

Бо Фармони ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон № 258 аз 20-уми майи соли 1992 Раёсати «Муҳофиза» ВКД ба Раёсати Хадамоти давлатии «Муҳофиза» ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон табдили ном кард ва бо назардошти истиқлолияти комили давлатӣ касб кардани кишвар низомномаи он тибқи талаботи имрӯз аз нав баррасиву таҳия гардидааст.

Аз 31-уми марти соли 2011 то инҷониб бо Қорори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон № 1516 ба сохтори мазкур номи Хадамоти давлатии “Муҳофиза”-и ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шудааст.

Раёсати Хадамоти давлатии «Муҳофиза» дар давоми фаъолияти худ ҳифзи моликияти давлатӣ ва ҷамъиятиро дар аоси қонунҳои ҷорӣ ба роҳ мондааст. Дар ин кор ба ягон танқисии молиявӣ ва рақобат дучор нагашта, пайваста аз ҳисоби зиёд намудани муҳофизати корхонаву ташкилот тавассути шуъбаҳои Хадамоти давлатии «Муҳофиза» гирифташуда, фаъолияти худро васеъ намудаанд.

Қобили зикр аст, ки тибқи шартнома аз тарафи Ҷамъияти саҳҳомии шакли моликияташ маҳдуди илми техникии «Аларм» Ҷумҳурии Белоруссия, соли 2007 таҷҳизоти нави замонавӣ бо арзиши умумии 12673,43 доллари амрикоӣ ба раёсат ворид гардид, ки он дар якҷоягӣ бо мутахассисонӣ ҷамъияти мазкур ва кормандони ШБТМ РХДМ ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар биноҳои маъмурии Раёсат васл карда шуда, 2000 ҳаҷми нуқтаҳои хизматрасониро фаро гирифтааст.

Инак ин сохтори муҳими давлатӣ фаъолияти худро сол аз сол сол пурзӯр карда истодааст. Дар ин муддати таърихан начандон тӯлонӣ чандин насли кормандони ин хадамот иваз шуда, месазад дар ин санаи фархунда номҳои собикадорони ин хадамот Раҳмонқул Зоиров, Мардон Ҷураев, Олмаҳмад Рачабов, Ҳамза Холмуминов, Ориф Шарифов, Табаралӣ Холиқов, Исмат Шарифов, Лолахон Раҳмонов, шодравон Раҳмонзода Алихон Футур ва Фарҳод Рачабов ва даҳҳо нафарони дигарро ёдовар шуд, ки дар солҳои гуногун дар ин хадамот фаъолияту роҳбарӣ намудаанд. [1]

Албатта, муддати таъсиси ин хадамот агар аз нигоҳи масири таърих хеле кутоҳ ва андаке ҳаст, вале ин сохтор баробари тараққиёти ҷомеа дар ин беш аз ним аср, аз як бахши хурди фаъолияти милитсия ба хадамоти бонуфузу тавоное табдил гардид. Зеро ҷомеаи мо низ инкишофу пешрафт намуда, ҳазорон иншооту биноҳои майишӣ ва давлативу ҷамъиятие, ки дорои аҳаммияти махсусан муҳим мебошад сохта шудаву мавриди истифода қарор гирифтаанд, ки таъмини бехатарии онҳо аз фаъолияти хуби кормандони милитсияи муҳофизавӣ вобастагии хеле калон дорад. Яъне, ба маънии дигар ҳифзи дастовардҳои миллӣ, таъмини бехатарӣ дар иншоотҳои стратегиву дорои аҳаммияти махсусан муҳим аз вазифаҳои муқаддасест, ки ба дӯши кормандони ин хадамот вогузор шудааст.

Мавриди қайд аст, ки Хадамоти давлатии “Муҳофиза” яке аз ҷузъҳои таркибии ВКД ба шумор рафта, бо сарбаландӣ ҳифзи муҳимтарин дастовардҳои миллӣ ва иншооту корхонаҳоро бар дӯш дорад, ки пешрафту тараққиёти соҳаи иқтисодиёти кишвар вобастагӣ дорад.

Дар ин замина Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон низ пайваста таъкид менамоянд, ки “Дар шароити ҷаҳонишавӣ зарурате пеш омадааст, ки дар роҳи пешгирӣ ва мубориза бар зидди ҷиноятқориву қонуншиканиҳо тарзу усулҳои фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқро такмилу сайқал дода, имконияту воситаҳои нав мавриди истифода қарор дода шаванд”.

Дар давоми солҳои 2010 -2020 аз ҳисоби даромадҳои худӣ 12 адад нақлиёти хизматии гуногунтамғаи замонавӣ барои Хадамоти мазкур харидорӣ карда шудааст. Инчунин, дар асоси шартномаи сетара миёни Хадамот, ВКД ва Бонки миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон № 05-Ф/25 аз 24-уми августи соли 2015, 2 адад автомошинаи хизматӣ харидорӣ гардида, ба тавозуни ВКД гузаронида шуд.

Ғайр аз ин, Хадамоти давлатии “Муҳофиза” бо мақсади таъмини иҷрои супориши ВКД аз 23-юми июни соли 2020, № 182, супориши роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии

[1] Хадамоти давлатии «Муҳофиза»-и ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2020. - С.85 -88

Тоҷикистон аз 22-юми июни соли 2020, № 16/10 -160 оид ба ҷараёни иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31-уми октябри соли 2018, № 510 “Дар бораи ҷашн гирифтани 30-солигии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва ҷиҳати иҷрои банди 11 “Нақша-чорабиниҳои Вазорати корҳои дохилӣ оид ба таҷлили 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, як қатор сохтмон ва таъмири биноҳоро ба анҷом расонидааст.

Дар ин давра таъмири капиталии биноҳои маъмурии ҷавобгӯ ба талаботи замони муосир, Шуъба ва шуъбачаҳои Хадамоти давлатии “Муҳофиза” дар шаҳру ноҳияҳои Б. Ғафуров, Истаравшан, Спитамен, Конибодом, Роғун ва Файзобод ба анҷом расонида шуда, мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтааст.

Инчунин, дар арафаи ҷашни Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон сохтмони биноҳои маъмурӣ дар шаҳри Норак ва ноҳияи Айнӣ ба анҷом расида, бо тамоми шартҳои корӣ барои фаъолияти кормандон ва бо техникаи муосир муҷаҳҳаз, дар вазъияти тантанавӣ ба истифода дода шудааст.

Аз ҷумла, санаи 21-уми марти соли 2019 дар ҷашни Наврӯзи байналмиллалӣ бинои замонавии маъмурии Шуъбаи Хадамоти давлатии “Муҳофиза” ноҳияи Варзоб бо тамоми шароитҳои корӣ барои фаъолияти кормандон ва бо техникаи муосир муҷаҳҳаз гардонидашуда дар вазъияти тантанавӣ ба истифода дода шудааст. [1]

Инчунин, тамоми биноҳои маъмурии ҷузъу томи Хадамот таъмир гардида, рӯзи 11-уми декабри соли 2019 Вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон генерал-полковники милитсия Раҳимзода Р.Ҳ. ба корҳои созандагӣ дар Хадамоти давлатии “Муҳофиза” дар ноҳияҳои И.Сомонӣ, Шоҳмансур, Фирдавсӣ, Сино-1 ва Баталиони милитсия, ки аз таъмири нави замонавӣ бароварда шуда, ҳуҷраҳои кории кормандон бо техникаву таҷҳизоти зарурии замонавӣ муҷаҳҳаз гардонида шуда буд, шиносоӣ падо намуданд.

Ҳамчунин, дар ин давра дар давоми 40 шабонарӯз бино ва иншооти ҷамъияти саҳҳомии кушодаи “Бюрои махсуси конструкторию технологии мошинсозӣ” воқеъ дар шаҳри Душанбе, кӯчаи Н. Қаробоев 54, ки бо Фармоиши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон № 54ф аз 30-юми майи с. 2018 ба тавозуни Хадамоти давлатии “Муҳофиза” гузаронида шуда буд, пурра бо тарҳи замонавӣ ва бо ҷиҳозонидани таҷҳизоти нави замонавӣ бо фароҳам овардани шароити баланди корӣ аз таъмири капиталӣ бароварда шудааст.

Кормандони Хадамоти давлатии “Муҳофиза” ҳифзу мудофиаи дастовардҳои истиқлолиятро таъмин намуда, вазифаи пуршарафи муҳофизати иншоотҳои муҳим ва махсусан муҳимми давлативу ҷамъиятиро ба зимма доранд, ки он аз ҳар як корманди хадамоти мазкур ҳушёриву зиракии сиёсӣ ва масъулияти баланди касбиро талаб менамояд. Барои иҷрои вазифаҳои пурмасъули хеш моро зарур аст, ки дар интихобу омӯзиши кадрҳо диққати ҷиддӣ зоҳир намуда, ҳайати шахсиро дар руҳияи садоқат ба халқу Ватан тарбия намуда истодаанд.

Дар Паёми навбатӣ дар парлумони кишвар Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – Сарфармондеҳии Олии Қувваҳои Мусаллаҳ таъкид карданд, ки “Мо ба фарзандони ҷасуру далери халқамон – ҳомиёни Ватани маҳбубамон эътимоди комил дорем ва бо онҳо ифтихор менамоем”[2].

Бо боварии комил зикр менамоем, ки ҳайати шахсии Хадамоти давлатии “Муҳофиза”-ии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон аз афсари қаторӣ то афсарӣ олирутба сазовор ба боварии Пешвои миллат содиқонаву софдилона хизмат менамоянд.

Ҳамчунин, ҷиҳати сазовор ва бо масъулияти баланд пешвоз гирифтани ҷашни дар пешистода 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи Хадамоти давлатии “Муҳофиза” Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор корҳои назаррас пешбинӣ ва ба нақша гирифташудаи худро бо сарбаландӣ ва масъулияти баланд ба иҷро мерасонанд.

[1] Ҳамон ҷо. - С. 17-23.

[2] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ. 16-уми декабри с. 2025 // [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: https://president.tj/event/missives/54181

ТДУ 343.985.44

АЗНАЗАРГУЗАРОНИИ ҶОЙИ ҲОДИСА БО ИСТИФОДАИ ВОСИТАҲОИ ТЕХНИКАИ КРИМИНАЛИСТӢ

ОСМОТР МЕСТА ПРОИСШЕСТВИЯ С ИСПОЛЬЗОВАНИЕМ ТЕХНИЧЕСКОГО КРИМИНАЛИСТИЧЕСКОГО ОБОРУДОВАНИЯ

МУЛЛОБОЕВ МАМАДҶОН РАУФОВИЧ
Омӯзгор-ҳамкори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва мурофиавии факултети № 4-уми Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, полковники мустаъфии милитсия / Со-преподаватель кафедры уголовного права и процесса факультета № 4 Академии МВД Республики Таджикистан, полковник милиции в отставке

Мувофиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ дорад[1]. Ин чунин маъно дорад, ки ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд муҳим ва аз ҳама волотар бояд дониста шавад. Дар ин сурат ҳаргуна меъёрҳои ҳуқуқ ба хотири ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон пазируфта хоҳад шуд. Дар радифи ин давлат баҳри баланд бардоштани сатҳи иҷтимоию иқтисодӣ, фарҳангӣ, тарбиявӣ, хусусияти сиёсидошта ва дигар чораҳои дар қонун пешбинишударо андешида кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки ҷомеаи шаҳрвандиро бо мазмуни пурра бунёд намояд.

Барои ба натиҷаҳои хуб расидан мавқеи муҳимро фаъолияти муқовимат ба ҷиноятқорӣ ишғол мекунад. Кирдори зиддиҳуқуқӣ ин сӯиқасд ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, манфиатҳои ҷамъият ва давлат, ташкилоту корхонаву муассисаҳо новобаста аз шакли моликияти онҳо зарар меорад. Яъне, фаъолияти муътадили тамоми сохторҳои давлатию ғайридавлатиро вайрон мекунад. Аз ин лиҳоз зарур аст, ки ташкили самаранокии фаъолият оид ба огоҳ ва пешгирии ҷиноят, инчунин ошкор намудани он ва фош кардани шахсияти ҷиноятқор, андешидани чораҳои дахлдор тибқи қонун нисбати шахсони гунаҳкор, яке аз вазифаҳои мақомоти таҳқиқ ва дигар шахсони мансабдори мақомоти таъқиби ҷиноят ба ҳисоб меравад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Паёми навбатии хеш, дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ аз 16-уми декабри с. 2025 иброз намуданд, ки мубориза бар зидди терроризму экстремизм, радикализм, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, қочоқи силоҳ, ҷиноятҳои киберӣ ва дигар ҷиноятқориҳои муташаккили фаромиллӣ вазифаи ҷонии сохторҳои низомӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар шароити ноорому бухронии ҷаҳони муосир мебошад[2].

Азназаргузаронӣ ин амали тафтишие мебошад, ки онро муфаттиш ба мақсади ёфтани осори ҷиноят ва дигар далелҳои шайъӣ, муайян кардани вазъияти ҳодиса, инчунин ҳолатҳои дигаре, ки барои парванда аҳамият дошта метавонад, ҷойи рӯй додани ҳодиса, маҳал, биноҳо, асбобу анҷом, ҳуҷҷатҳо ва дигар объектҳои моддиро азназар мегузаронад.

Азназаргузаронии ҷойи ҳодиса ин амали аввалин ва таъҷилии тафтишӣ буда, барои бевосита таҳқиқ намудани вазъи ҷойи ҳодиса, бозёфтан, омӯхтан, гирифтан ва зикр кардани пайҳои ҷиноят гузаронида мешавад. Мақсади бевоситаи таҳқиқ намудани ҷойи ҳодиса муайян намудани вазъи рӯй додани ҳодиса ва иҷрокунандагони он мебошад. Яъне, азназаргузаронии ҷойи ҳодиса, дар навбати аввал, амалиёти мустақили тафтишии аз тарафи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ танзимшуда мебошад[3].

Вобаста аз объект намудҳои зерини азназаргузаронӣ вуҷуд доранд:

1. азназаргузаронии ҷойи ҳодиса;

---

[1] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 6-уми ноябри соли 1994 дар раъйпурсии умумихалқӣ қабул карда шуд (26-уми сентябри соли 1999, 22-юми июни соли 2003 ва 22-юми майи соли 2016 бо тариқи раъйпурсии умумихалқӣ ба он тағйиру иловаҳо ворид карда шудаанд) // [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: www.mmk.tj.

[2] Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» // Қонун ва ҷомеа. № 50 (864), 18.12.2025.

[3] Владимиров, С.В., Грязева, Н.Д. [и др.]. Осмотр места происшествия: учебное пособие. – Самара: Самраский юридический институт ФСИН России, 2020. – 96 с.

2. азназаргузаронии маҳал ва биное, ки ҷойи ҳодиса намебошанд;
3. азназаргузаронии предмет ва ҳуҷҷатҳо;
4. азназаргузаронии ҷасади мурда;
5. азназаргузаронии муросилоти почтаю телеграф.

Азназаргузаронии тафтишотӣ-маҷмӯи амалҳоест, ки бо тартиби пешбинӣ кардаи қонуни мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷониби мақомотҳои таъқиби ҷиноятӣ (таҳқиқбаранда муфаттиш ва инчунин прокурор), бо мақсади муайян кардани вазъияти рух додаи ҳодиса, аломати ҷиноят, ҳолатҳои содир шудани ҷиноят, ҷустуҷӯ ва ошкор кардани осори ҷиноят, изу пайҳои ҷиноятқор, гирифтани ашё, ҳуҷҷатҳо аз ҷойи ҳодиса, муайян кардани нишонаҳои хоса, сифат ва хусусиятҳои онҳо, инчунин бо мақсади ошкор намудан, муқаррар кардани механизми пайдоши изу пайҳо ва бо тартиби пешбиникардаи қонун қайду мустаҳкам кардани ҳолатҳои ошкоргардида анҷом дода мешавад. Амалҳои тафтишӣ - инҳо амалиёти бо риояи қатъии қонун гузаронидашавандае, ки ба бозёфт кардан, мустаҳкам намудан ва санҷида баромадани далелҳо нигаронида шудаанд[1].

Азназаргузаронии ҷойи ҳодиса барои пайдо кардани осори ҷиноят ва ё дигар далелҳои шайъӣ, инчунин, дар протокол сабт намудани маълумотҳо оид ба ҳолатҳое гузаронида мешавад, ки барои ҳалли дурусти масъалаҳои дар парвандаи ҷиноятӣ буда аҳаммият доранд[2].

Азназаргузаронии маҳал ва ё биное, ки ҷойи ҳодиса намебошанд бисёр вақт, барои пайдо кардани он оварда мерасонад. Дар чунин мавридҳо дар чаҳор чӯбаи амали тафтишӣ якчанд объект азназар гузаронида мешавад.

Ҳангоми аз азназаргузаронии ҷои ҳодиса маҳал, бино таҳқиқбаранда, муфаттиш ва прокурор ҳуқуқ дорад анборҳо, ашёҳо ва ҳуҷҷатҳои пайдо кардаашро азназар гузаронад, зеро вобаста ба вазъият, мумкин аст дар худ онҳо пайи ҷиноятро нигоҳ дошта бошанд ва ё ба он дахл дошта бошанд.

Вазифаҳои умумии азназаргузаронии ҷойи ҳодиса аз инҳо иборатанд, ки дар қисми аввали моддаҳои 182-183 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - КМҶ ҶТ) пешбинӣ шудааст: “Азназаргузаронии ҷойи ҳодиса, маҳал, бино, асбобу анҷом ва ҳуҷҷатҳо бо мақсади ошкор кардани осори ҷиноят ва дигар объектҳои моддӣ, муайян кардани дигар ҳолатҳои барои парванда аҳаммиятнок анҷом дода мешавад”[3].

Дар мавридҳои таъхирнопазир азназаргузаронии ҷойи ходисаро то оғози парвандаи ҷиноятӣ анҷом додан мумкин аст.

Азназаргузаронӣ бо иштироки шахсони холис сурат мегирад. Дар ҳолатҳои истисно (дар маҳалҳои душворгузар, ҳангоми мавҷуд набудани воситаҳои дахлдори иттилоот, инчунин, дар ҳолатҳое, ки азназаргузаронӣ барои ҳаёт ва саломатии одамон хавфнок бошад) азназаргузаронӣ бидуни шахсони холис анҷом дода мешавад.

Муфаттиш ва таҳқиқбаранда ҳуқуқ доранд барои иштирок дар азназаргузарони айбдоршаванда, гумонбаршуда, ҷабрдида, шохид, инчунин, мутахассисро ҷалб намоянд.

Барои ҳаматарафа ва объективона гузаронидани азназаргузаронии ҷойи ҳодиса иширoки коршиноси шуъбаи ташхиси криминалистӣ муфид аст, зеро дарёфт, зикр, гирифтан ва бастубанди намудани объектҳои моддии аз ҷойи ҳодиса муайян шуда, маҳорати баланди касбиро талаб мекунад. Қайд намудан зарур аст, ки ҳангоми азназаргузаронии ҷойи ҳодиса дар манзили истиқоматӣ, садамаи нақлиётӣ, таркиш, сӯхтор ва ғайра барои дарёфт намудани пайҳои ангушт, пойафзол, мӯй, микрообъектҳо ва ғайра техникаи криминалистии муосир зарур аст. Ин объектҳои моддиро танҳо мутахассиси соҳаи махсус бо тарзу усули пешбинишуда муайян карда гирифта метавонад. Бо сифат гузаронидани азназаргузаронии ҷойи ҳодиса ва ба даст овардани далелҳои сифатнок барои исбот намудани гунаҳкории шахс дар содир намудани ҷиноят оварда мерасонад.

Дар ҳолатҳои зарурӣ ҳангоми азназаргузаронӣ, андозагирӣ, аксбардорӣ, сабти овоз, ба навори видео гирифтан, нақшакашӣ ва тарҳрезӣ анҷом дода мешавад. Қолаб ва нусхаи изҳо бардошта мешаванд ва дар сурати имконпазири худи из якҷоя бо асбобу анҷом ё як қисми он бо истифода аз воситаю усулҳои техникии иҷозатдодаи қонун гирифта мешавад.

Азназаргузаронии изҳо ва дигар объектҳои моддии ошкоршуда дар маҳалли пешбурди амали тафтиши анҷом дода мешавад. Агар барои азназаргузаронӣ муҳлати зиёд лозим бошад ё

[1] Мурофиаи ҷиноятӣ: китоби дарсӣ / муҳарири масъул Р.Р. Юлдошев. - Душанбе: «ЭР-граф», 2018. - 556 с.
[2] Раҳматҷонов, А., Оқилова, М. Мурофиаи ҷиноятӣ: курси лексияҳо. – Хуҷанд: «Хуросон», 2008. - 116 с.
[3] Ғозиев, М.С. Криминалистика: китоби дарсӣ / М.С. Ғозиев. – Душанбе, 2007. - С. 110.

азназаргузаронӣ дар ҷойи муайяншуда ниҳоят душвор бошад, объектҳо гирифта, печонда ва мӯҳр зада, бидуни расонидани осеб ба ҷойи дигари барои азназаргузаронии мусоид оварда мешаванд[1].

Азназаргузаронии тафтишӣ бо иштироки шахсони холис сурат мегирад. Дар қонун қоидаи наве пешбинӣ шудааст, ки тибқи он дар ҳолатҳои истисноӣ (дар маҳалҳои душворгузар, ҳангоми мавҷуд набудани воситаҳои дахлдори иттилоот, инчунин дар ҳолатҳое, ки азназаргузаронӣ барои ҳаёт ва саломатии одамон хавфнок бошад) азназаргузаронӣ бе иштироки шахсони холис анҷом дода[2] мешавад. Масалан, маҳалҳои душворгузар ва ҷарии чуқур, азназаргузаронии ҷойи таркиш, маводди заҳрноки кимиёвӣ, техникаи ҳарбӣ, лавозимоти ҷангӣ ва дигар ҳолатҳо.

Вобаста ба вазъияти тафтишотии парвандаи ҷиноятӣ, агар анҷом дода шудани азназаргузаронӣ барои ҳаёт ва саломатии иштирокчиён, аз ҷумла, таҳқиқбаранда, муфаттиш ва прокурор хавфнок бошад, тавсия медиҳем, ки ҷойи ҳодиса, ҳудуди бино ё иншоот, ё ашё аз ҷониби мутахассиси дахлдор (агар таҷҳизот ва воситаҳои таъмини бехатарӣ дошта бошад) бо ёрии воситаҳои илмӣ-техникӣ (бе иштироки бевоситаи муфаттиш) аз масофаи нисбатан бехатар ба навор гирифта шуда, минбаъд ба таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ва холисон намоиш дода шавад. Пас аз ин, таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор метавонад протоколи азназаргузарониро аз рӯи навор тартиб диҳад.

Ғайр аз ин, агар бо истифода аз таҷҳизоти техникии бесарнишини муосир аз ҷойи ҳодиса олотҳои ҷиноят (корд, силоҳи оташфишон, теша, болға, санг ва ғайра) гирифта шуда ба ҷойи бехавф барои азназаргузаронӣ бароварда шавад, ин барои пешбурди парванда мусоидат мекунад.

Дар чунин ҳолатҳо мутахассис вазифаи таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурорро ба зимма намегирад, ӯро иваз намекунад, баракс вай дар як қисмати (марказӣ) азназаргузаронӣ бо даъвати таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор иштирок намуда, ба ӯ ёрии амалӣ мерасонад, уҳдадории мурофиавии худро иҷро мекунад. Қисмати аввал (фаҳмонидани ҳуқуқу уҳдадориҳои иштирокчиён, фаҳмонидани мазмун ва мақсади амали тафтишӣ) ва интиҳоии (тартиб дода шудани протокол) азназаргузарониро бошад, таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор бевосита иҷро мекунад. Гарчанде, ки сатҳи самаранокии азназаргузаронӣ аз рӯйи навор паст бошад ҳам, аз эҳтимол дур нест, бисёр ҳолатҳои ба парвандаи ҷиноятӣ аҳамият дошта саривақт муқаррар ва қайду мустаҳкам карда шаванд, аз рӯйи онҳо хулосаҳои дахлдор бароварда шавад, ки дар навабати худ барои саривақт андешидани чораҳои зарурӣ мусоидат мекунад.

Ин пешниҳод асосҳои ҳуқуқӣ низ дорад, агар талаботҳои м.м. 39, 179, 186 КМҶ ҶТ ба назар гирем, муфаттиш барои ҳамаҷониба, пурра ва холисона муқаррар кардани ҳолатҳои содир шудани ҷиноят бояд чораҳо андешад, дар айни замон ӯ имконият дорад, дар мавридҳои зарурӣ, мутахассисро барои иштирок дар анҷом додани амали тафтишӣ даъват намояд. Мутобиқи муқаррароти қонун, иҷрои қарорҳои қабулкардаи муфаттиш оид ба парвандаи ҷиноятие, ки таҳти пешбурди ӯ қарор дорад, барои ҳамаи шахсони ҳуқуқӣ, новобаста ба шаклҳои ташкилию ҳуқуқӣ, шахсони мансабдор ва шаҳрвандон ҳатмӣ мебошад. Албатта мутахассиси соҳаи дахлдор, ки дорои донишу таҷрибаи махсус аст, бояд барои иштирок дар анҷом дода шудани ин амал, даъват карда шавад.

Ба мутахассис бояд фаҳмонида шавад, ки бинобар мавҷуд будани хавфи муайян, вай ҳуқуқ дорад, аз иштирок дар амали тафтишӣ даст кашад. Ғайр аз ин, мутахассис, ҳамчун иштирокчии мурофиаи ҷиноятӣ, таҳти ҳимояи давлатӣ, чораҳои амниятӣ, дастгирии иҷтимоии давлатӣ қарор дорад. Аз ҷониби дигар, агар ба ҷараёни шаҳодаткунонӣ (ҳамчун амали тафтишӣ, ки аз рӯи мазмун азназаргузаронии аъзои бадани шахси зиндаро ифода мекунад), аз рӯи қиёс назар кунем, муфаттиш дар сурати бараҳна кардани шахси муоинашаванда (қоидаҳои маънавӣ-ахлоқиро риоя намуда), ки ҷинси дигар аст шахсан иштирок намекунад. Вай аз рӯйи хулосаи мутахассис протоколи шаҳодаткуниониро тартиб медиҳад.

Чи хеле ки дида мешавад, қонун дигар мавридҳоеро ҳам пешбинӣ кардааст, ки ҳангоми гузаронидани амали тафтишӣ, муфаттиш дар он шахсан иштирок намекунад. Ҳамин гуна мавридҳоро, ҳангоми анҷом додани амали тафтишӣ ба монанди гӯш кардан ва сабти гуфтугӯ

[1] Салимов, Ҳ. Криминалистика: китоби дарсӣ / Ҳ. Салимов. – Душанбе, 2008. - С. 338.
[2] Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми декабри с. 2009, № 564 (бо тағйироту иловагиҳо дар ҳолати 03-юми январи с. 2024).

(м. 196 КМҶ ҶТ); дастгир кардан (м.м. 91-94 КМҶ ҶТ) таъин ва гузаронидани экспертиза (м. 208 КМҶ ҶТ) низ мушоҳида кардан мумкин аст.

Бинобар ҳолатҳои номбаршуда, ба мақсад мувофиқ аст, ки ба қ. 3 м. 183 КМҶ ҶТ қоидаи зерин илова карда шавад: «Дар ҳолатҳое, ки азназаргузаронии ҷойи ҳодиса, ҳудуди бино ё иншоот, объект ё ашё барои ҳаёт ва саломатии иштирокчиён хавфнок бошад, андозагирӣ, аксбардорӣ, ба навори видео гирифтан бе иштироки холисон ва муфаттиш аз ҷониби мутахассис анҷом дода мешавад. Дар чунин маврид, азназаргузаронӣ ва намоиши аксҳо ё видеонавор аз ҷониби муфаттиш бо иштироки шахсони холис ва мутахассис сурат гирифта дар ин бора протокол тартиб дода, дар он ҳамон қисми акс ва ё сабти видое, ки ба парванда дахл дорад, айнан оварда мешавад. Видеонавор ё манбаи аксҳо (дар шакли плёнка, фитта, корти электронӣ ва ғайраҳо) ба парванда замима мегардад ва дар айни замон қисмате, ки ба парванда алоқаманд нест, пас аз эътибори қонунӣ пайдо кардани хукм ё қатъи парванда нобуд карда мешавад».

ТДУ 343.983

АЙНИЯТИ КРИМИНАЛИСТИИ ПАЙҲО ВА МОҲИЯТИ ОН

КРИМИНАЛИСТИЧЕСКАЯ ИДЕНТИФИКАЦИЯ СЛЕДОВ И ЕЁ СУЩНОСТЬ

МУҲАММАДИЗОДА НИГОРА
Омӯзгори калони кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва мурофиавии факултети № 4-уми Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, подполковники милитсия / Старший преподаватель кафедры уголовного права и процесса факультета № 4 Академии МВД Республики Таджикистан, подполковник милиции

Пеш аз он, ки дар бораи айнияти криминалистӣ, аломатҳо ва намудҳои он ҳарф занем моро зарур аст, ки дар бораи айният маълумот диҳем. Калимаи «айният» дар забони тоҷикӣ ба маънои монанд, айнан ва баробар омадааст. Мафҳуми идентификатсия «identifical» – вожаи лотинӣ буда, маъноаш айният кардан, монанд кардан, шабоҳат доштан, мушобеҳ сохтан ва «identicare» – айнан, якхела, ҳамшакл, мушобеҳ) мебошад. Дар умум ин муайян намудани айнияти (идентификатсия) ягон ашё ё воқеа, одам ё ҳайвон фаҳмида мешавад. Олимони соҳаи криминалистика дар бораи идентификатсияи криминалистӣ ақидаҳои гуногун доранд. Бисёр олимон мафҳуми индетификатсияи криминалистиро хамчун яке аз назарияҳои илми криминалистика мешуморанд. Назарияи айнияти криминалистӣ бошад ба қоидаҳои илмии махсус асос ёфтааст. Тибқи ин назария аломатҳои фардии ҳар як ашё устувор нестанд онҳо дигаргун шуданашон мумкин аст.

Зимни тафтиши ҷиноятҳо аксар вақт зарурати аз рӯйи пайҳо ва дигар инъикосҳо муқаррар кардани алоқаи инсон, ашё ва дигар объект бо ҳодисаи тафтишшаванда ба миён меояд. Масалан, аз пайҳои дастҳо ва пойҳо шахси дар ҷойи ҳодиса буда, аз пайи воситаи нақлиёт – нақлиёти аз ҷойи ҳодиса пинҳоншуда, аз рӯйи пайҳои дар тир ва пӯка буда, оё онҳо аз силохи аз гумонбаршуда гирифташуда парронда шудаанд, аз таҳқиқ кардани матни дастнавис, оё ҳуҷҷат аз тарафи шахси воқеии муайян тартиб дода шудааст, муқаррар карда мешаванд[1].

Дар ҳамаи ҳолатҳои овардашуда ва ба ин монанд ҳодисаҳо муҳимаш он аст, ки аз рӯйи пайи инъикосгардида объекти ин пайро гузошта айният карда мешавад. Айни ҳол ҳарду мафҳум – объект ва инъикос ба таври васеъ шарҳ дода мешавад. Зери мафҳуми объект - инсон, ашё, сару либосҳо ва пойафзоли ӯ, олоти ҷиноят, воситаҳои нақлиёт, аслиҳа, асбобҳо ва монанди инҳо фаҳмида мешавад. Ба сифати инъикосёфта – пайҳои гуногун, ҳуҷҷатҳо, суратҳои аксбардоришуда, қисмҳои объектҳо, тасвирҳои дар шуур нақшбаста дар назар дошта мешаванд.

Айнияткунии объект, яъне, муайян (ошкор) кардани айниятӣ бо худ дар ҳолатҳои ҳархела ва вақтҳои гуногун ва бо мақсади айнияткунонӣ истифода бурдани инъикоси он мебошад.

[1] Сергей, М.Я. Методология судебной идентификации.-Киев, 1970. – 79 с.

Айният ва ё якхелагии объект дар навбати аввал ин нотакрорӣ, фардӣ, фарқияти вайро аз объектҳои ба он монанд ифода мекунад. Дар табиат ду ашёе нест, ки бояд якхела бошад. Дар бораи объектҳои бо ҳам монанд гуфтан мумкин аст, ки онҳо дар асоси ин аломат ба гурӯҳҳо, хелҳо, намудҳо ва монанди инҳо тааллуқ доштанашон якҷоя карда мешаванд, вале табиатан ду объекти комилан ва пурра якхела вуҷуд надорад.

Дар назарияи айнияткунонии криминалистӣ яке аз муҳиммтарин мафҳум ин мафҳуми аломати айнияткунонӣ мебошад. Аломатро ҳамчун ифодаи хусусияти ашё, ҳамчун нишонаи он фаҳмидан мумкин аст, ки вай қобилияти бо тарзи муайян тавсиф кардани объектро дорад. Аломат аз худи объект ҷудонашаванда буда, барои айнияткунии вай истифода шуданаш мумкин аст[1].

Ҳар як объекти олами моддӣ дорои маҷмуъи хусусиятҳо мебошад. Ин хусусиятҳо сохти зоҳирии объект, шакли вай, андозаҳо, маводе, ки аз вай объект иборат аст ва монанди инҳоро тавсиф мекунанд. Дарк намудани ҳамаи хусусияти объект – ин вазифаи басо мушкил буда, сарфи вақти зиёд ва саъю кӯшишро талаб мекунад. Вале барои айният кардани объект тадқиқ намудани ҳамаи хусусиятҳои ӯ шарт нест. Объект ба қадри кифоя аз рӯйи маҷмӯъи аломатҳое, ки дар бораи ӯ тасаввуроти зарурӣ медиҳанд, тавсиф шуданаш мумкин аст. Ба сифати айнияткунонӣ аломатҳои зоҳирии сохти ашё ва ё хусусиятҳои дохилии ӯ баромад карда метавонанд: таркиби кимиёвӣ, зиччӣ, сахтӣ, қобилияти гузаронидани ҷараёни баркӣ ва ғайраҳо. Аломатҳои айнияткунонӣ ин инъикоси тағйирёфтаи хусусияти объекти айнияткунанда мебошад. Масалан, айният кардани инсон аз рӯйи ҳусни хат ин айнияткунӣ аз рӯйи аломати дар навиштаҷоти дастӣ инъикос шуда ва инъикоси системаи малакаи ҳаракате мебошад, ки барои навиштан дар ин шахс ташаккул ёфтааст.

Барои он, ки аломат ба сифати айнияткунонӣ истифода бурда шавад, бояд он ҷавобгӯйи як қатор шартҳо бошад. Асоситарини онҳо – ин хусусияти хос ва аслияти аломат мебошад. Ба таври дигар, ба сифати аломатҳои айнияткунонӣ чунин аломатҳоеро интихоб мекунанд, ки онҳо хусусияти объектро пурра ва аниқ инъикос кунанд. Дар бораи аслияти аломати айнияткунонӣ сухан ронда, ғайритипӣ будан (хос набудан), дур шудан аз андоза ва меъёри он дар назар дошта мешавад. Чунин аломатҳо, чӣ қадаре, ки дар объектҳои ҳамҷинси як гурӯҳ камтар вохӯранд, ҳамон қадар зиёдтар моҳиятноканд.

Ба андешаи мо, аксар вақт аломатҳои моҳиятноки объект ба сифати айнияткунонӣ баромад мекунанд. Ин на он қадар дуруст аст. Зери мафҳуми «аломати моҳиятноки объект» чунин аломат дар назар дошта шудааст, ки бе он ашё мумкин аст вуҷуд дошта, амал карда, ба таъйиноти бевоситаи худ хидмат карда натавонад. Вале аломатҳои айнияткунонӣ на ҳама вақт ифодакунандаи бевоситаи чунин хусусиятҳо мебошанд. Онҳо метавонанд барои объект хусусияти тасодуфӣ шуда, хусусияти дуюминдараҷаи вайро инъикос кунанд, вале новобаста ба ин, агар аз нуқтаи назари истифодабарӣ андеша ронда шавад, дар ҳамаи ин ҳолатҳо онҳо дорои аҳамияти муҳими айнияткунонӣ мебошанд. Масалан, мавҷудияти кафак дар тагчарми пойафзол задашуда барои тавсифи вай начандон аҳамияти муҳиму асосӣ дорад. Вале барои айнияткунонии пойафзол аз рӯйи пайи ҷойгиршавии кафаки дар тагчарми пойафзол буда ва дигар ҷузъҳои он бениҳоят муҳим аст.

Ҳамин тавр, зери аломати махсус қобилияти ҷудо кардани объект, фарқ кунонидани вай аз гурӯҳи чунин объектҳои ҳамҷинс фаҳмида мешавад.

Азбаски ҳангоми айнияткунонӣ дар бисёр ҳолат бо таҳлили на худи аломат, балки бо инъикоси онҳо (дар пай, нусха, қолаб) сарукор бояд дошт, аз ин лиҳоз шарти дуюми асосии айнияткунонии аломат ин ифодаёбии пурраи вай, қобилияти инъикоси такрори он якхела мебошад. Аломат бояд дар ҳар як ҳолати пайдошавии пай такроршаванда бошад ва инъикоси вай бояд дар бораи хусусиятҳои объект маълумоти якхела диҳад.

Шарти саввуме, ки аломатҳои айнияткунонӣ бояд ҷавобгӯйи онҳо бошанд - ин нисбатан устувории онҳо мебошанд. Ҳамаи объектҳои олами моддӣ доимо тағйирёбандаанд. Дар бораи тағйирёбии хусусият, аз он ҷумла аломатҳои ашё сухан ронда, сифатан табдилёбӣ ва сифатан тағйирёбиро бояд ҷудо кард. Ҳангоми сифатан табдилёбӣ ашё хусусиятҳои асосии худро гум мекунад, моҳиятан дигар мешавад. Ҳангоми сифатан тағйирёбӣ хусусиятҳои асосӣ нигоҳ дошта мешаванд; ашё ҳамон хеле, ки буд монда, танҳо хусусиятҳои барои вай начандон аҳамият дошта гум мешаванд[2].

[1] Белкин, Р.С. Кур криминалистики: учебное пособие для вузов. - 3. изд., доп. – М.: Юнити, 2001. - 837 с.
[2] Василъев, А.Н. Криминалистика: учебное пособие. – М.: 2005. – 564 с.

Дар бораи аломатҳои айнияткунонии нисбатан устувор сухан ронда, он дар назар дошта мешавад, ки бисёр хусусиятҳо (аломатҳо) муддати зиёд нисбатан бетағйир мемонанд. Дар назарияи айнияткунонии криминалистӣ мафҳуми «давраи айнияткунӣ» мавҷуд аст. Ин давраест аз лаҳзаи пайдошавии (инъикоси) пай то он замоне, ки айнияткунии объект аз рӯйи инъикоси вай гузаронида мешавад. Давраи айнияткунӣ пешакӣ ба як мӯҳлати муайян муқаррар карда намешавад, чунки тағйирёбии аломатҳои объект, ба мисли устуворӣ онҳо, на танҳо аз муҳлати муайяни вақт, балки аз хусусияти имконияти тағйирёбӣ, шароити нигаҳдорӣ ва ё истифодаи объект ва монанди инҳо муқаррар карда мешавад. Масалан, агар куштор бо истифодаи силоҳ содир карда шуда, баъдан он тоза, равғанмолӣ карда шуда, ба ҷойи хушк гузошта шуда бошад ҳам, ин силохро аз рӯйи пӯка баъди гузаштани якчанд сол ҳам айнияткунонидан мумкин аст. Ё худ агар табари барои шикаст истифодашуда якчанд рӯз беист кор фармуда шуда бошад, дар он ҳолат қисме аз аломатҳои теғаи он албатта тағйир меёбад. Бинобар ҳар дафъа ҳангоми айнияткунии объект аз рӯйи пай (инъикос) бояд на танҳо вақти муайяни давраи айнияткунӣ ба ҳисоб гирифта шавад, балки оиди то чӣ андоза аломатҳои нигаҳдошташударо устувор ҳисобидан мумкин аст, маълумот бояд дошт.

Аломатҳои айнияткуниро аз рӯйи асосҳои гуногун гурӯҳбандӣ кардан мумкин аст. Пеш аз ҳама онҳо ба умумӣ ва хусусӣ тақсим мешаванд. Ба умумӣ чунин аломатҳое дохил мешаванд, ки онҳо хосси объектҳои якҷинсаанд. Бо ибораи дигар гӯем, аломатҳои умумӣ барои ҷудо кардани чунин гурӯҳ аз дигар гурӯҳҳои ба ҳамин монанд, инчунин аз рӯйи инъикоси аломатҳои умумии объект онро ба ҳамин гурӯҳ дохил кардан имконият медиҳад. Масалан, аломатҳои умумии дар дандонаҳои чархи автомобили сабукрав буда (пуррагӣ ва шакли дандона, андозаи вай, андозаи байни дандонаҳо, андозаи фосилаҳо) барои муайян кардани мансубияти ҳамин чарх ба авмомошинаи сабукрав имконият медиҳад.

Фарқияти аломатҳои хусусии айнияткунонӣ аз аломатҳои умумӣ (гурӯҳӣ) дар он аст, ки вай барои ҷудо кардани объекти мушаххас аз байни гурӯҳи бо он якхела имконият медиҳад. Ҷузъҳои объект одатан ба сифати аломатҳои хусусӣ хизмат мекунанд.

Моҳияти аломатҳои хусусӣ гуногун аст. Онҳо метавонанд ҷузъи олами зинда бошанд. Масалан, аломатҳои хусусии буғуми нӯги ангуштони дасти инсон унсурҳое мебошанд, ки аз раҳҳои папиллярӣ (навардчаҳои рӯйпӯши пӯст) ташкил ёфтаанд.

Аломатҳои хусусӣ мумкин аст дар ҷараёни сохтани объект пайдо шаванд. Масалан, дар қисмҳои аслиҳаи оташфишон аломатҳои хусусӣ ҳамчун натиҷаи коркарди фардии қисмҳои алоҳида пайдо мешаванд. Онҳо ҳангоми парронидан дар тирҳо ва пӯкаҳо инъикос меёбанд, ки барои айният кардани аслиҳа бо пай имконият медиҳанд.

Дар охир, аломатҳои хусусӣ дар ҷараёни истифодабарии ашё пайдо шуданашон мумкин аст, масалан, ба намуди ноҳамвории ба чашм ноаён дар қисми буррандаи теғи корд (табар), пайҳои фарсудашавӣ (таъмир) дар тагчармӣ пойафзол ва монанди инҳо.

Аломатҳои айнияткунонӣ ба сифатӣ (муайянкунанда) ва миқдорӣ тақсим мешаванд, ки ин барои нишон додани фарқият дар тарзҳои дарк намудан, сабт, баҳодиҳии онҳо хизмат мекунад. Аломатҳои муайянкунанда ба намуди истилоҳҳое, ки тавсифи сифатии объектро дарбар мегиранд, ифода мегарданд. Ин тавсифи навъҳо ва намудҳои гуногуни нақшҳои папиллярӣ (ҳалқашакл, печутобшакл) шакли олотҳое, ки пайи фишурдашуда гузоштаанд (росткунҷа, даврашакл), тарзи навишти ҳарфҳо дар мактуб (чап давра, рост давра) хусусиятҳои дар пай инъикосшуда мебошанд.

Аломатҳои миқдорӣ бо андозаи рақамӣ ифода мегарданд, масалан, муайянкунандаи андозаи пай, шумораи раҳҳои мил ва моилии ин раҳҳо, андозаи ҳарфи дастнавис ва ғайраҳо. Дар баъзе ҳолатҳо аломатҳои айнияткунонии объектро ҳам миқдоран ва ҳам сифатан тавсиф кардан мумкин аст. Масалан, тавсифи ранги ашёро ҳангоми бо чашм дидан баён кардан мумкин аст: кабуд, осмонӣ, зард, инчунин бо воситаи асбобҳои махсус (спектрофотометрҳо), ки ба аниқтар чен кардани миқдори инъикоси равшанӣ аз тарафи ҳамин объект дар минтақаҳои спектрии мавҷуда имконият медиҳад.

Аломатҳои айнияткуниро ба зарурӣ ва тасодуфӣ тақсим кардан мумкин аст. Дар аломатҳои зарурӣ моҳияти объект зоҳир мегардад, ки бе онҳо вай он чизе, ки бояд бошад, шуда наметавонад. Масалан, аломатҳое, ки таппончаро ҳамчун силоҳи оташфишон тавсиф мекунанд. Тасодуфӣ, масалан, қачу килебӣ дар тир ба монанди пайи рах монда.

Дар асоси гуфтаҳои боло аломатҳои айнияткуниро чунин гурӯҳбандӣ кардан мумкин аст:

– аз рӯйи пайдоиш: хусусӣ ва пайдокардашуда;
– табиатан: қонунан ва тасодуфан;
– аз рӯйи давомнокии муҳлат, ки дар ҷараёни вай аломат ба объект хос аст: устувор ва нисбатан устувор;
– аз рӯйи хусусият: сифатан ва миқдоран;
– аз рӯйи мавҷудияти алоқа бо дигар аломатҳо: вобаста ва новобаста;
– аз рӯйи шумораи зиёди объектҳо, ки дорои чунин аломатҳо мебошанд: ҷинсӣ (гурӯҳӣ) ва фардикунонанда:
– - аз рӯйи моҳият дар ҷараёни айнияткунонӣ: фарқкунонанда ва монандкунонанда;
– аз рӯйи муносибат умуман ба объект: умумӣ ва ҷузъӣ.

Маҷмуъи ҳамаи аломатҳои айнияткунонии дар ҳолатҳои мушаххас истифодабурдашаванда майдони айнияткуниро ташкил медиҳад. Бо ин истилоҳ доираи аломатҳои дар инъикоси маводӣ-сабтии объект нақшбаста ва ба аломатҳои худи ҳамин объект муқоисакунанда муайян карда мешавад. Вазифаи асосии эксперт (мутахассис) ҳангоми омӯзиш ва муқоисаи аломатҳои майдони айнияткуниро ташкилдиҳанда ин баҳодиҳӣ ба онҳо аз нуқтаи назари зарурӣ ва кифоягӣ барои хулоса баровардан оиди айниятӣ мебошад.

Ҳал намудани ин масъала бе ҷудо кардани обеъктҳо ба айнияткунанда ва айниятшаванда ғайриимкон аст. Объектҳои айнияткунанда ин он объектҳое мебошанд, ки якхелагии онҳо бояд муқаррар карда шаванд, айниятшаванда бошад – оне, ки бо ёрии онҳо вай иҷро карда мешавад. Масалан, агар дар ҷойи ҳодиса пайҳои ангуштон пайдо карда шуда бошанд, айнияткунанда инсон мешавад (аниқтараш ангуштони дасти ӯ), айниятшаванда - пайҳои ангуштон. Агар пайи пойафзол дарёфт шуда бошад, объекти айнияткунанда пойафзол мешавад (аниқтараш тагчармии вай), пай бошад - айниятшаванда.

Ҳангоми айният кардани умумӣ аз қисмҳо бошад ба сифати объекти айнияткунанда ашё дар умум, чи хеле, ки вай то тақсимшавӣ (чудошавӣ) буд, объекти айниятшаванда – ин қисмҳои вай дар ҳолате, ки дар ҳамин лаҳза буд.

Ҳангоми айнияткунии объект аз рӯйи шакли дар шуур нақшбаста - шакл айнияткунанда, худи объекте, ки шинохта мешавад айниятшаванда мебошад.

На дар ҳар давраи тафтиши ҷиноят ба таври аниқ муайян кардан мумкин аст, ки нисбати кадом объект айнияткунӣ гузаронида мешавад. Баъзан дар аввал бояд чунин объект аз байни дигар объектҳои ба он монанд ҷустуҷӯ ва пайдо карда шавад. Бинобар он, дар ин давра объекти айнияткунанда объекти ҷустуҷӯшаванда номида мешавад. Барои муқаррар кардани объекти ҷустуҷӯшаванда объектҳои санҷидашавандае тадқиқ карда мешаванд, ки дар байни онҳо мумкин аст объекти ҷустуҷӯшаванда бошад. Масалан, дар ҷойи ҳодиса пайи ангушти шахсони номаълум дарёфт карда шудааст.

Дар содир кардани ҷиноят се нафар шахс гумонбар шудаанд: 1. Каримов А.; 2. Бобоев Б.; 3. Солеҳов Д.

Ин шахсон дар чунин ҳолат санҷидашаванда мебошанд, ки мумкин аст дар байни онҳо якеашон шахси ҷусутуҷӯшаванда бошад. Ҳангоми айнияткунонӣ шаҳрванд Бобоев Б. ҳамчун шахси ҷустуҷӯшаванда муқаррар карда мешавад, дар ин маврид мафҳуми «ҷустуҷӯшаванда» ва «айниятшаванда» ҳаммаъно мешаванд[1].

Моҳияти айнияткунӣ аз муқоисаи аломатҳои объект бо инъикоси ҳамин аломатҳо иборат аст. Вале муқоисаи бевоситаи объектҳои айнияткунанда ва айниятшаванда на ҳама вақт имконпазир. Пай дар натиҷаи алоқаи ҳамтаъсирӣ ба вуҷуд омада, инъикоси тағйирёфтаи объект мебошад - барҷастагиҳои объект ба ҷойҳои фурӯрафтаи пай мутобиқат мекунад; нақши мӯҳр ба матни дар клишеи ӯ буда, акси оинавор аст ва монанди инҳо. Инъикоси сатҳи таъсирасонида бо пай намуди умуман муқоисанашаванда доштанаш мумкин аст. Масалан, дар пайи бурридаҳо аз табар раҳҳои кафш килеби аз теғи он гузошташуда намудоранд, вале онҳоро бевосита бо ин кафш килебиҳо муқоиса кардан номумкин аст. Аз ҷиҳати техникӣ пайҳои дар тир бударо бо кафш килебиҳои сӯрохии миле, ки онҳоро гузоштааст, муқоиса намудан ғайриимкон аст. Ҳангоми айният кардани шахс аз рӯйи ҳусни хат муқоиса намудани матни дастнавис ва ягон хел аломати худи шахс имконнопазир аст, чунки объекти айнияткунонӣ маҷмӯъи малака мебошад.

[1] Яблоков, Н.П. Криминалистика: учебник для вузов / Н. П. Яблоков. - 2-е изд., перераб. и доп. – М.: Юрайт, 2014. - 303 с.

Дар охир ҳаминро илова менамоем, ки дар ҳамаи ҳолатҳои дар боло нишондодашуда ва монанди онҳо оиди гузаронидани айнияткунӣ намунаҳо барои тадқиқоти муқоисавӣ талаб карда мешаванд, ки ин як мавзуи дигари тадқиқоти мо мебошад.

УДК 340.1:37.017.4

СОВРЕМЕННЫЕ АСПЕКТЫ ФОРМИРОВАНИЯ ПРАВОВОГО ВОСПИТАНИЯ НЕСОВЕРШЕННОЛЕТНИХ

ҶАНБАҲОИ МУОСИРИ ТАШАККУЛИ ТАРБИЯИ ҲУҚУҚИИ НОБОЛИҒОН

МУХАНОВ ДЕНИС АНДРЕЕВИЧ
Преподаватель кафедры тактико-специальной подготовки Сибирского юридического института МВД России, старший лейтенант полиции / Омӯзгори кафедраи омодагии тактикаи махсуси Донишкадаи ҳуқуқшиносии Сибирии ВКД Россия, лейтенанти калони политсия
E-mail: mukhanoff.denis@yandex.ru

В современном мире правовое регулирование затрагивает все сферы жизнедеятельности человека, общества и государства в целом. «Рост индивидуальных и социальных рисков в подростковой среде, от школьной дезадаптации до конфликтов с законом, требует подходов, которые не просто реагируют на проступок, но предотвращают его формирование»[1].

Несовершеннолетние, находясь на этапе активного социального развития, особенно восприимчивы к внешним воздействиям, поэтому вопросы правового просвещения, воспитания, формирования правосознания и правовой культуры являются критически важными. Отсутствие должного внимания к этим аспектам может привести к росту правонарушений, социальной неприспособленности и формированию негативного отношения к закону и окружающему миру, что в свою очередь выступает угрозой национальной безопасности государства и общества.

Правовое воспитание несовершеннолетних представляет собой процесс формирования у личности устойчивых установок правомерного поведения и отношениях к общепринятым ценностям, а также является фундаментальной основой формирования гражданского общества и правового государства.

«Правовое воспитание включает в себя следующие элементы: а) Правовая осведомленность – это выражение знаний, мировоззрения и правовых ценностей, через которые человек принимает и уважает закон; б) Правовая грамотность – постоянное изучение законов, правовых норм и правовой системы страны; в) Правовое поведение – поведение, которое осуществляется в соответствии с законом и не нарушает права и свободы других лиц; г) Социокультурная среда – факторы внешней среды, включая семью, школу, университетскую среду и средства массовой информации, играют решающую роль в формировании правосознания»[2].

В целях совершенствования стратегии правового воспитания несовершеннолетних, необходимо предусмотреть комплексный подход разработки и использования методов (способов) обучения с вовлечением компетентных социальных институтов.

Семья является самым ближайшим сообществом и в соответствии с законодательством именно на родителей возлагаются функции обеспечения воспитанием несовершеннолетних детей. Воспитание достигается через авторитет и поступки родителей, близких родственников, окружающих на собственных примерах. Немало важно достижение доверительных отношений и взаимопонимания в семье, а также своевременные инструктажи норм и правил поведения в обществе. Чрезмерная агрессия

[1] Тарута, А.Г. Профессиональное воспитание и социальная адаптация как стратегия предотвращения преступности среди подростков / А.Г. Тарута // Актуальные проблемы борьбы с преступлениями и иными правонарушениями. – 2026. – № 26. – С. 336-337.

[2] Бободжонзода, И.Х. Политические и духовно-нравственные ученые предков в формирование правового воспитания в Республике Таджикистан / И.Х. Бободжонзода // Актуальные проблемы современного государства, общества и права. – 2025. – № 4(8). – С. 22-39.

или замкнутость может свидетельствовать о проблемах ребенка, которая может подтолкнуть к совершению противоправных деяний, либо вступлению (поиску) асоциальных групп и компаний.

С учетом изменения общества, его жизнедеятельности и интересов, нуждается в совершенствовании регулирование законодательства в области семейного права, в том числе по вопросам воспитания несовершеннолетних детей. В качестве карательных мер является необходимость ужесточения ответственности родителей за ненадлежащее воспитание детей.

Вместе с тем, при вопросе привлечения к ответственности родителей, следует исключить факты возможных манипуляций (психологического давления) со стороны ребенка, если в отношении последнего были применимы воспитательные меры невыраженные в жестоком обращении или применения насилия. Подростки, особенно в период переходного возраста, могут проявлять девиатное поведение, в том числе оказывать как активное (действие – «на зло»), так и пассивное (бездействие - «не буду делать») сопротивление своим родителям, близким и окружающим. В данном контексте следует внедрение и реализация программ оказания бесплатной, профессиональной, психологической помощи семьям, столкнувшимся с деструктивным и агрессивным поведением несовершеннолетних в кругу близких.

В период развития инновационных технологий, наиболее действенным инструментом является развитие цифровых площадок, что подразумевает создание и внедрение правовой мультимедии. Правовые сведения должны быть достоверны и доступны для несовершеннолетних, в противном случае распространение искаженной и изложенной на сложном языке для ребенка информации формирует циничное или безразличное отношение к правовой системе.

Кроме того, на сегодняшний день потребительский информационный рынок и развлекательный контент занимает большую часть эфира у несовершеннолетних, вытесняя острые социальные вопросы в сфере антисоциального поведения и профилактики совершения противоправных деяний. Также, осуществляемая борьба с интернет-сообществами, которые пропагандируют запрещенные группировки и движения, реализуется не в полном объеме, в связи с обходом систем технической безопасности и использования неконтролируемых серверов (программ).

Анализ детской преступности и типовых правонарушений с последующим доведением его результатов как до самих несовершеннолетних, так и до их родителей при проведении совместных собраний. Реальный негативный опыт несовершеннолетних, попавших в правовое поле зрения правоохранительных органов и последующим их привлечением к материальной, административной или уголовной ответственности, в свою очередь закладывает в сознание серьезное отношение к последствиям содеянного, в том числе под угрозой применения карательных функций.

Организация и проведение для несовершеннолетних обязательных экскурсий в правоохранительные и судебные органы с ознакомлением работы указанных ведомств, а также условиями содержания и ограничениями лиц, подвергнутых административному или уголовному задержанию. Реализация такого рода мероприятий необходима в силу взаимодействия и живого общения с практикующими правоприменителями, которые связали свой жизненный путь со службой на благо Отечества и общества.

Разработка и совершенствование детской (школьной) правовой литературы заключается в изложении юридических норм и законов на доступном ребенку языке. Интеграцию данной литературы желательно включить в обязательную общеобразовательную программу в целях осведомления максимального количества несовершеннолетних.

В Российской Федерации вопросы права рассматриваются в рамках школьной программы по учебной дисциплине «Обществознание», которая изучается в 9-11 классах (в возрасте от 15 до 18 лет). Вместе с тем, подростки в 14-летнем возрасте получают паспорт гражданина РФ, а также подлежат юридической ответственности за совершение противоправных деяний. Что немало важным, считаем, что процесс воспитания, в том числе и правового, является длительным и динамичным, так как формирование личности и приобретаемый жизненный опыт влияет на отношение к окружающему миру.

Существенной потребностью также является совершенствование системы поощрений за соблюдение законности среди несовершеннолетних. Вопрос мотивации к стремлению соблюдения норм и проявления активной гражданской позиции, а также высокая репутация и почет среди старшего, либо подрастающего поколения воспитывает в несовершеннолетних чувство ответственности и доверия перед обществом и государством.

Таким образом, правовое воспитание несовершеннолетних предотвращает риски совершения и готовит к защите от противоправных деяний, адаптирует к правовой реальности, а также формирует активную гражданскую позицию, тем самым определяет не только будущее развитие государства, но и формулирует социальную безопасность в обществе.

ТДУ 343.985.4

ТАРТИБИ АЗНАЗАРГУЗАРОНИИ ҶОЙИ ҲОДИСА МАРБУТ БА СИЛОҲИ ОТАШФИШОН

ПОРЯДОК ОСМОТРА МЕСТА ПРОИСШЕСТВИЯ С ПРИМЕНЕНИЕМ ОГНЕСТРЕЛЬНОГО ОРУЖИЯ

МУҲИДДИНЗОДА ХУСРАВ ҒАФОР
Омӯзгори калони кафедраи тайёрии ибтидоӣ ва такмили ихтисоси факултети № 4-уми Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, полковники милитсия / Старший преподаватель кафедры первоначальной подготовки и повышения квлификации факультета № 4 Академии МВД Республики Таджикистан, полковник милиции
E-mail: khusrav-78@mail.ru

Вақти содир шудани ҳодиса ё ҷиноят, ки бо истифода аз силоҳи оташфишон содир шудааст, барои дарёфту сабт ва гирифтани объектҳои тадқиқоти баллистикаи судӣ, танҳо бо роҳи гузаронидани амалҳои тафтишотӣ ва чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ амалӣ карда мешавад. Амали асосии тафтишотӣ оид ба дарёфт намудани исботи истифодабарии силоҳи оташфишон ва лавозимоти ҷангӣ дар ҷинояти содиршуда – ин азназаргузаронии ҷойи ҳодиса мебошад. Азназаргузаронии ҷойи ҳодиса ин якумин ва таъхирнопазиртарин амали тафтишотӣ мебошад, ки пас аз содир намудани ҷиноят ва бо иштироки ҳатмии муфаттиш, ки роҳбари гурӯҳи оперативӣ-тафтишотӣ мебошад, гузаронида мешавад. Ин намуди азназаргузарониро бояд бо иштироки мутахассис-криминалист, ки дорои дониш дар соҳаи баллистикаи судӣ аст, амалӣ намудан ба мақсад мувофиқ мебошад[1].

Тарз ва тартиби азназаргузаронии силоҳи оташфишон, ки ҳангоми азназаргузаронии ҷойи ҳодиса дарёфт мегардад, бо назардошти «оё объекти дарёфтгардида силоҳи оташфишон аст ва ба кадом намуди он мансуб мебошад», «силоҳи мазкур дар кадом ҳолат қарор дорад», «нишонаҳои инфиродии он чӣ гуна аст» ва «кадом намуди лавозимотҳои ҷангӣ истифода шудаанд» бояд ҳатман сурат гирад.

Дар аксари ҳолатҳо ин масъалаҳо на дар мурофиаи азназаргузаронии ҷойи ҳодиса, балки ҳангоми ташхисҳои мутахассисон дар ҷойи ҳодиса ва ё дар лабораторияҳои криминалистӣ ҳалли пурраи худро меёбанд.

Ҳангоми аз ҷойи ҳодиса дарёфт намудани силоҳи оташфишон, дар мадди аввал бояд ҳолати аввалаи онро иваз накарда, бо усули аксбардории криминалистии «пайванд», яъне ҳамроҳи объекти дар наздикии атрофи он ҷойгирбуда (ҷасад, ягон объект ва ғайра) аксбардорӣ намудан лозим аст. Дар нақшаи тартибдодашуда, ки ба протокол замима карда мешавад, ворид кардани аксҳои ҷойгиршавии силоҳи оташфишон бо усулҳои аксбардории ҷузъӣ, пайванд ва мушоҳидавӣ ҳатмист. Инчунин, ҳамаи далелҳои шайъӣ, ки ҳангоми азназаргузаронии ҷойи ҳодиса гирифта мешаванд ва ба ҷинояти содиршуда алоқамандӣ доранд (силоҳ, ҷасад, тиру гилза, изҳои даст ва изҳои биологӣ) расм гирифта мешаванд. Ҳамзамон аксбардорӣ ва наворбардориро бо усули «ҷузъӣ» намудан ҳатмӣ мебошад. Масофаро нисбати ду объекти тағйирнаёбанда, аз ду тарафи силоҳи оташфишон (мил ва кунҷи дастаи тапончавӣ) чен кардан лозим аст.

Агар силоҳ дар назди ҷасад бошад, масофаи кӯтоҳтарини байни онҳо (аз кадом қисми силоҳ бояд ишора шавад), инчунин масофаи силоҳ то кафҳои дастони ҷасадро чен карда мешавад. Дар протоколи азназаргузаронии ҷойи ҳодиса ба таври ҳатмӣ маълумотҳо доир ба мавқеи ҷойгиршавии силоҳ, ҳолати он (дар кадом паҳлӯ хобидааст), аломат, нишона ва

[1] Судебная баллистика и судебно-баллистическая экспертиза: учебник / Под общей ред. А.Г. Егорова. – Саратов: СЮИ МВД России, 1998. - С. 43.

силсиларақамҳои силоҳи оташфишонро ворид намудан лозим аст. Бо назардошти ин намуд ва тамғаи силоҳро муайян намуда, ҳолати механизми зарбадиҳии силоҳи оташфишон (чангаки камонакӣ, қулангдон, муҳофиза дар ҳолати ҷангӣ ё муҳофизавӣ будан) ва нуқсонҳои техникии силоҳ, ки ба назар мерасанд, дарҷ карда мешавад[1].

Дар вақти азназаргузаронии силоҳи оташфишони ҷангӣ оид ба мавҷуд будани изҳои ангушт ва кафи дасти инсон дар он муайян кардан лозим аст. Дар ҳолати мавҷуд будани изҳои даст ва барои аз беэҳтиётӣ зарар нарасонидан ба ин изҳо, пеш аз банду баст намудани он, бояд онҳоро бо хокаҳои махсуси дактилоскопӣ коркард намуда, изҳоро ба дактоплёнка гирифтан лозим аст. Ҳангоми дарёфт кардани изҳои биологӣ, ба монанди изҳои ба хун, ба заррaҳои мағзи сар, ба мӯи сар монанд (дар ҳолати аз масофа парронидан), заррaҳо ё моддаҳое, ки дар болои онҳо силоҳ афтидааст, алоҳида банду баст намудан лозим аст. Ҳамаи коркардҳоро бо силоҳ бояд эҳтиёткорона иҷро намуд, то ин ки изҳои мавҷудбуда осеб набинанд.

Ҳолати қисмҳои силоҳи оташфишон (чангаки камонакӣ, қисмҳои зарбадиҳанда, қулангдон, ҷилди қулангдон ва ғайра), инчунин оё чангаки камонакӣ дар ҳолати ҷангӣ ё ин ки муҳофизавӣ қарор дорад ва патрон дар тирдони мил (патронник) мавҷуд аст ё не муайян карда мешавад. Дар ҳолати мавҷуд будани патрон дар тирдони мил ва чангаки камонакӣ дар ҳолати ҷангӣ қарор дошта бошад, ва ё номуайян будани ҳолати онҳо, бояд бо силоҳ эҳтиёткорона муносибат кард. Тирдонро аз силоҳ бароварда, барои дарёфт намудани изҳои ангуштони даст рӯйпӯши онро аз назар гузаронидан лозим аст.

Тартиби баровардани патрон аз силоҳи оташфишон бояд чунин сурат гирад: тапончаро аз дастааш бо дасти рост нигоҳ дошта, бо ангуштони калон ва ишоравии дасти чап ҷилди қулангдонро ба ақиб то ба охир кашидан лозим аст. Патроне, ки аз тирдони мил мебарояд, оҳиста аз силоҳ гирифта, бо ҳаракатҳои муназзам ҷилди қулангдонро ба тарафи пеш равона кардан, зарур аст Аз ҳолати ҷангӣ озод намудани чангаки камонакӣ (курок) ҳатмист.

Бо мақсади дарёфт кардани изҳои борутҳои носӯхта, изҳои тозакунӣ, равғанмолӣ, мавҷуд будани заррaҳои бегона азназаргузаронии дохили милро ба анҷом мерасонем. Ҳамзамон муайян намудани нуқсонҳои техникии силоҳи оташфишон ва мавҷудияти ҳамаи қисмҳои он, дар протоколи азназаргузаронӣ ба пуррагӣ дарҷ намудани ҳамаи маълумотҳои дастрасшуда ҳамтӣ мебошанд.

Дар рафти азназаргузаронӣ ва ташхиси ибтидоии гилзаи парронидашуда, инчунин ба назардошти ҷойе, ки онҳо дарёфт шудаанд, ҳолатҳои зерин муайян намудан зарур аст: намуд ва тамғаи силоҳи оташфишони истифода бурда шуда, мансубият ба гурӯҳи муайяни лавозимоти ҷангӣ ва нишонаҳои инфиродии онҳо, тавсифи истеҳсоли лавозимотҳои ҷангӣ (бо таври стандартӣ ва ё худсоз).

Ҳангоми кофтукови тир маълумотҳои заруриро муайянро дар назар дошт: намуди силоҳи оташфишон (махсусан, агар он дар ҷойи ҳодиса дарёфт карда шуда бошад), нишондоди шоҳидони ҳодиса оид ба тирпарронӣ, шумора ва самти парвози тирҳо, фосилаи байни тирпарронӣ, инчунин маълумотҳои азназаргузаронӣ ва мавқеи ҷойгиршавии гилза.

Тирҳо метавонанд ба дохили монеъаҳо, ё ин ки аз зарби тамосихӯрда дар наздикии онҳо бошанд. Ҳангоми кофтукови тир дар алафзорҳо, об, барф, қум ва дигар моддаҳои хокашакл аз дастгоҳи кофтукови металлҳо ва ё оҳанрабо истифода бурдан лозим аст[2]. Ҳангоми дарёфт намудани тири ба монеъаҳо воридшуда, ҳолати ҷойи воридшавӣ нисбати ду объекти ҷойивазнакунанда, ки дар ҷойҳои худ бетағйиранд муайян карда, дар нақшаи протоколи азназаргузаронӣ ин ҷойҳоро қайд кардан лозим аст. Ҳамзамон диаметри сӯрохӣ ва чуқурии он бо воситаи штангенсиркул чен карда мешавад. Дар атрофии сӯрохӣ мавҷуд будани хокаҳо ва изҳои борутҳои сӯхта, намуди кунҷҳои сӯрохӣ, самти беҷошавӣ, таркиби монеъа (чӯбин, оҳанин, пластикӣ ва ғайра) муайян намудан лозим аст.

Агар тири дар назди монеъаҳо озод хобида дарёфт гардад, чунин ҳолатҳо муайян карда мешаванд:

а) ҳолати ҷойи тир нисбати ду аломатҳое, ки дар ҷойҳои худ бетағйиранд;

б) нуқсон доштан ё надоштани тир ва маҳдуд кардан аз нуқсонгирӣ (дар нӯги тир, рӯйпуши паҳлӯи ва ақиби тир);

---

[1] Криминалистика: учебник / Отв. ред. Н.П. Яблоков. 2-е изд., перераб. и доп. – М.: Юристъ, 2001. – С. 467.

[2] Криминалистика: учебник / Под ред. Резвана А.П., Субботиной М.В., Колосова Н.Ф., Могутина Р.И. – М.: ЦОКР МВД России, 2006. - С. 142.

в) бо назардошти изҳои дар тир буда, изҳои зарби тамосхӯрда (рикошет)-ро ёфтан лозим аст;

г) муайян ва аз назар гузаронидани ҷойи зарардидаи монеъа, ки аз ӯ тир гузаштааст.

Агар тир дар монеъаи чӯбин ҷойгир шуда бошад, минтақаи атрофи онро пурра чудо карда гирифта, баъдан онро ба қисмҳо пора карда, тирро озодона дастрас кардан лозим аст. Қисмҳои порашударо барои муайян намудани хати парвози тир бояд нигоҳ дошт.

Агар тири ба монеъаи чӯбин воридшударо бо чашм дидан ғайриимкон бошад, онро бо воситаи искана онро аз монеъа гирифта, кӯшиш кардан лозим аст, ки он ба тир нарасад. Тири ба монеъаи бетонӣ ё хиштӣ воридшударо ба воситаи исканаи махсус (шлямбур), ки диаметраш аз диаметри сурохии тир калон аст, аз монеъа гирифтан лозим аст. Барои дарёфти тири, ба дохили замин ё қум ҷой гирифта, онро бо воситаи бел то чуқурии лозими кофта гирифта, хокро дар зери об шуста, тирро дарёфт кардан мумкин аст. Агар тахмини ҷойгиршавии тир дар барф бошад, онро инчунин дар ҷойи мавҷудбудааш побел карда, ҷамъ намуда, об кардан лозим аст.

Дар ҳолати дарёфт гардидани силоҳи оташфишон дар ҷойи ҳодиса бояд талаботҳои умумӣ ва махсуси бехатариро риоя намудан лозим аст. Чунончӣ, ҳангоми дар даст доштани силоҳи оташфишон ҳаракатҳои даст бояд устувор бошанд, то ки ҳолатҳои нохуш рӯҳ надиҳанд. Дар вақти азназаргузаронӣ ва гирифтани силоҳи оташфишон ба чангаки камонаки он расидан қатъиян манъ аст.

Мили силоҳро ба тарафи боло нигоҳ дошта, ба тарафи худ ва дигарон равон кардан мумкин нест. Инчунин, барои он, ки борутҳои носӯхтаи дар мил боқимонда ба замин наафтанд, мили силоҳро ба тарафи поён равон намудан манъ аст. Ҳангоми гирифтани силоҳ бояд дастпӯшакҳои резиниро истифода бурдан лозим аст, то ки изҳои дастҳо дар он инъикос наёбанд. Ҳангоми гирифтани силоҳ бояд аз қисмҳое, ки дар он изҳои даст ёфтан ғайриимкон аст, ба мисли қисми ноҳамвори дастаи тапончавӣ, қундоқ, кунҷи мил, қавси чангаки камонакӣ (скоба) нигоҳ доштан лозим аст.

Барои пешгирии ҳолатҳои афтидани силоҳ, пайдоиши изҳои дасти нав ва нигоҳдошти борутҳои носӯхтаи дар дохили мил боқимонда, ҳангоми гирифтани силоҳ истифода намудани чӯбакҳо, шохаҳои дарахт ва қалам манъ аст. Ба қисмҳо ҷудо кардани силоҳ ва ба тариқи озмоишӣ тир парронидан дар ҷойи ҳодиса мумкин нест. Азназаргузаронӣ ва гирифтани силоҳи оташфишон дар ҷойи ҳодиса бояд бо иштироки мутахассиси соҳаи баллистикаи судӣ сурат гирад.

Пас аз дарёфт намудани объектҳои баллистикаи судӣ, онҳо банду баст карда мешаванд. Пеш аз банду банди силоҳ бояд аниқ кард, ки он дар ҳолати ҷангӣ қарор надорад ва дар тирдони мил (патронник) патрон вуҷуд надорад. Агар патронро аз тирдони мили тапонча гирифтан ғайриимкон бошад, он гоҳ ҷилди қулангдонро ҷудо намудан лозим аст.

Дар револвер бошад, чангаки камонакӣ ба қафо кашида шуда, ба болои гилзаи патрон як порчаи ғафси картонӣ гузошта, баъди он бо ҳаракати муназзам чангаки камонакиро то монеъа ба пеш бо даст дошта, равон намудан лозим аст. Нӯги мили силоҳро бо порчаи коғази тоза пӯшонида, бо ришта онро гирдогирд печонида бастан зарур аст.

Силоҳро бо қуттии картонӣ, ки ҳаҷмаш аз он калон аст, баста намудан ҳатмӣ мебошад, то ин ки дар он изҳои дастӣ ба чашм ноайён, ки ташхиси ояндаи он дар лабораторияи криминалистӣ мегузарад, зарар набинанд. Пас аз он бастаро мӯҳр карда, бо навиштаҷоти мувофиқ қайд кардан (ҷой, вақт, намуди силоҳ, оид ба кадом ҳодиса ва ғайра) зарур аст. Бахусус, дар тирдони мил мавҷуд будани патронро ҳатман бояд қайд кард. Агар ҷилди қулангдон ҷудо карда шуда бошад, онро аз тирдон дар алоҳидагӣ баста бояд намуд.

Тиру гилзаҳое, ки дар ҷойи ҳодиса дарёфт мегарданд, бояд дар алоҳидагӣ бо нишон додани ҷойи дарёфт (аксбардорӣ бо усули «пайванд» ва «ҷузъӣ») банду баст намуда мешаванд.

Баъд аз бандубаст намудани объектҳое, ки ҳангоми азназаргузаронии ҷойи ҳодиса дарёфт мегарданд, мӯҳр карда шуда, дар ҳамаи бастаҳо ва протоколи азназаргузаронӣ имзоҳои иштирокчиёни азназаргузаронии ҷойи ҳодиса, яъне муфаттиш, мутахассис-криминалист (ё мутахассиси дигар), шахсони холис ва ҷинояткоре, ки агар дар ҷойи ҳодиса дастгир шуда бошад, бо қайд намудани суроғаи ҷойи ҳодиса ва санаи содиршавии ҷиноят ҳатмӣ мебошад.

Пас аз ба итмом расидани азназаргузаронии ҷойи ҳодиса мутахассис-криминалист ҳамаи объектҳои бандубаст намударо ба муфаттиш месупорад[1].

[1] Савельева, М.В., Смушкин, А.Б. Криминалистика: учебник. - М.: Издательский дом “Дашков и К”, 2009. – С. 78.

Пурсамар истифода бурдани қуввахо, ҳамчун тарзи тактикии азназаргузаронӣ чунин маъно дорад, ки ҳар як иштирокчии он вазифаи худро аз рӯйи виҷдон, пурра ва аниқ иҷро намояд. Муфаттиш, нафақат ташкилотчӣ ва роҳбари ин амалиёти тафтишотӣ, балки субъекти асосӣ ва ягонаи ҷараёни дарккунӣ мебошад,

Барои ҳамин, аз назар гузаронидани баъзе объектҳо, масалан ҷасадро ба уҳдаи эксперти судӣ-тиббӣ ё ин ки аз назар гузаронидани силоҳи оташфишон, лавозимоти ҷангӣ ва изҳои онҳоро пурра ба зиммаи мутахассис-баллисти судӣ вогузор мекунанд.

Мутахассис-криминалист чи хеле ки дар қонун пешбинӣ шудааст, ҳамагӣ ёрдамчии муфаттиш аст. Дар асоси дониши махсуси худ вай ба муфаттиш барои дуруст дарк намудани баъзе объектҳо ёрӣ мерасонад ва дар ягон масъала муфаттишро набояд иваз кунад[1].

УДК 343.985.7:343.326

АКТУАЛЬНЫЕ ВОПРОСЫ РАССЛЕДОВАНИЯ ТРАНСНАЦИОНАЛЬНОЙ ТЕРРОРИСТИЧЕСКОЙ И ДИВЕРСИОННОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ

МАСЪАЛАҲОИ МУБРАМИ ТАФТИШОТИ ФАЪОЛИЯТИ ФАРОМИЛЛИИ ТЕРРОРИСТӢ ВА ТАҲРИБКОРӢ

МУХУТДИНОВ АРТЁМ РАФАЕЛЬЕВИЧ
Следователь-криминалист первого отдела криминалистического сопровождения следствия Главного следственного управления Следственного комитета Российской Федерации по Московской области, аспирант Московской академии Следственного комитета РФ имени А.Я. Сухарева, капитан юстиции / Муфаттиш-криминалисти шуъбаи якуми таъминоти тафтишоти криминалистии Сарраёсати тафтишотии вилояти Москваи Кумитаи тафтишоти Федератсияи Россия, аспиранти Академияи Кумитаи тафтишотии ФР дар ш. Москва ба номи А.Я. Сухарев, капитани адлия
E-mail: artem.2702@yandex.ru

В условиях специальной военной операции (далее - СВО) проблема незаконной миграции приобретает принципиально иное, более острое звучание. Это уже не административный или демографический вызов, а прямая угроза государственной безопасности.

В 2025 году в ходе совместной операции МВД и ФСБ России возбуждено более 4,8 тыс. уголовных дел об организации незаконной миграции (ст. 322.1 Уголовного кодекса Российской Федерации (далее – УК РФ)), что говорит о наличии устойчивого криминального «сервиса» по обеспечению нелегального въезда и пребывания на территории Российской Федерации, которым могут воспользоваться любые лица, в том числе приверженцы радикальных взглядов.

За 7 месяцев 2025 года задержано почти 300 иностранных граждан, имевших связи с террористическими структурами[2]. Общее число преступлений, совершённых иностранными гражданами и лицами без гражданства, по итогам 2025 года превысило 41 тыс., увеличившись почти на 7% по сравнению с 2024 годом (41 103 против 38 578). Данные приведены Председателем Следственного комитета Российской Федерации А.И. Бастрыкиным (далее – СК России) на расширенном заседании коллегии ведомства[3].

Особого внимания заслуживает качественная динамика: число преступлений террористического характера, совершённых иностранными гражданами за год, возросло практически вдвое (с 253 до

[1] Салимов, Ҳ. Криминалистика: китоби дарсӣ. - Душанбе: 2008. - С. 265.
[2] В России задержали 290 связанных с террористами мигрантов с начала года // [Электронный ресурс] – Режим доступа: https://www.kommersant.ru/doc/7958049 (дата обращения: 29.04.2026).
[3] Председатель СК России провел заседание коллегии по итогам работы ведомства в 2025 году // [Электронный ресурс] – Режим доступа: https://sledcom.ru/news/item/2066918 (дата обращения: 29.04.2026).

483), а количество иностранцев, вовлечённых в террористическую деятельность, по словам Генерального прокурора РФ А.В. Гуцана, увеличилось в три раза[1].

Показательный индикатор угрозы – теракт в «Крокус Сити Холле», унесший жизни 149 человек. Согласно результатам расследования, исполнителями выступили иностранные граждане (выходцы из сопредельных государств), действовавшие по заданию украинских спецслужб[2]. Это не только чудовищное преступление, но и маркер системной проблемы, когда незаконная миграция напрямую смыкается с террористической деятельностью.

В условиях СВО тема взаимосвязи нелегального въезда иностранных граждан и эскалации террористической активности выходит на принципиально иной уровень. Повышенное внимание к миграционному контролю – это не бюрократический вопрос, а вопрос безопасности и суверенитета государства.

Рост числа террористических и диверсионных проявлений со стороны иностранных граждан, особенно находящихся на территории нелегально, требует выявления реальных механизмов, превращающих незаконную миграцию в катализатор террористической угрозы.

Одна из глубинных причин – не только само по себе нарушение миграционного законодательства, но и ценностный разрыв. По данным Совета безопасности Российской Федерации (далее – СБ РФ), 43,5% опрошенных иностранных граждан в своих мировоззренческих установках ориентируются на нормы шариата, а не на российское законодательство[3]. Это фиксирует существенное расхождение ценностных ориентиров, которое объективно затрудняет интеграцию, снижает мотивацию к изучению языка и принятию местных обычаев, способствуя формированию замкнутых этнических диаспор.

Председатель СК России А.И. Бастрыкин на Петербургском международном юридическом форуме (2025) прямо указал на наличие процессов радикализации в миграционной среде[4]. При этом радикальные идеи нередко привносятся извне, а в условиях социальной изоляции и недовольства попадают на благоприятную почву. В результате маргинализированные группы, находящиеся в состоянии недоверия к принимающему обществу, становятся объектом вербовки со стороны деструктивных сил, которые предлагают им цели, идеологическое обоснование и материальное вознаграждение.

Данный вывод коррелирует с положениями зарубежной науки. В статье «Does cultural proximity contain terrorism diffusion?», опубликованной в авторитетном журнале «Journal of Peace Research» (2020), обосновывается, что культурная дистанция между мигрантами и принимающим обществом повышает риски распространения терроризма, тогда как близость культур, напротив, затрудняет вербовку [Böhmelt, Bove, 2020][5].

К аналогичным выводам приходят и российские учёные. А.В. Богданов, И.И. Ильинский и О.В. Кудин в своём исследовании отмечают, что миграционная ситуация в России выступает одним из значимых факторов, влияющих на эскалацию терроризма и диверсий. В качестве иллюстраций авторы приводят случаи успешной вербовки мигрантов со стороны Службы безопасности Украины: нападение на церкви и синагоги в Дербенте и Махачкале (погибли 22 человека, из них 17 полицейских), а также убийства Д. Дугиной, В. Татарского и И. Кириллова. Все перечисленные преступления, по их данным, совершены мигрантами и их пособниками под руководством СБУ[6].

Существенное упрощение вербовочных механизмов связано с развитием цифровых технологий. Отпала необходимость в направлении агентов для длительного поиска исполнителей. Вербовка

---

[1] Президент выступил на расширенном заседании коллегии Генеральной прокуратуры Российской Федерации // [Электронный ресурс] – Режим доступа: http://kremlin.ru/events/president/ news/79360 (дата обращения: 29.04.2026).

[2] Раскрыто число жертв теракта в «Крокусе» // [Электронный ресурс] – Режим доступа: https://lenta.ru/news/2026/03/12/raskryto-chislo-zhertv-terakta-v-krokuse (дата обращения: 29.04.2026).

[3] Замсекретаря Совбеза РФ заявил, что Запад активно использует мигрантов для терактов в России // [Электронный ресурс] – Режим доступа: https://fedpress.ru/news/77/policy/3386982 (дата обращения: 29.04.2026).

[4] Бастрыкин: характерной чертой миграционной среды в России является радикализация // [Электронный ресурс] – Режим доступа: https://spbdnevnik.ru/news/2025-05-21/bastrykin-harakternoy-chertoy-migratsionnoy-sredy-v-rossii-yavlyaetsya-radikalizatsiya (дата обращения: 29.04.2026).

[5] Böhmelt T., Bove V. Does cultural proximity contain terrorism diffusion? // Journal of Peace Research. - 2020. - Vol. 57. - No. 2. - Pp. 251–264.

[6] Богданов, А.В., Ильинский, И.И., Кудин, О.В. Влияние миграционной ситуации в России на терроризм и экстремизм / А.В. Богданов, И.И. Ильинский, О.В. Кудин // Вестник Санкт-Петербургского университета МВД России. - 2025. - № 1 (105). - С. 97–108.

осуществляется дистанционно — через мессенджеры, социальные сети, с применением технологий искусственного интеллекта. Данная тактика получила наименование «автономного» (удалённого) террора. Потенциальный исполнитель получает предложение, инструкции и оплату в криптовалюте, после чего приступает к подготовке противоправных действий, не вступая в личный контакт с заказчиком. Доказать причастность спецслужб к такому «одноразовому» исполнителю крайне сложно. Эта модель стала преобладающей в силу своей дешевизны, оперативности и анонимности. Иностранный гражданин, находящийся на территории нелегально, не имеющий устойчивых социальных связей и достаточных средств, за небольшое вознаграждение становится инструментом в руках заказчиков из числа украинских и западных спецслужб.

Отдельного внимания заслуживает инфраструктура, обеспечивающая незаконную миграцию, так называемые «резиновые» квартиры и рынок поддельных документов. Для совершения теракта или диверсии злоумышленнику необходимо легализоваться на территории страны либо, по крайней мере, оставаться невыявленным. Эту функцию выполняет масштабный криминальный бизнес по организации незаконной миграции. За упомянутыми 4,8 тыс. уголовных дел (по ст. 322.1 УК РФ), возбуждённых в 2025 году, стоит разветвлённая сеть посредников, которые за плату обеспечивают фиктивную регистрацию, поддельные документы, нелегальный переход границы.

В результате, формальные барьеры, установленные государством (визовый режим, регистрация, языковые экзамены), криминальными структурами превращаются в преодолимые препятствия. Для террориста это означает фактическое отсутствие контроля при наличии формальных требований, что создаёт благоприятную среду для деятельности «спящих» ячеек.

Наряду с незаконной миграцией, серьёзную угрозу представляет вовлечение в террористическую и диверсионную деятельность уязвимых категорий российских граждан, прежде всего несовершеннолетних и лиц пенсионного возраста. Принципиальное отличие этих категорий от нелегальных мигрантов в том, что вербовщики работают не с «внешним элементом», а с собственными гражданами, используя их доверчивость, материальные трудности или психологическую уязвимость.

Подростки. Как заявил директор ФСБ России А.В. Бортников на заседании Национального антитеррористического комитета (далее – НАК), с начала 2026 года предотвращено 37 вооружённых нападений на объекты образования, причём многие потенциальные злоумышленники не осознавали тяжести последствий своих действий[1]. Украинские спецслужбы и международные террористические организации, по данным НАК, всё чаще используют российскую молодёжь для подготовки терактов. Вербовка идёт через соцсети, мессенджеры и игровые платформы, подросткам обещают «лёгкий заработок» (за поджог релейного шкафа, распространение материалов), либо заманивают их безнаказанностью в силу возраста[2].

Пенсионеры. Эта категория становится жертвой сложных мошеннических схем, сочетающих финансовый обман и принуждение к диверсиям. По данным ФСБ, украинские спецслужбы используют пенсионеров как «живых бомб» – исполнителей, которые лично передают военнослужащим замаскированные взрывные устройства, что часто ведёт к гибели самих исполнителей. Типичная схема: звонок от «сотрудника правоохранительных органов», хищение сбережений или вынужденная продажа жилья, затем обещание вернуть деньги за участие в «секретной операции» – поджоге военкомата или иного объекта. Так, 61-летняя жительница Усинска подожгла здание военкомата, будучи убеждённой, что помогает задержать преступника, и была приговорена к 5 годам лишения свободы[3].

Общим для всех трёх категорий является использование дистанционных методов (мессенджеры, соцсети, игровые платформы, телефонные звонки) и обещание материального вознаграждения. Ключевое различие: нелегальные мигранты вовлекаются через идеологическую радикализацию и замкнутые анклавы, тогда как подростки и пенсионеры становятся жертвами обманных схем и манипуляций, зачастую не осознавая последствия своих действий.

---

[1] Бортников: 37 вооруженных нападений на школы предотвратили в России в 2026 году // [Электронный ресурс] – Режим доступа: https://www.kp.ru/daily/27773.4/5235999 (дата обращения: 30.04.2026).

[2] Охота на детей в Сети: закрытые чаты работают как конвейер террора // [Электронный ресурс] – Режим доступа: https://www.mk.ru/social/2026/04/14/okhota-na-detey-v-seti-zakrytye-chaty-rabotayut-kak-konveyer-terrora.html (дата обращения: 30.04.2026).

[3] Манипуляторы из сети: кто и как толкает жителей Коми на преступления // [Электронный ресурс] – Режим доступа: https://usinsk.gosuslugi.ru/dlya-zhiteley/novosti-i-reportazhi/novosti_6355.html (дата обращения: 30.04.2026).

В условиях СВО проблема вовлечения различных категорий граждан в террористическую и диверсионную деятельность приобрела системный характер. Однако именно незаконная миграция выступает наиболее системным и опасным фактором эскалации угрозы.

Государство своевременно приняло пакет законодательных мер. Федеральным законом от 17.11.2025 № 420-ФЗ усилена ответственность за диверсии: возраст уголовной ответственности снижен до 14 лет, отменены сроки давности, за склонение несовершеннолетних к терроризму введено наказание вплоть до пожизненного лишения свободы[1]. Федеральным законом от 31.07.2025 № 316-ФЗ[2] кардинально расширен перечень оснований для лишения приобретённого гражданства, в том числе, за публичные призывы к терроризму, пропаганду нацистской символики, помощь противнику, а также за любое преступление в целях оправдания терроризма или диверсионной деятельности. Как подчеркнул Председатель Государственной думы Российской Федерации В.В. Володин, эти меры обеспечивают «системный и целостный механизм защиты национальной безопасности» [3].

Таким образом, законодательная реакция государства подтверждает главный тезис исследования: именно незаконная миграция признана на высшем уровне системной угрозой, требующей радикальных мер – вплоть до лишения приобретённого гражданства. В условиях СВО миграционные потоки целенаправленно используются противником в рамках гибридной войны, что требует дальнейшего совершенствования уголовно-правовых и профилактических мер.

УДК 343.721

СОВРЕМЕННЫЕ ТЕНДЕНЦИИ МОШЕННИЧЕСТВА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН И РОССИЙСКОЙ ФЕДЕРАЦИИ

ТАМОЮЛҲОИ МУОСИРИ ҚАЛЛОБӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ФЕДЕРАТСИЯИ РОССИЯ

НАЗАРЗОДА БАХТОВАР КУДРАТУЛЛО
Адъюнкт кафедры криминологии и профилактики преступлений Омской академии МВД России / Адъюнкти кафедраи криминология ва пешгирии ҷиноятҳои Академияи ВКД Россия дар ш. Омск
E-mail: bakhtovar.nazarov.00.00@mail.ru

Мошенничество является одной из наиболее распространенных и динамично эволюционирующих форм корыстной преступности, представляя серьезную угрозу экономической безопасности, стабильности гражданского оборота и правам граждан. В условиях глобализации и цифровизации общественных отношений мошеннические схемы приобретают транснациональный характер, становясь все более изощренными и масштабными. Для Республики Таджикистан (далее – РТ) и Российской Федерации (далее – РФ) проблема мошенничества, включая его современные виды (кибермошенничество, финансовое, телефонное мошенничество и др.), сохраняет исключительную актуальность, несмотря на постоянное совершенствование уголовного законодательства и мер правоохранительного реагирования.

Современная криминологическая литература по мошеннической преступности в РФ и РТ позволяет достаточно отчётливо проследить переход от классического понимания мошенничества как формы имущественного обмана к его современному представлению как высокоадаптивного, технологически опосредованного и преимущественно дистанционного преступного феномена. Так, Ж. Баубекова, Е.С. Носова и Н.А. Кабанова убедительно показано, что цифровые технологии не просто изменили инструментарий мошенников, но фактически перестроили сам механизм противоправного

[1] Федеральный закон от 17.11.2025 № 420-ФЗ «О внесении изменений в Уголовный кодекс Российской Федерации» // Официальный интернет-портал правовой информации. – Режим доступа: http://publication.pravo.gov.ru/document/0001202511170011 (дата обращения: 29.04.2026).

[2] Федеральный закон«О внесении изменений в статью 24 Федерального закона «О гражданстве Российской Федерации» от 31 июля 2025 г., № 316-ФЗ // Официальный интернет-портал правовой информации. – Режим доступа: http://publication.pravo.gov.ru/document/ 0001202507310064 (дата обращения: 30.04.2026)

[3] Вячеслав Володин: в ГД внесен депутатский законопроект о расширении перечня оснований для лишения приобретенного гражданства РФ // [Электронный ресурс] – Режим доступа: http://duma.gov.ru/news/61687 (дата обращения: 30.04.2026).

воздействия: теперь ключевое значение имеют скорость коммуникации, анонимность, возможность массового охвата жертв и использование психологически значимых триггеров доверия[1].

По данным Главного информационно-аналитического центра МВД РФ, мошенничество, особенно в цифровой сфере, стало доминирующим видом преступности. За последние годы прослеживается стабильная тенденция к росту его доли в общем массиве регистрируемых преступлений. Так, если в 2020 году на долю значительную часть которых составляют мошенничества, приходилось 15,60% от общего числа расследуемых дел, то к 2026 году этот показатель вырос до 67,11%. Это свидетельствует о стремительной цифровизации данного вида криминальной деятельности. Показательным является и то, что только за первые 6 месяцев 2025 года в России было зарегистрировано около 6336 тысячи преступлений, связанных мошенничеством. При этом сумма причиненного ущерба остается колоссальной: по информации Центрального банка РФ, лишь в первом квартале 2025 года злоумышленникам удалось незаконно списать со счетов граждан почти 6,9 миллиарда рублей[2].

Каждый год миллионы людей становятся жертвами кражи личных данных и незаконного использования своих кредитных карт. По данным ЦБ РФ, у клиентов банков во II квартале 2025 года было совершено хищений на сумму 3,62 млрд рублей. В этот же период банки зафиксировали 279,7 тыс. мошеннических транзакций. К тому же Банком России было выявлено 80 656 «сомнительных Интернет-ресурсов»[3].

В Республике Таджикистан проблема мошенничества также сохраняет высокую актуальность. Официальная статистика фиксирует устойчивый рост числа данных преступлений. В 2024 году было зарегистрировано 3 480 случаев мошенничества, что на 718 фактов больше, чем в предыдущем году. Эта негативная тенденция продолжилась и в первой половине 2025 года, когда было зафиксировано 3857 эпизодов, что также превышает показатель аналогичного периода прошлого года[4]. Мошенничество, наряду с кражей, продолжает оставаться одним из наиболее распространенных видов преступных посягательств, наносящих значительный материальный ущерб гражданам и экономике страны.

В последние десятилетия Таджикистан и Россия ощущают возрастающие угрозы мошенничества, которые крайне негативно влияют на национальную безопасность. Формы и методы мошенничества приобретают новый характер, расширяется их география и сфера действия, меняются способы реализации мошеннических схем и их цели. Проявления мошенничества, превращаясь в беспрецедентную глобальную угрозу, приводят к трагическим и долгосрочным социально-политическим последствиям[5]. На наш взгляд, к числу основных проблем, затрудняющих профилактику мошенничества, относятся:

– фрагментарность криминологического знания о современных видах и способах мошенничества в сравнительно-правовом аспекте;

– недостаточная разработанность механизмов раннего выявления и нейтрализации новых мошеннических схем;

– потребность в оптимизации взаимодействия правоохранительных органов, финансовых институтов и гражданского общества;

– необходимость адаптации положительного международного и двустороннего опыта.

Для борьбы с этим явлением необходимо развивать эффективные меры безопасности и законодательство, способное адаптироваться к быстро меняющемуся цифровому ландшафту.

В этой связи, на наш взгляд, важными аспектами являются:

---

[1] Баубекова, Ж., Носова, Е.С., Кабанова, Н.А. Мошенничество: социальное влияние и роль цифровых технологий в его распространении / Ж. Боубекова, Е.С. Носова, Н.А. Кабанова // Вестник евразийской науки. – 2024. – Т. 16. – №. 1S. – С. 8-13.

[2] Официальный сайт Главного информационно-аналитического центра Министерства внутренних дел Российской Федерации // [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://xn-b1aew.xnp1ai/mvd/structure1 /Centri/ Glavnij_ informacionno_ analiticheskij_cen. (дата обращения: 19.01.2025)

[3] Там же.

[4] Официальный сайт Главного информационно-аналитического центра Министерства внутренних дел Республики Таджикистан // [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://www.vkd.tj/7097-varaai-matbuot-oid-ba-ambasti-faolijati-6-moha (дата обращения: 18.01.2026)

[5] Государственная программа противодействия преступности в Республике Таджикистан на 2021-2030 гг.: утверждена постановлением Правительства Республики Таджикистан от 30 июня 2021 года, № 265 // [Электронный ресурс]. – Режим доступа: http://mmk.tj (дата обращения: 11.01.2025 г.)

– повышение осведомленности общества о рисках мошенничества, а также укрепление системы кибербезопасности;

– внедрение инновационных технологий и тщательный мониторинг цифрового пространства, которые могут содействовать предотвращению мошеннических действий.

Ответ на вызовы этого вида преступлений требует сбалансированного подхода, объединяющего усилия государства, бизнеса и общества для создания устойчивого и безопасного цифрового окружения. В этой связи комплексное криминологическое исследование характеристик, детерминант и мер предупреждения мошенничества в РТ и РФ представляется научно и практически востребованным.

ТДУ 343.13

АҲАММИЯТИ ПРИНСИПИ ҚОНУНИЯТ ДАР САМТИ ИҶРОИ ВАЗИФАҲО ВА НОИЛ ШУДАН БА ҲАДАФҲОИ МУРОФИАИ ҶИНОЯТӢ

ЗНАЧЕНИЕ ПРИНЦИПА ЗАКОННОСТИ В СФЕРЕ ИСПОЛНЕНИЯ ЗАДАЧ И ДОСТИЖЕНИЯ ЦЕЛЕЙ УГОЛОВНОГО ПРОЦЕССА

НАСИМӢ ГУЛҶАҲОН
Докторанти кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон / Докторант кафедры судебного права и прокурорского надзора юридического факультета Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики
E-mail: noza_777@mail.ru

Таҳлил ва омузиши амалишавии принсипи қонуният дар пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ аз он гувоҳӣ медиҳад, ки барои иҷрои бомувафақияти вазифаҳои мурофиаи ҷиноятӣ (м. 2 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - КМҶ ҶТ)),[1] махсусан дар самти саривақт ва пурра ошкор кардани ҷиноят ва ба ҷавобгарӣ кашидани танҳо шахсони ҷиноят содир карда, риояи меъёрҳои мурофиавӣ ҳангоми татбиқи қонуни ҷиноятӣ, на танҳо дониши ҳуқуқӣ, инчунин, интизоми қатъӣ ва намунавии хизматӣ, истифодаи самараноки услубҳои пешқадам, такмили шаклҳои ҳамкорӣ ва ҳамоҳангсозии фаъолият, татбиқи воситаҳои илмӣ-техникӣ ногузир ва ҳатмӣ мебошанд.

Бо ҳамин мазмун Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон роҳбарони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомиро вазифадор карданд, ки пайваста баҳри баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии кормандони мақомот ва аҳолӣ тадбирҳои муассир андешанд, такмил дода шудани асосҳои конститутсионии адолати судӣ бо назардошти дастовардҳои илмӣ ва амалияи муқовимат ба ҷиноят ва ҷинояткорӣ пайваста роҳандозӣ гардад[2].

Такмил додани қонунҳои моддию мурофиавӣ ба татбиқи якхелаи онҳо, бартараф кардани монеаҳои зиёдатӣ, аз ҷумла, такмили фаъолияти мурофиавӣ дар марҳилаҳои тосудӣ ва судӣ, сари вақт ва дар муҳлати кутоҳ баррасӣ ва ҳаллу фасл намудани арзу дархост ва парвандаҳо, роҳ надодан ба кашолкорӣ ва умуман беҳдошти фаъолияти мурофиавии ҷиноятӣ, осону дастрас намудани адолати судӣ, бартараф намудани ҳолату меъёрҳои ба содир намудани амалҳои коррупсионӣ мусоидаткунанда ва дар ниҳоят таъмини ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсону шаҳрванд, ҳимояи манфиати давлат, корхонаҳо, муассисаҳо ва дигар ташкилотҳо аз ҷиноят ва ҷинояткорӣ ҳадафу мазмуни таҳқиқотҳои олимон ва муҳаққиқонро фаро гирифтааст.

---

[1] Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03-уми декабри с.2009, № 564 (бо тағйиру иловаҳо ба санаи 03.01.2024) // [Манбаи электронӣ] – Реҷаи воридшавӣ: https://mmk.tj/content/ (санаи мурочиат: 14.03.2026).

[2] Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ”аз 28-уми декабри с. 2023 // [Манбаи электронӣ] – Реҷаи воридшавӣ: www.prezident.tj

Олими маъруфи соҳа Искандаров З.Ҳ. дар натиҷаи таҳқиқотҳои худ баҳри таъмини ҳадафи мурофиаи ҷиноятӣ, яъне, ҳимояи воқеии ҳуқуқу озодиҳои шахс муайян карда шудани мақоми мурофиавии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсонро дар мурофиаи ҷиноятӣ ҳамчун иштирокчии мурофиаи ҷиноятӣ[1], инчунин Қобилов Б.Қ., васеъ кардани салоҳияти иҷозатдиҳии судро дар табиқи чораҳои пешгирӣ[2], Искандаров З.Ҳ., амалияи бевосита татбиқ шудани меъёрҳои санадҳои байналхалқиро зимни пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ барои иҷрои самараноки вазифаҳои мурофиаи ҷиноятӣ асоснок мекунанд[3].

Барои таҳкими қонуният олими дигари ватанӣ Раҳматҷонзода Р.Р., дар доираи бартарафнамоии майли айбдоркунӣ ва дигар нуқсонҳои мурофиаи судии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи ба мақсад мувофиқ будани рақамикунонии мурофиаи судии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар ҷодаи татбиқи марҳила ба марҳилаи лоиҳаи «Дафтари электронии базикргирии ҷиноятҳо», Стратегияи ислоҳоти фаъолияти мақомоти тафтишотии Ҷумҳурии Тоҷикистонро барои давраи то соли 2028, ки ба таҳияи заминаҳои қонунгузорӣ оид ба такмили фаъолияти мурофиавии ҷиноятии мақомоти тафтишотии таъқиби ҷиноятӣ бо дарназардошти вазъи ҷиноятҳои криминогенӣ мусоида мекунанд, пешбарӣ ва асоснок кардааст[4].

Олими ватанӣ Маҳмудов И.Т., ҳамчунин, Қаландарова М.Д., Ботурова Н. мубрамияти такмил дода шудани назорати прокурориро ҳангоми пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ шарти муҳимми иҷрои вазифаҳо ва амалишавии принсипи қонуният меноманд[5].

Раҳматулоев А.Э., Мухторов К.Т., Қаҳоров Н.М. ба тартиб ва қоидаҳои ҷамъоварии далелҳо дар марҳилаҳои тосудӣ диққат дода, такмил дода шудани меъёрҳои марбут ба исботро дар иҷро шудани вазифаҳои мурофиаи ҷиноятӣ ва ҳалли одилонаи парвандаи ҷиноятӣ асоснок мекунанд[6]. Ин мавқеро Мадвализода К.М. ҳам ҷонибдорӣ карда, андешаҳои ҷоилро оид ба воситаҳои расмии исбот дар доираи талаботи принсипи қонуният иброз кардааст[7].

Аз ин рӯ, дар таҳқиқотҳои худ муаллифони ватанӣ пеш аз ҳама дар шароити муосир ба пешгирии вайронкунии қонун, ба ҳолатҳои иҷтимоӣ ва ташкилии ин зуҳурот, инчунин, ба маҷмуи сабабҳои асосии содиршавии онҳо диққат додаанд[8].

Ба андешаи мо, таклифу пешниҳодҳои муаллифонро оид ба такмил дода шудани тартиби пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ ва бартараф карда шудани монеаҳои дар амалияи тафтишию судӣ ҷойдошта бо ногузирии таҳкими қонуният ҷамъбаст кардан мумкин аст, ки саривақт ва бо сифат дар радифи ҳамдигар андешида шудани чораҳои зеринро талаб мекунад:

– чораҳо оид ба такмил дода шудани меъёрҳои мурофиавии ҷиноятӣ;

– чораҳои таъмини кафолатҳои конститутсионии ҳимояи ҳуқуқу озодии инсон ва ҳимояи ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ ва шахсони дигар;

– чораҳо оид ба таҳкими қонуният бо роҳи такмил дода шудани назорати прокурорӣ ва судӣ, назорати роҳбарияти сохторҳои таҳқиқ, тафтиши пешакӣ ва воҳидҳои оперативӣ-

---

[1] Искандаров, З.Х. Защита прав человека в уголовном процессе Республики Таджикистан: монография / З.Х. Искандаров. – Душанбе: Эр-граф, 2022. – С. 323.

[2] Қобилов, Б.Қ. Татбиқи чораҳои пешгирӣ аз ҷониби суд тибқи қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷмуҳурии Тоҷикистон: автореф…дис… н.и.ҳ.: 12.00.09 / Б.Қ. Қобилов. – Душанбе, 2022. – 47 с.

[3] Раджабов, Ф.Н. Международно-правовое сотрудничество в сфере уголовного судопроизводства между Республикой Таджикистан и странами СНГ: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.10 / Ф.Н. Раджабов. – М., 2019. – 252 с.; Искандаров, З.Х. Указ. раб. – 325 с.

[4] Раҳмадҷонзода, Р.Р. Таълимот оид ба таъқиби ҷиноятӣ дар мурофиаи судии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон: автореф....дисс.. д.и.ҳ.: 12.00.09 / Р.Р. Раҳмадҷонзода. - Душанбе, 2023. – 74 с.

[5] Маҳмудов, И.Т. Нақши прокурор дар исботкунӣ / И.Т. Маҳмудов // Нақши конститутсия дар инкишофи соҳаҳои ҳуқуқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маводҳои конфронси илмӣ-назариявӣ. – Душанбе, 2012. – С. 38- 46.; Қаландарова, М,Д., Ботурова, Н. Амалишавии функсия прокурор дар мурофиаи судии ҷиноятӣ / М.Д. Қаландарова, Н. Ботурова // Маводи конференсияи илмиву амалӣ бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Илм фуруғи маърифат». – Хуҷанд: Парки тех.ДДҲБСТ, 2021. – С. 87-92.

[6] Раҳматулоев, А.Э., Мухторов, К.Т., Қаҳоров, Н.М. Амалишавии меъёрҳои ҳуқуқӣ ва танзими муносибатҳои мурофиавии ҷиноятӣ. – Хуҷанд: Хуросон, - 2019. - С. 254.

[7] Мадвализода, К.М. Исботкунӣ дар мурофиаи судии ҷиноятӣ: Масъалаҳои назариявӣ, танзими ҳуқуқӣ ва мушкилоти амалӣ: автореф… дис…н.и.ҳ.: 12.00.09 / К.М. Мадвализода. – Душанбе, 2024. – 46 с.

[8] Мансурзода, А.М., Қодирзода, Ғ.Н. Нигилизми ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ва оқибатҳои он А.М. Мансурзода, Ғ.Н. Қодирзода // Осори Академияи ВКД ҶТ. – 2022. - № 3 (55). - С. 37-43.; Қобилов, Б.Қ. Татбиқи чораҳои пешгирӣ аз ҷониби суд дар давраи тафтиши пешакӣ / Б.Қ. Қобилов // Осори Академияи ВКД ҶТ. – 2020. - № 4(48). - С. 141-144.

ҷустуҷӯӣ оид ба риоя, иҷро ва татбиқи қонун, аз ҷумла пешгирӣ, ошкор ва баратараф кардани ҳолатҳои вайронкунии қонун;

– чораҳои қатъии ҷавобгарии ҳуқуқӣ нисбати тамоми иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ ва шахсони дигаре, ки ба вайронкунии қонун роҳ додаанд;

– чораҳои тарғиботию ташвиқотӣ, огоҳкунанда, тарбиявӣ, профилактикӣ;

– баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии кормандони мақомоти пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ, тарбияи мутахассион дар руҳияи эҳтироми қонун ва масъулиятшиносӣ дар назди халқу миллат ва қонун.

Ғайр аз ин, дар муқоиса бо меъёрҳои КМҶ ҶТ, КМҶ Россия (м.м. 46, 223.1) тавассути хабарномаи хаттӣ гумонбаршаванда эътироф шудани шахсро бо гумони содир кардани ҷиноят пешбинӣ кардааст. Яъне, мақоми мурофиавӣ пайдо кардани шахсро на қарори асосноки мурофиавӣ, балки хабарномаи хаттӣ муқаррар кардааст. Дар амал, номутобиқатии меъёрҳои КМҶ ФР ба Конститутсияи ФР ва нодуруст татбиқ шудани меъёрҳои он, пайваста мавзуи баррасии суди конуститутсионии ФР мегардад[1].

Тибқи КМҶ Ҷумҳурии Қирғизистон, дар сурати татбиқ шудани чораи пешгирӣ дар намуди ба ҳабс гирифтани айбдоршаванда, пеш аз ҷойгир карда шудани у ба тавқифгоҳи тафтишотӣ ё тавқифгоҳи нигоҳдории муваққатӣ ҳатман аз муоинаи тиббӣ, инчунин, кофтукови шахсӣ, дактилоскопия гузаронида, намунаҳои биологӣ гирифта мешаванд (м. 42). Масъалаи интихоб ва татбиқи чораи пешгирӣ дар намуди ба ҳабс гирифтанро дар асоси қарори муфаттиш, прокурор бо иштироки ҳатмии ҳимоятгар баррасӣ ва ҳал мекунад (м. 110). Муқаррароте, ки дар КМҶ Ҷумҳурии Қирғизистон диққатро ҷалб мекунад, ба ҳимоятгар имконият дода мешавад, ки барои ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои ҳимояшаванда, аз хизмати детективи хусусӣ истифода барад ва протоколи хусусии азназаргузаронии маҳалро тартиб диҳад[2].

КМҶ Ҷумҳурии Узбекистон, ғайр аз принсипи қонуният (м. 11) ба сифати принсипҳои адолати судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ дастаҷамъона ва танҳо баррасӣ шудани парвандаи ҷиноятӣ (м. 13), оғози ҳатмии парвандаи ҷиноятӣ (м. 15), муайян кардани ҳақиқат(м. 22), бевосита ва шифоҳӣ таҳқиқ кардани далелҳо(м.26), иштироки аҳли ҷомеа дар амалишавии адолати судиро (м. 21) пешбинӣ кардааст[3]. Дар қиёси қонунгузории давлатҳои аъзои ИДМ, дар КМҶ Ҷумҳурии Узбекистон принсипҳои мурофиаи ҷиноятӣ дар омехтагӣ бо шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ ҷиноятӣ ва қоидаҳои иҷрои амалҳои мурофиавӣ муқаррар шудааст, ки аксари онҳо танҳо дар марҳилаҳои судии мурофиаи ҷиноятӣ амал мекунанд.

Таҳлили мухтасари таҷрибаи рушди қонунгузории мурофиавии ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ нишон медиҳад, ки дар қонунгузории мурофиавии судии ҷиноятии ҳама давлатҳои номбаршуда, дар низоми принсипҳои адолати судӣ принсипи қонуният мавқеи марказиро ишғол кардааст. Лекин, роҳу воситаҳои ҳуқуқии таъмини он бо меъёр, кафолат ва муқаррароти хоса фарқият доранд.

Албатта, ба сифати принсипҳои мурофиаи ҷиноятӣ пешбинӣ шудани Дар қиёси қонунгузории мурофиавии ҷиноятии давлатҳои номбаршуда, КМҶ ҶТ ҳадаф ва вазифаҳои мурофиаи ҷиноятиро мушаххас пешбинӣ кардааст, ки тавассути бо қонун муқаррар шудани тартиби ягона ва умумии пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ҳимояи манфиати ҷамъият, давлат ва ташкилотҳо, ки аз ҷиноят зарар дидаанд, сари вақт ва пурра ошкор намудани ҷиноят, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани танҳо шахсони ҷиноят содиркарда, ҳалли одилонаи масъалаҳои баррасишаванда дар суд, риоя намудани меъёрҳои

---

[1] Определение Конституционного суда Российской Федерации «По жалобе гражданина Коваля Сергея Владимировича на нарушение его конституционных прав положениями статей 47 и 53 Уголовно-процессуального кодекса Российской Федерации» от 12 мая 2003 г., № 173-О // СЗ РФ. 2003. N 27. Ч. II. Ст. 2872.; Определение КС РФ «По жалобе гражданина Худоерова Дониера Тошпулатовича на нарушение его конституционных прав статьей 335 Уголовно-процессуального кодекса Российской Федерации» от 10 декабря 2002 г., № 315-О // СЗ РФ. 2003. № 5. Ст. 502.; Определение КС РФ «По жалобе гражданки Ивкиной Валентины Оноприевны на нарушение ее конституционных прав частью первой статьи 45 и статьей 405 Уголовно-процессуального кодекса Российской Федерации» от 5 февраля 2004 г., № 25-О // [Электронный ресурс]. – Режим доступа http://www.ks.rinet.ru

[2] Уголовно-процессуальный кодекс Кыргызской Республики от 30 июня 1999 г., № 62 // ИС Параграф «Юрист» [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://online.zakon.kz/Document/?doc_id= 1005029 (дата обращения: 17.03.2024 г.).

[3] Уголовно-процессуальный кодекс Республики Узбекистан: введен в действие с 01.04.1995 (В редакции Закона РУз от 15.09.2008 г. № ЗРУ-178. Закона РУз от 31.12.2008 г. № ЗРУ-198. Закона РУз от 21.04.2011 г. № ЗРУ-288).

мурофиавӣ ҳангоми татбиқи қонуни ҷиноятӣ, инчунин кафолати ҳимояи манфиати қонунии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ ва шахсони дигар таъмин мешавад.

Ҳамин тавр, таҳлили адабиёти ҳуқуқӣ ва қонунгузории амалкунандаи мурофиавии ҷиноятии ватанӣ нишон нмедиҳад, ки такмил дода шудани тартиби риояи дақиқ, иҷрои якхела ва татбиқи асосноки меъёрҳои ҷории мурофиавӣ дар Тоҷикистон, аз ҷумла, дар давлатҳои аъзои ИДМ вобаста ба тағйирот, дигаргуниҳо ва густариши муносибатҳои ҷамъиятӣ зинаи ногузири рушди низоми ҳуқуқӣ аст.

ТДУ 343.13

РИОЯИ ҚОИДАҲОИ МУРОФИАВӢ ЗИМНИ БА ҶАВОБГАРИИ ҶИНОЯТӢ КАШИДАНИ ШАХС БА СИФАТИ АЙБДОРШАВАНДА ВА ЭЪЛОНИ АЙБ

СОБЛЮДЕНИЕ ПРОЦЕССУАЛЬНЫХ ПРАВИЛ ПРИ ПРИВЛЕЧЕНИИ ЛИЦА К УГОЛОВНОЙ ОТВЕТСТВЕННОСТИ В КАЧЕСТВЕ ОБВИНЯЕМОГО И ОБЪЯВЛЕНИИ ОБВИНЕНИЯ

НОЗИМЗОДА БАХТИЁР ҲАКИМ
Унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон / Соискатель кафедры судебного права и прокурорского надзора юридического факультета Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики
E-mail: bakhtiyor.n55@ icloud.com

Мавҷуд будани асосҳои зерин барои қабул шудани қарор дар бораи ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс ва эълон кардани айб зарур аст:

– бо тартиби муқарраркардаи қонун оғоз шудани парвандаи ҷиноятӣ;

– бо далелҳо муайян карда шудани аломатҳои ҷиноят дар кирдори ҳамин шахс, намуди ҷиноят аз рӯйи банду қисмҳои мухталифи моддаҳои Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – КҶ ҶТ);

– бо далелҳо муқаррар гаштани оқибати аз ҷиноят ба вуҷуд омада ва алоқамандии сабабии он бо кирдори содиршуда.

Албатта, ҳолатҳои номбаршудае, ки бояд бо далелҳо тасдиқи худро ёбанд ба мавзуи исбот дохил мешаванд, лекин барои қабул шудани қарор дар бораи ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс ва эълон кардани айб, исбот карда шудани тамоми дигар ҳолатҳои содир шудани ҷиноят ва ба парвандаи ҷиноятӣ аҳаммиятдошта (м.м. 85, 90 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - КМҶ ҶТ)) зарур ва шарт нестанд[1]. Дигар ҳолатҳои мавзуи исбот баъди қабул шудани қарор дар бораи ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс ба сифати айбдоршаванда ва эълон кардани айб бо ёрии амалҳои минбаъдаи тафтишотӣ муқаррар карда мешаванд.

Эълон кардани айб – аз он иборат аст, ки шахс бо тартиби муқарраркардаи қонун (м.м. 223-224 КМҶ ҶТ) аз ҷониби мақомоти таъқиби ҷиноятӣ даъват карда мешавад, ба вай (дар ҳузури ҳимоятгар, агар иштироки ҳимоятгар мутобиқи қонун ҳатмӣ бошад (м.м.47-51 КМҶ ҶТ)[2] ё дар ин бора айбдоршаванда дархост (м. 221 КМҶ ҶТ) карда бошад) қарор дар бораи ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шудан пешниҳод карда мешавад, моҳияти айби эълоншуда, оқибатҳои ҳуқуқии он, ҳуқуқу уҳдадориҳои айбдоршаванда, ки дар м. 47 КМҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, фаҳмонида мешавад[3].

Айб на дертар аз ду шабонарӯз аз лаҳзаи баровардани қарор дар бораи ба сифати айбдоршаванда ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс дар ҳузури ҳимоятгар эълон карда мешавад, ба шарте, ки ӯ дар парвандаи ҷиноятӣ иштирок дошта бошад ё иштироки ҳимоятгар мутобиқи қонун ҳатмӣ бошад ё дар ин бора айбдоршаванда дархост карда бошад.

[1] Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03-юми декабри с. 2009, № 564 (бо тағйиру иловаҳо ба санаи 03.01.2024) // [Манбаи электронӣ] – Реҷаи воридшавӣ: https://mmk.tj/content/ (санаи воридшавӣ: 14.03.2026).
[2] Ҳамон ҷо
[3] Ҳамон ҷо.

Муфаттиш вазифадор аст айбдоршавандаро, баъди ба ӯ эълон кардани айб фавран пурсиш кунад ва дар сурати аз додани нишондод даст кашидани айбдоршаванда дар ин бора бояд дар протоколи пурсиш сабт намояд. Бо мақсади пешгирӣ кардани саркашии айбдоршаванда аз нишондод додан, муфаттиш пеш аз оғози пурсиш бояд тарзу услубҳои боваркунонӣ ва фаҳмонидани имконияти мурофиавии айбдоршаванда дар хусуси кафолати ҳимояи давлатӣ, чорабиниҳои амниятӣ, дастгирии иҷтимоӣ, муқаррар карда шудани ҳолатҳои сафедкунанда ва ё сабуккунандаи ҷавобгарии ҷиноятиро (бо ишора ба моддаҳои дахлдори қонунгузории ҷорӣ, ва фаҳмонидани оқибатҳои ҳуқуқии он), самаранок истифода намояд. Лекин, аз додани нишондод даст кашидани айбдоршаванда ба ҷараёни пешбурди минбаъдаи тафтиши пешакӣ ва ё анҷом дода шудани амалҳои тафтишӣ монеъ намегардад[1].

Дар байни амалҳои мурофиавии ҷиноятие, ки аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ дар ҷараёни пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ гузаронида мешаванд, амалҳои тафтишӣ мавқеи махсусро ишғол менамоянд.

Амалҳои тафтишӣ дар шакли маҳдуд - ин маҷмуи амалҳое мебошанд, ки аз ҷониби мақомоти пешбурди тафтиши пешакӣ бо тартиби пешбиникардаи қонун бо мақсади ошкор кардан, ҷамъ овардан, санҷидан ва баҳо додан ба далелҳо ва муқаррар кардани ҳолатҳои ба парвандаи ҷиноятӣ аҳаммиятдошта, иҷро мешаванд.

Амалҳои тафтишӣ дар шакли васеъ бошад – ин маҷмуи амалҳоест, ки бо ёрии онҳо бо тартиби муқарраркардаи қонун муайян кардани ҳолатҳои содир шудани ҷиноят ва ба парвандаи ҷиноятӣ аҳамиятдошта, рафти дурусти пешбурди парвандаи ҷиноятӣ ва иҷроиши вазифаҳои мурофиаи ҷиноятӣ таъмин мешавад.

Аз қоидаҳои номбаршуда бармеояд, ки амалҳои тафтишӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ моҳияти ҳуқуқӣ доранд, чунки тартиби мурофиавӣ-ҷиноятӣ, асос , мақсад ва шакли мурофиавии онҳоро меъёрҳои ҳуқуқии мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ба танзим медароранд**.** Аҳаммияти амалҳои тафтишӣ дар он зоҳир мегардад, ки бо ёрии онҳо ҳолатҳои содир шудани ҷиноят ва ба парвандаи ҷиноятӣ аҳаммиятдошта исбот карда мешаванд, инчунин амалҳои тафтишӣ дар амал риоя ва иҷро гаштани принсипи асосии исботнамоиро (принсипи ҳаматарафа, пурра ва холисона муқаррар кардани ҳолатҳои кор) дар ҷараёни мурофиаи ҷиноятӣ таъмин менамоянд.

Ҳаматарафа, пурра ва холисона муқаррар кардани ҳолатҳои содир шудани ҷиноят вазифаи асосии мақомоти ваколатдори давлатӣ дар ҷараёни исботнамоӣ ба шумор меравад, ки танҳо бо воситаи амалҳои тафтишӣ таъмин шуда метавонад. Ҳаматарафа маънои муқаррар карда шудани ҳам ҳолатҳои вазнинкунандаи ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҳам ҳолатҳои сабуккунанда, ҳам ҳолатҳои айбдоркунанда ва ҳам ҳолатҳои сафедкунандаро доир ба парвандаи ҷиноятӣ ифода мекунад. Пурра ин муқаррар карда шудани ҳамаи ҳолатҳои содир шудани ҷиноят, ки предмети (мавзуъи) исботнамоиро (м. 85 КМҶ ҶТ) ва ҳама ҳолатҳои ба ҳалли дурусти парвандаи ҷиноятӣ аҳамиятдоштаро (м. 72 КМҶ ҶТ) ифода мекунад[2]. Холисона – беғаразона, бе зоҳир кардани манфиатдорӣ, новобаста аз мавқеъи иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ, новобаста аз дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии кирдори содиршуда ва оқибатҳои он, новобаста аз шахсият (ҳолатҳое, ки шахсиятро тавсиф медиҳанд) ва шакли айби вай (қасд, беэҳтиётӣ) дар содир кардани ҷиноят, муайян карда шудани ҳолатҳои ҳодисаи ҷиноятро ифода мекунад.

Дар натиҷаи ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс ба сифати айбдоршаванда ягон ҳолати парвандаи ҷиноятӣ исбот намешавад, лекин танҳо ҳангоми мавҷуд будани далелҳои кофӣ дар бораи исботи ҳолатҳои содир шудани ҷиноят прокурор, муфаттиш ва таҳқиқбаранда дар бораи ба ҷавобгарӣ кашидани шахс ба сифати айбдоршаванда дар содир кардани ҷиноят ва ба ӯ эълон кардани айб қарори асоснок мебароранд. Ин санад аҳаммияти муҳимми мурофиавӣ дорад, мавқеи марказиро дар ҷараёни тафтишоти пешакӣ ишғол менамояд ва самти минбаъдаи тафтишоти парвандаи ҷиноятиро муайян мекунад[3].

Ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс ба сифати айбдоршаванда бо оқибатҳои муҳимми мурофиавӣ-ҷиноятӣ алоқамандӣ дорад. Аз ҳамин лаҳза эътиборан бо санади асосноки

---

[1] Уголовный процесс: учебник для вузов / Под ред. Гуценко Н. – М.: Инфра-М, 1998. – С.120.

[2] Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03-юми декабри с. 2009, № 564 (бо тағйиру иловаҳо ба санаи 03.01.2024) // [Манбаи электронӣ] – Реҷаи воридшавӣ: https://mmk.tj/content/ (санаи воридшавӣ: 14.03.2026).

[3] Юлдошев, Р.Р. Научно-практический комментарий к отдельным главам уголовно-процессуального кодекса Республики Таджикистан. – М.: Юстиция, 2016. - С. 145.

мурофиавӣ, ба тариқи расмӣ шахси муайян дар содир кардани ҷиноят айбдор дониста мешавад. Дар ҷараёни мурофиаи ҷиноятӣ мавқеи (ҳолати ҳуқуқии) яке аз шахсони асосии манфиатдори мурофиаи ҷиноятӣ - айбдоршаванда муайян карда мешавад[1].

Ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс ба сифати айбдоршаванда набояд бо шитобкорӣ анҷом дода шавад, чунки эълон шудани айби беасос боиси паст шудани обрӯю эътибори шахс гашта, шаъну шарафи ӯро зери шубҳа мегузорад ва шахсан вай ва хешовандонашро ба азоби маънавию руҳӣ гирифтор мекунад. Беасос ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс на танҳо аз дағалона вайрон шудани принсипи қонуният аст, балки тафтишотро ба гумроҳӣ мебарад ва хавфи беасос маҳкум гаштани шахси бегуноҳро ба миён меорад.

Яке аз талаботҳое, ки нисбати ин амали тафтишотӣ дар қонун пешбинӣ шудааст - ин кофӣ будани маълумоти ҷамъовардашуда (далелҳо) мебошад. Маълумоти воқеӣ (далелҳо) бояд дар натиҷаи амалҳои тафтишотӣ ҷамъ оварда шуда бошанд, ки тартиб ва қоидаҳои анҷом дода шудани онҳоро КМҶ ҶТ муайян кардааст. Ҳама гуна маълумоти шубҳанок доир ба айбдории шахс, ки бо амалҳои тафтишотӣ санҷида аниқ нашудаанд ё ба ҳамдигар мухолифат доранд аз беасос будани қарор дар бораи ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ҷалб шудани шахс шаҳодат медиҳанд.

Маводи дигар (ариза, муроҷиати шаҳрвандон, маъмурияти корхона, ташкилот, муассисаҳо, хабару мақолаҳои дар матбуот нашршуда), ки ба талаботҳои далел эътироф шудани маълумот ҷавобгӯ нестанд, барои қабули қарор дар бораи ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан асос шуда наметавонанд. Маводе, ки дар натиҷаи чорабиниҳои оперативӣ – ҷустуҷӯӣ то оғози парвандаи ҷиноятӣ ҷамъ оварда шудаанд барои эълон кардани айб кофӣ нестанд[2]. Ин гуна маводҳо танҳо барои оғози парвандаи ҷиноятӣ асос шуда метавонанд. Баъди оғози парвандаи ҷиноятӣ маводи дар ҷараёни амали оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба даст овардашуда ба шарте далел эътироф карда мешаванд, ки бо риояи муқаррароти КМҶ ҶТ ҷамъоварӣ, санҷида, баҳо дода шуда бошанд.

Ҳамин тариқ, агар ҳангоми тафтиши пешакӣ барои тағйир додан ва илова кардани айб асосе ба миён ояд, муфаттиш вазифадор аст бо риояи талаботи м. 225 КМҶ ҶТ дар бораи ба сифати айбдоршаванда ба ҷавобгари кашидан қарори нав барорад ва онро бо тартиби муқаррарнамудаи м.м. 225 ва 226 КМҶ ҶТ ба айбдоршаванда эълон кунад. Ин гуна асосҳо дар натиҷаи ҷамъоварӣ, санҷидан ва баҳо додан ба маълумоти воқеӣ ба миён меоянд. Ба ҳар ҳол, ҳамчун асос танҳо далелҳои бо тартиби муайянкардаи қонун ҷамъовардашуда ба эътибор гирифта мешаванд. Агар дар ҷараёни тафтиши пешакӣ яке аз қисматҳои айби эълоншуда тасдиқ нашуда бошад ё бо далелҳои дигар инкор карда шавад, муфаттиш бо қарори худ таъқиби ҷиноятии ҳамин қисматро қатъ карда, дар ин бора айбдоршаванда ва дигар иштирокчиёни мурофиаро огоҳ месозад.

ТДУ 349.6

ШАКЛ ВА УСУЛҲОИ АМАЛИШАВИИ ФУНКСИЯИ ЭКОЛОГИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ФОРМЫ И МЕТОДЫ ОСУЩЕСТВЛЕНИЯ ЭКОЛОГИЧЕСКОЙ ФУНКЦИИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

ОРЗИЗОДА ҲАБИБҶОН ОРЗӢ
Омӯзгори кафедраи омодагии касбӣ ва ҷисмонии факултети № 4-уми Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, майори милитсия / Старший преподаватель кафедры профессиональной и физической подготовки факультета № 4 Академии МВД Республики Таджикистан, майор милиции
E-mail: orzuzodahabib395@gmail.com

[1] Раҳматулоев, А.Э. Мурофиаи ҷиноятӣ: китоби дарсӣ. – Хуҷанд: Хуросон, 2017. – С. 403.
[2] Усманов, У.А. Справочник следователя: учебно-методическое пособие / У.А. Усманов. – М.: Приор, 2000. - С. 19.

МУМИНОВ ДИЛОВАР АЛИНАЗАРОВИЧ
Омӯзгори кафедраи омодагии касбӣ ва ҷисмонии факултети № 4-уми Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, подполковники милитсия / Преподаватель кафедры профессиональной и физической подготовки факультета № 4 Академии МВД Республики Таджикистан, подполковник милиции
E-mail: orzuzodahabib395@gmail.com

Пағйирёбии иқлим, кам шудани захираҳои об, масоҳати ҷангалҳо, шикори ғайриқонунии намудҳои нодири ҳайвонот ва паррандаҳо, истифодаи номаҳдуди сарватҳои табиӣ, буҳрони экологӣ, ки ба муҳити зисти одамон, олами набототу ҳайвонот зарар мерасонанд, зарурати амалӣ намудани функсияи экологиро талаб месозад. Бинобар ҳамин, таҳқиқи масъалаи функсияи экологии давлат ҳолати имрӯза ва паҳлуҳои дигари он барои Ҷумҳурии Тоҷикистон беш аз пеш мубрам шуда истодааст.

Бо ҳамин асосҳо, таваҷҷуҳи бевоситаи давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъалаи мазкур ҳама рӯза зиёд гардида истода аст. Аз ин хотир, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олиии Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 28-уми декабри соли 2023 чунин зикр карданд: «Гармшавии ҳарорати сайёра ва оқибатҳои манфии он – камобӣ, хушксолии паёпай ва дигар офатҳои табиӣ, аз ҷумла сардии бесобиқаи зимистони гузашта, яъне торафт бад шудани ҳолати муҳити зисти инсоният, илова бар ин, ки боиси торафт вазнин шудани таъминот бо маводи ғизоӣ ва оби босифати нӯшокӣ дар бисёр кишварҳо ва минтақаҳои ҷаҳон гардида истодааст, ба паҳншавии бемориҳои сироятӣ ва торафт устувор гардидани муқовимати воситаҳои дорувории мавҷуда бар зидди вируси чунин бемориҳо мусоидат намуда истодааст. Бинобар ин, аҳли башар, аз ҷумла мо маҷбур ҳастем, ки барои ислоҳи вазъи ногувори муҳити зист ва пешгирӣ кардани харобшавии минбаъдаи он, дар навбати аввал, бо роҳи ҷиддан кам кардани партови газҳои гулхонаӣ, ниҳолшинониву кабудизоркунӣ ва истифодаи оқилонаи захираҳои об, яъне ба хотири наҷоти табиат ва инсоният тадбирҳои бетаъхир ва муассир андешад»[1].

Функсияи экологӣ дар соҳаи ҳимояи муҳити зист, истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ, таъмини амнияти экологӣ бо мақсади ҳалли проблемаҳои экологӣ амалӣ карда мешавад. Тағйири иқлими сайёра, кам шудани захираҳои об, масоҳати ҷангалҳо, шикори ғайриқонунии намудҳои нодири ҳайвонот ва парандаҳо, истифодаи номаҳдуди сарватҳои табиӣ, ки ба муҳити зисти одамон, олами набототу ҳайвонот зарар мерасонанд, зарурати амалӣ намудани функсияи экологиро талаб менамоянд. Давлат барои баамалбарории функсияи экологӣ шакл ва усулҳои гуногун, ки дар асоси қонунгузории экологӣ амалӣ мешаванд роҳандозӣ менамояд ва инро дар маҷмуъ механизмҳои амалишавии функсияи экологии давлат ташкил менамояд.

Функсияҳои давлат бо шаклҳо ва усулҳои махсус амалӣ мешаванд. Шаклҳо ва усулҳои амалӣ гаштани функсияҳои давлат бо инкишофи ҷомеа тағйир меёбанд. Ҳар як навъи таърихии давлат бо мақсади амалӣ намудани функсияҳои давлат аз шаклу усулҳои муайян истифода мебарад. Дар давлати ҳуқуқбунёди демократӣ, бо дарназардошти инкишофи ҷомеаи шаҳрвандӣ, муносибатҳои бозаргонӣ, фаъолияти озоди иқтисодӣ шаклҳо ва усулҳое истифода мешаванд, ки ҷавобгӯи инкишофи ин муносибатҳо мебошанд[2].

Дар робита ба амалигардии функсияи экологии давлат бояд тазаккур дод, ки муносибатҳо вобаста ба таъсири байниҳамдигарии табиат ва инсоният ҳам дар доираи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ҳам ғояҳои мавҷудаи илми ҳуқуқшиносӣ (ҳуқуқи экологӣ) зикр карда шудаанд, ки албатта, барои ба таври дуруст мавриди омӯзиш қарор додани он, вобаста ба он ки масъалаи мазкур хусусияти комплексӣ дорад, таҳлили дуруст ва амикро талаб менамояд.

Дар амалигардонии функсияи экологии давлат чунин фаъолиятҳо шомил мешаванд: оид ба таваҷҷуҳ ва талаботи ҷамъият роҷеъ ба сарватҳои табиӣ, ки ба моликияти давлатӣ қарор дорад; таъмини риоя ва ҳифзи ҳуқуқҳо ва манфиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба истифода ва ҳифзи сарватҳои табиӣ; таъминнамоии бехатарии экологӣ[3].

Ҷузъи муҳимтарини ҳама гуна системаи идоракунӣ масъалаи татбиқи дурусти он мебошад. Маҳз самаранокӣ, ҳолати таъмини татбиқи мақсадҳо ва нишондиҳандаҳои иҷроиши

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16-уми декабри с. 2025 // [Манбаи электронӣ] – Реҷаи воридшавӣ: http://prezident.tj (санаи мурочиат: 31.03.2026).
[2] Сотиволдиев, Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ: китоби дарсӣ. – Душанбе: «Империал-Групп», 2014. – С. 195.
[3] Брынчук, М.М. Экологическое право: учебник. – М., 2003. – С. 44-45.

ҳадафҳои пешгузошташудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба ҳифзи муҳити зист, инъикоси амалигардии функсияи экологиро нишон медиҳад.

Дар баробари ин, ба таври васеъ амалӣ гардонидани функсияи экологии давлат ин фаъолияти мақомоти қонунгузорӣ оид ба қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, мақомоти иҷроия оид ба иҷроиши қонунгузории амалкунанда доир ба ҳифзи муҳити зист ва мақомоти ҳокимияти судӣ, ки дар асоси муқаррароти қонунгузорӣ барои ҳуқуқвайронкунанда ва содиркунандаи ҷиноятҳои экологӣ ҷавобгарии ҳуқуқиро муайян мекунанд, ташкил медиҳад[1].

Дар ҳошияи зикркардаҳои боло олими ватанӣ Азиззода У.А., чунин мешуморад, ки ҷавобгарии ҷиноятии шахс барои расонидани зарар ва ё истифодаи нодурусти табиат метавонад яке аз вазифаҳои калидии муҳофизати сарватҳои табиӣ бошад[2].

Фаъолияти давлат оид ба таъмини иҷрои функсияи экологӣ, ки тавассути фаъолияти механизмҳои дар боло зикршуда амалӣ карда мешавад, аслан дар шаклҳои қонунгузорӣ, иҷроия ва ҳифзи ҳуқуқ амалӣ мегардад, яъне, таҳия ва қабули меъёрҳои қонунгузорӣ ва дигар фаъолияти мақомоти давлатӣ ва субъектҳои истифодаи захираҳои табиӣ дар татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва уҳдадориҳои ҳуқуқӣ, инчунин таъмини ҳифзи меъёрҳои ҳуқуқӣ аз вайронкуниҳо, ҳифзи ҳуқуқҳои субъективиро фаро мегирад[3].

Соҳибзода М.М. раванди амалишавии функсияи экологиро аз нуқтаи назари шакл ва усулҳои он ба фаъолияти субъектони ваколатдор оид ба ташкили ҳифзи муҳити зист ва истифодаи сарватҳои табиӣ, ки дар қонунгузорӣ пешбинӣ шудааст, вобаста медонад[4].

Аз таҳлилҳои болозикр маълум мегардад, ки дар умум шаклҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии амалишавии функсияи экологии давлат фарқ карда мешавад. Дар баробари ин, шаклҳои ишорагардидаи амалишавии функсияи экологии давлат аз ҳамдигар тафовут доранд, ки дар поён истода мегузарем. Дар такя ба ғояҳои назариявии эътирофгардида ба шакли ҳуқуқии амалишавии функсияи экологии давлат метавон фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, иҷрои ҳуқуқ ва ҳифзи ҳуқуқиро шомил намоем.

Ҳуқуқэҷодкунӣ фаъолияти давлатиест, ки дар кор карда баромадан ва қабули меъёрҳои ҳуқуқӣ, ки дар онҳо қоидаҳои рафтори одамон мустаҳкам карда шуда, он дар баровардани санадҳои меъёрӣ зоҳир мегардад ва дар натиҷа боиси бавуҷудоӣ, тағйирёбӣ ва ё бекоргардии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи экологӣ боис мегардад.

Дар заминаи таҳқиқот ва омӯзиш роҷеъ ба шаклҳои ташкилии амалигардонии функсияи экологии давлат, чунин тарзҳои онро пешкаш намуданамон мумкин аст:

– фаъолияти ташкилӣ-кадрии амалинамоии функсияи экологии давлат дар амал татбиқ намудани ҳадафҳои заминавии расмӣ-ҳуқуқии дар санадҳои қонунгузорӣ муқарраргардидае мебошад, ки барои таъминоти пурраи кадрӣ баҳри амалинамоии ҳадаф ва мақсадҳои муқарраргардидаи ҳифзи муҳити зист равона гардидааст. Дар амал татбиқ намудани функсияи экологии давлат ва дар ин замина бевосита татбиқ намудани қонунгузории экологӣ аз ҳар ҷиҳат ба дониши касбӣ, маҳорат, қобилият, омодагии касбӣ ва истеъдоди кадрҳои соҳаи мазкур вобастагии зич дорад;

– фаъолияти ташкилӣ-хоҷагии амалинамоии функсияи экологии давлат ин раванди таъминоти мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист ва сохторҳои марбутаи он, ҳамчунин дигар ташкилотҳои буҷетӣ дар самти мазкур бо воситаҳои зарурии техникӣ, биноҳои маъмурӣ, маводҳо барои пешбурди кор, таҷҳизотҳои дигари зарурӣ ва монанди инҳоро ташкил менамояд. Яке аз механизми воқеии амалигардии самаранок ва боҳадафи функсияи экологии давлат аз ҳар ҷониб ба фаъолияти ташкилӣ-хоҷагӣ вобастагии бевосита дорад;

– фаъолияти ташкилии молиявӣ, оморӣ, техникӣ ва иттилоотии амалинамоии функсияи экологии давлат фаъолияте мебошад, ки барои таъминоти маблағгузории самти фаъолияти идоракунии давлатии экологӣ, таъмин намудани шароит барои омоданамоии омори дақиқи иттилоот оид ба вазъи кунунии экологӣ, таъмини воситаҳои технологияи ҳозиразамони иттилоотӣ, ташкили алоқа ва монанди инҳо равона гардидааст. Дар ҳақиқат таҷрибаи амалӣ

---

[1] Гиззатуллин, Р.Х. О параметрах экологической функции государства / Р.Х. Гиззатуллин // Экологическое право. – 2008. – № 2. – С. 10.;

[2] Азизов, У.А. Эволюция институтов преступления и наказания на территории исторического и современного Таджикистана: историко-правовое исследование: монография. – Душанбе: «Андалеб-Р», 2015. – 368 с.

[3] Азизов, У.А. Асари зикршуда. – С. 14.

[4] Соҳибзода, М.М. Ҳуқуқи экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми махсус: китоби дарсӣ. Нашри аввал // Зери таҳрири Саидзода И.Ҳ.. – Душанбе: «ЭР-граф», 2022. – С. 267.

собит намудааст, ки истифодаи воситаҳои нави технологияи иттилоотӣ кафолати фаъолияти самараноки мақомоти давлатӣ маҳсуб мешавад.

Дар фазои танзими ҳуқуқии муносибатҳои экологӣ нақши марказиро Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи муҳити зист» аз 2-юми августи соли 2011, № 760 иҷро менамояд, ки механизмҳои асосии рушди муносибатҳо вобаста ба ҳифзи муҳити зистро ба таври расмӣ муқаррар ва мустаҳкам намудааст. Дар баробари ин, принсипҳои асосии истифода ва ҳифзи муҳити зист ва мақсади сиёсати давлатӣ дар соҳаи экологӣ дар он инъикос гардидааст. Мақсади асосии сиёсати мазкур бо тарзу усулҳои муосири зеҳнӣ ва механизми идоракунӣ кам кардани таъсири манфии инсоният ба муҳити зист барои зиндагии шоистаи наслҳои ояндаи инсоният мебошад. Иҷрои ин ва як қатор мақсадҳои дигар кори тамоми механизмҳои таъмини амнияти экологиро ба низом оварда, имкон медиҳад, ки иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон бо гузариш ба рушди устувор равона карда шавад ва барои баланд бардоштани самаранокии функсияи экологии давлат мусоидат намояд.

ТДУ 332.021

ИТТИЛООТ ВА ТАВЗЕҲИ ОН*

ИНФОРМАЦИЯ И ЕЕ РАЗЪЯСНЕНИЕ

РАСУЛЗОД ЛОИҚ ХОЛИҚ
Ходими калони илмии шуъбаи ташкилӣ-илмӣ ва табъу нашри Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, майори милитсия / Главный научный сотрудник организационно-научного и редакционно-издательского отдела Академии МВД Республики Таджикистан, майор милиции
e-mail: rasulzod@inbox.ru

РАҲИМЗОДА ДИЛШОД МАҶИД
Сардори қисми таълимии факултети № 2-юми Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, подполковники милитсия / Начальник учебной части факультета № 2 Академии МВД Республики Таджикистан, подполковник милиции

Таъвзеҳи иттилоот ва муайян кардани хусусиятҳои муҳимми он яке аз масъалаҳои мубрам дар низоми донишҳои иҷтимоӣ-ҷамъиятӣ ба ҳисоб меравад. Омӯзиш ва таҳлили падидаи мазкур собиқаи таърихию сиёсӣ низ дошта, таваҷҷуҳи муҳаққиқони соҳаҳои гуногуни илмҳои мухталифро дарбар мегирад. Зеро он яке аз унсурҳои таркибӣ ва муҳимми муносибатҳои ҷамъиятӣ ба ҳисоб рафта, дар рушду инкишофи ҳаёти инсон нақши муҳиммро мебозад. Яъне, иттилоот ба тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ таъсири ҷиддӣ расонида, рафтори одамон, муносибатҳои ҷамъиятӣ ва фаъолияти онҳоро ба куллӣ тағйир ва ба танзим медарорад.

Ҷомеаи муосир, ки ҷомеаи иттилоотӣ номида мешавад, дар он иттилоот мавқеи махсус дорад. Махсусун дар замони тағйироту дигаргуниҳои гуногуни ҷаҳони муосир мақом ва нақши иттилоот натанҳо дар самти муносибатҳои дуҷонибаю бисёрҷониба, балки дар тамоми соҳаҳои ҳаёти инсон бештар гардидааст.

Бояд қайд намуд, ки дар баробари пешравиҳои чашмраси соҳаҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва рушди бемайлони технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар замони муосир метавон ба хулосае омад, ки иттилоот боз ҳам дучанд бештар тавлид ёфта, дар навбати худ ба амнияти миллӣ ва байналхалқӣ хавфу хатарҳои навро эҷод менамоянд.

Дар адабиёти илмии ҷаҳонӣ садҳо ва ё ҳазорҳо тавзеҳи иттилоот мавҷуд аст. Зиёда аз ин, атрофи ин падида андешаҳои гуногун мавҷуданд.

* Мақола дар доираи татбиқи мавзуи тадқиқотии «Тарбияи ҳуқуқӣ ва фарҳанги сиёсии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар шароити тағйирпазирии ҷомеаи Ҷумҳурии Тоҷикистон: проблема ва сиёсати рушд (2023-2027)» таҳия шудааст, ки аз ҳисоби буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағгузорӣ карда мешавад. Рақами бақайдгирии давлатӣ 0121TJ1289.

Иттилоот ҳамчун объекти асосии коркарди технологияҳои иттилоотӣ ва компютерӣ ба ҳисоб меравад. Вожаи “иттилоот” аз вожаи лотинии «iformation» гирифта шуда, мафҳуми “хабар ва шунавоӣ”-ро дорад. Дар ҷаҳони муосир иттилоот ҳамчун захираи муҳим ва дар навбати худ қувваи ҳаракатдиҳандаи ташаккули ҷамъияти инсонӣ мебошад. Инсон ҳангоми ба табиат назар афкандан, ҳангоми ба шахси дигар сӯҳбат кардан, хангоми рӯзнома мутолиа намудан ва ҳангоми тамошои оинаи нилгун дар хотираи худ иттилоотро қабул мекунад.

Дар ҳаёти ҳаррӯза одатан инсон дар зери мафҳуми иттилоот мафҳумҳои дониш, ахбор, маълумот оид ба ҷаҳони фарогирандаро қабул мекунад. Иттилоот, нишондиҳандаи муҳим ва асосии прогресси ҷамъият ба шумор меравад. Иттилоот ҳама вақт ба фоидаи ҷамъият хизмат карда, дар намуди техникаю технология ҳамчун барандаи шакли махсуси фарҳанг баромад намуда, дониш, тафриба ва муошарати одамонро дар низоми муносибатҳои иҷтимоӣ бой мегардонад.

Назарияи иттилоот ҳамчун математикаи миқдорӣ ба вуҷуд омадааст. Асосгузори вай муҳандис ва математики америкоӣ Шеннон К. мебошад, ки аввалин бор ҷанбаи миқдории иттилоотро пешниҳод кардааст[1].

Минбаъд назарияҳо дар бораи иттилоот дар асри 20 ривоҷ ёфтанд. Дар ин бора олимон Черри К, Тюхтин В.С., Сетров М.И., Афанасев В.Г. ва дигарон тадқиқот бурдаанд. Махсусан Афанасев В.Г. ҷанбаи иҷтимоии иттилоотро тадқиқ намуда, моҳияти онро дар раванди идоракунӣ[2]. ба таври муфассал баррасӣ намудааст. Таълимотҳо дар бораи иттилоот давра ба давра вобаста ба инкишофи ҷомеа васеъ гаштаанд. Дар ҷомеаи имрӯза, ки иттилоот дар ҷомеа гардиш мекунад ва дар идоракунии ҷомеа ширкат мекунад, он ҳамчун иттилооти иҷтимоӣ ном гирифтааст.

Асосгузорони назарияи ҷомеаи иттилоотӣ дар консепсияҳои илмии худ дар баробари иттилот, ҳамзамон донишро аз унсурҳои муҳимми ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ, ки бозгукунандаи татбиқи ҳукумати электронӣ мебошад, меҳисобанд. Махсусан, муҳаққиқони шинохта ва маъруфи ҷаҳонӣ Тоффлер Ӯ. ва Бурде П. дар корҳои таҳқиқотии худ исбот намуданд, ки сармояи рамзӣ, ба мисли «иттилоот» ва «дониш» аз сармояҳои анъанавӣ фарқи ҷиддӣ доранд. Онҳо ин фарқиятро ба таври зайл асоснок менамоянд: “Замоне, ки замин ва сармояи моддӣ манбаъҳои маҳдуд мебошанд, дониш ҳамчун сармоя манбаи беохир аст; замоне, ки замин ва сармояи моддӣ бо доираи муайяни истифодабарандагони худ маҳдуд мегарданд, дониш ҳамчун сармоя ба ҳамаи истифодабарандагон дастрас мегардад ва замоне, ки замин ва сармояи моддӣ хосси одамони доро ва қудратманд ҳастанд, дониш ҳамчун сармоя ва ҳамчун рамзи инқилоби маънавӣ дастраси ҳам камбизоатон ва ҳам бебизоатон мегардад”[3].

Ҳар як соҳаи илм иттилоотро ба таври мухталиф истифода менамояд. Аз нуқтаи назари фалсафӣ, иттилоот инъикоси ҷаҳони воқеист[4]. Тибқи таҳлил ва хулосабарории ҷомеашиносон, аз ҷумла, Моррисон Ҷ., зарари муборизаи иттилоотӣ аз зарари силоҳи ядроӣ бештар аст. Ҳар касе, ки иттилоотро идора мекунад, ақлро назорат мекунад. Ҳар касе, ки иттилоотро дастрас мекунад, азизи мардум хоҳад шуд [5].

Воқеан, мафҳуми меҳварии ҷомеаи иттилоотиро «иттилот» ташкил медиҳад. Донишманди англис Стоунер Т. иттилоотро сармоя меҳисобад ва қайд мекунад, ки он бояд ба мисли сармоя захира ва ҳифз карда шавад. Дар ҳолатҳои зарурӣ барои ба даст овардани натиҷаҳои дилхоҳ мавриди истифода қарор дода шавад. Махсусан, ба ақидаи ӯ дар ҷомеаи иттилоотӣ манбаъҳои иттилоотии миллӣ сарчашмаи бузурги сарватҳои миллӣ ба шумор мераванд. Бинобар ин, дар шароити ҷомеаи имрӯзаи инсонӣ бояд соҳаи нави иқтисодиёт - иқтисодиёти иттилоотӣ таъсис дода шавад**.** Воқеан, аз ин фаҳмиш маълум мегардад, ки дар ҷомеаи иттилоотӣ намуди хизматрасониҳои иттилоотӣ ва истифодаи технологияҳои иттилоотӣ афзалияти бештар доранд. Зеро вобаста ба навъи хизматрасониҳо теъдоди коркардкунандагони иттилоот барои дастрас намудани иттилот ба аҳолӣ зиёд мешаванд. Аз ҷониби дигар, дар шароити рушди саноати иттилоотӣ ва афзалият пайдо намудани ин соҳа нақш ва мавқеи соҳаҳои ҷамъиятӣ ва

---

[1] Shannon, C.E. A Mathematical Theory of Communication. Bell Systems Technical Journal. July and Oct. 1948 // Claude Elwood Shannon. Collected Papers. - N. Y., 1993. - Pp. 8-11.

[2] Афанасьев, В.Г. Социальная информация: учебное пособие / В.Г. Афанасьев. - М.: Инфра-М, 1994. - 63 с.

[3] Тоффлер, Э. Метаморфозы власти / Э. Тоффлер. – М., 2003. – 50 с.

[4] Губанов, Н.И. Является ли философия наукой? / Н.И. Губанов // Философия и общество. - 2008. - № 1. - С. 196-203.

[5] Цитаты Джима Моррисона // [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: http://jimmorrison.ru/citaty-jima-morrisona?page=5. (санаи мурочиат: 18.02.2026).

истеҳсолот мақоми худро аз даст дода, дуюмдараҷа мегардад. Тағйиротҳое, ки дар соҳаи коркарди иттилоот ва рушди донишҳои нав ба амал меоянд, бешубҳа заминаи ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ мегарданд.

Луғати тафсирии Ожегов С.И. иттилоотро ҳамчун “маълумот дар бораи олами атроф, равандҳои дар он рӯйдода, ки онро шахс ё дастгоҳи махсус дарк мекунад, инчунин паёмҳое, ки дар бораи вазъи корҳо, ҳолати чизе маълумот медиҳанд”, муайян мекунад. [1]

Дар сатҳи низоми қонунгузории миллӣ дар мавриди иттилоот санадҳои меъёрии ҳуқуқии зиёди соҳавӣ қабул гардидаанд, ки фарогирандаи як қатор масъалаҳои иттилоотӣ мебошанд. Яке аз чунин санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоот» мебошад. Дар қонуни мазкур мафҳуми иттилоот чунин ҷой дода шудааст: «иттилоот ин маълумот дар бораи шахс, ашё, воқеаҳо, падидаҳо ва ҷараёнҳо сарфи назар аз шакли пешниҳоди онҳо мебошад»[2].

Дар умум имрӯз чунин шаклҳои мухталифи иттилоот мавҷуд аст:

– иттилоот аз рӯйи шакли тасаввурот (иттилооти матнӣ ба воситаи хат инъикос мегардад);
– иттилооти рақамӣ (ба воситаи рақам, аломат ва рамзҳо инъикос мегардад);
– иттилооти графикӣ (ба воситаи тасвир ва нақшаҳо инъикос мегардад);
– иттилооти овозӣ (ба воситаи талаффуз ва сабти овоз, аудио);
– иттилооти видеоӣ (дар намуди сабти видео ва ролик инъикос меёбад);

Ҳамин тариқ, дар замони рушди бемайлони технологияи инноватсионӣ ба сифати барандаи асосии иттилоот шабакаи ҷаҳонии Интернет баромад менамояд. Ҷомеаи имрӯзаро бе мавҷудияти Интернет тасаввур кардан мушкил гардидааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки давлати мустақили миллӣ аст, ба фазои иттилооти ҷаҳонӣ ворид гардида, тамоми ниҳодҳои давлатӣ ва иҷтимоии он аз Интернет фаъолона истифода намуда истодаанд. Сол то сол истифодабарандагони Интернет бештар гардида, боиси пешрафти соҳаҳои иқтисодию иҷтимоӣ гардида, аз ҷониби дигар бошад, ҷиҳатҳои манфии он ба чашм мерасад.

УДК 347.91/.95

К ВОПРОСУ ОБ УЧАСТНИКАХ ИСПОЛНИТЕЛЬНОГО ПРОИЗВОДСТВА ПО ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВУ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

ОИД БА МАСЪАЛАИ ИШТИРОКЧИЁНИ ИСТЕҲСОЛИ ИҶРО ТИБҚИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

РАХМАТУЛЛОЕВА РАЙХОН РАШИДОВНА
Старший преподаватель кафедры судебного права и прокурорского надзора юридического факультета Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики / Омӯзгори калони кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон
E-mail: rashidiyon83@mail.ru

Исполнительное производство представляет собой порядок, установленный законодательно, по поводу принудительной реализации актов юрисдикционных органов, целью которого является обеспечение реальной защиты охраняемых законом интересов, а также нарушенных или оспоренных субъективных материальных прав. Охраняемый законом интерес или субъективное материальное право, которые были нарушены или оспорены в ходе исполнения акта юрисдикции, получают свою реализацию посредством использования механизмов государственного принуждения, установленных законом.

[1] Ожегов, С.И. Словарь русского языка. Изд. 22-е, стереотипное. – М., 1990. – С. 76.
[2] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоот» аз 10-уми майи с. 2002, № 55 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2002, № 4, қ. 2, мод. 320; с. 2012, № 7, мод. 698; Қонуни ҶТ аз 27.11.2014 с., № 1164.

Согласно гражданскому законодательству Республики Таджикистан, самостоятельно принимать участие в исполнительном производстве могут совершеннолетние дееспособные граждане. В случае, если гражданин до достижения им 18-летнего возраста приобрел полную дееспособность, то у него возникает право самостоятельного участия в исполнительных правоотношениях. Гражданин может приобрести дееспособность ранее установленного срока в случае эмансипации несовершеннолетних, согласно ст. 28 Гражданского кодекса Республики Таджикистан (далее – ГК РТ), либо в случае раннего, до 18 лет, вступления в брак[1]. Принимать участие в исполнительном производстве могут несовершеннолетние, достигшие возраста четырнадцати лет. В случае, если несовершеннолетний, в возрасте о т 14 до 16 лет, является стороной исполнительного производства, то он исполняет свои обязанности или осуществляет свои права с письменного согласия своего законного представителя (представителя органа опеки и попечительства).

Если несовершеннолетнему участнику исполнительного производства от 16 до 18 лет, то судебный пристав-исполнитель вправе привлечь их законных представителей или представителя органа опеки и попечительства, либо такой несовершеннолетний может исполнять свои обязанности самостоятельно. Целью участников исполнительного производства является оказание помощи в осуществлении принудительного исполнения. Отличительной особенностью участников гражданского исполнительного процесса от сторон такого процесса состоит в том, что они не имеют конкретного интереса в данном процессе, а именно:

– не получают вознаграждения, в отличие, например, от судебного пристава-исполнителя;
– не получают материальной и другой выгоды от исполнения требований исполнительного документа, в отличие, например, от взыскателя.

Но здесь необходимо отметить, что у участника может присутствовать определенный интерес в результате исполнительного производства и данное обстоятельство, естественно, должно быть учтено при решении вопросов об оптимизации конкретного исполнительного процесса. В целом, необходимо обратить внимание, что участники выступают в факультативной форме, так сказать, пассивно в исполнительном производстве.

Их участие не определяет характера и содержания конкретного исполнительного процесса. В гражданском исполнительном правоотношении всех участников можно, с достаточной степенью условности, разделить на три группы. В первую группу можно объединить все органы, которые исполняют или обеспечивают исполнение судебных актов.

В частности, согласно ст. 6 Закона РТ «Об исполнительном производстве», сюда относятся государственные органы, органы местного самоуправления, банки и иные кредитные организации, должностные лица и граждане[2]. В соответствие с ст. 19 этого закона, если взыскатель располагает сведениями об имеющихся счетах должника и о наличии на них денежных средств, либо исполнителю органа исполнения, или, если такими сведениями он не располагает, то исполнительный документ, в котором содержатся требования судебных актов и актов других органов о взыскании денежных средств, может быть направлен взыскателем непосредственно в банк или иную кредитную организацию в порядке, предусмотренном Законом РТ «Об исполнительном производстве». Банк или иная кредитная организация, на которые возложены обязанности по обслуживанию счетов должника, исполняют требования, содержащиеся в исполнительном документе о взыскании денежных средств.

В том случае, если у должника недостаточно средств на счете, то банком делается отметка о полном или частичном неисполнении требований. При неисполнении указанных в исполнительном документе требований, суд общей юрисдикции или экономический суд налагает на кредитную организацию штраф в порядке и размере, определенных законом. В том случае, если у должника нет счетов и вкладов в кредитных организациях, то исполнителем органа исполнения делает соответствующий запрос в налоговые органы, которые обязаны предоставить запрашиваемые сведения. Таким образом, в первую группу участников исполнительного производства можно отнести все органы и организации, которые могут представить информацию об имущественном положении должника.

Во вторую группу участников исполнительного производства можно отнести лиц и организации, которые непосредственно способствуют свершению исполнительных действий, фиксации их

[1] Гражданский кодекс Республики Таджикистан от 24 декабря 2022 г., № 1918 (в ред. Законов Республики Таджикистан от 13.11.2024, № 2089, от 14.05.2025, № 2171).
[2] Закон Республики Таджикистан «Об исполнительном производстве» от 8 июня 2022 г., № 1873.

результатов, соблюдению прав субъектов гражданского исполнительного правоотношения и др. Наиболее значимыми здесь являются милиция, понятые, специалист, переводчик. В статье 46 Закона РТ «Об исполнительном производстве» указано, что сказано, что исполнитель органа исполнения взаимодействуют с работниками милиции, которые, в свою очередь, в пределах предоставленных им Законом РТ прав оказывают содействие судебным исполнителям органа исполнения при исполнении ими служебных обязанностей в случаях, если судебным исполнителям препятствуют в совершении исполнительных действий или угрожает опасность их жизни или здоровью.

При совершении определенных исполнительных действий, например, таких как вскрытие помещений и хранилищ, занимаемых должником или другими лицами, либо принадлежащих должнику или другим лицам, осмотр, арест, изъятие и передача имущества должника, обязательно присутствие понятых. В иных случаях, согласно ст. 59 Закона РТ «Об исполнительном производстве», понятые вызываются по усмотрению исполнителя органа исполнения. В качестве понятых могут выступать дееспособные совершеннолетние граждане, которые не заинтересованы в совершении исполнительных действий и не состоят между собой или с участниками исполнительного производства в родстве, подчиненности или подконтрольности. Понятой обязан удостоверить своей подписью в акте соответствующего исполнительного действия факт, содержание и результаты исполнительных действий, при совершении которых он присутствовал.

Исполнитель органа исполнения, перед началом исполнительных действий с присутствием понятых, должен разъяснить последним их права и обязанности. Расходы, понесенные понятыми в процессе исполнения соответствующих обязанностей, компенсируются как связанные с совершением исполнительных действий. Количество привлеченных к исполнительных действиям понятых не может быть менее двух человек.

Таким образом, можно констатировать, что исполнительное законодательство достаточно подробно регламентирует участие понятых в исполнительном производстве. Участие в исполнительном производстве специалиста предусмотрено ст. 27 Закона РТ «Об исполнительном производстве», где указано, что для разъяснения возникающих при совершении исполнительных действий вопросов, требующих специальных знаний, исполнитель органа исполнения по собственной инициативе или по просьбе сторон может своим постановлением назначить специалиста, а при необходимости - нескольких специалистов.

Под специалистом понимается лицо, обладающее специальными знаниями и навыками. Свое заключение он должен представить исполнителю органа исполнения в письменной форме. Специалист обязан дать объективное заключение по поставленным вопросам, давать пояснения по поводу выполняемых им действий. Он, также как и понятые, имеет право на вознаграждение за выполненную работу. За отказ или уклонение от дачи заключения или дачу заведомо ложного заключения специалист несет ответственность, предусмотренную законом, о чем он предупреждается исполнителем органа исполнения.

В отдельных случаях, при совершении исполнительных действий, могут потребоваться услуги переводчика, участие которого регламентируется ст. 26 Закона РТ «Об исполнительном производстве». Переводчик в исполнительном производстве – это совершеннолетний дееспособный гражданин, владеющий необходимым языком. Переводчик, в случае заведомо неправильного перевода, несет ответственность, о чем он должен быть предупрежден исполнитель органа исполнения.

Здесь необходимо отметить, что в действующем законодательстве не решен вопрос о виде ответственности переводчика - уголовная или административная. Преступлением считаются заведомо ложные показание свидетеля, потерпевшего либо заключение эксперта, а равно заведомо неправильный перевод в суде либо при производстве предварительного расследования.

Таким образом, ст. 351 Уголовного кодекса Республики Таджикистан[1] к заведомо ложному переводу в процессе исполнительного производства применена быть не может. По нашему мнению, целесообразным, учитывая, что исполнительное производство - логически завершающая стадия судебного процесса, осуществляемого от лица государства, предусмотреть возможность привлечения переводчика и к уголовной ответственности.

Согласно ст. 534 Кодекса Республики Таджикистан об административных правонарушениях, заведомо ложные показание свидетеля, пояснение специалиста, заключение эксперта или заведомо

[1] Уголовный кодекс Республики Таджикистан от 21 мая 1998 г., № 574 (в ред. Закона Республики Таджикистан от 17.12.2025, № 2205, № 2206).

неправильный перевод влекут наложение административного штрафа в размере от влечет наложение штрафа в размере от десяти до двадцати показателей для расчетов[1].

Переводчик, как и другие участники, входящие в рассматриваемую группу, имеет право на вознаграждение за выполненную работу. Третья группа участников исполнительного производства состоит из таких участников, которые могут появиться в конкретном гражданском исполнительном правоотношении в зависимости от характера требований исполнительного документа, способа принудительного исполнения, действий исполнителя органа исполнения и т.п.

К примеру, исполнитель органа исполнения получает разъяснения у родственников должника с целью установления наличия у должника имущества, в связи с чем, они также становятся участниками конкретного исполнительного правоотношения данного исполнительного процесса.

То есть, данную группу можно условно назвать факультативной.

ТДУ 343.98

БАЪЗЕ ҶАНБАҲОИ ИСТИФОДАИ ВОСИТАҲОИ ТЕХНИКИИ КРИМИНАЛИСТӢ ДАР МУҚОВИМАТ БА ГАРДИШИ ҒАЙРИҚОНУНИИ ВОСИТАҲОИ НАШЪАОВАР ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

НЕКОТОРЫЕ АСПЕКТЫ ПРИМЕНЕНИЯ КРИМИНАЛИСТИЧЕСКИХ ТЕХНИЧЕСКИХ СРЕДСТВ В ПРОТИВОДЕЙСТВИИ НЕЗАКОННОМУ ОБОРОТУ НАРКОТИЧЕСКИХ СРЕДСТВ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

РЕВАЗОДА МУҚАДДАС РЕВА
Омӯзгори кафедраи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯии МКД факултети № 4-уми Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, капитани милитсия / Преподаватель кафедры оперативно-розыскной деятельности ОВД факультета № 4 Академии МВД Республики Таджикистан, капитан милиции
E-mail: revazoda@mail.ru

Дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ, ки таҳдидҳои фаромиллӣ характери мураккаб ва бисёрҷабҳа пайдо кардаанд, муқовимат ба гардиши ғайриқонунии воситаҳои нашъадор барои Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти ҳаётӣ дорад. Мавқеи ҷуғрофии кишвар, ки бо Ҷумҳурии Исломии Афғонистон - яке аз марказҳои асосии истеҳсоли маводди нашъадор дар ҷаҳон мебошад зиёда аз 1300 километр марзи муштарак дорад[2], Тоҷикистонро ба сипари аввалини минтақавӣ ва байналмилалӣ дар роҳи паҳншавии воситаҳои нашъаовар табдил додааст.

Афзоиши майдони кишт ва истеҳсоли маводди нашъадор дар Афғонистон ба назар мерасад, ки миқдори зиёди он ғайриқонуни тавассути марзи Афғонистону Тоҷикистон ба Тоҷикистон ворид мегардад, ки ин омил ба таъмини амнияти миллии кишвар таъсири манфӣ мерасонад.

Самаранокии фаъолияти Вазорати корҳои дохилӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - ВКД ҶТ) дар ин самт бевосита ба истифодаи воситаҳои техникии криминалистӣ вобаста аст. Дар солҳои 2024 ва 2025, бо назардошти афзоиши ҷиноятҳои муташаккил ва пайдоиши навъҳои нави маводи мухаддири синтетикӣ[3], зарурати ворид намудани технологияҳои инноватсионӣ ба амалияи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ боз ҳам бештар гардид. Техникаи криминалистӣ имрӯз на танҳо воситаи аксбардорӣ ё ҷамъоварии изи ангушт, балки маҷмӯйи мураккаби таҷҳизоти лабораторию кимиёвӣ, воситаҳои рақамии таҳлил ва ҳатто алгоритмҳои зеҳни сунъӣ мебошад, ки имкон медиҳанд ҷиноятҳо дар марҳилаи банақшагирӣ пешгирӣ карда шаванд.

[1] Кодекс Республики Таджикистан об административных правонарушениях от 31 декабря 2008 г., № 455 (в ред. Законов Республики Таджикистан от 15.04.2025, № 2164, от 31.07.2025, № 423).

[2] Абдуллозода, Н.Р. Правовая основа взаимодействия органов внутренних дел Республики Таджикистан и органов внутренних дел Российской Федерации в сфере оперативно-розыскной деятельности по борьбе с незаконным оборотом наркотиков: монография. – Худжанд: типография Технологического парка ТГУПБП, 2025. - С. 15.

[3] Вараҷаи матбуотӣ оид ба ҷамъбасти фаъолияти хизматии Вазорати корҳои дохилӣ дар соли 2025 // [Манбаи электронӣ] – Реҷаи воридшавӣ: https://www.vkd.tj/7097-varaai-matbuot-oid-ba-ambasti-faolijati-hizmatii-vazorati-koroi-dohil-dar-soli-2025.html (санаи мурочиат: 04.03.2026).

Истифодаи воситаҳои техникии криминалистӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи қавии ҳуқуқӣ асос ёфтааст. Конститутсияи кишвар[1], Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ (минбаъд – КМҶ ҶТ)[2], Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳо»[3] ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ»[4] асосҳои истифодаи техникаро дар ҷараёни ошкор ва тафтиши ҷиноятҳо муқаррар мекунанд. Мутобиқи моддаҳои дахлдори КМҶ ҶТ (м.м. 57, 77(1), 81, 171, 172,183, 187), воситаҳои техникӣ ҳангоми гузаронидани амалҳои тафтишотӣ барои мустаҳкам намудани далелҳо ва таъмини шаффофияти ҷараёни тафтишот истифода мешаванд[5].

Воситаҳои техникӣ-криминалистӣ – ин маҷмуи дастгоҳҳои техникӣ, асбобҳо, олот ва маводҳое мебошанд, ки барои ошкор кардан, бақайдгирӣ, гирифтан ва таҳқиқи далелҳои шайъӣ пешбинӣ шудаанд. Онҳо дар мурофиаи ҷиноятӣ нақши муҳим мебозанд ва имкон медиҳанд, ки маълумоти дақиқ ва боэътимод, ки барои тафтиши ҷиноят заруранд, ҳангоми истифодаи он ба даст оварда шаванд.[6]

Қодирзода Д.С. қайд мекунад, ки ҳангоми тафтиши гардиши ғайриқонунии маводи нашъаовар дар аксари ҳолатҳо, танҳо ба пайе аҳаммият дода мешавад, ки дар илми криминалистика чун ҳукми маъмул аст (масалан, пайи ангуштони даст). Ҳамзамон, ҷинояткор метавонад пайи хосси ин навъи ҷиноятро, ки дар айни замон аломатҳои криминалистии роҳҳои содир шудани онҳо мебошанд, боқӣ гузорад.[7]

Ташхиси маводди мухаддир – раванди мураккаб ва бисёрҷабҳа буда, марҳилаҳои зиёдеро дар бар мегирад, аз санҷиши пешакӣ то таҳлили амиқи лабораторӣ. Дурустӣ ва эътимоднокии маълумоти бадастомада барои тафтиши ҷиноятҳои марбут ба муомилоти ғайриқонунии маводди мухаддир аҳаммияти муҳим дорад. Барои ба даст овардани чунин маълумот воситаҳо ва усулҳои гуногуни техникӣ истифода мешаванд, ки ҳар кадоми онҳо хусусиятҳо ва соҳаҳои татбиқи худро доранд[8].

Дар Раёсати экспертӣ-криминалистии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сохторҳои он истифодаи воситаҳои техникии барои таҳлили кимиёвии маводди мухаддир аҳаммияти аввалиндараҷа дорад. Ташхиси маводи нашъаовар имрӯз танҳо бо муайян кардани навъи модда маҳдуд намешавад; криминалистон вазифадоранд, ки «таркиби кимиёвӣ»-и моддаро таҳия кунанд, то роҳҳои интиқол ва манбаи истеҳсоли онро ошкор ва муайян намоянд.

Мавриди қайд аст, ки ҳангоми гузаронидани экспертизаи воситаҳои нашъадор дар таҷрибаи байналмиллали ва ватани маҷмӯи васеи таҷҳизоти муосири лабораторӣ истифода мешавад. Ин воситаҳои техникии криминалисти имкон медиҳанд, ки на танҳо мавҷудияти маводи нашъадор, балки консентратсия ва пайдоиши онҳоро низ муайян намояд.

Воситаҳои техникиро ба чанд гурӯҳи асосӣ тақсим кардан мумкин аст:

1. Воситаҳои пешакӣ (саҳроӣ)

Ин асбобҳо бевосита дар ҷойи ҳодиса ё ҳангоми кофтуков барои муайянкунии фаврӣ истифода мешаванд:

---

[1] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми ноябри соли 1994 (бо тағйиру иловаҳо аз 26.09.1999, 22.06.2003 ва 22.05.2016). – Душанбе, «Нашриёти Ганҷ», 2016. – 134 с.

[2] Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти аз 03-юми декабри с. 2009, № 564 (бо тағйиру иловаҳо то 03.01.2024) // [Манбаи электронӣ] – Реҷаи воридшавӣ: https://mmk.tj/content/кодекси-мурофиавии-ҷиноятии-ҷумҳурии-тоҷикистон (санаи мурочиат: 10.03.2026).

[3] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳо» таҳти аз 10-уми декабри с. 1999, № 873 (бо тағйиру иловаҳо то 16.02.2026) // [Манбаи электронӣ] – Реҷаи воридшавӣ: https://mmih.adlia.tj/SEARCH/DocumentView?DocumentId=20452# (санаи мурочиат: 10.03.2026).

[4] Абдуллозода, Н.Р., Муродзода, Ф.Ғ. 200 саволу ҷавоб аз фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ: дастури таълимӣ-методӣ. – Хуҷанд: Парки технологии ДДҲБСТ. 2025. - С. 133.

[5] Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти аз 03-юми декабри с. 1999, № 564 (бо тағйиру иловаҳо то 03.01.2024) // [Манбаи электронӣ] – Реҷаи воридшавӣ: https://mmk.tj/content/кодекси-мурофиавии-ҷиноятии-ҷумҳурии-тоҷикистон (санаи мурочиат: 10.03.2026).

[6] Виноградова, Н.И., Гребнева, А.С., Попов, С.В. Технико-криминалистические средства и методы предварительного исследования наркотических средств / Н.И. Виноградова, А.С. Гребиева, С.В. Попова // ADVANCES IN LAW STUDIES. – 2025.- Том.13. - № 2. - С. 21-25.

[7] Қодирзода, Д.С. Тавсифи криминалистии пайҳои хосси ҷиноятҳо вобаста ба гардиши ғайриқонунии маводи нашъаовар / Д.С. Қодирзода // Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2023. - № 2 (58). - С. 48-56.

[8] Виноградова, Н.И., Гребнева, А.С., Попов, С.В. Технико-криминалистические средства и методы предварительного исследования наркотических средств. / Н.И. Виноградова, А.С. Гребиева, С.В. Попова // ADVANCES IN LAW STUDIES. – 2025. - Том.13. - № 2. - С. 21-25.

Тест-системаҳои химиявӣ: маҷмӯи реагентҳо (масалан, «Политест»), ки ҳангоми алоқа бо маводи нашъадор ранги худро дигар мекунанд.

Спектрометрҳои сайёр: дастгоҳҳои лазерии Raman ё спектрометрҳои ҳаракатбахши ионӣ, ки бе кушодани бастабандӣ таркиби моддаро муайян мекунанд.

2. Таҷҳизоти оптикӣ ва микроскопӣ

Барои омӯзиши сохтори беруна ва морфологии моддаҳо хизмат мекунанд:

Микроскопҳои бинокулярӣ ва стереомикроскопҳо: барои омӯхтани қисмҳои рустаниҳои нашъадор (бангдона, кӯкнор) ва аломатҳои хоси онҳо.

Микроскопҳои электронӣ: барои таҳлили амиқи сохтори кристаллии моддаҳои синтетикӣ.

3. Таҷҳизоти физикавию химиявии аналитикӣ

Инҳо воситаҳои асосии лабораторӣ мебошанд, ки хулосаи ниҳоии коршинос дар асоси онҳо дода мешавад:

Хроматографияи газӣ (GC): усули маъмултарин барои ҷудо кардани омехтаҳо ва муайян кардани намуди нашъамандӣ.

Масс-спектрометрия (MS): «Стандарти тиллоӣ» дар криминалистика. Он имкон медиҳад, ки сохтори молекулавии модда бо дақиқии 100% муайян карда шавад. Одатан дар якҷоягӣ бо хроматограф (GC-MS) истифода мешавад.

Спектроскопияи ИК (Инфрасурх): барои муайян кардани гурӯҳҳои функсионалии моддаҳои химиявӣ ва «идентификатсияи изи ангушт»-и молекулаҳо.

Хроматографияи моеъгии фишори баланд (HPLC): Барои таҳлили моддаҳои термолабилӣ (ҳароратҳассос), ки ҳангоми гарм кардан дар хроматографи газӣ вайрон мешаванд.

4. Таҷҳизоти ёрирасон.

Барои омода кардани намунаҳо (пробоподготовка) истифода мешаванд:

Тарозуҳои аналитикии дақиқ: барои чен кардани вазни модда то миллиграммҳо.

Сентрифугаҳо ва дастгоҳҳои экстраксия: барои ҷудо кардани моддаи холис аз омехтаҳо.

Шеллакҳо (дистилляторҳо): барои тоза кардани маҳлулҳо.

Истифодаи ин воситаҳои техникии криминалисти имкон медиҳад, ки ҳатто миқдори хеле ками модда (микрозарраҳо) дар либос ё нохунҳои гумонбаршуда ошкор карда шавад.

Бояд қайд кард, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қарори № 483 аз 30 сентябри соли 2022 «Стратегияи рушди зеҳни сунъӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040»-ро тасдиқ намуд[1]. Ин ҳуҷҷат марҳилаи нави ислоҳоти техникӣ-криминалистиро дар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ оғоз бахшид. Стратегия мазкур пешбинӣ мекунад, ки то соли 2040 соҳаи ҳифзи ҳуқуқ бояд пурра бо технологияҳои таҳлили ва системаҳои пешгӯии ҷиноятқорӣ муҷаҳҳаз гардад.

Дар заминаи ин стратегия, мақомоти корҳои дохилӣ вазифадор шудаанд, ки на танҳо таҷҳизоти техникии криминалистӣ, балки воситаҳои барномавии муосирро низ барои мубориза бо қочоқи маводи мухаддир ҷорӣ намоянд.

Дар таҷрибаи байналмилалӣ, ки Тоҷикистон онро меомӯзад, истифодаи асбобҳое ба монанди Cybercheck ва Soze нишон дод, ки зеҳни сунъӣ метавонад ҳаҷми азими маълумотро (видео, мукотибаҳои интернетӣ, транзаксияҳо) дар муддати кӯтоҳ таҳлил кунад. Дар Британияи Кабир модели Soze маводҳои 27 парвандаи кӯҳнаро дар 30 соат таҳлил кард, ки барои муфаттиши инсонӣ 80 соли корро талаб мекард[2]. Ин нишондиҳандаҳо ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистонро водор месозанд, ки дар доираи Стратегияи соли 2040 чунин иқтидорҳоро дар воҳидҳои криминалистии худ ҷорӣ намояд.

Дар хулоса қайд кардан зарур аст, ки таҷрибаи истифодаи воситаҳои техникии криминалистӣ дар мубориза бо гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар роҳи дурусти трансформатсияи рақамӣ қарор дорад. Омузиши усулҳои анъанавии криминалистӣ бо технологияҳои пешрафтаи кимиёвӣ ва рақамӣ

[1] Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи «Стратегияи рушди зеҳни сунъӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040» аз 30-юми сентябри с. 2022, № 483 // [Манбаи электронӣ] – Реҷаи воридшавӣ: https://mmih.tj/SEARCH/DocumentView? DocumentId=143399# (санаи мурочиат: 10.03.2026).

[2] Разработанный в Австралии инструмент искусственного интеллекта, проходящий испытания в Великобритании, может превратить 81 год работы над «холодным» делом всего лишь в 30-часовое расследование // [Манбаи электронӣ] – Реҷаи воридшавӣ: https://www.notebookcheck-ru.com/Razrabotannyi-v-Avstralii-instrument-iskusstvennogo-intellekta-prokhodjashchii-ispytanija-v-Velikobritanii-mozhet-prevratit-81-god-raboty-nad-kholodnym-delom-vsego-lish-v-30-chasovoe-rassledovanie.893274.0.html (санаи мурочиат: 10.03.2026).

имкон медиҳад, ки муқовимат ба муомилоти ғайриқонунии маводди нашъаовар самараноктар гардад.

Ҳамин тариқ, таҷрибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар истифодаи воситаҳои техникии криминалисти намунаи муваффақи мутобиқшавӣ ба таҳдидҳои нави глобалӣ мебошад, ки бо назардошти хусусиятҳои миллӣ ва ҳамкориҳои стратегии байналмилалӣ амалӣ мегардад. Идомаи ин раванд ва татбиқи пурраи «Стратегияи рушди зеҳни сунъӣ то соли 2040» Тоҷикистонро ба яке аз кишварҳои пешсаф дар минтақа дар самти криминалистикаи рақамӣ табдил хоҳад дод.

ТДУ 343.98

ТАРЗИ ҶАМЪОВАРИИ МИКРООБЪЕКТҲО ЗИМНИ АЗНАЗАРГУЗАРОНИИ ҶОЙИ ҲОДИСА

СПОСОБЫ СОБИРАНИЯ МИКРООБЪЕКТОВ ВО ВРЕМЯ ОСМОТРА МЕСТА ПРОИСШЕСТВИЯ

САИДЗОДА ФАТҲУЛЛО
Омӯзгори калони кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва мурофиавии факултети № 4-уми Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, полковники милитсия / Старший преподаватель кафедры уголовного права и процесса факультета № 4 Академии МВД Республики Таджикистан, полковник милиции

Дар санаи фархунда ва хотирмони 1-уми марти соли 1919 дар ҳайати Раёсати марказии кофтукови ҷиноятӣ (собиқ ВКД ИҶШС) ҳуҷраи экспертизаи судӣ таҳти сарварии Пётр Сергеевич Семёновский ташкил мешавад. Таърихи ташаккул, рушд ва роҳи тайкардаи криминалистика дар давоми 107 сол ҳамчун илм хеле дуру дароз мебошад ва мо аз иншои он худдорӣ мекунем.

Криминалистика аз рӯзи пайдоиш ҳамчун як институти алоҳида дар пешгирӣ, ошкорнамоии тамоми намуди ҷиноятҳо ва аён намудани сабабу омилҳое, ки ба содиршавии ҷиноят мусоидат мекунанд, нақши босазое мегузорад. Мутахассисон-кримналистони мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – МКД) ҳамчун пешоҳангони муборизаи бар зидди ҷиноятқорӣ дар ошкор ва пешгирӣ намудани ҷиноятҳои хусусияти молиявӣ, иқтисодӣ, коррупсионӣ, террористиву ба муқобили амнияти ҷамъиятӣ равонагардида бо роҳу усулҳои муайянсозии сабабу шароитҳои ба он мусоидаткунанда саҳми арзанда доранд.

Яке аз роҳҳои маъмули ошкорнамоии ҷиноятҳо аз ҷониби мутахассисони соҳа ин бо роҳи «изи гарм» кушодани гирехи ҷиноят мебошад, ки баъди аз ҷониби мутахассис-криминалист азназаргузаронии ҷойи ҳодиса ҳар як ашёи дарёфтгардидаро ҳамчун далели шайъӣ бо гузаронидани ташхису таҳқиқот мавриди омӯзиш қарор медиҳад ва қадами аввалинро дар ошкорнамоии ҷиноят мегузорад. Пас аз гузаронидани ташхиси криминалистӣ ба рафтори шахси ҷиноятқор баҳои дурусти ҳуқуқӣ медиҳад.

Таҷриба нишон медиҳад, ки мутахассис-криминалист яке аз иштирокчиёни фаъоли амали тафтишӣ ба ҳисоб рафта, азназаргузаронии босифати ҷойи ҳодиса аз кордонӣ, сатҳи дониши касбии вай вобаста аст.

Тибқи моддаи 182 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - КМҶ ҶТ) азназаргузаронии ҷойи ҳодиса ягона амали тафтишотиест, ки қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ амалӣ намудани онро то оғози парвандаи ҷиноятӣ иҷозат додаст[1].

Зимни азназаргузаронии ҷойи ҳодиса бояд ҳолатҳои объекти ҷиноят, субъекти ҷиноят, тарафи объективии ҷиноят ва тарафи субъективии ҷиноят ҳатман муайян карда шаванд. Гурӯҳи фаврӣ-тафтишотиро зарур аст, ки тамоми принсипҳои (қоида, асос)-и асосии азназаргузаронии ҷойи ҳодиса аз қабили қонуният, саривақтӣ (бетаъхир), пуррагӣ (тамоми паҳлулҳои ҳодиса ё ҷиноят ба назар гирифта шавад), мунтазамӣ, объективӣ бечунучаро риоя намоянд.

Агар ҷойи ҳодиса пурра ва дақиқ азназаргузаронида шавад онгоҳ ба ягон натиҷаи дилхоҳ ноил гардидан мумкин аст. Аз рӯйи натиҷаҳои омӯзиши ҷойи ҳодиса хусусиятҳои амалҳои содирнамудаи ҷиноятқорро муайян кардан мумкин аст. Донистани тарзи содирнамоии ҷиноят ба

[1] Кодекси мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми декабри с. 2009, № 564 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2009, № 12, мод. 815; мод. 816; (Қонуни ҶТ аз 18.03.2022 с., № 1853)

муайян кардани самти ҷустуҷӯи дигар изҳо ва предметҳо кумак менамояд. Мутахассис, инчунин, барои мусоидат намудан ба таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, суд, судя, дар ошкор ё дарёфт намудани далелҳо, асоснок кардани он, инчунин дар татбиқи воситаҳои техникӣ ҷалб карда мешавад. Ва мутахассис бояд далелҳои шайъиро хусусан микрообъектҳоро эҳтиёт намояд ва дуруст бандубаст намояд.

Зери мафҳуми «микрообъект» ҳамагуна ҷисмҳои андозаашон хурд (микроскопӣ) фаҳмида мешавад. Онҳо далелҳои шайъие мебошанд, ки зарраҳои хурди аз олоти ҷиноят дар ҷойи ҳодиса боқӣ монда бо андозаи на он қадар калон мебошанд. Масалан, мӯй, шишапора, аррамайдаи металлӣ, заррачаҳои гил, риштаҳои майдаи бофандагӣ, тухмҳои ҳархелаи растаниҳо, ҳуҷайраҳои бофтаи организми зинда, майдапораҳои ангишт, семент ва ғайраҳо мебошанд. Микрообъектҳо пайдоишашон органикӣ ва ғайриорганикӣ бисёртар дар муҳитҳои пайбаранда дарёфт карда мешавад. Таҳқиқоти микрозарраҳои дар либосҳо, дар бадани ҷабрдида ё гумонбаршуда дарёфт карда шуда дар натиҷаи санҷиши парвандаҳои ҷиноятӣ оид ба куштор, таҷовус ба номус ва расонидани зарари вазнини ҷисмонӣ ба саломатӣ, ҳамчунин дар вақти маҳдуд кардани ин заррачаҳо нишон медиҳанд, ки шахсони алоҳида бевосита байни ҳам дар алоқа буданд ва ин заррачаҳои хурд аз шахси аввал ба шахси дигар пайдо шуд[1].

Дар предметҳо ё монеъагиҳое, ки ба онҳо гумонбаршуда расид, дар онҷой аз либосҳои вай заррачаҳои хурди риштаҳои тунук боқӣ мемонад. Дар олоти ҷиноят содир карда шуда, ки бо воситаи он зарба зада шудааст, дар он як қисм ҳуҷайраҳои бофтаҳои зинда ва торҳои риштаи либос боқӣ мемонад. Ҳолати заррачаҳо аз таъсири омилҳои номусоиди атмосфера (борон, барф, шамол) тағйир ёфтанаш мумкин аст. Заррачаҳои дарёфт карда шуда аз тарафи муфаттиш бо иштироки мутахассиси соҳавӣ таҳқиқоти пешакӣ гузаронида мешавад. Натиҷаи чунин таҳқиқот исботи ниҳоӣ набуда, танҳо барои пешниҳод кардани фарзияҳо истифода бурда мешавад. Методҳои таҳқиқотии замони муосир имконият медиҳад, ки гурӯҳ ва хусусияти микрообъектҳо (заррачаҳо) пурра муайян карда шавад. Зимни гузаронидани ташхиси судӣ-биологӣ ҳуҷайраҳои бофтаҳои организми зинда, ки дар олоти ҷиноят дарёфт карда шудааст, муайян карда мешавад:

а) бофта ба одам ва ё ҳайвон тааллуқ дорад, ё ки ба узви алоҳидаи ҷисм ё худ ҳуҷайраи зинда;

б) мансубияти гурӯхи хун (ташхиси хун);

в) бофтаҳо ба кӣ тааллуқ дорад зан ё мард.

Ҷустуҷӯи микрообъектҳо бо истифода аз асбобҳои махсус заррабини равшанидиҳандаи махсус гузаронида мешавад. Предмети азназаргузаронда шавандаро аз рӯйи имконият аз таъсири шамол бояд эҳтиёт карда шавад. Эҳтимол қисми алоҳидаи он тағйир ёфтанаш мумкин аст. Аз ҳамин нуқтаи назар бе зарурият ҷойи предметро дигар кардан мумкин нест. Зимни азназаргузаронӣ олоти ҷиноят ва ашёҳоро, ки дар онҳо микрообъектҳо дида мешаванд онҳоро аз ифлосшавӣ эмин нигоҳ доштанамон зарур аст. Аз ин лиҳоз, олоти ҷиноят ва ё дигар ашёҳои ба ҷиноят алоқамандро бо дастони ифлос гирифтан, ба болои дигар предмет гузоштан, дар пораҳои қоғаз ё матоъи сифаташ паст печонидан қатъиян манъ аст.

Кофтукови микрообъектҳо аз нуқтаи умдавӣ сар карда (ҷасад, ҷевони оҳанини шикасташуда, ҷойи таҷовус) бо диққат таваҷҷуҳ зоҳир карда олоти ба ҷиноят алоқамандро азназаргузаронидан зарур аст. Дар вақти азназаргузаронии ҷасад микрообъектҳоро пеш аз ҳамма дар чокҳо, либосҳо, занҷирчаҳо, дар ҷайбҳо, дастпушакҳо, дар зери нохунҳо ва дар дохили кафи дастон дарёфт кардан мумкин аст. Мутахассис тавре амал кунад, ки торҳои риштаҳои дарёфт карда шуда ба ҳам начаспанд ва ҳолати аввалаи либоси ҷасад тағир наёбад. Дар дохили иншоот бояд гилемчаҳои матогин ва гилемчаҳои металлӣ ҳатман азназаргузаронида шавад. Оиди азназаргузаронии ҷойи ҳодиса зимни дарёфти микрообъектҳо олимон камбудиҳо ва фикрҳои хешро баён кардаанд.

Гарчанде, ки микрообъектҳо ва микрозарраҳо намуд ва ё шакли зоҳирии объекти бавуҷудоваранда ё ҳолатҳои ҷиноятро инъикос накунанд ҳам, имконияти тадқикоти физикӣ, спектриалӣ, биологӣ ва ё кимиёвии сохтори онҳо вуҷуд дорад. Тадқиқоти микрообъектҳо метавонад аз муайян кардани мансубияти он, то ба сохтори таркибии объекти дарёфтшуда сурат гирад. Масалан, тавассути таҳлили спектралӣ - намуд ва таркиби модда, бо ёрии таҳлили кимиёвӣ – сохтори изҳои дарёфтшуда ва манбаи пайдоиши он, ба таҳлили радио-карбонӣ замони

[1]. Справочник следователя. Осмотр места происшествия / [авт.: А. В. Боловинов и др. ; рук. авт. коллектива: И. А. Попов]. – М.: ЦОКР МВД России, 2010. - 302 с.

пайдоиши онро метавонад муайян созад. Тадқикоти микробъектҳои биологӣ дар сатҳи экспертизаи молекулярии генетикӣ (ДНК) бошад, айният намудани мансубияти объекти дарёфтшударо ба шахси алоҳида, муайян мекунад. Дар инҷо бо мақсади пайдо намудани микрообъектҳо ва самаранок истифода бурдани онҳо дар кушодани ҷиноятҳо зарурати такмил додани методикаҳои экспертӣ ва истифодаи имкониятҳои тадқикоти микрообъектҳо ба миён меояд. Мутаассифона, аз ҷониби кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ изҳо ва микрообъектҳое, ки бояд пайдо карда шаванд, несту нобуд карда мешаванд.

Воқеан ҳам, он имкониятҳое, ки дар натиҷаи пайдо ва тадқиқоти микрообъектҳо ҷой доранд, айни замон аз ҷониби кормандони ҳифзи ҳукуқ пурра истифода бурда намешаванд. Ё худ мутахассисони соҳавӣ донишҳои кофӣ надоранд ва ё аз пешрафи бемайлони илму техника маълумот надоранд.

Ёдовар мешавем, ки барои дарёфт кардани микрообъектҳо аз нурҳои ултробунафш (дастгоҳи махсуси криминалистӣ) истифода бурда мешавад. Ҳамчунин изҳои пойафзоле, ки дар ҷойи ҳодиса дарёфт карда гирифта шудаанд, на фақат барои гузаронидани ташхиси судӣ-трассологӣ заруранд, балки изҳои дар болои он пайдо гардида ҳамчун далели шайъӣ эътироф карда мешаванд. Такрор ба такрор мегӯем, ки мутахассис дар ҷойи ҳодиса бояд эҳтиёткор бошад. Предметҳоро дар алоҳидагӣ саросема нашуда азназар гузаронад, ҳангоми ҳамлу нақли онҳо ҳолаташон дигар шуданаш мумкин аст. Барои ин ҳатман микрообъектҳои дарёфт карда шуда, ҳолати ҷойгиршавии онҳо дар предмет муфассал дар протоколи азназаргузаронии ҷойи ҳодиса дарҷ гардида аксбардорӣ карда шаванд. Баъзе олимон бар ин ақиданд, ки ҳангоми гирифтани намунаи микрозарраҳо барои таҳқиқоти муқоисавӣ бояд мутахассис ширкат варзад.

Аз ҷумла, Ишенко П.П. ба маврид қайд мекунад, ки: «Мутахассис бевосита дар гирифтани намунаҳо ширкат меварзад. Таҳқиқоти пешакии онҳоро мегузаронад. Сифат ва шумораи онҳоро муайян менамояд. Тарзи дурусти бандубасти онҳоро ба амал бароварда ба протоколи амали тафтишӣ замима менамояд»[1].

Тавсия дода мешавад, ки дар ҷойи ҳодиса микрообъектҳо ҳатман бо воситаи лавозимоти махсус аз қабили чангак, магнит, сузан, чутка гирифта шаванд ва дар зарфҳои тозаи шишагин ё қоғазҳои махсус банду баст карда шаванд. Таъкид менамоям, ки дар ҳарорати хонагӣ ё аз он баландтар микрообъектҳоро муддати зиёд нигоҳ доштан манъ аст. Предметҳои ҳаҷмашон калон аз ҷумла тамоми либосҳо дар алоҳидагӣ бандубаст карда шаванд. Доғҳои моеъ дар либосҳо бо риштаҳои алоҳида нишона карда мешаванд. Агар либосҳо дар ҳолати тар қарор дошта бошанд онро ҳатман (дар ҷойи соя) хушк намудан зарур аст. Бояд заррачаҳои зери нохуни ҳар як ангушт алоҳида гирифта шуда дар бастачаҳои қоғазӣ ё зарфҳои шишагини махсус банду баст карда шаванд. Мутахассис бояд тарзу бандубаст намояд, ки ҳолати аввалаи онҳо тағйир намёбад. Дар протокол оиди аз кадом даст ва ангушт гирифташударо дақиқ баён кунад. Мутахассис, инчунин, вазифадор аст, ки барои гузаронидани ташхис ва дуруст гузоштани саволҳо ба муфаттиш кумак намояд.

Барои пурра ҳаллу фасли ҳолати кор вобаста ба ҳолатҳои мушаххас аз ҷабрдида, гумонбаршуда ё ашхоси дигар бояд намунаҳои зерин ба ташхис ирсол карда шаванд:

а) хун (моеъ ё дар дока хушкшуда), ки барои муайян кардани гурӯҳи ҳуҷайраҳо зарур аст;

б) доғҳои эпителии луобпардаи даҳон;

в) пораҳои мушак ё дигар бофтаҳо ва ё пайдоиши изолятсия аз узвҳои ҷасад барои муқаррар кардани таркиби ибтидоии хроматини ҷинсӣ.

Саволҳои дар назди мутахссис гузошта шуда инҳоанд:

1) Оё дар объектҳои пешниҳодшуда микрообъектҳо мавҷуданд ё не, агар бошанд табиат ва мавқеи онҳо муайян карда шавад?

2) Оё ин ашёҳо бо ҳам алоқамандӣ доранд аз рӯйи микрообъектҳо ?

3) Микрообъектҳо дар ашёҳо якхелаанд ё не, агар ҳа бо кадом хусусиятҳояшон (мансубият ба гурӯҳҳо)?

4) Микрообъектҳои пешниҳодгардида заррачаҳои кадом модда ҳастанд?

5) Оё дар асбоб унсурҳои ҳуҷайраии бофтаҳои ҳайвонот (силоҳ, харошидан аз воситаи нақлиёт ва ғайра) мавҷуданд ё не?

6) Бофтаҳои органикӣ ба ин ҳуҷайраҳо чист?

7) Оё ин ҳуҷайраҳо ба одам ё ягон ҳайвон тааллуқ доранд?

[1] Ищенко, П.П. Специалист в следственных действиях: учебное пособие. - М.: Инфра,1980. - С. 50-61.

8) Агар ҳуҷайраҳо ба одам тааллуқ дошта бошанд, пас гурӯҳ ва ҷинси онҳо муайян карда шавад?

Таҷрибаи кории 24-солаи корӣ дар самти криминалистика нишон дод, ки дар бисёр мавридҳо ҷойи ҳодиса то омадани гурӯҳи фаврӣ-тафтишотӣ вайрон карда мешавад. Аксар вақт шаҳрвандон ва кормандони мақомот дар ҷойи ҳодисаҳо дағалона (бесаводона) рафтор мекунанд, ки ҳаракатҳои онҳо барои тафтишот монеаҳо эҷод мекунад.

Аз ин лиҳоз, бо дарназардошти гуфтаҳои болоӣ пешниҳод менамоем, ки бояд зимни азназаргузаронии ҷойи ҳодисаҳои мавриди назар чунин ҳолатҳо ҳатман ба инобат гирифта шаванд:

1. Муҳофизати ҷойи ҳодиса аз тарафи нозирони минтақавӣ ва дигар шахсони масъул пурра таъмин карда шавад ;
2. Агар яке аз аъзоёни гурӯҳи фаврӣ-тафтишотӣ ҳузур надошта бошад, дар азназаргузаронии ҷойи саросема нашаванд;
3. Ҳатман дар муассисаҳои олӣ барои босифат тайёр кардани мутахассисони соҳавӣ донишҷӯён аз донишҳои амалӣ бархурдор гарданд;
4. Мутахассисон мунтазам аз пешрафти илму техникаи муосир огоҳ бошанд. Аз шабаҳои интернетӣ дуруст истифода баранд;
5. Забони тартиб додани протокол пурра бояд адабӣ бошад**.** Истифодаи ибораву вожаҳои нолозим ва кӯчагӣ хотима дода шавад;
6. Протоколи азназаргузаронии ҷойи ҳодиса бояд ба талаботҳои қонуни мурофиавӣ-ҷиноятӣ пурра ҷавобгӯй бошад;
7. Зимни бандубасти микрообъектҳо (далелҳои шайъӣ) қоидаҳои умумӣ (тибқи фармонҳои ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон) ҳатман риоя карда шаванд;
8. То гирифтани хулосаи хаттии мутахассисони соҳа шарҳ додани ҷойи ҳодиса манъ аст;
9. Дар шароити пешгӯинашавандаи ҷаҳони муосир бояд ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти тафтишоти пешакӣ ва судӣ қавиътар гардад.

– радикализми сиёсӣ ба камбуди асосии бархе аз ҳизбҳо ва ҳаракатҳое табдил ёфт, ки худро демократӣ меномиданд. Ин ҳолатро наметавон танҳо бо набудани тачрибаи муборизаи сиёсӣ дар доираи Конститутсия ва қонун сафед намуд;

– қувваи аслии ҳаракатҳои нави сиёсӣ дар Тоҷикистон ҳизби исломӣ буд, ки солҳои тӯлонӣ ба таври пинҳонӣ фаъолият мекард. Дар марҳилаи аввал он худро дар паси ҳизбҳо ва ҳаракатҳои ба ном дунявӣ, аз қабили Ҳизби демократӣ, ҳаракати мардумии «Растохез» ва дигарон пинҳон дошт, вале дертар худ низ қонунӣ шуда, бо роҳи фишор ҳукуматро маҷбур намуд, ки онро ба қайд гирад;

– баромади ҳизбҳои исломӣ дар шароити ошкорбаёнӣ ва раванди демократикунонӣ ҳамчун раванди табиии ташаккули плюрализми сиёсӣ арзёбӣ мегардид. Аммо хеле зуд бартарият ёфтани усулҳои митингӣ ва зӯроварона, инчунин истифодаи тамоми атрибутҳои маъруфи фундаментализми исломии ҷаҳонӣ ошкор гардид;

– суст гардидани фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқи ҷумҳурӣ боиси густариши нигилизми ҳуқуқӣ шуда, дар ниҳоят ба яке аз хатарноктарин буҳронҳо, буҳрони ҳокимият оварда расонд. Вазъият боз ҳам шиддат ёфт, зеро баъди баромади аввалини қуввaҳои исломӣ дар моҳи феврали соли 1990 мақомоти расмӣ бо пеш гирифтани роҳи созишҳои бесубот ва бепринсип бо ниҳодҳои динӣ ба бетартибиҳои оммавӣ роҳ доданд;

– дар натиҷаи бесуботӣ ва муқобилияти сиёсӣ ҳокимият дар ҷумҳурӣ муваққатан зери нуфузи исломгароён қарор гирифт. Дар чунин шароити иҷтимоӣ-сиёсӣ Фронти халқӣ ташаккул ёфта, дар муддати кӯтоҳ аксари минтақаҳои кишварро фаро гирифт. Ҳамаи талошҳои хунини қуввaҳои исломгаро барои шикастани муқовимати мардум ноком шуданд ва дар натиҷа роҳбарияти тарафдори ислом фурӯ пошид. Ба сари қудрат Президиуми қонунан интихобшудаи Шурои Олӣ ва Ҳукумати ҷумҳурӣ омаданд.

Бо рушди ҷомеаи демократӣ вазифаҳои институтҳои сиёсӣ низ васеъ мегарданд. Аз ин рӯ, институтҳои муосири сиёсӣ тадриҷан хусусияти бештар ихтисосёфтаро касб мекунанд. Онҳо арзишҳо, меъёрҳо ва дастовардҳоро тачассум менамоянд, ки ба интернасионализатсияи чунин арзишҳо, аз қабили салоҳияти сиёсӣ, мустақилият, масъулияти шахсӣ ва ратсионализм мусоидат менамоянд. Бе мавҷудияти ин унсурҳо дар сохтори ангезавии шахсият фаъолияти муназзами институтҳои муосири сиёсӣ ғайриимкон мебошад.

Дар чунин шароити бархурди андешаҳои манфиятхоҳона ҳамон давлатҳое манфиятҳои миллии хуро дифо карда метавонад, ки андешаи дунявиятро дар амал намудани демократия дуруст истифода бурда тавонад.

Бо такя ба тачрибаи амалии босифати давлатҳои дунявии тамаддуни муосир дар самти раванди демократикунони институтҳои сиёсии ҷомеа ва бо дарназардошти хусусиятҳои хоси бунёди давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ дар Тоҷикистон, зарур аст, ки як қатор принсипҳои асосии демократизатсия ба инобат гирифта шаванд, аз ҷумла:

1) Яке аз принсипҳои поягузори демократизатсияи институтҳои сиёсии ҷомеа принсипи аксарият мебошад. Дар демократия, дар ҷараёни ифодаи озоди иродаи халқ нисбат ба пешниҳодҳо ва қарорҳои муайян, аксарияти интихобкунандагон муайян мегардад, ки ҳокимият наметавонад мавқеи онҳоро нодида гирад.

2) Нақши калидӣ дар раванди қабули қарорҳои сиёсӣ ба институтҳои демократияи намояндагӣ тааллуқ дорад ва пеш аз ҳама, ба парлумон. Маҳз ба парлумон, ки ҳайати он тавассути интихоботи умумӣ интихоб мегардад, шаҳрвандон дар ҷомеаи демократӣ ваколати амалӣ намудани функсияи олии қонунгузории давлатро вогузор менамоянд.

3) Ҳуқуқу озодиҳое, ки тибқи Конститутсия ба шаҳрвандон муқаррар гардидаанд, арзишҳои асосии демократия ба ҳисоб мераванд. Баробарҳуқуқии шаҳрвандон танҳо дар шароити мавҷудияти давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ имконпазир мебошад. Маҳз чунин давлат қодир аст ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандонро кафолат дода, шахсиятро аз худсарӣ ва беқонунии эҳтимолии мақомоти давлатӣ ҳифз намояд.

4) Атрибути муҳимми демократия принсипи тақсимоти ҳокимият дар низоми давлатдорӣ мебошад. Мувофиқи ин принсип, ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ аз ҳам

ҷудо буда, мустақилияти нисбӣ доранд, вале ҳамзамон дар ҷараёни таҳия ва татбиқи сиёсати давлатӣ бо ҳам робитаи мутақобила доранд.

5) Шарти ҳатмии демократия - шаффофият ва ошкорбаёнӣ дар фаъолияти мақомоти давлатӣ, ҳизбҳои сиёсӣ ва дигар ташкилотҳои ҷамъиятӣ мебошад. Пеш аз ҳама, дастрасии бемонеаи воситаҳои ахбори умум ва ҷомеа ба иттилоот дар бораи фаъолияти мақоми олии қонунгузори кишвар бояд таъмин гардад. Дар баробари ин, ҳукумат уҳдадор аст парлумонро дар бораи фаъолияти ҳамаи муассисаҳои давлатӣ, инчунин дар бораи самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии худ сари вақт огоҳ намояд.

6) Нақши фаъолтаринро дар таъмини шаффофият ва раванди демократикунони ҷомеа воситаҳои ахбори оммаи аз сензураи давлатӣ озод иҷро менамоянд. Мустақилияти матбуот, телевизион, радио ва дигар ВАО нишонаи ҷудонопазири ҷомеаи демократӣ мебошад. Ҳамзамон, онҳо барои дурустӣ ва саҳеҳии иттилооти пешниҳодшуда масъулияти пурра дошта, дар ҳолати таҳрифи иттилоот, паҳн намудани маълумоти бардурӯғ, ифшои сирри давлатӣ ё тӯҳмат нисбат ба шахсони мансабдор ва шахрвандони одӣ метавонанд ба ҷавобгарии судӣ кашида шаванд.

7) Барои шакли демократии идоракунӣ мавҷудияти низоми бисёрҳизбӣ хос мебошад. Ин ҳолат монополияи як ҳизби алоҳидаро бар ҳокимият истисно менамояд. Муҳим он аст, ки ҳамаи ҳизбҳо дар мубориза барои овози интихобкунандагон ва намояндагӣ дар мақомоти давлатӣ дар шароити баробари ҳуқуқӣ қарор дошта бошанд.

8) Дар ҷомеаи демократӣ ба мақомоти худидоракунии маҳаллӣ нақши муҳим дода мешавад. Маҳз ҳокимияти маҳаллӣ ба мардум наздиктар буда, аз фаъолияти он пеш аз ҳама ҳаёти ҳаррӯзаи шахрвандон вобаста аст.

9) Новобаста аз шиддат ва тезутундие, ки рақобати сиёсӣ дар шароити плюрализм метавонад касб намояд, муҳим он аст, ки ин рақобат танҳо тавассути шаклҳо ва усулҳои демократии муборизаи сиёсӣ сурат гирад. Аз ин рӯ, ҳифзи ҷомеаи демократӣ ва шахрвандони он аз ифротгароӣ ва зӯроварӣ ногузир мавҷудияти ҳокимияти давлатии қавӣ ва қонуниятнокро тақозо менамояд.

Ба андешаи мо, риоя ва татбиқи пурраи принсипҳои зикршуда дар рушди соҳибихтиёрии халқи тоҷик, таҳкими давлатдории миллӣ ва устувор гардидани давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявии Тоҷикистон аҳаммияти калидӣ дорад.

Таҳлили раванди таҳкими давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки ин раванд натиҷаи таъсири маҷмӯии ҳамаи қувваҳои дохилии ҷомеа мебошад. Дар ин замина фаъолияти мақомоти давлатӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва қишрҳои гуногуни иҷтимоии ҷомеаи Тоҷикистон нақши муайянкунанда бозидаанд. Маҳз ҳамгироии ин неруҳо барои устувор гардидани давлатдорӣ, барқарорсозии сулҳ ва ташаккули низоми нави сиёсӣ заминаи воқеӣ фароҳам овард.

Дар таҳкими давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ ҳаракати умумиҷамъиятии «Ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон» мақоми хоса касб намуд. Ҳадаф ва фаъолияти ин ҳаракат, ки дар муроҷиати Маҷлиси муассисии он аз 20 июни соли 1997 ба таври возеҳ баён гардидааст, аз ибтидо ба таъмини сулҳ, таҳкими якпорчагии давлат, ваҳдати миллӣ, эҳёи соҳибихтиёрӣ ва бунёди давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ равона шуда буд. Фаъол гардидани шуроҳо ва ташкилотҳои ибтидоии ин ҳаракат дар шаҳру ноҳияҳо ва деҳоти кишвар нишон дод, ки ҷомеаи Тоҷикистон тадриҷан ба зарурати ҳамбастагӣ ва ҳамгироии иҷтимоӣ барои пойдории давлатдорӣ мерасад.

Муносибати халқи Тоҷикистон ба давлати дунявӣ на ба таври стихиявӣ, балки дар натиҷаи таҷрибаи таърихӣ, дарки оқибатҳои низоъҳои сиёсӣ ва арзёбии воқеии манфиатҳои миллӣ ташаккул ёфт. Солҳои аввали истиқлолият, ки бо буҳрони амиқи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ ҳамроҳ буданд, ҷомеаро ба хулосаи муҳим оварданд: бидуни сулҳ, ваҳдати миллӣ ва давлати дунявии қонунмеҳвар ҳифзи соҳибихтиёрӣ ва рушди устувор ғайриимкон аст. Аз ин лиҳоз, давлати дунявӣ ҳамчун шакли идоракунӣ на ҳамчун инкори арзишҳои маънавӣ ё динӣ, балки ҳамчун кафили сулҳи шахрвандӣ, баробарии ҳуқуқӣ ва ҳамзистии осоиштаи қишрҳои гуногуни ҷомеа қабул гардид.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ ва воқеияти сиёсӣ нишон доданд, ки устувории давлатдорӣ асоси зиндагии шоистаи шахрвандон мебошад. Халқи Тоҷикистон тадриҷан ба дарки он расид, ки плюрализми андешаҳо, озодии сиёсӣ ва гуногунандешӣ танҳо дар доираи қонун ва сохтори конститутсионӣ метавонанд ба рушди ҷомеа мусоидат намоянд. Аз ин рӯ, қабули давлати

дунявӣ ҳамзамон қабули волоияти қонун, тақсимоти ҳокимият ва масъулияти шаҳрвандиро низ дар бар гирифт.

Дар шароити гузариш ба иқтисоди бозорӣ, ҷомеа ва давлат ба зарурати мутобиқ сохтани ислоҳоти иқтисодӣ бо хусусиятҳои таърихӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоии миллат рӯ ба рӯ шуданд. Халқи Тоҷикистон, бо назардошти таҷрибаи таърихии худ, аз муносибатҳои тӯлонии феодалӣ то гузариши мустақим ба сотсиализм ва сипас истиқлолият, ба хулосае омад, ки ҳар гуна модели рушди иқтисодӣ ва сиёсӣ бояд бо анъанаҳо, ҷаҳонбинӣ ва сатҳи рушди иҷтимоии ҷомеа мутобиқ карда шавад. Ин дарк ба таҳкими муносибати воқеъбинона ба давлати дунявӣ мусоидат намуд.

Дар суханрониҳо ва асарҳои Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо таъкид шудааст, ки истиқлолияти сиёсӣ бе истиқлолияти иқтисодӣ маънои комил пайдо карда наметавонад. Ин андеша дар шуури ҷамъиятӣ тадриҷан ҷой гирифта, ҷомеаро ба ҷонибдории ислоҳоти иқтисодӣ, таҳкими давлатдорӣ ва рушди низоми дунявии идоракунӣ раҳнамоӣ намуд. Қабули Конститутсия, ташаккули ниҳодҳои давлатӣ ва оғози ислоҳоти иҷтимоию иқтисодӣ далели он аст, ки халқи Тоҷикистон роҳи бунёди давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявиро ҳамчун роҳи стратегӣ интихоб кардааст.

Дар маҷмуъ, метавон хулоса кард, ки қабули давлати дунявӣ аз ҷониби халқи Тоҷикистон натиҷаи раванди тӯлонии таърихӣ, таҷрибаи талхи низоъҳо, эҳтиёҷ ба сулҳ ва дарки манфиатҳои олии миллӣ мебошад. Имрӯз давлати дунявӣ дар шуури ҷамъиятӣ ҳамчун кафили сулҳ, ваҳдат, адолати иҷтимоӣ ва рушди устувори ҷомеа пазируфта шуда, ҳамчун пояи асосии таҳкими соҳибихтиёрии миллӣ ва давлатдории муосири Тоҷикистон баромад мекунад.

ТДУ 349.222.2

МАҶБУР НАМУДАНИ КОРФАРМО БАРОИ БАСТАНИ ШАРТНОМАИ МЕҲНАТӢ

ПРИНУЖДЕНИЕ РАБОТОДАТЕЛЯ К ЗАКЛЮЧЕНИЮ ТРУДОВОГО ДОГОВОРА

ҲАКИМЗОДА ДИЛШОД АБДУСАМАД
Муовини якуми раиси суди ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе, унвонҷӯ / Первый заместитель председателя суда района Шохмансур города Душанбе, соискатель
E-mail: d.hakimzoda@mail.ru

Шартномаи меҳнатӣ яке аз институтҳои асосӣ ва марказии ҳуқуқи меҳнат буда, мувофиқи моддаи 16 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - КМ ҶТ) асос барои ба вуҷуд омадани муносибатҳои меҳнатӣ мебошад[1]. Ҳуқуқ ба бастани шартномаи меҳнатӣ бо ҳуқуқи асосии ҳар шахс - озодона ихтиёрдорӣ кардани меҳнаташ, ки дар моддаи 35 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон[2] мустаҳкам шудааст, пайвастагӣ дошта, он бо таъмини ҳамаи кафолатҳое, ки ҳам дар Конститутсияи ҶТ ва ҳам дар КМ ҶТ пешбинӣ шудаанд, амалӣ мегардад.

Зимнан, дар қ. 2 м. 16 КМ ҶТ як қатор омилҳои дигаре зикр ёфтаанд, ки метавонанд барои бастани шартномаи меҳнатӣ асос гарданд, аз ҷумла интихоб шудан ба вазифа (мансаб), интихоб шудан дар асоси озмун ба вазифа (мансаб), ба вазифа (мансаб) таъйин ё тасдиқ шудан, фиристодан ба кор аз ҷониби мақомоти ваколатдор аз ҳисоби квотаи муқарраршуда ё роҳхат ва санади судӣ дар бораи бастани шартномаи меҳнатӣ. Чунин ҳолатҳо тибқи муқаррароти ҳамин қисми моддаи 16 КМ ҶТ ҳамчун асос ба шарте қабул карда мешаванд, ки бо Кодекси меҳнат ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуҷҷатҳои таъсисӣ, санадҳои корфармо пешбинӣ гардида бошанд. Аз ин бармеояд, ки қонунгузор ҳолатҳои мазкурро ҳамчун асос барои бастани шартнома пешбинӣ намудааст ва дар сурати мавҷудияти онҳо уҳдадории корфармо барои бастани шартномаи меҳнатӣ бо корманд ба вуҷуд меояд. Мисол, интихоб

[1] Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23-юми июли с. 2016, № 1329 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 2016. - № 7. - Мод. 604.
[2] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми ноябри соли 1994, бо тағйиру иловаҳо ба 26-уми сентябри с. 1999, 22-юми июни с. 2003 ва 22-юми майи с. 2016 (ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ). – Душанбе, 2019. – 126 с.

шудан ба вазифа (мансаб) ба мақоми интихобӣ дахл дошта, агар шахс тибқи тартибу шартҳои муқарраркардаи санадҳои меъёрӣ ва ё санадҳои дохилии ташкилот ба вазифа ё мансаби мушаххас интихоб шавад, онгоҳ қарор дар бораи интихоби ӯ барои бастани шартнома асос мегардад. Корфармо дар ин ҳолат уҳдадор мегардад, ки бо чунин корманд шартномаи меҳнатиро ба имзо расонад.

Ҳамингуна, ба кор қабул намудан дар қисме аз намуди фаъолиятҳо, мисол ба мансабҳои маъмурии хизмати давлатӣ аз тариқи озмун ба роҳ монда шудааст. Тартиб ва шартҳои баргузории озмунро қонунгузорӣ дар бораи хизмати давлатӣ муқаррар кардааст. Дар ин маврид ҳангоми интихоб шудани дар асоси озмун ба мансаби маъмурии хизмати давлатӣ, аз ҷониби роҳбари ташкилот ба ҳайси корфармо дар асоси қарори комиссияи озмун бо чунин шахсон шартномаи меҳнатӣ ба имзо расонида мешавад.

Ҳолати дигареро, ки барои бастани шартномаи меҳнатӣ метавонад асос гардад қонунгузор фиристодан ба кор аз ҷониби мақомоти ваколатдор аз ҳисоби квотаи муқарраршуда ё роҳхатро пешбинӣ намудааст. Мавриди зикр аст, ки тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ”[1] ва Қарори ҲҶТ дар бораи муқаррар намудани квота аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ барои бо кор таъмин намудани гурӯҳи аҳолӣ, аз ҷумла маъюбон ҳамасола квота муқаррар карда мешавад.

Моддаи 17 КМ ҶТ корфарморо уҳдадор намудааст, ки дар доираи квотаи муқарраргардида бо шахсе, ки барои бо кор таъмин намудан фиристода шудааст, ҳангоми ба талаботи тахассусӣ мутобиқат карданаш, бо ӯ шартномаи меҳнатӣ бандад. КМ ҶТ аз ҷониби корфармо бе асос рад намудани бастани шартномаи меҳнатиро бо чунин шахсон, манъ намудааст.

Қисми 2 м. 16 КМ ҶТ мавҷудияти санади судиро дар бораи бастани шартномаи меҳнатӣ ҳамчун ҳолати алоҳидаи асос барои бастани шартномаи меҳнатӣ пешбинӣ намудааст. Аз ин бармеояд, ки қабули санади судӣ барои бастани шартномаи меҳнатӣ бо ҳолати зикрёфта маҳдуд набуда, суд метавонад дар ҳолати тасдиқи дигар ҳолатҳои мавҷудияти муносибатҳои меҳнатӣ байни корманд ва корфармо ва барои бастани шартномаи меҳнатӣ санад қабул намояд.

Яке аз маъмултарин ҳолатҳое, ки ҳуқуқҳои кормандонро барои бастани шартномаи меҳнатӣ вайрон мекунад ва метавонад мавзуи баррасии судӣ бошад, ин бо кормандон бастани шартномаи маданӣ-ҳуқуқӣ бар ивази шартномаи меҳнатӣ, ё умуман рад кардани корфармо аз бастани ҳар гуна шартнома ва ғайри расмӣ истифода намудани меҳнати кормандон аст, ки он ҳамчуни «муносибатҳои пинҳонии меҳнатӣ» ном бурда мешаванд.

Дар айни замон, дар КМ ҶТ масъалаи мазкур танзим нашудааст, ки имконият медиҳад, то шартномаи меҳнатӣ дар натиҷаи эътирофи муносибатҳое, ки дар асоси шартномаи граждани-ҳуқуқӣ ба вуҷуд омадаанд, ҳамчун меҳнатӣ, аз ҷониби худи шахсе, ки дар шартнома ҳамчун иҷрокунанда иштирок мекунад, дар асоси аризаи хаттии шахси воқеӣ, ё дар асоси дастури нозири давлатии меҳнат, баста шавад.

Новобаст аз ин, бо такя ба муқаррароти м. 16 КМ ҶТ, шаҳрванд дар сурати аз ҷониби корфармо бастани шартномаи маданӣ-ҳуқуқӣ ва ё умуман бидуни бастани шартнома истифодаи меҳнати ӯ ҳуқуқ дорад ба хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи меҳнат мурочиат кунад Дар ҳамин ҳол, муносибатҳо метавонанд аз ҷониби суд низ ҳамчун муносибатҳои меҳнатӣ эътироф шаванд, агар шахси воқеӣ мустақиман ба суд барои ҳимояи ҳуқуқҳои вайроншуда мурочиат намояд ё бар асоси маводҳое, ки аз ҷониби хадамоти давлатии меҳнат ба суд ирсол шудаанд.

Дар ҳолати барқасдона иваз кардани шартномаи меҳнатӣ бо шартномаи маданӣ-ҳуқуқӣ ё умуман бидуни бастани ягон шартнома дар таҳияи даъвои судӣ мушкилот ба миён меояд. Тавре ки Ершова Е.А. қайд мекунад, аксар вақт корманд бо даъво «дар бораи эътирофи муносибатҳо ҳамчун меҳнатӣ» мурочиат мекунад. Ҳатто дар сурати қонеъ гардонидани ин даъво аз ҷониби суд, қарор дар асл иҷронашаванда боқӣ мемонад. Ин формула корфарморро ба анҷоми амалҳои ҳуқуқӣ оид ба тағйири мавқеи корманд водор намекард - ба корфармо кифоя буд, ки дар ҷаласа муносибатҳоро танҳо шаклан «меҳнатӣ» эътироф кунад ва ба раванди пешина идома диҳад.

Дар робита ба ин мавзуъ, «эътирофи муносибатҳо ҳамчун меҳнатӣ» метавонад бо як усули ҳимояи ҳуқуқҳои маданӣ — «эътирофи ҳуқуқ» муқоиса шавад. Дар адабиёти илмӣ гуфта

[1] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ” аз 1-уми августи с. 2003, № 44 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 2003. - № 8. - Мод. 467.

мешавад, ки истифодаи ин усул асоснок аст дар робита ба ҳуқуқҳои молу амволӣ, аммо барои ҳуқуқҳои қарзӣ (обязательственные права) танҳо ин усул кофӣ нест.

Проф. Василевская Л.Ю. қайд мекунад, ки муроҷиат барои ҳимояи ҳуқуқи қарзӣ бо истифода аз ин усул аз ҷиҳати моҳияти даъво барои эътирофи ҳуқуқи субъективии қарзӣ нест, балки даъво барои муайян кардани мавҷудияти муносибати қарзӣ мебошад. «Ҳамзамон, равшан аст, ки исботи мавҷудияти муносибати қарзӣ худ ба худ ҳимояи ҳуқуқи қарзиро таъмин намекунад»[1], - шарҳ медиҳад ӯ.

Бо такя ба назарияҳои ҳуқуқи маданӣ ва мурофиавӣ, эътирофи ҳуқуқи субъективии маданӣ дар суд ба асл муайян кардани мавҷудияти ду ҳуқуқ барои шахс - ҳуқуқи талаб ва ҳуқуқ ба ҳимоя мебошад, ки барои ҳар ҳуқуқи субъективӣ хос аст. «Аммо поймолшавии ҳуқуқи талаб (яъне вайроншавии имконияти талаб аз субъекти уҳдадор барои иҷрои вазифаҳои ӯ) тавре ки Василевская Л.Ю. дуруст қайд мекунад - бо як факти эътироф анҷом намешавад ва ба истифодаи дигар усулҳои ҳимоя ниёз дорад[2]».

Ҳангоми татбиқи чунин меъёрҳои ҳуқуқӣ ба тариқи аналогия саволи баҳсталаб ба миён меояд: оё суд, муқаррар намуда шароити шартномаи меҳнатиро, ки худ як созишномаи ихтиёрии миёни корманд ва корфармо дар бораи ҷойи кор, мазмуни вазифа ва дигар шароити меҳнати коргари мушаххас аст, аз ҳадди ваколатҳои худ берун намебарояд? Ершова Е.А. пешниҳод мекунад, ки мазмуни шартҳои ҳатмӣ аз ҷониби даъвогар дар даъвои судӣ формулинда шавад, дар ҳоле ки ҷавобгар метавонад эътирозҳои худро изҳор кунад. Дар натиҷа, қисми ҳалкунанда (резолютивӣ)-и қарори суд, ба ақидаи Ершова Е.А., метавонад ба таври зерин тасвир шавад: «Уҳдадор донистан (киро) ба бастани шартномаи меҳнатӣ (кадом, бо кӣ) бо чунин шароиқи ҳатмӣ…»[3]. Ба ин тарз иродаи ҳар ду ҷониб ба инобат гирифта мешавад.

Талабот оид ба бастани шартномаи меҳнатӣ ҳамчунин ба чунин усули махсуси судии ҳифзи ҳуқуқҳои меҳнатӣ иртибот дорад, чун талабот оид ба эътирофи далели табъиз ҳангоми рад кардани бастани шартномаи меҳнатӣ ё эътирофи радкунӣ ҳамчун беасос. Ин усули ҳифз аз КМ ҶТ бармеояд, ки дахлнопазирии табъизро дар соҳаи меҳнат муқаррар карда, муайян мекунад, ки шахсоне, ки худро мавриди табъиз дар соҳаи меҳнат меҳисобанд, метавонанд ба суд барои барқарор намудани ҳуқуқҳои поймолшуда, ҷуброни зарари моддӣ ва ҷуброни зарари маънавӣ муроҷиат намоянд.

Дар мавриди маҷбур намудани корфармо ба бастани шартномаи меҳнатӣ, дар амалияи судӣ ду равиши муқобил ташаккул ёфтааст. Мувофиқи аввалин равиш, дар ҳолати муайян гардидани далели табъиз ҳангоми рад кардани бастани шартномаи меҳнатӣ ва эътирофи чунин радкунӣ ҳамчун беасос, суд қарор қабул мекунад дар бораи уҳдадор намудани корфармо ба бастани шартномаи меҳнатӣ (ба ақидаи мо – дар бораи бастани шартномаи меҳнатӣ) бо нишон додани сана ва шароити ҳатмии шартномаи меҳнатӣ. Равиши дуюм бар он асос меёбад, ки маҷбур кардани корфармо ба қабул намудани касе ба кор ғайриимкон аст, зеро шартномаи меҳнатӣ бояд натиҷаи созиш миёни тарафҳо бошад ва касе ғайр аз онҳо ҳақ надорад муайян кунад, ки он бо кадом шартҳо бояд баста шавад.

Хулоса, усули ҳифзи ҳуқуқҳои меҳнатӣ ва манфиатҳои ҳуқуқии корманд - «маҷбур кардани корфармо ба бастани шартномаи меҳнатӣ», ба андешаи мо, бештар дар ҳолатҳое самаранок аст, ки шартномаи меҳнатӣ ҳангоми мавҷуд будани муносибатҳои воқеии меҳнатӣ баста нашудааст, ё вақте ки шартномаи меҳнатӣ бо шартномаи маданӣ–ҳуқуқӣ иваз карда мешавад, нисбат ба ҳолатҳое, ки радкунии бастани шартномаи меҳнатӣ ба асосҳои табъизӣ вобаста мебошад.

Зарур мешуморем таъкид кардан, ки муқаррар намудани рӯйхати мушаххаси қонунӣ оид ба усулҳои ҳифзи ҳуқуқҳои меҳнатӣ ва манфиатҳои ҳуқуқии корманд, аз як ҷониб, имкон медиҳад аз рад кардани баррасии парванда бинобар нодуруст баён шудани талаботи даъвогӣ ҷилавгирӣ карда шавад, ва аз ҷониби дигар, ба ягонагӣ ва ҳамшаклии қарорҳои судии қобили иҷро мусоидат мекунад.

---

[1] Василевская, Л.Ю. Иск о признании права: проблемы определения и толкования / Л. Ю. Василевская // Судья. - 2011. - № 6. – С. 15-19.
[2] Василевская, Л.Ю. Асари зикршуда. – С. 15-19.
[3] Ершова, Е. А. Трудовое право в России / Российская академия правосудия / Е. А. Ершова. - М.: Статут, 2007. - 231 с.

УДК 343.985

МОҲИЯТ ВА ХУСУСИЯТИ ТАЪЙИН КАРДАНИ ЭКСПЕРТИЗАҲОИ СУДӢ ТО ДАВРАИ ОҒОЗИ ПАРВАНДАИ ҶИНОЯТӢ

СУЩНОСТЬ И ОСОБЕННОСТИ НАЗНАЧЕНИЯ СУДЕБНЫХ ЭКСПЕРТИЗ ДО ВОЗБУЖДЕНИЯ УГОЛОВНОГО ДЕЛА

ҲАФИЗОВ АБРОР АБДУРАШИДОВИЧ
Омӯзгори кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва фаъолияти маъмурии МКД факултети № 4-уми Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, подполковники милитсия / Преподаватель кафедры административного права и административной деятельности ОВД факультета № 4 Академии МВД Республики Таджикистан, подполковник милиции
E-mail: xafizovabror58@gmail.com

Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон инсон, ҳуқуқу озодиҳои ӯро арзиши олӣ эътироф намуда, риоя ва ҳифзи онро кафолат додааст, ва меъёрҳои конститутсионӣ дорои арзишҳое мебошанд, ки онҳо дар рушди давлати демокративу ҳуқуқбунёди Тоҷикистон, ташаккули ҷомеаи адолатпарвар, низоми ҳуқуқи миллӣ, муносибатҳои сифатан нави миёни шахс, ҷомеа ва давлат, инчунин, баҳри таъмини адолати иҷтимоӣ шароити мусоиди ҳуқуқӣ фароҳам оварданд.

Яке аз роҳҳои ноил шудан ба ин ҳадафҳо ва шаклҳои амалишавии асосҳои конститутсионӣ ин кафолати ҳифзи судӣ, дастрас будани адолати судӣ, ҳуқуқи ҳар шахс ба ҳимоя, ки бо як қатор қоидаҳои умумии мурофиаи судӣ, аз ҷумла, таъин ва гузаронидани экспертизаи давлатии судӣ, амалӣ карда мешаванд. Оид ба муҳиммияти адолати судӣ 26-уми декабри соли 2018 дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ қайд карда шуда буд, ки «Пешрафти минбаъдаи ҷомеа ва амалӣ намудани мақсаду вазифаҳои дарпешистода кафолати ҳамаҷонибаи адолати судиро талаб мекунад. Дар дигар маврид, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомали Раҳмон дар паёми навбатии худ қайд намуда буданд, ки мақомоти ҳифзи ҳуқуқро зарур аст, ки бо ҳушёриву зиракии сиёсӣ ва баланд бардоштани донишу малакаи касбӣ, инчунин, бо истифода аз шаклу усулҳои муосир муборизаро бар зидди терроризм ва экстремизм, зуҳуроти ҷиноятқории муташаккили фаромиллӣ, қочоқу муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир ва дигар қонуншиканиҳо тақвият диҳанд[1].

Рушди минбаъдаи ҷамъият тақозо менамояд, ки бо мақсади танзими ҳамаҷонибаи муносибатҳои ҷамъиятӣ қонунҳои амалкунанда мунтазам такмил дода шаванд. Бинобар ин, барои сари вақт, пурра ҳаматарфа ва холисона ошкор намудани воқеияти парвандаҳои ҷиноятӣ дар низоми амалҳои мурофиавӣ экспертизаи судӣ мавқеи махсусро ишғол менамояд. Таъини экспертизаи судӣ чун амали мурофиавӣ аз ҷониби қонунҳои мурофиавӣ ба танзим дароварда шуда, раванди баргузор намудани он тавассути санадҳои зерқонунӣ ё санадҳои идоравӣ мавриди танзим қарор дода шуда буд.

Вале бинобар он, ки Тоҷикистони соҳибистиқлол дар асоси Конститутсия давлати демокративу ҳуқуқбунёд эълон шуда, мақоми инсон дар мурофиаҳо ба ҳайси тараф баробарҳуқуқ эътироф шуд ва мебоист, ки онҳо низ тавонанд барои дифоъ аз ҳуқуқ ва манфиатҳояшон мустақилона аз хидмати коршиносон истифода кунанд, ҳамчунин, ба хотири босамар ташкил намудани фаъолияти муассисаҳои экспертӣ ва даҳҳо дигар масъалаҳои раванди ташкил ва гузаронидани экспертиза зарурият ба миён омада буд, ки қонуни алоҳида қабул карда шавад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи экспертизаи давлати судӣ”, асоси ҳуқуқӣ ва вазифаҳои асосии фаъолияти экспертизаи давлатии судиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намуда, муносибатҳои ҷамъиятиеро, ки ҳангоми ташкил ва гузаронидани экспертизаи давлатии судӣ ба вуҷуд меоянд, танзим намудааст[2].

---

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 26-уми декабри с. 2018 // [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи воридшавӣ: https://president.tj/event/missives/17365 (санаи мурочиа: 12.04.2026).

[2] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи экспертизаи давлати судӣ” аз 25-уми июли с. 2005, № 102 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2005, №7, мод. 404; с.2007, №3, мод.160; с.2012, №4, мод. 254; Қонуни ҶТ аз 27.11.2014 с., № 1144.

Вазифаи экспертизаи давлатии судӣ муайян кардани ҳолатҳое мебошад, ки онҳо бо қарорҳои судҳо, мақомоти таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ, инчунин бо дархостҳои шахсони воқеъӣ ва ҳуқуқӣ ба воситаи ташкил ва гузаронидани экспертизаи давлатии судӣ бояд исбот карда шаванд.

Тибқи талаботи м. 210 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - КМҶ ҶТ), ҳангоми таъйин ва гузаронидани экспертиза гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда, ҷабрдида чунин ҳуқуқҳоро дорад:

– бо қарори таъин намудани экспертиза шинос шаванд;

– ба коршинос раддия изҳор намоянд;

– дар бораи дур кардани муассисаи экспертӣ аз гузаронидани экспертиза дар сурати муқаррар гардидани ҳолатҳое, ки ба оқибати парванда манфиатдор набудани роҳбари муассисаи экспертӣ - ҷойи кори шахси салоҳиятдорро таҳти шубҳа қарор медиҳанд, дархост пешниҳод намоянд;

– хоҳиш намоянд, ки шахсони аз тарафи онҳо зикршуда ё мутахассисони муассисаҳои мушаххаси судии экспертӣ ба ҳайси коршиносон ҷалб карда шаванд;

– саволҳои иловагӣ пешниҳод намоянд;

– дар вақти гузаронидани экспертиза ҳузур дошта бошанд ва ба коршинос саволҳо диҳанд, шарҳу тафсир кунанд;

– бо хулосаи коршинос ё хабари имконнопазирии додани хулоса шинос шаванд[1].

Экспертизаи ҷабрдидагон ва шоҳидон танҳо бо ризои ихтиёрии онҳо, ки ба шакли хаттӣ дода мешавад, сурат мегирад. Агар ин шахсон ба синни шонздаҳ нарасида бошанд ё суд онҳоро номукаллаф эътироф карда бошад, ризои хаттиро барои гузаронидани экспертиза намояндагони қонунии онҳо медиҳанд.

Дар сурати қонеъ кардани дархосте, ки шахсони дар қисмҳои 1 ва 2 ҳамин модда зикршуда додаанд, муфаттиш қарори худро оид ба таъйини экспертиза мутобиқан тағйир медиҳад ё пурра месозад. Дар бораи рад карда шудани дархост муфаттиш қарор қабул мекунад, ки он ба шахси дархостдода эълон карда, имзои ӯ гирифта мешавад.

Ҳамаи ин он ҳолатҳо, нишонаи риояи ҳуқуқи озодиҳои инсон ва шаҳрванд, меъёрҳои конститутсионии онҳо ва таъмини тафтиши пурра объективона ва холисона мебошад.

Тибқи қонунгузории мурофиавии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, гузаронидани ҳаракатҳои тафтишотӣ (ба ғайр аз азназаргузаронии ҷойӣ ҳодиса), таъин кардани экспертизаҳои судӣ баъди оғози давраи (марҳила) яккуми мурофиаи ҷиноятӣ, яъне пас аз оғози парвандаи ҷиноятӣ амали карда мешавад. Дар амалияи имрӯза, то давраи оғози парвандаи ҷиноятӣ амалҳои муайяни тафтишотӣ гузаронида мешаванд, аз он ҷумла, таъин кардани экспертизаҳои судӣ ва онҳо ҳамчун далел барои исботи гуноҳи шахс дар пешбурди минбаъдаи мурофиаи судии ҷиноятӣ истифода мешаванд. Аммо ин амалҳои гузаронидашуда, бо меъёрҳои қонуни мурофиавӣ ва ё дигар санадҳои меъёри ҳуқуқӣ асоснок карда нашудааст.

Пешниҳоди илмии дар ин мақола аз ин иборат аст, ки бояд як рӯйхати муайяни амалҳои санҷишӣ то вақти оғози парвандаи ҷиноятӣ ба қонуни мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда шуда, ин амалҳои як давраи нав, яъне давраи исбот то оғози парвандаи ҷиноятиро ташкил намояд, зеро ин давра таъсири муҳимми ҳуқуқии худро дорад.

Дар ин ҷараён барои муайян намудани алоқамандии шахс дар содир гардидани ҷиноят ва ё ҳамчун ҷиноят будан ё набудани кирдори содиргардида таъин ва гузаронидани экспертизаҳои гуногунро вобаста ба ҳар ҳолати ба вуқуъ пайваста зарур мебошад. Ба мақомоти таҳқиқ ё тафтиши пешакӣ то давраи барои оғози парвандаи ҷиноятӣ ба мақомоти пешбурди тафтиши пешакӣ ирсол намудани мавод зарурат пайдо мешавад, ки аз рӯйи ин ё он маводди санҷишӣ экспертизаи дахлдорро гузаронад, амалҳое (ҳодисаҳои ҷиноятие) ҳастанд, ки танҳо пас аз гирифтани хулосаи мутахассиси соҳа дар кирдори шахс мавҷуд будан ё набудани аломатҳои таркиби ҷинояти дахлдорро муайян кардан мумкин аст. Масалан ҳангоми расонидани зарари ҷисмонӣ ба шахс (экспертизаи судӣ-тиббӣ), паҳн кардани маводди порнографӣ (экспертизаи фарҳангшиносӣ), дастгир намудани шахс вобаста ба муомилоти ғайриқонунии маводди мухаддир (экспертизаи судӣ-кимиёвӣ) ва ҳодисаи садамаи роҳу нақлиётии ба саломатии инсон зарари ҷиддии ҷисмонӣ расонидан алоқаманд буда (экспертизаи судӣ-автотехникӣ, молшиносӣ,

[1] Кодекси мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми декабри с. 2009, № 564 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2009, № 12, мод. 815; мод. 816 (Қонуни ҶТ аз 18.03.2022 с., № 1853).

трассологӣ) дар ин ҳолатҳо мақомоти таҳқиқ ва ё пешбурди тафтиши пешакӣ, бо мақсади гирифтани хулосаҳои экспертизаҳои дахлдор дар шакли мактуб ба муассисаи экспертизаи судӣ давлатӣ (эксперти судӣ, тиббӣ шуъбаи ташхиси криминалистӣ ва Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғайра) мурочиат намуда, ҷавобан хулосаи дахлдорро дар шакли маълумотнома дастрас менамоянд ва баъдан бо маводди мазкур қарори асоснок қабул менамоянд. Баъзе экспертон ҷавоби дархостро дар шакли хулоса низ пешниҳод мекунанд. Баъдан дар раванди пешбурди тафтиши пешакӣ муфаттиш боз (бе зарурати иловагӣ ва такрорӣ) такроран дар шакли бо қарор экспертиза таъин намуда, хулосаро ба даст оварда онро ба тарафҳо шинос менамоянд.

Бо вуҷуди ин тартиб, ҳангоми бо тариқи мактуб гирифта шудани хулосаи экспертизаҳо ҳуқуқҳои тарафҳо (иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ) поймол карда шуда, онҳо бо қарори таъин ва хулосаи экспертиза шинос карда намешаванд, аз ҷониби мақомоти таҳқиқ имконият дода намешавад, ки дар ҷараёни гузаронидани экспертизаи аввалиндараҷа тарафҳо иштирок намуда, аз ҳуқуқҳои худ истифода намоянд ва айнан бо ҳамон маводди пешниҳодкардаи мутахассис дар шакли хулоса тарафҳо дар раванди тафтиши пешакӣ шинос карда мешавад.

Бо дарназардошти пешрафти ҳамаи соҳаи ҷомеаи шаҳрвандӣ ва таъмини волоияти қонун бояд ба КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйироти дахлдор ворид карда шуда, бо мақсади таъмини ҳуқуқу уҳдадориҳои иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ, ки дар давраи таҳқиқ (дар рафти санҷиши мавод) таъин ва гузаронидани экспертизаро ҳамчун амали санҷиши ибтидоӣ иҷозат дода, тартиби шинос кардан тибқи моддаи 210 ба роҳ монда меъёр муқаррар карда шавад.

Ин меъёр мусоидат менамояд, ки ҳамаи амалҳои санҷишӣ бо асосҳои қонун гузаронида мешавад, кафолати иштирокчиён дар ҳар марҳилаи санҷиш (шинос шудан бо мавод, пешниҳоди далел ва ғайра) таъмин карда мешавад, хулосаҳои экспертизаҳои судӣ то оғози парвандаи ҷиноятӣ гирифташуда, асоси ҳуқуқӣ пайдо намуда, қобили истифода қарор мегиранд, ҳолатҳои оғози парвандаи ҷиноятии бармаҳал ва ғайриқонунӣ коҳиш ёфта, ба таври назаррас равандҳои мурофиавиро шаффоф ва ҳуқуқиро ба меъёрҳои байналмилалӣ мутобиқ мегардонад.

Таҷрибаи давлатҳои дигар, ба монанди, Ҷумҳурии Қазоқистон ва Федератсия Россия гузаронидани баъзе амалҳои тафтишотиро то оғози парвандаи ҷиноятӣ иҷозат додааст, ки ба сифати намуна метавонем ин амалияи пешрафтаро таҳлил ва корбарӣ намоем.

ТДУ 342.924

МУШОҲИДА ҲАМЧУН РАСМИЁТИ ҶАРАЁНИ МУФЛИСШАВӢ

НАБЛЮДЕНИЕ КАК ПРОЦЕДУРА БАНКРОТСТВА

ҲУСАИНОВА ШАҲНУРА МАННОНОВНА
Омӯзгори калони кафедраи ҳуқуқшиносии Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар ш. Хуҷанд / Старший преподаватель кафедры правоведения Института экономики и торговли Таджикского государственного университета коммерции в г. Худжанд
E-mail: khysainova81@mail.ru

АҲМАДБЕКОВА ШОҲИНА ФУРҚАТОВНА
Магистранти курси 2-юми ихтисоси ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон / Магистрант 2 курса специальности «правоведение» Таджикского государственного университета право, бизнеса и политики

Расмияти муфлисшавӣ гуфта, маҷмуи чораҳои нисбати қарздор пешбининамудаи қонунгузориро меноманд, ки ҷиҳати барқарор намудани қобилияти пардохтӣ ё барҳам додани он равона карда шудаанд.

Қонуни муфлисшавии корхонаҳо, ки дар ибтидои солҳои 90-ум қабул шуда буд, чунин расмиятҳои муфлисшавиро, аз қабили, расмиятҳои таҷдидӣ, барҳамдиҳӣ ва созишномаи мусолиҳа пешбинӣ менамуд. Расмиятҳои таҷдидӣ идоракунии беруна ва

санатсияро дар бар мегирифт ва расмияти барҳамдиҳӣ бошад, дар ҳудуди истҳсолоти озмунӣ амалӣ гардонида мешуд. Қонуни нави мурофиавӣ расмиятҳои муайяни муфлисшавиро барои шахсони ҳуқуқӣ ва шахрвандон муқаррар намудааст. Аз ҷумла, расмияти муфлисшавиро барои шахсони ҳуқуқӣ ва ду расмиятро барои соҳибкорони инфиродӣ қарздор пешбинӣ намудааст[1]. Истеҳсолоти озмунӣ ва созишномаи мусолиҳа умумӣ буда, ҳам нисбати соҳибкорони инфиродӣ қарздор ва ҳам нисбати шахсони ҳуқуқӣ татбиқ карда мешавад. Пеш аз татбиқи ин расмиятҳо нисбати шасони ҳуқуқӣ аввал расмиятҳои истеҳсолоти озмунӣ ва идоракунии беруна татбиқ карда мешавад.

Дар баробари ин, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муфлисшавӣ», расмияти нави таҷдидиро, аз қабили солимгардонии молиявӣ муқаррар намудааст, ки мутобиқи он муассисони (иштирокчиёни) қарздор метавонанд дар давраи оғоз намудани кори муфлисшавӣ низ аз болои он назорат баранд[2].

Қонуни муфлисшавӣ имконияти татбиқ намудани чорабиниҳоро оиди пешгирӣ намудани муфлисшавӣ, ки бо номи расмиятҳои барқароркунӣ машҳуранд, муқаррар намудааст.

Чорабиниҳо оид ба пешгирӣ намудани муфлисшавии иштирокчии муомилот ба сифати расмияти мустақил баромад накунад ҳам, вале татбиқи саривақтии онҳо метавонанд, ки ба ҳолати молиявии қарздор таъсири дахлдор расонанд.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ оид ба расмиятҳои барқароркунӣ, яъне санатсияи тосудӣ ақидаҳои гуногуни олимон вуҷуд дорад. Аз ҷумла, Витрянский В.В. қайд мекунад, ки санатсияи тосудиро бевосита ба расмиятҳои муфлисшавӣ дохил кардан мумкин нест, чунки ин чорабинӣ расонидани кӯмаки молиявиро ба қарздор – шахси ҳуқуқӣ дар назар дорад[3]. Ба фикри Свит Ю. бошад, санатсияи тосудӣ (дар қатори идоракунии беруна) як намуди алоҳидаи расмияти барқароркунӣ мебошад[4].

Расмиятҳои барқароркунӣ дар Қонун ба ду намуд ҷудо карда мешаванд: санатсияи тосудӣ ва санатсияи судӣ. Ба гумон аст, ки муттаҳид намудани расмиятҳои аз рӯйи мазмун ва мақсад гуногун дар як гурӯҳ дастоварди қонунгузор бошад, чунки расмиятҳои барқароркунӣ ба маънои том расмиятҳои муфлисшавӣ набуда, баръакс барои пешгирӣ намудани муфлисшавӣ равона карда шудаанд. Чунин чораҳо то пешниҳод намудани ариза ба суди иқтисодӣ дар бораи муфлисшавии қарздор татбиқ карда мешаванд. Ташаббуси солимгардонии молиявии қарздорро кредиторҳо ё дигар шахсон бо розигии қарздор пешниҳод менамоянд, вале кӯмаки молиявӣ ё дигар кӯмакҳо танҳо бо созиши қарздор ҷоӣ дошта метавонанд.

Хусусиятҳои санатсияи тосудӣ ва санатсияи судӣ ба тарзи дахлдор аз якдигар фарқ доранд.

Санатсияи тосудӣ гуфта, кӯмаки молиявиеро меноманд, ки барои барқарор намудани қобилияти пардохтии қарздор кофӣ мебошад, яъне, уҳдадориҳои пулӣ ва пардохтҳои ҳатмии қарздор пурра пардохт карда мешаванд. Мувофиқи созишнома дар бораи кӯмаки молиявӣ, қарздор ё шахсони дигар уҳдадориҳои муайянро ба фоидаи шахсоне, ки чунин кӯмакро пешниҳод намуданд, мегиранд.

Ҳамзамон, қайд бояд кард, ки қонуни соли 2003, расмиятҳои тосудиро ба тарзи умумӣ муқаррар намуда, тартиби гузаронидани санатсия, ҷалби сармоягузорон, тартиби бастани созишнома дар бораи санатсия, муҳлати санатсия ва инчунин, ягон кафолатҳоеро дар бар намегирад, ки дар ин давра кори муфлисшавӣ оғоз карда намешавад.

Моҳияти санатсияи судӣ (солимгардонии молиявӣ ва идоракунии берунӣ) дар ба амал баровардани чорабиниҳои барқароркунӣ зери назорати кредиторҳо ва суд дар ҳудуди кори оғознамудаи муфлисшавӣ зоҳир мегардад.

Мутобиқи м. 4 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муфлисшавӣ” мушоҳида – расмияти муфлисшавӣ, ки нисбати қарздор аз лаҳзаи аз тарафи суд қабул кардани ариза дар бораи муфлис эътироф намудани қарздор то лаҳзае, ки мутобиқи ҳамин Қонун бо мақсади

---

[1] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муфлисшавӣ” аз 08-уми декабри с. 2003 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон с. 2003, № 12, мод. 674; с. 2008, № 10, мод. 813; с. 2009, № 5, мод. 317.

[2] Ҳамон ҷо.

[3] Федеральный закон Российской Федерации «О несостоятельности (банкротстве)» // Постатейный комментарий / Под ред. В.В.Витрянского. - М., 2011. - С. 38.

[4] Свит, Ю. Восстановительнные процедуры – способ предотвращения банкротства / Ю. Свит // Российская юстиция. – 1998. - № 3. - С. 16.

таъмин намудани нигоҳдории амволи қарздор ва гузаронидани таҳлили ҳолати молиявии он муайян шудааст, татбиқ карда мешавад[1].

Мушоҳида ҳамчун расмияти муфлисшавӣ дар ҳамаи давлатҳои дунё истифода бурда намешавад. Масалан, дар низоми амрикоӣ чунин расмият вуҷуд надорад, чунки мувофиқи қонунгузории Амрико якбора ё расмияти барҳамдиҳӣ ё ин ки таҷдид татбиқ карда мешавад. Низоми фаронсавӣ бинобар ҷой доштани самти дебитории қонунгузорӣ расмиятҳои муфлисшавӣ аз мушоҳида оғоз меёбад, ки инчунин бо номи солимгардонии истеҳсолот низ машҳур ҳаст ва чун қоида дар ин давр ҳуқуқҳои кредиторҳо сусттар мегарданд. Аз ҳисоби вайрон намудани ин ҳуқуқҳо кӯшиши эҳё намудани корхона ба амал бароварда мешавад.

Мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муфлисшавӣ», расмияти мушоҳида аз ҳудуди маросимҳои муфлисшавӣ берун баромада, аз рӯи моҳияти худ расмияти иловагӣ мебошад чун дар қонунгузориҳои давлатҳои муштаракул манофеъ ва хусусан дар қонунгузории Федератсияи Россия.

Мақсади асосии расмияти мушоҳида мувофиқи қонунгузории Ҷумурии Тоҷикистон дар он таҷассум меёбад, ки оё қарздор дар ҳақиқат имконияти қонеъ намудани талаботҳои кредиторҳо ва инчунин иҷро намудани уҳдадориҳои пардохтҳои ҳатмиро надорад. Татбиқи чунин расмиёт имконият медиҳад, ки аз як тараф, ҳолати молиявии қарздор муайян карда шавад ва аз тарафи дигар, амволи ӯ нигоҳ дошта шавад.

Расмияти маросими мушоҳида дар натиҷаи баррасӣ намудани асоснокии талаботҳои даъвогарони қарздор татбиқ карда мешавад, вале агар чунин аризаро худи қарздор пешниҳод намуда бошад, пас ин маросим аз лаҳзаи қабул намудни ариза ба истеҳсолоти судӣ татбиқ карда мешавад. Мустаҳкамгардонии қонунии зарурати тафтиши талаботи кредиторҳо ё ин ки мақомоти ваколатдор дар ҷаласаи судии махсус имконият медиҳад, ки сабабҳои беасос маҳдуд намудани ҳуқуқҳои қарздор бартараф карда шаванд.

Расмияти мушоҳида нисбати қарздоре, ки барои барҳам додани он қарор қабул карда шудааст, татбиқ карда намешавад.

Татбиқи расмияти мушоҳида боиси ба вуҷуд омадани оқибатҳои муайяни ҳуқуқӣ мегардад. Аз ҷумла:

1) талаботҳои амволӣ нисбати қарздор бо риоя намудани тартиботи муқаррарнамудаи қонун пешниҳод карда мешаванд, яъне аз лаҳзаи аз ҷониби суди иқтисодӣ қабулгардидани ариза дар бораи эътироф намудани муфлисии қарздор, кредиторҳо ҳуқуқ доранд, ки якҷоя ба қарздор бинобар қонеъ намудани талаботҳои худ мурочиат намоянд, чунки имконияти инфиродии мурочиат намуданро аз даст медиҳанд;

2) бо илтимосномаи кредиторҳо истеҳсолот аз рӯйи корҳое, ки бо рӯёнидани восимтаҳои пулӣ ё молии қарздор алоқаманд мебошанд, боздошта мешаванд. Кредитор дар чунин ҳолат талаботҳои худро ба қарздор бо риоя намудани артиботи муқаррарнамудаи қонун дар бораи муфлисшавӣ ба амал мебарорад;

3) иҷроиши ҳуҷҷатҳои иҷрои рӯёниш аз амволи қарздор боздошта мешаванд. Бояд қайд кард, ки истеҳсолот аз рӯи корҳо оиди рӯёнидани музди кор, пардохти мукофотпулиҳои шартномаи муаллифӣ, алимент, баргардонидани товони зараре, ки ба ҳаёт ва саломатӣ расонида шудааст, талаби амол аз тасарруфи ғайриқонунӣ ва, инчунин, талофӣ намудани зарари маънавӣ, боздошта намешавад;

4) манъ намудани қонеъгардонидани талаботи иштирокчии қарздор дар бораи ҷудо намудани ҳиссаи ӯ аз амволи қарздор бинобар баромадани онҳо аз ҳайати иштирокчиён, аз ҷониби қарздор харидори намудани саҳмияҳои паҳнкардашуда, ё ин ки пардохт намудани арзиши ҳақиқии ҳиссаҳо;

5) манъ намудани пардохти суд ва дигар пардохтҳо аз рӯйи қоғазҳои қиматнокӣ эмиссионӣ;

6) роҳ надодан барои қатъшудани уҳдадориҳои пулӣ бо роҳи бо баҳисобгирии талаботҳои якхелаи мутақобила, бинобар вайрон гардидани навбати қонеъ намудани талаботҳои кредиторҳо.

Азбаски ҳуқуқҳои қарздор оиди ихтиёрдорӣ намудани воситаҳои худӣ бинобар ҷорӣ намудани расмияти мушоҳида маҳдуд гардонида мешаванд, қарори суд дар ин бора ба бонк ва

[1] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муфлисшавӣ” аз 08-уми декабри с. 2003 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон с. 2003, № 12, мод. 674; с. 2008, № 10, мод. 813; с. 2009, № 5, мод. 317.

дигар ташкилотҳои кредиторие, ки дар онҳо ҳисоби бонкии қарздор вуҷуд дорад, ба суди юрисдиксияи умумӣ, ба мақомоти андоз ва дигар мақомотҳои ваколатдор фиристода мешавад.

Барои таъмин намудани иҷрои вазифаи асосиимаросими мушоҳида, яъне таъмин намудани нигоҳдории амволи қарздор то лаҳзаи баровардани қарори дахлдор ба зиммаи мудири муваққатӣ гузошта мешавад.

Фаъолияти мудири муваққатӣ ба ду самти асосӣ равона карда мешавад, якум, назорат аз болои ҳаракатҳои роҳбари қарздор, аз ҷумла, таъмин намудани амволи қарздор: таҳлили ҳолати молиявии қарздор ба мақсади муайян намудани имконият ва мақсаднокии ба амал баровардани маросими таҷдидӣ (барқароркунӣ) ё барҳамдиҳӣ.

Талабот нисбати номзадии мудири муваққатӣ ба талаботҳои умумие, ки нисбати мудири судӣ пешниҳод карда мешаванд, мувофиқ мебошанд.

Ҳамзамон Қонун дар бораи муфлисшавӣ талаботҳои муайянеро нисбати тартиби пешниҳод намудани номзадии мудири муваққатӣ ва тасдиқ намудани он, муқаррар кардааст. Мудири муваққатӣ аз ҷониби суд аз шумораи номзадиҳое, ки кредиторҳо пешниҳод намудаанд, таъйин карда мешавад, ҳангоми вуҷуд надоштани чунин таклифҳо, онгоҳ аз ҷумлаи шахсоне, ки ба чунин сифат дар суд ба қайд гирифта шудаанд, таъин карда мешаванд (қ.1 м. 45 Қонун «Дар бораи муфлисшавӣ»).

Мудири муваққатӣ дар баробари роҳбари қарздор, ки бевосита аз иҷрои уҳдадориҳояш дур карда нашуда бошад ҳам, вале ваколатҳояш маҳдуд карда шудаанд, фаъолият менамояд.

Ҳамзамон, мудири муваққатӣ ҳуқуқ дорад, дар ҳолати зарурӣ барои аз вазифа дур намудани роҳбари қарздор илтимоснома пешниҳод намояд (қ.1 м. 46 Қонун «Дар бораи муфлисшавӣ»).

Мудири муваққатӣ ҳуқуқ дорад, ки дар бораи қарздор ҳамагуна иттилоотро, аз ҷумла, иттилооти махфиро низ дошта бошад. Чунин ҳуқуқи мудири муваққатӣ бо имконияти пешбининамудаи қонун дар бораи ҳуқуқи мудири муваққатӣ оиди аз мансаб дур намудани роҳбари корхона тасдиқ карда мешавад.

Яке аз уҳдадориҳои асосии мудири муваққатӣ ӯҳдадории дар бораи ба амал баровардани таҳлили молиявии қарздор мебошад. Дар доираи расмияти мушоҳида мудири муваққатӣ дар асоси таҳлили ҳолати молиявии қарздор ба маҷлиси кредиторҳо ва суди иқтисодӣ маълумоти пурра дар бораи қарздор пешниҳод менамояд. Аз ҷумла, маълумот дар бораи вуҷуд доштан ё надоштани нишонаҳои муфлисшавӣ, имконияти ҳисоби намудан бо кредиторҳо ва дар ин замина барқарор намудани қобилияти пардохтии корхона (б. 2 м. 45, б. 1 м. 46 Қонун «Дар бораи муфлисшавӣ»). Дар баробари ин, маҳз дар ин давра мудири муваққатӣ имконияти муқаррар намудани нишонаҳои муфлисшавии бадқасдона ё ин ки сохтаро дорад.

Дар ин давра чун қоида таҳлили сохти тавозуни корхонаи қарздор, ба амал бароварда шуда, ба қобилияти пардохтии он баҳо дода мешавад ва инчунин ҳисоботи муҳосибавии қарздор низ таҳлил карда мешавад.

Дигар уҳдадории мудири муваққатӣ, ки дар давраи тайёри ба маҷлиси якуми кредиторҳо амали гардонида мешавад, ин муқаррар намудани ҳаҷми талаботҳои кредиторҳо мебошад.

Муқаррар намудани ҳаҷми талаботҳои кредиторҳо дар мадди аввал барои муайян намудани миқдори овозҳои ҳар як кредитори озмунӣ ва инчунин мақомои ваколатдор барои иштирок дар маҷлиси якуми кредиторҳо зарур мебошад. Ҳаҷми талаботҳои кредиторҳо дар асоси аризаи онҳо муайян карда мешаванд, ки дар муддати як моҳ пас аз гирифтани огоҳинома ҷиҳати аз ҷониби суди иқтисодӣ қабул намудани ариза дар бораи муфлис эътироф намудани қарздор пешниҳод шудаанд[1].

Талаботҳои мушаххаси кредитор, мутобиқи нишонаҳои муқаррарнамудани ҳаҷми талаботҳое, ки бо қонун пешбинӣ шудаанд, ба ду гурӯҳ ҷудо карда мешаванд: 1) талаботҳои муқарраршуда ва 2) талаботҳои муқаррарнашуда.

Талаботҳои муқарраршуда ба мудири муваққатӣ бо замимаи ҳуҷҷатҳои тасдиққунанда пешниҳод карда мешаванд. Талаботҳое, ки муқарраргардида эътироф нашудаанд, аз ҷониби суди иқтисодӣ ба қарздор, мудири муваққатӣ, кредиторҳое, ки онҳоро пешниҳод намудаанд, фиристода мешаванд.

[1] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муфлисшавӣ” аз 08-уми декабри с. 2003 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон с. 2003, № 12, мод. 674; с. 2008, № 10, мод. 813; с. 2009, № 5, мод. 317.

Азбаски қонун дар бораи муфлисшавӣ оиди шакл ва мазмуни талаботҳои кредиторҳо ягон нишондодеро пешбинӣ накардааст, пас чунин талабот дар шакли озоди хаттӣ бо нишон додани қарз аз рӯйи уҳдадориҳои пулӣ ва пардохтҳои ҳатмӣ навишта мешавад.

Минбаъд раванди муқаррар намудани талаботҳои кредиторҳое, ки дар ибтидо муқаррарнашуда буданд бо ду тарз ба амал бароварда мешаванд: якум, бо роҳи дида баромадани ин талаботҳо аз ҷониби худи қарздор; дуюм, ба роҳи баррасӣ намудани онҳо аз ҷониби суд бинобар мухолифатҳои қарздор.

Уҳдадорӣ оид ба даъват, тайёрӣ ва гузаронидани маҷлиси якуми кредиторҳо низ ба зиммаи мудири муваққатӣ гузошта шудааст.

Иштирокчиёни маҷлиси якуми кредиторҳо ду намуди шахсон мебошанд: кредиторҳои озмунӣ ва мақомоти ваколатдоре, ки ҳуқуқи овоздиҳӣ доранд ва, инчунин, роҳбарӣ қарздор, намояндаи кормандони қарздор ва мудири муваққатӣ, ки дар маҷлиси якуми кредиторҳо бе ҳуқуқи овоздиҳӣ иштирок менамоянд (қ. 2 м. 49 Қонун «Дар бораи муфлисшавӣ»).

Мудири муваққатӣ дар маҷлиси якум маълумотҳои таҳлили ҳолати молиявӣ қарздорро бо пешниҳод намудани самтҳои имконӣ ё ғайриимконии барқарор намудани қобилияти пардохтии қарздор пешниҳод менамояд, вале хулосаҳои ӯ хусусияти маслиҳатӣ дошта барои кредиторҳо ҳатмӣ намебошанд.

Ҳамзамон кредиторҳо дар маҷлиси якум чунин қарорҳоро қабул карда метавонанд:

1) дар бораи ҷорӣ намудани мудири беруна ва муроҷиат намудан бо дархости мутобиқ ба суд;

2) дар бораи пешниҳод намудани дархост а суд оид ба муфлис эътироф намудани қарздор ва оғоз намудани истеҳсолоти озмунӣ;

3) муайян намудани ҳайати миқдории кумитаи кредиторҳо ва интихоби аъзоёни он;

Аз лаҳзаи татбиқи мудири беруна ё аз ҷониби суди иқтисодӣ муфлис эътироф намудани қарздор ва оғоз намудани истеҳсолоти озмунӣ ё ин ки тасдиқ намудани созишномаи мусолиҳа мушоҳида қатъ мегардад.

УДК 340.115

СТАНОВЛЕНИЕ И РАЗВИТИЕ В ЮРИДИЧЕСКОЙ НАУКЕ ТЕХНИКО-ЮРИДИЧЕСКОЙ МЕТОДОЛОГИИ

ТАШАККУЛ ВА РУШДИ МЕТОДОЛОГИЯИ ТЕХНИКӢ-ҲУҚУҚӢ ДАР ИЛМИ ҲУҚУҚШИНОСӢ

ЧЕРНЕГОВА ВИКТОРИЯ ВЛАДИМИРОВНА
Адъюнкт кафедры основ российской государственности и цивилистики Восточно-Сибирского института МВД России, капитан полиции / Адъюнкти кафедраи асосҳои давлатдории Россия ва сивилистикаи Донишкадаи Шарқӣ-Сибирии ВКД Россия, капитани политсия
E-mail: 5.1.1.chernegova@mail.ru

